Хушбахтона, бо эъломи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 ин ҷашни бостонӣ дубора эҳё шуд ва ба ҷашни миллӣ табдил ёфта, ба таври расмӣ дар сатҳи баланд таҷлилаш иҷозат дода шуд. Соли 2012 бошад, ин ҷашни аҷдодӣ дар Тоҷикистон чун ҷашни байналмиллалӣ баргузор гардид [8, с. 92-95].

Тоҷикон ҷашни Наврӯзро рамзи эҳёи табиат ва тамоми мавҷудоти ҷаҳон медонанд. Бо расми хонатаконӣ онҳо дар аёми Навруз ҳавои наврӯзӣ ва баҳориро ҳамроҳ бо шӯру шодӣ ба хонаҳои худ меоваранд. Яъне, бо ойини хонатаконӣ инсон бо зоҳир ва ботини пок ба рӯзу соли нав ворид мешавад. Зан ва мард либоси нав ба тан мекунанд, ки яке аз дигар расмҳои хонатаконӣ мебошад. Бахшидани хатоҳои якдигар низ аз ҷумлаи расмҳои ин ойин мебошад.

Дар минтақаҳои гуногуни кишвар суннатҳое мисли оташафрӯзӣ ва ё «аловпарак» низ роиҷ аст. Ҳангоми оташафрӯзӣ хасу хошоки хонаро ҷамъоварӣ карда, дар оташ месӯзонанд. Аловпарак расмест, ки пас аз афрӯхтани оташ иҷро мекунанд. Аз болои оташ мепаранд ва мегӯянд: «Сурхии ту аз ман ва зардии ман аз ту». Расми дигари наврӯзӣ ин аст, ки агар дар ин рӯз дар хонаводаи тоҷик писар тавлид шавад падару модар ӯро Наврӯз ном мегузоранд, агар духтар бошад - Наврӯзмоҳ.

Дигар ин ки аҳли кишоварз дар ин рӯз як ҷуфт гови нарро ба замини кишт мебаранд, бар замин дона пошида кишт мекунанд. Ин расм ба манзури фоли нек гирифтан аст. Пас аз сардии тӯлонии зимистон дар кӯҳистон аз замин ҳосили фаровон ва аз осмон файзу эҳсон хоста мешавад.

Хондани шеър ва сароидани таронаҳои идона вижагирии махсуси ин ҷашн мебошад. Густурдани хон бо гузоштани анвои гуногуни мева, сабза, тасвири ҷонварон ва ашёҳои рангоранг, ки ҳар кадом рамзе аз ойини наврӯзӣ ҳаст суннати асосие буд, ки насл ба насл меросбарони он, иҷрояшро риоя мекарданд.

Инчунин, ранги сафед ранги аслии ҷашни Наврӯз буд. Истифода аз ранги сафед дар гузашта ҳам роиҷ будааст. Масалан, шоҳони Сосонӣ дар бомдоди рӯзи Наврӯз бози сафед ба ҳаво сар медоданд ва бо хӯрдани шири навдӯшида рӯзи худро оғоз мекарданд. Имрӯз ҳам ин ранг - рамзи покӣ, тозагӣ, сулҳ, оромиш ва осмони соф мебошад, нишонае барои кушоиши корҳо дониста мешавад. Дар интихоби ғизо, ашё, пӯшок ва ороиши хонаҳои худ низ мардум аз ранги сафед истифода мебаранд. Ба кӯдакон ва махсусан ба духтарон либоси сафед мепӯшонанд. Себ, сир ва санҷид ҳам, ки мағзи сафед доранд, дар болои суфра гузошта мешуданд. Ранги сабз ва ҳамчунин сурх аз дигар рангҳои рамзии наврӯзӣ маҳсуб меёфтанд. Хона ва майдони ҷашни наврӯзӣ бо сабза, ки ранги сабз дорад, ороста карда мешуд. Ҳамзамон, мардум ба якдигар гулҳои наврӯзиро ҳадя мекунанд.

Ҳамбастагӣ ва ягонагӣ ва созгории зиндагӣ бо табиат дигар вижагии Наврӯз аст. Чунки робитаи инсон бо табиат рамзи пойдорӣ ва асрори мондагории ҷашни аҷдодии Наврӯз аст. Бахсус, инсон, бо поён ёфтани шабҳои сард ва дилгири зимистон ва омадани баҳор зангорҳои кӯҳнаро аз қалб ва андеша бармеканад. Бо хонатаконӣ ӯ бо табиат ҳамроҳ мешавад.

Ҷашни Наврӯз яке аз қадимтарин ва шукӯҳмандтарин суннатҳои фарҳангии инсоният мебошад, ки аз умқи асрҳо ба рӯзгори муосир расида, арзишҳои фалсафӣ, маънавӣ ва иҷтимоии амиқро дар худ таҷассум кардааст. Ин ҷашн на танҳо як рукни муҳим дар системаҳои ҷаҳонбинии халқҳои гуногун аст, балки ҳамчун оинаи таҷассумкунандаи пайвандҳои инсон бо коинот ва

табиат, дар марҳилаҳои гуногуни таърих нақши муҳим бозидааст. Наврӯз, дар маънои аслӣ, таҷдиди ҳаёт, эҳёи табиат ва эҳёи рӯҳии инсонро ифода мекунад. Аз нигоҳи фалсафӣ, Наврӯз таҷассуми як қонуни умумикунии кайҳонӣ — баробарии рӯзу шаб ва ҳамоҳангии қувваҳои табиат аст. Дар паси рамзҳои астрономии он – ба мисли эътидоли баҳорӣ – таъкиди як ҳақиқати метафизикӣ нуҳуфтааст: яъне таҷдиди ҳаёт дар заминаи ҳалқаи вақт ва зарурати мувофиқати инсон бо ҷараёни табиӣ ва кайҳонӣ. Ҷашни Наврӯз инсонро ба андешаи амиқ дар бораи ҷойгоҳи худ дар олами ҳастӣ ва зарурати ҳамоҳангӣ бо табиат водор месозад. Наврӯз ҳамзамон дар худ як низоми рамзии маърифатро дар бар мегирад. Ҳар як унсури маросими Наврӯзӣ — аз ҳафтсин то оташпартоӣ, аз оббозӣ то тоза кардани хона — маънои рамзӣ дошта, шуур ва зеҳни ҷомеаро ба сӯи покӣ, равшанӣ, навсозӣ ва озодшавӣ аз ғубори гузашта раҳнамун месозад. Ин рамзҳо на танҳо аҳамияти символӣ доранд, балки дар сатҳи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ механизмҳои ҳамоҳангсоз ва муттаҳидсозро фароҳам меоранд.

Аз нигоҳи таърихӣ, Наврӯз қобилияти мутобиқшавӣ ва устувории тамаддунҳои мухталифро инъикос мекунад. Он дар низомҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ, аз Эрони бостонӣ то давраҳои исломӣ ва замони муосир, боқӣ монда, бо мазмунҳои нав ғанӣ гардидааст. Ҳамин вижагии чандқабатӣ ва чандтафсирӣ будани он сабаб шудааст, ки Наврӯз ба унвони як падидаи умумимилливу фаромиллӣ пазируфта шавад. Дар фарҳангшиносии муосир, Наврӯзро метавон намунаи «мероси зинда» номид, ки ҳамзамон як анъанаи гузаштаро ҳифз мекунад ва бо маърифати имрӯза пайванд меёбад. Маҳз ҳамин қобилияти эҷоди иртибот миёни анъана ва замони ҳозира, Наврӯзро ба василаи пурқуввати ташаккули ҳувияти миллӣ ва ҳамзамон арзишҳои умумибашарӣ табдил додааст. Наврӯз инсонро ба дӯстӣ, эҳтироми табиат, таҷдиди равонӣ ва ваҳдати иҷтимоӣ даъват мекунад. Дар низоми арзишии ҷаҳони муосир, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва низоъҳои фарҳангӣ рӯ ба рӯ аст, Наврӯз метавонад ҳамчун модели фарҳанги сулҳ ва ҳамзистии осоишта хизмат кунад. Қабули он аз ҷониби ЮНЕСКО ба сифати мероси ғайримоддии башарият ва эълони Рӯзи байналмилалии Наврӯз, шаҳодати он аст, ки ин ҷашн нақши бузурге дар таҳкими гуфтугӯи байни тамаддунҳо ва нигоҳдории гуногунрангии фарҳангӣ дорад.

Ҳамин тариқ Наврӯз як падидаи фарҳангиву фалсафии чандқабат ва замонпазир аст, ки бо вуҷуди сиришти таърихии худ, ҳамеша бо маънии нав зинда мегардад. Омӯзиши он аз дидгоҳи фалсафӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ на танҳо ба фаҳмиши амиқи рамзҳои маънавии инсонӣ мусоидат мекунад, балки заминаи арзишманд барои рушди маърифати фарҳангӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ дар ҷомеаи муосир мебошад.

Адабиёт

1. Беленицкий А. М. Вопросы идеологии и культов Согда по материалам пянджикентских храмов // Живопись древнего Пянджикента / А. М. Беленицкий. — М., 1954.
2. Муҳаззиб З. Оинҳои наврӯзӣ // Армуғон (ҷашни Наврӯз). — 1995. — № 3 (март). — С. 8–10. (Таҳияи Муаззами Диловар аз маҷаллаи «Кайҳони фарҳангӣ», шумораи 107, соли 10, Исфандмоҳи 1372). — С. 9.
3. Казозӣ М. Наврӯз, ҷашни бозгашт ба оғоз // Армуғон (ҷашни Наврӯз). — 1995. — № 3 (март). — С. 24–27. (Таҳияи Муаззами Диловар аз маҷаллаи «Ошно», шумораи 4, фарвардин ва урдубиҳишти 1371).
4. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён / Тарҷ. Ғ. Р. Ёсамӣ. — Теҳрон: Дунёи китоб, 1368. — 436 с.
5. Маҷнунов А. Наврӯз дар Бадахшон. Дастури Наврӯзӣ. — Душанбе, 2012. — 124 с.
6. Меҳрдоди Баҳор. Пажӯҳише дар асотири Эрон (пораи нахуст). — Ҷ. 1. — Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1362 (ҳ.ш.). — 224 с.
7. Мирраҳимов М. Ҷашни наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ. — Душанбе: Ирфон, 1992. — 186 с.
8. Назарзода С. Шукӯҳи Наврӯзи байналмиллалӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол // Дастури Наврӯзӣ. — Душанбе, 2012. — 143 с.
9. Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Наврӯз. — Душанбе: Пайванд, 2008. — 412 с.

10. Самиев Б. Ҷ. Сада – ҷашнворае андар ситоиши пирӯзии гармӣ бар сардӣ ва омодагӣ ба оғози кишту кор [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://ifppanrt.tj/tj (дата обращения: 16.01.2025).
11. Самиев Б. Ҷ. Меҳргон – ҷашне дар фарҳанги ориёӣ андар гиромидошти фазилатҳои инсонии меҳру паймон [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://ifppanrt.tj/tj (дата обращения: 13.10.2024).
12. Ханыков Н. Описание Бухарского ханства. — СПб.: Типография Императорской академии наук, 1843. — 431 с.
13. Холов М. Ш. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони кӯҳистонӣ. — Душанбе: Ирфон, 2006. — 186 с.
14. Foreman L. Alexander the Conqueror: The Epic Story of the Warrior King. — 2004.
15. Википедия. — Режим доступа: https://tg.wikipedia.org/wiki (дата обращения: 23.06.2025).

НАВРӮЗ - ПАДИДАИ ВОҚЕИИ КАЙҲОНӢ ВА РАМЗИ БОЗГАШТ БА ФАСЛИ БАҲОР

Мақола ба иди Наврӯз ҳамчун падидаи нодири фарҳангӣ ва астрономӣ бахшида шуда, ҷойгоҳи муҳимми онро дар зиндагии мардуми тоҷик ва дигар халқҳои форсизабон таҳлил мекунад. Наврӯз ҳамчун ҷашни бостонӣ, ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад, на танҳо оғози соли нав, балки рамзи эҳё, тозагӣ ва ҳамоҳангии инсон бо табиат маҳсуб мешавад. Муаллиф дар мақола таъкид мекунад, ки иди Наврӯз барои ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арҷгузорӣ ба анъанаҳои фарҳангӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ҳамчун омили муттаҳидсозандаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат мекунад.

Дар мақола сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ ва иҷтимоии Наврӯз мавриди таҳлил қарор гирифта, равобити он бо фалсафаи чаҳор унсур – об, оташ, хок ва ҳаво – шарҳ дода шудааст. Ин унсурҳо рамзи даврияти ҳаёт ва пайванди инсон бо табиат мебошанд. Тавассути чунин фалсафа, Наврӯз на танҳо як ҷашни одӣ, балки як мактаби маънавӣ ва андеша дар бораи низоми кайҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он шинохта мешавад. Ин паҳлуи фалсафии ҷашн аз анъанаҳои қадимаи зардуштӣ сарчашма гирифта, то имрӯз дар маросимҳо ва расму оинҳои Наврӯзӣ ба таври зинда ҳифз шудааст.

Муаллиф таъсири анъанаҳои зардуштиро дар ташаккули ҷашни Наврӯз ва таҳаввулоти онро дар шароити ислом ва давраи шуравӣ низ баррасӣ мекунад. Бо вуҷуди дигаргуниҳои таърихӣ ва идеологӣ, Наврӯз тавонистааст, ки ҳастии худро ҳамчун ҷашни миллӣ ва фарҳангӣ нигоҳ дорад. Ин ҷашн дар ҳар давра хосиятҳои нави иҷтимоӣ касб карда, ба муҳити замонавӣ мутобиқ гаштааст. Боқӣ мондани унсурҳои аслии Наврӯз дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ шаҳодати устувории он ҳамчун падидаи зиндаи фарҳангист.

Инчунин, дар мақола расму оинҳои муосири Наврӯз, аз ҷумла тайёр кардани таомҳои идона, оро додани манзилҳо, гузаронидани маросимҳои поксозӣ ва чорабиниҳои дастаҷамъона бо тассаруф шарҳ дода шудаанд. Ин унсурҳо, ки ҳанӯз ҳам ҷойгоҳи худро дар ҷомеа доранд, ба таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ, интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба наслҳои оянда ва тарбияи ҳисси ватандӯстӣ мусоидат мекунанд. Наврӯз, ки аз ҷониби ЮНЕСКО ҳамчун мероси ғайримоддии фарҳанги ҷаҳонӣ эътироф шудааст, имрӯз ҳамчун рамзи эҳёи табиат, ваҳдати маънавӣ ва ҳамгироии фарҳангҳо мавқеи устувор дорад.

Калидвожаҳо: Наврӯз, ҷашни баҳорӣ, анъанаҳои миллӣ, чор унсур, оташафрӯзӣ, хони наврӯзӣ, рамзҳои табиат, фарҳанги эронӣ, Ҷамшед, муттаҳидсозӣ, эҳёи табиат.

НАВРУЗ - РЕАЛЬНОЕ КОСМИЧЕСКОЕ ЯВЛЕНИЕ И СИМВОЛ ВОЗВРАЩЕНИЯ К ВЕСНЕ

Навруз рассматривается как уникальное культурное и космологическое явление, обладающее глубоким символическим значением для таджикского народа и других ираноязычных культур. Этот древний праздник отражает многовековую связь человека с природой, её ритмами и циклами, подчёркивая гармонию между внутренним миром человека и

окружающей средой. В статье анализируются истоки Навруза, его происхождение и философская основа, раскрывающая вечное стремление человека к обновлению, свету и гармонии.

Особое внимание уделяется философскому и социальному значению праздника, которое выражается в его символике и ритуалах. Празднование Навруза связано с представлением о четырёх элементах — земле, воде, огне и воздухе, — олицетворяющих универсальные начала бытия и цикличность жизни. Через обряды очищения, обновления и подготовки к новому году подчёркивается стремление к внутреннему очищению и восстановлению равновесия в жизни. Эти философские аспекты находят отражение в народной культуре и передаются из поколения в поколение.

Исторические корни Навруза восходят к зороастрийским традициям и древней эпохе правления мифического царя Джамшида. Несмотря на изменения, происходившие с течением времени, праздник сохранил свою суть, пройдя через исламскую трансформацию и даже советский период. В течение веков Навруз адаптировался к новым культурным и религиозным условиям, не теряя при этом своей глубинной символики и значения. Он продолжает оставаться мощным инструментом укрепления национальной идентичности и культурной преемственности.

Важной частью статьи является рассмотрение современных традиций празднования: приготовления праздничных блюд, украшения домов, ритуалов очищения и коллективных гуляний. Эти элементы не только формируют праздничную атмосферу, но и способствуют укреплению социальных связей. Праздник признаётся ЮНЕСКО как нематериальное культурное наследие человечества и служит символом единства народов. Он олицетворяет не только весеннее пробуждение природы и начало сельскохозяйственного сезона, но и духовное возрождение, культурное единение, что подчёркивает необходимость сохранения этой традиции в глобальном контексте.

Ключевые слова: Навруз, весенний праздник, национальные традиции, четыре элемента, костры, праздничный стол, символы природы, иранская культура, Джамшид, объединение, возрождение природы.

NAVRUZ - A COSMIC PHENOMENON AND A SYMBOL OF RETURN TO SPRING

The article explores Navruz as a unique cultural and cosmological phenomenon that holds deep significance for the Tajik people and other Iranian-speaking communities. Celebrated for thousands of years, Navruz marks the beginning of the new year and symbolizes the renewal of life. The article investigates the historical roots of the celebration, drawing connections between ancient traditions and contemporary practices. It emphasizes Navruz's philosophical depth and social relevance, portraying it not merely as a festivity, but as a reflection of collective memory, spiritual renewal, and cultural resilience.

A central focus is the relationship between Navruz and the natural world, particularly the symbolism of the four classical elements—fire, water, air, and earth. These elements represent the cyclical nature of life and the interconnectedness between human beings and the environment. The celebration’s alignment with the spring equinox reinforces its cosmological foundations, highlighting harmony, balance, and the restoration of natural and spiritual order. This ancient worldview, deeply rooted in Zoroastrian thought, persists in the rituals and narratives that continue to shape Navruz today.

The article also delves into the historical evolution of the holiday, tracing its transformation under Islamic influence and its endurance through the Soviet period. Despite various ideological pressures, Navruz retained its core values and practices, adapting to new cultural contexts while preserving its essence. The holiday’s survival across centuries underscores its importance as a symbol of identity and continuity. It remains a powerful cultural institution, fostering a sense of unity and pride among communities that observe it.

Moreover, the article provides a detailed analysis of Navruz traditions, such as the preparation of festive dishes, the decoration of homes, cleansing rituals, and collective festivities. Particular attention is given to the symbolic significance of the Navruz table, which reflects themes of abundance, forgiveness, and renewal. These practices not only celebrate the arrival of spring but also reinforce social

cohesion and cultural transmission. Recognized by UNESCO as intangible cultural heritage, Navruz is celebrated across many nations as a festival of peace, unity, and rebirth—reminding us of the importance of preserving such rich and enduring traditions.

Keywords: Navruz, spring holiday, national traditions, four elements, bonfires, festive table, nature symbols, Iranian culture, Jamshid, unity, nature rebirth.

Дар бораи муаллиф
Кенҷаева Латофат Эргашевна
Номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail.ru: latofat.kenjaeva1968@gmail.com

Об авторе
Кенжаева Латофат Эргашевна
Кандидат философских наук, и.о. доцент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: latofat.kenjaeva1968@gmail.com

About the author
Kenjaeva Latofat Ergashevna
Candidate of Philosophical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail:latofat.kenjaeva1968@gmail.com

ТДУ 17.02(091)

БОЗТОБИ МАСОИЛИ АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ ХАТТИ АҲДИ БОСТОН

Маҳмудова Ф. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ахлоқ дар баробари фарҳанги манзилдорӣ ва сиёсат ҷузъи бевоситаи фалсафаи амалӣ ба ҳисоб меравад. Арасту аввалин мутафаккирест, ки мафҳуми «этика» - ро барои ифодаи сифатҳои инсонии синфи хосса истифода карда, онҳоро накӯкориҳои этикӣ (ахлоқӣ) ном ниҳод. Накӯкориҳои ахлоқӣ тавсифи мизоҷ (феълу хӯ) - и ҳар инсон ба ҳисоб мерафтанд ва онҳо аз бисёр ҷиҳат моҳияти инсонро муайян сохта, ба пайдоиши тасаввуроти нисбатан комил роҷеъ ба вижагиҳои хулқии инсон мусоидат мекарданд. Баъдан зери истилоҳи этика мафҳумҳое ба монанди «ахлоқ» ё «хулқу одоб» истифода шуданд, ки мазмунан ва мантиқан ба ҳамдигар муродиф мебошанд. Пас, маълум метавон кард, ки ахлоқ маҷмуи меъёрҳои тамоили тарбиявидошта, қолаби рафтор, эҳсосот ва афкорест, ки ҷомеа рӯбарӯи инсон мегузорад.

Файласуфи шинохтаи асримиёнагӣ Ибни Мискавайҳ бошад, қайд мекунад, ки «Ахлоқ ҷамъи хулқ ва хулуқ аст ва бештар ба сурати ҷамъ ба кор меравад, муодили форсии он хӯй ва дар луғати араб ба маънои одат, табиат, саҷҷия, дин, мурувват меояд ва дар истилоҳи ҳакимон «иборат аз малакаест, ки ба воситаи он феъл аз нафс ба осонӣ ва бидуни ба кор бурдани андеша содир мешавад»[1, с. 11].

Файласуфи дигари тоҷику форс Қутбиддини Шерозӣ низ муътақид ба он назар буд, ки “Асли калимаи “ахлоқ” аз “хулқ” аст. Ва бидон, ки ҳамчунон ки халқ сурати зоҳир аст хулқ сурати ботин аст”[2, с. 22].

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва осори тадқиқоти олимони ватанию хориҷӣ файласуфи тоҷик Ш.Амирхон қайд менамояд, ки мафҳуми “этика” аз лиҳози этимологӣ истилоҳи лотинӣ буда, маънии ҷойи зист, лона, хона ва макони мувофиқи зиндагиро ифода мекунад. Албатта, ин андеша, на аз ҷониби ҳама муҳаққиқону донишмандон пазируфта шудааст, вале рад кардани ин андеша низ далел талаб мекунад. Доир ба этимологияи истилоҳи мазкур назари олимон хусусияти гуногунрангӣ дорад. Гурӯҳе аз муҳаққиқон баромади истилоҳи “этика”-ро дар забонҳои қадимаи лотинӣ, хитоӣ, ҳиндӣ, мисрӣ, юнонӣ, итолиёвӣ ва русӣ аз назар гузаронида, дар аввал бо кадом маъною шаклҳо омадану дар охир чӣ шакл гирифтани истилоҳи зикршударо хеле муфассал баён карда бошанд ҳам, вале то ҳанӯз мушкилот дар ин самт ба назар мерасад [3, с. 109].

Аз нигоҳи файласуфи тоҷик Ш.П.Бердиев ҳам “Ахлоқ калимаи арабӣ буда, маъноияш сиришт, рафтор, одоб ва муносибатро дорад. Ахлоқ - ин илмест, ки муродифи калимаи этика мебошад. Маънои луғавии ахлоқ «ҷамъи хулқ» мебошад, ки ин шакли суратҳоест, ки ба воситаи чашм дида мешавад. Хулқ - меъёри амалӣ сохтани рукнҳои асосии илми ахлоқ аст. Хулқ ба воситаи қуввaҳои зоҳирӣ ва ботинии инсон ба сифатҳои нек муайян мешавад. Хулқ ба ду маъно истифода мешавад: ба андоза қарор додани ашё ва маънои нарм будани ашё ё ин ки ба маънои сиришт» [4, с. 4].

Аз ин рӯ, меъёрҳои ахлоқӣ рафтору кирдор, хулқу хӯй, сифатҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, муносибатҳои инсонро вобаста ба иҷрои нақшҳои дар ҷомеа иҷрокунанда, танзим менамоянд. Муҳимтарин вазифаи ахлоқ баррасӣ ва такомули сифоти ахлоқии нафс мебошад ва бидуни хираду дониш барои инсон ташаккул додани фазилатҳои ахлоқӣ имконнопазир мегарданд. Зеро чӣ тавре аз таҳқиқи андешаҳои донишмандони тоҷику форс, аз ҷумла Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тусӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва дигарон бармеояд инсон табиатан маданӣ-шаҳрбош буда, саодати инсонии ӯ танҳо дар ҷомеа, назди ёрону ҳамнавъонаш, назди инсонҳои дигар комил мегардад ва он касе, ки тамоми саодати инсониаш назди ғайри ӯст муҳол аст, ки дар танҳоӣ ба саодати комили худ бирасад.

Пас, аз ин андешаи воло ошкор мегардад, ки инсон дар танҳои хушбахт шуда наметавонад ва барои иҷрои корҳои хайру нек оҷиз мебошад. Ҷиҳати расидан ба аҳдофи худ ӯро доштани

дӯстону рафиқон, ҳамсуҳбатон мебояд, то тавассути фаҳму ақл ва муҳити иҷтимоии ишғолкарда ба саодат расад.

Ҳамин тавр, омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва муқоисаи осори хаттӣ, асару рисолаҳои файласуфони тоҷику форс дар ҳама даврaҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки масоили ҳидоят ба иҷрои амалҳои нек, таблиғи адолату инсоф, роҳҳои расидан ба сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ, тавсияи дӯстиву рафоқат, инсонгароиву меҳрубонӣ ва дурӣ ҷустан аз амалҳои разилонаи ахлоқӣ, зиштиву бадӣ, ҳавову ҳавасҳо ва амсоли инҳо масоили меҳварии осори хатти ниёкон ва мутафаккирони марҳилаҳои таърихии рушди афкори фалсафӣ ва ахлоқиро ташкил медиҳанд.

Ё худ дар таълимоти мутафаккирон ва осори хаттии мавҷуда этика ҳамчун шохаи илми амалӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар доираи он масоили дарк ва шинохти моҳияти инсон, таъсири муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккул ва рушди инсон ҳамчун шахсият, поксозии бадан, нафс аз амалҳои нораво ва зишт, муайян кардани меъёрҳо ва рукнҳои ахлоқи ҳамида ва разила, ҷойгоҳи ахлоқ дар низоми донишҳои илмӣ, риояи рукнҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ғайра таҳқиқу баррасӣ карда шудаанд.

Бахусус, тарбияи ахлоқиро онҳо навъе аз тарбияи ақлонӣ шуморида, василаи ташаккули дунёи маънавии инсон, худогоҳӣ, рушди шахсият арзёбӣ медоранд, ки равиши дурусти он инсонро водор мекунад, ки вобаста ба марҳилаи синнусолӣ ба амалҳои ноҷо ва носутуданӣ даст назанад. Ба он хотир, ки ахлоқ фитрӣ набуда, тағйирпазир мебошад. Инсонро метавонад тарбия кард, то неруҳои худро бо риояи ҳадди васат ба эътидол дароварад ва роҳи саодатро бо ранҷи камтаре сипарӣ кунад. Аз ин бармеояд, ки ақлу хирад меъёри асосӣ барои фарқ кунонидани инсон аз дигар мавҷудоти зинда, василаи расидан ба дараҷаи инсони комил мебошад.

Ба маънии дигар, ахлоқ ҳамчун таркиби асосии фалсафаи амалӣ афъолу аъмоли инсонро меомӯзад, ки аз нафс содир мешаванд. Хоҳ аъмол писандида бошад ва хоҳ зишту нописанд. Чунки феълу амалҳои ахлоқӣ, афъолу амали зебо, накӯву писандидаи содиршуда аз нафс танҳо ба инсонҳо хос мебошанд.

Аз зумраи осори хаттии пураразиш, ки ҷавҳари онро ахлоқ ва баррасии масоили ахлоқӣ ташкил медиҳад - китоби муқаддаси дини зардуштия “Авесто” мебошад. Чунки дар таълимоти зардуштия масъалаи ахлоқ дар доираи се рукни асосии ахлоқӣ: рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек таҳлилу баррасӣ ёфта, устувор мондааст. Бинобар ин, ин гуна низомбандии амалҳои ахлоқӣ баъдан барои ташаккули ахлоқ ҳамчун илми амалӣ, таҳаввули он дар таълимоти мутафаккирони марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ ба сифати сарчашмаи муътамад нақши муҳим бозид.

Ба андешаи донишмандони ватанию хориҷӣ “Авесто” бинобар сабаби ганҷинаи ноёби ахлоқӣ будан на танҳо маҳсули маънавии мардумони ориёитабор эътироф гашт, балки ин тамоилгирӣ боис гашт, ки он ба сифати мероси муштараки фарҳангии ҷаҳониён, куҳантарин навиштори эрониён ва номаи динии маздопарсатон ба насли баъдӣ муаррифӣ гардад.

Ба иттилои донишмандон “аз замоне дар ҳудуди нимаи ҳазораи дувуми пеш аз милод ба баъд падид омад ва дар тӯли садаҳои мутаволӣ аз насле ба насли дигар расид, то саранҷом дар рӯзгори Сосониён, он чӣ аз он бар ҷо монда буд, ба хате ба номи диндабира ба нигориш дар омад ва шакле муназзаму мудавван ёфт” [1, с. 9].

Бавижа, фаҳмиш ва дарки мафҳуми ахлоқ дар таълимоти зардуштия ба таври зайл сурат мегирад, ки мақсуд аз офариниш ва натиҷаи зиндагӣ ин аст, ки инсон тавассути фаъолияти амалии худ барои обод кардани ҷаҳон, шодмонии худу дигарон бикӯшад ва бо “андешаи нек”, “гуфтори нек” ва “кирдори нек” худро шоистаи расидан ба авҷи камолу пайвастан ба беҳрӯзии ҷовидонӣ нишон диҳад. Аз ин мавқеъ, Зардушт ахлоқро танзимкунандаи рафтор, гуфтор ва пиндори одамон тавсиф карда, ба пайравони худ чунин мефармояд, ки “Он чиро, ки аз ман мешунавед, бо хиради дурусту маниши поку равшани хеш бисанҷеду арзёбӣ кунед ва он гоҳ бипазиред” [1, с. 38].

Арзишҳои ахлоқии Зардушт аз он ҷанба оламгир гаштанд, ки ӯ беҳтарин роҳро дар зиндагӣ роҳи миёнаравӣ меҳисобад. Қайд мекунад, ки рӯй гардонидан аз хушиҳову лазатҳои писандида хоси одамӣ нест. Таъсиси хонавода, тарбияи фарзандони солеҳу солим, пайравӣ кардан аз ростӣ ва кору кӯшиш, машғул шудан ба шуғли кишоварзию, парвариши анвоъи гуногуни зироату

растаниҳо, ҷонварони нафърасон ва ғайра, ҳамаги ифодакунандаи фалсафаи зиндагисозӣ Зардушт мебошанд.

Дар робита бо ин гуфтаҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон беасос Зардуштро аз чеҳраҳои мондагори таърих намешуморад. Ӯ дар мавриди таълимоти зардуштия андешаҳои арзишманди худро баён намуда, аз як тараф, қайд мекунад, ки "Зардуштия нахустин дини яктопарастӣ, дар ҷаҳон буда, дорои сохтори мушаххас ва аҳкоми динӣ бар пояи ахлоқ мебошад. Ин сохтору низом чандон неруманду тавоно поягузорӣ шудааст, ки рукнҳои умда ва асосии онро тақрибан тамоми динҳои ҷаҳонии имрӯз ба орият гирифтаанд" [2, с. 59].

Аз тарафи дигар, "Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст" [3, с, 70].

Файласуфи тоҷик Ш.П.Бердиев низ зимни таҳқиқ ва баррасии масъалаи ахлоқ ва фаҳмиши он дар таълимоти зардуштия бо далел қайд мекунад, ки ахлоқ дар таълимоти зардуштия ба маънои васеъ илм дар бораи некӣ (хайр) аст. Ахлоқ ҳамчун илми амалӣ ба одамон кумак мекунад, ки бо парҳезкорӣ зиндагӣ кунанд ва пайваста худро такмил диҳанд... Тарбияи маънавии инсон шуғли олитарин дар ахлоқи зардуштия ба ҳисоб меравад. Бо таъкиди Зардушт "Агар ту писар дошта бошӣ, ба мактаб деҳ, зеро таълим рӯшании чашм аст"[4, с. 33-34].

Зардушт кору заҳматро аз амалҳои шоиста меҳисобид. Меҳнати пурмашаққати кишоварзу ҳунармандро қадр мекард. Онҳоро қишри ҷомеаофар ва зиндагисоз мешуморид. Махсусан, шахси заҳматкаш, аз ҷумла кишоварзро ба касе шабоҳат медод, ки тухми ростӣ кошта, дини маздаясноро дар ҷаҳон интишор медод. Баррасии ин масъала дар осори дигари хаттӣ, аз ҷумла дар достони «Мену хирад» низ ба назар мерасад, ки нигошта шудааст: «Кӯшиш кун ва миёнарав бош ва ноне бихӯр, ки аз роҳи нек ба даст оварда, бо кору кӯшиши худ ёфта бошӣ ва порае аз он нонро барои худо ва некӯкорон канор бигзор, ин кори ту беҳтарин кирдори нек хоҳад буд. Ҳар касе чизе хӯрад, ки аз кору кӯшиши худ ба даст наомада бошад, мисли он аст, ки сари дигареро ба даст гирифта, мағзи онро мехӯрад»[5, с. 215-216].

«Бундаҳишн»[6, с. 13] осори пуразиши адабиёти паҳлавӣ, аз намунаи осори хаттии арзишманди ориёӣ мебошад. Осори хаттии мазкур аз 22 бахш иборат аст. Дар ин осори хаттӣ масоили асосии тамоили ахлоқидошта, ки аз мавзуҳои калидӣ ба ҳисоб мераванд, иборатанд аз ситоиши сифатҳои сарварӣ ё роҳбарӣ, тавсифи бадкирдориҳои Аҳриман, дар бораи растохезу тани пасин, масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва марг, зиндагии индунёӣ ва ондунёии инсон, биҳишту дӯзах, дар бораи мубадон – таблиғгарони оини маздоясно маълумот дода мешавад.

Достони «Менуи хирад»[7, с. 664]бошад аз ёдгории дигари хаттии мардуми тоҷику форс ба ҳисоб меравад. Ин осори хаттӣ низ мазмунан тамоили ахлоқгустарӣ дорад. Он асари ривоятӣ ё ифодакунандаи қиссаву ривоётҳо нест. Ҳарчанд дар баъзе қисматҳои он ишораҳо ба асотиру масоили офариниш дода мешавад. Достони мазкур аз пешгуфтор ва 62 пурсиши Доно аз Мену хирад ва ҷавобҳои Мену хирад ба онҳо иборат мебошад.

Аз мазмуни асар маълум мешавад, ки дар ҳал ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ Мену хирад таблиғгари сифатҳои ҳамидаи инсонӣ: адлгустарӣ, накӯкорӣ, ростқавлӣ, фазилат, порсоӣ, ҷавонмардӣ, эҳсоси масъулият, пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек ва ғайра мебошад. Ӯ амалҳои бадфеълӣ, фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, зинокорӣ, порагирӣ ва ғайраро амалҳои зишт ҳисобида, иллати асосии пайдошавии ахлоқи нораво ва ғайра мебошад, сифатҳои разилона мешуморад.

Ба ақидаи Мену барои инсон хирад беҳтарин гавҳар ва некӣ аз беҳтарин парҳезкориҳо мебошад. Аз ин рӯ, инсонро ҳидоят бар он менамояд, ки дар зиндагӣ «бояд ростиро ихтиёр кунад, бадгӯй набошад, зеро он гаронтар аз ҷодугарист. Хашмгин набошад, чӣ мард хашм гирад, он гоҳ корҳои нек ва намозу парастиши эзидон фаромӯшаш бувад ва ҳар гуна гуноҳу базаҳ ба андешааш афтад ва то нишастани хашм амалҳои нораво иҷро карда, суханҳои ноҷо баён кунад. Андӯҳ нагирад, чӣ андӯҳбарро хушии гетиву мену нопайдо бувад ва коҳиш ба тану равонаш афтад. Аз

барои нанг гуноҳ накунад, чӣ некиву оростагӣ ва неруву ҳунар ва шоистагӣ ба кому кирдори мардумон нест, балки сарнавишти сипеҳр ва коми эзидон бувад. Беш аз андоза махобад, то корҳои неке, ки кардан бояд, нокарда намонад. Зани богуҳар бигзин, чӣ беҳтар он аст, ки ба фарҷом некномтар аст. Аз зани касон бипарҳез, чӣ ин ҳар се чизат шояд нопайдо шавад: ҳам дороӣ, ҳам тан ва ҳам равон. Аз марди бадгӯҳар қарз маситон ва ғайра [1, с. 215-216].

Ҳамзамон, дар ин ганҷинаи ноёби ҳикмат дар бораи масъалаи хирад беҳтар аст ё ҳунар? - таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Бахусус, Мену зикр медорад, ки «хираде, ки бо он некӣ нест онро хирад набояд донист ва ҳунаре, ки бо он хирад нест онро ҳунар набояд донист»[2, с. 223].

Таҳлили ин андеша бозтобӣ менамояд, ки инсони хирадманд ҳамеша аз пайи содир кардани амалҳои неку писандида аст ва маҳз хирад ӯро водор менамояд, ки аз пайи иҷрои кори хайру савоб бошад. Чунки дар хирад амалҳои нек нуҳуфта мебошанд.

Дар баробари ин, амалҳои зишт, аз ҷумла биму тарс ва дурӯғгӯӣ дар “Мену хирад” ба мисли таълимоти зардуштия сифатҳои нописандида ҳисобида мешаванд. Дар ин маврид Мену хирад ба саволи ба бим ва сухани дурӯғ зистан бадтар аст ё марг? - ҷавоб медиҳад, ки “ба биму сухани дурӯғ зистан аз марг бадтар аст. Чӣ барои зиндагии ҳар кас шодиву хушии гетӣ бояд. Чун ӯро шодиву хушии гетӣ нест ва биму сухани дурӯғ бо ӯст, чунин зиндагӣ аз марг бадтар аст”. Барои афроди ҷомеаи имрӯза низ ин ҳикмат арзиши баланд дорад ва мо бояд дар руҳияи ростӣ ва фараҳ гирифтан аз хушиҳои рӯзгор ихтиёри зистан намоем.

Дар достони мазкур доир ба мавзуи кадом подшоҳ, кадом солор, кадом дӯст, кадом хешованд, кадом зан ва кадом сарзамин бадтар аст ҷавобҳои пурҳикматона дода, бавижа, зикр менамояд, ки он подшоҳ бадтар аст, ки натавонад кишварро бе бим ва мардумро бе ситам идора намояд. Он солор бадтар аст, ки дар ҳунар бад ва ба некӯкорон носипос бувад ва шогирдонро ёру ёвар набошад. Он дӯст бадтар аст, ки бад-ӯ бовар натавон кард. Он хешованд бадтар аст, ки дар бадбахтӣ ёвар набувад. Он зан бадтар аст, ки ӯ номбардор набошад. Он сарзамин бадтар аст, ки ба некӣ ва бебимӣ дар он натавон зист [4, с. 232]. Агар мо дар доираи ин тавсияҳои воло тарҳи ҷомеасозӣ, рушди он, шароити шоистаи зистанро барои хеш созгор намоем, аз он умр танҳо фараҳу шодиро барои худ арзонӣ метавонем дорем.

Инчунин, дар достон, доир ба ҳолатҳои содир кардани амалҳои ношоиста, нишон додани бадтарин гуноҳҳо, ки аз ҷониби инсон дар фаъолияти рӯзмарра рух медиҳанд, Мену хирад дар сӣ банд[1, с. 233-234] онҳоро гурӯҳбандӣ карда менависад, ки дар сатҳи зарурӣ истифода набурдани онҳо барои танзими муносибатҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ғайра монеа эҷод менамоянд. Аз ҷумла, беасос азият додани мардум; зинокориро пеша кардан; ба қатли марди порсо даст задан; чизеро, ки барои нигоҳдорӣ гирифтаӣ, бихӯрӣ ва мункир шавӣ; он ки ба сабаби гунаҳкорӣ эътимод ба дурӯғгӯӣ кунад; он ки кор накунад, аммо носипосона ва бедодгарона бихӯрад; дӯздӣ ва ё майл ба дӯздӣ кардан; паймоншикан будан ва ғайра.

Ҳамзамон, осори дигари арзишманди хаттии аҳди қадим “Ёдгории Бузургмеҳр” - аз зумраи мероси хаттие ба ҳисоб меравад, ки онро бо амри шоҳ Бузургмеҳри Бухтагон - сарпарасти ҳарами шаҳриёри шуҳратманд Хусрав таълиф мекунад. Ба андешаи Бузургмеҳр умури давлатдорӣ абадӣ нест ва рӯзе мерасад, ки он таназзул меёбад. Аз ин рӯ, тавсия медиҳад, ки дар айёми давлатдорӣ подшоҳ бояд адлгустар, некандеш ва растагор бошад.

Доногӣ ва хирадро Бузургмеҳр ҳунари беҳтар, бегуноҳиро орзуи некутар, кирдори бадро барои инсонҳо душмани ситамгортар меҳисобад. Қайд мекунад, ки шаҳриёри неруманду пирӯзгари некхоҳро арҷмандтарин дар олам мешуморад. Меҳрубонтарин инсонро он шахсе меҳисобад, ки хушумед ва бегуноҳ бошад [1, с, 201-207].

Некутарин амалро Бузургмеҳр нишастан бо некон мешуморад. Дӯсти ҷовидониро кирдори нек ва душмани ҷовидониро кирдори бад мешуморад. Зикр меанмояд, ки шахси саховатманд он касе аст, ки порсою равони роҳи ҳақ бошад. Роҳи ҳақ, ба андешаи Бузургмеҳр ҳамон таълимоти сегонаи ахлоқии зардуштӣ - пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мебошад. Аммо бар хилофи аҳкоми зардуштӣ Бузургмеҳр хангоми тавзеҳи ин ақидаи сегона онҳоро ба ҳаёти воқеӣ қиёс мекунад.

Ниҳоят, илми ахлоқ дар баробари тадбири манзил ва сиёсат аз шохаҳои илми амалӣ ба ҳисоб рафта, масоили ба рафтор, кирдор, хулқу хӯй, муносибатҳо ва робитаҳои иҷтимоии инсон

дахлдоштаро меомӯзад. Меъёрҳои ахлоқӣ, ки дар осори хаттии ниёконамон бозтоби худро ёфтаанд метавонанд ба сифати танзимкунандаи рафтору кирдор, амалҳои нек, расму оин, ҷашну маросим ва ғайра хизмат намоянд.

Адабиёт

1. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ / Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ / Авесто. – Душанбе, 2001. – 792с.
2. Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа / Ш.Т. Амирхон. – Душанбе, 2022. – 348с.
3. Бердиев, Ш.П. Этические проблемы зороастризма / Ш.П.Бердиев. - Душанбе, 2022. - 132с.
4. Бердиев, Ш.П., Шомуродов, Б.Б. Ахлоқ / Ш.П.Бердиев. - Душанбе, 2016. – 216с..
5. Бундаҳишн. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ. 1. / Бундаҳишн. - Д., 2014. –478с.
6. Ёдгори Бузургмеҳр. Аз китоби «Мероси хаттии бостон».[Матн]: - Душанбе: Нашриёти Бухоро. 2014. - 478с.
7. 7.Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». [Матн]. - Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - 478с.
8. Мӯъминзода, Ҳ. Зардушт ва ойини ӯ. [Матн]: /Ҳ.Мӯъминҷонов. - Душанбе, 1997. - 186с.
9. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн]: //Э.Раҳмон. - Душанбе: «ЭР-граф», 2016. -364с.
10. Таҳзиб-ул-ахлоқ. Тарҷума ва тавзеҳи Алӣ Асғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: «Асотир» 1381. – 278с.
11. Шерозӣ Қутбиддин. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дуввум / Қутбиддин Шерозӣ – Теҳрон, 1386. – 214с.

БОЗТОБИ МАСОИЛИ АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ ХАТТИ АҲДИ БОСТОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои фалсафӣ ва ахлоқии фарҳанги манзил ва сиёсатҳои зистӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба осори мутафаккирони классикӣ ва миёнаасрӣ, аз ҷумла таълимоти Зардушт, Платон, Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино, масъалаи муҳити зист ва манзилро ҳамчун рукни муҳими ташаккули шахсият ва тартиботи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Мақсад аз таҳқиқ равшан сохтани робитаи байни ахлоқ, фарҳанг ва муҳити зиндагӣ дар низоми афкори инсонӣ мебошад. Мақола аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад барои таҳияи сиёсатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шаҳрсозии муосир асос гардад.

Мавқеи фалсафаи қадим ва таълимоти динии пешазисломӣ, махсусан Зардуштия, дар ташаккули афкори ахлоқӣ ва иҷтимоии марбут ба муҳити зист, дар ин таҳқиқ нақши марказӣ дорад. Таълимоти Зардушт на танҳо рӯйкардҳои ахлоқӣ ба муносибати инсон бо табиат ва манзилро муайян менамояд, балки меъёрҳои ташкили муҳити солим ва ҳамоҳанг бо арзишҳои маънавиро низ таъкид мекунад. Дар ҳамин замина, фарҳанги манзил ҳамчун зерсистемаи ахлоқ ва сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад, ки дар он пайвандҳои инсонӣ, арзишҳои эстетикӣ ва ниёзҳои маънавӣ таҷассум ёфтаанд.

Гузашта аз ин, таҳлили осори мутафаккирони миёнаасрии Шарқ нишон медиҳад, ки муносибати байни инсон ва муҳити зисташ на танҳо аз дидгоҳи табиӣ, балки аз дидгоҳи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ низ арзёбӣ мешуд. Чунин муносибат асоси бунёди ҷомеаи мутамаддин ва инсонгароро ташкил медод, ки дар он манзил ҳамчун макони тарбияи ахлоқӣ ва пешбурди зиндагии маънавӣ эътироф мегардид. Бо баррасии ин ҷанбаҳо, мақола талош дорад заминаи фалсафӣ ва таърихии сиёсати зист ва фарҳанги манзилро барои ҷаҳони муосир бознамояд.

Калидвожаҳо: Ахлоқ, этика, фалсафа, хулқ, зардуштия, авесто, инсонгароӣ, адолат, меҳрубонӣ, тарбия.

ОТРАЖЕНИЕ ЭТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В ТРУДАХ ДРЕВНОСТИ

Данная статья посвящена анализу философских и этических аспектов культуры жилья и экологической политики. Автор, опираясь на произведения классических и средневековых

мыслителей, включая учения Заратуштры, Платона, Аристотеля, Аль-Фараби и Ибн Сины, рассматривает проблему окружающей среды и жилья как ключевой элемент формирования личности и социальной организации. Целью исследования является выявление взаимосвязи между моралью, культурой и условиями жизни в рамках человеческого мировоззрения. Статья имеет теоретическое и практическое значение, и может послужить основой для разработки социальных, культурных и городских политик в современном обществе.

Место древней философии и религиозных учений, особенно зороастризма, в формировании этических и социальных взглядов, связанных с окружающей средой, занимает центральное место в данном исследовании. Учение Заратуштры не только определяет этические принципы взаимоотношений человека с природой и жильем, но и подчеркивает нормы формирования здоровой среды, гармонирующей с духовными ценностями. В этом контексте культура жилья рассматривается как подсистема морали и социальной политики, в которой отражаются человеческие связи, эстетические ценности и духовные потребности.

Кроме того, анализ произведений средневековых восточных мыслителей показывает, что отношение между человеком и его окружением оценивалось не только с природной, но и с этической и социальной точек зрения. Такое отношение являлось основой создания цивилизованного и гуманного общества, где жилье признавалось местом морального воспитания и продвижения духовной жизни. Рассматривая эти аспекты, статья стремится выявить философскую и историческую основу экологической политики и культуры жилья для современного мира.

Ключевые слова: мораль, этика, философия, характер, зороастризм, авеста, гуманизм, справедливость, доброта, воспитание.

REFLECTION OF ETHICAL ISSUES IN THE WORKS OF ANTIQUITY

This article is dedicated to analyzing the philosophical and ethical aspects of housing culture and environmental policies. The author, relying on the works of classical and medieval thinkers, including the teachings of Zoroaster, Plato, Aristotle, Al-Farabi, and Ibn Sina, examines the issue of the environment and housing as a key element in the formation of personality and social order. The goal of the research is to clarify the relationship between morality, culture, and living conditions within the framework of human thought. The article has both theoretical and practical significance and can serve as a foundation for the development of social, cultural, and urban policies in modern society.

The role of ancient philosophy and pre-Islamic religious teachings, especially Zoroastrianism, in shaping ethical and social views related to the environment, plays a central role in this study. The teachings of Zoroaster not only define ethical principles for the relationship between humans and nature and housing but also emphasize the norms for creating a healthy environment in harmony with spiritual values. In this context, housing culture is considered as a subsystem of morality and social policy, reflecting human connections, aesthetic values, and spiritual needs.

Furthermore, the analysis of the works of medieval Eastern thinkers shows that the relationship between humans and their environment was evaluated not only from a natural perspective but also from ethical and social viewpoints. Such an approach formed the basis for creating a civilized and humane society, in which housing was recognized as a place for moral education and the promotion of spiritual life. By examining these aspects, the article aims to uncover the philosophical and historical foundation of environmental policies and housing culture for the modern world.

Key words: morality, ethics, philosophy, character, Zoroastrianism, Avesta, humanism, justice, kindness, upbringing.

Дар бораи муаллиф
Маҳмудова Фотима Ҳоҷиевна
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Махмудова Фотима Ходжиевна
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Mahmudova Fotima Hojievna
Candidate of Philosophy, associate professor of the Department of philosophy and cultural studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

UDC 32(091):297.2:1(091)

HISTORICAL AND POLITICAL CONFRONTATIONS IN THE IX-XI CENTURIES AS A PREREQUISITE FOR THE DEVELOPMENT OF ISLAMIC HUMANISM

Giyosov F. N.
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

From the outset of its extensive and complex history, Islam encountered a variety of religious communities, both in the region in which it first emerged and in the extensive territories subsequently conquered by Muslim warriors in their remarkable expansion. By the ninth century, the occurring religion, with its legal and traditional practices of the Arabs, had begun gradually to permeate the culture and social environment of the Iranian peoples.

The most distinctive feature of the conquerors' interactions with local rulers was that, in doing so, they encountered adherents of other faiths who constituted the local ruling power. Through the process of making these adherents their vassals, the conquerors established an unmistakable position of superiority over them. However, in the course of subsequent conquests and confrontations with other peoples, particularly Iranians, Muslims found themselves compelled to adapt and delineate the character of their relations with other groups, taking into account not only their own perspectives but also those of the worldviews and beliefs of other peoples.

Consequently, Islam has established a distinctive approach towards each community that has maintained its identity within its own sphere, contingent on the historical context of cultural encounters and, to a certain extent, influenced by the prevailing non-Muslim religious tradition. These relations were closely related to the issue of religious tolerance or intolerance and interfaith relations between Muslims and other peoples. A.V. Sagadeev notes in this regard that ‘the transformation of the caliphate into a centre of mutual influence and mixing of different ethnic groups contributed to the formation of another feature of humanism - universalism, the idea of the unity of the human race. In real life, the formation of this idea was facilitated by the fact that the lands inhabited by Muslims stretched from the Middle Volga region in the north to Madagascar in the south and from the Atlantic coast of Africa in the west to the Pacific coast of Asia in the east’ [2, p. 184].

By the tenth to eleventh centuries, the scale of political instability was expanding in these places, despite the efforts of the Arabs to maintain social tranquillity, but it is these centuries that are regarded as the most important periods in the development of Islamic culture. During these two centuries, philosophy, theology and mysticism developed their most important doctrines. This period is known by such names as al-Farabi, al-Sijistani, Ibn Adl, Abu Hayyan al-Tawhidi, and Ibn Sina in the philosophical discipline, and al-Ash'ari, al-Baqillani, al-Baghdadi, and Abd al-Jabbar in theological studies; mysticism was well developed in the rudiments of al-Junayd, al-Hallaj, al-Bistami, al-Muhasibi, al-Kushayri, and al-Ghazali. By the tenth century, the majority of significant Greek, Indian and Persian works had already been translated, thereby enabling the creation of remarkable works by scholars such as al-Kindi, al-Nazza, Abu al-Khuzayl, al-'Alaf, Sahl al-Tustari and others.

The 10th-11th centuries witnessed a notable increase in intellectual activity and a substantial advancement in cultural development, largely influenced by specific political and social events of the era. This historical epoch was characterised by the decline of the Abbasid caliphate towards the end of the 9th century, marked by the reign of Caliph al-Mu'tasim, who was the brother of Caliph al-Ma'mun and son of al-Harun al-Rashid, surrounded himself with a significant number of Turkish bodyguards, who were originally incorporated into the armies to provide a counterbalance to the substantial number of Persian soldiers from Khorasan. The growing power of these bodyguards, who numbered approximately 4,000, caused apprehension in Baghdad, prompting al-Mu'tasim to leave the city and establish a new capital at Samarra. This city served as the seat, from where both al-Mu'tasim and his son al-Mutawakil ruled the Caliphfat. However, following al-Mutawakil's death, the Abbasid caliphate experienced a significant decline in its authority, due to the growing influence of the Turkish officers. The Abbasids' decline was further increased by the revolt of the Zinjas, which lasted from the mid-ninth century to 883. This revolt against the Abbasids was led by enslaved people who had been moved from

East Africa and worked in a very difficult condition in the mines near Euphrates River. Following an extensive and heavy struggle to suppress the revolt, the caliph al-Mu'tadid restored Baghdad as his capital and the centre of the caliphate. Nevertheless, the authority of the army leaders continued to grow, and the caliph's powers gradually diminished until he was able to control mainly over religious affairs as part of his role as imam in the state. [3, p. 467].

In this context, in 930, a new position was established within the state apparatus: that of Amir al-umar ('emir of the emirs', i.e. chief emir). It was through this office that Mu'nis al-Muzaffar became the first person to hold this position. This position was characterised by the assumption of the caliph's authority, signifying the re-establishment of princely power. This power was distributed among the various provinces, rather than being concentrated within the central apparatus. [3, p. 469].

In the west of the empire, the first province to secede from the caliphate was Egypt under the rule of Ibn Tulun in 868, but the division really took a more serious turn when the Fatimids in 909 asserted their new caliphate in North Africa. This announcement was followed by the Declaration of a third caliphate by the Umayyad ruler Abd al-Rahman III in 929 CE in Spain. In addition, in 820, the Tohirids and Saffarids established their own states in eastern Persia, independent of the central state administration, and finally, in 945-1055, the Buyid began to rule the western Persian provinces. The Buyid began to rule the western provinces of Persia.

Thus, the most important political feature in the tenth to eleventh centuries is the growth of independent kingdoms, which, as we already know, began in the western regions and prompted similar developments in the east of the Islamic empire. Although this development brought an end to the Abbasid dynasty, it also marks the beginning of a powerful Islamic culture that flourished under the patronage of different divided dynasties: in the Iberian Peninsula, the city of Córdoba rose to prominence as a major cultural center during the Umayyad caliphate, while Cairo became renowned for its scientific and scholarly pursuits under the Fatimid ruling. In the eastern regions, Khorasan, Ray and Shiraz attained distinction for their extensive libraries and medical institutions during the Samanid and Buyid periods. Furthermore, Nishopur emerged as a Sunni center under the Seljuk sultans.

During the early period of political developments in Persia, known as the era of Samanid, Buyid and Seljuk sultans, three famous scholars, Abd al-Jabbar, Ibn Sina and, in the subsequent period, al-Ghazzali, were active in various cities throughout Persia. This region of the Abbasid Empire was transferred upon Tahir Ibn al-Husayn by Caliph al-Ma'mun, the illustrious Abbasid caliph and son of Harun al-Rashid, in recognition of his triumphs over the forces of al-Amino, the former caliph and brother of al-Ma'mun (who reigned from 809 to 813). Tahir established the center of his power in Khorasan, establishing the boundaries of his independent province, which extended to the borders of India. In 892, the Samanid ruler Ismail ibn Ahmad established a new dynasty in Khorasan. Ismail was the grandson of Saman, a Zoroastrian noble from Balkh. This Samanid dynasty maintained its power in eastern Persia until 999.

In Baghdad, as previously referenced, the central government effectively renounced caliphate rule, thereby caliphs' loss of political leadership authority and their subsequent recognition as merely the head of the ummah, that is to say, the religious community. Although the Abbasid caliphs did not customarily appoint a vizier at the inception of their era, the second-generation caliphs established a new position of amir al-umar' (chief emir). This strategic maneuver was employed to both weaken the central government while avoiding its administrative burdens, and to extricate the caliphs from the prevailing economic crisis. The replacement of numerous caliphs with the chief emir by the second-generation caliphs accelerated the decline of the Abbasid caliphate, thereby presenting an opportunity for the Buyids to gain a foothold in Khorasan and subsequently in Baghdad. The Buyids made the position of Amir al-Umar official and were recognized as the rulers of Baghdad. Once Ahmad Ibn Buyid became chief emir, he was given the title Mu'iz al-Dawla, and his brothers Hasan and Ali were given the titles Rukn al-Dawla and Imad al-Dawla. They replaced the caliph al-Mustaqfi and his cousin al-Mute'. The Buyid dynasty ruled Baghdad for about 110 years. [3, p. 471].

However, Mu'iz al-Dawla did not attempt to unify the Islamic empire under the leadership of his family, nor to extend his power beyond Baghdad and Kirman. Regardless, he considered himself the official head of the Abbasid state and forced the leaders of other provinces such as the Hamadanids in

Mosul, the province of Batihah, and the Arab tribes living in southern Iraq to pay him a tax for allowing them to remain in the territory of the state [1, p. 15-19].

The Buyid rulers had not demonstrated their capacity to administer such a vast region, comprising its various provinces, and thus required the counsel of competent and experienced viziers. Such viziers counselled the Buyid to maintain the Abbasid caliphate, as it was of considerable religious significance to ensure social stability. Moreover, as Shi'i adherents, the Buyids were unable to rule over the Sunni majority in Baghdad. Nevertheless, the Sunni caliph's powers were limited in terms of religious affairs [4, p. 38-39].The second problem Mu'izz al-Dawla faced was the need to increase his military forces in order to have control over Iraq and Fars, and this led to the fact that it was not long before he could not afford to pay the salaries of his soldiers. Consequently, the viziers counselled him to re-evaluate the tax system of iqta', which was bestowed upon military commanders in recognition of their service to the caliph and sovereigns [4, p. 49].

Al-Mu'izz had previously established a system of Buyid governance, which was utilized in the policies of the subsequent rulers of the entire Buyid dynasty. The Buyid territory was divided into three districts: the area from al-Ray to Jabal fell under the rule of Rukn al-Daulah; Fars was ruled by 'Imad al-Daulah; and the southern part of Kirman and Khuzistan were under the rule of Mu'izz al-Daulah. Following the death of Mu'izz al-Daula, his son Bakhtiyar became the new emir of al-Umar' and pursued a similar policy to that of his father, namely the collection of taxes from the rulers of the various provinces of Iraq, in order to consolidate his power. During the initial years of his reign, the ruler was tasked with establishing his authority over the Hamadanids residing in Mosul. Subsequently, he engaged in conflict with Umar Ibn Shahin, the ruler of al-Batiha. Concurrently, he confronted an insurrection within his own armed forces, led by the Turkish officer Sebkatakin, which resulted in a conflict in Baghdad. The Shiite segment of the population expressed support for Bakhtiar, while the Sunnis demonstrated allegiance to Sebkatakin. Bakhtiyar asked his cousin, 'Adud al-Daulah, the ruler of Fars, for help. 'Adud al-Daulah had already become the ruler after his uncle, Imad al-Daulah, died. But 'Adud al-Daulah wanted to capture Baghdad. However, Bakhtiyar's father, Rukn al-Daula, did not support this attack and ordered his son to withdraw his troops from Baghdad. After Rukn al-Daula's death, his son attacked Baghdad again and ended Bakhtiyar's rule [1, p. 20-24].

The Ghaznavids were Turkish slaves in the Samanid army. Among them was Alptegin, who was subsequently promoted to the position of chief guard and soon became governor of Khorasan. After losing favor with the Samanids, he occupied Ghazna and, together with his son-in-law Sabuktegin, laid the foundation of the Ghaznavid domination in 962, which lasted until 1186. There were sixteen rulers of the Ghaznavid dynasty, and the most powerful one was Sultan Mahmud. The Ghaznavids were Sunni Muslims from Turkey, and they wanted to defeat the Shi'ite Buyid. Sultan Mahmud led many battles against the rulers of Ray and Isfahan, and for this, he was rewarded by the Abbasid Caliph with the title of Yamin al-Daula ('right hand of the state').

Nevertheless, it was the Sunni Seljuk sultans who ultimately precipitated the collapse of the Buid dynasty; they engaged in combat with the Buyid and entered Baghdad in 1055. As previously mentioned, the Seljuks were descended from Turkmen nomadic tribes who were permitted to settle in Bukhara with their primary leader, Seljuk (b. 956), where they also adopted the Sunni interpretation of Islam. The Seljuk grandson Togrul and his brother successfully reached Khorasan in 1037, occupying Merv and Nishapur (Togrul, 1037). They then advanced to Rey and Isfahan (Togrul, 1037), and were welcomed by the Abbasid caliphs as a means of removing the Shi'i Buid (Togrul, 1037). This facilitated their entry into Baghdad (Togrul, 1037). Consequently, Toghrul assumed rule over Baghdad (1055-63 CE), subsequently succeeded by his nephew Alp Arslan (reigned 1063-72). Alp Arslan, with the assistance of his famous vizier Nizam al-Mulk, successfully established peace not only among the various provinces but also led a military campaign against the Byzantines, who ultimately contributed to the defeat of the Byzantine rule. In 1071, he emerged victorious in a battle near Manzikart in Armenia and captured Emperor Roman Diogenes. However, he subsequently released him after signing a peace treaty in favor of the Seljuks.

As has been established, by the 10th-11th centuries, Sunnism and Shiism had acquired their distinct features and were equally important in the Abbasid Empire. Shi'ism flourished most

successfully: in the early 10th century, the Ismaili-Fatimid Empire was established in North Africa, which had strong supporters in most provinces of western Persia and Bahrain. The majority of Muslims in Baghdad were Sunni, and in addition, the Mu'tazilite movement was becoming increasingly prominent in the ninth century. Furthermore, Mu'tazilite theology, which had been favoured in the time of al-Ma'mun, was no longer as popular. The subsequent caliphs, particularly al-Muqtadi, demonstrated a preference for Hanbali and Ash'arite theology [4, p. 65]. At the same time, Hamadan, Rey and Isfahan supported the Mu'tazilite groups during the time of the Buyid.

So, the development of the concept of humanism in the history of Muslim philosophy was significantly influenced by the historical and socio-cultural transformations of society, the state, and the individual. In the context of these changes, new approaches to understanding the essence of man and his destiny emerged, offering a different perspective on his existence in relation to social, political, and moral factors influencing his survival and his capacity to resist the adverse circumstances and challenges of life.

LITERATURE

1. Омар, Ф. Ал-Хилафа фи ‘Усуриха ал-мута’ахира. Шарқа / Ф. Омар Дар ал-Халидж, 1983. – С. 15-19 (на араб. яз.)
2. Сагадеев, А.В. Гуманизм в классической мусульманской мысли / А.В. Сагадеев // Историческая психология и социология истории. № 1, 2009. - С. 184.
3. Hitti, P. The History of the Arabs, London: Macmillan / P. Hitti. - Press, 1970, p. 467.
4. Kraemer, J.L. Humanism in the Renaissance of Islam, Leiden: / J.L. Kraemer. - Brill, 1986, p. 34.
5. Daiber, H. „Al-Fārābī on the Role of Philosophy in Society“, in: Philosophia Islamica. The Journal of the International Society for Islamic / H. Daiber. - Philosophy, 2010.
6. Daiber, H, „Wissen und Handeln in der philosophischen Ethik des Islam. Griechische Wurzeln und islamische Transformation“, in: FIDEM. Textes et Études du Moyen Âge. Turnhout: / H. Daiber. - Brepols, 2013.
7. Makdisi, G. The Rise of Humanism in Classical Islam and the Christian West, Edinburgh: / G. Makdisi. - University Press, 1990.
8. Nasr, S. H., An Introduction to Islamic Cosmological Doctrines, / S. H. Nasr. -Great Britain: Thames and Hudson, 1978.
9. Khalidi, T. Classical Arab Islam: The Culture and Heritage of the Golden Age. / T. Khalidi. - Princeton, 1985.
10. Knish, A.D. The Struggle of Ideas in Medieval Islam: Theology and Philosophy. Philosophy as a rational way of knowing the world // Ishraq: Yearbook of Islamic Philosophy. No. 2. / A.D. Knish. - M.: "Eastern Literature", 2011.

HISTORICAL AND POLITICAL CONFRONTATIONS IN THE IX-XI CENTURIES AS A PREREQUISITE FOR THE DEVELOPMENT OF ISLAMIC HUMANISM

The issue of this article is about culture and development of Islam in X-XI centuries. The issue is concerning the religious tolerance and intolerance. In historical context is shown the facts and reasons mixing cultures and traditions of Arabic and other nations with their own culture, tradition and custom. The Muslim people had to change their attitude towards other nations that they conquered in order to keep peace and harmony. Mostly it is analyzed the development of different nations and the role of religion, philosophy and humanism in forming the society. The 10th-11th centuries witnessed a concentration of new intellectuals and a great leap in cultural development, which was largely due to certain political and social events of the time. In addition, the most important political feature in the 10th-11th centuries is the growth of independent kingdoms, which began in the western regions and prompted similar developments in the east of the Islamic empire. Although, this development ended the Abbasid dynasty, it also marks the beginning of a powerful Islamic culture that flourished under the patronage of different divided dynasties.

Keywords: Humanism, history, philosophy, state, central state, khalifat, religion, change, conquer, Iranian, Buid dynasty, Smaniyan dynasty, sunnism, shiism, Abasidi

МУҚОВИМАТИ ТАЪРИХӢ ВА СИЁСӢ ДАР АСРҲОИ X-XI ҲАМЧУН ШАРТИ ҲАТМИИ ҶАРАЁНИ ИНКИШОФИ ИНСОНДУСТӢ

Дар мақолаи мазкур сухан оиди фарҳанг ва рушди ҷаҳони ислом дар асрҳои X-XI меравад. Масъалаи таҳаммулпазирӣ ё таҳаммулнопазирии динӣ дар мақола васеъ таҳқиқ шудааст. Дар заминаи таърихӣ омилҳо ва сабабҳои ба ҳам пайвастани фарҳанги истилогарони араб бо халқҳои дигар мисли эрониён, ки суннат, фарҳанг ва тарзи зиндагии хоси худро доштанд, баррасӣ мешавад. Фарҳанги воридшудаи мусулмонӣ ва пайравони он маҷбур буданд, ки барои нигоҳдории сулҳу осоиш характери муносибатҳои худро бо дигар халкҳо ва тарзи зисту зиндагонии худро ба максад мувофиқ ва муайян кунанд, яъне бештар тамоюли инсондӯстиро дошта бошанд. Ба таҳлили мазкур тараққиёти таърихии давлатҳои гуногун ва нақши дин, фалсафа ва ва тамоюли инсонпарварӣ дар ташаккули чамъият диққати махсус дода шудааст. Дар асрҳои X-XI. сарҷамъ шудани зиёиён, мутаффакирон ва умуман аҳли илм як чаҳиши бузург дар тараккиёти мадания ва илм ба амал меояд, ки ин бештар ба воқеиятҳои муайяни сиёсӣ ва ҷамъиятии он замон вобаста буд. Инчунин, муҳимтарин хусусияти сиёсӣ дар асрҳои X-XI ба рӯи саҳна омадан ва инкишофии шоҳигариҳои мустақил аст, ки дар минтақаҳои ғарбӣ оғоз ёфта, дар шарқи Империяи Исломӣ рӯйдодҳои шабеҳро низ ба вуҷуд оварда. Ҳарчанд ин таҳаввулот ба поёни сулолаи Аббосиён замина гузошта бошад ҳам, аммо он ҳамчунин оғози фарҳанги нави исломӣ шуморида мешавад, ки таҳти сарпарастии сулолаҳои мухталиф ривоҷ ёфтааст.

Калидвожаҳо: гуманизм, таърих, фалсафа, давлат, ҳукумати марказӣ, хилофат, дин, тағирот, истилоҳо, эрониён, сулолаи Буйиён, сулолаи Сомониён, сунниҳо, шиаҳо, Аббосиҳо

ИСТОРИКО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОТИВОСТОЯНИЯ В IX-XI ВВ. КАК ПРЕДПОСЫЛКА ДЛЯ РАЗВИТИЯ ИСЛАМСКОГО ГУМАНИЗМА

В статье речь идёт о культуре и развитии Исламского мира в X – XI вв. Это тесно связано с вопросом о религиозной терпимости или нетерпимости. В историческом контексте рассматриваются факторы и причины сливания культур арабских завоевателей и других народов как иранцы, у которых были свои традиции, культура и образ жизни. Мусульмане вынуждены были скорректировать и определить характер своих отношений с другими народами и быт более гуманистичными для того, чтобы сохранить мир и спокойствие. Особое внимание уделяется анализу развития истории разных государств и роль религии, философии и гуманизма в формировании общество. В X-XI вв. прослеживается концентрация новых интеллектуалов и большой скачок культурного развития, которое в большей степени происходило из-за определенных политических и социальных событий времени. Также, наиболее важной политической особенностью в X-XI вв. является рост независимых царств, которое, начался в западных районах и побудили аналогичные события на востоке исламской империи. Хотя это развитие положило конец династию Аббасидов, он знаменует также начало мощной Исламской культуры, которая процветала под покровительством разных разделенных династий.

Ключевые слова: Гуманизм, история, философия, государство, центральное правительство, Халифат, религия, изменение, завоевание, Иранцы, династия Буидов, династия Саманидов, суннизм, шиизм, Абасиды

Дар бораи муаллиф
Ғиёсов Фаридун Нуриддинович
Н.и.ф., и.в. дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
мудири кафедраи забони олмонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 937 44 00 09.

Об авторе
Гиёсов Фаридун Нуриддинович
к.ф.н., и.о. доцент кафедры философии и культурологии
Заведующий кафедрой немецкого языка
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 937 44 00 09.

About the author
Giyosov Faridun Nuriddinovich
Candidate of Philosophical Sciences, head of German language chair
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki city Dushanbe Avenue 121.
Ph.: (+992) 937 44 00 09.

ТДУ101:316.4:001.891

ВАҲДАТ ВА АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ОН

Мустаҷобова Р. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ваҳдат ҳамчун категорияи фалсафӣ аз замони ба сатҳи шуури ибтидоӣ расидани инсон то ба имрӯз дар ташаккули тамаддуни башарӣ ва шаклгирии раванду падидаҳои сиёсӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ нақш гузоштааст. Ваҳдат яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи устувории низоми сиёсиву ҷамъиятӣ буда, гурӯҳи одамонро зери чатри ҳадафи мушаххас муттаҳид мекунад. Асоси ваҳдатро ба ҳам омадани гурӯҳи одамон зери як манфиат, идеология ва ё фарҳанги хос ташкил медиҳад.

Вожаи “ваҳдат” аз забони арабӣ бар омада, маънои “ягонагӣ, сарҷамъӣ, муттаҳидӣ; ваҳдати маънавӣ, ягонагӣ аз ҷиҳати фикру ақида, як будани мафкура”-ро дорад.

То расидан ба дараҷаи миллат ва пайдоиши аввалин давлатҳо инсоният падидаи ваҳдатро дар ҳама зинаҳои ташаккули тамаддуни хеш (оила, гурӯҳ, қабила, авлод ва умумиятҳои иҷтимоӣ) ва дар марҳилаҳои гуногун таҷриба кардааст. Ҳанӯз дар ҷамоаи ибтидоӣ заруратҳои асосии бақо инсонро маҷбур намуд, ки аз падидаи ваҳдат кор гирад. Одамони ҷамоаи ибтидоиро зарурате пеш омад, ки барои дарёфти хӯрок, бунёди бошишгоҳҳои амн ва ҳифзи ҷони хеш аз ҳуҷуми ҳайвоноти дарранда ва ҳодисаҳои табиӣ гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ кунанд ва манофеъу ғароизи худро бароварда созанд.

Минбаъд бо ташаккули тамаддуни башарӣ нақшу аҳаммият ва таъсиргузории ваҳдат дар шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши оила, қабила, миллат, нажод, давлат ва ҳатто дар дину фарҳанг тақвият ёфт. Бо боло рафтани сатҳи огоҳӣ ва шуур инсон дарк намуд, ки ниёзҳои рӯзафзуни ӯ ба иттиҳод, таҷамуи фикрӣ ва иҷрои амали якҷоя эҳтиёҷ дорад. Акнун инсон ба дарки он расид, ки дар ваҳдат, якҷоягӣ ва ҳамдастӣ метавонад мушкилоти пеши роҳаш омадаро ба осонӣ ҳал кунад. Ваҳдат ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ вориди амал шуд ва шуури инсонро такмилу ташаккул дод. Ин ҳама гуфтаҳо зоҳир шудани падидаи ваҳдатро дар замонҳои хеле қадим исбот мекунанд.

Зуҳури падидаи ваҳдат дар сатҳи баландтарро мо бо ташаккули тамаддун ва шуури инсон дар марҳилаи пайдоиши аввалин давлатҳо мебинем. Дар ин марҳила низ ваҳдат ба сифати омили аслии бартарафсозии мушкилоти ҳаёт, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва пешгирикунандаи суботу оромӣ дар пайдоиши давлат нақши муҳим гузоштааст.

Пайдоиши аввалин нишонаҳои давлат ҳанӯз дар ҷамоаи ғуломдорӣ сурат гирифтааст. Густариши қуввахои истеҳсолкунанда ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат сабаби ба миён омадани моликияти хусусӣ ва дар ин поя нобаробарии иҷтимоӣ, ихтилофҳо ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ ба он оварда расонд, ки дар ҷомеа мавҷудияти ба синфҳо тақсим кардан чун зарурият пазируфта шуд. Ин падида оҳиста-оҳиста ҷиҳати ба миён овардани ду гурӯҳ, яъне онҳое, ки сармоя ва дороии онҳо барои амалӣ кардани тамоми ҳадафҳояш мусоидат карда метавонад ва дигар табақот баръакс он тоифае, ки маҳдудияти шароит доранд ва наметавонанд аз ниёзҳояш бархӯрдор бошанд. Байни ин ду неруи аз ҳам фарқкунанда, хилоф ба миён омад ва он бахше, ки имконот ва дороии зиёдеро молик буд , гурӯҳи дуюмеро, ки шароити мусоид надошт, водор кард, то ба вай итоат кунанд.

Мубориза барои зистан, гурӯҳеро, ки аз ҷиҳати имконот оҷизӣ мекашиданд, водор мекард, то ба корфармоёни коргоҳи маҷбурӣ ҳаматарафа итоат кунанд. Ҳамин тариқ, тасаллути синфҳои ҳукмрон, зулму истибдод, ташаккули молу дороии шахсӣ, дар мавридҳои муайянкунандаи таърих ва муборизаҳои оштинопазири синфҳо ба он оварда расонд, ки давлатҳо бо шеваҳои гуногун таъсис ёфта, аз худ дарак диҳанд.

Дар марҳилаҳои баъдӣ, ки бо ташаккули умумиятҳои иҷтимоии нажоду миллатҳо падид омаданд, давлатдории қавмӣ шакл гирифт ва ваҳдат хусусияти қавмиро дар худ касб кард. Ваҳдати қавмӣ омили асосӣ барои ба миён омадани ваҳдати миллӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки рукни асосии ташаккули ваҳдати қавмӣ ин пеш аз ҳама арзишҳои хонаводагӣ, эътиқодӣ ва авлодӣ мебошанд, ки дар тули таърих барои бақои аслу асолат ва ҳамзамон аз худ дарак додани ваҳдати миллӣ замина эҷод карданд. Ваҳдати миллӣ ба сифати аввалин унсури муайянкунандаи арзиши умумиинсонӣ дар заминаи ба вуқуъ омадан ва ташаккулу густариш ёфтани давлатҳои миллӣ мавқеи худро устувор намуд. Ваҳдати миллӣ ягона фишанги ҳаракатдиҳандаи ҷомеа аст, ки давлати миллӣ аз таҳкими ӯ рушд меёбад. Дар баробари ин, ваҳдати миллӣ низ дар заминаи давлати миллӣ вижагиҳои хосси худро соҳиб мегардад. Дар рушд ва такоммул ёфтани тамоми аркони давлатдории миллӣ, рушди унсурҳои фарҳангӣ, иқтисод ва назму низом ваҳдати миллӣ амри заруриву воҷиб аст.

Бояд гуфт, ки дар он даврон инсон ҳанӯз қурб ва арзиши воқеии падидаи ваҳдатро дарк карда наметавонист ва аз шарҳу тавзеҳи он низ оҷиз буд. Сатҳи шуури инсон наметавонист ба падидаҳои иҷтимоӣ баҳои муносиб диҳад. Бинобар ин, дар таҳқиқу омӯзишҳои ин даврaҳо ваҳдат ҳамчун падидаи нохудогоҳи баровардасози манфиатҳои муштараки инсонҳо арзёбӣ мегардад.

Ҳар як умумияти иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷомеа дар маҷмуъ, пайваста эҳтиёҷ ба нигоҳдорию инкишофи чунин ваҳдату ҳамбастагиро ҳис мекунад. Вале бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди чунин собиқаи мудовими таърихӣ доштанаш падидаи мазкур аз нигоҳи таҳлили иҷтимоӣ танҳо пас аз асри нуздаҳ инҷониб васеъ мавриди баррасии ҷомеашиносон қарор гирифт. Ин худ табиист, зеро ҳама гуна падидаи иҷтимоӣ, новобаста аз ҳузури доимияш дар ҳаёти ҷомеа, танҳо дар сурати ба проблемаи муассир ва таъинкунандаи самти инкишофи он табдил ёфтанаш тадриҷан таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд.

Мусаллам аст, ки ҳама гуна падидаи иҷтимоӣ дар ҷомеа дар натиҷаи зарурати таъмини ниёзҳои умумии одамон падид меоянд ва аввалин василаи баровардасозии ин ниёзҳои умумӣ, пеш аз ҳама, муттаҳидӣ, якҷоягӣ ва ваҳдат аст. Тамоми ҷомеаҳо барои нигоҳ доштани мавҷудияти хеш ниёзманди равобити шабакавиест, то ки тавонад аксарияти мутлақи аъзои ҷомеаро ба ҳамдигар муттаҳид кунад. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва дар сохторҳои мухталифи иҷтимоӣ чунин равобити шабакавиро ҳар хел шарҳу тафсир мекунанд, вале моҳияти асосии он ба нуқтаи ҳамзистӣ ва ташаккули дидгоҳи умумии муҳити иҷтимоияшон рафта мерасад. Агарчи барои дуруст ифода намудани ин амалияи иҷтимоӣ мафҳум ва калимаҳои гуногун истифода мешуданд, вале метавон дар асоси онҳо бунёду ташаккули таълимотҳоро дар бораи табиати ваҳдати иҷтимоӣ дар таърихи афкори сиёсӣ ва фалсафӣ ошкор кард.

Дар баробари дигар ғояҳо ва ҳодисаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ваҳдат низ аз дуализми ҷомеа, ки он аз сарчашмаҳои дастҷамъона ва алоҳида таркиб ёфтааст, сарчашма гирифтааст. Ваҳдат мукаммалтарин падида ва фаротар аз он арзише аст, ки дар зеҳни инсоният модели иттиҳоду ҳамфикрӣ ва ҳамзистиро эҷод мекунад.

Ҳамзистии якҷоя аввалин шарти мавҷудияти ҷомеаи том маҳсуб мешавад. Инчунин, бидуни ташаккул ва такоммули ғояҳои ҳамдилӣ, иттиҳод ҳаммаромӣ насли башар ҳеҷгоҳ қодир нест, ки тамаддуну аслу асолатро такмил диҳад ва аз як насл ба баъдӣ интиқол диҳад. Бе интиқоли андӯхтаҳо ва анбоштаҳои тамаддун ҳеҷ як миллат шакл гирифта наметавонад.

Сохтори иҷтимоии ҷомеаро бидуни мавҷудияти қишру зинаҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин сабаб аст, ки дар афкори иҷтимоӣ моҳияти онтологии “дастаҷамъона” (коллективона) якҷоя бо ҷуфти категорияҳои “ваҳдат” ва “ихтилоф” тафсир карда мешавад. Ҳамин гуна дар таърихи ҷамъият равандҳои бартарафсозии ихтилофот ва тазоҳури ваҳдату сарҷамъӣ зиёд ба назар мерасад.

Мусаллам аст, ки фаҳмиши назариявии падидаи “ваҳдат” таърихи тулонӣ дошта, чунин фаҳмиш аз омилҳои сершумори таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра сарчашма мегиранд.

Бо як диди амиқ ва дақиқ агар ба фалсафаи мафҳуми ваҳдат аз тамоми зовияҳо назар андозем, истилоҳоти бузург ба мисоли “ваҳдати иҷтимоӣ”, “ваҳдати миллӣ”, “ваҳдати вуҷуд”, “ваҳдати маънавӣ” дар тамоми зовияҳо мавқеи калидӣ доранд. Танҳо ҳамин андешаҳои бузург тавонистанд, дар ҳама марҳилаҳо, афкори гуногуни ҷомеаро дар ростои ягонагии миллат ва ҳамдилӣ шакл диҳанд.

Ин мафҳумҳо, ҳамзамон дар сиёсат, фалсафа ва иҷтимоиёт барои расидан ба ваҳдати комил мавқеи калидӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи инҳо чун занҷир ба ҳамдигар пайванди ногусастанӣ дорад ва яке барои комил кардани дигаре сарчашма мешавад.

Яке агар бо рӯйкарди воқеӣ ваҳдатро чун ҷавҳари аслии дунё шарҳу тавзеҳ диҳад, дигаре бо қонунҳои объективию субъективӣ ва сеюму чорум бо тамоми арзишҳо ваҳдатро чун олитарин омили таҳкими шуури ҷамъиятӣ дар ростои расидан ба иттиҳоду ягонагӣ маънидод мекунанд.

Дар низоми иҷтимоиву сиёсии тамаддуни башарӣ аз гузашта то ба имрӯз падидаи ваҳдати иҷтимоӣ ҷойгоҳи хос дорад. Он танзимгари асосии муносибати инсонҳо дар ҷамъият буда, асоси назму низом, тартибот ва иртибот мебошад. Ваҳдати иҷтимоӣ, яъне муоҳадаи куллии ҷомеа мубтанӣ бар ҳадди аксари адолат аст, ки ҷомеаро ба сӯйи рифоҳ, саодат ва хушбахтӣ мебарад.

Падидаи ваҳдати иҷтимоӣ дар даврaҳои гуногуни таърихӣ мавриди баҳсу баррасиҳо ва нақду таҳқиқи густурдаи консепсияҳои муосири иҷтимоӣ қарор гирифтааст. Чунин муносибот ва таҳлили сиришти ваҳдати иҷтимоиро дар таълимоти файласуфи бузурги Юнони қадим Афлотун мебинем. Нисбат ба тасаввуроти ӯ асоси ба ваҳдатгароӣ рӯ овардани ҷомеа дар ташкили ақлонии ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки роҳро барои мураттабии муносибатҳои инсонӣ боз мекунад. Ӯ барои ин тимсоли давлати ормониеро пешниҳод мекунад, ки дар он “ҳамоҳангии некукориҳо моҳияти давлат ва одамони ҷудогонаро ташкил медиҳад” [2, с. 11].

Дар натиҷаи коркарду пешниҳоди тимсоли давлати ормонии худ Афлотун ба чунин натиҷа мерасад, ки дар давлат афроди ақлонӣ бояд дар ваҳдат ва олами адолат умр ба сар баранд. “Охир, маҳз дар чунин давлат мо дарёфтани адолат, дар сохти бадтарини давлатӣ дарёфтани беадолатӣ ва дар асоси ин мушоҳидаҳо ҳал кардани масъалаеро пешбинӣ кардем, ки дергоҳ моро машғул медошт.” [7, с. 90].

Ба ин ақидаи Афлотун шогирдаш Арасту ислоҳот даровард. Ба қавли ӯ инсон ҳайвони сиёсиест, ки аз рӯйи заруратҳои хеш маҷбур аст, ки бо дигарон ваҳдатро ҷӯё шавад. Вале дар ин сурат ҳам онҳо танҳо дар доираи ақлоният ва шаклу сохторҳои давлатӣ метавонанд ба ваҳдати матлуб бирасанд.

Чунин ғояи умдаи Афлотун дар нисбати ин масъала дар асари мондагораш “Давлат” ифода ёфтааст. Ин тасаввуроти сиришт ва шароити куллии таъмини ваҳдати иҷтимоӣ пас аз Афлотун то пайдоиши равияҳои аввалини сотсиологии ба дарки махсуси ҳамин падида нигаронида шуданд.

Минбаъд, дар консепсияҳои афкори сиёсӣ ва фалсафии халқи тоҷик низ, ки сиришти ваҳдати иҷтимоиро баррасӣ мекарданд, аз ҷиҳатҳои гуногун афкор ва назарияи афлотуниву арастуӣ ба асос гирифта мешуд. Тобиши чунин андешаро дар асари “Рисола оид ба афкори сокинони мадинаи фозила”-и Абунасри Форобӣ бо сароҳат метавон дид. Форобӣ бар ин андеша аст, ки “Ҳар як одам чунон сиришта шудааст, ки барои мавҷудияти худӣ ва расидагӣ ба камолоти олитарин ӯ ниёзманди бисёр чизҳост, ки онҳоро худ танҳо ба даст оварда наметавонад ва барои ба даст оварданашон ниёз ба як навъ ҷомеаи одамон дорад, ки ба ӯ он чизҳоро дар алоҳидагӣ бурда мерасонад – чизҳоеро, ки ба онҳо ӯ талаботро эҳсос менамояд. Дар ин маврид ҳар як одам дар муносибат ба дигаре амиқан дар чунин мақоме қарор дорад.” [9, с. 156]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки майл ба ваҳдат дар мактаби фалсафии Форобӣ аз зарурати дар дохили ҷомеа ба қаноатмандии умумии ҳаётӣ расидани инсон сарчашма гирифтааст. Ӯ ба ин натиҷа мерасад, ки давлате, ки аксарияти мардумаш шаҳрнишинанд дар нисбати давлати мардуми деҳнишин бо назардошти расидагӣ ба ваҳдат, доимияти баҳамтаъсиррасонӣ ва иртиботи наздикии иҷтимоӣ бартарият дорад. Форобӣ муносибат ва рафтори иҷтимоиро мабно қарор дода, менависад, ки “...Аъзои иттиҳодияи шаҳрӣ, ҳарчанд ки табиӣ мебошанд, бо вуҷуди ин мақомҳо ва қобилиятҳое, ки аз рӯи онҳо эшон таъсири худро ба хотири шаҳр амалӣ мегардонанд, табиӣ намебошанд, аммо иродаро сарчашма қарор дода, азбаски аъзои иттиҳодияи шаҳрӣ табиатҳои аз ҳамдигар афзалиятдоштаро моликанд, ки як одамро ба дигаре дар муносибати байниҳамдигарӣ хеле муфид мегардонад. Аммо онҳо нафақат ба туфайли табиати доштаашон, балки бо шарофати он хосиятҳои дар эшон пайдогаштае, ки иродаро сарчашмаи худ доранд, ба мисли санъат ва монанди он, аъзои иттиҳодияҳои шаҳрӣ мебошанд.” [9, с. 158-159].

Сохтори иҷтимоии ҷомеа ба ваҳдати иҷтимоии дар он амалкунанда таъсири худро мегузорад. Давлате, ки мардуми деҳнишини зиёд дорад, шакли дигари ваҳдати иҷтимоиро тақриба мекунад, зеро дар натиҷаи маҳдудиятҳои баҳамтаъсиррасонӣ ваҳдати иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи гурӯҳҳои иҷтимоии ибтидоӣ (оила, авлод, қавм ва ғайра) маҳдуд мегарданд. Чунин мазмунро антропологи маъруфи муосир Ҷ. Мердок дар асараш “Сохтори иҷтимоӣ” ба шакли ғайримустақим иброз намудааст: “Гурӯҳҳои хешутаборӣ, бигӯем, хати дуюми ҳимояи фард мебошанд. Вақте ки ӯ дар хатарест, ё ки бо ягон мушкилоте бармехӯрад, ба ӯ дар ҳалли масъалаи иқтисодӣ ё уҳдадориҳои маросимӣ кӯмак лозим аст – ҳар вақте ки ба ӯ дастгирии ҳархелае лозим мешуд (дастгирие, ки ба ӯ оилаи бевоситааш расонида наметавонист), ӯ метавонист ба гурӯҳи хешутаборӣ нисбатан бузургтари худ барои ёрмандӣ муроҷиат кунад” [6, с. 69].

Чунин андешаро дар хусуси ваҳдати иҷтимоӣ олими мусосири рус Л. М. Дробижева низ тақвият дода менависад: “Пайванду ҳамбастагии қисматҳои ҷудогонаи ҷомеа – гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва этникӣ, зимнан, ҳамчун умуман ҷомеа метавонад хислати деструктивӣ дошта бошад, агар на дар асоси ваҳдати таҷовузгарона ё фақат ҳимоявӣ ташаккул ёбад, яъне ҳангоме ки мувозинати равандҳои ҳамбастагии дохилиэтникӣ ё байниэтникӣ вайрон мегардад.” [3, с. 14].

Дар нақди ин дидгоҳ файласуфи ҷомеашиноси муосир Н. Эллиас аз сӯйиистифодаи намояндагони ин гурӯҳҳо дар сохтори давлат ҳушдор дода, менависад: “Ташаккули анъанавии виҷдон, эҳсоси анъанавии дилбастагӣ ба воҳиди тайи қарнҳо боқимондаи зиндамонӣ, оила, қавм-хулласи калом, ба гурӯҳи нисбатан маҳдуд ё нисбатан васеи хешовандон онро тақозо мекунанд, ки шаҳрвандони нисбатан сарватманд ва воломақом ҳатто ба хешовандони аз ҳама дуртарин аз ёрмандии маълум сарпечӣ накунанд, агар онҳо инро бихоҳанд.” [12, с. 247-248]. Дар чунин сурат бо муқоисаи афкори Форобӣ ва ҷомеашиносони навандеш метавон ба хулосае расид, ки миёни сохторҳои иҷтимоии ҷомеа ва ваҳдати иҷтимоии дар он чарханда равобити мустақим мавҷуд аст.

Масъалаи муносибати тафриқавии бамиёнгузоштаи Форобиро дар хусуси таҳлили сиришти ваҳдати иҷтимоӣ дар миёни гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа минбаъд дар таълимоти донишманди бузурги ислом Ибни Халдун метавон пайдо кард. Хусусияти хоси таълимоти Ибни Халдун дар он зоҳир мегардад, ки ӯ барои баррасии ҳар масъала ё падидаи иҷтимоӣ аз истилоҳоти махсус кор мегирад. Аз ҷумла, ӯ дар асараш “Муқаддима” ҷомеаи инсониро “иҷтимои инсонӣ”, тамаддунро “умрон”, зиндагонии дур аз шаҳрҳои бузургро “таваҳҳуш”, зиндагӣ дар шаҳрҳои бузургро “тааннус” ваҳдат, ҷомеият ва неруи иҷтимоиро “ассабия”, тарзи ҳаёти деҳотиро “бадавия”гуфтааст.

Ибни Халдун бар ин назар аст, ки ваҳдат, ҷомеият ва неруи иҷтимоӣ ё худ ассабия ба ҳаёти иҷтимоии инсонҳо ба шаклҳои мухталифе таъсиррасон аст. Он метавонад ҷомеаро то ба дараҷаи умрон (тамаддун) барад ё баръакс то ба дараҷаи таваҳҳуш расонад. Ин маъноро Ибни Халдун дар дебочаи асараш чунин баён месозад: “Бояд донист, ки ҳақиқати таърих хабар додан аз иҷтимои инсонӣ, яъне иҷтимои ҷаҳон ва кайфиёте аст, ки бар табиати ин иҷтимоъ ориз мешавад, чун таваҳҳуш, ҳамзистӣ, ассабиятҳо ва анвои ҷаҳонгушойиҳои башар ва чирагии гурӯҳе бар гурӯҳи дигар, ва он чи аз ин асабиятҳо ва чирагиҳо эҷод мешавад, монанди ташкили салтанату давлат ва маротибу дараҷоти он ва он чи башар дар партави кӯшишу кори хеш ба даст меоварад чун пешаҳо ва донишҳо ва ҳунарҳо ва дигар одоту аҳволе, ки дар натиҷаи табиати ин иҷтимоъ рӯй медиҳад” [11, с. 64].

Ҳамин тариқ, ӯ ба шарҳу шарти ҳамзистиву ваҳдат ва эҳтиром ба ҳамдигар арҷгузорӣ намуда меафзояд, ки такоммул ва рушди ваҳдат ба вижа ваҳдати иҷтимоӣ, як раванди давомдореро мемонад,ки марҳила ба марҳила дар тули таърихи мавҷудияти инсон вусъат меёбад. Дар натиҷаи ин силсила тағйиротҳо ҷомеаи муайян аз як давраи заифӣ ё нокифоятмандии моддӣ ба давраи фаровонии моддӣ рӯ меоранд. Ӯ ваҳдати қавмӣ ё пайвандиро сарчашмаи ваҳдати иҷтимоӣ, сиёсӣ, миллӣ ва дигар падидаҳое, ки марбут ба ин арзиш ҳастанд, арзёбӣ мекунад.

Ба ифодаи ӯ дар фитрати насли башар ваҳдати қавмӣ табиӣ аст.Ин ангеза дар ғурури инсон ҳамеша аз худ дарак медиҳад. Маҳз қарордоди ҳампаймонӣ (волоъ) ва ҳамсавганди (ҳалф) низ аз ҳамин масъала сарчашма гирифтааст. Ин пайванд чун ангезаи ҳампаймонагӣ ҳамеша дар ниҳоди инсон маърифат мешавад. Замоне ин отифа зуҳур меёбад, ки агар пайвандони наздик ё хешу табору ҳамсоя ба ягон ситам ё хатар дучор шаванд, ё ҳаққашон ба инобат гирифта нашавад дар

ин вазъият ҳатман соҳибон бетарафиро ихтиёр намекунанд ва бо олитарин ваҷҳ ба наздикон кӯмак мекунанд.

Ба ақидаи Ибни Халдун дар заминаи силсила робитаҳои аввалия нақши ваҳдат ҳамзамон дар таҳкими давлатдорӣ, амалӣ гардидани қонуният ва назму суббот калидӣ аст.

Вале ин афкор ва диди назар дар анъанаи баъдӣ, аниқтараш дар афкори иҷтимоӣ –фалсафии ғарби аврупоӣ сарфи назар карда мешавад. Онҳо ба ин ғоя ваҳдати назар доранд, ки кафолати қонун, итоат ба он ва назму низоми ҷомеа, ваҳдат арзёбӣ мегардад, ки давлат дар ҳифзи он нақши муқаддам иҷро мекунад.

Оид ба рисолати ваҳдати иҷтимоӣ метавон чунин ақидаро аз руйи дидгоҳи файласуфи англис Томас Гоббс мушоҳида кард.

Бар хилофи Халдун Томас Гоббс ваҳдати иҷтимоиро натиҷаи ҳолати табиии одамон наҳисобида, бар иловаи ин баробариро низ омили таҳкимбахши эътимоду боварӣ дар ҷомеа ва ваҳдати ҳамдигарӣ намешуморад: Ӯ барои расидан ба ҳамагуна мақсаду маром баробарии қобилятҳоро дар мадди аввал мегузорад.Ӯ меафзояд,ки дар байни ду одам, онҳое ки як чизро мехоҳанд вале наметавонанд он як чизро ҳарду молик шаванд, хусумату душманӣ пайдо мешавад. Онҳо барои амалӣ шудани мақсадашон, нақшаи ба ҳалокат расидан ё тобеъ кардани ҳамдигарро таҳия мекунанд. Аз андешаҳояш ба чунин хулоса меойем, ки дар он ҷое, ки инсон ҳуҷуму таҳдидро тавассути қудрату қувваи худаш бартараф карда метавонад, молики як зиндагии арзанда ё мулки дурусте буда метавонад. Вагарна эҳтимол аст,ки аз тарафи тоифаи дигаре ки иттиҳод доранд, натанҳо мулкашон ғасб мешавад, балки ҳаёт ва озодияшон низ зери хатар мемонад. Илова бар ин, ба қавли Гоббс, ваҳдат ба дилбастагии байни ҳамдигарии аъзоёни ҷомеа ва омодагиашон ба сарҷамъона ташкил кардани ҳаёти худ мусоидат мекунад: Ба ифодаи назари ӯ ҳокимияти қодир бояд ҳамагонро аз як зовия, адл ва инсоф нигоҳ дорад. Агар одамон дар ҷомеа аз мақсаду ҳадафҳои худ бархурдор набошанд ё аз зиндагиашон қаноатмандӣ эҳсос накунанд, албатта, ғамгин хоҳанд шуд. Зеро инсон дар вуҷуди хеш як фитрати модарзодӣ дорад, ки ҳар як шахс саъю кӯшиш мекунад, то рафиқаш ӯро ба андозае қадр кунад, ки ӯ худ ҳайсияташро қадр мекунад. Вақте инсон ин арзиши инсониро нисбат ба худ кам эҳсос мекунад, албатта, дар ниҳодаш эҳсоси нафрат ё муносибати нописандона пайдо мешавад. Дар ин сурат байни инсонҳо нифоқ пайдо мешавад. Нифоқ ангезаи манфӣ аст, ки ба тамоми падидаҳои ваҳдат хатар эҷод мекунад. Томас Гоббс эҳсосоти ваҳдати умумӣ миёни одамонро танҳо дар ҳолати ҳимояи давлат имконпазир медонад ва муносибати давлатмеҳварро дар ин падида муҳим мешуморад.

Иродаи ҷамъии халқ барои таъсиси давлат муҳим арзёбӣ мегардад. Он кишваре, ки дар асоси ин ирода таъсис меёбад, аз роҳкорҳои таъсиррасон истифода намуда, мардумро барои арзишгузорӣ ва эҳтироми муносибатҳои иттиҳодмеҳвар гирди ҳам меоварад, ки ин барои расидан ба ҳадафҳои умумии инкишоф мусоидат менамояд. Дар ҳолатҳои баръакс бошад, одамон барои пойдории муносиботи ваҳдатгароёна иқдом намекунанд, зеро дар ниҳоди инсон табиатан майлҳои рақобат бо дигарон, нобоварӣ ва шуҳратталабӣ ҷой доранд. Қабл аз он ки мафҳумҳои «адолат» ва «беадолатӣ» дар ҷомеа мавҷуд бошанд, зарур аст, ки ягон хел неруи маҷбурсозанда бо таҳдиди муҷозот одамонро ба таври баробар баҳри анҷоми уҳдадорияшон маҷбур созад. Чунин қудрат танҳо бо таъсис додани давлат метавонад арзи ҳастӣ дошта бошад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлил ва хулосаҳои дар боло зикргардида метавон сиришт ва принсипҳои устувории ваҳдати иҷтимоиро дар ҷомеа гуногун шарҳу тафсир кард. Дар умум, метавон гуфт, ки падидаи ваҳдат, истифодаи нисбатан густурдаи илмӣ истилоҳи он дар хотимаи асри XIX ва оғози садаи XX шуруъ шуд, ҳамчун фишанги муҳими ба иттиҳоду ҳамдилӣ овардани мардум дар ҳама гуна ҷомеаҳо ва сохтори давлат, новобаста аз шакли давлатдорӣ хизмат мекунад.

Дар охири асри XIX дар кишвари нисбатан пешрафтаи Фаронса ваҳдат аз маҳбубияти хосса бархӯрдор гардида, ба сифати идеологияи давлатӣ пазируфта шуд. Ақида ва арзишҳои дар асоси ин идеология зуҳурнамуда хеле содда ва муқаррарӣ буданд ва вазифаи тақвияти алоқаву таҳкими муносибатҳои дастаҷамъии иҷтимоиро дар бар мегирифтанд. Дар ин марҳила қудрати ҷомеа ба боло рафтани ҷараёнҳои ба ваҳдат ҳидояткунанда нисбат ба тамоюлҳои хилофи он вобаста дониста шуданд.

Адабиёт

1. Гоббс, Т. Избранные произведения / Т. Гоббс. — М. : Мысль, 1964. — 583 с.
2. Гобозова, И. А. Социальная философия / под ред. И. А. Гобозовой. — М. : Савин С. А., 2003. — 352 с.
3. Дробижева, Л. М. Социальное неравенство этнических групп: представления и реальность / авт. проекта и отв. ред. Л. М. Дробижева. — М. : Academia, 2002. — 480 с.
4. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. — Душанбе : Дониш, 2007. — 376 с.
5. Назриева, О. Ш. Назаре ба фалсафаи ваҳдат: заминаҳо ва таҳкими он [Электронный ресурс] / О. Ш. Назриева. — Режим доступа: https://mts.tj/nazare-ba-falsafai-va%D2%B3dat-zamina%D2%B3o-va-ta%D2%B3kimi-on/ (дата обращения: 11.12.2024).
6. Мердок, Дж. Социальная структура / Дж. Мердок. — М. : ОГИ, 2003. — 608 с.
7. Платон. Государство // Антология мировой политической мысли : в 5 т. Т. 1. — М. : Мысль, 1977. — С. 400.
8. Руссо, Ж.-Ж. Об общественном договоре / Ж.-Ж. Руссо. — М. : Наука, 1967. — 212 с.
9. Фараби, А. Трактат о взглядах жителей добродетельного города / А. Фараби. — Алма-Ата : Наука КазССР, 1970. — 237 с.
10. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. — Душанбе, 2018. — 640 с.
11. Халдун, Ибн. Мукаддима (ба забони форсӣ) / Ибн Халдун. — Теҳрон, 1385 ҳ.ш. — 338 с.
12. Эллиас, Н. Общество индивидов / Н. Эллиас. — М. : Праксис, 2001. — 256 с.

ВАҲДАТ ВА АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ОН

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ-методологии мафҳуми “ваҳдат” ва категорияҳои мансуб ба он, ки дар фалсафаи сиёсӣ хеле кам мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд, таҳлил карда шудааст. Муаллиф зимни ворид шудан ба мавзуъ моҳияту мафҳуми “ваҳдат”-ро чун падидаи иҷтимоӣ аз ҳар ҷиҳат шарҳ дода, дар идома ба ташаккул ва густариши он дар афкори сиёсӣ-фалсафии бузургтарин файласуфон ва назарияпардозони олами сиёсат таваҷҷуҳ кардааст.

Дар мақола муаллиф бо пайванд додани падидаи “ваҳдат” ба зарурати бақои инсон нақш ва аҳаммияти ин падидаро мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор додааст. Ҷӯстори унсури аввалияи шаклгирии ваҳдат аз ҷамоаи ибтидоӣ ва минбаъд дар пайдоиши аввалин давлатҳо, инчунин таҳлилу тадқиқи назарияҳои маъруф дар фалсафаи сиёсӣ арзиши илмии мақоларо боло мебаранд.

Калидвожаҳо: ваҳдат, ваҳдати миллӣ, ваҳдати вуҷуд, ваҳдати иҷтимоӣ, давлат, сиёсат, адолат, сулҳ, субот, ҳамзистӣ, озодӣ, тамаддун.

ЕДИНСТВО И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЕЕ ИЗУЧЕНИЯ

В статье анализируются теоретико-методологические основы понятия “единство” и его категории, которые редко изучаются в политической философии. Вступая в тему, автор разъяснил сущность и понятие “единства” как социального явления со всех сторон, а также продолжил уделять внимание его формированию и расширению в политико-философской мысли величайших философов и теоретиков мира политика. В статье автор связал феномен “единства” с необходимостью выживания человечества и проанализировал роль и значение этого явления. Поиск первоэлемента формирования единства от первоначальной общности и в дальнейшем при возникновении первых государств, а также анализ и исследование известных теорий политической философии повышают научную ценность статьи.

Ключевые слова: единство, национальное единство, единство существования, социальное единство, государство, политика, справедливость, мир, стабильность, сосуществование, свобода, цивилизация.

UNITY AND STRUCTURAL-METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF ITS STUDY

In this article, the of the concept of “unity” and its related categories are examined, as these categories have rarely been studied in philosophy. The author explicates the essence and concept of

“unity” as a social phenomenon from every angle, and continues to pay attention to its formation and expansion in the political-philosophical thoughts of the greatest philosophers and theoreticians of the world of politics. The article's central theme is the interconnection between the concept of “unity” and human survival, a notion that the author has thoroughly examined. The article's scientific value is further enhanced by its examination of the initial formation of unity within primitive communities and the subsequent evolution of states, as well as its analysis of prominent theories in political philosophy.

Keywords: unity, national unity, unity of existence, social unity, state, politics, justice, peace, stability, coexistence, freedom, civilization.

Дар бораи муаллиф
Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна
Номзади илмҳои филология, унвонҷӯ (докторант)-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 934 80 15 03
E-mail: rudobaimukarram@mail.ru

Об авторе
Мустаджобова Рудоба Мукаррамшоевна
Кандидат филологических наук, соискатель (докторант) кафедры политических процессов в Таджикистане
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17
Тел.: (+992) 934 80 15 03
E-mail: rudobaimukarram@mail.ru

About the author
Mustajobova Rudoba Mukarramshoevna
Candidate Of Philological Sciences, an applicant (doctoral) of the department of political processes in Tajikistan
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17
Тел.: (+992) 934 80 15 03
E-mail: rudobaimukarram@mail.ru

ТДУ 316.346.32-053.6:1

МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА ФАЛСАФИИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ГУРӮҲИ МАХСУСИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Саидова Н. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Таҳлили равишҳои мавҷуда оид ба мафҳумҳои "ҷавонон" ва "иҷтимоишавӣ" ягонагии асосии ин мафҳумҳоро ошкор карда, як қатор тадқиқотҳоро дар бораи табиати падидаи "иҷтимоишавии ҷавонон" навсозӣ кардааст. Ин мушкилот бо шароити имрӯзаи инсоният алоқаманд аст ва бо бисёр масъалаҳои мушкили марбут ба ҷаҳонишавии фаъолияти инсонӣ тавъам мебошад. Дар ин бора таҳқиқоти як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ шаҳодат медиҳанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши тағйиротҳое, ки дар ҳаёти шахс ва ҷомеа рух медиҳанд, В. И. Стрелченко ба хулосаҳои зерин меояд: "Фарқияти ҷомеаи саноатӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ (постиндустриалӣ) на ба меҳнати ҷисмонӣ, балки ба меҳнати ақлӣ асос ёфтааст. Ҳамаи манфиатҳои ҳаётии ҷомеаи иттилоотӣ ба вазифаҳои такмили намудҳои фаъолият, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маҳсулоти меҳнати зеҳнӣ комилан мувофиқат мекунанд" [10, с. 391].

Илова бар ин, дар бисёр соҳаҳои ҳаёти инсон тағйироти амиқи принсипиалӣ ба амал омадаанд, ки мушкилоти комилан нави фалсафиро ба вуҷуд овардаанд. Масалан, зарурати таҳияи назарияе ба миён меояд, ки тағйироти ба амаломадаро, динамикаи рушди ҷаҳони муосирро ба назар гирифта, дар айни замон ба асосҳои бунёдии фарҳангии гузашта такя мекунад.

Вазъият дар соҳаи таҳқиқи мушкилоти ҷавонон нишон медиҳад, ки назари ҳамаҷониба ба ҷавонон дар адабиёти муосири фалсафӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст, ҷанбаҳои муайян таҳия нашудаанд ва равишҳои самараноки ин мавзӯъ асоснок карда нашудаанд. Дар айни замон таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки "ҷавонон" мафҳуме мебошанд, ки решаҳои таърихии худро доранд. Дар замонҳои гуногун ин мафҳум вобаста ба шароити объективии рушди ҷомеа ва давлат, ки дар марҳилаи муайяни таърихӣ қарор доштанд, инчунин вобаста ба асосноккунии давомнокии ҳаёти шахс ва марҳилаи барои иҷтимоишавии ӯ зарурӣ, шарҳ дода шудааст.

Таваҷҷуҳи афзояндаи илми муосир ба мушкилоти ҷавонон бо он вобаста аст, ки ҷавонон гурӯҳи зарурӣ барои фаъолияти муътадили ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Насли ҷавон ба системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид мегардад ва барои такрори шароити моддии зиндагӣ ва таҷрибаи наслҳои қаблӣ пешбинӣ шудааст. Шароити мавҷуда дар ин марҳила ба ҷавонон тарзи муайяни рушдро муайян мекунад. Бо ин роҳ идомаи таҷрибаи таърихӣ, анъанаҳо ва арзишҳо таъмин мегардад.

Вале дар ҷараёни шомилшавӣ ба сохторҳои иҷтимоӣ, ҷавонон шаклҳои меросии фаъолиятро такрор карда, кӯшиш мекунанд онҳоро ба шароити тағйирёбандаи зиндагӣ мутобиқ созанд ва бо ин роҳ худ низ тағйир ёбанд. Дар ҷараёни татбиқи раванди дуҷонибаи рушди ҷомеа ва ҷавонон, ҷавонон ҳамчун гурӯҳи синнусолӣ инкишоф меёбанд ва ҷомеа бошад, тавассути татбиқи иқтидори инноватсионии онҳо, тағйир меёбад ва сифатҳои нав ба даст меорад [12, с. 26].

Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳама соҳаҳо нақши насли ҷавонро дар бунёди ҷомеаи муосир ҳамчун қувваи ҳавасмандкунанда ва арзиши бузург мешуморанд. Вай ҳамеша қобилият ва эҷодкории ҷавононро тасдиқ ва дастгирӣ мекунад. Раҳбари давлат ба ҷавонон эътимод дошта, онҳоро ба ояндаи дурахшон ва ҳадафҳои муваффақи давлатдории миллӣ даъват менамояд. Ҳар дафъа дар суханрониҳояш қайд мекунад, ки рушди миллат ва шукуфоии кишвар дар дасти ҷавонон аст: ҷавонон имрӯз ва фардои давлати миллии мо мебошанд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идҳои давлатӣ», ҳар сол 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон таҷлил мегардад. Таваҷҷуҳи сарвари давлат ба насли ҷавон рӯз ба рӯз меафзояд ва масъулияти ояндаи миллату давлат ба дӯши онҳо вогузор шудааст. Соли 2017 ҳамчун Соли ҷавонон эълон гардид, ки он ба афзоиши дастовардҳои ҷавонон дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ мусоидат намуд. Ин бори дигар аз таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин, яке аз масъалаҳои мубрам донистани забонҳои хориҷӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарини донишҷӯёну наврасон вобаста ба талаботи замони муосир ба шумор меравад. Президенти кишвар низ ҳамеша дар паёмҳои худ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён, наврасон ва ҳатто кормандони давлатӣ таъкид мекунанд ва донистани се забонро зарурӣ мешуморанд. Дар мақолаи илмии Раҳимов М. С., ки дар "Паём"-и ДМТ чоп шудааст, доир ба масъалаи забономӯзии донишҷӯён чунин андеша баён шудааст: "Айни замон на танҳо донистани хуби забони хориҷӣ лозим аст, балки инчунин омӯзиши таърих, фарҳанг ва тарзи зиндагии соҳибони забон низ зарур мебошад. Омӯзандаи забон бояд аз қолибҳои анъанавии забономӯзӣ берун баромада, вобаста ба вазъият амал намояд, эҷодкору созанда ва дорои қобилияти махсуси муошират бошад. Омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо ба донистани забон, балки ба ташаккули дигар сифатҳои шахсӣ — ҷаҳонбинӣ, тафаккури илмӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва тарзи муошират низ мусоидат мекунад. Забони хориҷӣ дар ташаккули қобилияти созандаи донишҷӯён нақши бузург мебозад, зеро он аз донишҷӯён хотираи қавӣ, қобилияти такрорнамоӣ ва ҷаҳонбинии васеъро талаб мекунад" [9, с. 286–292].

Инчунин, нақши технологияҳои иттилоотӣ ва шабакавӣ дар ҳаёти ҷавонони имрӯза хеле калон аст. Аммо ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам ҷанбаҳои манфии истифодаи он вуҷуд доранд. Сомонаҳое, ки барои волидон ва кӯдакон бо сабтҳои афсонавӣ, бозиҳои онлайнӣ, китобҳои интерактивӣ, дарсҳои рассомӣ, омӯзиши забони англисӣ ва ғайра таҳия шудаанд, вуҷуд доранд. Аксар вақт наврасон ва ҷавононе, ки ҳанӯз аз раванди иҷтимоишавӣ мегузаранд, ба таъсири манфии Интернет дучор мешаванд. Ба ҷойи он ки ба институтҳои иҷтимоӣ фаъолона ҳамроҳ шаванд, як қисми онҳо ба "воқеияти виртуалӣ" ғарқ мешаванд. Аз ин рӯ, дар омӯзиши таъсири иҷтимоии Интернет бояд аз ҳукмҳои қатъӣ ва равишҳои яктарафа канорагирӣ кард. Интернет дар сохтори истироҳати ҷавонони муосир ҷойгоҳи намоён дорад. Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни рафтори шабакавии ҷавонон барои муайян кардани хатари эҳтимолии Интернет барои насли ҷавони ҷомеа муҳим мебошад [11, с. 55].

Рушди мафҳуми "ҷавонон" ҳамчун категорияи илмӣ аз ҷудо кардани ҷанбаҳои маънии он дар консепсияҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи шахс то эҷоди назарияҳои мустақили синни ҷавонӣ сурат гирифтааст. Мафҳуми "ҷавонон" аз рӯйи меъёрҳои таърихи ҷаҳонӣ нисбатан нав аст ва ҳамчун истилоҳи ба гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ татбиқшаванда дар Аврупо дар асри XVIII ва дар Русия — дар марзи асрҳои XIX–XX пайдо шудааст [8, с. 18].

Ғайр аз соҳаҳое, ки дар боло зикр шуданд, тарбия ва ҳисси ватандӯстӣ низ яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ҳаёти ҷавонон мебошад. Танҳо бо дӯст доштани Ватан ҷавонон метавонанд ояндаи миллат бошанд. Чунончи, дар мақолаи устод Ашуров И. Ҷ. оид ба ҳамин мавзуъ чунин иброз шудааст: "Дар шароити афзудани таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон масъалаи мубрами ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, дар Паёми имсолаи худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба масъалаҳои ҷавонон ва ватандӯстии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд".

"Ватандӯстии ҷавонон, пеш аз ҳама, дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи Ватан бо сухан ва амал ифода меёбад. Аксарияти мусоҳибони ҷавон қайд мекунанд, ки ҳангоми дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шудани навиштаҳо ва ё видеороликҳои зидди Тоҷикистон, онҳо шарҳи худро навишта, аз кишвар ҳимоят мекунанд. Ин посухҳои мусоҳибон шаҳодати равшани сатҳи баланди ҳисси ватандӯстии донишҷӯён мебошад. Дар тарбияи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ, омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон саҳми назаррас доранд". Албатта, мо — омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон — вазифадорем, ки ҳисси ватандӯстиро дар қалби донишҷӯён бедор намоем, зеро ҷавонон ояндаи миллату давлат мебошанд ва пешрафту шукуфоии он низ аз онҳо вобаста аст [1, с. 75–77].

То охири асри XIX мушкилоти ҷавонон ба таври ғайримустақим, тавассути масъалаҳои рушди шахс, тарбияи шаҳрванд ва шаклгирии шахсият дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дошт, ки шакли илмии он дар фалсафа, педагогика ва психологияи давраи Эҳё, замони Нав ва фалсафаи Ғарби асрҳои XVII–XVIII инъикос ёфтааст (Ҷ. Локк, Дистервег, Я. А. Коменский ва ғ.). Дар адабиёти муосир ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ шинохта мешаванд, ки дар асоси

маҷмуи хусусиятҳои синнусолӣ, иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ, ки аз сохти ҷамъиятӣ, фарҳанг, қонунгузорӣ ва тарбияи ҷомеа вобаста аст, муайян карда мешаванд.

Баъзан ин гурӯҳ ба наврасон (наврасон, ҷавонон ва духтарон) ва ҷавонони калонсол ҷудо мешаванд. Синни поёнии онҳо, одатан, аз рӯйи параметрҳои биологӣ ва равонӣ муайян карда мешавад: балоғат, рушди ҷисмонӣ, ташаккули рӯҳияи устувор ва гузариш аз худмуайянкунии берунӣ ба худшиносии шахсӣ. Синни болоӣ бо оғози калонсолӣ муайян мегардад. Дар ҳамин марҳила (27–28 солагӣ), ҳадафҳои маънавӣ ва системаи арзишҳо ташаккул меёбанд. Ба назари Созмони Милали Муттаҳид, синни ҷавонон дар фосилаи аз 15 то 24 сол муайян шудааст. Ин хулоса дар конфронси Генералии 15-уми ЮНЕСКО дар соли 1968 пазируфта шуда буд, ки дар он гузориши асосӣ оид ба ҷавонон пешниҳод гардид ва назари умумии ҷавононро дар бар гирифт.

Санадҳои минбаъдаи СММ ба таври ғайримустақим синни поёнии ҷавононро тасдиқ карданд. Масалан, Конвенсияи № 138 "Дар бораи синни ҳадди ақал барои ба кор қабул кардан", ки 26.06.1973 дар Женева дар конфронси 58-уми Генералии СММ қабул шудааст, синни ҳадди ақалро барои кор 15 сол муқаррар кардааст. Тибқи ҳамин конвенсия, кишварҳое, ки иқтисодиёт ва низоми маорифашон ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтааст, метавонанд синни ҳадди ақалро то 14 сол муайян кунанд.

Дар Русия, тибқи моддаи 60 Конститутсияи Федератсияи Русия, шаҳрванди он метавонад аз синни 18-солагӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро мустақилона амалӣ намояд. Маҳз ҳамин синну сол ҳамчун синни балоғат қабул шудааст. Дар оғози солҳои 90-уми асри XX мафҳуми "ҷавononи Русия" ба синни аз 15 то 30 сол муқаррар гардида буд. Гумон меравад, ки дар ҳамин фосила ҷавонон дорои потенсиали ҳавасмандкунанда ва рафтори мувофиқ ба системаи иҷтимоӣ мегарданд. Бо вуҷуди ин, як қатор олимон бар он назаранд, ки имрӯз марзи байни ҷавонон ва калонсолон то ҳадде норавшан шудааст. Онҳо хулоса мебаранд, ки синни поёнии ва болоии ҷавонон хосияти ҳаракаткунанда дошта, аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, шароити сиёсӣ, хусусиятҳои этникӣ, анъанаҳои миллӣ ва навъи таърихии ҷомеа вобаста аст [4, с. 122].

Дар давраи рушди босифат — «камолот» — сохторҳои равонӣ, маънавӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва арзишмандии ҷаҳонбинӣ ташаккул меёбанд, равандҳои иҷтимоикунонии нақш ва ташаккули иқтидори эҷодии шахс амалӣ карда мешаванд. Дар ин замина, на танҳо иҷтимоикунонии шахс, балки фардикунонии ҷавон, худшиносии ӯ ҳамчун шахси комил, субъекти иҷтимоие, ки дар қабули қарорҳо мустақил ва масъулияти иҷтимоӣ дорад, сурат мегирад. Дар ин ҷо бояд ба назар гирифт, ки ин ҳама дар сатҳи инфиродӣ ва шахсӣ ба амал меояд, аммо ҷомеа ба ин раванд тавассути институтҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла системаи маориф ва тарбия, таъсир мерасонад.

Марҳилаи «камолот» ё «ба камол расидан»-и ҷавонон махсусан дар ҷомеаи муосири Русия мураккаб аст, зеро дар ин давра гузариш аз модели иҷтимоию фарҳангии ташаккули шахсияти анъанавӣ ба модели мувофиқ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ба амал меояд. Барои шахсияти навъи аввал, ки дар он арзишҳои анъанавӣ бар арзишҳои инфиродӣ бартарӣ доранд, озодии интихоби шахсӣ маҳдуд ва сатҳи масъулият паст аст.

Ҳудуди синну соли давраи «ҷавонӣ» хеле тағйирёбанда аст ва асосан вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, ҳудудҳои поёнӣ ва болоии синни ҷавонон гуногун муайян мешаванд ва худи давра метавонад давомнокии мухталиф дошта бошад. Сарҳади поёнӣ, одатан, бо параметрҳои биопсихологӣ муайян карда мешавад: балоғат, рушди ҷисмонӣ, устувории равонӣ ва гузариш ба худшиносии шахсӣ. Сарҳади болоӣ ба оғози «калонсолӣ» —и иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки бо ҳуқуқи озодии интихоб, қабули қарорҳои мустақил ва масъулияти комил барои он қарорҳо тавсиф мешавад.

Аммо, қобилияти пурраи шаҳрвандӣ дар ҷавон одатан дар синни 21-солагӣ ба вуҷуд меояд, вақте ки шахс на танҳо ҳуқуқи интихоб, балки ҳуқуқи интихоб шуданро низ соҳиб мешавад. Аз ин рӯ, дар соҳаи ҳуқуқӣ мафҳуми «ҷавонон» ба гурӯҳи синнусолии аз 14 то 21-сола татбиқ мешавад. Баъд аз ин марҳила, ҷавон ҳамчун шахси калонсол шинохта мешавад ва барои ҳама амалаш масъулияти пурра дорад. Аз дидгоҳи равонӣ, муайян кардани давраи ҷавонӣ ба муносибати марҳилавӣ асос ёфтааст, ки дар он ҳар як марҳилаи ҳаёти шахс аз рӯйи хусусият ва нуқтаҳои муҳим ҷудо карда мешавад [13, с. 129–141].

Ғайр аз ин, равишҳои гуногуни методологӣ мавҷуданд, ки аз ҷониби илмҳои мухталиф истифода мешаванд. Масалан, олимони пешбари соҳаи сотсиологияи ҷавонон беш аз даҳ равиши маъмулро барои муайян кардани мафҳумҳои «ҷавонон» ва «ҷавонӣ» ҷудо мекунанд. Ба онҳо равишҳои психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, нақшӣ, субфарҳангӣ, конфликтологӣ, стратификатсионӣ, субъективӣ, иҷтимоӣ, интераксионистӣ ва дигарон дохил мешаванд [2, с. 19].

Равишҳои нақшӣ ва низоъшиносӣ ҷавониро ҳамчун марҳилаи махсуси ҳаёт дар ҳаёти шахс шинохта, онро пур аз стресс, муноқиша ва таҳаввулоти равонӣ мешуморанд. Равиши субфарҳангӣ ҷавононро ҳамчун гурӯҳе бо тарзи ҳаёти хоси худ, меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангии алоҳида мешиносад. Назари Т. Парсонс ба ин масъала заминаи назарии ин равишро ташкил медиҳад.

Яке аз аввалин олимоне, ки мафҳуми «ҷавонон»-ро муайян кард, В. Т. Лисовский буд. Ӯ чунин мегӯяд: «Ҷавонон — наслест, ки марҳилаи иҷтимоишавиро аз сар мегузаронад ва вазифаҳои таълимӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва дигар вазифаҳои иҷтимоиро омӯхта, ба синни баркамол мерасад». Ба ақидаи ӯ, вобаста ба шароити таърихӣ, синни ҷавонон метавонад аз 16 то 30-сола фаро гирад [6, с. 19].

Раванди иҷтимоишавии ҷавонон ҳамчун омили муҳими ташаккулдиҳандаи шахсият шинохта мешавад, зеро он қариб тамоми соҳаҳои рушди шахсро фаро мегирад. Ҳамзамон, муносибати ҷомеаи муосир ба ҷавонон дучанд аст: аз як тараф, ҳуқуқу имкониятҳо маҳдуданд, аз тарафи дигар, шароити махсуси рушди иҷтимоӣ фароҳам оварда мешавад. Ҷамъият ба ҷавонон шароити муайяне фароҳам меорад, ки метавонад масъулият ва ғамхории иҷтимоиро аз онҳо бардорад.

Дар чунин ҳолат, ҷавонон ҳамчун зергурӯҳи махсуси синнусолӣ шинохта мешаванд, ки дар доираи синну соли муайян имкони ташаккули иҷтимоӣ доранд, вале дар фаъолияти пурраи иҷтимоӣ иштирокашон маҳдуд аст. Дар давраи шуравӣ, масалан, низомнома дар бораи мутахассиси ҷавон вуҷуд дошт, ки масъулияти кам ва имконияти маҳдуди касбӣ пешбинӣ мекард.

Асоси методологии равишҳои сотсиологӣ, ки тасаввуроти марксистиро рад мекунанд, ба консепсияи К. Манхайм такя мекунанд. Дар асараш "Ташхиси замони мо" ӯ нишон медиҳад, ки ҳар як насл фазои таърихӣ-фарҳангии худро дорад. Таҷрибаи наслҳои гуногун ба сабаби шароити иҷтимоии тағйирёбанда фарқ мекунад.

К. Манхайм ба мушкилоти муайян кардани нақши иҷтимоии ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ҷавонон як захираи пинҳонии иҷтимоӣ мебошанд, ки истифодаи онҳо аз сохтори ҷомеа вобаста аст. Ба ақидаи ӯ, ҷавонон на пешрафта ва на консервативӣ ҳастанд — онҳо захираи эҳтимолии рушди ҷомеа мебошанд [7, с. 68]. Муҳаққиқон бар онанд, ки "вақти он расидааст, ки ҷавононро ҳамчун арзишмандтарин марҳилаи ҳаёти инсон барои ҷомеаи тағйирёбанда шиносем" [5, с. 7].

Хулоса, ҷавонон як гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ мебошанд, ки дар асоси нишонаҳои муштарак (синну сол, ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, ормонҳо, рафтор ва ғайра) ҷудо мешаванд ва дар муносибатҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекунанд. Барои дарки моҳияти онҳо, бояд:

1. Равишҳои гуногуни методологиро ба назар гирифт;
2. Омӯзиши таърифҳо аз дидгоҳи фанҳои гуногуни илмӣ сурат гирад;
3. Таърифҳо ба мушкилоти таҳлили байнисоҳавӣ равона шаванд.

Ҷавонон як падидаи воқеии иҷтимоӣ мебошанд, ки бе дарки ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунанд, омӯхта намешаванд. Пешгӯии ояндаи ҷомеа бидуни дарки ҷавонон, мушкилот ва ихтилофоти онҳо ғайриимкон аст. Мушкилоти марбут ба ҷавонон бояд дар заминаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ таҳқиқ карда шаванд.

Адабиёт

1. Ашуров И. Ҷ. Омӯзиши сатҳи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон (дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) //

Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Сер. фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – С. 75–77. – 300 с.
2. Вишневский Ю. Р., Ковалева А. И., Луков В. А., Ручкин Б. А., Шапко В. Т. Практикум по социологии молодежи. – М.: Социум, 2000. – 296 с.
3. Ильинский И. М. Молодежь и молодежная политика: философия, история, теория. – М.: Голос, 2001. – 696 с.
4. Ильинский И. М. Молодежь и молодежная политика. – М.: Голос, 2001. – 692 с.
5. Ильинский И. О молодежной политике российского политического центризма. – М.: Институт молодежи, 1999. – 18 с.
6. Лисовский В. Т. Методология и методика изучения идеалов и жизненных планов молодежи: автореф. дис. ... канд. филос. наук. – Л., 1968. – 19 с.
7. Манхейм К. Диагноз нашего времени. – М.: Республика, 1994. – 286 с.
8. Петрова И. С. Становление молодежной протестантской субкультуры в России. – Н. Новгород, 1998. – 58 с.
9. Раҳимов М. С. Масъалаи ташаккули тафаккури эҷодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Сер. фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – С. 286–292. – 300 с.
10. Стрельченко В. И. Философия человека: образование и глобализация // Человек в современном мире: материалы Всерос. конф. «Философия человека. Современная культура. Общественные коммуникации». – СПб.: Изд-во РХГИ, 2004. – 472 с.
11. Андреева А. А., Габдулина Г. К. Досуг как фактор социализации современной молодежи // Секция 24. Социология молодёжи: материалы науч. конф. – Саратов, 2005. – 5560 с.
12. Чупров В. Трансформация молодежи // Портфель бизнес-класса. – 2007. – Апрель–май. – С. 26. – 112 с.
13. Эльконин Д. Б. К проблеме контроля возрастной динамики психического развития детей // О диагностике психического развития личности. – Таллинн, 1974. – 208 с.

МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА ФАЛСАФИИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ГУРӮҲИ МАХСУСИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақола ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ-демографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки дорои хусусиятҳои мушаххаси ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, рафтор ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Муносибати мутақобилаи равандҳои иҷтимоикунонӣ ва фардикунонии ҷавонон, нақши муассисаҳои маориф, фарҳанг, оила ва муҳити рақамӣ дар ташаккули шахсият таҳлил шудааст. Дар асоси равишҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва фарҳангшиносӣ мафҳумҳои «ҷавонон» ва «ҷавонӣ» баррасӣ гардидаанд. Таъкид мешавад, ки ҷавонон таҷассуми зиддиятҳои дохилии ҷомеа ва имконияти рушди он мебошанд. Мушкилоти худшиносӣ ва масъулияти иҷтимоии ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ зикр шудааст. Мақола барои муҳаққиқон, устодон ва мутахассисони соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсати ҷавонон муфид мебошад.

Калидвожаҳо: ҷавонон, сиёсат, иҷтимоишавӣ, иҷтимоӣ, мусоидат, институт, муносибат, ҷомеа, тарбия, рушд, иштирок, сохтор, методология.

СОЦИАЛЬНАЯ И ФИЛОСОФСКАЯ СУЩНОСТЬ МОЛОДЕЖИ КАК ОСОБОЙ ДЕМОГРАФИЧЕСКОЙ ГРУППЫ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В статье рассматривается молодежь как особая социально-демографическая группа, обладающая специфическими характеристиками, отражающимися в мировоззрении, ценностях, поведении и общественной активности. Раскрывается взаимосвязь между процессами социализации и индивидуализации в юношеском возрасте, а также роль институтов образования, культуры, семьи и цифровой среды в формировании личности. Проанализированы подходы к

определению понятий «молодежь» и «юность» с позиций философии, социологии и культурологии. Особое внимание уделено идее диалектического понимания молодежи как части общества, отражающей его противоречия и перспективы. Выявлены трудности самоидентификации и социальной ответственности молодежи в условиях глобализации. Работа может быть полезна для исследователей, преподавателей и специалистов в области социальной философии и молодежной политики.

Ключевые слова: Молодёжь, политика, социализация, социальный, содействия, институт, отношение, общества, воспитание, развитие, участие, структура, методология.

THE SOCIAL AND PHILOSOPHICAL ESSENCE OF YOUTH AS A DISTINCT DEMOGRAPHIC GROUP IN THE CONTEXT OF MODERN SOCIETY

The article examines youth as a distinct socio-demographic group characterized by specific worldview, values, behaviors, and social engagement. It explores the interrelation between the processes of socialization and individualization during adolescence and analyzes the role of institutions such as education, culture, family, and digital media in shaping youth identity. Definitions of “youth” and “adolescence” are considered from philosophical, sociological, and cultural perspectives. The paper emphasizes a dialectical view of youth as both a reflection and a transformation potential of society. Challenges related to self-identification and social responsibility of youth in the context of globalization are discussed. This study is relevant for researchers, educators, and specialists in social philosophy and youth policy.

Keywords: Youth, politics, socialization, social, assistance, institution, attitude, society, education, development, participation, structure, methodology.

Дар бораи муаллиф
Саидова Нигора Неъматуллоевна
Унвонҷӯйи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E mail: niagarasaidova@gmail.com

Об авторе
Саидова Нигора Неъматуллоевна
соискатель кафедры философии и культуралогии,
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
E mail: niagarasaidova@gmail.com

About the outhor
Saidova Nigora Nematulloevna
applicant of the Department of Philosophy and Culturelogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E mail: niagarasaidova@gmail.com

ТДУ 17.022.1+930.23(55)"03/07"

ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ АЗ МАСОИЛИ АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ ХАТТИИ АҲДИ СОСОНИЁН

Каримов Қ.С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Илми ахлоқ - аз шохаи асосии фалсафаи амалӣ мебошад. Ин мафҳум зери унвони «этика» бори аввал аз ҷониби Арасту истифода бурда шуда, ба илм ворид гардид. Он ҳамчун илм маҷмуи меъёрҳои майли тарбиявидошта, рафтору кирдор, аъмолу афкори инсонро дар ҷомеа мавриди омӯзиш мегузорад. Яъне «Ахлоқ ҷамъи хулқ ва хулуқ аст ва бештар ба сурати ҷамъ ба кор меравад, муодили форсии он хӯй ва дар луғати араб ба маънои одат, табиат, саҷҷия, дин, мурувват меояд ва дар истилоҳи ҳакимон «иборат аз малакаест, ки ба воситаи он феъл аз нафс ба осонӣ ва бидуни бакор бурдани андеша содир мешавад» [11, с. 11]. Мувофиқ ба фаҳмиш ва тавзеҳоти донишманди форсу тоҷик Қутбиддини Шерозӣ “Асли калимаи “ахлоқ” аз “хулқ” аст. Ва бидон, ки ҳамчунон ки халқ сурати зоҳир аст хулқ сурати ботин аст” [12, с. 22].

Файласуфи муосири тоҷик Ш.П.Бердиев, ки дар корҳои тадқиқотии худ бевосита ҷанбаҳои гуногуни ахлоқи зардуштияро таҳлилу баррасӣ намудааст, ишора мешавад, ки ахлоқ калимаи арабӣ буда, маънояш сиришт, рафтор, одоб ва муносибат мебошад. Илмест, ки муродифи он калимаи этика маҳсуб меёбад. Аз ҷиҳати луғавӣ бошад, ҷамъи хулқро ифода мекунад ва хулқ - меъёри амалӣ сохтани унсурҳои асосии илми ахлоқ аст. Хулқ ба василаи неруҳои зоҳирӣ ва ботинии инсон ифодакунандаи сифатҳои нек аст...» [4, с. 4].

Бояд қайд кард, ки то давраи салтанати Сосониён осори хаттии пуразриш, ки масъалаи меҳварии онро ахлоқ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ ташкил медод китоби “Авесто” ба ҳисоб мерафт. Махсусан, ахлоқи зардуштия, ки дар пояи се рукни асосӣ: рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ташаккул ёфтааст, дар он марҳилаи низоми ҷомеадорӣ аз меъёрҳои муҳимми танзимкунандаи рафтору кирдори одамон ба ҳисоб мерафтанд. Зеро, Зардушт ба ҳаммаслакон ва пайравони худ таъкид дошта буд, ки “Он чиро, ки аз ман мешунавед, бо хираду дурусту маниши поку равшани хеш бисанҷеду арзёбӣ кунед ва он гоҳ бипазиред”.[4, с. 38].

Баъдан “Авесто” ҳамчун ганҷинаи ноёби ахлоқӣ ба сифати мероси фарҳангӣ, куҳантарин навиштори эрониён ба насли баъдии мардуми ориёӣ муаррифӣ гардида, ба сифати дастурамали арзишманди ахлоқӣ заминае барои рушди ахлоқ ва арзёбии масоили ахлоқӣ хизмат намуд. Ё худ китоби “Авесто” ба маълумоти саҳеҳи муҳаққиқон “аз замоне дар ҳудуди нимаи ҳазораи дувуми пеш аз милод ба баъд падид омад ва дар тӯли садаҳои мутаволӣ аз насле ба насли дигар расид, то саранҷом дар рӯзгори Сосониён, он чӣ аз он бар ҷо монда буд, ба хате ба номи диндабира ба нигориш дар омад ва шакле муназзаму мудавван ёфт”[1, с. 9].

Ҷавҳари ахлоқӣ доштани таълимоти зардуштия ва китоби муқаддаси “Авесто”-ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо далелҳои воқеӣ ва тамоили амалидошта асоснок карда, барҳақ навишта буданд, ки “Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст” [9, с. 70].

Воқеан, ахлоқ дар аҳди қадим, бавижа дар таълимоти ниёкони мо ба маънои илм дар бораи некӣ (хайр) фаҳмида мешуд. Он ба одамон кумак мекард, ки дар зиндагӣ сабур ва парҳезкор бошанд ва ҳамеша аз паси иҷрои амалҳои нек, такмил додани андеша, андӯхтани донишу гирифтани таҷриба, беҳтар кардани шароити зиндагии худ бошанд. Чунки таълим, тарбияи маънавӣ нуктаи олитарин дар ахлоқи зардуштия ба ҳисоб мерафт ва татбиқи ин равандро Зардушт василаи асосии ташаккули маърифат, такмили дониш, худогоҳӣ ва дарки маънии мафҳум ҳаёт мешуморад. Ба монандӣ: “Агар ту писар дошта бошӣ, ба мактаб деҳ, зеро таълим рӯшании чашм аст” [5, с. 33-34].

Ниҳоят, консепсияи ахлоқии тамаддуни ориёӣ ба тариқи низомнок муайян гардида, дар шакли “рафтори нек”, “гуфтори нек” ва “пиндори нек” то ҳанӯз дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Тибқи ин консепсия, камолоти маънавии инсон ва некии ӯ, маҳз замоне ба вуҷуд меояд, ки андеша (маниш) - и инсон поку беолоиш гардад. Яъне, нахуст андеша (пиндор) мукаммал гардида, хусусияти некӣ пайдо мекунад ва пасон тариқи гуфтор ва рафтор амалӣ мешавад” [3, с.107].

Аз мазмун ва муҳтавои матни китоби “Авесто” баръало ошкор мегардад, ки категорияҳои ахлоқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуда, тасниф карда шудаанд. Категорияҳое, ки сифатҳои ҳамидаи инсонро ифода медоранд. Аз ҷумла, некӣ, хайр, адолат, баробарӣ, саховат, шуҷоат, вичдон, масъулият, ҷавонмардӣ, хушбахтӣ, инсонгарӣ ва ғайра. Ба категорияҳое, ки сифатҳои ношоистаи инсонро тачассум медоранд, дохил карда мешаванд: бадӣ, зиштӣ, дурӯғ, шурб, хашм, ғазаб, хусумат, душманӣ, ҳасад ва ғайра.

Дар давраи Сосониён мероси хаттӣ, ки дар шакли достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо ва қитъаҳо таълиф карда шуданд, пурра тамоили ривоятӣ ва асотирӣ надоранд, балки фарогири рукнҳои фалсафаи амалӣ, тачассумгари идомати андешаҳои ахлоқии зардуштия мебошанд. Бавижа, «Бундаҳишн» [6] яке аз аввалин осори пуразиши адабиёти паҳлавӣ, аз намунаи осори хаттии арзишманди ориёӣ мебошад. Он аз 22 бахш иборат буда, дар фаслҳои он масоили ситоиши сифатҳои сарварӣ ё роҳбарӣ, тавсифи бадкирдориҳои Аҳриман, дар бораи растохезу тани пасин, масъалаҳои марбут ба ҳаёт ва марг, зиндагии индунёӣ ва ондунёии инсон, биҳишту дӯзах, дар бораи мубадон маълумот дода мешавад.

Эҳсоси масъулият яке аз категорияи ахлоқӣ, такягоҳи мустаҳками ҷаҳони маънавии инсон дар ин осор ба ҳисоб меравад, ки бо категорияҳои вичдон, тарбия, озодӣ ва ирода робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, агар инсон дар фаъолияти рӯзмарраи худ ин сифатҳоро соҳиб буда, дар амалия татбиқ намояд ба муваффақиятҳои чашмгир нойил мегардад. Хусусан, подшоҳӣ тибқи таълимоти ниёконамон парвандаи худовандист ва сарварӣ кардан ба ҳар як шахс муяссар намешавад ва сарвар он шахсе шуда метавонад, ки сифатҳои зеринро доро бошад:

1) Ақли солим ва ахлоқи наку дошта бошад;
2) Қувваи авф карданро доро буда, худдорӣ аз ҳар гуна таҳқир намояд;
3) Нисбат ба раият муҳаббат дошта бошад;
4) Амну осоишро ба мардум таъмин гардонад;
5) Шахсони арзанда ва донишмандро пайваста қадронӣ намуда, дар ҳалли масоили давлатдорӣ бо онҳо машварат намояд;
6) Нолоиқону ҷинояткоронро тибқи аъмолашон танбеҳ диҳад;
7) Амру фармонҳои одилона диҳад;
8) Фаъолияти масъулони давлатиро мунтазам зери назорат намояд;
9) Ҳушёру зирак бошад ва кишварро аз ҳарби душманон эмин дошта тавонад;
10) Барои ободии мулк ҳамеша талош варзад ва ғайра.

Достони «Менуи хирад» [8] бошад аз ёдгории дигари аҳди Сосониён мебошад. Он асари ривоятӣ ё ифодакунандаи қиссаву ривоётҳо нест, балки осории хатии тамоили ахлоқидошта мебошад. Ҳарчанд дар баъзе қисматҳои он ишораҳо ба асотиру масоили офариниш дода мешавад. Аз ҷанбаи фалсафӣ Мену хирад ҷаҳони менувон, ҷаҳоне, ки пеш аз офариниши гетӣ (ҷаҳони астуманд) будааст, ҷаҳоне, ки офаридагонаш ҳанӯз пайкари гетиёна ва астуманд наёфтанд, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, Мену хирад дар ҳал ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ таблиғгари сифатҳои ҳамидаи инсонӣ: адлгустарӣ, накӯкорӣ, ростқавлӣ, фазилат, порсоӣ, ҷавонмардӣ, эҳсоси масъулият, пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек ва ғайра мебошад. Амалҳои бадфеълӣ, фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, зинокорӣ, порагирӣ ва ғайраро амалҳои зишт ҳисобида, иллати асосии пайдошавии ахлоқи нораво ва ғайра мебошанд, сифатҳои разилона мешуморад.

Ё худ Мену хирад дар ҳама посухҳо ба саволҳои марди доно ба ҳикмати ахлоқии ойини маздопарастӣ такя карда, аз Ҳурмузд ва Аҳриман зикри ном карда, аввалиро таблиғгари ростию амалҳои нек, рӯшноӣ ва дуюминро талқинкунандаи амалҳои зишт, фиреб, дурӯғ, кина, хусумат, торикӣ ва ғайра меҳисобад.

Тамоилгирии асосии андешаҳои маърифатпазирӣ, ахлоқгустарии Мену хирад бо он шакл муайян карда мешавад, ки ба ақидаи ӯ барои инсон хирад беҳтарин гавҳар ва некӣ аз беҳтарин парҳезкориҳо мебошад. Дар ин маврид ӯ зикр менамояд: «бояд ростиро ихтиёр кунад, бадгӯй набошад, зеро он гаронтар аз ҷодугарист. Хашмгин набошад, чӣ мард хашм гирад, он гоҳ корҳои нек ва намозу парастиши эзидон фаромӯшаш бувад ва ҳар гуна гуноҳу базаҳ ба андешааш афтад ва то нишастани хашм амалҳои нораво иҷро карда, суханҳои ноҷо баён кунад. Андӯҳ нагирад, чӣ андӯҳбарро хушии гетиву мену нопайдо бувад ва коҳиш ба тану равонаш афтад. Аз барои нанг гуноҳ накунад, чӣ некиву оростагӣ ва неруву ҳунар ва шоистагӣ ба кому кирдори мардумон нест, балки сарнавишти сипеҳр ва коми эзидон бувад. Беш аз андоза махобад, то корҳои неке, ки кардан бояд, нокарда намонад. Зани богуҳар бигзин, чӣ беҳтар он аст, ки ба фарҷом некномтар аст. Аз зани касон бипарҳез, чӣ ин ҳар се чизат шояд нопайдо шавад: ҳам дороӣ, ҳам тан ва ҳам равон. Аз марди бадгӯҳар қарз маситон ва ғайра [8, с. 215-216].

Воқеан, дар зиндагии рӯзмарра ростиро ихтиёр кардан, дар шунидан ва гуфтан таҳаммулро риоя доштан, аз иҷро нагаштани кори банақшагирифта андӯҳгин ва ғазабнок нашудан, реҷаи кориро дуруст ба низом даровардан, зани боиффат ва порсо бар худ интихоб кардан, бо марди хасис муомила накардан ва қарз напурсидан ва ғайра на танҳо дар аҳди Сосониён арзиши иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии худро доро буданд, балки имрӯз низ арзиши амалии худро аз даст надода, аз мубрам будани худ гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамзамон, дар ин ганҷинаи ноёби ҳикмат дар бораи масъалаи хирад беҳтар аст ё ҳунар? - таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Бахусус, Мену зикр медорад, ки «хираде, ки бо он некӣ нест онро хирад набояд донист ва ҳунаре, ки бо он хирад нест онро ҳунар набояд донист» [8, с. 223]. Аз мазмуни ин андеша бармеояд, ки инсони хирадманд ҳамеша аз паси иҷро кардани амалҳои нек мегардад. Чунки дар хирад амалҳои нек нуҳуфта мебошанд.

Дар баробари зикри амалҳои нек, инчунин таҷассуми амалҳои зишт, аз ҷумла биму тарс ва дурӯғгӯӣ дар “Мену хирад” ба мисли таълимоти зардуштия сифатҳои нописандида ҳисобида мешаванд. Дар ин маврид Мену хирад ба саволи ба бим ва сухани дурӯғ зистан бадтар аст ё марг? - ҷавоб медиҳад, ки “ба биму сухани дурӯғ зистан аз марг бадтар аст. Чӣ барои зиндагии ҳар кас шодиву хушии гетӣ бояд. Чун ӯро шодиву хушии гетӣ нест ва биму сухани дурӯғ бо ӯст, чунин зиндагӣ аз марг бадтар аст” [8, с. 227]. Барои афроди ҷомеаи имрӯза низ ин ҳикмат арзиши баланд дорад ва мо бояд дар руҳияи ростӣ ва фараҳ гирифтан аз хушиҳои рӯзгор ихтиёри зистан намоем.

Истеъмоли май низ яке аз мавзуҳои муҳимме мебошад, ки дар достони мазкур ба он таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Масалан, бо тавсияи Мену хирад истеъмоли май барои одамон манъ карда нашудааст. Аммо ӯ қайд мекунад, ки май ҳам зарар ва ҳам фоида дорад. Манфиати он дар риояи андозаи он мебошад. Зеро, барои ҳазми ғизо мусоидат мекунад, оташи баданро меафрӯзад, ҳушу ёд ва тухму хунро меафзояд ва ранҷро дур мекунад. Чашмро бино, гӯшро шунаво ва забонро гӯё намояд ва ғайра. Зарари истеъмоли беандозаи май он бувад, ки андӯҳро зиёд кунад, ҳушу ёд ва тухму хунро коҳиш диҳад, ҷигарро табоҳ кунад ва маризиро дар бадан ба вуҷуд орад. Чеҳраро бикоҳонад, зуру тавоноиро заиф кунад. Биноии чашму шунавоии гӯш ва гӯёии забонро кам кунад [8, с. 226].

Мену хирад истеъмоли майро ба марди некгуҳар тавсия медиҳад, зеро баъди истеъмоли май марди некгуҳар худро хуштабъ ҳис мекунад, андешаву гуфтор ва кирдораш нектар мешавад. Нисбати зан, фарзандон, ёру дӯстон нармтару ширингуфтортар мешавад ва ба иҷрои ҳар як кори нек кӯшотар. Баръак, истеъмоли майро барои марди бадгуҳар тавсия намедиҳад. Зеро, баъди истеъмол ӯ худро аз андоза бештар пиндорад, бо ёрон набард барад ва чирагӣ намояд, мардуми некро таҳқир кунад, дар маҷмуъ, оштиро бибарад ва хашмро оварад, хешу пайвандонро азият диҳад ва душманонро хушнуд созад. Ин тавсияҳои Мену ҳақиқатан имрӯз низ арзишманд мебошанд ва истифодаи онҳо аз аҳамият орӣ намебошанд.

Бояд таъкид дошт, ки дар муқоиса бо достони Мену хирад дар “Гоҳон” ду бор (Яс. 32, банди 14/Яс. 48, банди 10) ба ишора ва на ба ном аз Ҳаум (Дар Авесто Ҳаома Сома дар санскрит – номи гиёҳи муқаддас аст, ки афшураи он гунае ошомидании оинӣ ба шумор меояд ва оинҳову ниёишҳои марбут бад-он дар Авестои нав ва дар дини зардуштии мутааххир ҷои вижа дорад...) ёд шуда ва ошомидани он, ки мастӣ оварад ва мардумонро ба корҳои зишту нораво барангезад,

ба сахтӣ накӯҳиш шудааст. Аммо дар Авестои нав (ба вижа дар “Ясна”, ҳотҳои 9-11) ҳамвора аз Ҳаум бо ситоишу ниёише шевову пуршӯр сухан ба миён омада ва ҳар коре, ки бо омода кардану ба даст овардани нӯшобаи Ҳаум пайванд дошта бошад, аз беҳтарин ва подошмандтарин кирдорҳо шуморида мешавад [1, с. 114-116]. Дар “Андарзномаи Озарбоди Маҳраспандон” [2, с. 114-116], ки аз зумраи мероси хаттии давраи Сосониён ба ҳисоб меравад истеъмоли май манъ намебошад, вале тавсия дода мешавад, ки май ба андоза хӯр, чун ки май аз андоза берун хӯрӣ, басе гуноҳ аз он расадат ва ғайра.

Инчунин, Мену хирад дар сӣ банд ҳолатҳои содир кардани амалҳои ношоиста, нишон додани бадтарин гуноҳҳоро, ки аз ҷониби инсон дар фаъолияти рӯзмарра рух медиҳанд, зикр медорад, ки имрӯз ҳам онҳо аҳамияти вижа доранд: Аз ҷумла, беасос азият додани мардум; зинокориро пеша кардан; ба қатли марди порсо даст задан; чизеро, ки барои нигоҳдорӣ гирифтаӣ, бихӯрӣ ва мункир шавӣ; он ки ба сабаби гунаҳкорӣ эътимод ба дурӯғгӯӣ кунад; он ки кор накунад, аммо носипосона ва бедодгарона бихӯрад; дӯздӣ ва ё майл ба дӯздӣ кардан; паймоншикан будан ва ғайра. Амалҳои бим ва дурӯғгӯиро Мену хирад сифатҳои бад меҳисобад. Ба биму сухани дурӯғ зистанро барои инсон аз марг бадтар мешуморад. Қайд мекунад, ки умри дурӯғгӯй кутоҳ аст, гуфтораш ҳамеша хилофи ростист. Дар зиндагӣ ҳамеша бо бадгумонӣ рӯз мегузаронад, танҳо ва раҳгумзада мебошад. Ҳамсуҳбати холисе надорад то бо ҳам шодиву нишотро баробар тақсим кунад.

Осори дигари хаттии аҳди Сосониён “Ёдгории Бузургмеҳр” мебошад. Ба андешаи Бузургмеҳр умури давлатдорӣ абадӣ нест ва рӯзе мерасад, ки он таназзул меёбад. Аз ин рӯ, тавсия медиҳад, ки дар айёми давлатдорӣ подшоҳ бояд адлгустар, некандеш ва растагор бошад.

Хусусан, Бузургмеҳр дар кушодани сирру дарёфти нозуки бозии ҳиндӣ – шоҳмот донишу заковати фавқуллода зоҳир кардааст. Мувофиқи маълумоте, ки Абӯмансури Саолибӣ медиҳад, баъди ошкор кардани сирри бозии шоҳмот шоҳи Ҳинд дар қатори хироҷи солона ба Анушервон як даста асбоби бозии шатранҷ тақдим мекунад. Муҳтавои ин ҳикмат ин аст, ки “Сафири Ҳинд ба Анушервон мегӯяд: “агар маънии онро фаҳмидӣ ва ба истихроҷи он муваффақ шудӣ хироҷи солонаи мамлакатро мегирӣ, вагарна ман хироҷе ба ту мадиюн нестам. Бузургону руҳониёну донишмандони дарбор ноилоҷ монданд. Бузургмеҳр пас аз фикру диққати бисёр ба рамуз ва нақши ҳар муҳраи он дар муҳориба бо дигаре воқиф гашта, гуфт: ин бозӣ аз назари ҷанг сохта шуда, ба муҳраи аслӣ самти шоҳ додаанд ва он ки баъд аз ӯст вазир. Ба муҳраҳои бузург унвони руасои қушун барои анҷоми корҳои муҳим ва ба пиёдаҳо сарбозӣ додаанд ва ҳаракати онҳо муқобалаи майдони ҷангро муҷассам месозад. Подшоҳи Ҳиндустон аз фатонати ӯ муаҷиб шуд ва хироҷро бипардохт” [10, с. 299 - 300]. Доногӣ ва хирадро Бузургмеҳр ҳунари беҳтар, бегуноҳиро орзуи некутар, кирдори бадро барои инсонҳо душмани ситамгортар меҳисобад. Меҳрубонтарин инсонро он шахсе меҳисобад, ки хушумед ва бегуноҳ бошад... Дӯсти ҷовидониро кирдори нек ва душмани ҷовидониро кирдори бад ва некутарин амалро нишастан бо некон мешуморад. Роҳи ҳақ, ба андешаи Бузургмеҳр ҳамон таълимоти сегонаи ахлоқии зардуштӣ - пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мебошад [7, с. 201-207].

Дар маҷмуъ, Эронзамин дар давраи давлатдории Сосониён, бо ташаббус ва ибтикори бевоситаи подшоҳони сосонӣ ба як маркази фарҳангӣ ва тамаддуни дунёи қадим табдил меёбад. Зеро, аз як тараф, дар соли 529 милодӣ ҳангоме ки император (Юстиниан) мадрасаи фалсафии Афинаро мебандад ва охирин паноҳгоҳи афлотуниёни ҷадидро аз байн мебарад, донишмандон, табибон, ситорашиносон, табиатшиносон ва мутахассисони дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ ба Эрон фирор карда, вобаста ба тахассус ба фаъолият мепардозанд. Аз тарафи дигар, Ҳиндустон низ захираҳои адабӣ ва фалсафии худро ба Эрон мефиристад. Дар натиҷа давлати сосониён ба як давлати пуриқтидори ҷаҳонӣ мубаддал гардида, сиёсати дар пояи адл ба роҳ мондани давлатдории подшоҳонаш идеали давлатдории подшоҳони сулолаҳои баъдина мегардад.

Ҳамин тавр, ободию рушди ҷомеа дар ҳама давраҳои таърихии давлатдорӣ аз андешаи неки инсон вобастагӣ дорад. Чунки инсон дар зиндагӣ соҳиби ирода ва озодии комил аст ва ақлу хирад, иродаю ихтиёр раҳнамои зиндагии ӯ мебошанд. Бунёди андешаи нек чӣ тавре ниёконамон ироа доштаанд аз ростию дурустӣ маншаъ мегирад ва ба маънии дигар маниш ё андешаи нек бо ростию дурустӣ сарчашмаи гуфтор ва кирдори нек мебошанд. Яъне, агар инсон аз маниши нек

дар роҳи ростию дурустӣ истифода кунад, ҳарду ҷаҳони худро обод ва зиндагиро бофайзу бобаракат мегардонад. Дар навбати худ андешаи нек заминаи вусъату рушди ҷаҳон ва рифоҳу осоиши зиндагии инсон буда, бо хислату табиати инсон мувофиқ аст. Бунёди андешаи бад – хашм, ғазаб, душманӣ, хусумат, ҳасад ва ғайра ба ҳисоб рафта, ба табиати инсон созгор намебошад, натиҷаи он харобию нобудии ободӣ ва худи ҷомеаи инсонӣ мегардад.

Адабиёт

1. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ//Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ / Авесто. – Душанбе, 2001.–792 с.
2. Андарзномаи Озарбоди Маҳраспандон. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ. 1., - Душанбе, 2014.-478с.
3. Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ / *Ш.Т.Амирхон* // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. - Душанбе, 2022. - 347с.
4. Бердиев, Ш.П. Ахлоқ / Ш.П. Бердиев, Б.Б. Шомуродов. - Душанбе, 2016.–216 с.
5. Бердиев, Ш.П.Масъалаҳои ахлоқии Зардуштия / *Ш. П. Бердиев*. - Душанбе, 2022.–132 с.
6. Бундаҳишн. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ. 1., - Д., 2014. – 478с.
7. Ёдгори Бузургмеҳр. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ. 1., - Д., 2014. - 478с.
8. Мену хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ.1. - Душанбе, 2014.-478 с.
9. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор //*Э.Раҳмон.* - Душанбе: ЭР-граф, 2016.-364 с.
10. Саолиби Абӯмансур. Шоҳнома. Тарҷумаи Маҳмуди Деҳлоият / Абӯмансур Саолиби. – Теҳрон, 1385. – С.299-300.
11. Таҳзиб-ул-ахлоқ. Тарҷума ва тавзеҳи Алӣ Асғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: Асотир, 1381. – 278с.
12. Шерозӣ Қутбиддин. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумой. Чопи дуввум / Қутбиддин Шерозӣ. – Теҳрон, 1386. – 214 с.

ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ АЗ МАСОИЛИ АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ ХАТТИИ АҲДИ СОСОНИЁН

Ахлоқ дар баробари фалсафаи манзилдорӣ ва сиёсати мудун аз шохаи фалсафаи амалӣ маҳсуб ёфта, маънои хулкро дорад. Маҷмуан, маънои одоб рафтор, кирдор, одат, мурувватро дорад. Амалест, ки аз феълу атвори инсон анҷом мепазирад.

Дар ин замина, дар мақолаи мазкур муаллиф назди худ ҳадаф гузоштааст, ки ҷойгоҳи масоили ахлоқиро дар осори хаттии аҳди Сосониён таҳлилу баррасӣ намояд. Махсусан, ба андешаи муаллиф ахлоқи зардуштия маншаи асосие, барои ташаккули афкори ахлоқӣ дар аҳди давлатдории Сосониён гаштааст. Зеро омӯзиш ва таҳлили осори хаттии аҳди Сосониён инъикос медоранд, ки баррасии масоили ахлоқии ҷомеаро онҳо дар асоси се пояи ахлоқии таълимоти зардуштия ташаккул додаанд.

Умуман, зимни таҳияи мақолаи мазкур ба муаллиф муяссар гашт, ки сатҳи баррасии баъзе масоили ахлоқиро дар якчанд осори хаттии аҳди Сосониён нишон дода, арзиши амалии онро барои танзими муносибатҳои ахлоқии ҷомеаи муосир зикр дорад.

Калидвожаҳо: ахлоқ, ҷомеа, виҷдон, покманишӣ, муносибатҳои ахлоқӣ, категорияҳои ахлоқӣ, осори хаттӣ.

АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ЭТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В ПИСЬМЕННЫХ НАСЛЕДИЯХ САСАНИДСКИХ ГОСУДАРСТВ

Этика, наряду с политической философией и политикой является разделом практической философии и означает поведение. В целом, этика подразумевает поведение, действия, привычки и доброту, действие, осуществляемое посредством человеческого поведения.

В этом контексте в данной статье автор ставит перед собой цель проанализировать и обсудить место этической проблематики в письменных произведениях Сасанидской династии. В частности, по мнению автора, зороастрийская этика стала основным источником формирования моральной мысли в Сасанидском государстве. Потому что изучение и анализ письменных трудов Сасанидского завета показывают, что они сформировали взгляд на социальные и моральные проблемы на основе трех моральных столпов зороастрийского учения.

В целом, в ходе подготовки данной статьи автору удалось продемонстрировать уровень рассмотрения отдельных этических проблем в ряде письменных произведений Сасанидской династии и подчеркнуть их практическую ценность для регулирования этических отношений в современном обществе.

Ключевые слова: нравственность, общество, совесть, добродетельность, нравственные отношения, нравственные категории, письменные памятники

ANALYSIS OF SOME ETHICAL PROBLEMS IN THE WRITTEN HERITAGES OF THE SASSANID STATES

Ethics, along with political philosophy and politics, is a section of practical philosophy and means behavior. In general, ethics implies behavior, actions, habits and goodness, action carried out through human behavior.

In this context, the author aims to analyze and discuss the place of ethical issues in the written works of the Sasanian dynasty. In particular, according to the author, Zoroastrian ethics became the main source of the formation of moral thought in the Sasanian state. Because the study and analysis of the written works of the Sassanid Testament show that they formed a view of social and moral issues based on the three moral pillars of Zoroastrian teaching.

In general, in the course of preparing this article, the author managed to demonstrate the level of consideration of individual ethical issues in a number of written works of the Sasanian dynasty and emphasize their practical value for regulating ethical relations in modern society.

Keywords: morality, society, conscience, virtue, moral relations, moral categories, written works

Дар бораи муаллиф
Каримов Қиёмиддин Садвалиевич
Номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E mail: giemiddin2020@mail.ru

About the author
Karimov Qiyomiddin Saidvalievich
Candidate of Philosophical Sciences, Senior Lecturer
Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E mail: giemiddin2020@mail.ru

Об авторе
Каримов Киёмиддин Саидвалиевич
Кандидат философических наук, старший преподователь кафедры философия и культурология
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E mail: giemiddin2020@mail.ru

ТДУ 1(091)(=964):17.025.1

ФАЗИЛАТИ САОДАТ ДАР ҲИКМАТИ АМАЛИИ НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Султонзода М.О.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар таъриху фарҳанги инсоният ягон миллат ин қадар ба таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ даст назадаанд, чунон ки дар ҳикмат ва эҷодиёти қавмҳои форсизабон ба назар мерасанд. Муҳаққиқони фалсафа ва намояндагони асрҳои миёнаи форснажод фаро гирифтани ҳикмати амалӣ, хоссатан ахлоқро асоси саодат ва хоси инсоният дониста, нисбар ба дигар шохаҳо онро афзалтар шуморидаанд ва ба онҳо муяссар гардид, то ки илми аслии ахлоқиро офаранд, ки бартарияти он аз мавқеи илми ҷаҳонӣ пазирифта шудааст.

Дар таърихи куҳани тамаддуни тоҷику форс чеҳраҳои мондагоре нубуғ карда буданд, ки боиси ғанӣ гардидани ин фарҳанги қадима гардида, гуногунию мухталифӣ ва латофату назокати онро таъмин сохтаанд. Яке аз чеҳраҳои дурахшони ҷаҳони фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии асрҳои миёна Хоҷа Насируддини Тусӣ ба ҳисоб меравад, ки бо анҷоми ибтикороти беназиру судманд дар ҷодаи илму маориф, фалсафаву ҳикмат ва таълифи ҳикмат ва офаридани осори гаронмояи ахлоқӣ мақоми арҷманди маънавиро дар замони муосир низ дарёфт намудааст. Хизматҳои арзандаи ӯ дар такомулу инкишофи кишвардорӣ, рушди илмҳои дақиқ, танзими фаъолияти сиёсии давронаш, бунёди расадхона дар Мароға ба нуфузи шахсияти сиёсиву илмиаш ишора мекунад, ки ҳама таълифоти бузург исми ӯро дар саҳфаи тамаддуни башарӣ сабт кардаанд. Вабаста ба шуҳратёр гардиданаш ба ӯ тахаллусҳои “Муҳаққиқӣ Тусӣ”, “Хоҷаи Тӯс”, “Устодулбашар”, “Ақли Ҳодӣ”, “Муаллими солис” мансуб донистаанд.

Афкори фалсафию иҷтимоии Хоҷа Насируддини Тусӣ дар асарҳои пуразиши ӯ “Ахлоқи Носирӣ”, “Шарҳу-л-ишорот”, “Равзату-л-ақоид”, “Таҷриду-л-ақоид”, “Таҷриду-л-калом”, “Асосу-л-иқтибос”, “Равзату-л-таслим”, “Авсот-ул-ашроф”, “Насиҳатнома ба Обоқохон” зикр гардидааст. Инчунин дар китоби “Насируддини Тӯсӣ”, ки ба қалами Мусо Диноршоев тааллуқ дорад, ба ин мазмун оварда шудааст: “Назариёти иҷтимоӣ ва ахлоқии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар “Ахлоқи Носирӣ”, Ахлоқи мӯҳташамӣ”, “Авсот-ул-ашроф”, “Насиҳатнома ба Обоқохон” ва ғ. дарҷ шудааст” [1, с. 292].

Вобаста ба таълифоти мутафаккири асримиёнагии шарқӣ муҳаққиқи эронӣ Мустафо Бодкубаи Ҳазовагӣ таъкид менамояд, ки Тусӣ бо таълифи ин осори гаронмоя аз ҷумлаи волотарин чеҳраҳои илмии Эрон ва ҷаҳон дар қарни хеш гардид [7, с. 4].

Арзишмандтарин ва афзалтарин асари ахлоқии Хоҷа Насируддини Тусӣ “Ахлоқи Носирӣ” ба ҳисоб рафта, дар он масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва нозукиҳои онҳо ифода ёфтаанд.

Муҳаққиқону пажӯҳишгарон бар он ақидаанд, ки китоби мазкур ба номи Носируддин Абдураҳим ибни Мансур [8, с.7] рабт дорад ва дар сароғози асар ба ин матлаб ба сароҳат ишорат намудааст, ки вақти мақоми Қаҳистон дар хидмати ҳакими он бақъаи маҷлиси олӣ, Носируддин Абдулфатҳ Абдурраҳим Абӯмансур – дар аснои зикре, ки мерафт, аз китоби “ат-Таҳара”, ки устоди фозил ва ҳакими комил Яъқуби Мискавайҳи Хозини Розӣ дар таҳзиби ахлоқ эҷод намудааст, баҳри баён ва тарҷумаи он пардохтааст. Ба ин мазмун Иқболи Яғмоӣ дар асари “Худованди донишу сиёсат Хоҷа Насируддини Тӯсӣ” зикр намудааст, ки “китоби нафсиро ба табдили кисвати алфоз ва нақл аз забони тозӣ бо забони порсӣ тадҷиди зикре бояд кард, чӣ агар аҳли рӯзгор, ки бештар аз ҳиляи адаб холианд, аз мутолиаи ҷавоҳири маонии чунон таълифе ба зинати фазилате ҳолӣ шаванд, эҳёи хайре бувад ҳар чӣ тамомтар” [3, с. 35-36].

Маълум гардид, ки мутафаккир ин асари ахлоқии пуразиши худро дар партави асари Мискавайҳ “Таҷоруб-умам” таълиф намудааст. Сараввал мақсади Насируддини Тусӣ тарҷумаи асари “ат-Таҳара” буда, пас тасмим гирифтааст, асаре дар ҳикмати амалӣ, ки аз таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун иборат бошад, таълиф намояд. Иқболи Яғмоӣ аз таърихи таълифи асари “Ахлоқи Носирӣ” ишора намуда, таъкид менамояд, ки Тусӣ китоби Мискавайҳро

эҷодкорона тарҷума намуд, ду боби дигаре бар он илҳоқ намуд, ки яке дар бораи миёсати мудун ва дигаре дар тадбири манзил мебошад [3, с. 35].

Ба ҳамин мазмун Мустафо Бодкубаи Ҳазовагӣ бобати таълиф ва исмгузории ин асар чунин иброз намудааст: "Кӯшиши Хоҷа бар ин буд, ки тарҷумае равон, шево ва олимона аз китоб ба даст диҳад, то мавриди истифодаи алоқамандон қарор гирад, дар ин мавриди ниҳояти диққатро ба харҷ медод ва дар интихоби иборот ва шарҳу басти матолиб худро муқайяд ба маҳдудаи китоб намекард. Ҳангоме ки тарҷумаи китоб ба поён расид, ба назар мерасид, ки мубоҳисеро бояд бар он афзуд, махсусан, ки Носируддин шахсан марде фозил ва соҳибназар буд ва бар такмили матолиб таъкид дошт, ки лизо бо ишораи ӯ мабоҳиси "сиёсати мудун" ва "тадбири манзил"-ро низ ба он афзуд ва ба эҳтироми Носируддини Мӯҳташам китобро "Ахлоқи Носирӣ" номгузорӣ кард"[7, с. 165].

Қобил ба зикр аст, ки осори мазкур аз ҷанбаи назарии ҳикмат афзалият пайдо карда, санъати идоракунии давлат бо номи сиёсат, самтҳои мухталифи иҷтимоиёт ва хулқ, ки масоили умдаи ҳикмати амалӣ ба ҳисоб меравад, пайвастагии ногусастанӣ қарор гирифтаанд.

"Ахлоқи Носирӣ" аз се мақолат ва сӣ фасл иборат буда, мақолати аввал "Дар таҳзиби ахлоқ" унвон гирифтааст, ки шомили ду қисм – қисми якум "Дар мабодӣ" ва он фарогири ҳафт фасл аст, аз қабили: дар маърифати мавзуъ ва мабодии ин навъ; дар маърифати нафси инсонӣ, ки онро нафси нотиқа хонанд; дар таъдиди қувватҳои нафси инсонӣ ва тамйизи он аз дигар қувво; дар он ки инсон ашрафи мавҷудоти ин олам аст; дар баёти он, ки нафси инсониро камоле ва нуқсоне ҳаст; дар баёти он, ки камоли нафс дар чист ва ҳасри касоне, ки мухолифати ҳақ кардаанд, дар он боб; дар баёти хаёру саодат, ки матлуб аз расидан ба камоли он аст; қисми дуюм "Дар мақосид" унвон гирифтааст, ки он фарогири даҳ фасл мебошад, аз қабили дар ҳадду ҳақиқати хулқ ва баёти он ки тағйири ахлоқ мумкин аст; дар он, ки саноати таҳзиби ахлоқ шарифтарини саноот аст; дар он ки аҷноси фазоил, ки макорими ахлоқ иборат аз он аст, чанд аст; дар анвое, ки таҳти аҷноси фазоил бошад; дар ҳасри аздоди он аҷнос, ки аснофи разоил бошад; дар фарқ миёни фазоил ва он чи шабеҳи фазоил бувад аз аҳвол; дар баёни шарафи адалат бар дигар фазоил ва шарҳи аҳвол ва ақсоми он; дар тартиби иктисоби фазоил ва мароиби саодат; дар ҳифзи сифати нафс, ки он бар муҳофизати фазоил мақсур бувад; дар муалиҷоти амрози нафс ва он бар изолати разоил муқаддар бувад.

Қисмати дуюми асари мазкур "Дар тадбири манозил" унвон гирифта, паҷ фаслро дар бар мегирад, ба монанди: дар сабаби эҳтиёҷ ба манозил ва маърифати аркон ва тақдими мақаддамоти он; дар маърифати сиёсат ва тадбири амвол ва ақвот; дар маърифати сиёсат ва тадбири аҳл; дар маърифати сиёсат ва тадбири авлод ва таъдиби эшон; дар маърифати сиёсат ва тадбири хадаму абид мебошанд.

Сеюм мақолати "Ахлоқи Носирӣ" "Дар сиёсати мудун" исм гирифтааст, ки он дорои ҳашт фасл мебошад: дар сабаби эҳтиёҷ ба тамаддун ва шарҳи моҳият ва фазилати ин илм; дар фазилати муҳаббат, ки иртиботи иҷтимоот бад-он бувад ва ақсоми он; дар ақсоми иҷтимоот ва шарҳи авлоди мудун; дар сиёсати мулк ва одоби мулук; дар сиёсати хидмат ва одоби атбои мулук; дар фазилати садоқат ва кайфияти муошират бо асдиқо; дар кайфиати муошират бо аснофи халқ; дар васоёи мансуб ба Афлотун, нофеъ дар ҳамаи абвоб ва хатми китоб.

Яке аз ҷабҳаҳое, ки Хоҷа Насируддини Тусӣ дар асари "Ахлоқи Носирӣ" зикр сохтааст, ин расидан ба саодати комил буда, ӯ низ дар баробари дигар ақлгароёни шарқӣ саодатро олитарин неъмат ва мақсади ниҳоии инсон медонист. Дар боби ҳафтуми асараш «Ахлоқи Носирӣ» фаслеро таҳти унвони «Дар баёни хайру саодат, ки матлуб аз расидан ба камолот аст» ҷой дода, доир ба фазилати саодат дар пайвастагии он бо фазилати некӣ андешаҳои худро баён намуда, саодатро «хайри мутлақ» ва «комилан нек» мешуморад.

Мутафаккир саодатро хоси афроди алоҳида, ки аз ҷониби Худо нозил шуда бошад, намедонист ва дар иртибот ба ин мафҳум маънои фаромарзӣ ва метафизикиро нагузоштааст. Вай андешаҳои ҳакимон ва сӯфиёни даврони куҳанро дар бораи саодат таҳлили муқоисавӣ намудааст. Насируддини Тусӣ таъкид менамояд, ки инсоният то он даме, ки дар ин олам арзи вуҷуд дорад, истифода ва шарҳи исми саодатро доштааст. Насируддини Тусӣ саодатро ба ду мартаба (ду фазилат) марбут шуморида, мартабаи авваларо ба шайъ вобаста медонад: "... чизҳое, ки дар вусул

ба саодати абадӣ нофеъ бувад, ӯро ҳосил бошад ва ҳам дар аснои мулобасати умури моддӣ ба мутолиаи ҷавоҳири шарифи олӣ...” [8, с. 70-71]. Пас-он мартабаи дуюмро низ пайгирӣ намуда, онро ба ҳусни гиромии фазл пайваста, ҳикмати ҳақиқӣ мепиндорад ва асоси иззату карам медонад: “... саодати ӯ бар мушоҳидаи ҷамоли муқаддаси улувиёт, ки иборат аз он ҳикмати ҳақиқӣ аст, мақсур гардад, то мустағриқи ҳазрати иззат шавад” [8, с. 70-71].

Насируддини Тусӣ бар ин назар буд, ки саодатеро инсон дар ин дунё ба даст меорад, вай подоши амалу хубии инсон аст, зеро бахту саодат мақсаде мебошад, ки он бо амалҳои нек ба даст меояд. Вай ба мисли Форобӣ таъкид мекунад, ки марг асло камол нест. Инсони бад танҳо бо сабаби ҳамбастагӣ ва пайванд будани ҷону ҷисм ё руҳу тан ба ҳеҷ вақҳ бад набуда, баъд аз марг нек нахоҳад шуд. Баръакс, бо марг инсон ҳама чиз, аз ҷумла фазилатҳои барои расидан ба саодатро низ аз даст медиҳад.

Дар баробари ин ақида Насируддини Тусӣ таъкид кардааст, ки саодат дар дараҷаҳои гуногуни камолоти инсон ба тадриҷ дастрас мегардад. Ин тавассути қувватҳои ҳавос, заҳмат, дониш, ирода, устуворӣ, эътиқод, устуворӣ дар фаъолият ва қувваи истеъдод ба даст хоҳад омад. Саодатмандӣ дар байни одамони алоҳида гуногун буда, ҳар касе, ки аз сифатҳои номбаршуда бештар касб менамояд ҳамон қадар ба дараҷаи баланди саодат хоҳад расид: “Пас, зоҳир шуд, ки саодати инсон, модом ки инсон аст дар ду мартаба мураттаб аст. Ва мартабаи аввал аз шаибаи олам ва ҳасрот мустахлис набувад, чӣ бо сабаби ҳирмон аз дараҷаи ақсо ва чӣ аз ҷиҳати иштиғол ба хадойеъи табиӣ ва захорифи ҳиссӣ. Пас он саодат ба ҳақиқат ноқис бошад ва саодати том аҳли мартабаи дуввумро бувад, ки он маонӣ холианд ва ба истинорати анвори илоҳӣ ва истифозати осори номутаноҳии ҳолӣ. Ва ҳар кӣ бад он манзалат расад, ба ниҳояти мадориҷи саодат расида бошад” [8, с. 71-72].

Саодати комил ва ниҳоӣ дар шакли умумӣ зуҳур намуда, ҳатто пас аз марги инсон низ намемирад. Бо ба даст овардани камолот ва ё “охирин маротиби фазилат” инсон умри ҷовидонӣ пайдо мекунад, зеро саодати мутлақ, ҳамон тавре ки камолоти мутлақ ҷовидонӣ аст, ҷовидонӣ хоҳад буд, ин рутбаи фазилатро Насируддини Тусӣ ба амали сирф хайр алоқаманд намуда, таъкид менамояд, ки иҷрокунандаи афъол бояд холис аз ғараз бояд бошад: “Ва феъл, ки хайри маҳз бувад, фоилаш на аз барои ғаразе дигар кунун ҷузъ нафси феъл, чӣ хайри маҳз ғояте бувад матлуб, лизотиҳӣ ва мақсуд линафсиҳӣ ва он чӣ ҳоят бувад ва хосса, ки дар ғояти нафосат бувад, на аз барои чизи дигар” [8, с. 73].

Насируддини Тусӣ саодатро як амри ахлоқӣ дониста, саодатмандӣ ба андешаи ӯ, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як инсон аст ва ӯ бояд тӯли умри хеш ба он ноил шавад. Дар ҳақиқат, Насируддини Тусӣ моҳияти иҷтимоии саодатро дар асари худ ҷой дода боварӣ дошт, ки ба истиснои он одамоне, ки гирифтори бемориҳои модарзодӣ ва шифонаёбанда ҳастанд, ҳама одамони дигар имконият доранд ва бояд саодатманд бошанд. Ба бадбахтиҳо худи одамон гунаҳкоранд, зеро онҳо дар мурури зиндагиашон инсонгароиро иктисоб нанамуда, ба фазилат ва дониши зарурӣ ноил нашуданду барои расидан ба саодат ба қадри кофӣ талош накардаанд.

Насируддини Тусӣ низ ба мисли дигар ақлгароёни Шарқ – Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ ва ғайра саодатро бо лаззат алоқаманд карда, бар хилофи ақидаи зоҳидон бархурдор шудан аз моли дунёро ҳаққи қонунии (шаръии) ҳар фард дониста, лаззатҳои дунявиро на танҳо ҷоиз, балки зарур шуморидааст. Чи тавре дар боло зикр намудем, бе лаззат саодати воқеӣ вуҷуд надорад, зеро бидуни онҳо тамоми зиндагии инсон маънояшро гум мекунад: “саодат он гоҳ ҳосил ояд, ки соҳибаш аз лаззате, ки дар сирати ҳикмат бувад, баҳра ёбад” [8, с. 77]. Мутафаккир инсони саодатмандро хулқ ва лаззатҳоеро, ки хоси эшон аст, шарҳ дода ба анвои мухталиф тасниф намудааст: “аввал, сирати лаззат, ки ғояти афъоли нафси шаҳвӣ бувад; ва дуввум, сирати каромат, ки ғояти афъоли нафси ғазабӣ бувад; ва сеюм, сирати ҳикмат, ки ғояти афъоли нафси оқил бувад” [8, с. 77-78].

Насируддини Тусӣ сирати ҳикматро шариф номида, онро дарбаргирандаи тамоми сиратҳо номида ниҳояти рафтору кирдори махлуқи бофаҳанг донистааст: “Ва сирати ҳикмат ашраф ва атамми сиратҳост ва он шомил бувад каромату лаззатро” [8, с. 77-78].

Ҳангоми тафсири сирати каромат мутафаккир онро лаззати ҳақиқӣ номида, мухторияту озодии иродаи иҷрокунандаи амалро ҳамчун шарти асосӣ медонад ва лаззати адлро дар адолату

лаззати ҳакимро дар ҳикмат мепиндорад. Ба гуфтаи ӯ, қасди нафси оқила бояд расидан ба дараҷаи камолоти инсонӣ, яъне фазоил бошад, ки ба даст овардани он лазизтарин эҳсосот ба ҳисоб меравад.

Чун Насируддини Тусӣ ақидаҳои ахлоқии худро дар пайравии яке аз чеҳраҳои намоёни Юнони қадим Арасту баён намудааст, афкори ӯро дар чандин фаслҳои "Ахлоқи Носирӣ" барои тақвияти андешаҳояш ва мавқеи ҷонибдории худро муайян намуданаш зикр намудааст. Ҳамчунин дар фасли ҳафтуми асари мазкур, ки "Дар баёни хайру саодат, матлуб аз расидан ба камол аст" унвон дорад, инъикос ёфтааст. Мутафаккир аз алфози Арасту лаззоти музахрафро (дуруғи растнамо) дар асараш баён намуда таъкид намудааст, ки чунин намуди лаззат ҳайвонҳоро низ мушорик буда, он сареъу-з-завол мебошад ва онро "ҳисси аразӣ" номидааст.

Насируддини Тусӣ лаззатҳои инсониро ба ду гурӯҳ, яъне ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ ҷудо намуда, таъкид кардааст, ки ҳар ду навъи лаззат барои зиндагии инсон комилан зарур мебошад. Аммо дар ин самт муҳимтарин вазифаи инсон аз он иборат аст, ки лаззати дурустро интихоб кунад ва оқибатҳои эҳтимолии онҳоро дақиқ пешгӯӣ карда тавонад. Дар ин масъала тафаккур ва таҷрибаи зиндагии инсон нақши ҳалкунанда дорад.

Насируддини Тусӣ нақши лаззатҳои ҷисмониро дар ҳаёти инсон ҳаргиз паст накарда, бар лаззатҳои маънавӣ ва рӯҳӣ бартарият медиҳад ва афзалияти онҳоро бар лаззатҳои ҷисмонӣ нишон медиҳад. Вай шаклҳои лаззатҳоро ба тасниф дароварда, онҳоро ба «фаъол» ва «ғайри фаъол» ҷудо кардааст. Насируддини Тусӣ лаззатҳои нафсонию ҷисмониро лаззатҳои «ғайрӣ» шуморида, зикр кардааст, ки онҳо лаззатҳои ба зуддӣ гузаранда буда, метавонанд ҷойи ранҷро гиранд.

Мутафаккир лаззатҳои «фаъол»-ро лаззатҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва рӯҳӣ номида, бар хилофи лаззатҳои «ғайрӣ» онҳо доимӣ мебошанд ва ҳеҷ гоҳ аз байн намераванд, инчунин оқибатҳои манфӣ надоранд ва мақоми инсонро паст намезананд, балки ба он нуфуз мебахшанд. Насируддини Тусӣ борҳо таъкид кардааст, ки маҳз ҳамин лаззатҳои маънавӣ, ки инсонро аз ҳайвон фарқ мекунанд, мартабаашро баланд мебардоранд. Бар хилофи лаззатҳои ҷисмонӣ, лаззатҳои рӯҳӣ (маънавӣ) майл ба камшавӣ надоранд; балки баръакс, аз «харҷ кардан» торафт зиёд мешаванд: **"**лаззати саодат лаззати феълӣ аст, пас чунонки лаззати инфиолӣ тааллуқ ба ахз қабул дорад, лаззати феълиро тааллуқ бо ато бувад. Ва аз ин ҷо маълум шуд, ки саодат мусталзими ҷуд бошад, чӣ истифои лаззати саодат дар ифшои фазилат ва изҳори ҳикмат бувад, чунонки фарти лаззати соҳиби хатти некӯ дар изҳори китобат ва ғояти лаззати соҳиби илҳон дар муморасати олат бошад" [8, с. 80]**.**

Насируддини Тусӣ лаззати рӯҳиро ҳамчун лаззати лаззатҳо баҳо дода, онро ҳамчун ганҷе медонад, ки захираи он ҳеҷ гоҳ коҳиш намеёбад, баръакс, майл ба афзоиш ва тадриҷи доимӣ дорад. Вай ба хулосае меояд, саодат аз навъи хайр буда, лаззати маънавӣ ин худ лаззати саодат мебошад: **"**Ва чун саодат аз қабили хайр аст, чӣ амре илоҳӣ аст, сазовори тамҷид бувад ва аз мадҳ муназзаҳ. Ва мардумро ба саодат ё ба сифате, ки муаддӣ ба саодат бувад, мадҳ тавон гуфт, чунон ки ба адолат, ки муқтазии саодат бувад, мадҳ гӯянд. Пас маълум шуд, ки саодати муфид мадҳ аст, на аҳли мадҳ" [8, с. 80].

Ба ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки Насируддини Тусӣ ба мафҳуми саодат мундариҷаи воқеии ин дунёиро гузоштанд. Сарфи назар аз баъзе тобишҳои динӣ ва зоҳирии баъзе ақидаҳои худ ӯ кӯшидааст саодатро падидае нишон диҳад, ки вай аз рӯи лаззатҳо ва лаззатҳои заминӣ муайян карда мешавад. Вай роҳҳои расидан ба саодатро дар ин дунё мебинад ва онро аз моли дунё ҷудонашаванда мешуморад ва таъкид месозад, ки инсон набояд ба ҳеҷ ваҷҳ аз он даст кашад. Зеро усулан барои Насируддини Тусӣ саодат маҷмуи падидаҳои олами ҳастӣ буда, шодиву саодати аз ҷониби инсон, яъне субъекти шинохти зуҳуроти олам ва шинохти муқарраршуда пешбинӣ мешавад.

Дар муқобили таълимоти бисёре аз тарғибгарони идеалҳои ирфонӣ ва зоҳидӣ, ки аҳли ҷомеаро барои даст кашидан аз моли дунё ба хотири саодати ухравиро даъват мекарданд, Насируддини Тусӣ ва дигар намояндагони ақлгароёни шарқӣ мустақиман изҳор кардаанд, ки инсон набояд барои наздик шудан ба марг саъй кунад, балки бо ҳар роҳ кӯшиш намояд, умри худро дароз кунад, бештар баҳра барад, лаззатҳои бештар ба даст оварад, бисёртар корҳои хайреро анҷом диҳад, ки дигарон ва худашонро шод гардонанд. Чунин шакли тафсири яке аз

фазилатҳои марказии илми ахлоқ, албатта, яке аз самтҳои тавонои ақидаҳои ахлоқии ақлгароёнии асримиёнагии Шарқ ва инчунин Насируддини Тусӣ буда, дар инкишофи афкори ахлоқии на танҳо халқҳои Шарқи Наздик ва Миёна нақши хеле пешав бозид, балки дар таълимоти ахлоқии файласуфони Ғарб низ нақши муассир гузоштааст.

Адабиёт

1. Диноршоев, М. Насируддини Тӯсӣ. // М. Диноршоев. – ЭСТ. -292с.
2. Диноршоев, М. Философия Насируддина Туси / М. Диноршоев. –Душанбе, 2012. – 189 с.
3. Иқболи, Яғмоӣ. Худованди донишу сиёсати Хоҷа Насируддини Тусӣ / Яғмоӣ Иқболи. - Теҳрон, 1370. – 231с.
4. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века. Том III. – Душанбе, 2013. – 967 с.
5. Кирабаев, И.С. Социальная философия мусульманского Востока / И.С. Кирабаев. – М.: УДЫ, 1987. – 174 с.
6. Мударис, Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тусӣ / Мударис Разавӣ. - Теҳрон, 1378.
7. Мустафо, Бодкубаи Ҳазовай. Хоҷа Насируддини Тусӣ / Бодкубаи Ҳазовай Мустафо - Теҳрон, 1374. – 249 с.
8. Насируддини, Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ / Тусӣ Насируддини. –Душанбе: Шуҷоиён, 2009. –388 с.
9. Сидиқ Сафизода. Таърихи филосифаи Эрон (Аз Зардушт то Мулло Ҳодии Сабзворӣ) / Сафизода Сидиқ. - Теҳрон: Андешаи ахлоқ, 1385. – 341 с.
10. Хонсорӣ. Равзату-л-ҷинон / Хонсорӣ. - Теҳрон, 1367. – 194 с.
11. Шамолов, А.А. Этика Абухамида Газали и Насирудддина Туси: сравнительный агализ / А.А. Шамолов. –Душанбе: Ирфон, 1994. –180 с.

ФАЗИЛАТИ САОДАТ ДАР ҲИКМАТИ АМАЛИИ НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи Тоҷикистон масъалаи ахлоқ, ки ба қисмати фалсафаи амалӣ ворид мешавад, дар мадди аввал қарор дорад. Барои таҳзиб ва беҳтар намудани сатҳи маърифати ахлоқии ҷавонон, умумман аҳли ҷомеа лозим аст ба сарчашмаҳои таълимоти ахлоқии ниёгон рӯй орем, зеро дар осори онҳо масоили асосии саодати комили инсон аз нигоҳи ахлоқӣ таҳлили ҳамаҷонибаи фалсафӣ қарор гирифтаанд.

Арзишмандтарин ва афзалтарин асари ахлоқии Хоҷа Насируддини Тусӣ “Ахлоқи Носирӣ” ба ҳисоб рафта, дар он масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва нозукиҳои онҳо ифода ёфтаанд.

Насируддини Тусӣ дар асари худ “Ахлоқи Носирӣ” ба мақула ва мафҳуми «саодат» мақоми хоса бахшидааст. Саодат тавассути қувватҳои ҳавос, заҳмат, дониш, ирода, устуворӣ, эътиқод, устуворӣ дар фаъолият ва қувваи истеъдод ба даст хоҳад омад. Фазилатҳо ва разилатҳои ахлоқӣ аз қабили неку бад, хайру шар, иффат ва зишт, ифроту тафрит, лаззат ва ранҷу азоб ва ғайраро дар робита бо мақулаи саодат баррасӣ мекунад.

Калидвожаҳо: саодат, лаззат, ихтиёр, озодии ирода, ахлоқ, интихоби дуруст, камолоти инсон, хирад ва ақлгарой, фазилат ва разилатҳо, ахлоқӣ, машшоия, асримиёнагӣ, авсат.

КАТЕГОРИЯ СЧАСТЬЯ В ПРОКТИЧЕСКОЙ ФИЛОСАФИИ НАСИРУДДИНА ТУСИ

В наше время одним из вожнейших вопросов таджикского общества является вопрос нравственности, который является частью практической философии. Для совершенствования и повышения уровня интеллектуальных знаний молодёжи, широкой общественности необходимо обращаться к истокам нравственных учений наших предков, ведь в их произведениях рассматриваются основные вопросы человеческого счастья из нравственного точки зрения были свесоронне проанализированы философски.

Самым ценным и выдающимся этическим произведением Ходжи Насируддина Туси считается «Ахлоки Носири», в которой излагаются этические, социальные и политические вопросы и их нюансы.

Насируддин Туси в своем труде «Ахлоки Носири» особое значение придавал понятию и идее «счастья». Счастье достигается силой страсти, упорного труда, знаний, воли,

настойчивости, веры, упорства в действии и силой таланта. В ней обсуждаются моральные добродетели и пороки, такие как добро и зло, целомудрие, излишества и лишения, удовольствие и страдание и т. д., в связи с понятием счастья.

Насируддини Туси в своей книге “Ахлоки Носири” придал особое значение категории “счастье”. Обсуждаются моральные добродетели и пороки, такие как добро и зло, удовольствие и страдание и т.д. применительно к категории счастья.

Ключевые слова: счастье, удовольствие, свобода воли, моральный выбор, добродетель и порок, этика, совершенство человека, мудрость, рационализм, средневековая философия, перипатетическая традиция, умеренность.

THE VIRTUE OF HAPPINESS IN THE PRACTICAL PHILOSOPHY OF NASIR AL-DIN AL-TUSI

In contemporary times, one of the most pressing issues in the society of Tajikistan is the problem of morality, which belongs to the realm of practical philosophy. To cultivate and improve the moral consciousness of the youth—and society at large—it is essential to turn to the ethical teachings of our ancestors. Their works contain a comprehensive philosophical analysis of the fundamental aspects of human happiness from a moral perspective.

The most valuable and distinguished ethical work of Khwaja Nasir al-Din al-Tusi is “Akhlaq-i Nasiri”, which addresses ethical, social, political issues and their subtle interconnections.

In his work, Tusi devotes special attention to the category and concept of “happiness”. According to him, happiness is achieved through sensory faculties, effort, knowledge, willpower, perseverance, faith, persistence in action, and the strength of innate talent. He examines moral virtues and vices—such as good and evil, virtue and vice, moderation and excess, pleasure and suffering—in relation to the concept of happiness.

Keywords: happiness, pleasure, free will, moral choice, virtue and vice, ethics, perfection of the human being**,** wisdom and rationalism, medieval philosophy, Peripatetic tradition, moderation.

Дар бораи муаллиф
Султонзода Муаттархон Орифӣ
омӯзгори кафедраи фалсафа
Донишгоҳи давлатии Бохтар номи Носири Хусрав.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 907 47 55 57
E-mail: muattarkhon.sultonzoda.92@mail.ru;

Об авторе
Султонзода Муаттархон Орифи
преподаватель кафедры философии
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.
Тел.: (+992) 907 47 55 57.
E-mail: muattarkhon.sultonzoda.92@mail.ru;

About the author
Sultonzoda Muattarkhon Orifi
Lecturer of the Department of Philosophy
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67.
Ph.: (+992) 907 47 55 57.
E-mail: muattarkhon.sultonzoda.92@mail.ru;

УДК1(091)+316.485+316.77(091)

КОНЦЕПЦИИ НАСИЛИЯ И НЕНАСИЛИЯ В УЧЕНИИ ИБН ХАЛДУНА

Давлатова О.С.
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистан

В исследованиях проблем мира и войны широко распространены широкие определения, допускающие структурные и психологические значения насилия. Однако такие определения создают удивительные проблемы, когда мы хотим противопоставить насильственные политические меры реагирования ненасильственным, как это требуется, если мы хотим доказать моральную предпочтительность ненасильственных стратегий. Извращенно некоторые стандартные ненасильственные подходы все-таки оказываются насильственными, если использовать широкие определения «насилия». Мы можем обнаружить в ненасилии потенциал преднамеренной и автономной реакции человека, морально предпочитающего ненасильственные стратегии.

Отметим, что «насилие» и «насилие» имеют как разновидные определения в фокусе их социально-политических и этическом значениях, так и вытекающих из их содержания различные другие категории. Кроме того, как пишет известный российских исследователь этики А.А. Гусейнов, «в определении понятия насилия существуют два подхода, один из которых можно назвать абсолютистским, другой – прагматическим. Согласно первому, понятие насилия несет четко выраженную негативную оценочную нагрузку, которую, впрочем, это слово имеет уже в естественном языке; оно, кроме того, употребляется в очень широком значении, включающем все формы физического, психологического, экономического подавления и соответствующих им душевных качеств, как ложь, ненависть, лицемерие и т. д. Насилие, по сути дела, прямо отождествляется (во всех его многообразных проявлениях) со злом вообще».[4, с. 35] Таким образом, двойная трудность определения насилия касается: 1) ограниченности понимания, связанного с применением силы, приводящей к телесным повреждениям, и 2) трудности признания символического аспекта без привилегированного предоставления того или иного этноцентрического или гегемонического определения.

Что касается ненасилия, тот же А.А. Гусейнов, указывая на отличие этого термина от насилия, отмечает, что оно «в отличие от насилия является не особым случаем иерархической связанности человеческих воль, а перспективой их солидарного слияния. Его координаты – не вертикаль властных отношений, а горизонталь дружеского общения, понимая при этом дружбу в широком аристотелевском смысле. Ненасилие исходит из убеждения в самоценности каждого человека как свободного существа и одновременно взаимной связанности всех людей в добре и зле». [4, с. 37] Так, например, в политическом ракурсе ненасилие может форсировать благоприятный исход одним из трех способов: путем принуждения правителя к сдаче власти или отказу от нее; путем побуждения режима к компромиссу и уступкам; или путем изменения взгляда режима на конфликт таким образом, чтобы он считал, что больше не должен диктовать результаты. [15, с. 501] В достижении политических целей ненасильственные средства, как правило, морально превосходят насильственные средства. Очевидно, что для изучения третьего необходимо понимание первых двух утверждений. Если исходить из того, что ненасильственные политические стратегии не являются насильственными, то второе утверждение, как представляется, следует из первого термина: «насилие» является основным термином в порядке определений, поэтому мы бы знали, что есть ненасильственное, если бы знали, что является насильственным. Можно предположить, что определение «насилия» должно быть относительно простым, что мы можем четко отличить насильственное применение физической силы в ходе конфликта от альтернативных средств давления, таких как массовые демонстрации и бойкоты. Предположение, лежащее в основе большинства дискуссий, заключается в том, что насилие присутствует в войне, терроризме и революции, поскольку эта деятельность связана с нападениями, убийствами, нанесением увечий, разрушениями, пытками и т.д. Прямо скажем,

когда происходит насилие, это что-то интенсивное и физическое: люди получают ранения, убивают, взрывают здания. То, что называется ненасильственным действием, - это действие, которое может иметь элементы манипуляции и принуждения (и, таким образом, возможно, психологического насилия), но при этом избегать физического насилия. Хотя этот момент редко признается, то, что сторонники мира называют методами ненасилия, может по-разному уменьшить число одних лиц и групп лиц (хотя и с целью улучшения благосостояния других).

Насилие происходит, когда человек действует возмутительно и применяет незаконную и вредную физическую силу либо к себе, либо к другим людям, либо к окружающей среде. И наоборот, ненасилие производится, когда «человек будет проявлять справедливость и скромность, будет менее придирчив к людям, менее упрям и назойлив с ними, то он в большей степени будет уважаем ими. Если же он добавит к этому благородство, искренность и сострадание по отношению к ним, то без сомнения заслужит их любовь. Но именно эти два качества – справедливость и скромность – и есть два плода добродетельного и благородного образа жизни». [1, с. 83]

Это проявление беспокойного, бурного духа и сердца. Тревога в духе и сердце настолько сильна, что сбивает с толку здравомыслие ума. Под таким влиянием человек находится под сильным влиянием своих плотских желаний, и он сосредотачивает свои мысли только на себе. Он не заботится о других, об их безопасности и благополучии, и это просто получение всего, что он желает, даже если оно приводит к хаосу или разрушению либо собственности, либо жизни. Быть вдумчивым, внимательным и терпеливым - это отдаленные поступки для него в этот момент. Любые социальные, моральные и религиозные ценности, которые он отстаивает, когда он стабилен, больше не считаются. Таким образом, человек, проявляющий насилие, - это человек, потерявший контроль и неспособный уравновешивать разум, желания и чувства дружбы к другим людям. Именно его неспособность справиться с давлением внутри себя заставляет его взрываться и причинять вред окружающим.

Итак, проблема насилия и ненасилия затрагивается и в взглядах Ибн Халдуна (1332-1406), представителя более позднего перипатетической школы в Испании. Особенность зарождения социально-политической мысли Ибн Халдуна заключается в том, что он встретился за пять лет до своей смерти с Тимурлангом за пределы Дамаска. Он был современником и свидетелем политики таких династий, как Мариниды, Заййаниды (при правлении Бану Абд аль-Вадида в центральном Магрибе (Алжир), Хафсидов в Ифрикии (Тунис), Насиридов в Гранаде и Мамлюков в Египте и жил при их соответствующих дворцах. Выполнение различных работ в сфере этих политических сил дала ему ценное преимущество: они позволили ему испытать и проанализировать политическую игру на мусульманском Западе и иметь прямой контакт с племенным миром в северо-западной части Африки. Из этих двух наборов опыта он извлек теоретические последствия огромной важности, которые в общих чертах изложены в его «Мукаддиме» («Введение»).

Ибн Халдун отмечает в своем знаменитом «Мукаддиме» («Введение»), в историю мира, составленном в конце XIV века, что «войны и различные виды борьбы всегда происходили в мире с тех пор, как Бог создал его». Война - это эндемическое явление человеческого существования, пишет он, и «нечто естественное среди людей. Ни одна нация, ни одна раса не свободны от нее». [14] Краткий комментарий Ибн Халдуна довольно хорошо обобщает традиционное исламское понимание войны как универсального и неизбежного аспекта человеческого существования. Это особенность человеческого общества, санкционированная, если не волеизъявленная, самим Богом. Таким образом, вопросы войны и мира входят в сферу действия божественного законодательства для человечества. Ислам, как говорят мусульмане, является полным жизненным кодексом, учитывая центральное место войны в человеческом существовании, моральная оценка войны занимает значительное место в мусульманских этических/правовых дискуссиях.

Среди категории ненасилия имеют место многочисленные этические понятия типа милосердия к «другим», уважение к старшим, утешение к страдающим, посещение больных, подлинные чувства солидарности, уважение прав других людей на жизнь, имущество и честь,

взаимная ответственность между человеком и общиной и другие, независимо от расовой принадлежности, цвета кожи, страны и языка, убеждения и принципы.

Ибн Халдун основывает свой анализ политической философии на основе исследования человеческой природы и человеческого общества, проявленных по естественным законам и чисто социально-экономическим и политическим факторам, то время от времени ему пришлось возвращаться к ортодоксальным религиозным доктринам и догмам и прибегать к их рационализации. Весьма наглядным примером таких сложностей является дилемма, возникающая в противоречии между его социально-политической теорией, основанной на концепциях *аль-асабии* («спаянность, комплекс родственных чувст») и *аль-мулк* («владение»), а также идею *аль-мустабида* (деспота), самодержца, способного использовать прежнюю силу для более поздних целей, с одной стороны, и признание им того, что «законодатель (Мухаммад) осуждал групповое чувство и призывал (нас) отвергнуть его и оставить в покое», [13] с другой стороны. Здесь мы сталкиваемся с той же многовековой проблемой, с которой сталкивались все социальные мыслители на протяжении всей истории исламской культуре: социальное преобразование человеческого общества сопротивлялось желанию индивидуумов или групп доминировать над другими индивидуумами и группами; моральный и духовный императив альтруистического сознания, противопоставляемого движущей силой эгоцентрических импульсов; естественное осознание социо-биологической необходимости тенденции к однообразии в прямом противоречии с замедлением реализации, эгоцентричной тенденцией к подъему независимости, признаков демократии, отвергаемой деспотизмом; благочестие, отвергнутое самодержавием; общество, одержимое разногласиями и разладом соперничающих групповых чувств, словом, отчаянный поиск ответа на вопрос о том, какие риски в человеческой ситуации нравственности находятся в равновесии между целесообразностью и необходимостью.

Центральное место в политико-социальном аспекте теории *асабиййи* Ибн Халдуна занимает различие, которое Ибн Халдун проводит между *умраном* («обустроенность») и *бадава* («жизнь на открытых пространствах») и пытающийся установить связь между ними, рассказывает о жизни или культуре огороженных людей. Анализируя эти понятия с этимологической точки зрения, А.В. Смирнов утверждает, что в *асабиййа* («спаянность») заложен смысл насилия, потому, что она «является чувством гнева, которое мгновенно и без рассуждений вспыхивает в человеке, если его *‘иṣāб*а (группе, к которой он принадлежит) угрожает какая-либо опасность, и заставляет его биться за чужую жизнь (за свою *‘иṣāб*а он *йата‘аṣāб* – еще одно слово с тем же корнем, - т.е. вступается, «встает горой», не задумываясь) и чужие интересы как за свои собственные без раздумий вплоть до возможной гибели».[11, с. 168]

Ибн Халдун указывает на то, что люди по своим нравам таковы, что между ними существует притеснение и вражда, которые регулируются и сдерживаются среди горожан правителями и государства и с помощью «мудрости принуждения» устраняется несправедливость, за исключением того, что эта несправедливость не будет истекать от самого правителя.[8, с. 201] Ненасилие же Ибн Халдуном описывается в данной книге тем, что в годы войны люди, которые одиноки и не имеют родственников, «малодушно разбегутся и в одиночку будут искать спасения каждый сам для себя. Они не способны организовать жилье (*сукна*) в пустыне, поскольку в таком случае станут легкой добычей других народов, коли те пожелают их поглотить». [8, с. 202]

Рассматривая вопрос о главенстве среди племен, создающие спаянность по линии родства как между собой, так и с другими группами, Ибн Халдун убежден, что оно не принадлежит им всем, а определенному кругу, имеющее место благодаря преобладанию по отношению к другим группам и людям, которая, в свою очередь достигается благодаря спаянности. Такое преобладание Ибн Халдуном называется *мулк*. Во владении и главенстве же наблюдается некоторые признаки насилия, когда речь идет о господстве правителя, принужденном покорении жителей и преобладании благодаря принуждению. [3, с. 206] Более того, владение, на взгляд Ибн Халдуна, высокое и привлекательное положение, которое

обеспечивает мирские блага. Отсюда, заключает философ, «обычно за него состязаются (*танāфус*) и редко кто отдает его другому, разве что тот получит преобладание. Возникающее соперничество (*мунāза'а*) ведет к войне, битве и одолению [противника] (*муґāлаба*), а всего этого, как мы говорили, не бывает без спаянности». [8, с.208-209] Далее, разъяснение переходит в русло социально-этического понимания вопроса насилия и ненасилия, что будет изложено нами в последующей соответствующей части данной работы.

Из вышеизложенного вытекает, что исламский философско-политический аспект вопроса о насилии и ненасилии важно понимать в фокусе отношения между государством и обществом через структурный анализ, который является наиболее полезной парадигмой для изучения социально-политических конфликтов и проблем. Так, в своей работе, посвященной государствам и обществам, исламские мыслители едины во мнения, что генеалогия государства и его структуры может помочь объяснить его развитие и то, как государства относятся к своим субъектам. Эта структурная парадигма помогает объяснить этническое насилие, контекстуализируя его временное, политическое и философское измерения. Данная структурная парадигма контекстуализирует политику национального государства в отношении групп меньшинств, как коренных, так и некоренных, посредством анализа природы государства и его исторического развития с учетом того, какие группы были включены и исключены из этно-национального проекта по его происхождению.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абу, Бакр ар-Рази. Духовная медицина / Абу Бакр ар-Рази. – Душанбе, 1990.-С. 83.
2. Бациева, С.М. Историко-социологический трактат Ибн Халдуна «Мукаддима» / С.М. Бациева. - М., 1965.
3. Ганди, М. Революция без насилия / М. Ганди. – М.: Алгоритм, 2012.-480 с.
4. Гусейнов, А.А. Понятия насилия и ненасилия / А.А. Гусейнов /Вопросы философии. 1994. № 4. С. 35-37.
5. Гусейнов, А.А. Этика ненасилия / Гусейнов А.А. // Вопросы философии. – 1992. - №3. – С. 72-81.
6. Зикирзода, Х. Социально-политическая философия Ибн Халдуна / Х. Зикирзода. – Душанбе, 2018
7. Золотухин, В.В. Философия Ибн Халдуна. Автореферат, Научная библиотека дисс.автор. / В.В. Золотухин. [электронный ресурс]
8. Ибн Халдун. Ал-Мукаддима. Бейрут: Дар ал-фикр, б.г. Составление, перевод с арабского и примечания А.В. Смирнова / Историко-философский ежегодник 2007 / Ибн Халдун // Ин-т философии РАН. – М.: Наука, 2008. - С. 208-209.
9. Игнатенко, А.А. Ибн Халдун / А.А. Игнатенко. - М.: Мысль, 1980.
10. Лелин, В.И. Теория насилия / А.А. Лелин, Ибн Халдун. –М.: Алгоритм, 2007.–256 с.
11. 11.Смирнов, А.В. Ибн Халдун и его новая наука // Историко-философский ежегодник 2007 / А.В. Смирнов // Ин-т философии РАН. – М.: Наука, 2008.–168 с.
12. Смирнов, А.В. «Обустраивание мира»: новая наука Ибн Халдуна / А.В. Смирнов // Известия Академии наук Республики Таджикистан, отделение общественных наук. – 2017. -№1.
13. Deboer, T.J. Dunn, Rose E. The History of Philosophy in Islam, translated by: Edward R.Jones, Cosmo Publication, New Delhi, India 1983
14. Ibn Khaldun, The Muqaddimah: An Introduction to History, trans. Franz Rosenthal. Princeton: Princeton University Press, 1967, 2:73.
15. Peter Ackerman and Jack DuVall, A Force More Powerful: A Century of Nonviolent Conflict. New York: St. Martin's Press 2000.-p. 501.

КОНЦЕПЦИИ НАСИЛИЯ И НЕНАСИЛИЯ В УЧЕНИИ ИБН ХАЛДУНА

В статье рассматривается проблемы насилия и ненасилия в учении Ибн Халдуна. Ибн Халдун отмечает в своем знаменитом «Мукаддиме» («Введение»), что «войны и различные виды борьбы всегда происходили в мире с тех пор, как Бог создал его». Война - это эндемическое явление человеческого существования, пишет он, и «нечто естественное среди

людей. Ни одна нация, ни одна раса не свободны от нее». Краткий комментарий Ибн Халдуна довольно хорошо обобщает традиционное исламское понимание войны как универсального и неизбежного аспекта человеческого существования. Таким образом, вопросы войны и мира входят в сферу действия божественного законодательства для человечества.

Ключевые слова: насилия и ненасилия, война и мир, общество, государство, политико-социальном

КОНСЕПСИЯИ ЗЎРОВАРӢ ВА АДАМИ ЗЎРОВАРӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБН ХАЛДУН

Дар мақола масъалаи зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ дар таълимоти мутафаккир Ибн Халдун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ибни Халдун дар «Муқаддима», худ қайд мекунад, ки «аз замони офариниши Худо ҳамеша дар ҷаҳон ҷангҳо ва навъҳои гуногуни муборизаҳо рух медоданд». Ҷанг як падидаи эндемикии мавҷудияти инсон аст, менависад ӯ ва «чизи табиии байни одамон, ҳеҷ миллат, ҳеҷ як нажод аз он холӣ нест». Тафсири мухтасари Ибни Халдун фаҳмиши суннатии исломии ҷангро ҳамчун як ҷанбаи умумибашарӣ ва ногузири мавҷудияти башар хеле хуб ҷамъбаст мекунад. Ҳамин тариқ, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ ба доираи қонунгузории илоҳӣ барои башарият дохил мешаванд.

Калидвожаҳо: зӯроварӣ, ва адами зӯроварӣ, ҷанг ва сулҳ, ҷомеа, давлат, сиёсӣ-иҷтимоӣ.

THE CONCEPTS OF VIOLENCE AND NON-VIOLENCE IN THE TEACHINGS OF IBN KHALDUN

This article examines the problems of violence and non-violence in the teachings of Ibn Khaldun. Ibn Khaldun notes in his famous Muqaddimah (Introduction) that "wars and various kinds of struggle have always occurred in the world since God created it." War is an endemic phenomenon of human existence, he writes, and "something natural among men. No nation, no race is free from it." Ibn Khaldun's brief commentary sums up quite well the traditional Islamic understanding of war as a universal and inevitable aspect of human existence. Thus, questions of war and peace fall within the scope of divine legislation for humanity.

Key words: violence and non-violence, war and peace, society, state, political and social.

Дар бораи муаллиф
Давлатова Озодамоҳ Сафомудиновна
Номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи таърих ва фалсафа
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел.: (+992) 933 74 63 74

Об авторе
Давлатова Озодамох Сафомудиновна
Кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры истории и философии
Таджикский международный университет туризма и предпринимательства
734055, Республики Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбад, 48/5
Тел.: (+99) 933 74 63 74

About the author
Davlatova Ozodamoh Safomudinovna
Candidate of Philosophy Senior lecturer at the Department of History and Philosophy
Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship
Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad str., 48/5
Ph.: (+99) 933 74 63 74

ТДУ 321.01:2+316.3(55+553.4+58)

ДУНЯВИЯТ ҲАМЧУН ЯК РАВАНДИ ТАДРИҶӢ ВА РАДНАШАВАНДА: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НАҚШИ ТАҒЙИРЁБАНДАИ ДИН ДАР СИЁСАТ ДАР АРАБИСТОНИ САУДӢ, ЭРОН ВА АФҒОНИСТОН

Файзуллозода Х. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар имрӯза дунёи мураккаб ва дар саҳнаи сиёсии идоракунии муосир мафҳуми «дунявият» ҳамчун санги асосии ҷомеаҳои демократӣ қарор дорад. Ҷомеашиносон барои ишора ба раванди дунявият аз истилоҳи «секуляризм» истифода мекунанд. Давлати дунявӣ ё худ секулярӣ аз рӯи таъриф кафолат медиҳад, ки дин ва давлат мустақилона амал кунанд ва яке бар дигаре дахолат нанамояд. Дар давлати дунявӣ ҳукумат ва қонунҳо нисбат ба дин бетараф буда, расман «мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад»[9]. Дар асоси ин принсип, давлати дунявӣ бо канорагирӣ аз таъсиси дини расмии давлатӣ аз ҳукмронии як гурӯҳи мазҳабӣ ба дигараш монеъ мешавад, баробарии ҳамаи дину мазҳабҳо дар назди қонун эътироф мегардад, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки эътиқоди фардии худро ба дигарон таҳмил кунад, ба шахсони алоҳида барои доштани дин ё мазҳаби муайяне баҳо дода намешавад ва дар хизматрасонӣ ба шаҳрвандон аз рӯи эътиқоди онҳо табъиз бавуҷуд намеояд. Ин дар навбати худ, эҳтимоли ихтилофоти мазҳабиро коҳиш дода, ба пойдортар ва муттаҳид шудани ҷомеа мусоидат мекунад.

Бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ намуд, ки асли дунявият маънои муқобил будан бо дин ва маҳдуд сохтани озодиҳои диниро надошта, моҳияти он дар муҳайё намудани шароити озод ва баробари татбиқи озодиҳои динию эътиқодии шаҳрвандон ифода мегардад. Дунявият мекӯшад чаҳорчӯби эҳтиромӣ мутақобила ва ҳамкориро дар байни ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, ки ҷаҳонбинии динӣ ва ғайридинӣ доранд таъсис диҳад ва ваҳдатро бо эҳтироми фарқиятҳои инфиродию фарҳангӣ таҳким бахшад. Пас, «айният додани атеизм ва дунявият хатои маҳз аст, ки онро гурӯҳҳои муайян дар муборизаҳои сиёсӣ истифода мебаранд»[5]. Ба қавли баъзе коршиносон: «Дар асл дунявият замонате барои имон дар шакли амиқ ва саҳеҳ аст, зеро имони саҳеҳ аз интихоби озодӣ ҳосил мешавад. Дине, ки дар шакли иҷборӣ ҳосил мешавад, ҳаргиз дин ва имони ҳақиқӣ нест»[15]. Аз ин рӯ, метавон гуфт дунявият диндории ҳақиқиро асос мегузорад, зеро дар шароити дунявият диндории риёкорона ва намоишӣ ранги худро гум мекунад, аз тақаллуби мазҳабӣ ҷилавгирӣ ба амал меояд ва имкони ба даст овардани имтиёзҳои дунявӣ аз номи дин аз байн меравад.

Ин ҷо зарур аст, ки баррасӣ кунем муносибати давлатҳои динӣ ба принсипҳои дунявият чи гуна аст: онҳо дунявиятро дар амал татбиқ мекунанд ё онро ба куллӣ рад менамоянд. Дар идома, се кишвари Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Аморати Исломии Афғонистон ҳамчун намунаҳои барҷастаи давлатҳои динӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо таҳлили муқоисавии ин давлатҳо метавон чолишҳо ва паёмадҳои давлатдории диниро арзёбӣ намуда, дунявиятро дар заминаҳои мухталифи сиёсӣ ва фарҳангӣ беҳтар дарк кард.

Дунявият дар Арабистони Саудӣ. Дар назари аввал сухан гуфтан дар бораи секуляризм, либерализм ва ё идеологияи дигаре ба ҷуз исломи ваҳҳобӣ-салафӣ дар ҷомеаи Арабистони Саудӣ душвор ба назар мерасад, зеро он як кишвари мутамаркази динӣ ва ғайри дунявӣ ҳисобида мешавад. Дар моддаи аввали қонуни асосии кишвар омадааст, ки «мамлакати Арабистони Саудӣ як давлати мустақили исломии араб аст. Дини он ислом аст, қонуни асосиаш китоби Худои таъоло ва суннати Расули Худо мебошад[19]. Қуръон сарқонуни давлат эълон гардида, аҳкоми шариат қонунҳои ҷорӣ мебошанд»[4].

Аммо аз даҳаи 1970 ҳукумати Арабистони Саудӣ ба хотири даромадҳои пурманфиати нафт дар фикри навсозии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шуд ва аввалин нишонаҳои секуляризм дар навсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоии ҳамин давра ба вуҷуд омаданд. Сипас дар ибтидои асри 21 таҳти таъсири густариши интернет, ҷаҳонишавӣ ва интиқодоти кишварҳои ғарбӣ аз Арабистони Саъудӣ барои нақзи ҳуқуқи башар ва ҳимоят аз терроризм замина барои зуҳури нишонаҳои секуляризм дар ин

кишвар фароҳам омад. Ҷараёни тамоюл ба секуляризм тадриҷан идома ёфт, то ин ки соли 2017 Муҳаммад бин Салмон ба қудрат расид ва ошкоро ва бо суръати бесобиқа раванди секуляризатсияро дар Арабистони Саъудӣ таҳти унвони замонависозӣ ва бо тадбирҳое чун санади «Чашмандози 2030» ва «Мавсими Риёз», ки ҳамчун «ислоҳоти ҳамаҷониба» муаррифӣ мешаванд, суръат бахшид. Равшан аст, ки ин иқдомоту ислоҳот танҳо табиати иқтисодӣ надоранд, балки бахшҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бо мақсади навсозии ниҳодҳо ва ҳаёти ҷамъиятии кишварро низ ҳадаф қарор медиҳанд.

Яке аз иқдомоти Муҳаммад бин Салмон, ки хусусияти комилан дунявӣ дорад ин буд, ки ихтиёроти «Кумитаи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар»-и Арабистони Саудиро маҳдуд намуда, «ба эътидол овард ва онро ба нақши дурусти худ ҳамчун «роҳнамои маънавии ҷомеа» баргардонд»[1]. Кумитаи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар як ниҳоди расмӣ-давлатии Арабистони Саудӣ аст, ки ҳадафаш татбиқи шариати исломӣ дар шоҳигарии теократии исломӣ мебошад. Қаблан ин кумита метавонист ҳар касеро, ки арзишҳо ва принсипҳои исломиро поймол мекунад, аз қабили ҳамҷинсгароӣ, танфурӯшӣ, хӯрдани гӯшти хук, напӯшидани ҳиҷоб, нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ, боз будани дӯконҳо дар вақти намоз ва ғайра, манъ кунад[28]. Аммо дар давраи Муҳаммад бин Салмон нақшаи коҳиши салоҳиятҳои иҷроияи кумита тасдиқ гардид. Баъди аз байн бурдани салоҳиятҳо, аз қабили ҳабси ҷиноӣ ва маъмурӣ, таъқиб, пурсиш, бозпурсӣ ва тафтиши шаҳодатномаи шахсҳо, нақши ин кумита дар чаҳорчӯби «рафтори нек» коҳиш ёфт. Ҳоло бошад ба ҷои дахолати мустақим, ин кумита танҳо барои гузориш додани ҷиноятҳо ба пулис ё Идораи мубориза бо маводи мухаддир масъул аст[10].

Тайи чанд даҳсолаи ахир нерӯҳои «кумитаи амри маъруф ва наҳйи мункар» дар сафи аввали дифоъ аз меъёрҳо ва қавонини шариат дар Арабистони Саудӣ қарор доштанд. Назорат бар либоси занон - абая ва ҷудо кардани зану мард дар ҷойҳои ҷамъиятӣ аз вазифаҳои аслии онҳо буд. Аз замони валиаҳдии Муҳаммад бин Салмон ин кишвари муҳофизакор тадриҷан сиёсатҳои мӯътадилтареро пеш гирифт, ки сабук шудани қоидаҳо дар мавриди пӯшидани абая ва ё иҷозаи кушодани дӯкону мағозаҳо дар вақти намоз ва риоя нашудани ҷудоии зану мард дар бисёр ҷойҳо натоиҷи возеҳи он аст. Як коргари собиқи пулиси «амри маъруф ва наҳйи мункар» бар ин назар аст, ки кори ӯ ҳатто дар зоҳир дигар вуҷуд надорад. «Мо дигар ҳақ надорем, ки ба рафтору кирдори мардум дахолат кунем» мегӯяд ӯ. «Мо ҳатто гуфта наметавонем, ки ин рафтор бо шариат номувофиқ аст». Вай бо ибрози таассуф аз ин вазъ мегӯяд, ки бисёре аз ҳамкасбонаш танҳо ба хотири маош ва рӯзгори худ аз кор даст накашидаанд[17].

Ҳамин тариқ, «аз замони ба қудрат расидани Муҳаммад бин Салмон, дар ин салтанат бисёр меросҳо ва табуҳо (мамнӯиятҳои динӣ) шикаста шуданд ва уламои барҷаста аз номи давлати Саудӣ фатвоҳое содир мекунанд, ки аз як тамоюли «ҷудо кардани дин ва давлат» шаҳодат медиҳад. Садҳо фатвоҳо вуҷуд доранд, ки ифтитоҳи кинотеатрҳо, баргузории консертҳо, ҷойҳои дилхушӣ, барзаговбозӣ ва ҳатто ронандагии занонро манъ мекунанд, бо вуҷуди ин, ҳамаи ин фатвоҳо нақз шуданд ва аксари мамнӯъиятҳо бе фатвои муассисаи динӣ иҷозат дода шуд. Доктор Муҳаммад Ал-Сағир, мушовири собиқи вазири вақфҳои Миср, гуфтааст: “Арабистони Саудӣ на танҳо ба секуляризм рӯ овардааст, балки мехоҳад парчами секуляризмро дар минтақа боло бардорад ва дар ин самт раҳбарӣ кунад”»[29]. Аз ин рӯ, баъзе «пажӯҳишгарони сиёсӣ бар ин назаранд, ки Муҳаммад бин Салмон Отатурки Арабистони Саудӣ аст, ки талош дорад ба тадриҷ секуляризмро дар ин кишвар паҳн кунад»[18].

Дунявият дар Ҷумҳурии Исломии Эрон. Дар моддаи аввали «Қонуни асосӣ»-и Ҷ. И. Эрон чунин омадааст: «Ҳукумати Эрон як ҷумҳурии исломӣ аст, ки миллати Эрон дар назарсанҷии умумие, ки санаи 10 ва 11-уми фарвардини соли 1358 ҳиҷрии шамсӣ (баробар бо 30 ва 31.03.1979) баргузор шуд, бо аксарияти 98,2% ба он раъйи мусбат доданд»[12]. Бо вуҷуди ин ки дар он интихобот аксарияти мардум аз низоми идоракунии исломӣ ҷонибдорӣ карданд, вале пас аз он, бо мурури замон манзараи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи Эрон таҳаввул ёфт ва баҳсҳои ҷиддиро дар бораи нақши дин дар сиёсат ба миён овард. Дар тӯли даҳсолаҳо омилҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла тағйирот дар афкори ҷамъиятӣ, тағйироти наслӣ, чолишҳои иқтисодӣ ва таъсироти равандҳои ҷаҳонӣ ба афзоиши гуфтугӯ дар бораи дунявият мусоидат карданд. Ин гуфтугӯ на танҳо як баҳси абстрактии идеологӣ, балки як воқеияти зинда аст, ки дар фикру

андешаи қишрҳои гуногуни ҷомеаи Эрон таҷассум ёфтааст. Баҳснокии масъалаи дунявият ё худ ҷудоии дин аз сиёсат дар имрӯза ҷомеаи Эрон дар се ҷиҳат зоҳир мегардад:

1. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ. Гарчанде ки баъд аз инқилоби соли 1979, дар аввали таъсиси «Ҷумҳурии исломӣ» 98,2%-и мардуми Эрон ба тарзи давлатдории динӣ раъйи мусбат доданд, вале ин рақам дар солҳои минбаъда ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Мутобиқи назарсанҷии саросарии давлатӣ, ки аз сӯи «Дафтари лоиҳаҳои миллии Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ»-и Эрон бо номи «Паймоиши миллии арзишҳо ва нигаришҳои эрониён» дар тирамоҳи соли 2015, дар 31 вилояти Ҷ.И.Эрон миёни 14906 аҳолии ин кишвар гузаронида шуд, маълум гардид, ки ба саволи «Шумо то куҷо ба ҷудоии дин аз сиёсат розӣ ҳастед ё розӣ нестед?» 30,7%-и пурсишшудагон варианти «розӣ ҳастам» ва «комилан розӣ ҳастам»-ро интихоб намуданд. 33% бошад варианти «на розиам ва на норозӣ»-ро ва 36,3% гузинаи «розӣ нестам» ва «умуман розӣ нестам»-ро интихоб карданд[7]. Назарсанҷии мазкур дар дохили Эрон бо дастгирии давлат гузаронида шудааст. Охирон бор назарсанҷии мазкур моҳи ноябри соли 2023 гузаронида шуд ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ибтидои соли 2024 рӯнамоӣ гардид[14], вале дастраси умуми мардум қарор нагирифт[21].

Аммо мутобиқи назарсанҷии ғайридавлатӣ, ки ба шакли онлайн, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар моҳи апрели соли 2019 аз тарафи «Гурӯҳи таҳқиқоти афкорсанҷии эрониҳо» (GAMAAN) гузаронида шуд, ошкор гардид, ки аз миёни 204000 ширкаткунанда, ки 180000 нафари онҳо дар ҳудуди кишвари Эрон қарор доштанд, ба саволи пешгузоштаи «Дар раъйпурсии озод, раъйи шумо ба низоми Ҷумҳурии Исломӣ чӣ хоҳад буд?» 79,4% варианти «не» ва 20,6% бошад варианти «ҳа»-ро интихоб намуданд[30].

Дар назарсанҷии дигаре, ки гурӯҳи мазкур соли 2020 гузаронид, маълум шуд, ки ба андешаи 68%-и пурсишшудагон аҳкоми динӣ набояд меъёри қонунгузорӣ қарор гирад, ҳатто агар диндорон аксариятро дар парлумон ташкил диҳанд. Танҳо 14% чунин мешуморанд, ки қонунҳои кишвар бояд бо аҳкоми динӣ мутобиқ бошанд[32].

Ҳамчунин дар назарсанҷии дигари ин гурӯҳ, ки дар ибтидои соли 2022 зери унвони «Муносибати эрониҳо ба низоми сиёсии матлуб» гузаронида шуд, муайян гашт, ки 67%-и пурсишшудагон сохтор ва низомеро, ки бо қонунҳои динӣ идора мешавад хеле ё то андозае бад арзёбӣ кардаанд ва тақрибан 28% чунин сохтор ва низомеро хуб медонанд[31].

2. Эътирофи равшанфикрони мухолиф. Мутафаккирон ва озодандешони муосири эронӣ, ки аксаран ҳамчун гурӯҳи мухолифи ҳукумати динӣ шинохта мешаванд, эътироф мекунанд, ки «имрӯз дар Эрон ва дигар кишварҳои Ховари Миёна як ҷунбиши хеле пурқуввати дунявият ҷараён дорад[35]. Дар Эрон секуляризм ба як масъалаи асосӣ табдил шуда[23], аксари мардуми Эрон ба хулосаи дунявият барои Эрон расидаанд[24]. Ҳам ҷонибдорони ҳукумати динӣ ва ҳам мухолифонаш масъалаи «дунявият»-ро муҳим медонанд ва то ҷое дар он ширкат мекунанд. Мубоҳиса худҷӯш (стихиявӣ) аст, ҳаракати онро наметавон маҳдуд кард»[16]. Ҳатто «бисёре аз пешвоёни инқилоби соли 1979 ба хулосаи дунявият расидаанд. Ин як ҳаракати мардумист, на чизест, ки аз боло ба мардум бор карда шуда бошад»[35]. Баъзе низ ба ин хулоса расидаанд, ки: «Секуляризми сиёсӣ ниёзи таъхирнопазири ҷомеаи мост»[8].

Аз ин эътирофҳо бармеояд, ки дунявият ҳамчун як масъалаи муҳим дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеаи Эрон дунбол карда мешавад ва он на танҳо як баҳси ҳошиявии идеологӣ ҳисобида мешавад, балки як унсури марказии гуфтугӯи ҷамъиятӣ мебошад, ки хусусияти табиӣ-стихиявӣ дорад. Ҳатто онҳое, ки замоне аз як модели возеҳи исломӣ ҷонибдорӣ мекарданд, ҳоло дунявиятро барои пешрафт ва таҳаввулоти кишвар зарур мешуморанд, ки ин худ аз тағйирот дар идеологияи сиёсӣ ва амалияи идоракунӣ шаҳодат медиҳад.

3. Нигарониҳои тарафдорон ва ходимони ҳукумати динӣ. Ривоҷ ёфтани баҳси дунявият ва нуфузи ғояҳои он дар сохторҳои давлатӣ ва мазҳабии Эрон боиси нигарониҳои тарафдорон ва ходимони ҳукумати динӣ гардидааст. Дар ин бора раиси «Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ», собиқ раиси Маҷлиси шӯрои исломӣ (парламенти Ҷ.И.Э) Ҳаддод Одил чунин изҳор намудааст: «Ман шахсан секуляризмро муҳимтарин чолиши назариявӣ ва амалии инқилоби исломӣ медонам»[27]. Ин изҳорот баёнгари нигарониҳои амиқи ҳокимияти Эрон дар мавриди сохтории

Ҷумҳурии Исломӣ аст: андеша ва ҷараёни дунявият метавонад ба зери шубҳа гузоштани зарурати ҳукмронии динӣ оварда расонад.

Идеологи машҳури Ҷ.И.Э. ва собиқ намояндаи «Маҷлиси хубрагони раҳбарӣ» Мисбоҳи Яздӣ чунин изҳор намудааст: «Дар миёни бархе аз мансабдорони кишвар осори секуляризм вуҷуд дорад, ҳатто дар муассисаҳои динӣ ва мадрасаҳои мо нохудогоҳ секуляризм нуфуз карда истодааст[25]. Ҳатто дар дохили кишвари исломии худамон осори секуляризм дар мақомоти баландпояи кишвар дида мешавад»[3]. Эътироф кардани Мисбоҳи Яздӣ аз нуфузи афзояндаи андешаи дунявият дар ниҳодҳои сиёсӣ ва мазҳабии Эрон, нишонае аз бӯҳрони идеологии режим аст. Вақте ки ғояҳои дунявият ҳатто доираҳои муҳофизакортаринро фаро мегиранд, режим бо интихоби душвор рӯбарӯ мешавад: ба ин тағйирот мутобиқ шудан ва хатари аз даст додани ҳувияти идеологии худ ё муқовимат ба онҳо ва хатари норозигӣ ва бегонашавии мардуми худ.

Як рӯҳониҳои динӣ ва аъзои Маҷлиси шӯрои исломӣ (депутати парламенти Ҷ.И.Э) Қосими Равонбахш дар изҳорои худ чунин гуфтааст: «Мутаасифона, аз беэътиноии уламо, бузургон, толибилмон ва донишмандони ҷавони мадрасаҳои динӣ имрӯз на танҳо секуляризми анъанавӣ, балки секуляризми типи муосири он низ дар мадрасаҳои динӣ нуфуз кардааст. Имрӯз охундҳое секуляризмро дар мадрасаҳои динӣ тарғиб мекунанд, ки секуляристҳои ғарбӣ низ ба онҳо намерасанд! Таъсири ин ҷамоат бар мардум бештар аз секуляристҳои ғарбӣ аст, зеро онҳо либоси ҳидоят бар тан доранд ва бо аммомаи (саллаи) Паёмбар бединиро тарвиҷ мекунанд!»[13]. Нигарониҳои Равонбахш ошкор мекунад, ки чи тавр секуляризм танҳо бо таъсироти беруна маҳдуд намешавад, балки дар қалби ниҳодҳое, ки ба ҳифзи арзишҳои исломӣ муваззаф шудаанд, яъне муассисаҳо ва мадрасаҳои динии анъанавӣ роҳ ёфтааст. Изҳороти Равонбахш ҷанбаи нави секуляризмро дар Эрон муайян мекунад: қабули он аз ҷониби баъзе рӯҳониён ва уламои муайян дар дохили ниҳодҳои динӣ.

Ҳамин тариқ, нигарониҳои мақомоти эронӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки андешаи дунявият сарфи назар аз кӯшишҳои ҳукумат барои назорат ва пешгирӣ кардани он, дар ҳоли паҳншавӣ аст ва он ҳамчун як нерӯи афзоянда дар ҷомеаи муосири Эрон метавонад ба ҳукмронии теократӣ-динсолорӣ мухолифат намуда, манзараи сиёсӣ ва пояҳои идеологии ҳукуматро ба чолиш кашад. Дар ҳоле, ки давлат ва ҳукумати Эрон дар баробари дунявият муқовимат намуда, барои мувозинат кардани ҳувияти динии худ бо талаботи ҷаҳони муосир муборизa мебарад, ин вазъият маҳдудиятҳо ва зиддиятҳои хоси тарзи давлатдории диниро нишон медиҳад.

Дунявият: аз боло ба поён ва аз поён ба боло. Таҳлилу баррасии ҷараёни дунявият дар ду давлати исломӣ нишон медиҳад, ки он дар Арабистони Саудӣ хусусияти «аз боло ба поён» дорад ва дар Ҷ.И.Эрон бошад ҷараёни мазкур сифати «аз поён ба боло»-ро дар худ инъикос менамояд. Хоҳ бо воситаи стратегияҳои барҷастаи ислоҳоти давлатӣ ва хоҳ тавассути тақозоҳои пайвастаи мардум, ҳаракат ба сӯи секуляризатсия дар Арабистони Саудӣ ва Эрон як таҳаввулоти васеъ ва ногузирро нишон медиҳад, ки дар он чаҳорчӯбҳои анъанавии динӣ-мазҳабӣ барои беҳтар мувофиқат кардан бо печидагиҳои ҷаҳони муосир тағйир меёбанд. Чунин таҳаввулот бори дигар маҳдудият ва зиддиятҳои хоси шакли динии давлатдориро ошкор намуда, собит месозад, ки шакли давлатдории динӣ модели статикӣ ё мутлақ набуда, балки низомест, ки бояд пайваста ба дигаргуниҳои ҷомеа мутобиқ шавад. Дар ниҳоят, дигаргуниҳои тадриҷии давлатҳои динӣ як воқеияти бунёдиро таъкид мекунад: ҳеҷ як системаи сиёсӣ, ҳатто як системаи сиёсие, ки аз идеологияи динӣ реша давондааст, наметавонад аз пешрафти таърихӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ комилан эмин бошад.

Дунявият дар Аморати Исломии Афғонистон. Баъд аз бори дуюм ба сари қудрат омадани Толибон дар Афғонистон, баҳсу мунозира дар бораи нақши дин дар идоракунии давлатӣ ва зарурати ташкили давлати дунявӣ дар ин кишвар равнақ ёфтааст. Мисол, пас аз интишори қонуни Толибон дар бораи амри маъруф ва наҳӣ аз мункар, ки барои аҳли ҷомеа, ба хусус занон, шароити бисёр сангинро таҳмил мекард Раҳматулло Набил, раиси пешини амнияти миллии Афғонистон ва Абдулатиф Падром, собиқ раиси Ҳизби Конгресси миллии Афғонистон хостори ҷудоии дин аз сиёсат дар Афғонистон шуда, таъкид намуданд, ки ин амр боиси суботу адолат хоҳад шуд[22][20]. Як веблогнависи афғон баъд аз зикри изҳороти Набил ва Падром чунин навиштааст: «Он чизе, ки Толибон имрӯз ба номи ислом ба сари мардум таҳмил кардаанд, на танҳо боиси

дингурезӣ шудааст, балки нигариш ба дунявиятро тақвият кардааст. Ва чун чанд чеҳраи сиёсӣ (Набил ва Падром) бори нахуст аз дунявият дар ин кишвар ҳарф заданд, ин қонунҳои сахтгирона ба зудӣ боиси дунявӣ шудани ҷомеа дар Афғонистон хоҳад шуд»[6].

Толибон бо ҷорӣ кардани қонунҳои шадиди динӣ ва маҳдуд кардани озодиҳо ҷомеаи Афғонистонро ба бознигарии нақши дин дар идоракунии давлатӣ водор намуда, эҳтимолан замина барои низоми сиёсии дунявии ояндаро фароҳам мекунанд. Дар ин бора яке аз нависандагони афғон чунин қайд кардааст: «Давлати Толибон барои мардуми Афғонистон фурсати хубе фароҳам оварда, ки нокомии ҳукумати фирқаӣ-мазҳабиро дарк кунанд ва бидонанд, ки чи гуна гурӯҳе зери ниқоби дин метавонад тамоми дороии моддию маънавии мардумро ба бод диҳанд ва миллионҳо нафарро ба банд кашанд. Аз ин рӯ, вокуниши муносиб ба Толибон ин рад кардани пояҳои ҳукмронии Толибон ва кор барои ташкили ҳукумати дунявӣ аст»[11].

Нависандагони дигар низ чунин таъкид намудаанд: «Мардуми афғон танҳо тавассути давлати дунявӣ метавонад сарнавишти сиёсии худро идора кунад[34]. Азбаски «давлати динӣ» ва «дини давлатӣ» монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди демократӣ, институтсионализатсия ва устувории сохтори сиёсӣ ва татбиқи адолати иҷтимоӣ дониста мешаванд, истиқрори дунявият барои мардуми Афғонистон чашмандози боэътимод ва итминонро ба сӯи ояндаи амн ва холӣ аз табъиз ва зӯроварӣ боз мекунад»[33].

Бозгашти дубораи гурӯҳи Толибон ба сари қудрат ва татбиқи сиёсатҳои сахтгирона ва ифротӣ аз номи дини ислом ба таври ногаҳонӣ заминаеро барои тағйири густурдаи иҷтимоӣ ба сӯи дунявият фароҳам кардааст. Мардум дарк карданд, ки ягона роҳи ҳалли мушкилот ва рушду шукуфоӣ дар Афғонистон гузаштан ба низоми давлатдории дунявӣ аст. «Дунявият на танҳо як роҳи ҳалли рафъи зулми динӣ-мазҳабӣ ва нобаробарии ҷинсиятӣ дар Афғонистон аст, балки метавонад роҳеро барои ҷомеае ҳамвор кунад, ки дар он ҳама афрод новобаста аз ҷинс, дин ва мансубияти этникӣ аз ҳуқуқҳои баробар бархӯрдор бошанд»[26].

Ҳамин тариқ, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди сиёсиву иҷтимоӣ дар давлатҳои динии Арабистон, Эрон ва Афғонистон тамоюли тадриҷӣ, вале раднашавандаро ошкор мекунад: ҳаракат ба сӯи дунявият. Ҳарчанд ҳар яке аз ин давлатҳо ин дигаргуниро бо тарзҳои алоҳида ва ба худ хос аз сар мегузаронанд, аммо самти ҳаракат ҳамоно равшан боқӣ мемонад – дарк кардани он, ки низоми идоракунӣ дар ниҳоят бояд ба талаботи замон, ба принсипҳои давлатдории муосир мутобиқ шавад, ки дар он дин ва сиёсат ҷузъҳои ҷудогона мебошанд. Ин тамоюли тадриҷӣ ва ҳаракати раднашавандаи давлатҳои динӣ ба сӯи дунявият, барои Тоҷикистон дарси фаврӣ ва ҳаётӣ дорад: аҳамияти ҳифз ва таҳкими пояҳои дунявияти хеш.

Афрод ва гурӯҳҳое, ки аз таъсиси давлати исломӣ ҳимоят мекунанд ин воқеиятро нодида мегиранд, ки таърихи муосир нокоромадии давлатдории диниро аллакай собит кардааст. Таҷрибаи кишварҳое, ки ҳукмронии диниро қабул кардаанд, нишон медиҳад, ки чунин низомҳо аксар вақт ба низоъҳои мазҳабӣ, саркӯби дигарандешиҳо, набудани гуногунандешӣ, бесуботии сиёсӣ, рукуди иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, таъқиби ақалиятҳо ва маҳдудиятҳои озодиҳои шахс оварда мерасонанд. Гузашта аз ин, «агар ҷомеа динӣ бошад, онро аз пайравӣ аз арзишҳои дунявӣ ҷои гурез нест»[2] ва имрӯзҳо мо шоҳиди онем, ки дар дохили худи давлатҳои динӣ ҳаракат ба сӯи дунявият дар ҳоли ҷараён аст.

Оё тарафдорони таъсиси давлати исломӣ боре аз худ пурсидаанд, ки чаро мо бояд сарнавишти ояндаи худро бо низоме гиреҳ бизанем, ки дигарон сахт дар талошанд то аз он раҳо шаванд? Даъват ба тарзи давлатдории динӣ аслан даъват ба такрори хатогиҳое мебошад, ки дигар миллатҳо дучор гаштаанд. Чаро мо он чиро, ки дигарон озмудаанд ва хатогиаш собит шудааст дубора ҳамонро биозмоем? Дар урфият ҳикмати азалӣ мегӯяд «таҷрибаро таҷриба кардан хатост». Ба мо лозим нест, ки он низомеро, ки аллакай зиёнаш ба озодӣ, субот ва рушди миллӣ собит шудааст, таҷриба кунем. Тоҷикистон бояд аз таҷрибаи дигар миллатҳо биомӯзад ва дар ҳифзу таҳкими пояҳои давлатдории дунявии худ устувор бимонад. Ҳамчун миллате, ки аллакай низоми идоракунии дунявиро қабул кардааст, Тоҷикистон дар мавқеи беназир ва судманде қарор дорад – ин кишвар маҷбур нест муборизаҳои дардноки давраи гузаришро, ки ҳоло дигар давлатҳои динӣ аз сар мегузаронанд, таҷриба кунад.

Ҳамакнун, ки миллати тоҷик ба неъмати бебаҳои давлати соҳибистиқлолу дунявӣ даст ёфтааст, мо вазифадорем, ки ин низомро қадр намоем ва ҳифз кунем. Ба ҷои ба ақиб нигоҳ кардан ба моделе, ки дар ҷои дигар ноком шудааст, мо бояд ба таҳкими давлати дунявии худ, пешбурди илм ва маориф, пешрафти иқтисодӣ ва таъмини сулҳу субот ва амнияти миллату ватан саҳм гузорем. Мо бояд аз иштибоҳҳои давлатҳои дигар фаъолона дарс гирем ва барои таҳкими пояҳои дунявият дар Тоҷикистон дастаҷамъона кор кунем. Бо ин кор мо на танҳо истиқлол ва озодиҳои бо душворӣ ба даст овардаамонро ҳифз мекунем, балки инчунин ба ояндае роҳ мекушоем, ки дар он ҷамъиятамон дар асоси принсипҳои идоракунии оқилона ва олимона, баробарҳуқуқӣ, озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва эҳтироми мутақобила инкишоф меёбад.

Адабиёт

1. Committee for the Promotion of Virtue and the Prevention of Vice (Saudi Arabia) [манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Committee_for_the_Promotion_of_Virtue_and_the_Prevention_of_Vice_(Saudi_Arabia) (санаи истифодабарӣ: 12.02.2025)
2. Абдухалилзода, К.А. Ислом ва арзишҳои дунявӣ [Матн]: дисс... док. илм. фалс: 09.00.14 / Абдухалилзода Карометулло Абдухалил. – Душанбе, 2024. – С. 300. – 352 с.
3. Акбари Ганҷӣ. Хоманаӣ низ медонад, ки дунявият ва дингурезӣ ҷомеаро фаро гирифтааст [манбаи электронӣ]. URL: https://www.radiofarda.com/a/commentary-on-khamenei-mesbah-views-on-Iran-society/29685455.html (санаи нашр: 31.12.2018, санаи истифодабарӣ: 06.01.2025)
4. Арабистони Саудӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/Арабистони_Саудӣ (санаи истифодабарӣ: 12.01.2025)
5. Баротзода Файзулло. Давлатдории дунявӣ ва зиёдаравии динӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2015/11/davlatdorii-dunyav-va-ziyodaravii-din/ (санаи истифодабарӣ: 18.01.2025)
6. Ғуломризо Содот. Ҳукмронии калисоии Толибон; чаро баъзеҳо дар бораи дунявият ҳарф мезананд? [манбаи электронӣ]. URL: https://revayataf.com /حکومت-کلیسایی-طالبان؛-چرا-برخی-ها-از-سک/ (таърихи нашр: 27.08.2024. санаи истифодабарӣ: 01.01.2025)
7. Ёфтаҳои паймоиши миллии арзишҳо ва нигаришҳои эрониён (мавҷи сеюм). – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг, ҳунар ва иртиботот, 2016. – С. 248. – 718 С. [манбаи электронӣ]. URL: https://ircud.ir/Media/PDF/1400/04/12/637608720832709393.pdf (Санаи истифодабарӣ: 01.02.2025)
8. Исмоил Нурӣ Ало. Секуляризм алайҳи секуляризм. Манбаи электронӣ: https://www.newsecularism.com/2011/05/27.Friday/052711.Esmail-Nooriala-Secularisn-v-secularism.htm (санаи нашр: 27.05.2011, санаи истифодабарӣ: 05.01.2025)
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 06.11.1994, охирин тағйиру илова 22.05.2016. –Душанбе, моддаи 8.
10. Кумитаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункари Арабистони Саудӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://fa.wikipedia.org/wiki/کمیته_امر_به_معروف_و_نهی_از_منکر_عربستان_سعودی (санаи истифодабарӣ: 12.02.2025)
11. Кӯшишҳо барои ташкили ҳукумати дунявӣ, посухи муносиб ба қонуни нави зиддиинсонии Толибон [Манбаи электронӣ] URL: https://zantimes.com/fa/2024/09/04/appropriate-response-to-the-talibans-new-anti-human-law/ (санаи истифодабарӣ: 01.01.2025)
12. Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон [манбаи электронӣ]. URL: https://rc.majlis.ir/fa/law/show/133613 (Санаи истифодабарӣ: 06.02.2025)
13. Қосими Равонбахш. Зарурати таъсиси ситоди мубориза бо секуляризм дар ҳавзаи илмияи Қум [манбаи электронӣ]. URL: https://jebhepaydari.ir/1399/08/%D8%B6%D8%B1%D9%88%D8%B1%D8%AA-%D8%AA%D8%B4%DA%A9%DB%8C%D9%84-%D8%B3%D8%AA%D8%A7%D8%AF-%D9%85%D8/ (санаи истифодабарӣ: 07.01.2025).
14. Мавҷи чаҳоруми паймоиши милли арзишҳо ва нигаришҳои эронимён рӯнамоӣ шуд [манбаи электронӣ]. URL: https://www.ricac.ac.ir/news/5011/ارزش-ملی-پیمایش-چهارم-موج-و-ها-نگرش%E2%80%8Cشد-رونمایی-ایرانیان-های)
15. Маҳрамбеков Маҳрамбек. Танзими муносибат ба дин дар давлати миллӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/971 (санаи истифодабарӣ: 18.01.2025)

16.Муҳаммадризо Некфар. Мавқеъ, аҳамият ва доираи баҳси дунявият дар Эрон. [манбаи электронӣ]. URL: https://azadiandisheh.com/جایگاه،-اهمیت-و-دامنه-بحث-سکولاریسم-در/ (санаи нашр: 24.12.2016, санаи истифодабарӣ: 04.01.2025)
17.Нерӯҳои пулиси амр ба маъруфи Арабистони Саудӣ дучори дилафтодагӣ шудаанд[манбаи электронӣ]. URL: https://parsi.euronews.com/2022/01/14/saudi-arabia-frustration-morality-police-social-reforms (санаи истифодабарӣ: 12.02.2025)
18.Оё Отатурки Арабистони Саудӣ ба таблиғи секуляризм дар ин кишвар шуруъ кардааст? [манбаи электронӣ]. URL: https://fa.alalam.ir/news/4781056/آیا-آتاتورک-عربستان،-ترویج-سکولاریسم-در-این-کشور-را-آغاز-کرده-است (санаи истифодабарӣ: 09.01.2025)
19.Основной низам правления Саудовской Аравии [манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Основной_низам_правления_Саудовской_Аравии (санаи истифодабарӣ: 12.01.2025)
20.Падром мегӯяд, чудо кардани дин аз сиёсат ба пойдории адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад [манбаи электронӣ]. URL: https://www.afintl.com/202408267736 (санаи истифодабарӣ: 01.01.2025).
21.Паймоише аз мардум аммо дур аз чашми мардум [манбаи электронӣ]. URL: https://www.khabaronline.ir/news/1872127/پیمایشی-از-مردم-اما-دور-از-چشم-مردم-چرا-نتایج-آن-محرمانه-تلقی
22.Раҳматулло Набил хостори эҷоди ҳукумати секулор дар Афғонистон шуд [манбаи электронӣ]. URL: https://revayataf.com/رحمت-الله-نبیل،-خواستار-ایجاد-حکومت-سک/ (санаи истифодабарӣ: 01.01.2025).
23.Соми Қандчӣ. Вақти ташкили «ташаббуси глобалии дунявият» расидааст. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.ghandchi.com/871-global-secular-initiative.htm (санаи нашр: 04.03.2015, санаи истифодабарӣ: 05.01.2025)
24.Соми Қандчӣ. Секуляризм чист? [манбаи электронӣ]. URL: https://www.ghandchi.com/302-Secularism.htm (санаи нашр: 11.12.2003, санаи истифодабарӣ: 05.01.2025)
25.Таҳлили ҳамаҷонибаи Оятуллоҳ Мисбоҳ Яздӣ дар бораи дастовардҳо ва муваффақиятҳои инқилоб [манбаи электронӣ]. URL: https://www.rajanews.com/news/302585/القاء-ناکارآمدی-انقلاب-چهل%E2%80%8Aساله،-تصویرسازی-غلط-دشمن-است-سکولاریسم-در-حال-رسوخ-در-حوزه (санаи истифодабарӣ: 29.01.2025)
26.Фарзона Паноҳӣ. Секуляризм: поёни ситами динӣ ва нобаробарии ҷинсиятӣ [Манбаи электронӣ] URL: https://voiceow.com/fa/سکولاریسم-پایان-ستم-دینی-و-نابرابری-جن/ (санаи истифодабарӣ: 11.02.2025)
27.Ҳаддод Одил. Ман дунявиятро муҳимтарин чолиши назариявӣ ва амалӣ дар баробари инқилоб мешуморам [манбаи электронӣ]. URL: https://www.mehrnews.com/news/5871775/سکولاریسم-را-مهم-ترین-چالش-نظری-و-عملی-در-برابر-انقلاب-می-دانم (санаи нашр: 27.08.2023 санаи истифодабарӣ: 03.01.2025)
28.Ҳайат-ул-амр билмаъруф ваннаҳӣ анилмункар [манбаи электронӣ]. URL: https://ar.wikipedia.org/wiki/هيئة_الأمر_بالمعروف_والنهي_عن_المنكر (санаи истифодабарӣ: 12.02.2025)
29.Ҳал ас-Саудия фӣ тариқиҳа литусбаҳа давлатан алманиятан? [манбаи электронӣ]. URL: https://al-sharq.com/article/27/01/2019/هل-السعودية-في-طريقها-لتصبح-دولة-علمانية؟ (санаи истифодабарӣ: 12.01.2025)
30.Ҳисоботи назарсанҷӣ дар мавзӯи «Ҷумҳурии исломӣ: ҳа ё не?» [манбаи электронӣ]. URL: https://gamaan.org/wp-content/uploads/2019/04/gamaan-referendum-persian-report-1398.pdf (санаи истифодабарӣ: 01.02.2025)
31.Ҳисоботи назарсанҷии «Муносибати эрониҳо ба низоми сиёсии матлуб» [манбаи электронӣ]. URL: https://gamaan.org/fa/2022/03/31/political-systems-survey/ (санаи истифодабарӣ: 01.02.2025)
32.Ҳисоботи пурсишнома оид ба «Муносибати эрониён ба дин» [манбаи электронӣ]. URL: https://web.archive.org/web/20200910122023/https://gamaan.org/2020/09/09/gamaan-iran-religion-survey-2020/ (санаи истифодабарӣ: 31.01.2025)
33.Ҳодӣ Мирон. Афғонистон ва зарурати таъсиси низоми сиёсии дунявӣ [Манбаи электронӣ] URL: https://8am.media/fa/afghanistan-and-the-need-to-establish-a-political-system-based-on-secularism/ (санаи истифодабарӣ: 10.02.2025)
34.Ҳумоюни Растагор. Роҳи ҳалли бӯҳрони сиёсии Афғонистон секуляризм аст [Манбаи электронӣ] URL: https://zantimes.com/fa/2023/12/14/راهحل-بحران-سیاسی-افغانستان-سکولا/ (санаи истифодабарӣ: 01.01.2025)
35.Ҷалол Эҷодӣ. Секуляризм дар ҳукумати ояндаи Эрон. [манбаи электронӣ]. URL: https://iranliberal.com/نقد-و-اندیشه/سکولاریسم-در-حکومت-آینده-ایران-جلال-ای/ (санаи нашр: 02.07.2019, санаи истифодабарӣ: 04.01.2025)

ДУНЯВИЯТ ҲАМЧУН ЯК РАВАНДИ ТАДРИҶӢ ВА РАДНАШАВАНДА: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НАҚШИ ТАҒЙИРЁБАНДАИ ДИН ДАР СИЁСАТ ДАР АРАБИСТОНИ САУДӢ, ЭРОН ВА АФҒОНИСТОН

Дар мақола бо мақсади дарки муносибати давлатҳои динӣ ба принсипҳои дунявият таҳлили муқоисавии се кишвар оварда шудааст: Арабистони Саудӣ, Эрон ва Афғонистон. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин давлатҳо, ки ба таври суннатӣ аз рӯи принсипҳои исломӣ идора мешаванд, бо сабаби фишорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, аз қабили ҷаҳонишавӣ, модернизатсияи иқтисодӣ ва тақозоҳои ҷомеа барои озодиҳои бештар ба сӯи дунявият оҳиста-оҳиста, вале ба таври ногузир ҳаракат мекунанд. Дар Арабистони Саудӣ ислоҳоти Муҳаммад бин Салмон тадриҷан нуфузи ниҳодҳои диниро коҳиш дод, ки дар натиҷа бисёре аз мамнӯиятҳои динӣ лағв шуданд. Дар Эрон норозигии афзояндаи мардум ва ҳаракатҳои рӯшанфикрон, ки аз як шакли дунявии идоракунӣ ҳимоят мекунанд нақши дин дар сиёсатро ба чолиш кашидааст. Дар Афғонистон бозгашти Толибон назорати диниро пурзӯр кардааст, аммо мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ба миён омада баҳсҳои навро дар бораи зарурати идоракунии дунявӣ ба вуҷуд овардааст. Дар охир таъкид шудааст, ки дунявият як раванди тадриҷӣ, раднашаванда ва давомдор барои давлатҳои динӣ-исломист, ки мехоҳанд ба чолишҳои ҷаҳони муосир мутобиқ шаванд. Таҷрибаи ин давлатҳо бояд дарси ибрат бошад. Ҳамчун миллате, ки аллакай низоми идоракунии дунявиро қабул кардааст, Тоҷикистон дар мавқеи беназир ва судманде қарор дорад – ин кишвар маҷбур нест муборизаҳои дардноки давраи гузаришро, ки ҳоло дигар давлатҳои динӣ аз сар мегузаронанд, таҷриба кунад.

Калидвожаҳо: дин, давлат, диният, дунявият, секуляризм, модернизм, давлати исломӣ, сиёсат, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Аморати Исломии Афғонистон.

СЕКУЛЯРИЗМ КАК ПОСТЕПЕННЫЙ И НЕОПРОВЕРЖИМЫЙ ПРОЦЕСС: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИЗМЕНЕНИЯ РОЛИ РЕЛИГИИ В ПОЛИТИКЕ В САУДОВСКОЙ АРАВИИ, ИРАНЕ И АФГАНИСТАНЕ

В статье представлен сравнительный анализ трех стран: Саудовской Аравии, Ирана и Афганистана, с целью понять отношение религиозных государств к принципам секуляризма. Исследование показывает, как эти государства, традиционно управляемые по исламским принципам, медленно, но неизбежно движутся в сторону секуляризма под воздействием внутреннего и внешнего давления, такого как глобализация, модернизация экономики и требования общества к большей свободе. В Саудовской Аравии реформы Мухаммеда бин Салмана постепенно уменьшили влияние религиозных институтов, что привело к отмене многих религиозных запретов. В Иране растущее недовольство населения и интеллектуальные движения, выступающие за светскую форму правления, поставили под сомнение роль религии в политике. В Афганистане возвращение талибов усилило религиозный контроль, но возникшие социально-экономические проблемы вызвали новые дебаты о необходимости светского правления. Наконец, подчеркивается, что секуляризация - это постепенный, неизбежный и постоянный процесс для религиозно-исламских государств, которые хотят адаптироваться к вызовам современного мира. Опыт этих государств должен послужить уроком. Таджикистан, как государство, уже принявшее светскую систему управления, находится в уникальном и выгодном положении - ему не придется испытывать болезненные трудности переходного периода, которые в настоящее время переживают другие религиозные государства.

Ключевые слова: религия, государство, религиозность, секуляризм, модернизм, исламское государство, политика, Саудовская Аравия, Исламская Республика Иран, Исламский Эмират Афганистан.

SECULARISM AS A GRADUAL AND IRREFUTABLE PROCESS: A COMPARATIVE ANALYSIS OF THE CHANGING ROLE OF

RELIGION IN POLITICS IN SAUDI ARABIA, IRAN, AND AFGHANISTAN

The article presents a comparative analysis of three countries: Saudi Arabia, Iran, and Afghanistan, in order to understand the attitudes of religious states towards the principles of secularism. The study shows how these states, traditionally governed by Islamic principles, are slowly but inevitably moving towards secularism due to internal and external pressures, such as globalization, economic modernization, and public demands for greater freedoms. In Saudi Arabia, Mohammed bin Salman's reforms have gradually reduced the influence of religious institutions, resulting in the lifting of many religious prohibitions. In Iran, growing popular discontent and intellectual movements advocating for a secular form of governance have challenged the role of religion in politics. In Afghanistan, the return of the Taliban has strengthened religious control, but the resulting socio-economic challenges have sparked new debates about the need for secular governance. Finally, it is emphasized that secularization is a gradual, inevitable, and ongoing process for religious-Islamic states that want to adapt to the challenges of the modern world. The experience of these states should serve as a lesson. As a nation that has already adopted a secular system of governance, Tajikistan is in a unique and advantageous position - it does not have to experience the painful struggles of transition that other religious states are currently experiencing.

Keywords: religion, state, religiosity, secularism, modernism, Islamic state, politics, Saudi Arabia, Islamic Republic of Iran, Islamic Emirate of Afghanistan.

Дар бораи муаллиф
Файзуллозода Хайрулло Ҳадиятулло
докторанти PhD-и кафедраи фалсафа
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.:(+992) 985 86 23 08
E-mail: donomkafal@mail.ru

Сведения об авторе
Файзуллозода Хайрулло Хадиятулло
докторант PhD кафедры философии
Таджикский государственный педагогический университета
имени Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121.
Тел.:(+992) 985 86 23 08.
E-mail: donomkafal@mail.ru

About the author
Fayzullozoda Khairullo Hadiyatullo
Doctoral student of the Department of Philosophy
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
Phone: (+992) 985 86 23 08.
E-mail: donomkafal@mail.ru

ТДУ 1(44).131.6 + 316.42

БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА ИРТИБОТИ Ӯ БО ҶОМЕА ДАР ТАЪЛИМОТИ ЖАН ЖАК РУССО

Каримов Қ.О.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Равиши фалсафии Жан Жак Руссо мураккаб ва гуногунҷанба буда, фарогири масъалаҳои марбут ба офариниш, ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, хусусан пайдоиши ҷомеа, шаклҳои идоракунии давлат, интиқоди арзишҳои тамаддунӣ, низоми таълиму тарбия, шинохти инсон ва тавассути он ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои худ мебошад. Аз ҷумла, консепсияи алтернативии ӯ дар бораи фаҳмиши моҳияти инсон ва диалектикаи ҳаёти иҷтимоӣ нақши муассир дар рушди афкори фалсафии марҳилаҳои баъдинаи рушди афкори гуманистӣ бозид.

Дараҷаи омӯзиш, таҳқиқ, таҳлил ва муқоисаи афкори озодфикрона, инқилобии Ж.Ж. Руссо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷаҳонбинии фалсафӣ, озодандешии ӯ бо андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла: дугаройӣ, эҳсосгароӣ, идеализм ва ақидаҳои диниаш бо таълимоти фидеизм (назарияи зиддиилмӣ, ки ақидаи диниро ягона меъёри ҳақиқат мешуморад) шаҳобати ғоявӣ доранд.

Бо вуҷуди ин тамоилгирии афкор Жан Жак Руссо мавҷудияти объективии ашёву предметҳои олами материалӣ, вуҷуд доштани ду мабдаъ – олами рӯҳонӣ ва дунёи моддиро эътироф мекунад. Инчунин, андешаи фавқуттабиӣ дар бораи моддаро ҳамчун субстансияи бечон, ки худ ба худ мутаҳаррик намебошад ва зери таъсири қувваи беруна ҳаракати механикӣ мекунад, эътироф мекунад. Бо назардошти ин гуфтаҳо ҳаракатро ҳамчун шакли мавҷудияти модда доим тағйироти умумӣ тавзеҳ медиҳад. Махсусан зикр медорад, ки он дар натиҷаи таъсири қувваи механикӣ сурат мегирад. Ин ҷо аз ин таъриф бармеояд, ки маорифпарвари фаронсавӣ масъалаи ҳаракатро на аз назари намояндагони равияи материалистӣ, балки аз ҷанбаи идеалистӣ шарҳ дода, мутмаин бар он мешавад, ки кадом як қувваи берун аз табиат оламро ба ҳаракат медарорад ва бо ин мазмун табиатро зинда мекунад. Барои тасдиқи ин гуфта андешаи файласуфро айнан зикр медорем, ки менависад: «Ман фикр мекунам, ки оламро неруи иқтидорманде идора мекунад» [4, с. 265-269].

Муҳаққиқи франсавӣ Густав Лансон доир ба тамоюлгарии ақидаҳои фалсафии Жан Жак Руссо ибрози андеша карда, қайд мекунад, ки афкори маорифпарвар нисбат ба мухолифинаш комилан гуногунсамт буда, ҷаҳонбинии ӯ дар заминаи се ҳукм шакл мегирад:

1) табиат инсонро нек халқ кард, вале ҷомеа ӯро бадкирдор тарбия намудааст;

2) табиат инсонро озод офарид, вале ҷомеа онро ғулом гардонидааст;

3) табиат инсонро хушбахт эҷод кард, вале ҷомеа ӯро бадбахт ва бечора намудааст [1, с. 16].

Воқеан, ин се ҳукме, ки муҳаққиқ ба онҳо мароқ зоҳир кардааст, ба ҳам робитаи мустақим дошта, баёнгари як ҳақиқат нисбати фаҳмиши моҳияти инсон ва муайян кардани мақому манзалати ӯ дар олам мебошад.

Аз нигоҳи Жан Жак Руссо, пайдоиши фасод дар байни инсонҳо аз омезишёбии фикр бо эҳсосот ва ақл бо завқи табиӣ вобастагӣ дорад ва он вақт худхоҳии табиӣ раво ва матлуб аст, ки ба нафъпарастӣ табдил меёбад, ки бечо ва қобили қабул намебошад. Ҳамзамон, бо воситаи зиёд шудани эҳтиёҷот, ба сабаби ихтироъи хушиҳои дуруғӣ, ки фақат барои ҷалби назари дигарон маъмул шудааст, ба воситаи пешбинии оянда, ки амале аст мухолиф бо зиндагии табиӣ, низоъ барои бақо ва бадбахтиҳое, ки натиҷаи он нафъпарсатӣ, вусъати шаҳвати фардӣ ва ҳирсу тамаъи шахсӣ, беш аз ҳадди эҳтиёҷ суст шудани эҳсос ва ғайра мебошанд, пеш меорад. Ин тағйиротҳои сифатию миқдорие, ки дар инсони табиӣ руй медиҳанд, дар низоми ҷомеадорӣ бевосита аз ҷониби худи инсонҳо анҷом пазируфта, тавсеа меёбанд.

Жан Жак Руссо муҳити табии ташаккули инсонро бо муҳити иҷтимоӣ муқоиса карда, мавҷуд будани нобаробариро бузургтарин фасоди ҷомеа меҳисобад. Аммо қайд мекунад, ки дар табиат низ нобаробариҳо мавҷуд мебошанд, вале ин нобаробариҳо ба ҳеҷ кас барои таскини шаҳвати худ монеъа намешаванд, ҳеҷ касро ҷиҳати кор кардан барои рафъи эҳтиёҷоти хеш

маҳрум намекунанд ва ҳамаро некнафс, озод ва хушбахт нигоҳ медоранд. Аммо нобаробариҳое, ки дар ҷомеа пайдо мешаванд сабаби ба табақаҳо ҷудо шудани мардум мегарданд [1, с. 16-17].

Аз таҳлил ва муқоисаи ин андешаҳо маълум мегардад, ки дар низоми ҷомеадорӣ, барои ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ ин нобаробариҳою бархурдҳоро арбобони ситамгару золим ва бандагони ситамкашу ранҷбар, афроди ҷоҳилу ашхоси мазлум ба вуҷуд меоваранд. Аммо ӯ сарчашмаи асосии ин бемории бархурдангези иҷтимоиро маҳз моликият меҳисобад.

Яъне, қудрати ашрофон ва ҷоҳу мақоми ҳамаи онҳо аз нобаробар тақсим намудани сарватҳо ба вуҷуд меоянд ва онҳо вобастагии зич ба моликият доранд. Моликият сабаби пайдо шудани нобаробариҳо гардида, рақобати байни дорандагон ва бенавоён, байни қишрҳои аҳолиро ривоҷ медиҳад.

Ж.Ж. Руссо ҳанӯз аз овони ҷавонӣ дар озмуне доир ба мавзӯи «Дар чӣ гуна тамаддун як ҷомеаро аз равнақи адабиёт ва ҳунарҳои зебои он андоза мегиранд» ширкат варзида, дар посухҳои худ ба саволҳои пешниҳодшуда ҷомеаро усулан фосид ва маъюб меҳисобад. Яъне, ба андешаи ӯ, ҷомеа ҳар чӣ қадар бештар тараққӣ кунад, рушд намояд ҳамон қадар фосидтару ҷаҳолатзада мешавад.

Баръакс, ҳар андоза мутамаддинтар, пешрафта шавад, ҳамон қадар харобтару таназзулёфта мегардад. Он маҳсул ва бозёфтҳое, ки инсони мутафаккир ва мутамаддин эҷод мекунад, муҳимтарин далели харобии одамиён аст. Ба он хотир, ки аз он фасод пайдо шуда, ҷаҳолатро зиёдтар мекунад. Адабиёт ва ҳунарҳои зебо ҳамчун навъи санъат робитаи наздике бо шаъну шукӯҳ доранд. Барои он ки адабиёт ривоҷ ёбад бояд муҳите лозим аст, ки ҳашаматро биписандад ва биталабад [1, с. 18].

Дар робита бо гуфтаи қаблӣ дар таълифоти дигари худ таҳти унвони «Номаи хитоб ба Даламбер роҷеъ ба намоишот» маорифпарвар ақидаашро тақвият бахшида, менависад, ки дар адабиёт он қисмате, ки бештар аз ҳама бо дараҷаи тамаддун вобастагӣ дорад, намоиш аст. Ин намоиш тамоми ҷомеаро саргарм медорад ва беш аз ҳар чиз мардумро ба гирди ҳам омадан ташвиқ мекунад.

Қайд мекунад, ки намоишнома тақлиде аст аз ахлоқ, одоб ва русуми ҷомеа, ки сифатҳои лозимаи зиндагонӣ, яъне одоби муоширатро ба мо меомӯзонад. Бинобар ин, ҳеҷ як шуъбаи адабиёт ба андозаи намоиш хатоҳо, фасод ва ҷиноятеро, ки аз ҷомеа пайдо мешавад ривоҷ намедиҳад. Эҷоди тамошохона дар Женева ба ҷуз ташвиқгари фасоди иҷтимоӣ барои як миллати содда ва беолоиш болотар аз чизи дигаре нест [1, с. 18].

Ин ҷо бояд як нуктаи ҷолибро зикр кард, ки мазмун ва моҳияти ин ду хитобаи Ж.Ж. Руссоро бозгардонидани инсон ба зиндагии табиӣ мебошад. Аммо, бо вуҷуди ин, маорифпарвар муътақид аст, ки воқеияти иҷтимоӣ тақозо мекард, ки халқ дигар майли ба қафо баргаштанро надорад. Ихтилофи байни зиндагонии табиӣ ва зиндагии мутамаддин ба андозае зиёд шудааст, ки бозгашт ба зиндагии табииро сабаби бадбахтии башар мешуморид. Зеро «инсони табиӣ ва инсони мутамаддин ба андозае аз ҳабси эҳсосот ва тамоюлот бо ҳам тафовут доранд, ки он чӣ сабаби саодати аввалӣ мешуд, сабаби фалокати дуюмӣ гашт» [1, с. 18].

Маорифпарвар дар китоби «Қарордоди иҷтимоӣ» низ дар бораи ин мавзуъ ибрози андеша карда, аз ҷумла зикр менамояд, ки на фақат бозгашт ба зиндагии табиӣ инсонҳоро бадбахт мекунад, балки таназзул ҳам медиҳад. Ба он хотир, ки инсони мутамаддин ва таҳаввулгарою фарҳангофар аз бисёр ҷиҳатҳо аз инсони табиӣ бартарӣ ва афзалият дорад [1, с. 8].

Умуман, донишманди фаронсавӣ Ж.Ж. Руссо ҳаргиз инсонҳоро даъват накардааст, ки ба ҳолати зиндагии табиӣ баргарданд. Пешниҳод менамояд, ки бояд азамати фикру такомули ахлоқии одами тарбиятшударо маҳфуз дошта, дар айни ҳол хушқалбӣ, озодӣ ва саодатеро, ки инсон ба таври табиӣ доро буд, ба ӯ баргардонд. Барои тасдиқи андешаи худ чунин иброз медорад: «Инсон озод ба дунё омадааст, вале дар ҳама ҷо занҷирбанд аст» [9, с. 8].

Дар осори худ амалӣ кардани озодӣ ва саодатмандии инсонро маорифпарвар бо ду роҳ нишон медиҳад: аввал, бо воситаи таҷдиди фард ва дуюм, бо воситаи таҷдиди ҷомеа. Таҷдиди фард ба андешаи маорифпарвар ба воситаи омӯзиш ва тарбия анҷом мегирад. Аммо таҷдиди ҷомеа бошад, аз устувории оила, пай бурдани асл ва иллати пайдоиши он муяссар мешавад. Яъне, тамоми одамон қаблан баробар ва озод зиндагӣ мекарданд ва аз як тараф, бо бастани қарордод

ҷиҳати ташкил кардани ҷомеа иродаи фардии худро таҳти ихтиёри иродаи ҳама, ки дар ин маврид таъминкунандаи саодати куллии одамон ба ҳисоб мерафт, қарор доданд. Аз тарафи дигар, ба ихтиёри иродаи умумӣ даромадани иродаи фардӣ дар ҷомеа ҳуқуқи одамонро баробар гардонид.

Дигар масъалаи муҳимме, ки маорифпарвар ба ҳалли он аҳамияти хосса медиҳад, мавзуи оила ва муносибатҳои оилавӣ мебошад. Маорифпарвар ба мисли дигар мутафаккирон оиларо ҷузъи асосӣ, ячейкаи аввалини ҷамъияти табиӣ инсон меҳисобад. Аммо дар тафриқа аз анъанаҳои шарқӣ дар ин маврид қайд мекунад, ки дар ин ҷомеа ҳама фарзандон, то вақте ки даври падар ҷамъанд, барои бақои хеш ба ӯ муҳтоҷанд. Вале ба маҳзи ин ки ин эҳтиёҷ рафъ мегардад, риштаи табиии байни онҳо ҷудо мешавад. Волидайн худро аз доираи оилаи фарзандон озод шуморида, фарзандон низ худро аз итоати падар берун мепиндоранд ва зиндагии мустақилонаро ихтиёр мекунанд. Аммо, агар боз хоҳанд, ки ба ҳам муттаҳид гашта, ҳаёти якҷояи оилавии худро идома диҳанд тамоили ихтиёрӣ касб мекард, на ба таври маҷбурӣ [7, с. 10-11].

Аз ин ақидаи маорифпарвар низ ба хулоса метавон расид, ки давом ва бақои ҳар як хонавода натиҷаи ризоияти афрод ва як амри қарордодӣ аст, на табиӣ. Падар дар хонавода аввалин намунаи ҷомеаҳои сиёсӣ ба сифати раис ва фарзандон монанди афроди ҷомеа мебошанд. Танҳо фарқияти ихтилоф дар байни хонавода ва мамлакат дар он ифода меёбад, ки дар оила меҳру муҳаббат, садоқати падар ба фарзандон бузургтарин лаззат ва роҳат, беҳтарин подоши заҳмати ӯ аст. Лекин сарвари кишвар раияти худро дӯст намедорад ва фақат лаззат фармонфармоӣ аст, ки саодати ӯро ҷуброн мекунад [7, с. 10-11].

Ҳамин тавр, аз назари Ж.Ж. Руссо, ҷомеа ба хотири ҳимояи аъзоёни худ таъсис дода мешавад. Ҳадафи ягонаи он ба саодати умумӣ расонидани тамоми мардум ва баровардани эҳтиёҷи онҳо аст. Бинобар ин, ӯ барҳақ таъкид менамояд, ки ҷомеае, ки он дар асоси бастани қарордод ва ба саодат расонидани мардум бунёд мешавад, дар он адолати иҷтимоӣ, баробарии ҳамаи қишрҳои иҷтимоӣ риоя гашта, дар низоми идоракунии он ба истибдоду зулм роҳ дода намешавад.

Дар низоми давлатдорӣ бошад, маорифпарвар шакли идоракунии монархӣ-конститутсиониро ҷонибдорӣ ва ташвиқ мекунад. Дар баробари ин нуктаи пешниҳодкардаи хеш ӯ тавсия медиҳад, ки подшоҳ бояд тавассути раъйи мардум ба ин вазифаи пурмасъулият интихоб карда шавад, на аз ҷониби гурӯҳи хурди амалдорони давлатӣ. Агар ин ҷо ин андешаи Руссоро ба эътибор гирем, айён мешавад, ки эътирофи раъйи мардум ифодакунандаи яке аз нишонаҳои ҷомеаи демократӣ аст, ҳарчанд маорифпарвар аз ҷомеаи демократӣ ҳарф намезанад.

Ж.Ж. Руссо ягон сохтори ҳукуматро бад намеҳисобад ва фақат тарзи идоракунии маъмурини сохторҳои давлатӣ ва муносибати онҳоро ба раият мавриди танқид қарор медиҳад. Масалан, ба маълумоти ӯ зулмро якчанд амалдорони ҳукумат содир карда, бо ин роҳ соҳиби сарвату моликият мегарданд, ки дар зиндагӣ эҳтиёҷ ба чизе надоранд, вале корро тӯдаи одамон ба хотири зиндагии осудаи ин чанд нафар мекунанд. Ин аст ду паҳлуи масъалаи иҷтимоӣ, ки дар таълимоти маорифпарвар инъикос ёфта, тозагӣ доранд ва дар байни файласуфони қарни ҳаждаҳум ҳеҷ касро намебинем, ки масъалаи мазкурро ба чунин шакл возеҳ матраҳ карда бошад.

Ё худ дар фасли сеюми китоби «Қарордоди иҷтимоӣ» Ж.Ж. Руссо дар мавзуи мушаххас кардани ҳуқуқҳои зӯр, шахси дорою мансабдор таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Дар ин маврид менависад, ки ҳеҷ як шахси зӯрманд, муқтадиру соҳибқудрат то он ҳад қавӣ намешавад, ки битавонад мудом ҳукм ронад ва ҳамеша фармонраво бошад. Бо ин васила қудрати худро табдил ба ҳақ намояд ва итоати зӯрмандонро ба сурати вазифа дароварад.

Маорифпарвар мазмуни ин нуктаро дар яке аз таъкидҳояш чунин ифода медорад: «Зӯр як неруи ҷисмоние беш нест. Бинобар ин, осори он арзиши ахлоқӣ надорад. Ҳеҷ кас ба майли худ ба зӯр таслим намешавад. Таҳаммули зӯр пайдошаванда аз иҷбор ба воситаи эҳтиёт ва муҳофизати коре аст. Бинобар ин, итоат дар муқобили зӯрро ҳаргиз наметавон ҳақ номид» [8, с. 40].

Яъне, мувофиқи муҳтавои ин андеша, тамоми афроди башар озод ва баробар халқ шудаанд ва ҳеҷ як аз онҳо бар дигарон бартарӣ надошта, ҳақ надоранд бар ҳамнавъони худ тобеъ шаванд. Зӯр эҷоди ҳеҷ ҳақе намекунад. Танҳо чизе, ки метавонад асоси қудрат бошад, қарордодҳоест, ки ба ризоияти байни афрод баста мешаванд.

Воқеан, то замоне, ки мардум монанди рӯзҳои аввали хилқат ба таври мустақил ва инфиродӣ зиндагонӣ мекарданд, табиӣ аст. Дар ин вақт онҳо бо ҳам душман набуданд, зеро байни онҳо робитае ба қадри кифоят собит ва мавҷуд набуд, ки сулҳ ё ҷангро эҷод намоянд. Ҷанг натиҷаи робитаи байни миллат аст, на афрод. Ҷанг ба маънии воқеии он на дар ҳолати табиӣ байни афрод вуҷуд дорад, на дар ҳолати иҷтимоӣ. Зеро дар ҳолати табиӣ, яъне дар зиндагонии инфиродии аввалии инсон ин қисм ҷанг маънӣ надошт, чунки моликияти доимӣ пайдо нашуда буд. Дар зиндагонии иҷтимоӣ низ чунин ҷанге дида намешуд, барои он ки ҳама чиз таҳти итоати қонун буд [5, с. 17].

Дар ҷомеаи Аврупо ҳар як кашмакашҳо, низоъҳои хусусӣ ва ҷангҳои тан ба тан ё дуэлҳоро, ки байни афрод рӯй медоданд, ҷанг намешумориданд, зеро ин амалҳо сурати расмӣ ва қонунӣ надоштанд. Ӯ зери зуҳуроти ҷанг муборизаи байни ду фард не, балки муборизаи як давлатро бо давлати дигар меҳисобад, ки ашхос дар он тасодуфан ва ба таври ғайримустақим бо ҳам душманӣ меварзанд. Зеро онҳо ба унвони як сарбози тарафе меҷанганд, на ба унвони як фард алайҳи фарди дигар.

Бояд нуктаи дигарро ба эътибор гирифт, ки дар замони зиндагии маорифпарвар Ж.Ж. Руссо дар ҷомеа низоми вазифавӣ маъмулан роиҷ набуд. Сарбозон табақаи муайяне аз мардуми кишвар буданд, ки бо хоҳиши худ ва барои муддати тӯлонӣ вориди хидмат мешуданд. Ҳатто гоҳе иттифоқ меафтод, ки нафарони бегона дар мамлакати дигар сарбоз шаванд.

Чунончи, ҷавонони Шветсария дар артиши Фаронса хидмат мекарданд. Барои ин сарбозон ҷанг як навъ шуғл буд ва бо сарбозони мамлакате, ки бо он дар ҷанг буданд душманӣ надоштанд. Аз ин нуктаи назар, далелҳои Ж.Ж. Руссоро метавон ба таври зайл тафсир намуд: набояд ҷангро бо кашмакашиҳои мусаллаҳе, ки байни афрод рӯй медиҳанд иштибоҳ гирифт. Зеро имрӯза байни ашхос ғайр аз рӯ ба рӯ шудани ду неру чизи дигаре нест ва медонем зӯр эҷоди ҳақ намекунад. Ба фарзи ин ки аз ҷанг ҳақе сар зад ин ҳақ мутааллиқ ба ҷанг, ба маънии воқеӣ аст ва он иборат аз кашмакашӣ, ки бар тибқи усули муайяне байни ду миллат ба вуқӯъ мепайвандад. Дар ин навъ, ҷанг афрод бо ҳам низоъе надоранд ва баъд аз тамом шудани разм нафари ғолиб ҳақ надорад бар ҷон ва моли нафари мағлуб осеб расонад. Зеро ин афрод барои давлат ҷанг мекунанд ва дар дасти ӯ асбобе беш нестанд.

Ҳамзамон, давлати ғолиб ҳам ҳақе барои ҷону озодии афроди мағлуб надорад, зеро ин давлат бо давлати душман муқобил аст, на ба нафарҳое, ки барои он давлат меҷанганд. Илова ба ин, ҷанг маъмулан дар сари умури моддӣ сар мезанад, на масоили маънавӣ ва ахлоқӣ. Бинобар ин, давлати ғолиб наметавонад ғайр аз тақозои моддӣ чизи дигаре аз давлати мағлуб дошта бошад. Масалан, метавонад қисмате аз хоки ӯро ба даст оварад ё бо ӯ аҳдномаи бозаргонӣ бандад ва ғайра. Вале агар бар ҳуқуқи иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯ дастандозӣ намояд, зулм карда бошад. Бинобар ин, ҳаргиз ҷанг ҳақе ба таваққуф намедиҳад, ки озодии дигаронро инкор намояд.

Ж.Ж. Руссо дар баррасии ин масъала изҳори андеша намуда, тасдиқ мекунад, ки ин амал аз қадим миёни мардум роиҷ буд ва миллати ғолиб ҳамеша онро риоя мекард. Чунончи эълони ҷангро ба як давлат медиҳанд на бар раияти он давлат. Бегонае, ки бе эълони ҷанг ба подшоҳе ё ба кишвари ӯ метозад ва раиятро ғорат мекунад, мекушад, асир менамояд, хоҳ шоҳ бошад, хоҳ шахси дигар аз роҳзанон фарқе надорад. Мумкин аст, подшоҳ дар мавқеи ҷанг он чиро, ки дар кишвари душман мутааллиқ ба оммаи миллат аст, тасарруф кунад, вале агар одил аст, ба ҷону моли афрод коре надорад ва ҳуқуқи башарро муҳтарам мешуморад, зеро ҳаққи худи ӯ низ асосёфта бар ҳамон усул аст [5. с. 45].

Ҳамин тавр, мақсадии ниҳоии ҷанг барои давлати ғолиб тибқи хулосаҳои маорифпарвар ба тасарруфи худ даровардани давлати мағлуб аст. То он замоне, ки мудофикунандагон дар даст силоҳ доранд ҷанг, куштор идома мекунад. Чун сарбозони давлати мағлуб силоҳи худро ба замин гузошта, таслим мешаванд, дигар душман ё олати дасти душман нестанд, яъне инсони оддӣ ҳастанд ва касе ҳаққи куштани онҳоро надорад, зеро ҷанг ҳеҷ гуна ҳаққе, ки барои анҷоми манзури ниҳоӣ лозим набошад ба касе намедиҳад.

Тасарруфи як кишвар низ ба ғолиб ҳақ намедиҳад, ки мардумро бандаи худ созад, зеро ҳаққи тасарруф асосе ҷуз зӯр нест. Лекин ғуломе, ки дар ҷанг асир мешавад ё миллате, ки пас аз ҷанг таслим мегардад, ҳеҷ вазифае ҷуз итоати он ва соҳиби худ надорад, он ҳам то замоне, ки

иҷборӣ кор мекунад. Зеро расм аст, ки душмани ғолиб асирро авф намекунад, ба он хотир, ки ӯ ҷонашро ба баҳонаи озодӣ ба вай фурӯхта аст. Ё худ дар байни онҳо муомилаи пурсуде анҷом додааст, зеро аз куштани ӯ истифода намекард, вале аз бандагии ӯ мунтафеъ мешавад.

Бинобар ин, арбоб ғайр аз зӯрӣ ҳеҷ нуфуз ва бартарие бар бандаи худ надорад ва ҳолати ҷанг монанди пешина байни ҳардуи онҳо барқарор ва робитаи эшон тобеи он аст. Бо будани ҳаққи ҷанг аҳдномаи сулҳ маънӣ надорад. Рост аст, ки тарафайн бо ҳам қарордод бастанд, лекин ин қарордод ҳолати ҷангро аз байн намебарад, балки онро идома медиҳад.

Барои Ж.Ж. Руссо миёни мутеъ сохтани гурӯҳи одамон ва идора кардани як ҷомеа тафовути бисёр аст. Мумкин аст дастае аз мардум, хоҳ теъдодашон кам бошад, хоҳ зиёд, ба тадриҷ ба итоати як нафар дароянд, вале онҳоро намешавад миллате донист, ки раёсати як нафарро пазируфтаанд, балки ғуломоне ҳастанд, ки ба як арбоб тааллуқ доранд. Ин мардум бо иҷбор даври ҳам ҷамъ шудаанд, вале байни онҳо робитае вуҷуд надорад. На манфиатҳои умумиро мешиносанд ва на ҳайати ҳокимаи миллӣ доранд. Арбоби ин қавм, агар нисфи дунёро ҳам гирифта бошад, як фарди оддӣ беш нест, мақоми расмӣ надорад ва манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои дигарон ҷудост.

Ба андешаи Ж.Ж. Руссо, қарордоди иҷтимоӣ ҳақиқатан таърихе надорад ва назарияе беш нест. Шакке нест, ки ҳеҷ вақт афроди ҷомеаҳои аввалия қабл аз ташкили ҷомеа расман бо ҳам машварат намуда, қарордоде набаста бошанд. Аммо мавқеъеро, ки як ҷомеаи инсонӣ ночор аст барои худ ташкилоте созмон бидиҳад, дар назар бигирем, мебинем қарордоди иҷтимоӣ танҳо тарҳе аст, ки бо ҳақ ва ақл, яъне бо манфиатҳои аслӣ ва табиати воқеии инсон тарҳрезӣ карда шудааст. Бинобар ин, инсон баъд аз пайвастан ба қарордоди иҷтимоӣ монанди пеш озод аст, аммо озодии амалаш аз гузашта низ зиёдтар аст ва монанди собиқ фақат аз ақли худ итоат менамояд, лекин ин озодӣ аз озодии пешин тафовут дорад, зеро табиӣ нест, балки қарордодӣ аст [9, с. 30-31].

Дар доираи қарордод мардум зуд ва бидуни ҳеҷ истисное аз кулли ҳуқуқҳои табиии худ сарфи назар мекунанд ва муттаҳид мешаванд, ки минбаъд ҳеҷ кудрате ғайр аз он чи ки қарордоди иҷтимоӣ ва қонун ба онҳо эҷод мекунад, ба кор набаранд. Вақте мардум аз кулли ҳуқуқҳои табиии худ сарфи назар, мекунанд комилан, бо ҳам баробар мешаванд. Он вақт чун тамоми эшон ночоранд бори вазифаҳои умумиро ба таври мутасовӣ таҳмил кунанд, ҳеҷ кадом алоқае надоранд он борро ба беш аз мизоне, ки барои саодати умум лозим аст, вазнин намоянд.

Умуман, тамоми имзокунандагони қарордод дорои ҳуқуқи баробар мебошанд ва ҳайати иҷтимоӣ ҳар як аз онҳоро аъзои миллат мешиносад ва ба онҳо ҳақ медиҳад, ки дар маъракаҳои умумӣ раъйи худро изҳор доранд.

Хулоса, ба андешаи маоифпарвар тибқи қарордоди иҷтимоӣ ҳеҷ як аз фарди ҷомеа наметавонад аз доираи қонунҳои ҳукумат берун амал кунад, аз иҷрои онҳо сарпечӣ намояд. Аммо ҳайати умумӣ, афроди соҳибмақом худро ҳақ мешуморанд, ки ҳар қонунеро, ки салоҳ бидонанд, ба эътибор нагиранд ва ҳатто алайҳи талаботи қонуни асосӣ ҷиҳати иҷрои амале талош варзанд.

Дар таълимоти худ Ж.Ж. Руссо зиндагонии ахлоқиро, комилан, тобеи зиндагонии иҷтимоӣ медонад. Ба ақидаи ӯ, қабл аз қарордоди иҷтимоӣ дар ҷомеа қонунҳои ахлоқӣ вуҷуд надорад ва фақат завқи табиӣ, шаҳвати нафсонӣ ва худхоҳӣ бар инсон ҳукмфармо аст, вале баъд аз ақди қарордод усули ахлоқ, адолат, таклиф, ҳақ ва тааққул дар ҷомеа падидор мешавад. Ҳақ аст, ки инсон дар ин зиндагонии интихобкардаи ҷадид аз қоидаҳои чанде, ки дар ҳолати табиӣ барояш мавҷуд буд, маҳрум мешавад, аммо бар ивази онҳо метавонад манфиатҳои зиёдеро ба даст оварад. Доираи фаҳмишаш тавсея меёбад, эҳсосоташ поктар ва рӯҳаш бузургтар мешавад. Агар гоҳ-гоҳе ифрот ва тафритҳое, ки дар зиндагонии иҷтимоӣ муртакиб мешавад, ӯро ба дараҷаи пастар аз аввал таназзул намедод, ҷо дошт, ки ҳамвора рӯзи муборакеро, ки зиндагонии табиии ӯ мавқуф шуда буд, ид гирад ва соати фархундаеро, ки ҳайвони бешуурро табдил бо инсони бофаҳм карда буд, ба некӣ ёд кунад [9, с. 55].

Аз баррасӣ ва таҳлили ақидаҳои маорифпарвар маълум мегардад, ки инсон ҳайвоне дар миёни ҳайвонот нест, балки ягона ҳайвоне аст, ки метавонад бо шинохти озодӣ хешро аз ҳайвонот фарқ кунонад. Одам зарурат надорад хешро аз табиат бираҳонад, то инсони ҳақиқиро кашф карда бошад, балки ба табиат бештар рӯй биоварад. Агар ӯ бихоҳад одами табииро

бозбишносад, кофӣ аст худашро биковад. Аз инсони табиӣ, инсони иҷтимоӣ ва аз инсони иҷтимоӣ шаҳрванд тарбия карда мешавад.

Дар маҷмуъ, яке аз масъалаҳои марказӣ дар бораи масъалаи озодии инсон ва ҳамкориҳои иҷтимоиро Ж.Ж. Руссо дар пайдоиши нобаробариҳо мебинад. Чунки мувофиқи назари ӯ пайдо шудани моликияти хусусӣ инсонро водор мекунад, ки аз озодиҳои худ, ки табиатан ва вобаста ба фаҳмиши худ бегона нашудаанд, дур шавад. Ин он маъноро ифода медорад, ки дар табиати инсон тағйиротҳои ҷиддие ба вуҷуд омадаанд. Ниҳоят, нобаробарии одамон маҳсули як қатор табаддулотҳоест, ки табиати инсон ба вуҷуд меоварад. Масалан, ғуломиро барқарор кунад, зулм ба табиат намояд, барои он ки ҳуқуқи ғуломиро абадӣ намояд, бояд табиатро дигаргун созад.

Бо вуҷуди ин, барқарории принсипи баробариро Ж.Ж. Руссо ҳамчун талаботи сиёсии замон меҳисобад. Бар замми ин, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва табииро аз ҳам фарқ кунонида, қайд менамояд, ки табиат инсонҳоро гуногун ба вуҷуд меоварад, аммо ин фарқиятҳо на аз нобаробариҳои иҷтимоӣ, ки сабаби он моликияти хусусӣ мебошад, вобастагӣ доранд, балки иллати онҳоро дар зуҳуроти иҷтимоӣ бояд ҷуст. Дар робита бо ин гуфта, ӯ се иллати асосии пайдо шудани нобаробариҳои ҷамъиятиро муайян менамояд. Муътақид бар он буд, ки нобаробариҳои ҷамъиятӣ, ки таърихан ба вуҷуд омадаанд минбаъд барои пайдоиши моликияти хусусӣ мусоидат карданд. Дар маҷмуъ, маорифпарвар фикрҳои худро ҷамъбаст намуда,хулоса мекунад, ки моликияти хусусӣ ҳангоми гузариши инсон аз ҳолати табиӣ ба ҷамъиятӣ пайдо мешавад, ё худ маҳсули рушди тамаддун аст.

Таъсиси ниҳодҳои давлатӣ ва ташаккули иттиҳодияҳои иҷтимоӣ, ки онҳоро маорифпарвар натиҷаи қарордоди иҷтимоӣ меҳисобад, таъминкунандаи озодии мардум, танзимкунандаи принсипи баробарии иҷтимоии қишрҳои гуногуни аҳолӣ ҳисобида, таъкид мекунад, ки онҳо боядтманфиатҳои умумро ҳимоя кунанд, масъалаҳоро ба нафъи халқ ҳаллу фасл намоянд.

Умумияти манфиатҳо, мувофиқи маълумоти Ж.Ж. Руссо он маъноро дорад, ки аъзои ниҳоду ташкилотҳо озодона худро ва нерӯи худро бояд ба манфиати коллективи иҷтимоӣ равона намояд. Шароити баробар барои ҳама боис мегардад, ки як кас ба ҳама тобеъ шавад ва ҳама ба як кас не. Ҳар як кас ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама мегарданд. Дар ин маврид тавассути қабули санади муттаҳидкунанда як қатор умумиятҳои «Ман» пайдо мешавад ва ӯ ҳаёт ва иродаи худро озод эҳсос мекунад.

Ж.Ж. Руссо дар таълимоти худ нисбат ба донишманди дигари аврупоӣ П.Голбах сарчашмаи иродаи умумӣ халқро меҳисобад. Ба фаҳмиши ӯ маҳз халқ масъалаи манфиатнок будан ё набудани қонунҳоро дар бораи мувофиқат кардан ба иродаи умумии онҳо, тавассути раъйпурсӣ ҳал мекунад. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи таълимоти ӯ аз дигар маорифпарварони фаронсавӣ ва аврупоӣ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар қабули қарору қонунҳо новобаста аз он ки онҳо фоиданок ва ақлонӣ ҳастанд ва ё не, ба асос гирифтани раъйи халқро муҳим медонад.

Акси ҳол қайд мекунад, ки дар сурати ба инобат нагирифтани раъйи халқ, онҳо ғайривоқеӣ буда, танҳо фармоиш маҳсуб меёбанд. Барои он ки иродаи умумӣ қонун шавад, зарурат ба ҳамовозӣ нест, вале шарт аст, ки ҳамаи шаҳрвандон имкони додани овози худро дошта бошанд. Аз тарафи дигар, Ж.Ж. Руссо бетағйир фаҳмиши иродаи умумиро ҳамчун ягонагии ҷудоинопазир, том, фарқкунанда аз дигар иродаҳо дастгирӣ мекунад.

Ба андешаи ӯ, байни иродаи шахсӣ ва иродаи умумӣ фарқияти ҷиддие мавҷуд намебошад. Иродаи умумӣ мегӯяд ӯ ифодакунандаи манфиатҳои умумӣ ва иродаи шахсӣ инъикоскунандаи манфиатҳои фардӣ мебошад» [3, с. 170].

Соҳаи татбиқи онҳо низ аз ҳамдигар тафовут доранд, яъне иродаи шахсӣ наметавонад иродаи умумиро муаррифӣ кунад ва иродаи умум дар навбати худ табиати худро тағйир медиҳад, агар он ба мақсадҳои шахсӣ равона карда шавад [3, с. 173].

Ҷанбаи дигари ҷаҳонбинии Ж.Ж. Руссоро, ки бо мавзуи фаҳмиши инсон ва моҳияти иродаи ӯ иртиботи бевосита дорад, муносибати ӯ бо дин ва эътирофи Худо ташкил медиҳад. Дар боби ҳаштуми китоби чаҳоруми «Қарордоди иҷтимоӣ» маорифпарвар ба таври мухтасар ба ин мавзӯъ мароқ зоҳир карда, ақидаи маъмулро дар бораи он ки «Дин - афюни халқ аст» қабул надорад.

Баъдан, идеологияи расмии феодалӣ-клерикалӣ, дини насрониро, ки алоқа бо ташкилотҳои сиёсӣ пайдо карда, дастовардҳои илмӣ, ҳаёти шаҳрвандиро эътироф намекард, танқид мекунад.

Ж.Ж. Руссо мавҷудияти Худоро ҳамчун нахустсабаб, муайянкунандаи ҳамаи тартибот эътироф мекунад. Аммо дар доираи илоҳиёти христианӣ маорифпарвар ақидаҳои худро чунин ҷамъбаст менамояд, ки рӯҳ абадӣ аст ва дар олами охират онро ҳаёти дигар мувоҷеҳ аст. Барои он ки руҳи одамон дар охират шод бошад, менависад ӯ онҳо бояд дар зиндагии индунёӣ хушбахт бошанд, бояд ҳаёти воқеиву, меҳрубонона дошта бошанд. Дини воқеӣ ҳамон аст, ки ба зулму истибдод роҳ надиҳад [1, с. 581].

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили осор ва андешаҳои Ж.Ж. Руссо маълум мешавад, ки ӯ ба таълимоти догматикӣ, шахшудаи феодалӣ-клерикалӣ ва махсусан ҷаҳонбинии атеистӣ шакли нав - «дини шаҳрвандӣ», дини қарордоди иҷтимоиро муқобил мегузорад. Дар радифи он зикр мекунад, ки ба андешаи ӯ, дини ҳеҷ халқе ҳақ надорад, ки дигар динҳоро истисно кунад, ҳамаи динҳоро бояд эътироф кард, агар онҳо ба қарзи шаҳрвандон зиддият эҷод накунанд [9, с. 203].

Мероси фалсафии Жан Жак Руссо дар рушди тафаккури фалсафии асри XVIII ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Таълимоти ӯ, ки бо арзишҳои гуманистӣ саршор аст, доираи васеи масоили муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар бар мегирад — аз табиати инсон ва пайдоиши ҷомеа то масъалаҳои моликият, озодӣ, тарбия ва тарзи идоракунии давлат. Ба ақидаи Руссо, инсон ба таври фитрӣ нек, озод ва хушбахт офарида шудааст, аммо ҷомеаи муосир ва бархӯрди манфиатҳо ӯро ба фасод ва бадбахтӣ гирифтор кардааст.

Файласуф, ҳарчанд зиндагии табииро идеализатсия мекунад, аммо даъват ба бозгашт ба он намекунад. Баръакс, ӯ зарурати таҷдиди ахлоқии шахсият ва барқарории низоми иҷтимоиро дар асоси аҳдномаи иҷтимоӣ таъкид менамояд. Ба андешаи Руссо, инсон танҳо дар шароити баробарии ҳуқуқ ва озодии воқеӣ метавонад ба камоли ахлоқӣ ва саодат бирасад.

Бо ин ҳама, фикрҳои Руссо дар бораи инсон, озодӣ ва ҷомеа, бо вуҷуди ихтилофот ва баҳсбарангез буданашон, то имрӯз аҳамияти назариявӣ ва амалии худро гум накардаанд. Онҳо барои фаҳмиши робитаи инсон ва ҷомеа, инчунин таҳлили масоили демократия ва адолати иҷтимоӣ дар шароити муосир манбаи муҳими андешаву таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Адабиёт

1. Руссо, Ж.-Ж. Избранные сочинения: в 2 т. Т. 1 / Ж.-Ж. Руссо. — М.: Художественная литература, 1961. — 852 с.
2. Руссо, Ж.-Ж. Қарордоди иҷтимоӣ / Ж.-Ж. Руссо; тарҷ. Ғ. Зиракзода. — Теҳрон, 1341. — 307 с.
3. Руссо, Ж.-Ж. Трактаты / Ж.-Ж. Руссо; подготовка текста В. С. Алексеева-Попова, Ю. М. Лотмана, Н. А. Полторацкого и А. Д. Хаютин; комментарии В. С. Алексеева-Попова и Л. В. Борщевского. — М.: Наука, 1969. — 704 с.
4. Руссо, Ж.-Ж. Эмиль, или о воспитании / Ж.-Ж. Руссо. — СПб., 1913. — С. 265–269.
5. Фараби, А. Трактат о взглядах жителей добродетельного города / А. Фараби. — Алма-Ата : Наука КазССР, 1970. — 237 с.
6. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. — Душанбе, 2018. — 640 с.
7. Халдун, Ибн. Мукаддима (ба забони форсӣ) / Ибн Халдун. — Теҳрон, 1385 ҳ.ш. — 338 с.
8. Эллиас, Н. Общество индивидов / Н. Эллиас. — М. : Праксис, 2001. — 256 с.
9. Rousseau, J.-J. Du contrat social / J.-J. Rousseau. — Amsterdam: Marc Michel Rey, 1762. — 209 p.

БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА ИРТИБОТИ Ӯ БО ҶОМЕА ДАР ТАЪЛИМОТИ ЖАН ЖАК РУССО

Фалсафаи Жан-Жак Руссо гуногунҷабҳа буда, масъалаҳои офариниш, тарбият, шакли давлат, саргузашти инсоният ва арзишҳо дар тамаддунро фаро мегирад. Ӯ тамаддунро танқид намуда, мегуяд, ки ҷомеа табиати озод ва хушбахтии инсонро ғараз медиҳад. Руссо мехоҳад бозгашт ба ростии табиӣ ва бар асоси озодӣ роҳ ёбад. Мувофиқи ӯ, муҳаббат ба табиат, озодӣ ва саодат бояд бо волии умумӣ тавассути қарордод таъмин гардад. Маҳз ин созиш – «Қарордоди иҷтимоӣ» – барои таҳкими ҳуқуқ ва баробарӣ муфид аст. Ӯ нобаробариро асосан ба манфиатҳои хусусӣ рабт медиҳад ва дар назараш оилаи мутамаддин намунаи ҷамъият аст — дар он падар,

фарзанд ва соҳибихтиёрии кӯдакон таҷассум меёбад. Ҳеч гуна шакли зӯрӣ ҳақ намекард, зеро «зӯр не ҳақ аст». Ба тарзи ҳукуматдорӣ, ки аз ихтиёри халқ сарчашма мегирад, афзалият медиҳад. Назари ӯ дар рушди андешаи демократӣ ва гуманистӣ нақши басо муҳим дошт.

Калидвожаҳо: фалсафа, озодӣ, табиат, қарордоди иҷтимоӣ, нобаробарӣ, соҳибӣ, ахлоқ, тарбия, таблиғот, демократия

РАССМОТРЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ЧЕЛОВЕКА И ЕГО СВЯЗИ С ОБЩЕСТВОМ В УЧЕНИИ ЖАН-ЖАКА РУССО

Философия Жан-Жака Руссо многогранна и охватывает темы сотворения, устройства общества, природы власти и роли образования. Он критически анализирует цивилизацию, утверждая, что общество искажает естественную свободу и счастье человека. Руссо видит природу как источник добродетели и свободы, а цивилизацию — как причину неравенства, коррупции и пороков, прежде всего из-за частные собственности. Он развивает понятие «общественного договора» — формального соглашения о свободе и равенстве, направленного на обуздание власти через волю общего блага. Руссо также рассматривает семью как микрокосм общества, где власть отца и свобода детей регулируются согласием. Его концепция насилия ограничена — сила не создает справедливости. «Сила не есть право» — ключевой тезис. Руссо настаивает, что власть должна быть легитимной, выраженной в воле народа, а не простым физическим давлением. Его идеи оказали значительное влияние на последующее гуманистическое и политико-философское мышление, отразившись в модернистских и демократических теориях.

Ключевые слова: философия, свобода, природа, общественный договор, неравенство, собственность, мораль, образование, естественная добродетель, народовластие

EXAMINATION OF THE PROBLEM OF THE HUMAN BEING AND HIS RELATIONSHIP WITH SOCIETY IN THE PHILOSOPHY OF JEAN-JACQUES ROUSSEAU

Jean-Jacques Rousseau’s philosophy is multifaceted, covering origins of humanity, societal structures, power, education, and value systems. He criticizes civilization as corrupting natural freedom and happiness, asserting that private property breeds inequality and moral decay. Rousseau’s solution lies in the concept of the social contract — a mutual agreement ensuring freedom and equality through the general will. He conceives family as society’s first cell, governed by paternal authority balanced with children’s autonomy. Rousseau rejects force as a source of legitimacy; “force is not right” is central to his thought. He emphasizes legitimate power arising only from popular sovereignty, not coercion. His ideas—critiques of civilization and proposals for moral renewal—profoundly influenced later humanist and political philosophies, shaping modern democratic theory.

Keywords: philosophy, freedom, nature, social contract, inequality, property, morality, education, democracy, natural virtue

Дар бораи муаллиф
Каримов Кадриддин Облобердиевич
Ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшинось
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
Тел: (+992) 93 921 28 28.
E mail: kadriddin.karimov@mail.ru

Об авторе
Каримов Кадриддин Облобердиевич
Ассистент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни
734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 921 28 28
E-mail: kadriddin.karimov@mail.ru

About the author
Karimov Kadriddin Obloberdiyevich
Assistant Lecturer, Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
121 Rudaki Avenue, Dushanbe 734003, Tajikistan
Phone: (+992) 93 921 28 28
E-mail: kadriddin.karimov@mail.ru

ТДУ 34(73+71):001

ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ДАР АМРИКО ВА КАНАДА: ҶАНБАИ ҲУҚУҚӢ

Сангинзода Д.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷаҳони муосир бо рушди босуръати илм ва технология хос аст, ки ин танзими ҳуқуқии фаъолияти илмиро яке аз вазифаҳои муҳими давлатҳо менамояд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва Канада ҳамчун пешсафон дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ, равишҳои беназири ҳуқуқиро барои дастгирии илм таҳия кардаанд, ки метавонанд барои кишварҳои дигар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон намуна бошанд. Дар ин мақола кӯшиш намудаем ба таҳлили қонунгузории ИМА ва Канада дар соҳаи илм, андешаҳои олимони ҳуқуқшиносони ин кишварҳо кори судмандеро ба сомон расонем ва пешниҳоди тавсияҳо барои Тоҷикистонро дар заминаи ин таҳлил пешкаш намоем.

Дар ИМА қонуни ягонаи федералӣ, ки комилан ба танзими илм бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад ва муқаррарот ба маҷмуи санадҳои меъёрӣ вобаста аст, ки ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти илмиро танзим мекунанд. Асос Конститутсияи ИМА (1787) аст, ки дар моддаи 1, қисми 8 ба Конгресс ваколат медиҳад, ки «ба пешрафти илм ва санъати муфид бо роҳи ба муаллифон ва ихтироъкорон ба муддати маҳдуд додани ҳуқуқи истисноӣ ба навиштаҳо ва кашфиётҳои дахлдори онҳо» мусоидат намояд [1, с. 15]. Ин ҳуқуқ заминаи қабули Қонуни Бунёди Миллии Илмӣ аз соли 1950" (National Science Foundation Act of 1950) ва таъсиси Бунёди миллии илмӣ (National Science Foundation, NSF) шудааст[2, с. 23]. Ин Қонунро президенти ИМА Гарри С. Трумэн 10 майи соли 1950 имзо кардааст, ки бо номи расмии Қонуни Умумиҷумҳуриявии 81-507 маълум аст ва дар Кодекси ИМА таҳти 42 U.S.C. § 1861 ва бахшҳои минбаъда сабт шудааст.

Илова бар ин қонун қонунҳое чун Қонуни таҳсилоти олӣ аз соли 1965 ва Қонуни таҳқиқот ва рушди илмӣ аз соли 1976 маблағгузории донишгоҳҳо ва лоиҳаҳои инноватсиониро танзим мекунанд. Ҳуқуқшиноси амрикоӣ Ричард А. Поснер қайд мекунад, ки равиши ғайримарказии ИМА ба илм имкон медиҳад ба мушкилот чандирӣ ҳал гардад, аммо хатари тақсимоти нобаробари захираҳо байни минтақаҳо ва соҳаҳоро ба вуҷуд меорад [3, с. 47]. Ба андешаи ӯ, набудани мақоми ягонаи танзимкунанда бо нақши фаъоли бахши хусусӣ, ки то 60% таҳқиқоти илмиро маблағгузорӣ мекунад, ҷуброн мешавад. Сабаб дар он аст, ки дар ИМА мақоми ягонае вуҷуд надорад, ки ба таври мутамарказ бар ҳамаи фаъолияти илмӣ назорат кунад, зеро низоми илм дар ин кишвар ғайримарказонидашуда аст ва иштирокчиёни зиёде — агентиҳои федералӣ, бахши хусусӣ, донишгоҳҳо ва созмонҳои ғайритиҷоратиро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, чанд сохтори калидӣ ҳастанд, ки вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ, маблағгузорӣ ва назорати қисманро дар сатҳи федералӣ иҷро мекунанд:

1. Бунёди Миллии Илмӣ (National Science Foundation, NSF). Он ба маънои том "назорат" намекунад, балки таҳқиқоти бунёдӣ ва таълимро дар соҳаи илмҳои табиӣ, математика ва муҳандисӣ (ба истиснои илмҳои тиббӣ) дастгирӣ ва маблағгузорӣ мекунад. NSF грантҳо тақсим мекунад, маълумот дар бораи фаъолияти илмӣ ҷамъоварӣ мекунад ва ба рушди илм мусоидат менамояд, аммо онро бевосита танзим намекунад. NSF ба Конгресси ИМА ҳисобот медиҳад ва фаъолияташ аз ҷониби Шӯрои Миллии Илмӣ (National Science Board) назорат мешавад.

2. Идораи сиёсати илм ва технологияи Кохи Сафед (Office of Science and Technology Policy, OSTP). OSTP, ки соли 1976 дар асоси Қонуни сиёсати миллӣ дар соҳаи илм ва технология (National Science and Technology Policy, Organization, and Priorities Act) таъсис ёфтааст, ба президенти ИМА дар масъалаҳои илм ва технология машварат медиҳад ва сиёсати илмии федералиро ҳамоҳанг мекунад. Он тавсияҳо ва стратегияҳо таҳия мекунад, аммо бар муассисаҳои илмӣ ҳокимияти мустақим надорад. OSTP бо дигар агентиҳо, аз қабили NSF, NIH ва NASA, барои таъмини мутобиқати сиёсат ҳамкорӣ мекунад. Бевосита ба президенти ИМА тобеъ аст.

3. Институтҳои Миллии Тандурустӣ (National Institutes of Health, NIH). NIH як агентии Вазорати тандурустӣ ва хадамоти иҷтимоии ИМА (Department of Health and Human Services) аст, ки масъулияти таҳқиқот дар соҳаи тиб ва биологияро бар уҳда дорад. Таҳқиқоти тиббиро маблағгузорӣ ва қисман танзим мекунад, аз ҷумла озмоишҳои клиникӣ. Ба Конгресс ва Вазорати тандурустӣ ҳисобот медиҳад.

4. Академияи Миллии Илмҳо (National Academy of Sciences, NAS). Гарчанде ин як созмони хусусӣ аст, он барои ҳукумати ИМА дар масъалаҳои илмӣ нақши муҳими машваратӣ дорад. NAS бевосита назорат намекунад, аммо тавсияҳои он ба сиёсат таъсир мерасонанд.

5. Конгресси ИМА. Конгресс дорои ҳокимияти қонунгузорӣ аст ва тавассути раванди буҷетӣ маблағгузории илмро (масалан, ҷудо кардани маблағ ба NSF, NIH ва дигар агентиҳо) назорат мекунад. Кумитаҳои Конгресс ба монанди Кумитаи илм, фазо ва технологияи Палатаи намояндагон, фаъолияти агентиҳои илмиро назорат мекунанд. Конгрес Қонунҳоеро қабул мекунад, ки фаъолияти илмиро танзим мекунанд (масалан, қонуни патентҳо ё қоидаҳои маблағгузорӣ).

Хусусиятҳои низоми илмӣ дар он аст, ки дар ИМА вазорати илм вуҷуд надорад, мисли баъзе кишварҳои дигар. Назорат ва танзим байни агентиҳои гуногун вобаста ба соҳа (масалан, NASA барои фазо, DOE барои энергетика) тақсим шудааст. Қисмати зиёди фаъолияти илмӣ (тақрибан 60% маблағгузории таҳқиқот ва рушд) ба ширкатҳои хусусӣ (Google, Pfizer ва ғайра) рост меояд, ки онҳо ба назорати мустақими давлат тобеъ нестанд, балки тавассути қонунгузории патентӣ ва имтиёзҳои андоз танзим мешаванд. Иёлотҳои алоҳида низ барномаҳои худро барои дастгирии илм доранд (масалан, Калифорния таҳқиқоти ҳуҷайраҳои бунёдиро маблағгузорӣ мекунад), ки як сатҳи дигари истиқлолиятро илова мекунад.

Ҳеҷ мақом дар ИМА ҳокимияти истисноии назорат бар тамоми фаъолияти илмиро надорад. Ҳамоҳангсозии асосиро OSTP анҷом медиҳад, маблағгузорӣ ва дастгириро NSF ва дигар агентиҳо таъмин мекунанд, назорати қонунгузориро бошад Конгресс ба уҳда дорад. Ин низом равиши федеративӣ ва либералии ИМА ба илмро инъикос мекунад.

Маблағгузории илм дар ИМА. Маблағгузории илм дар ИМА тавассути грантҳо, имтиёзҳои андоз ва ҷудокунии маблағ аз буҷети давлатӣ сурат мегирад. Масалан, Қонуни имтиёзҳои андоз барои таҳқиқот ва рушд (Research and Development Tax Credit) ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳангоми сармоягузорӣ ба инноватсияҳо борҳои андозиро кам кунанд [4, с. 32]. Ин бахши хусусиро, аз ҷумла ширкатҳое чун Google ва Pfizer, ба иштироки фаъол дар лоиҳаҳои илмӣ ҳавасманд мекунад. Аммо ҳуқуқшинос Ҷессика Литман ин низомро танқид мекунад ва мегӯяд, ки он ба таҳқиқоти амалӣ бартарӣ медиҳад ва ба таҳқиқоти бунёдӣ зарар мерасонад, ки метавонад пешрафти дарозмуддати илмиро халалдор кунад [5, с. 19].

Дар сатҳи иёлотҳо низ барномаҳои маҳаллии дастгирии илм амал мекунанд. Масалан, Калифорния тавассути Институти регенеративии тиббии Калифорния барои таҳқиқоти ҳуҷайраҳои бунёдӣ маблағ ҷудо мекунад, ки дар қонунгузории иёлот мустаҳкам шудааст [6, с. 28]. Чунин равиш хусусияти федеративии ИМА-ро нишон медиҳад, ки дар он минтақаҳо дар сиёсати илмӣ истиқлолияти зиёд доранд.

Ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар ИМА. Дар ИМА ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ тавассути Қонуни патентҳо (Patent Act) ва Қонуни ҳуқуқи муаллиф (Copyright Act) танзим мешавад. Низоми патент, ки аз ҷониби Идораи патентҳо ва тамғаҳои тиҷоратии ИМА (USPTO) идора мешавад, ба ихтироъкорон ҳуқуқи истисноии 20-соларо медиҳад [14, с. 25]. Қонуни Бэй-Доул аз соли 1980 ба донишгоҳҳо ва муҳаққиқоне, ки аз буҷети федералӣ маблағгузорӣ мешаванд, имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ба ихтирооти худро нигоҳ доранд, ки ин тиҷоратикунонии илмро ҳавасманд мекунад [15, с. 31].

Ҳуқуқшинос Лоуренс Лессиг ин низомро танқид мекунад ва мегӯяд, ки ҳифзи аз ҳад зиёди патентҳо мубодилаи озоди донишро бозмедорад ва инҳисорро эҷод мекунад [16, с. 38]. Дар айни замон, ҷонибдорон ба мисли Роберт Мергес, бар ин назаранд, ки он байни манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ тавозунро таъмин мекунад [17, с. 44].

Ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ. ИМА тавассути барномаҳое чун Fulbright ва Horizon 2020 (дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо) дар лоиҳаҳои байналмилалии илмӣ фаъолона иштирок

мекунад. Қонуни ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ аз соли 2018 афзалияти шарикиро бо кишварҳои дигар муқаррар мекунад [21, с. 14]. Аммо сиёсати таҳримҳо, масалан, нисбат ба Русия, баъзе ҷанбаҳои ҳамкориро маҳдуд мекунад, ки ин аз ҷониби ҳуқуқшиносон, ба мисли Ҷон Крукс, ҳамчун вайронкунии принсипи кушодагии илм танқид мешавад [22, с. 40].

Дар таносуб аз ИМА Канада дорои низоми бештар марказонидашудаи идоракунии илм аст. Қонуни Конститутсионии соли 1867 ваколатҳои мустақими ҳукумати федералиро дар соҳаи илм муқаррар намекунад, аммо моддаи 91 ба он ҳуқуқ медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба манфиати ҷамъиятиро танзим кунад, ки ҳамчун асос барои сиёсати илмӣ тафсир мешавад [7, с. 12]. Санади асосӣ Қонуни Шӯрои Тадқиқоти Канада (Natural Sciences and Engineering Research Council Act) аст, ки NSERC-ро – мақоме, ки таҳқиқотро дар соҳаи илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ маблағгузорӣ мекунад, таъсис додааст [8, с. 35].

Ҳуқуқшиноси канадагӣ Майкл Ҷ. Требилкок таъкид мекунад, ки марказонидашавӣ ба Канада имкон медиҳад, ки кӯшишҳои илмиро самаранок ҳамоҳанг созад, аммо нисбат ба модели амрикоӣ чандириро маҳдуд мекунад [9, 41]. Унсури муҳим инчунин Қонуни сиёсати илмӣ аз соли 2017 аст, ки афзалияти таҳқиқоти бунёдиро муқаррар мекунад ва ҳукуматро вазифадор мекунад, ки ҳар сол дар бораи хароҷот барои илм ҳисобот диҳад [10, с. 22]. Ин нишондиҳандаи талоши Канада ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ аст.

Дар Канада мақоми ягонаи мутамарказ Вазорати навоварӣ, илм ва рушди иқтисодии Канада (Innovation, Science and Economic Development Canada, ISED) мебошад, ки барои назорати куллии фаъолияти илмӣ масъул аст. Зеро низоми илм дар ин кишвар марказонидашуда аст ва ин вазорат сиёсати умумии илмиро дар Канада ҳамоҳанг мекунад ва барои татбиқи стратегияҳои миллӣ, аз қабили Қонуни сиёсати илмӣ аз соли 2017 (Science Policy Act of 2017), масъул мебошад. Вазорат стратегияҳо таҳия мекунад, буҷетро барои илм назорат мекунад ва агентиҳоро ба мисли Шӯрои тадқиқоти илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ (NSERC) ва Шӯрои тадқиқоти иҷтимоӣ ва гуманитарӣ SSHRC ҳамоҳанг месозад. Он бевосита ба Парлумони Канада ва Сарвазири Канада тобеъ аст. Дар баробари вазорат аз ҷониби агентиҳои гуногун, созмонҳои таҳқиқотӣ ва бахши хусусӣ дастгирӣ мешавад. Аммо чанд мақом ва созмони муҳим ҳастанд, ки дар ҳамоҳангсозӣ, маблағгузорӣ ва назорати ҷанбаҳои муайяни фаъолияти илмӣ дар Канада нақш доранд:

1. Шӯрои тадқиқоти илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ (Natural Sciences and Engineering Research Council, NSERC). NSERC як агентии федералии Канада аст, ки соли 1978 дар асоси Қонуни Шӯрои тадқиқоти илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ (Natural Sciences and Engineering Research Council Act) таъсис ёфтааст. Он асосан барои маблағгузории таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ масъул аст. Шӯро грантҳо ва стипендияҳо тақсим мекунад, таҳқиқотро дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳқиқотӣ дастгирӣ мекунад, аммо назорати мустақим надорад, балки сифатро тавассути баррасии ҳамсолон (peer review) таъмин мекунад. Он ба ҳукумати федералӣ аз ҷумла ба Вазорати навоварӣ, илм ва рушди иқтисодӣ (Innovation, Science and Economic Development Canada) ҳисобот медиҳад.

2. Шӯрои тадқиқоти иҷтимоӣ ва гуманитарӣ (Social Sciences and Humanities Research Council, SSHRC). SSHRC барои маблағгузории таҳқиқот дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ масъул аст. Он грантҳо медиҳад ва таҳқиқотро дар донишгоҳҳо дастгирӣ мекунад, аммо танзимкунандаи мустақим нест. Шӯро ба ҳукумати федералӣ ва Вазорати навоварӣ, илм ва рушди иқтисодӣ ҳисобот медиҳад.

3. Институти тадқиқоти тиббии Канада (Canadian Institutes of Health Research, CIHR). CIHR агентии федералиест, ки соли 2000 таъсис ёфтааст ва барои дастгирӣ ва маблағгузории таҳқиқот дар соҳаи тандурустӣ ва тиб масъул аст. Он таҳқиқоти тиббиро маблағгузорӣ мекунад ва стандартҳои ахлоқӣ (масалан, таҳқиқоти инсонӣ)-ро назорат мекунад. Ба Вазорати тандурустии Канада (Health Canada) ва ҳукумати федералӣ тобеъ аст.

4. Парлумони Канада. Парлумон қонунгузории марбут ба илмро қабул мекунад ва буҷети федералиро барои таҳқиқот тасдиқ мекунад, тавассути қонунҳо (масалан, қонунҳои патентӣ ё танзими таҳқиқоти ахлоқӣ) фаъолияти илмиро танзим мекунад.

Хусусиятҳои низоми илмии Канада дар он аст, ки марказонидашавии мӯътадил ҷой дорад. Дар фарқият аз ИМА Канада низоми бештар марказонидашуда дорад, ки дар он ҳукумати

федералӣ нақши муҳим дар маблағгузорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дорад ва баъзан таҳқиқотҳо аз ҷониби донишгоҳҳо ва бахши хусусӣ мустақилона идора мешаванд. Дар Канада бахши хусусӣ (ширкатҳо ба мисли Bombardier ё фарматсевтика) нақши муҳим дорад, аммо онҳо асосан тавассути имтиёзҳои андоз (SR&ED) ва қонунҳои моликияти зеҳнӣ танзим мешаванд ва назорати назорати мустақим надоранд. Баъзе вазоратҳо, ба мисли Вазорати тандурустӣ ё Вазорати муҳити зист дар соҳаҳои мушаххас (масалан, таҳқиқоти тиббӣ ё экологӣ) назорати бештар доранд.

Дар Канада Вазорати навоварӣ, илм ва рушди иқтисодӣ (ISED) ҳамоҳангсозии умумиро анҷом медиҳад, дар ҳоле ки NSERC, CIHR ва SSHRC маблағгузорӣ ва дастгирии таҳқиқотро таъмин мекунанд. Парлумон бошад асоси қонунӣ ва буҷетро муқаррар мекунад. Ин низом ба Канада имкон медиҳад, ки тавозун байни марказонидашавӣ ва чандирӣ нигоҳ дошта шавад.

Маблағгузории илм дар Канада. Маблағгузории илм дар Канада асосан тавассути грантҳои давлатӣ, ки аз ҷониби агентиҳо ба мисли Шӯрои тадқиқоти илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ (NSERC), Институти тадқиқоти тиббии Канада (CIHR) ва Шӯрои тадқиқоти иҷтимоӣ-гуманитарӣ (SSHRC) тақсим мешаванд, амалӣ мегардад. Дар соли 2023 буҷети федералӣ зиёда аз 13 миллиард долларро барои барномаҳои илмӣ ҷудо кард [11, с. 17]. Бахши хусусӣ нисбат ба ИМА нақши камтар дорад, ки ба андешаи ҳуқуқшинос Питер Хогг ба қувваи камтари иқтисодии ширкатҳои канадагӣ ва анъанаи қавии патернализми давлатӣ вобаста аст [12, с. 29].

Барномаи имтиёзҳои андози SR&ED (Scientific Research and Experimental Development) барои тиҷорат имтиёзҳо фароҳам меорад, аммо самаранокии он баҳсҳоро ба миён меорад. Баъзе олимон, аз ҷумла Ҳелена Лоусон бар ин назаранд, ки он барои корхонаҳои хурд аз сабаби монеаҳои бюрократӣ кофӣ ҳавасманд намешаванд [13, с. 33].

Моликияти зеҳнӣ дар Канада. Дар Канада ҳифзи моликияти зеҳнӣ тавассути Қонуни патентҳо (Patent Act) ва Қонуни ҳуқуқи муаллиф (Copyright Act) танзим мешавад, ки ба қонунҳои амрикоӣ монанданд, аммо дар татбиқ фарқ доранд. Идораи моликияти зеҳнии Канада (CIPO) патентҳо медиҳад, аммо раванди он нисбат ба ИМА камтар ба тиҷоратикунонӣ нигаронида шудааст [18, 19]. Қонуни тиҷоратикунонии таҳқиқот аз соли 2007 барои дастгирии интиқоли технологияҳо аз донишгоҳҳо ба тиҷорат равона шудааст, аммо самаранокии он маҳдуд аст, чунон ки ҳуқуқшинос Норман Сибен қайд мекунад [19, с. 27].

Олимони канадагӣ, ба мисли Майкл Гейст ба зарурати ислоҳот ишора мекунанд, то ҳуқуқи муҳаққиқонро мустаҳкам ва ҳамзамон дастрасии донишро барои ҷомеа нигоҳ доранд [20, с. 36].

Ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ. Канада дар дипломатияи илмӣ аз маҳдудиятҳои сахт канорагирӣ мекунад. Барномаи Canada First Research Excellence Fund лоиҳаҳои ҷаҳониро дастгирӣ мекунад, ва Қонуни шарикиҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳқиқот аз соли 2019 ҳамкориро бо олимони хориҷӣ осон мекунад [23, с. 21]. Ин Канадаро барои мубодилаи байналмилалӣ бозтар мекунад, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносон, ба мисли Элизабет Риддел баланд арзёбӣ мешавад [24, с. 30].

Дар муқоисаи ИМА ва Канада метавон қайд кард, ки модели амрикоӣ ба ғайримарказонӣ ва сармоягузории хусусӣ такя мекунад, дар ҳоле ки модели канадагӣ ба идоракунии давлатӣ ва ҳамоҳангсозӣ асос ёфтааст. Ҳар ду равиш дорои ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф мебошанд. ИМА фаъолияти баланди инноватсиониро нишон медиҳад, аммо аз нобаробарӣ дар дастрасӣ ба захираҳо ранҷ мекашад. Канада устувории маблағгузорӣ ва баробариро таъмин мекунад, аммо дар суръати ҷорӣ кардани навовариҳо қафо мемонад. Ин фарқиятҳо на танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ, балки фарҳангии ду кишварро инъикос мекунанд.

Бо истифода аз усули муқоисавии ҳуқуқӣ қонунгузории ИМА ва Канада бо санадҳои меъёрии Тоҷикистон дар соҳаи илм таҳлил карда шуданд. Аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №114 аз 28 феврали 2025 "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, № 81 "Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2024, № 612 "Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2025-2027 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 августи соли 2023, № 417 "Дар бораи Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, № 136 "Дар бораи Барномаи давлатии рушд ва таҳкими заминаи илмию таҷрибавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1922 "Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 263 "Дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 264 "Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 "Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 165 "Дар бораи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзи, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 165 "Дар бораи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзи, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2021, № 1780 "Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон", Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2020 № 1557 "Дар бораи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020 № 1445 "Дар бораи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон намудани солҳои 2020-2040", Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020 № 1430 "Дар бораи табдил додани Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 № 1197 "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 № 145 "Дар бораи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, № 288 "Дар бораи Консепсияи миллии таҳқиқоти илмии мақсаднок оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013 - 2028", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010 № 593 "Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, № 308 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон аз 2 майи соли 2008, № 215 "Дар бораи тасдиқи Оинномаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, № 535 "Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилооти илмӣ-техникӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, № 525 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои ташаккул, экспертиза, тасдиқ, маблағгузорӣ ва иҷрои барномаву лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ, ки аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд" ва дигар.

Бо назардошти таҳлил пешниҳод карда мешавад, ки чунин таносуб муайян карда шуд:

1. Сохтори танзим. ИМА низоми ғайримарказонидашуда дорад, Канада ва Тоҷикистон марказонидашудаанд. Қарори №114 самтҳои афзалиятнокро муқаррар мекунад, ки ба равиши Канада монанд аст, аммо ИМА инро ба бахши хусусӣ вогузор мекунад.

2. Маблағгузорӣ. ИМА ба маблағгузории хусусӣ (60%) ва Канада ба давлатӣ такя мекунад. Тоҷикистон (Қарори №417) низ давлатӣ аст, аммо имтиёзҳои андозбандии ИМА-ро надорад.

3. Моликияти зеҳнӣ. ИМА ва Канада патенткуниро мукаммал кардаанд, Тоҷикистон ҳанӯз дар ин ҳаракат дорад.

4. Ҳамкорӣ. Илми ИМА ва Канада эътирофи умумиҷаҳонӣ пайдо намуда, Тоҷикистон дар асоси Стратегияи №263 дар сатҳи рушд аст.

Дар натиҷаи таҳлил қонунгузории ИМА ва Канада чунин пешниҳодҳоро барои мукаммал намудани қонунгузории кишвар ва дастгирии фаъолияти илмӣ манзур менамоем:

1. Ҷалби бахши хусусӣ тавассути муқаррар намудани имтиёзҳои андоз ба соҳаи илм ба монанди ИМА. Дар ИМА яке аз роҳҳои муҳими ҷалби бахши хусусӣ ба фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотӣ ин истифодаи имтиёзҳои андоз (tax incentives) мебошад. Ин механизм барои ҳавасманд кардани ширкатҳо ва созмонҳои хусусӣ ба сармоягузорӣ дар таҳқиқот ва рушд (Research and Development, R&D) таҳия шудааст, ки яке аз омилҳои асосии пешрафти инноватсионӣ дар ИМА маҳсуб мешавад. Ин имтиёз дар Кодекси андозҳои дохилии ИМА (Internal Revenue Code, 26 U.S.C. § 41) муқаррар шудааст ва аз соли 1981 ҷорӣ гардидааст. Он расман бо номи "Tax Credit for Increasing Research Activities" маълум аст. Он ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки як қисми хароҷоташонро барои таҳқиқоти навоварона аз андозҳо кам кунанд, то онҳоро ба сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои илмӣ ва технологӣ ҳавасманд созад. Имтиёз одатан то 20% хароҷоти мувофиқро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти таҳқиқотӣ, аз қабили таҳияи технологияҳои нав, озмоишҳои илмӣ ва такмили маҳсулот, марбут аст. Ширкатҳое, ки ба таҳқиқот ва рушд сармоягузорӣ мекунанд (масалан, Google, Pfizer ё Tesla), метавонанд хароҷоти худро, аз ҷумла маош ба олимон, хариди таҷҳизот ва гузаронидани озмоишҳо, ҳамчун асос барои кам кардани андоз истифода баранд. Масалан, агар як ширкат дар як сол 10 миллион доллар ба R&D сарф кунад, он метавонад то 2 миллион долларро аз андозҳои худ бо назардошти меъёрҳои мушаххас нигоҳ дорад. Ин имтиёзҳо метавонанд доимӣ ё муваққатӣ бошанд, вобаста ба қонунгузории ҷорӣ (масалан, он борҳо тамдид шудааст). Ин имтиёз ширкатҳои бузург ва хурдро ба иштирок дар лоиҳаҳои илмӣ ҳавасманд мекунад. Масалан, ширкатҳои технологӣ (ба мисли Apple) ва фарматсевтикӣ (ба мисли Moderna) аз ин имтиёзҳо барои таҳияи маҳсулоти нав истифода мебаранд. Тибқи маълумот дар ИМА бахши хусусӣ тақрибан 60-70% маблағгузории умумии таҳқиқот ва рушдро таъмин мекунад, ки қисман ба имтиёзҳои андоз вобаста аст. Дар даврai пандемияи COVID-19 ширкатҳои фарматсевтикӣ ба мисли Pfizer аз ин имтиёзҳо барои суръат бахшидан ба таҳқиқоти ваксина истифода карданд. Дар Тоҷикистон низоми имтиёзҳои андоз барои ҷалби бахши хусусӣ ба соҳаи илм ҳанӯз рушд наёфтааст. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1922 "Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ" ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 чунин имтиёзҳо муқаррар нашудаанд.

2. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1922 "Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ" илова намудани меъёрҳои монанд ба қонуни Бэй-Доул барои ҳуқуқи муҳаққиқон монанди ИМА. Қонуни Бэй-Доул (Bayh-Dole Act) як қонуни федералии ИМА аст, ки соли 1980 қабул шуда, расман дар Кодекси ИМА таҳти 35 U.S.C. § 200-212 сабт гардидааст. Ин қонун ба донишгоҳҳо, муассисаҳои хурд ва созмонҳои ғайритиҷоратӣ, ки аз маблағҳои федералӣ барои таҳқиқот истифода мебаранд, ҳуқуқ медиҳад, ки моликияти патентҳо ба ихтирооти худро нигоҳ доранд ва онҳоро барои тиҷоратикунонӣ истифода баранд. Дар ин қонун масоили ҳуқуқи моликият ва тиҷоратикунонӣ муқаррар шудааст. Пеш аз қабули ин қонун, ҳамаи ихтирооте, ки бо маблағи федералӣ (масалан, аз NSF ё NIH) анҷом мешуданд, моликияти ҳукумати ИМА буданд. Қонуни Бэй-Доул инро тағйир дод ва ба муҳаққиқон ё муассисаҳояшон ҳуқуқи соҳибӣ дод. Муассисаҳои илмӣ метавонанд патентҳоро ба ширкатҳои хусусӣ иҷозатнома диҳанд ё худи онҳо маҳсулот истеҳсол кунанд. Дар ивази ин ҳуқуқ муассисаҳои илмӣ вазифадоранд, ки як қисми даромадро бо ихтироъкорон тақсим кунанд ва ба ҳукумат ҳуқуқи истифодаи ройгон (royalty-free license) барои мақсадҳои давлатӣ диҳанд. Аз соли 1980 ин қонун ба афзоиши тиҷоратикунонии ихтироот мусоидат кард. Масалан, донишгоҳҳо ба монанди MIT ва Стэнфорд аз он барои таҳияи технологияҳои нав (аз қабили Google Algorithm ё доруҳои нав) истифода бурданд. Тибқи маълумот, то соли 2020 ин қонун ба эҷоди беш аз 11 миллион ҷойи кор ва зиёда аз 3000 ширкати нав мусоидат кардааст. Ихтирои доруи Taxol (барои табобати саратон) аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Флорида бо истифода аз ин қонун тиҷоратикунонӣ шуд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1922 "Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ" назорати давлатӣ бар натиҷаҳои таҳқиқот бештар буда, муҳаққиқон ё муассисаҳои илмӣ ҳуқуқи мустақили патенткунӣ ва тиҷоратикуниро кам доранд. Ин боиси маҳдуд шудани ҷалби бахши хусусӣ ва кам шудани ҳавасмандии олимон мегардад. Илова ба

Қонун ба муассисаҳои илмӣ (масалан, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ҳуқуқи нигоҳ доштани патентҳоро медиҳад. Бо назардошти шароити Тоҷикистон, давлат метавонад шартҳои муайян (масалан, ҳадди ақалли саҳми даромад ба буҷет) муқаррар кунад то манфиатҳои ҷамъиятӣ ҳифз шаванд. Масалан, агар як олими тоҷик бо маблағи давлатӣ технологияи нави кишоварзӣ ихтироъ кунад, ӯ ё муассисаи илмиаш метавонанд патентро ба як ширкати хусусӣ иҷозатнома диҳанд ва аз фоида саҳм гиранд. Қонуни Бэй-Доул дар ИМА як намунаи муваффақи ҷалби илм ба иқтисод аст, ки ба муҳаққиқон ва муассисаҳои илмӣ ҳуқуқи моликият ва тиҷоратикунонӣ медиҳад. Барои Тоҷикистон такмили қонунгузорӣ метавонад низоми илмиро такмил диҳад, ҳавасмандии олимонро баланд бардорад ва бахши хусусиро ба таҳқиқот ҷалб кунад. Ин як қадами муҳим барои гузариш аз назорати давлатӣ ба ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ хоҳад буд.

3. Рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ба монанди Канада. Канада дар соҳаи илм ва технология бо шарикони байналмилалии худ ҳамкориҳои густурда дорад, ки ин ба пешрафти илмӣ ва иқтисодии он мусоидат мекунад. Қонуни шарикиҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳқиқоти Канада (2019) ҳамкориро бо олимони хориҷӣ осон мекунад ва барои дастгирии лоиҳаҳои муштарак замина фароҳам меорад. Канада бо кишварҳои зиёде аз қабили Иттиҳоди Аврупо, Шветсия, Бразилия ва Британияи Кабир созишномаҳои илмӣ ва технологӣ дорад. Масалан, Созишномаи ҳамкории илмӣ ва технологӣ байни Канада ва Шветсия (Memorandum of Understanding on Science and Technology Cooperation) барои мубодилаи дониш ва таҳқиқоти муштарак имкон медиҳад. Барнома Canada First Research Excellence Fund (CFREF) лоиҳаҳои ҷаҳонии илмиро дастгирӣ мекунад ва ба муҳаққиқони канадагӣ имкон медиҳад, ки бо шарикони хориҷӣ ҳамкорӣ кунанд. Канада аз соли 2024 ба қисмати дуюми барномаи таҳқиқот ва инноватсияи Иттиҳоди Аврупо (Horizon Europe) ҳамроҳ шудааст. Ин барнома, ки бузургтарин барномаи маблағгузории таҳқиқот дар ҷаҳон аст, ба муҳаққиқони канадагӣ имкон медиҳад, ки дар лоиҳаҳои муштарак бо олимони аврупоӣ иштирок кунанд ва мушкилоти ҷаҳонӣ, ба мисли тағйироти иқлим, ҳал шаванд. Канада тавассути Институти тадқиқоти тиббии Канада (CIHR) дар созмони байналмилалӣ Global Alliance for Chronic Diseases фаъол аст, ки ба мубориза бо бемориҳои музмин дар сатҳи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Канада бо созмони пешрафтаи таҳқиқотӣ Max Planck Society (Олмон) созишнома дорад, ки мубодилаи донишҷӯён ва олимонро барои таҳқиқоти пешқадам дар соҳаи неврология ва технология дастгирӣ мекунад. Дар соли 2023 буҷети федералии Канада зиёда аз 13 миллиард долларро барои барномаҳои илмӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷудо кардааст. Ҳамкориҳо ба Канада имкон медиҳанд, ки ба технологияҳо ва таҷрибаҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо кунад. Масалан, ҳамкорӣ бо Япония дар соҳаи технологияҳои квантиро метавон зикр кард. Ин лоиҳаҳо ба тиҷоратикунонии ихтироот ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат мекунанд. Қонуни сиёсати илмӣ аз соли 2017 ҳукуматро вазифадор мекунад, ки ҳар сол дар бораи хароҷоти илмӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳисобот диҳад. Тибқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 аз 30 июни соли 2021, № 263 Тоҷикистон нияти рушди ҳамкориҳои байналмилалиро дорад, аммо ин бештар дар сатҳи нақша боқӣ мондааст. Маблағгузорӣ ва чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ барои ҷалби шарикони хориҷӣ ҳанӯз заиф аст. Дар фарқият аз кишвари мо Канада дорои низоми мукаммали созишномаҳо ва барномаҳои мушаххас аст, дар ҳоле ки Тоҷикистон дар ин самт қадамҳои аввалинро мегузорад. Тоҷикистон метавонад бо кишварҳои пешрафта (масалан, Канада, Олмон ё Япония) созишномаҳои илмӣ банданд, то мубодилаи олимон ва донишҷӯёнро осон кунад. Таъсиси фонде монанд ба CFREF барои дастгирии лоиҳаҳои байналмилалӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ё Иттиҳоди Аврупо роҳи судманди ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Иштирок дар барномаҳое ба мисли Horizon Europe ё Global Alliance for Chronic Diseases метавонад ба Тоҷикистон имкон диҳад, ки ба шабакаҳои ҷаҳонии илмӣ ворид шавад. Масалан, Тоҷикистон метавонад бо Канада дар соҳаи гидроэнергетика ё экология ҳамкорӣ кунад, зеро ҳар ду кишвар захираҳои бойи табиӣ доранд. Ҳамкориҳои байналмилалии Канада як намунаи муваффақи ҳамгироии илм бо ҷаҳониён аст, ки ба кушодагӣ, маблағгузории устувор ва чаҳорчӯбаи қавии ҳуқуқӣ такя мекунад. Барои Тоҷикистон омӯхтани ин таҷриба ва ҷорӣ кардани механизмҳои монанд метавонад роҳро барои

пешрафти илмӣ ва ҷалби шарикони хориҷӣ боз кунад. Ин як қадами муҳим барои баланд бардоштани сатҳи илм ва иқтисод дар сатҳи байналмилалӣ хоҳад буд.

Адабиёт

1. Конституция Соединенных Штатов Америки. — Вашингтон: Правительство США, 1787.-25 с.
2. National Science Foundation Act of 1950. — Вашингтон: U.S. Government Printing Office, 1950.-40 с.
3. Поснер, Р.А. Экономический анализ праваи / Р.А. Поснер. — М.: Волтерс Клувер, 2004.-512 с.
4. Research and Development Tax Credit, 26 U.S.C. § 41. — Вашингтон: U.S. Code, 1986.-45 с.
5. Литман Дж. Цифровое авторское право / Дж. Литман. — СПб.: Питер, 2007.-320 с.
6. California Stem Cell Research and Cures Act. — Сакраменто: California Legislature, 2004.-35 с.
7. Конституционный акт Канады 1867 года. — Оттава: Парламент Канады, 1867. — 20 с.
8. Natural Sciences and Engineering Research Council Act. — Оттава: Парламент Канады, 1976.-50 с.
9. Требилкок, М.Дж. Экономика права и политика / М.Дж. Требилкок. — Торонто: University of Toronto Press, 2008.-450 с.
10. Science Policy Act of 2017. — Оттава: Парламент Канады, 2017.- 30 с.
11. Federal Budget 2023. — Оттава: Министерство финансов Канады, 2023. — 200 с.
12. Хогг, П.У. Конституционное право Канады / П.У. Хогг. — Торонто: Carswell, 2010.-600 с.
13. Лоусон, Х. Налоговые стимулы для науки в Канаде / Х. Лоусон. — Ванкувер: UBC Press, 2015.-280 с.
14. Patent Act, 35 U.S.C.— Вашингтон: U.S. Code, 1952.-60 с.
15. Bayh-Dole Act, 35 U.S.C. § 200-212. — Вашингтон: U.S. Code, 1980.-40 с.
16. Лессиг, Л. Свободная культура / Л. Лессиг. — М.: Прогресс, 2006.-350 с.
17. Мергес, Р.П. Патентное право и инновации / Р.П. Мергес. — Бостон: MIT Press, 2011. — 400 с.
18. Patent Act (R.S.C., 1985, c. P-4). — Оттава: Парламент Канады, 1985. — 55 с.
19. Сибен, Н. Коммерциализация науки в Канаде / Н. Сибен. — Монреаль: McGill Press, 2012. — 300 с.
20. Гейст, М. Авторское право в цифровую эпоху / М. Гейст. — Торонто: Irwin Law, 2013. — 320 с.
21. International Science Partnerships Act of 2018. — Вашингтон: U.S. Congress, 2018. — 25 с.
22. Крукс Дж. Научная дипломатия и санкции. — Нью-Йорк: NYU Press, 2020. — 380 с.
23. International Research Partnerships Act of 2019. — Оттава: Парламент Канады, 2019. — 30 с.
24. Риддел, Э. Глобальная наука и Канада / Э. Риддел. — Оттава: Ottawa University Press, 2021.-290 с.

ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ДАР АМРИКО ВА КАНАДА: ҶАНБАИ ҲУҚУҚӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии ҷанбаҳои ҳуқуқии танзим ва рушди фаъолияти илмӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада бахшида шудааст. Муаллиф ба таҳлили асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сохторҳои институтсионалӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм мепардозад. Дар мақола нақши ташкилотҳои хусусӣ, донишгоҳҳо, инчунин механизмҳои ҳимояи моликияти зеҳнӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ба масъалаҳои муҳоҷиратии олимони хориҷӣ, шароити дарёфти грант ва ҳаракати академикӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Муқоисаи низомҳои ҳуқуқии ҳарду кишвар имкон медиҳад, ки нуқтаҳои умумӣ ва фарқкунанда муайян карда шаванд. Муаллиф ба аҳамияти василаҳои ҳуқуқӣ дар пешбурди илм ва инкишофи иқтисодӣ таъкид менамояд. Мавод барои мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, сиёсати илмӣ ва равобити байналмилалӣ муфид буда метавонад.

Калидвожаҳо: илм, қонунгузорӣ, ИМА, Канада, Тоҷикистон, моликияти зеҳнӣ, маблағгузорӣ, ҳамкории байналмилалӣ, тиҷоратикунонӣ, таҳқиқоти бунёдӣ, патентҳо, грантҳо, бахши хусусӣ, имтиёзҳои андоз, инноватсия, ҳуқуқи муаллиф, шаффофият, сиёсати илмӣ.

НАУЧНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В США И КАНАДЕ: ПРАВОВОЙ АСПЕКТ

В данной статье рассматриваются правовые аспекты организации и регулирования научной деятельности в США и Канаде. Автор акцентирует внимание на существующих законодательных базах, институциональных структурах и политике в сфере науки, исследует механизмы государственной поддержки научных исследований, роль частных фондов и университетов, а

также особенности защиты интеллектуальной собственности. Особое внимание уделяется вопросам миграционного законодательства в отношении иностранных учёных, условиям получения грантов и академической мобильности. Проводится сравнительный анализ подходов двух стран к управлению научной сферой с точки зрения правового обеспечения, выявляются общие черты и различия. В статье подчёркивается значение правовых механизмов в развитии науки как важного фактора экономического роста и инновационного развития. Материал может быть полезен специалистам в области права, международных отношений и научной политики, а также исследователям, заинтересованным в зарубежном опыте организации науки.

Ключевые слова: наука, законодательство, США, Канада, Таджикистан, интеллектуальная собственность, финансирование, международное сотрудничество, коммерциализация, фундаментальные исследования, патенты, гранты, частный сектор, налоговые льготы, инновации, авторское право, прозрачность, научная политика

SCIENTIFIC ACTIVITY IN THE USA AND CANADA: LEGAL ASPECT

This article explores the legal aspects of organizing and regulating scientific activity in the United States and Canada. The author focuses on the legislative frameworks, institutional structures, and national science policies of both countries. It analyzes state support mechanisms, the role of private foundations and universities, and the protection of intellectual property. Special attention is given to immigration laws affecting foreign researchers, grant acquisition procedures, and academic mobility conditions. A comparative analysis is provided to identify similarities and differences in the legal approaches to science governance. The article emphasizes the importance of legal instruments in scientific advancement as a key driver of economic growth and innovation. The content is useful for legal experts, policy makers, and scholars interested in international models of scientific regulation.

Keywords: science, legislation, USA, Canada, Tajikistan, intellectual property, funding, international cooperation, commercialization, fundamental research, patents, grants, private sector, tax incentives, innovation, copyright, transparency, science policy

Дар бораи муаллиф
Сангинзода Донёр Шомаҳмад
Муовини директор оид ба илм ва таълим
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 980 850 707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

About the author
Sanginzoda Donyor Shomahmad
Deputy Director for Science and Education
Institute for the Study of Asian and European Countries
National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
Phone: (+992) 980 850 707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

Об авторе
Сангинзода Донёр Шомаҳмад
Заместитель директора по науке и обучению
Институт изучения проблем стран Азии и Европы
Академия наук Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Тел.: (+992) 980 850 707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

ТДУ 343.352(597.3):316.752

МУШКИЛОТИ РИШВАХОРӢ ВА МАФКУРАСОЗИИ АНТИКОРРУПСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Саидзода Г.З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон як раванди мураккаб буда, бо як қатор мушкилиҳо ва монеаҳо рӯбарӯ мешавад. Ин мушкилиҳо ҳам дар сатҳи низоми ҳуқуқӣ ва ҳам дар сатҳи иҷтимоӣ-сиёсӣ вуҷуд доранд. Баъзе аз ин мушкилот омилҳои умумӣ буда, дар аксари кишварҳои дар ҳоли рушд мушоҳида мешаванд, вале баъзе монеаҳо хоси Тоҷикистон мебошанд. Ҳарчанд аз таҷрибаи ҳаётии ниёгони мо бармеояд, ки “покизагони роҳи ростин меҳнати бо заҳматро аз тасарруфи муфт авло медонистаанд” [9, с. 300].

Мушкилиҳои умумӣ дар мубориза бо коррупсия ҳанӯз аз сарчашмаҳои таърихӣ ҳамчун “омили ба ҷомеа зараровар”[1, с. 89] ёдрас мешаванд. Сустиҳои низоми идоракунӣ ва шаффофият ҳамеша масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи мухталиф ба ҳисоб мерафтанд.

Гарчанде қонунгузории Тоҷикистон як қатор санадҳои зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла Қонуни “Дар бораи мубориза бо коррупсия”-ро қабул кардааст, баъзе меъёрҳо то ҳол номукаммал буда, иҷрои онҳо ба таври кофӣ таъмин намешавад. Дониши нокифояи ҳуқуқӣ дар ин ҷода асоси пайдоиши нуқсонҳои қайдгардидаро ба миён меоварад.

Дар ҷомеа сатҳи огоҳӣ аз паёмадҳои коррупсия ва меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбатан паст аст. Бисёр шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ огоҳ нестанд ва ё намедонанд, ки чӣ гуна аз амалҳои коррупсионӣ шикоят кунанд. Норасоии назорати муассир дар қолаби бақайдгириву таҳлили вазъияти мавҷуда низ соҳаи навбатии ин ҷараён дониста мешавад. Чунончи “мутахассисони соҳаи илму фарҳанги тоҷик ин омилро ба асли таърихии он низ муқоиса намудаанд, ки аз манфиати тарбиявию ахлоқӣ низ холӣ нест” [2, с. 401].

Механизмҳои назоратӣ ва сохторҳои зиддикоррупсионӣ аксаран дар назорат ва ошкор кардани амалҳои коррупсионӣ самаранок нестанд. Ин боиси он мегардад, ки коррупсионер бечазо бимонанд. Монеаҳои хос дар мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон вуҷуд доранд, ки ба пояҳои хусусияти милливу сиёсии он такя мекунад. Фарҳанги шиносбозӣ ва непотизм (хешутаборбозӣ) дар ин самт яке аз сабабҳои авҷи ин падида мегардад [6, с. 50]. Ин масъала ҳанӯз аз замонҳои гузашта дар мафкураи халқу миллатҳои дунё ҷой гирифта буд. Ин падида ба коррупсия мусоидат мекунад, зеро ба ҷойи салоҳиятнокӣ, иртиботҳои шахсӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Иқтисоди ғайриошкор ва фаъолияти ғайрирасмӣ низ мушкилоти зиёдеро дар самти мубориза бо амалҳои коррупсионӣ ба вуҷуд меоваранд. Қисми зиёди иқтисоди кишварҳо дар “иқтисоди ғайриошкор” қарор дорад, яъне дар соҳаҳое, ки фаъолияти онҳо расман ба қайд гирифта намешавад. Иқтисоди ғайрирасмӣ метавонад як манбаи асосии маблағҳои коррупсионӣ бошад.

Тавре ишора рафт, пушида нест, ки ҷомеаи Тоҷикистон аз масъалаҳои коррупсионӣ орӣ нест. Бинобар ин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба хотири муқовимат бо корҳои коррупсионӣ чораҳои зарурии пайваста андешида шуда истодааст. Таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора бар он мекунад, ки дар кишвар проблемаҳои коррупсионӣ ҷой доранд ва мубориза алайҳи он ба роҳ монда шудааст. Мусаллам аст, ки коррупсия зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ буда, сабабҳои пайдоиш ва рушди худро дорад. Албатта, кумитаҳо, агентиҳо ва дигар мақомотҳои давлатӣ ба зидди коррупсия ва фасодкорӣ дар ҷомеа мубориза мебаранд, вале “муайяну муқаррар намудани решаҳои фасодкорӣ, омилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии онро дарёфт кардану роҳи ҳалли масъаларо пешкаш намудан, кори олимону муҳаққиқон ва ҷомеашиносон мебошад” [7, с. 292].

Донишманди тоҷик М. Халифаев коррупсияро чунин шарҳ додааст: «Коррупсия бошад, костакунандаи қонуният, адолат, рушди иқтисодиёт, боварии мардум ба давлат ва аз ин лиҳоз, боиси ташвишу нигарониҳои ахлоқиву сиёсӣ буда, мубориза бар зидди он талошҳои пайгиронаи мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, истифодаи дастоварду ва таҷрибаи байналхалқиро дар ин соҳа

талаб мекунад» [8, с. 199].

Иқрор бояд шуд, ки шаклҳои гуногуни зуҳури коррупсия дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон дар асарҳои Г.Н. Зокиров, А.Н., Маҳмадов, А.А. Шамолов, С. Ҷононов, А. Муҳаббатов, Р.Ш., Нуриддинов, Г.С. Азизқулова, Р. Сотиволдиев, С.И. Шарипов, С.С. Сафаров, Р. Ҳайдаров, М.Халифаев, Ш. Султонов, И.К.Асадуллоев, Р.Х. Раҳимов, Т. Сангов, Х.А. Умаров, С.Ҳ., Ҳусейнзода, А. Имомов, Ш.Х. Солиев ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Ҳатто ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва криминологии коррупсия дар Тоҷикистон ва роҳу воситаҳои мубориза алайҳи он дар як силсила мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавии олимони тоҷик, аз қабили Б.К. Бобохонов, Ш.О. Салимов, А.Х. Имомов, К.Х. Солиев, Т.Ш. Шарипов, С.Э. Баҳриддинов, С.Ҳ. Ҳусейнзода ва дигар коршиносони соҳаи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале ба таъкиди сиёсатшиноси варзидаи тоҷик Г. Зокиров хатари амалҳои коррупсиониро роҳбарияти мақомоти гуногуни давлатӣ низ амиқ дарк намудаанд. Аммо моҳият, хусусиятҳо ва роҳу воситаҳои муборизаи зидди он рӯшан ва саҳеҳ муайян нестанд. Аз ин хотир, омӯзиши ҳамаҷонибаи коррупсия ва масъалаҳои гуногуни он рӯзмара гашта, аҳамияти муҳими илмӣ ва амалию сиёсӣ доранд» [3, с. 70-71].

Дар масъалаи омӯзиши масоили коррупсионӣ ва роҳҳои ҳалли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсатшинос ва ҳуқуқшиноси шинохтаи тоҷик Ш. Ҳасанов таҳқиқоти фаровон ва густурда анҷом дода, аз ҷумла чунин менависад: “Вазъи мубориза бо коррупся дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудӣ мехоҳад, зеро тадбиру чораҳои муқовимат бо коррупсия ба таври бояду шояд амал намекунанд. Бинобар ин, дар марҳилаи кунунӣ ҷоннок гардонидани корҳои зерин мувофиқи мақсад аст: тақвият додани қонунгузорӣ ва мутташакилии воситаҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия; ҳамкории муассир миёни бахшҳои давлатӣ ва хусусии истиснокунандаи дахолат ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ; баланд бардоштани масъулият барои ҳуқуқвайронкуниҳои содиргардида; ошкоро ва ҳисоботдиҳанда будан ва таҳти назорат қарор доштани шахсони дорандаи ваколатҳои ҳокимияти оммавӣ” [10, с. 41].

Тавре аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, нокифоя будани ҳифзи ҳуқуқи шахсони зиддикоррупсионӣ (фошкунандагон) ин мушкилотро дучанд гардонида, дахолати пайвастаи сохторҳои қудратиро дар ин самт муҳим мегардонад. Илова бар ин аҳли ҷомеа низ нисбати фошсозии амалҳои коррупсионӣ бояд бетарафӣ накунанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки метавонад дар ошкор ва пешгирии фасод нақши калидӣ бозад, бояд бо фишорҳо рӯбарӯ нагарданд. Ин ҳолат вазъи чораҳои зиддикоррупсиониро ба самти манфӣ мекоҳонад.

ВАО (Воситаҳои ахбори омма) дар давлатҳои олам, аз он ҷумла Тоҷикистон, барои таҳқиқи ҷиддии ҳолатҳои коррупсионӣ нақши муҳимро мебозанд. Чораҳо барои бартараф кардани монеаҳо аз ҷониби марказҳои таҳлиливу назоратӣ ва таҳқиқотиву таъғйиротӣ зиёд муаррифӣ гардидаанд. Барои самаранок кардани мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон бояд як қатор чораҳои мушаххас андешида шаванд. Сараввал, такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ки марҳила ба марҳила тағйиру танзим гардонида мешавад. Ин маънои “ҷорӣ кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҳифзи шахсони зиддикоррупсионӣ, пурзӯр кардани ҷазо барои амалҳои фасодӣ ва таъмини иҷрои қонунҳои амалкунандаро дорад” [11].

Баъдан, ин ислоҳот дар самти институтсионалӣ: баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии ниҳодҳои давлатӣ; таҳкими сохторҳои назоратӣ ва мубориза бо фасодро дар бар мегирад. Самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ахлоқии шаҳрвандон бошад: татбиқи барномаҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва ВАО; тарғиби ахлоқи ҳамида ва масъулияти шаҳрвандиро дар бар мегирад. Самти такмили қонунгузорӣ: мукаммалсозии қонунҳои зиддикоррупсионӣ ва ҷорӣ намудани механизми қатъии татбиқи онҳо; ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ барои коҳиши таъсири инсонӣ дар раванди қабули қарорҳо.

Мушкилиҳои умумӣ ва монеаҳои хос дар самти мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон яке аз мавзуҳои ҳалталаби ҷомеа ба шумор меравад. Мушкилиҳои умумӣ дар мубориза бо коррупсия чун қоида оламшумуланд. Онҳоро дар дилхоҳ ҷомеа мушоҳида намудан имконият дорад. Меъёрҳои номукаммали қонунгузорӣ низ хоси ҳамин мушкилот буда метавонанд. Онҳо дар аксар ҳолат зуд бартараф карда намешаванд.

Сатҳи маоши нокифоя низ дар бисёр ҳолатҳо ба мушкилоти иловагӣ оварда мерасонад, ки боиси нооромиҳои сиёсиву иҷтимоӣ гардида метавонад ва рукнҳои инсонгароиву манфиати ҷомеаро дар қолаби ниёзҳои худ матраҳ намуда, ба рушди манфиатхоҳии шахсӣ ва зиёдаравӣ бурда мерасонад.

Норасоии назорати муассир ба масъалаҳои пешина замина мегардад. Ин падида бо амалиёти хешутаборбозӣ асли адолати қонунию ҳуқуқиро дар ҷомеа аз байн бурда, боиси бештар шудани монеаҳо дар роҳи мубориза бо коррупсия гашта метавонад. Монеаҳои хос дар мубориза бо коррупсия, ки аз хусусиятҳои миллию фарҳангӣ, аз он ҷумла фарҳанги шиносбозӣ ва непотизм (хешутаборбозӣ) сарчашма мегиранд, ба рушди коррупсия мусоидат мекунанд, зеро ба ҷойи салоҳиятмандӣ, иртиботҳои шахсӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд.

Монеаҳо оқибат дар мубориза бо коррупсия замони муосирро ба майдони набарди ниҳонӣ кашида истодаанд. Монеаҳои мазкур ба паҳншавии фасод ва коҳиши самаранокии чораҳои зиддикоррупсионӣ дар кишварҳо мусоидат мекунанд. Оқибатҳои манфии онҳо чунинанд:

• Коҳиши сармоягузорӣ ва рушди иқтисод:

Паҳншавии фасод, монеаи асосӣ барои сармоягузории хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ мегардад.

• Коҳиши эътимоди мардум:

Афзоиши коррупсия боиси коҳиши эътимоди мардум ба низоми судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ мегардад.

Ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар хидматрасониҳои давлатӣ барои кам кардани тамоси инсонӣ ва зиёд кардани шаффофият меоварад, ки ин яке аз омилҳои пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ мегардад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо татбиқи барномаҳои омӯзишӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва ахлоқ барои баланд бардоштани огоҳии мардум дар бораи паёмадҳои манфии коррупсия манфиатнок аст. Пурзӯр кардани назорати шаҳрвандӣ ва шаффофияти идоракунии давлатӣ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма, таъмини ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти фаъолияти мансабдорон ва ниҳодҳои давлатӣ ба вазъияти мавҷуда метавонанд сабукиҳо оваранд. Вазъи имрӯзаи масъалаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли он ҷалби тамоми қувва ва воситаҳои мавҷударо тақозо менамояд. Ҳанӯз ҳам коррупсия яке аз мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон боқӣ мондааст. Гарчанде ки Ҳукумати кишвар як қатор иқдомҳоро барои мубориза бо фасод анҷом додааст, аз қабили қабули қонунҳои зиддикоррупсионӣ ва таъсиси ниҳодҳои махсус, сатҳи коррупсия то ҳол баланд боқӣ мемонад, ки диққати махсуси Ҳукуматро ба худ ҷалб намуда аст.

Талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба эътидол овардани вазъи коррупсионӣ мавриди дастрасии омма мебошад. Ҳар қисмати он содву фаҳмову дақиқ пешкаш гардидаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мубориза бо коррупсия ва танзими вазъи коррупсионӣ як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул кардааст. Қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар кишвар ба он равона шудааст, ки механизми мукаммали ҳуқуқӣ ва идоракунӣ барои пешгирӣ, ошкор ва коҳиш додани сатҳи коррупсия таъсис дода шавад.

Талаботи асосии қонунгузорӣ дар самти ба эътидол овардани вазъи коррупсионӣ оварда шудааст, ки дар доираи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” аз 25 июли соли 2005 инҷониб амал мекунад. Ин қонун асоси ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро муайян намуда, мақсадҳои зеринро дар бар мегирад [4]:

• Пешгирии амалҳои коррупсионӣ;

• Таъмини назорати иҷрои қонунгузории зиддикоррупсионӣ;

• Муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ.

Талаботи асосии ин қонун:

1. Муайян кардани категорияҳои коррупсия: Таърифи мафҳумҳо, аз ҷумла “амалҳои коррупсионӣ”, “шахсони мансабдор”, “ришваситонӣ” ва ғайра.

2. Пешгирии манфиатҳои шахсӣ: Мансабдорон уҳдадор карда мешаванд, ки аз манфиатҳои шахсӣ дар фаъолияти хидматии худ худдорӣ намоянд.

3. Декларатсия (эъломия)-и даромад ва молу мулк: Мансабдорон бояд дар бораи дороиҳо,

даромадҳо ва хароҷоти худ ба таври шаффоф маълумот пешниҳод кунанд.

4. Пешгирии фаворитизм ва хешутаборбозӣ: Танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо мақсади пешгирии таъйини шахсони хешу табор ба вазифаҳои давлатӣ.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади дигари ҳуқуқӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари қонуни зиддикоррупсионӣ барои амалҳои коррупсионӣ ҷазоҳои сахтро муайян мекунад. Моддаҳои асосӣ дар Кодекси ҷиноятӣ, ки ба коррупсия иртибот доранд:

• Моддаи 319: Ришваситонӣ аз ҷониби шахси мансабдор;

• Моддаи 320: Додани ришва;

• Моддаи 322: Сӯистифода аз мансаб;

• Моддаи 324: Пинҳон кардани амволи ғайриқонунӣ;

• Моддаи 247: Қаллобӣ ва саркашӣ аз андозсупорӣ, ки аксар вақт ба амалҳои коррупсионӣ пайваст мешавад.

Талаботи ҷазодиҳӣ дар доираи ин санадҳо нисбатан оламшумул арзёбӣ гардида аст. Барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, аз ҷумла гирифтани ришва ё сӯистифода аз мансаб, муҷозоти сахт, аз қабили ҷарима, маҳрум кардан аз озодӣ ва мусодираи молу мулк пешбинӣ шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти хадамоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” самти дигари ин масъаларо равшан менамояд. Ин қонун танзими фаъолияти кормандони давлатӣ ва меъёрҳои ахлоқиро дар бар мегирад. Қонун ба ҳадафи пешгирии амалҳои коррупсионӣ равона шудааст. Қонуни номбурда талаботи асосии зеринро пешниҳод менамояд:

• Ҷорӣ кардани меъёрҳои ахлоқии хидматчиёни давлатӣ;

• Пешгирӣ аз манфиатҳои шахсӣ ҳангоми қабули қарорҳо;

• Таъмини шаффофият дар хидматрасониҳои давлатӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи декларатсия (эъломия)-и даромад ва молу мулки шахсони мансабдор” низ барои дифоъ аз омилҳои коррупсионӣ хизмат менамояд. Ин қонун талаб мекунад, ки мансабдорон ва хидматчиёни давлатӣ ҳар сол дар бораи даромад, хароҷот ва молу мулки худ ва оилаи худ декларатсия пешниҳод кунанд. Ин чора ба пешгирии пинҳонкунии дороиҳои ғайриқонунӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мансабдорон мусоидат мекунад.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторе мебошад, ки тамоми кӯшишҳои овардашударо ба танзим дароварда, дар иҷрову натиҷаҳои он масъулияти умумӣ дорад. Агентӣ дар соли 2007 таъсис дода шуда, як ниҳоди марказии мубориза бо фасод мебошад. Вазифаҳои асосии агентӣ:

• Пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳои коррупсионӣ;

• Назорати иҷрои қонунгузории зиддикоррупсионӣ;

• Омӯзиши ҳолатҳои коррупсионӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои ислоҳи низомҳои осебпазир.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи шахсоне, ки дар бораи амалҳои коррупсионӣ хабар медиҳанд” яке аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии ин раванд ба ҳисоб меравад. Ин қонун механизми ҳимояи шахсони зиддикоррупсионӣ (фошкунандагон)-ро муайян мекунад. Ҳадафи он ҳимояи ҳуқуқии шахсоне мебошад, ки дар бораи ҳолатҳои фасод хабар медиҳанд, то онҳо аз фишор, таъқиб ва интиқом эмин бошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии дастрасӣ ба иттилоот” қаноти дигари ин унсурро тақвият мебахшад. Бо мақсади таъмини шаффофият ва коҳиш додани ношаффофӣ дар мақомоти давлатӣ, ба шаҳрвандон ҳуқуқ медиҳад, ки маълумоти расмиро дар бораи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дастрас кунанд.

Барномаҳои миллии зиддикоррупсионӣ вазъи имрӯзаи масъалаҳои коррупсиониро дар Тоҷикистон ба танзим медароранд ва роҳҳои ҳалли онро матраҳ хоҳанд намуд. Ҳукумати Тоҷикистон як қатор барномаҳои миллиро қабул кардааст, ки ба пешгирии фасод ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум равона шудаанд. Масалан: Стратегияи миллии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2030), ки ҳадафи он таҳкими ислоҳоти зиддикоррупсионӣ ва баланд бардоштани шаффофият мебошад [5]. Барномаҳои омӯзишӣ барои

хидматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ низ чунин таъинотро дороянд.

Барои коҳиш додани сатҳи корҳҳои коррупсионӣ дар ҷомеа дар баробари фишангҳои ҳуқуқию таъйини ҷазои ҷиноятӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии мардум аҳамияти калон дорад. Мактабу маориф ва дигар муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ бояд дар ин раванд кӯшишу ғайрати зиёд намуда, дар мафкураи мардум, хусусан ҷавонон ҳисси нафрат ба корҳои хусусияти коррупсионидоштаро бедор намоянд. Ҷомеаи имрӯзаи мо ба мафкурасозии зиддикоррупсионӣ ниёз дорад. Мафкурасозии зиддикоррупсионӣ кори ҳамагонист, вале дар он нақши асосиро омӯзгорон ва аҳли зиё иҷро мекунанд.

Хулоса, коррупсия як мушкилоти амиқ дар Тоҷикистон аст, ки барои ҳалли он тадбирҳои ҳамаҷониба заруранд. Ин тадбирҳо бояд ислоҳоти қонунгузорӣ, баланд бардоштани шаффофият, ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ ва истифодаи васеи технологияҳои рақамиро дар бар гиранд. Танҳо тавассути ҳамкории муассир миёни давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва шаҳрвандони оддӣ метавон сатҳи фасодро коҳиш дод ва ба рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ноил шуд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқиро барои мубориза бо коррупсия фароҳам овардааст. Маҳз иҷрои қатъии ин қонунҳо, таҳкими механизми назорат, баланд бардоштани шаффофият ва ҳифзи шаҳрвандон аз фишор метавонад барои ба эътидол овардани вазъи коррупсионӣ мусоидат кунад. Барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас, ҳамкории зич байни ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва шаҳрвандони оддӣ зарур аст.

Мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон бо монеаҳои ҷиддӣ рӯбарӯ аст, ки ҳалли онҳо на танҳо аз ислоҳоти ҳуқуқӣ ва идоракунӣ, балки аз тағйири фарҳанги иҷтимоӣ ва муносибати ҷомеа ба фасод вобаста мебошад. Барои коҳиш додани сатҳи фасод, таъмини шаффофият, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум ва ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ зарур аст. Танҳо тавассути тадбирҳои ҳамаҷониба ва иродаи сиёсӣ метавон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Адабиёт

1. Арбобзода, А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик./ А. Арбобзода. – Душанбе, 2003. – 379с.
2. Ғафуров, Б. Тоҷикон («Таджики» Древнейшая, древняя и средневековая история) Книга 2./ Б. Ғафуров – Душанбе: Ирфон, 1989. – 642 с.
3. Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Нашри дуюм. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 237 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” (қабул шудааст 25 июли соли 2005)
5. Стратегияи миллии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2030)
6. Тамара Толбут Ройс. Ҳунарҳои бостонии Осиёи Марказӣ то давраи исломӣ. – Теҳрон. 1372. – 182 с.
7. Умарзода И. Таърихи тамаддуни Ориён» («История цивилизации арийцев») Т №1,2. / И. Умарзода – Душанбе. 2006г. – 557с.
8. Халифаев, М.Х. Ҳамоҳангсози сиёсати зиддикоррупсионӣ / М.Х. Халифаев // Прокуратураи Тоҷикистон – 80 сол. – Душанбе: Сарпараст, 2004. – 224с.
9. Ҳазратқулов, М. Эътиқод ва анъанаҳои бостонии Аҷам. / М. Ҳазратқулов. – Душанбе, 1986. – 435с.
10. Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Автор. дисс. д.и.с. – Душанбе, 2021. - 110 с.
11. Эмомали Рахмон. Арийские ценности в мировой цивилизации. «Народная газета», 6 сентября, 2006 г.

МУШКИЛОТИ РИШВАХОРӢ ВА МАФКУРАСОЗИИ АНТИКОРРУПСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола сухан дар бораи он меравад, ки коррупсия дар Тоҷикистон дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад. Ин хусусиятҳо як қатор мушкилотеро ба миён овардаанд, ки барои мубориза бо коррупсия ҳалталаб ба шумор мераванд. Мушкилиҳои умумӣ дар ин самт реша аз сатҳи маърифат ва хусуситятҳои этникиву фарҳангӣ мегирад, ки дар навбати худ як қатор монеаҳои иҷтимоию фарҳангиро ба вуҷуд меоваранд. Монеаҳои хоси самти мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон аз лиҳози заминаҳои моддию маишӣ ва иқтисодию сиёсӣ роҳҳои гуногуни ҳалли хешро тақозо менамоянд.

Муаллиф вазъи имрӯзаи масъалаҳои коррупсиониро дар Тоҷикистон вобаста ба интихоби роҳҳои мухталифи ҳалли он баррасӣ менамояд. Ба назари муаллиф, бо назардошти рушди мунтазами иқтисод ва дар амал татбиқ намудани чораҳои андешидашаванда пеши роҳи амалҳои коррупсиониро гирифтан имконпазир аст.

Дар мақола инчунин талаботи қонунгузории ҷории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба эътидол овардани вазъи коррупсионӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: коррупсия, низоми ҳуқуқӣ, ришва, ҳифзи ҳуқуқ, амалҳои зиддикоррупсионӣ, фошкунандагон, муносибатҳои хешутаборӣ, шиносбозӣ, ошнобозӣ, арзишҳои ахлоқӣ, масъулияти шаҳрвандӣ.

ПРОБЛЕМА ВЗЯТОЧНИЧЕСТВА И АНТИКОРРУПЦИОННАЯ ИДЕОЛОГИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматривается тот факт, что коррупция в Таджикистане имеет ряд специфических особенностей. Эти характеристики создали ряд проблем, требующих решения для борьбы с коррупцией. Распространенные проблемы в этой сфере обусловлены уровнем образования и этническими и культурными особенностями, которые в свою очередь создают ряд социально-культурных барьеров. Конкретные препятствия на пути борьбы с коррупцией в Таджикистане с точки зрения материальных, внутренних, экономических и политических условий требуют различных решений.

Автор рассматривает современное состояние проблемы коррупции в Таджикистане в связи с выбором различных путей ее решения. По мнению автора, учитывая устойчивое развитие экономики и реализуя принятые меры можно предотвратить коррупционные проявления.

В статье также рассматриваются текущие законодательные требования Правительства Республики Таджикистан в целях стабилизации коррупционной ситуации в Таджикистане.

Ключевые слова: коррупция, правовая система, взяточничество, правоохранительные органы, антикоррупционные действия, осведомители, семейные отношения, кумовство, знакомство, моральные ценности, гражданская ответственность.

THE PROBLEM OF BRIBERY AND ANTI-CORRUPTION IDEOLOGY IN TAJIKISTAN

The article discusses the fact that corruption in Tajikistan has a number of specific features. These characteristics have created a number of problems that require solutions to combat corruption. Common problems in this area are due to the level of education and ethnic and cultural characteristics, which in turn create a number of socio-cultural barriers. Specific obstacles to the fight against corruption in Tajikistan from the point of view of material, internal, economic and political conditions require different solutions.

The author considers the current state of the problem of corruption in Tajikistan in connection with the choice of various ways to solve it. According to the author, given the sustainable development of the economy and implementing the measures taken, it is possible to prevent corruption.

The article also discusses the current legislative requirements of the Government of the Republic of Tajikistan in order to stabilize the corruption situation in Tajikistan.

Keywords: corruption, legal system, bribery, law enforcement, anti-corruption actions, whistleblowers, family relations, nepotism, acquaintance, moral values, civic responsibility.

Дар бораи муаллиф
Саидзода Гулхумор Зиннат
Номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, д.1. 121.
Тел: (+992) 918 823 696

Об авторе
Саидзода Гулхумор Зиннат
Кандидат философских наук, заведущая кафедрой философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, д.1. 121.
Тел: (+992) 918 82 36 96

About the author
Saidzoda Gulkhumor Zinnat
Candidate of Philosophy, Head of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue,1.121
Ph: (+992) 918 82 36 96

ТДУ 343.352:340.12:316.752

ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Қозиён Ш.Қ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Коррупсия яке аз зуҳуроти номатлубе мебошад, ки ҳанӯз аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи файласуфон ва муҳаққиқони риштаҳои мухталифи илмро ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз дар рисолаи сиёсии аҳди қадим — «Арташастра» — мушкилоти коррупсия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, дар ин рисолаи сиёсӣ доираи амалҳое муҳокима шудаанд, ки дар шароити имрӯза ҳамчун навъҳои гуногуни коррупсия шинохта мешаванд [1, с. 35].

Аз ибтидои баррасии масъалаи коррупсия, он ҳамчун мушкилоти ҳалталаби сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, ҷиноӣ ва ахлоқӣ шинохта шудааст. Чӣ тавре ки дар зербоби гузашта таҳлил намудем, мутафаккирони замони пешин, асосан, коррупсияро ҳамчун мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоии ҳалталаб шарҳу тафсир кардаанд. Вобаста ба замон ва раванди рушди улуми гуногуни иҷтимоӣ дидгоҳҳои мухталиф нисбат ба омӯзиши ин падида ташаккул ёфтанд. Азбаски дар замонҳои гузашта соҳаҳои мухталифи ҳаёт асосан аз ҷониби фалсафа ва файласуфон таҳқиқ мешуданд, масъалаи коррупсия низ, пеш аз ҳама, аз ин зовия баррасӣ мегардид. То замони ҷудо шудани соҳаҳои мухталифи илмҳои иҷтимоӣ аз илми фалсафа, дидгоҳи ягона ва якнавохт дар нисбати мушкилоти коррупсия ҳукмфармо буд. Маъмулан, дар чунин шарҳҳо ҷиҳатҳои фалсафии ин падида таҳлил мешуданд ва дар онҳо омилҳои асосии зуҳури он — бахусус ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ — мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Хусусияти умумии чунин таҳлилҳо дар он зоҳир мегардад, ки коррупсия ҳамчун мушкилоти ҷиддии сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ арзёбӣ мешавад.

Ин гуна дидгоҳро мо дар осори мутафаккироне чун Афлотун, Арасту, Н. Макиавелли, Ж.Ж. Руссо, Ш.Л. Монтескё ва Т. Гоббс мушоҳида менамоем. Ҳамзамон, чунин назар дар миёни мутафаккирони форсу тоҷик — Низомулмулк, Унсурмаолии Кайковус, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Аҳмади Дониш низ ба чашм мерасад.

Коррупсия дар кишвари мо ҳамеша яке аз мушкилоти муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ буд ва то имрӯз боқӣ мондааст. Он қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаётӣ душвориҳо эҷод менамояд. Намояндагони мақомоти олии давлатӣ, аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, борҳо зарурати решакан кардани ин падидаро таъкид намуда, онро хатари воқеӣ ба суботи иқтисодиву иҷтимоии давлат арзёбӣ кардаанд.

Дар доираи сиёсати зиддикоррупсионӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуда, дар сохторҳои мақомоти давлатӣ тағйироти ташкилӣ ворид карда шудаанд. Ин тадбирҳо, бешубҳа, самари муайян бахшида, ба коҳиш ёфтани шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидат намуданд. Вале, мутаассифона, сатҳи коррупсия то ҳанӯз баланд боқӣ монда, он танҳо бо танзими қонунгузорӣ маҳдуд карда намешавад.

Ба андешаи мо, бо чунин падидаи мураккаб ва серҷабҳа бояд пайваста мубориза бурд. Ин мубориза на танҳо бояд бо зуҳуроти зоҳирии он — яъне бо ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ — сурат гирад, балки бояд ба решаҳои аслии мушкилот — сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон — нигаронида шавад. Дар натиҷа, набудани маърифати зиддикоррупсионӣ низ як сабаби асосии пойдории ин падида мебошад.

Мо бо андешаи Мария Шедий мувофиқем, ки дуруст таъкид менамояд: “Мушкилоти ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла, аз муносибати дугона ба худи коррупсия сарчашма мегирад. Шаҳрвандон бо тасдиқ ва дастгирии иттиҳоми оммавии фасодкории мансабдорон ба зарурати ҷорӣ кардани чораҳои сахт нисбат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ таъкид мекунанд, аммо вақте ки сухан дар бораи ҳалли мушкилоти шахсӣ меравад, аз имкони ҳал кардани масъала бо роҳи ришва додан ё гирифтани он худдорӣ намекунанд” [2, с. 35].

Тавре ки дар таҳқиқоти А. Раҳмонов қайд мешавад, «ташаккули шуури ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешгирии коррупсия бояд дар маркази барномаҳои давлатии мубориза бо коррупсия қарор гирад» [7].

Таҳлили таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ ва барномаҳои миллии зиддикоррупсионӣ нишон медиҳад, ки бе ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионӣ мубориза бо ин падида самараи кофӣ намедиҳад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти илмию амалии соҳа ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ҳамчун омили стратегии сиёсат ва маориф арзёбӣ мешавад.

Масъала дар он аст, ки қисми зиёди мардум нисбат ба коррупсия муносибати интиқодӣ надоранд. Ҷомеа онро як амали муқаррарӣ ва шинос ҳисобида, пай намебарад, ки коррупсия дар маҷмуъ ба тамоми давлат таъсири манфӣ ва харобиовар мерасонад. Шаҳрвандон кам ба он андеша мекунанд, ки ин падида то чӣ андоза барои субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ояндаи давлат хатарнок аст.

«Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ, қабл аз ҳама, бояд аз мактаб оғоз шавад. Маҳз маориф воситаи муассири тарбияи таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия мебошад» [6].

Ин нуқта назар инчунин дар Стратегияи давлатии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъкид шудааст, ки дар он рушди маърифати зиддикоррупсионӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ дониста мешавад.

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ бояд баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи таҳаммулнопазирии шаҳрвандон нисбат ба коррупсия бошад.

Тибқи таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологие, ки дар солҳои 2020–2021 аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудаанд, чоряки пурсидашудагон иқрор кардаанд, ки ба онҳо лозим омадааст пора диҳанд, ва нисфи онҳо бо талаби ришва аз ҷониби мансабдорон рӯбарӯ шудаанд [3, с. 255].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» амал мекунад. Аммо дар раванди фаъолияти баъзе мақомоти давлатӣ муҳлатҳои муайяншуда барои баррасии муроҷиату шикоятҳои шаҳрвандон риоя намешаванд. Дар чунин ҳолатҳо, шаҳрвандон аксаран ба мақомоти болотар мурочиат намекунанд, зеро эътимод надоранд, ки арзу шикоят ва дархостҳои онҳо воқеан шунида ва баррасӣ мегардад. Мутаассифона, сатҳи шаффофияти иттилоотӣ низ танҳо дар он соҳаҳое қобили мушоҳида аст, ки фаъолияташон ба манфиати мустақими ҷомеа нигаронида шудааст. Дар аксари ҳолатҳо, назорат на ба фаъолияти воқеии мансабдорон, балки танҳо ба ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои расмӣ равона мегардад.

Гурӯҳе аз шахсони мансабдор ба вазифа ҳамчун воситаи сӯистифода аз мақом ва ба даст овардани манфиатҳои шахсӣ менигаранд ва омилҳои рушди коррупсияро, пеш аз ҳама, дар номукаммалии қонунгузорӣ мебинанд. Дар баъзе минтақаҳои кишвар додани пора бо истифода аз ибораҳои махсус ифода меёбад, ба монанди: «чойпулӣ», «мо зиёфат қарздорем», «омадем, ки дар хизмати шумо бошем» ва ғайра.

Омили асосии ташаккули коррупсия омезиши манфиатҳои гурӯҳҳои ҷиноятӣ бо сохторҳои ҳокимият мебошад. Дар кишвар соҳае нест, ки аз чунин омезиш эмин монда бошад. Ба андешаи шаҳрвандони минтақаҳои мавриди таҳқиқ, коррупсия, пора ва дуздии амволи давлатӣ асосан дар даврони муосир, нисбат ба даврони шуравӣ, густариш ёфтааст. Яке аз сабабҳои асосии ин падида реша давондани непотизм дар байни шахсони мансабдор мебошад. Ба гуфтаи пурсидашудагон, бештари ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, идораҳои нотариалӣ, мақомоти андоз ва молия ба назар мерасад. Дар идораҳои сабти ҳолатҳои шаҳрвандӣ ва нотариусҳо бе додани пора на ҳуҷҷатҳо омода мешаванд ва на бақайдгирии давлатӣ анҷом дода мешавад.

Табиист, ки зарари иқтисодии коррупсия хеле бузург мебошад ва барои коҳиш додани он зарурати амалӣ кардани тадбирҳои ҷиддӣ вуҷуд дорад. Барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии шаҳрвандон тадбирҳои зиёдеро амалӣ намудан мумкин аст, аз ҷумла: гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба сабабҳои пайдоиши коррупсия, муайян кардани оқибатҳои манфии он, таҳлили омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат ба он дар сатҳи мақомоти давлатӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизмҳои зиддикоррупсионӣ.

Қобили зикр аст, ки зарурати ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар сатҳи давлатӣ эътироф шудааст. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» №100 аз 25.07.2005 [3, с. 35] ташаккули таҳаммулнопазирии ҷомеа нисбат ба рафтори коррупсионӣ ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 дар бораи таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, вазифаҳои асосии он иборатанд аз: назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, анҷом додани тафтиши ибтидоӣ, таҳқиқи ҷиноятҳои марбут ба коррупсия ва татбиқи маҷмуи чораҳои сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ [4, с. 227].

Илова бар ин, тибқи нақшаи миллии мубориза бо коррупсия барои солҳои 2018–2020, вазифаҳои муҳим баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва дигар чорабиниҳо дар самти ташаккули рафтори зиддикоррупсионӣ дар байни кормандони давлатӣ ва муниципалӣ, инчунин оммавӣ гардонидани стандартҳои зиддикоррупсионӣ ва рушди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошанд. Барои иҷрои босамари ин вазифаҳо, зарур аст, ки чораҳои муассир андешида шаванд, ки ба тағйири куллии муносибати шаҳрвандон ба коррупсия мусоидат намоянд.

Мубориза бо коррупсия ва паст кардани сатҳи он аз як қатор омилҳо, ба монанди фаъолияти ҳамоҳангшуда, ҳамдигарфаҳмӣ, дониши баланди ҳуқуқӣ, шуурнокӣ ва иштироки фаъолонаи ҳар як узви ҷомеа вобаста мебошад. Бо мақсади такмили мубориза бо коррупсия ва таҳкими сиёсати давлатӣ дар ин самт, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, инчунин дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд роҳу усулҳои нави таъсирбахши муқовиматро таҳия ва татбиқ намоянд.

Махсусан, зарур аст, ки ҳамоҳангии амалиёт ва ҳамкорӣ бо субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ таҳким ёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои беҳтар кардани вазъ дар ин самт, бо дарназардошти сатҳи донишҳои касбии кормандони мақомоти зиддикоррупсионӣ, таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва дастурамалҳои илмӣ-амалӣ доир ба муқовимат ба коррупсия аҳамияти бузург доранд.

Гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ ва барномаҳои иттилоотии оммавӣ дар мавзӯи мубориза бо коррупсия, инчунин нашру пахши мунтазами ҳисоботи мақомоти давлатӣ дар бораи иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ низ дорои аҳамияти хоса мебошанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, муҳимтарин омили пешгирии коррупсия ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ, махсусан ҷавонон мебошад, ки бояд тавассути татбиқи барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ амалӣ карда шавад.

Бо дарназардошти ин, пешниҳод мешавад, ки тадбирҳои зерин роҳандозӣ шаванд:

Аввалан, зарур аст, ки мубориза бо коррупсия як самти ҳатмии сиёсати давлатӣ қарор дода шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд фанни марбут ба коррупсия ҷорӣ гардад ва дар синфҳои болоии мактабҳо низ курсҳои иловагӣ (факултативҳо) ба роҳ монда шаванд. Ҳадафи ин тадбирҳо ташаккули фаҳмиши дуруст нисбат ба коррупсия ва рафтори масъули иҷтимоии шаҳрвандон мебошад.

Сониян, зарурати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо механизми назорати ҷомеа аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба таври дақиқ муайян карда шавад.

Сеюм, бояд ба тарбияи зиддикоррупсионии хизматчиёни давлатӣ диққати ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Онҳо бояд имконияти таҳсили иловагӣ ва ширкат дар курсҳои такмили ихтисосро дошта бошанд, то ки бо навгониҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ шинос шаванд. Бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, метавон инчунин масъулияти моддии иловагиро барои кормандони давлатӣ ва муниципалӣ дар ҳолати содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ муқаррар намуд.

Адабиёт

1. Архашастра или наука о политики. Перевод с санскрита. Издательство Аакадемии наук СССР, - Москва, Ленинград, 1959, -798 с.
2. Қозиён, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷриблаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Монография / Ш.Қ. Қозиён. - Душанбе “Шоҳин С”. 2024. - С. 222-258
3. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия №100 аз 25.07.2005
4. Мамитова, Н.В. Сиёсати ҳуқуқии зидди коррупсия: мушкилоти ташаккул дар замони муосир / Н.В. Мамитова // Қонун ва давлатҳои муосир. 2013. - №3. - С. 35-40.
5. Раҳмонов А. Проблемы формирования правового сознания в борьбе с коррупцией // Вестник права. – 2021. – №2. – С. 38–42.
6. Саидов И. Ҳуқуқ ва ҷомеа. – Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 144
7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 дар хусуси таъсиси мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ – Агентии оид ба назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қозиён Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Монография. Душанбе “Шоҳин С”. 2024 С.227.

ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ бахшида шудааст, ки яке аз омилҳои асосии муборизаи муассир бо коррупсия ба шумор меравад. Муаллиф таъкид мекунад, ки мубориза бо коррупсия танҳо бо усулҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ маҳдуд шуда наметавонад, балки ин раванд дар навбати аввал талаб менамояд, ки дар шуури шаҳрвандон муносибати манфӣ нисбат ба ҳама гуна зуҳуроти коррупсионӣ ташаккул ёбад. Дар мақола омилҳои таъсиррасон ба сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф инчунин ба нақши муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ таваҷҷуҳ мекунад. Дар асоси таҳлил ва баррасиҳои илмӣ, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба беҳтарсозии муҳити ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ таҳия шудаанд. Муаллиф аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти коҳиши коррупсия ва ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ истифода мекунад. Хулоса бар он аст, ки ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ бояд ба як унсури муҳими сиёсати давлатии мубориза бо коррупсия табдил ёбад.

Калидвожаҳо: коррупсия, шуури ҳуқуқӣ, маърифат, тарбия, қонун, ҷомеа, муқовимат, маориф, фарҳанг, шаҳрванд

ФОРМИРОВАНИЕ АНТИКОРРУПЦИОННОГО ПРАВОСОЗНАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Настоящая статья посвящена проблеме формирования антикоррупционного правосознания, которое является одним из ключевых факторов эффективной борьбы с коррупцией. Автор подчёркивает, что противодействие коррупции не может быть ограничено лишь правовыми и административными мерами, так как требует, прежде всего, формирования негативного отношения к коррупции в общественном сознании. В статье анализируются факторы, влияющие на уровень правосознания граждан, и предлагаются механизмы по повышению их правовой культуры. Отдельное внимание уделяется роли учреждений общего и высшего профессионального образования в формировании антикоррупционного мировоззрения. На основе анализа и научных обзоров разработаны конкретные предложения и рекомендации, направленные на совершенствование правового воспитания населения и укрепление идеологических основ борьбы с коррупцией. Автор также обращается к международному опыту снижения уровня коррупции и внедрения культуры правовой нетерпимости. Делается вывод о

том, что формирование антикоррупционного правосознания должно стать важной частью государственной политики в сфере противодействия коррупции.

Ключевые слова: коррупция, правосознание, правовая культура, воспитание, закон, общество, сопротивление, образование, культура, гражданин

FORMATION OF ANTI-CORRUPTION LEGAL AWARENESS IN TAJIKISTAN

This article is devoted to the issue of forming anti-corruption legal awareness, which is considered one of the key elements in the effective fight against corruption. The author emphasizes that combating corruption should not be limited to legal and administrative measures alone, but must involve the development of negative public attitudes toward all forms of corrupt behavior. The paper analyzes the influencing factors on the level of legal awareness among citizens and outlines mechanisms for raising their legal culture. Particular attention is paid to the role of general and higher professional education institutions in shaping anti-corruption values and worldviews. Based on theoretical analysis and comparative reviews, the author proposes practical recommendations to improve the legal environment and foster anti-corruption consciousness among the population. The study also references international experiences in reducing corruption and promoting a culture of legal intolerance toward it. The conclusion states that the development of anti-corruption legal awareness must be an integral part of national policy and public education aimed at eliminating corruption.

Keywords: corruption, legal awareness, legal culture, education, law, society, resistance, upbringing, values, citizenship

Дар бораи муаллиф:
Қозиён Шариф Қозӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 907 44 29 99

Об авторе:
Козиён Шариф Кози
Доктор юридических наук, профессор кафедры права факультет история и права.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 907 44 29 99

About the author:
Qoziyon Sharif Qozi
Doctor of Law, Professor Departments of Law, Faculty of History and Law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 907 44 29 99

ТДУ314.14:351.778(597.3)

НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАНЗИМИ РАВАНДИ ДЕМОГРАФӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Давлатзода Ф

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз зуҳуроти хоси бенавоӣ ва холигии маънавии ҷомеа, хусусан миёни ҷавонон, камранг шудани нақши ватандӯстӣ ҳамчун яке аз арзишҳои асосии халқи мо ва таърихи қаҳрамононаи он мебошад. Тавре ки О. Н. Слободчиков таъкид мекунад, натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологӣ, ки соли 1996 миёни ҷавонон гузаронида шуданд, нишон доданд, ки танҳо 1,1 фоизи пурсидашудагон омодагии худро барои иштирок дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҷомеаи Россия изҳор доштаанд, дар ҳоле ки 36 фоиз омодаанд, ки Ватанро тарк кунанд. Ҳар дуюми пурсидашудагон калимаҳо ва мафҳумҳои «ватандӯстӣ», «шараф», «қарзи ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ»-ро қадимӣ ва аҳамиятношинохта меҳисобанд. Дар баробари ин, аксарият бар онанд, ки имрӯз муҳимтарин чиз ин некӯаҳволии моддӣ мебошад, ки барои расидан ба он метавон аз ҳама гуна василаҳо, ҳатто ғайриқонунӣ, истифода бурд [1].

Агар чунин пурсишҳо миёни ҷавонони Тоҷикистон низ гузаронида шаванд, натиҷаҳо эҳтимолан чандон беҳтар нахоҳанд буд, гарчанде ки сабабҳои он фарқ мекунанд. Паст будани сатҳи таъминоти моддӣ, мавҷудияти муносибатҳои ғайриоинномавӣ («дедовщина») ва набудани ҳимояи ҳуқуқии сарбозон хизмат дар сафи Қуввaҳои Мусаллаҳро ба як навъ тарс ва даҳшат барои ҷавонони синни аз 18 то 27 табдил додаанд. Дар ҳоле ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи Ватан ҳамчун қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди мамлакат муайян шудааст. Барои омодагӣ ба иҷрои чунин қарзи муқаддас, ҳатто гузаштан аз хизмати кӯтоҳмуддати ҳарбӣ низ зарур аст.

Бо мақсади раҳоӣ аз хизмат, ҷавонон мекӯшанд ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил шаванд — на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷ низ. Баъзеҳо ба таври қасдан оила барпо намуда, фарзанддор мешаванд ва то ба итмом расонидани таҳсил, падари ду кӯдак мешаванд — ки мувофиқи қонунгузорӣ, барои озод шудан аз хизмати ҳарбӣ асос фароҳам меорад. Дар натиҷа, аслан намояндагони табақаҳои миёна ва поёнии иҷтимоӣ ба хизмат ҷалб мешаванд. Аммо, ба андешаи профессори К. А. Воробьёв, «бе идеали иҷтимоӣ, бе идеология ҳамчун маҷмуи идеяҳо ва назариёт, ки манфиатҳои аслии мардумро инъикос мекунанд, ҷомеа наметавонад вуҷуд дошта бошад» [3, с. 111]. Аз ин рӯ, зарур аст, ки идеяи миллие ташаккул дода шавад, ки тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид созад.

Миқдор ва сифати одамон — узви оила, авлод ва қабила — дар ташаккулоти ҷамъиятии тодавлатӣ нақши асосӣ мебозид. Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як узви ҷомеа зери назорати доимии ҷомеа қарор дошт. Ҷомеаҳои шикорчиён ва моҳидорон ба мардони дорои қувваи ҷисмонӣ ниёз доштанд, ки тавонанд ба манфиати умум фаъолият кунанд. Аз ин ҷост, ки байни қабилаҳои чорводор шакли хосе аз издивоҷ — хариди домод ё арӯс — ба вуҷуд омад. Дар ҳолати аз даст додани як узви корозмои оила, барои ҷуброни ин талафот, маблағе ҳамчун товон талаб карда мешуд.

Бояд зикр кард, ки ҷомеаи ибтидоӣ вазифаи муҳофизати аъзои гурӯҳро иҷро мекард, аз ҷумла дар ҳолати хатар ҷонибдорӣ ва дифои аъзои хешро таъмин менамуд, аз ҷумла бо пардохти ҷаримаҳо барои ҷиноятҳои содиршуда нисбат ба аъзои қабилаҳои дигар. Сардори оила, авлод ё қабила вазифаи сафарбаркунии аъзои ҷомеаро барои меҳнат ва ё истироҳат ба уҳда дошт ва тамоми иқтидори ҷомеаро ба хотири зинда мондани он равона мекард.

Аз ин рӯ, ҳатто дар сохтори тодавлатӣ, ҷомеа аллакай дорои вазифаҳои демографӣ буд ва онҳоро бо усулҳои гуногун иҷро мекард, ҳарчанд ин вазифаҳо шояд даркнашуда ва дуюмдараҷа ба назар мерасиданд.

Давлат, дар баробари дигар вазифаҳое, ки аз ташкилоти қабилавии ҷомеа мерос гирифтааст, масъалаҳои демографиро низ ба мерос гирифтааст. Барои давлатҳои навташкилшуда масъалаи

демография ба яке аз масъалаҳои муҳими стратегӣ табдил ёфтааст. Масъалаҳои демографӣ дар давлатҳои қадим ва асрҳои миёна дорои хусусиятҳои хос ва қонуниятҳои рушд буданд. Давлатҳо ҳанӯз дар даврaҳои таърихии қадим масъалаҳои демографиро аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ мекарданд: давлат ба нерӯи корӣ ниёз дошт — барои ҷамъоварии андозҳо; ба маъмурон ниёз дошт — барои идоракунии халқ; ва ба сарбозон — барои таъмини тартибот ва пешбурди ҷангҳои истилогарона. Ҳар як давлат аз арсенали худ ва имкониятҳои мавҷуда истифода мебурд, то масъалаҳои демографиро ба таври худ ҳал намояд.

Равандҳои демографӣ дар бисёр ҳолат вобаста ба оила, қонунгузорӣ, иқтисод, дин, сиёсати давлатӣ, ҷаҳонбинӣ ва хусусиятҳои менталитети халқ ташаккул меёбанд. Бо вуҷуди таъсири ин омилҳо, давлат ҳамчун субъекти муҳимтарини сиёсӣ дар танзими раванди демографӣ шинохта мешавад. Нақши давлат дар ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ ниҳоят бузург аст, зеро аз он таҳсимоти дурусти вазифаҳо ва функсияҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо, роҳандозии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин таъмини зиндагии шоистаи мардум вобастагӣ дорад. Ҳамаи ин ба тағйироти иҷтимоӣ ва демографӣ таъсир расонида метавонад.

Аз замонҳои хеле қадим, давлат дар баробари масъалаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва амниятӣ, масъалаҳои демографиро низ ба таври ҳамзамон ҳал мекард. Бояд гуфт, ки чунин масъалаҳо дар ибтидо дар шакли синкретикӣ, яъне яклухт ва ҷудонопазир баррасӣ мешуданд. Маълум аст, ки давлатҳои қадим меҳнати ғуломонро васеъ истифода мебурданд. Аммо бо рушд ва ҳалли баъзе масъалаҳои демографӣ, аҳамияти меҳнати ғуломон коҳиш ёфт ва ҳуқуқу озодиҳои онҳо маҳдудтар шуданд. Дар Тоҷикистон дар давраи тошуравӣ, ғуломон то андозае ҳуқуқ ва озодиҳои муайян доштанд, аммо бо мурури замон ва дар равандҳои марбут ба масъалаҳои демографӣ, онҳо ин ҳуқуқҳоро тадриҷан аз даст медоданд. Дар замони охири ҳукмронии Ҳахоманишиён, ҳуқуқу озодиҳои ғуломон комилан маҳдуд гардида буданд [2].

Методҳои истилову ғуломгирӣ ҳамчун василаи ноҳамвор ва бераҳмонаи ҳаллу фасли масъалаҳои демографӣ дар давлат истифода мешуданд. Масалан, Чингизхон ва ворисонаш барои таъмини чарогоҳҳои бешумори худ, ки барои чорвои зиёд лозим буд, ба куштори оммавии аҳолӣ ва харобсозии деҳоту шаҳрҳо даст мезаданд. Тимур низ барои фароҳам овардани итоати комил, ҳатто сутунҳои сар аз сари одамон месохт [4, с. 111].

Методҳои демографӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсати беруна низ истифода мешуданд. Масалан, Искандари Мақдунӣ бо мақсади ташкили миллати нави "эллинистӣ" барномаи издивоҷи юнониҳо бо занони форсиро амалӣ кард. Дар натиҷаи ин сиёсати ӯ, наслҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки на аз ҷониби юнониҳо ва на аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ ҳамчун "худӣ" пазируфта намешуданд. Ин гурӯҳи метисҳо, ки дар байни гурӯҳҳои гуногун дар ҳолати бегонагӣ монда буданд, дар ниҳоят асоси ташаккули давлатҳои нави Греко-Бактрӣ ва як қатор шоҳигариҳои хурд дар Шарқи қадим гардиданд.

Ҳамин гуна кӯшишҳоро метавон дар сиёсатҳои Иттиҳоди Шуравӣ низ мушоҳида кард, ки талош дошт аз миллатҳо ва халқиятҳои гуногун бо дину мазҳабҳо ва сатҳҳои мухталифи инкишофи таърихӣ, як "халқи шуравӣ"-ро бо як ҷаҳонбинии ягона ва арзишҳои муштарак шакл диҳад.

Аз таърих маълум аст, ки несту нобудсозии минтақаҳо, маҳвсозии шаҳрҳо, куштори низомиён ва аҳолии осоишта, асир гирифтани намояндагони касбу ҳунарҳои муайян ва кӯчонидани халқиятҳо ба таври густурда амалӣ мегардиданд. Ҳар як ҷанг, новобаста аз миқёс ва замонаш, ба низоми иҷтимоии мавҷуда ва, дар баробари он, ба нишондиҳандаҳои демографии минтақа таъсири манфӣ мерасонид.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки давлат дар вазъиятҳои фавқулода метавонад мустақиман ба ҳалли масъалаҳои демографӣ дахолат кунад. Ин дахолат, дар баъзе ҳолатҳо, ба хотири татбиқи дастурҳои динӣ сурат мегирифт. Дар замони зардуштия, дар Тоҷикистони тошуравӣ, сохторҳои додгоҳӣ ва динӣ-ташкилотӣ таъсис дода мешуданд, ки ақди никоҳро ба қайд мегирифтанд ва ташкили оиларо расман эълон менамуданд. Давлат тавассути ташкил кардани идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муносибатҳои оилавию издивоҷиро ба тартиб медаровард. Ҳамин идораҳо уҳдадоранд, ки ҷараёни бекор кардани ақди никоҳ (талоқ) ва оқибатҳои он, ки ба масъалаҳои молумулкӣ, ғайримолӣ ва мерос дахл дорад, расман сабт ва

эътироф намоянд. Ба ин тартиб, давлат дар танзими баъзе паҳлӯҳои муносибатҳои оилавию издивоҷӣ дар сатҳи демографӣ нақши муассир мебозид.

Пас аз паҳншавии ислом дар Тоҷикистони пешошуравӣ низ сохтори додгоҳии махсус — қозигарӣ таъсис дода шуд, ки масъули сабти ҳолати шаҳрвандӣ, парвандаҳои талоқ, тақсими молу мулки муштарак ва масъалаҳои мерос буд. Дар ин замина, ислом аз пайравони худ ва инчунин аз пайравони дигар динҳо, ки дар кишварҳои мусалмонӣ зиндагӣ мекарданд, рафтори муайянеро талаб мекард, ва ҳар гуна ҳаракате, ки аз чорчӯбаи муқарраршуда берун мебаромад, шадидан ҷазо дода мешуд. Табиист, ки иҷрои ин вазифа — назорат ва танзими рафтори мусалмонон ва ғайримусалмонон дар кишвари исломӣ — низ бар дӯши давлат вогузор шуда буд.

Илова бар ин, исқоти ҳамл (аборт) дар шароити исломӣ мутлақо манъ буд. Аборт ҳамчун қатли инсон арзёбӣ мешуд. Зодан ташвиқ мешуд. Ҳаёт, ҳамчунин моликият, ба сифати неъмати Худо дониста мешуд ва дахолат ба он гуноҳи азим ҳисоб меёфт. Дар назарияи ҳуқуқи исломӣ, худкушӣ ҳамчун гуноҳи кабира ва ҷинояти вазнин арзёбӣ шуда, баробари бо вероотступничество (раҳоӣ аз дин) дониста мешуд. Давлат дар Тоҷикистони пешошуравӣ таблиғи арзишҳои исломиро, ки ҳадафашон ташкили хонаводаи устувор, ташвиқи зодан ва тарбияи фарзандон дар муҳити оилавӣ буд, дастгирӣ мекард. Издивоҷ ҳамчун шартномаи дуҷониба ба ҳисоб мерафт, ки ҳадафи асосии он зоиш ва афзоиши аҳолӣ буд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи оилавии исломӣ зоишро ҳамаҷониба ташвиқ менамуд.

Дар давраи асрҳои миёнаи охир ва марҳилаи омехтаи рушди ҳуқуқ ва давлатдорӣ — аз Шибониён то Аморати Бухоро (давлати манғития) — давлат ба раванди демографӣ таваҷҷуҳи шоиста зоҳир намекард. Хусусан династияи манғития, ки диққати асосиро ба ҷамъоварии заминҳо ва ҷангҳо бо кишварҳои ҳамсоя равона мекард, барои ташвиқ ё маҳдуд сохтани равандҳои демографӣ ягон тадбири муассир роҳандозӣ накарда буд. Албатта, бояд таъкид кард, ки то садаи XX масъалаи демография дар маркази таваҷҷуҳ қарор надошт ва ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ баррасӣ намешуд.

Имрӯз низ давлатҳои муосир вобаста ба сиёсати демографиашон ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

– гурӯҳи аввал давлатҳое мебошанд, ки сиёсати демографии онҳо асосан ба ташвиқи афзоиши аҳолӣ нигаронида шудааст; ин гурӯҳро давлатҳои пешрафта ташкил медиҳанд, ки дар онҳо равандҳои депопулятсия ба мушоҳида мерасанд (масалан, кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Россия);
– гурӯҳи дуюм — давлатҳоеанд, ки аз ҷиҳати демографӣ дар ҳолати нисбатан муътадил қарор доранд ва бо ҳамкории ҷомеаи ҷаҳонӣ баъзе тадбирҳоро амалӣ месозанд;
– гурӯҳи сеюмро давлатҳое ташкил медиҳанд, ки сиёсати демографии онҳо асосан ба танзими афзоиши аҳолӣ равона гардида, ба ин гурӯҳ дар баробари Чин инчунин Тоҷикистон низ шомил аст.

Боиси зикр аст, ки шиддати сиёсати демографие, ки дар охири солҳои 90-уми асри XX мавҷуд буд, имрӯз дигар вуҷуд надорад, зеро дар Тоҷикистон низ, ҳарчанд тадриҷӣ, вале равандҳои коҳиши демографӣ ба мушоҳида мерасанд.

Дар шароити муосир, давлатҳо таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи шумораи аҳолӣ зоҳир менамоянд. Аммо ангезаҳои ин таваҷҷуҳ дар ҳар як давлат хусусияти хоси худро дорад. Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи он чи дар саҳифаҳои қаблӣ зикр гардид, таваҷҷуҳ ба масъалаи демография бештар бо зарурати муайянсозии захираҳои инсонӣ барои ҷанг ва маблағҳои андозбандӣ марбут буд. Дар марҳилаи кунунии рушд, ҳисобу китоби аҳолӣ аҳамияти сарнавиштсоз дорад ва иҷрои дурусту саривақтии вазифаҳои асосии давлатӣ бе он ғайриимкон аст. Зеро бе донистани шумораи аҳолӣ анҷоми чорабиниҳои иҷтимоии фарогир, татбиқи ислоҳот, рушди инфрасохтор ва пешрафти бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ, ки ба мавҷудияти нерӯи меҳнатӣ, захираҳои кадрӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон алоқаманданд, ғайриимкон мегардад.

Илми демография ва вазифаҳои он бо вазифаҳои давлат ба таври амиқ алоқаманданд. Тавре таҳқиқотчиён ишора менамоянд: «Имрӯз вазифаҳои демография мураккабтар ва гуногунтар гардидаанд…, вазифаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба эҳтиёҷоти нави амалӣ ва қаблан номаълум ҷавоб медиҳанд» [8, с. 219].

Ҷанбаҳои дигари аҳамияти масъалаҳои демографиро З. Е. Кочубей низ таъкид мекунад. Ба андешаи вай: «Манфиати давлат ва, мутаносибан, зарурати танзими ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бо дарки он вобастагӣ дорад, ки тағйирот дар сатҳи зоиш ва фавт, самт ва шиддати муҳоҷират, дар ҳаёти давлат нақши бузург мебозанд. Имрӯз дар ҷомеа тасаввуроте шакл гирифтааст, ки гӯё равандҳои демографӣ бештар аз иродаи инсон вобастаанд. Аммо ба андешаи мо, таъсири давлат ва ҳуқуқ ба ин равандҳо бениҳоят бузург ва мураккаб аст. Ҳокимияти давлатӣ бояд пайваста таҳлили системавӣ ва ҳамаҷонибаи раванди демографиро ба роҳ монад. Аз ин рӯ, демография ба унвони омиле муассир дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат шинохта мешавад» [6, с. 13]. Мо бо хулосаҳои ин муҳаққиқ дар бораи аҳамияти фаъолиятҳои давлатӣ дар соҳаи демография пурра мувофиқем.

Аммо таҳия ва қабул намудани консепсияи амиқан андешидашуда ва сиёсати демографии давлатӣ бо як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ дучор мешавад. То ба имрӯз дар муҳити илмӣ масъалаҳои марбут ба аҳолӣ кори мутахассисони демография ё оморшиносон ҳисобида мешавад, дар баъзе ҳолатҳо танҳо ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти иқтисодӣ баррасӣ мегардад. Ин муносибат доираи таҳқиқотро маҳдуд намуда, монеаи ташаккули дидгоҳи ҳамаҷонибаи рушди демографии ҷомеа мегардад.

Имрӯз масъалаҳои таваллуд ва фавт, муҳоҷират, сиҳатии аҳолӣ, таркиби ҷинсӣ ва синнусолӣ, вазъи ҷиноятқорӣ ба масоили глобалӣ табдил ёфтаанд, ки ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти давлат таъсир мерасонанд, ҳатто ба обрӯи байналмилалии кишвар низ таъсир мерасонанд. Гарчанде ки дар айни замон вазъи демографии ҷомеаи Тоҷикистон мусбат ба назар мерасад, аммо фаромӯш набояд кард, ки дар ҷараёни марҳилаҳои демографӣ сатҳи таваллуд коҳиш меёбад ва оилаи камфарзанд ба як намунаи ҳукмрон табдил меёбад, ки ба коҳиши шумораи аҳолӣ (депопулятсия) меоварад — марҳилае, ки ҳоло дар аксари кишварҳои Аврупо ва Амрико ҳукмрон аст.

Тайёрии саривақтӣ, аз ҷумла тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба ин марҳилаҳо, вазифаи муҳими давлат ва ҷомеаи илмӣ маҳсуб меёбад. Нафаро гирифтан ба умеди дин ва эътиқодҳои мазҳабии мардум дуруст нест, зеро серфарзандӣ, ки ба замони шуравӣ хос буд, имрӯз танҳо дар деҳот то андозае боқӣ мондааст ва ҳатто дар деҳот низ пайдо кардани оилаҳои дорои 8–10 фарзанд нодир шудааст. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҷомеаи Тоҷикистон низ аз таъсири сенарияҳои дигар кишварҳо дар ин масъала канорагирӣ карда наметавонад.

Тоҷикистон барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ талош меварзад ва дар даҳсолаҳои ахир дар доираи ин мубориза, таваҷҷуҳи асосӣ ба таъсиси ҷойҳои кор ва беҳтар кардани шароити меҳнат равона гардидааст. Аз ҷумла, асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзими иқомати муҳоҷирони меҳнатӣ ва шароити фаъолияти меҳнатии онҳо такмил дода мешаванд.

Монетизатсия (пулкунонӣ)-и ҳамаи имтиёзҳо барои бештари хизматчиёни давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони соҳаи буҷетӣ ба коҳиши даромад оварда расонид, зеро нархҳо меафзоянд, вале сатҳи афзоиши маош аз суръати таваррум ва болоравии нархҳо ақиб мемонад.

Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки ҳамаи қишрҳои аҳолӣ қобилияти фаъолият надоранд — донишҷӯён, маъюбон, гурӯҳҳои осебпазир. Барои онҳо мутобиқшавӣ ба шароити бозорӣ душвор мегузарад. Дар чунин ҳолатҳо, кӯмакпулӣ ва имтиёзҳо, ки хусусияти ҷубронкунанда доранд, метавонанд дар мутобиқсозии онҳо ба шароити нав ва ҷалби онҳо ба равандҳои демографӣ нақши мусбат бозанд.

Таъмини иҷтимоӣ, муқаррар кардани "сабади истеъмолӣ", сатҳи даромаде, ки пасттар аз он давлат бояд масъули таъмини ҳадди ақали ҳаёт гардад, аҳамияти калидӣ дорад. Давлат бояд фаъолияти таъминоти иҷтимоиро ҳамзамон бо сиёсати шуғл ба роҳ монад — робитаи ҷудонопазири ин ду самт бояд мардумро ба фаъолияти меҳнатӣ, масъулият дар назди зиндагии шахсӣ ва мустақилият ҳидоят кунад.

Дар баробари ин, ғамхории давлат дар бораи ҳар шахси алоҳида, ҳифзи модар ва кӯдак, бунёди инфрасохтори зарурӣ, шароити бехатари фаъолияти меҳнатии занон бояд заминаи ташвиқи раванди демографӣ гардад.

Асоси фаъолияти давлат дар соҳаи демография, пеш аз ҳама, гузаронидани барӯйхатгирии умумии аҳолӣ мебошад. Барӯйхатгирии аҳолӣ пояи идоракунии ҷомеаи муосир ва заминаи таҳияи ислоҳот ва амалисозии вазифаҳои давлат мебошад. Тоҷикистон дар ин самт аз даврони қадим, махсусан дар замони шуравӣ, таҷрибаи ғанӣ андӯхтааст. Барӯйхатгириҳои охирин беш аз сӣ нишондиҳандаро дар бар мегиранд, ки масъалаҳои демографиро ҳамаҷониба инъикос менамоянд ва ба Ҳукумат ва мақомоти давлатӣ имконият медиҳанд, ки онҳоро дар фаъолияташон ба инобат гиранд.

Ҳукумат барномаҳои иҷтимоии зиёд қабул мекунад, баъзеашон ба ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ бахшида шудаанд. Аз ҳама бештар барномаҳои идомадор дар соҳаи дастгирии занон, ҷавонон ва насли наврас дида мешавад. Грантҳо ҷудо мешаванд, шароит барои кӯдакони болаёқат фароҳам оварда мешавад. Ҳамаи ин иқдомҳо мусбатанд, вале тасвири комили кумакҳои иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Дидгоҳи ягона дар бораи самти ҳаракат ва навъу миқдори кӯмакҳое, ки дар оянда лозим мешаванд, мушоҳида намешавад.

Гурӯҳҳои осебпазир солҳо боз дастгирӣ мешаванд, вале ҳеҷ кас дигар гурӯҳҳои аҳолиро таҳқиқ намекунад — онҳое, ки бо вуҷуди тахассуси баланд, даромади кофӣ надоранд ва зиндагиашон ба душворӣ мегузарад. Масалан: омӯзгорон, табибон, кормандони нақлиёти ҷамъиятӣ ва дигарон, ки ба ҷомеа хидмат мекунанд, вале маоши онҳо танҳо барои рӯзгузаронӣ мерасад.

Бинобар ин, лозим аст, ки мониторинги рушди тамоми ҷомеа ба роҳ монда шавад, сатҳи даромади ҳар як қишри аҳолӣ ва гурӯҳҳои касбӣ муайян гардад ва ҷуброни саривақтии онҳо барои рушди иҷтимоии кишвар, фароҳам овардани некӯаҳволии мардум ва ҷилавгирӣ аз таъсири манфӣ ба равандҳои демографӣ анҷом дода шавад.

Ба мо бо хушбахтӣ, мушкилоти демографӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба дараҷаи буҳронӣ, чун дар Русия ва кишварҳои Аврупо нарасидааст, ки дар он кишварҳо давлатҳо чораҳои фаврӣ меандешанд, то бо депопулятсия (коҳиши аҳолӣ), яъне зиёд будани шумораи фавт нисбат ба таваллуд, мубориза баранд.

Тоҷикистон барномаи давлатии банақшагирии оиларо қабул намудааст, ки ҳадафи асосии он коҳиши таваллуд мебошад. Ҳамин гуна, давлат бояд муқаррар намояд, ки кадом вазифаҳои сиёсати демографиро худ ба зимма мегирад, онро байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва худи ҷомеа, хонавода ҳамчун ҳуҷайраи ҷамъият тақсим намояд.

Таҳлили фаъолияти вазоратҳо ва кумитаҳои гуногун нишон медиҳад, ки ҳар яке метавонад нақши фаъоли худро дар ин раванд бозад. Дар шароити рушди кунунӣ, дар соҳаи демография, ҳимояи боэътимод аз таъсир ба шуури демографии аҳолии Тоҷикистон муҳим аст. Зеро ин шуур заминаи рушди демографӣ ва асоси сиёсати демографии давлатро ташкил медиҳад.

Шартҳои муҳими таъминкунандаи ҳимояи боэътимоди захираҳои демографӣ ин таъмини иттилооти ҳамаҷониба ва саривақтӣ мебошад, ки вобаста ба омилҳои зиёде аст. Аз ҷумла, махсусан муҳиманд: мубориза бо таблиғоти зидди демографӣ, ҳимоя ва ташвиқи зарурати таҳсил, назорати иҷрои таҳсилоти ҳатмии шаҳрвандон аз ҷониби давлат, маҳдудсозии таблиғи васоити контрасептивӣ, исқоти ҳамл ва безурётгардонӣ [7].

Амнияти демографӣ бояд қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи амнияти миллӣ гардад, ки ҳадафи он ҳифз ва рушди раванди демографӣ, мутобиқ ба манфиатҳои давлат ва миллат мебошад.

Бо ин мақсад, бояд мутахассисони сатҳи баланди ҳисобгирӣ, мониторинг ва пешгӯии равандҳои демографӣ омода карда шаванд. Ин мутахассисон бояд ба ҷамъият иттилооти доимӣ оиди вазъи демографӣ, ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати демографии давлат, роҳу воситаҳои ҷанги демографӣ ва роҳҳои муқовимат ба он пешниҳод намоянд.

Мо бар онем, ки барои ҳар давлат, аз ҷумла барои Тоҷикистон, ки дорои фазои мусоиди демографист, таҳияи қаблан омодагиҳо ба ҷанги эҳтимолии демографӣ зарур аст. Зеро кишвар метавонад мавриди ҳуҷумҳои демографӣ аз ҷониби абарқудратҳо ва кишварҳои ҳамсоя қарор гирад.

Шояд зарур бошад, ки факултетҳои демография таъсис дода шаванд, ки дар онҳо на танҳо мутахассисони умумӣ, балки мутахассисони тангихусусият барои фаъолият дар ҳокимияти

давлатӣ, аз ҷумла дар Ҳукумат, парламенти кишвар, вазоратҳои дифоъ, тандурустӣ, маориф, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (ЗАГС), мақомоти маҳаллӣ ва муассисаҳои илмӣ омода карда шаванд, то дар самти таҳқиқоти масъалаҳои маҷмуии демографӣ ва такмили сиёсати демографӣ саҳм гузоранд.

Ҳар як вазорат ва кумитаи давлатӣ бояд воҳиди махсус дошта бошад, ки ба мониторинги раванди демографӣ, таҳлили рушди он ва таъсири он ба фаъолияти давлат ва бахши дахлдори он машғул бошад.

Тадқиқоти соҳаи демография бояд на танҳо аз ҷониби мутахассисони граждани, балки аз ҷониби мутахассисони ҳарбӣ ва сохторҳои қудратӣ низ амалӣ гарданд, аммо моҳияти он бояд шаффоф ва граждани бошад, то соҳаҳои татбиқи амалии тадқиқоти демографӣ равшан гардад.

Ҳамчунин, таъсиси асоси ҳуқуқии татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти демографӣ дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ, низоми дифоъ, таъмин кардани ҳимояи ҳуқуқии ин дастовардҳо ва риояи ҳатмии тавсияҳо, ки ба ташаккули шуури дифоӣ ва демографӣ равона шудаанд, муҳим аст [7].

Барои таҳлили вазъият, омодагӣ ва амалисозии сиёсати дурусти демографӣ, лозим аст, ки бисёре аз назарияҳо ва шохаҳои ҳуқуқиро бозбинӣ намоем. Дар адабиёт андешае ҳаст, ки соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ — ҳуқуқи демографӣ — бояд ташаккул ёбад. Гарчанде ин фикр ҷонибдорони зиёд надорад, зеро ташкили шохаи ҳуқуқии мустақил мавҷудияти мавзуъ ва усули хоси худро талаб мекунад, ҳуқуқшиносон метавонанд бидуни чунин ҷудокунии расмӣ низ дар таҳияи санадҳои меъёрӣ, тартиб додани иерархия ва бартараф кардани холигӣ дар соҳаи демография саҳм гузоранд.

Давлат вазифаҳои гуногунро амалӣ мекунад, ки бо вазифаҳои демографӣ зич алоқаманданд. Муҳимтарини он дарк ва қабули тадбирҳои ҳамаҷониба дар соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъият мебошад, зеро ҷомеаи муосир метавонад ба фараҳмандӣ ноил гардад, агар худ ва аҳолии кишварро, ки ҳадафи давлат аст, ҳифз ва рушд диҳад.

Адабиёт

1. Богданов Е. Военно-патриотическое воспитание получает президентскую поддержку // Красная звезда. – 1996. – 22 мая.
2. Буриев И. Б. История государства и права Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.
3. Воробьёв К. А. Армия России сегодня и завтра. – М.: Реалисты, 1995. – 154 с.
4. Гафуров Б. Г. Таджики: история таджикского народа. – Т. 3. – Душанбе: [б. и.], [б. г.]. – 580 с.
5. Конституция Республики Таджикистан: принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года. – Душанбе: Маориф, 1994. – 32 с.
6. Кочубей З. К. Роль государства в области демографической политики (на примере Российской Федерации): дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2000. – 185 с.
7. Слободчиков О. Н. Психология образования человека: в 2 т. – Т. 1. – М.: Школьная Пресса, 1996. – С. 143.
8. Стешенко В. С. Демография в современном мире. – М.: Статистика, 1996. – 245 с.

НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАНЗИМИ РАВАНДИ ДЕМОГРАФӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили сиёсати демографии давлат ва нақши он дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти илмӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами рушди аҳолӣ, тағйироти демографӣ, нақши шуури ҷамъиятӣ, таъсири дин, муҳоҷират, сиёсати иҷтимоии давлат ва нақши институтҳои давлатӣ дар танзими равандҳои демографиро муҳокима менамояд. Дар мақола ҳамчунин масъалаи таҳдидҳои эҳтимолии «ҷанги демографӣ» аз ҷониби давлатҳои қудратманд, зарурати тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ ва ташкили сохторҳои мувофиқ дар вазорату идораҳо ба таври мушаххас пешниҳод мегардад. Муаллиф бар он ақида аст, ки бе назорати устувори демографӣ наметавон ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини амнияти миллӣ ноил гашт. Ҳамзамон муҳим

дониста мешавад, ки сиёсати демографии давлат бояд ба таври илмӣ асоснок, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, талаботи ҷомеаи муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ амалӣ гардад.

Калидвожаҳо: сиёсати демографӣ, амнияти миллӣ, шуури ҷамъиятӣ, муҳоҷират, танзими аҳолӣ, сохтори давлат, таҳсил, муҳофизати оила, аҳолии Тоҷикистон, таҳдидҳои демографӣ

РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В РЕГУЛИРОВАНИИ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ И ОБЕСПЕЧЕНИИ ДЕМОГРАФИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена анализу демографической политики государства и её роли в обеспечении национальной безопасности Республики Таджикистан. Автор рассматривает актуальные вопросы народонаселения, демографических изменений, общественного сознания, религиозных факторов, миграции, социальной политики государства и деятельности государственных институтов в регулировании демографических процессов. В работе подчёркивается угроза так называемой «демографической войны» со стороны внешних государств, необходимость подготовки специалистов и создания структур в ведомствах для мониторинга и прогноза демографических изменений. Подчёркивается, что без устойчивого контроля над демографической ситуацией невозможно достичь социально-экономического развития и обеспечить национальную безопасность. Автор делает вывод о том, что демографическая политика государства должна быть научно обоснованной, учитывать национальные интересы, требования современного общества и международный опыт.

Ключевые слова: демографическая политика, национальная безопасность, общественное сознание, миграция, регулирование населения, государственные структуры, образование, защита семьи, население Таджикистана, демографические угрозы

THE ROLE OF THE STATE IN REGULATING DEMOGRAPHIC PROCESSES AND ENSURING DEMOGRAPHIC SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the demographic policy of the state and its role in ensuring the national security of the Republic of Tajikistan. The author discusses current issues related to population dynamics, demographic changes, public consciousness, the influence of religion, migration processes, the state's social policy, and the role of public institutions in regulating demographic development. The study highlights the potential threat of a "demographic war" initiated by foreign powers, and emphasizes the need for trained professionals and dedicated departments within government agencies to monitor and forecast demographic trends. The author argues that without effective demographic management, sustainable socio-economic development and national security cannot be achieved. The article concludes that demographic policy must be scientifically grounded, aligned with national interests, responsive to modern societal needs, and based on global best practices.

Keywords: demographic policy, national security, public consciousness, migration, population regulation, state institutions, education, family protection, population of Tajikistan, demographic threats.

Дар бораи муаллиф
Давлатзода Фаридун Шералӣ
Номзади илмҳои педагогика, дотсенти кафедраи ҳуқуқ
Донишгоиҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Об авторе
Давлатзода Фаридун Шерали
Кандидат педагогических наук, дотсент кафедры право
Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Аини.
Адрес: 734003, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.

About the author:
Davlatzoda Faridun Sherali
Candidate of Pedagogical Sciences, dotsent of the Department of to the Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121.

ТДУ 821.131.1'01(0.053.6)

ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ - ҲУҚУҚИИ МАВҚЕИ АСИРОНИ ҶАНГӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ БО ИСТИНОД БА КОНВЕНСИЯИ СЕЮМИ ЖЕНЕВАИ СОЛИ 1949

Майнусов Д. Ф.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Мутолиа ва баррасии одоби ҷанг дар Эрони бостон нишон медиҳад, ки он чи имрӯз дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуд аст ва дар он ба ҳуқуқи асирони ҷангӣ таъкид мешавад, дар замонҳои гузашта низ вуҷуд дошт. Ин аҳамият аз он ҷо равшан мешавад, ки гарчанде он замон қоидаҳо ва ҳуқуқҳои башардӯстона ба ин андоза густурда набуданд, аммо муҳтавои ин назария ва аҳамияти ҳуқуқи ҷанг дар афкору низомҳои сиёсии он давра мавҷуд буд.

Мафҳуми «асир» дар забони форсии бостонӣ ба шакли *Varəta* дар форсӣ ва *Vartaka* дар забони авестоӣ омадааст. Дар забони паҳлавӣ ин вожа ба шакли *wardag* ё *wardag griftan* истифода мешуд [12, с. 642].

Яке аз мисолҳои барҷаста ва қобили таваҷҷуҳ дар таърихи ҳуқуқҳои башардӯстона дар заминаи муносибат бо душманони шикастхӯрда дар рафтори Куруши Ҳахоманишӣ бо Калдониён дида мешавад. Дар соли 539 пеш аз мелод, Куруш шаҳри Бобул, пойтахти Калдониёнро тасарруф кард. Бар асоси матнҳои бадастомада аз шаҳри Бобул, нерӯҳои Куруш бидуни ҷанг ба шаҳр ворид шуданд, амнияти сокинони онро таъмин намуда, сулҳро дар он ҷо барқарор карданд.

Дар манбаъҳои гуногун низ ба мавзӯи ҳуқуқи ғуломон, ки дар ҷараёни ҷангҳо асир гирифта мешуданд, пардохта шудааст. Аз ҷумла, фасли чоруми *Мотикони Ҳазордостон* ба ғуломӣ ва бардагӣ ихтисос ёфтааст, ки дар он, бар асоси бандҳои аввал, бардагон касоне дониста шудаанд, ки дар ҷанг ба асорат афтодаанд [12, с. 142].

Бо ин тавсиф, азбаски ҷанг ва асорат ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва инкорнопазир аз замонҳои нахустини ҳаёти башар вуҷуд дошта, ҳамчунон идома дорад, тадобири зарурӣ барои вазъи қоидаҳо дар ҷангҳо муҳим ба назар мерасад. Аз ин рӯ, аҳамияти ин мавзӯъ боис шуд, ки ба ҳуқуқи асирон дар санадҳои мухталифи байналмилалӣ таваҷҷуҳ шавад.

Яке аз ин санадҳо Конвенсияи сеюми Женева мебошад, ки 12 августи соли 1949 қабул шудааст ва дар он усули муносибат бо асирони ҷангӣ шарҳ дода шудааст. Бо таваҷҷуҳи хоси худ, ин конвенсия пояи асосии таҳқиқоти ҳозира қарор гирифтааст. Ин таҳқиқот бо нигариши ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ ба муносибат бо асирон дар низоъҳои дохилӣ ва байналмилалӣ дар «Шоҳнома» равона шуда ҳадафи асосӣ шинохти дидгоҳи Фирдавсӣ ва фарҳанги гузаштагони подшоҳони эронзамин ва ғайриэронӣ дар масъалаи ҳуқуқи асирони ҷангӣ мебошад.

Гарчанде мавзӯи ҳуқуқи асирон дар «Шоҳнома» ба таври мустақил баррасӣ нашудааст, он тавассути ишораҳои ҷузъӣ дар доираи масъалаҳои ҷангӣ дар достонҳои мухталиф баён гардидааст. Таҳқиқотҳо ва мақолаҳои монанд ба ин мавзӯъ, монанди «Қоидаҳои ҳуқуқи ҷанг дар «Шоҳнома» (Қосимӣ, 1389) ва «Артиш ва ҷанг дар «Шоҳнома» (Аҳмадӣ, 1390), низ ба баррасии масъалаҳои ҷангӣ дар ин мақола равона шудаанд.

Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқи башардӯстона дар «Шоҳнома» ба таври умум нишон медиҳад, ки Фирдавсӣ ба каромати инсонӣ ва эҳтироми ҳуқуқи асирон таваҷҷуҳи махсус дошт, ки бо принсипҳои башардӯстонаи ҳуқуқи байналмилалӣ низ мутобиқат дорад.

Мафҳум ва маънои асири ҷангӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, мавзӯи асирони ҷангӣ бо хусусиятҳои достонҳои қаҳрамонӣ дар се давраи асосӣ, фаровон баён шудааст. Асиронро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард: низомӣ ва ғайринизомӣ. Дар ин миён, ҳузури табақаҳои ғайринизомӣ, бахусус занону кӯдакон, бахши муҳиме аз паёмадҳои низоъҳоро ташкил медиҳад.

Гарчанде ки Фирдавсӣ ба ҷузъиёти ҳуқуқии асирон ишора накардааст, намунаҳои фаровони дар асар зикршуда аҳамияти усулҳои ҳуқуқии асиронро нишон медиҳанд. [3, с. 296].

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо назари фарох ҳуқуқи инсонҳо ҳамчун як қисми низоми ахлоқӣ ва фарҳангӣ баррасӣ мекунад.

Каромати инсонӣ барои асир. Бо як нигоҳ ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ва Конвенсияҳои Женева, мушоҳида мешавад, ки ҳуқуқи афроде, ки дар низоъҳои гуногун асир мешаванд, бахусус таваҷҷуҳ ба масъалаи «каромат» ва эҳтироми онҳо, дар санадҳои зиёд расман эътироф шудааст. Дар ин замина, ба тарзи муносибат бо асирон таваҷҷуҳи зиёд шудааст.

Аз ҷумла, дар моддаи 13-и Конвенсияи мазкур омадааст:

« Асирони ҷангӣ бояд дар ҳама вақт бо инсоният муносибат шаванд. Ҳар амале, ки боиси марг ё осеби ҷиддии ҷисмонӣ ва рӯҳонии онҳо шавад, аз ҷумла ҳар шакли таҷовуз, шиканҷа ё муносибати ғайриинсонӣ, қатъиян манъ аст. Дар моддаи 14 низ ба ин нукта таъкид шудааст, ки «Асирони ҷангӣ дар ҳар ҳолат ҳаққи эҳтироми шахсият ва шарафи худро доранд».

Дар гузашта низ ба тарзи муносибат бо асирон ва ҳуқуқи онҳо аҳамият дода мешуд. Чунончи, дар охирин бахши китоби *Артештаристон* баён шудааст, ки бояд бо душманони шикастхӯрда ва асирон чӣ гуна муносибат кард [7, с. 342].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Фирдавсӣ дар достони худ ба принсипҳои башардӯстонаи ҳуқуқи асирон, ки имрӯз дар Конвенсияҳои Женева эътироф шудаанд, ишора кардааст.

Пас аз пирӯзии эрониён ва кушта шудани Салм, Манучеҳр ба сарбозони ӯ амният медиҳад, онҳоро эҳтиром мекунад ва барои ҳар яки онҳо ҷойгоҳи муносибе таъйин мекунад:

«Сипаҳбад Манучеҳр бинвохташон,

Бар андоза бар ҷойгаҳ сохташон» [1, с. 153].

Рафтори Манучеҳр, дар воқеъ, сиёсати «қудрат додан ба асирони душман» мебошад, ки ҳадафҳои мухталиферо дар бар мегирад. Аввалан, додани вазифаҳои корӣ ва иҷтимоӣ ба асирон, ба ғайр аз он ки истеъдодҳои онҳо дар муддати асорат ба кор бурда мешаванд ва онҳо аз ҷиҳати фикрӣ машғул мешаванд, як намуди назорати ноаён низ ба шумор меравад. Бо ин роҳ, асирон метавонанд ба тарафдорони вафодори ҳукумати мизбон табдил ёбанд.

Дар як нигоҳ, абёти «Шоҳнома» ин воқеиятро нишон медиҳанд, ки рафтор ва равиши шоҳону фармондеҳони эронӣ бо асирони ҷангӣ одатан нисбат ба шоҳон ва фармондеҳони ғайриэронӣ бисёр писандида ва башардӯстона будааст. Албатта, бояд ёдовар шуд, ки шарти муносибати эҳтиромона бо асирони ҷангӣ аз ҷониби шоҳони эронӣ танҳо замоне риоя мешавад, ки асир душманӣ наварзад ва зиддият нишон надиҳад. Дар акси ҳол, ҷазои чунин афрод қатъан марг мебошад (*Ҳамон, ҷ. 2, саҳ. 61*).

Дар давраи таърихӣ низ бисёр вақтҳо шоҳони эронӣ бо асирон рафтори эҳтиромона доштанд. Масалан, Анӯшервон дар ҷанги худ бо румиён, дар як ҳушдор ба сипоҳиён, асорати ғайринизомиёнро дар назди Яздон амали ношоиста мешуморад:

«Занону кӯдаку хурд бо марди пир,

На хуб ояд аз доди Яздон асир» [1, с. 137].

Мавҷудияти чунин тафаккур, эътиқод ба «каромати зотии инсон» ва «худомарказӣ», дар боварҳои башардӯстонаи Фирдавсӣ ҷойгоҳи бисёр воло дорад. Дар ҳоле ки дар конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санади мазкур, ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ шудааст.

Амнияти ҷонӣ барои асир ва ҳифзи ҳуқуқи ҳаёт. Амнияти ҷонӣ ва манъи маҳрумият аз ҳуқуқи ҳаёт яке аз усулҳои асосии Конвенсияи сеюми Женева мебошад. Дар моддаи 3 чунин таъкид шудааст: «ҳар гуна таҷовуз ба ҳаёт, аз ҷумла қатл, ҳар навъ осеби ҷисмонӣ, шиканҷа ва муносибатҳои ғайриинсонӣ манъ аст». Ҳамчунин, моддаи 13 муқаррар мекунад, ки:»ҳар амал ё беамалии бедалел аз ҷониби давлати боздошткунанда, ки боиси марг ё хатар ба саломатии асир гардад, қатъиян манъ мебошад» [6, с. 37].

Дар «Шоҳнома» бисёр мавридҳо вуҷуд доранд, ки асирон дархости зинаҳор (амнияти ҷонӣ) мекунанд. Ин дархостҳо дар воқеъ нишондиҳандаи эҳтиром ба каромати инсонӣ мебошанд. «Зинаҳор», як истилоҳи омехта аст, ки маънои «дар паноҳи нерӯ ё силоҳи касе будан»-ро медиҳад. Зинаҳордорӣ як амалест, ки аз замонҳои қадим дар Эрон бо ойинҳо ҳамроҳ будааст. Яъне, ки агар душман аз душмани худ зинаҳор талаб кунад, фавран ба паноҳи ӯ медарояд ва то охири умр аз зарари ӯ эмин мемонад [14, с. 337].

Ба ривояти Фирдавсӣ, эрониён дар баробари зинаҳорталабии душманони худ одатан бо дархости онҳо мувофиқат мекарданд. Аммо агар дар онҳо гароиш ба душманӣ дида мешуд, роҳи ҳалли мушкилро танҳо дар ҷазо медиданд.

Дар «Шоҳнома» нахустин асирони ҷангӣ, ки бо зинаҳорталабии онҳо рӯбарӯ мешавем, девҳо ҳастанд, ки Таҳмурас бо далелҳое, ки пештар зикр шуд, ба дархости онҳо мувофиқат мекунад [1, с. 37].

Кайхусрав низ ба асирони туронӣ, ки дар ҷанги Дувоздаҳрӯх асир шуданд, амнияти ҷонӣ медиҳад ва онҳоро аз ҳаргуна осеб эмин медорад:

Наям ман ба хуни шумо шаста чанг,
Нагирам чунин кор душвору танг.
Ҳама яксара дар паноҳи манед,
В-гар чанд бадхоҳгоҳи манед [1, с. 161].

Гоҳе подшоҳон дар бораи аҳамияти додани зинаҳор тавсияҳо низ баён мекарданд. Масалан, Ардашер ба сарбозони худ чунин таъкид мекунад:

«*Чу хоҳад зи душман касе зинаҳор,*
*Ту зинаҳор бош ва кина мадор***»** [6, с. 219].

Ҳамаи мавридҳои зикршуда ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки гарчанде подшоҳони «Шоҳнома» дар майдони ҷанг хеле қатъӣ ва хуношом будаанд, аммо умуман бо асирон рафтори хеле хуб ва сабук доштанд. Бо вуҷуди ин, гоҳе интиқомгирӣ монеаи бахшидани асирон мешуд.

Масалан, нолаву фарёдҳои Сурхай, писари Афросиёб, ки бегуноҳии ӯро эътироф мекунад, дили хонандаро нарм мекунад ва ин интизорро ба вуҷуд меорад, ки эрониён бояд аз хуни ӯ бигзаранд. Аммо Таҳматан (Рустам) дастур медиҳад, ки ӯро айнан ба ҳамон шевае, ки Сиёвуш кушта шуда буд, сар бизананд, то уқобҳо ҷасади ӯро бихӯранд:

«Басон Сиёвуш сарашро зи тан,
Бибурранд, каркас пӯшад кафан» [2, с. 391].

Дар таҳлили ин бахш аз достон метавон гуфт, ки Таҳматан мехост ба Афросиёб бифаҳмонад, ки дарк кардани кушта шудани фарзанд, он ҳам бо буридани сараш, чӣ эҳсосеро ба бор меорад. Рустам ба ин далел аз хуни Сурхай нагузашт, то Афросиёб низ ҳамон ранҷеро бикашад, ки ӯ аз фироқи фарзандхондаш Сиёвуш кашида буд.

Ҳамчунин, кушта шудани ду асири туронӣ аз ҷониби Исфандиёр пас аз гирифтани иттилоот дар бораи Руиндуш, аз дигар мавридҳое аст, ки бар хилофи усулҳои инсонӣ ва муқаррароти низомӣ сурат мегирад:

«Чу гуфтанд, ӯ теғи ҳиндӣ ба мушт,
Ду гарданкаши содадилро бикушт» [2, с. 257].

Ҳифзи шараф ва эътибори асирони зан. Яке аз қоидаҳои муҳим дар ҳуқуқи башардӯстона риояи «принсипи ҷудоии» афроди низомӣ аз ғайринизомиён, бахусус занон, мебошад. Занон, ки одатан дар низоъҳо иштирок надоранд, бештар ба сабаби ихтилофоти сиёсӣ осеб мебинанд. Моддаи 14-и Конвенсияи сеюми Женева омадааст: «ҳар амале, ки ба номус ва саломатии ҷисмонӣ ё равонии занон таҳдид кунад, қатъиян манъ кардааст» [6, с. 38].

Дар гузашта тасарруфи занон пас аз ҷангҳо маъмул буд, ки ин амалро «қонуни ғанимат» мешумориданд. Мутаассифона, чунин амалҳо то ҳол дар баъзе низоъҳо мушоҳида мешаванд. Дар «Шоҳнома» мавридҳои зиёде баён шудаанд, ки ҳузури занони ғайринизомӣ ё низомӣ дар набардҳо боиси асорат мегардид. Исботи ин ба ду чиз бештар нигаронида шуда буд:

1. *Пешгирӣ аз таҷовуз ба занони мардум*: Бо ҳузури занони худ, сарбозон аз таҷовуз ба занони ғайринизомӣ дар маҳалҳои ишғолшуда худдорӣ мекарданд.

2. *Таҳкими руҳияи артиш:* Ҳузури занон бо артиш барои сарбозон сарчашмаи рӯҳбаландӣ ва ангеза буд. Дар натиҷа, онҳо дар ҷанг фаъолтар ва ҳифзи занонро вазифаи муҳим мешумориданд [2, с. 184-185].

Дар **«Шоҳнома»**, бисёре аз набардҳо дар берун аз шаҳрҳо сурат мегирифтанд, то ғайринизомиён, бахусус занон, аз осебҳо дар амон бошанд. Ин нишондиҳандаи эҳтиром ба ҳуқуқи ғайринизомиён мебошад. Аммо баъзан душман бо убур аз марзҳо ба занон таҷовуз мекард, ки ин амалҳо аксар вақт ҳамчун абзори таҳқир ва расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ё низомӣ истифода мешуданд.

Риояи башардӯстӣ ва дурӣ аз шиканҷа ва рафторҳои зӯроварона. Бо дарназардошти он, ки асирони ҷангӣ бояд аз ҳама гуна зӯроварии ҷисмонӣ ва озор дар амон бошанд, рафтори

башардӯстона бо онҳо тамоми амалҳои интиқомҷӯёна, зӯроварӣ, шиканҷа, пора кардани аъзо, тарсондан, анҷоми озмоишҳои тиббӣ, таҳқир ва хор карданро манъ мекунад [6, с. 47].

Дар моддаи якуми Конвенсияи Женева зикр шудааст, ки: «ҳар гуна рафтори бераҳмона дар ҳар замон ва макон манъ аст». Дар моддаи 13 низ чунин омадааст: :ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ва ҳар амал, ки саломатии асирро зери хатар мегузорад, хилофи муқаррароти байналмилалӣ эълон шудааст» [6, с. 47-48].

Аввалин ҳодисаи осеби ҷисмонӣ ба асирон дар «Шоҳнома» дар достони асорати Кайковус ва ёрони ӯ зикр шудааст. Деви Сафед хонаи худро аз дуд ва қатрон пур карда, чашмони асиронро аз торикӣ кӯр мекунад:

«Чу бигзашт шаб, рӯз наздик шуд,
Ҷаҳонҷӯйро чашм торик шуд.
Зи лашкар ду бараҳа шуда тира чашм,
Сари номдорон шуда пур зи хашм» [2, с. 15].

Холиқӣ Мутлақ аз китоби *Назҳатномаи Алоиӣ* нақл мекунад, ки асирон ба сабаби он ки муддате дар торикӣ буданд, чашмонашон кӯр гашта буд. Пас аз он ки Рустам Диви Сафедро кушт ва Кайковус бо ёрони асираш озод шуданд, торикӣ аз чашмони онҳо дур шуд ва онҳо рӯшноиро дубора диданд [1, с. 408].

Дар моддаи 87 Конвенсияи Женева омадааст: «Ҳар гуна муҷозоти гурӯҳӣ барои амалҳои инфиродӣ, ҳар гуна танбеҳоти ҷисмонӣ ва ҳабси асирон дар ҷойҳое, ки аз рӯшноии рӯз маҳрум бошанд, манъ аст»[6, с. 49].

Дар ҳикояти дигар, Қайсар вақте аз ҳувияти Шопур, ки дар либоси тоҷирон ба дарбори Рум роҳ ёфта буд, огоҳ мешавад, ӯро асир мекунад ва амр медиҳад, ки ӯро дар пӯсти хар бидӯзанд:

«Бар масти шамъӣ ҳаме сӯхтанд,
Ба зориш дар чарми хар дӯхтанд» [2, с. 303].

Ин амал бар хилофи тамоми муқаррароти инсонӣ ва қоидаҳои башардӯстона аст ва нишондиҳандаи он аст, ки рафтор бо асирон дар замонҳои гуногун, вобаста ба фарҳанг ва арзишҳои ҳар қавм фарқ мекард.

Ҳуқуқ ба ғизо яке аз ҳуқуқҳои асосии инсонӣ аст, ки бо ҳаёт ва саломатии инсон иртиботи мустақим дорад. Аз ин рӯ, дар низоъҳои байналмилалӣ, таҳти ҳеҷ шароите набояд нодида гирифта шавад.

Дар моддаи 26-и Конвенсияи Женева таъкид шудааст, ки **ғизои асосии рӯзона барои асирони ҷангӣ бояд аз ҷиҳати миқдор, сифат ва гуногунӣ кофӣ бошад,** то саломатии онҳоро таъмин намояд. Ин ғизо бояд пешгирии коҳиши вазн ё камғизоӣ ва ҳар гуна мушкилоти саломатиро таъмин кунад.

Фирдавсӣ дар достони асорати Кайковус ва ёрони ӯ, рафтори Деви Сафедро бо сахтгирии ғизоӣ баён кардааст. Деви Сафед бо эъмоли маҳрумияти ғизоӣ, танҳо пӯсти ғалларо ҳамчун ғизо ба асирон медиҳад, то онҳоро аз шиддати заъф ва гуруснагӣ азият кунад:

«Хуриш додашон лахтаке аз сабус,
Бидон то гузоранд рӯзӣ ба бӯс» [2, с. 16].

Дар моддаи 26-и Конвенсияи Женева таъкид шудааст, ки ҳар гуна ҷазои ғизоӣ, бахусус ҷазои гурӯҳӣ, манъ мебошад. Ин талабот бар он аст, ки асирон ҳатто дар шароити вазнин бояд ғизои кофӣ барои зинда мондан дарёфт кунанд.

Муносибати Конвенсияи Женева ва таърих бо бозгардони асирони маҷрӯҳ. Бар асоси моддаҳои 109 ва 110-и Конвенсияи Женева, давлатҳои даргир муваззафанд асирони ҷангиро, ки гирифтори беморӣ ё маҷрӯҳияти шадид ҳастанд, новобаста аз шумора ва дараҷаи онҳо, ба кишвари худ бозгардонанд [16, с. 40].

Аммо, тибқи абёти «Шоҳнома» ва манобеи таърихӣ, дар гузашта бозгардони асирони маҷрӯҳ он қадар роиҷ набуд, магар дар сурати тавофуқи ду тараф. Масалан, Шопур ба хотири манфиатҳо ва маслиҳатҳои сиёсӣ ба ҷои озод кардани ин асирон, афзал донист, ки шаҳре махсус барои онҳо фароҳам созад. Ин амал нишондиҳандаи он аст, ки дар фарҳанги эронзамин муносибат бо асирон ба таври инсонӣ ва бо ҳифзи каромати онҳо як афзалият будааст.

Нигоҳубини тиббии асирон. Аз замонҳои қадим дар сиёсати подшоҳони эронӣ, аз ҷумла Куруш, риояи ҳуқуқи асирони маҷрӯҳ ба таври башардӯстона мавқеи муҳим дошт. Масалан, Куруш дастур дода буд, ки маҷрӯҳони асирафтода мисли маҷрӯҳони сипоҳи эронӣ табобат шаванд. Гзенофон дар ин бора мегӯяд:

«Ҳангоме ки чанд асирро назди Куруш оварданд, баъзе дар занҷир ва баъзеи дигар озод буданд. Куруш дастур дод, ки асирони занҷирбандро низ озод кунанд ва касонеро, ки маҷрӯҳ ё бемор ва нотавон буданд, ба табибон бисупоранд, то онҳоро табобат кунанд» [4, с. 82].

Дар Конвенсияи Женева низ ба нигоҳубини ройгони тиббии асирони маҷрӯҳ таваҷҷуҳ шудааст. Моддаи 15 ин санад давлати боздошткунандаро вазифадор мекунад, ки асирони маҷрӯҳро нигоҳубин ва табобат кунад. Илова бар ин, моддаҳои 29 то 32 ба вазъи беҳдоштӣ ва нигоҳубини тиббии асирони маҷрӯҳ ихтисос ёфтаанд. Дар моддаи 30-и он бар зарурати бозгардондани асирони гирифтори бемориҳои шадид таъкид шудааст [6, с. 42].

Конвенсияи Женева низ дар ин замина ба мавридҳое ишора кардааст, аз ҷумла:

- Истифодаи асирон дар кор мувофиқ бо синну сол, ҷинс, дараҷа ва истеъдоди онҳо.
- Лозим будани шароити муносиб барои кор, аз ҷумла ғизо, манзил ва либос.
- Манъи машғулияти асирон ба корҳое, ки хатарнок, носолим ё таҳқиромез бошанд.
- Зарурати истироҳат байни корҳо [6, с. 35-42].

Машғулиятҳои асирон дар даврони қадим тибқи «Шоҳнома». Яке аз вазифаҳои муҳим барои асирон дар он замонҳо нигоҳбонӣ будааст. Масалан, Кайковус баъзе аз асирони мутеи худро ба ин кор гумоштааст:

«Якеро нигаҳбон, яке дар ба банд,
Чунон чун ки буд, ройи шоҳ баланд» [4, с. 285].

Кишоварзӣ. Кишоварзӣ низ аз муҳимтарин машғулиятҳо дар таърихи Эрон будааст, ки асирон дар он шуғл меварзиданд. Ин пеша дар Эрони бостон он қадар аҳамият дошт, ки дар фаргарди сеюми Вандидод омадааст:

«Замине, ки муддате кишт нашуда бошад ва тухмӣ дар он кошта нашавад, бадбахт аст ва бояд орзуи кишоварзӣ кунад, монанди духтари зебо, ки муддате бе фарзанд монда бошад ва ҳамсари шоиста орзу намояд [1,ч. 2, 408].

Аҳамияти кишоварзӣ то ҳадде буд, ки дар сиёсати нигоҳдории асирон дар замони Анӯшервон низ ба назар мерасад. Ӯ на танҳо шаҳре махсус барои зиндагии асирон ихтисос медиҳад, балки барои фароҳам кардани шароити осоиштагӣ ва ободонии шаҳр, деҳаҳое дар атроф барои рушди кишоварзӣ таъсис медиҳад:

«Биёрост бар ҳар сӯй киштзор,
Замини баруманду ҳам мевадор» [7, с. 234].

Илова бар ин, ба асирон ва гаравгонон шуғлҳои гуногуне монанди пешаварӣ, кишоварзӣ, тиҷорат ва муъбадӣ дода мешуд, то онҳо тавонанд рӯзгори худро ба пеш баранд:

«Яке пешакор, дигар кишту раз,
Яке он- ки паймуд фарсангу марз.
Чӣ бозоргону чӣ яздонпараст,
Яке сарфарозу дигар зери даст» [7, с. 234].

Маскан ва хизматрасониҳои осоиши асирон. Фароҳам кардани маскан ва шароити муносиб барои оромиши рӯҳӣ ва равонии асирон аз ҷумлаи масъулиятҳое мебошад, ки давлати асиргир бояд ба он таваҷҷуҳ кунад. Дар моддаи 25-и Конвенсияи Женева омадааст: «Вазъи маскани асирони ҷангӣ бояд ба ҳамон андозае хуб бошад, ки вазъи маскани нерӯҳои кишвари боздошткунанда дар ҳамон минтақа аст. Дар маскани асирон бояд ахлоқ ва одатҳои онҳо риоя шавад ва ба ҳеҷ сурат набояд вазъи маскан ба саломатии онҳо зиён расонад» [6, с. 54].

Дар «Шоҳнома» низ таваҷҷуҳ ба вазъи маскан ва мутобиқати он бо шароити рӯҳии асирон дида мешавад. Аммо ин масъала бештар дар давраи таърихӣ дида мешуд, на дар давраҳои афсонаӣ ва паҳлавонӣ. Ин нишон медиҳад, ки ҳарчӣ ба давраи таърихӣ наздик шавем, рафтори башардӯстона нисбат ба асирон бештар ба назар мерасад.

Шаҳрсозӣ барои асирон. Шопур, ба ҷуз аз Хуррамобод, шаҳри дигаре бо номи «Пирӯзшаҳр» дар Шом ва шаҳре дар Аҳвоз бино кард. Ин шаҳрҳо дорои хизматрасониҳои

осоишӣ, аз ҷумла қаср, бемористон ва ҷойҳое барои истироҳати асирон буданд. Анӯшервон низ шаҳре бо номи «Зеби Хусрав» бино кард, ки бо тамоми имконоти осоишӣ барои асирон фароҳам шуда буд:

«Ба кирдори Антоқия чун чароғ,
Пур аз гулшан ва коху майдону боғ» [7, с. 139].

Озодии асирон ва харидории онҳо. Тибқи Мотикони Ҳазордостон, ба ғуломон иҷозат дода мешуд, ки озодии худро бо пардохти маблағ аз фармондеҳи худ бихаранд. Ин амр то ҷое густариш ёфт, ки дар давраи ғуломии худ онҳо метавонистанд бо зардуштиён издивоҷ кунанд ва тавассути он озод шаванд. Масалан, омадааст: «Ҳар гоҳ ғуломи насронӣ бо ризоияти худ дини маздакиро бипазирад ва ё бо пайрави ин дин издивоҷ кунад, бар дигар пайравони маздакӣ воҷиб аст, ки ӯро бихаранд ва озод кунанд. Аммо агар бидуни қабули дини зардуштӣ бо пайрави он издивоҷ кунад, метавонад бо пул озодии худро бихарад» [15, с. 65-66].

Озодии асирон дар «Шоҳнома». Дар ҷараёни шикасти эрониён ва пас аз кушта шудани Нузар, асирони эронӣ ба Ағрерас паём мефиристанд ва озодии худро талаб мекунанд. Ағрерас, дар муқобили виҷдони дохилии худ ва муқовимати турониён (ки намоди нерӯҳои аҳриманӣ ҳастанд), ба виҷдони худ ҷавоб медиҳад ва пас мегардад, то Зол тавонад асиронро озод кунад ва бо худ бибарад [1, с. 319].

Дар як ҳолати дигар, пас аз шикасти эрониён дар ҷанги нахустини Пирӯзшоҳ бо Хушнавоз, шумораи зиёде аз эрониён асир мешаванд. Ба гуфтаи манобаҳои таърихӣ, барои бозгардонии асирон, бо Хушнавоз қарордод баста мешавад, ки дар ивази пардохти солона, асирон ба Эрон бозгардонда шаванд [9, с. 318]. Аммо Фирдавсӣ танҳо ба кушта шудани Пирӯз ва асорати сипоҳаш ишора мекунад ва аз мубодилаи молӣ сухан намегӯяд.

Нигоҳи умумӣ ба озодии асирон дар «Шоҳнома». Озодии асирон дар «Шоҳнома» аксар вақт бо шеваҳои молӣ ва инсонӣ сурат мегирад. Ҷониби мағлуб бо пардохти маблағ ва ваъдаҳое озодии асирони худро талаб мекард. Манзалати иҷтимоии асир низ дар сарнавишти озодии ӯ таъсиргузор буд.

Мавзуи ҳуқуқи асирони ҷангӣ дар «Шоҳнома» асосан ба асирони низомӣ ва ғайринизомӣ дахл дошта, дар баъзе мавридҳо риояи қоидаҳои башардӯстона ва дар мавридҳои дигар нақши онҳо нишон дода шудааст.

Таҳиқиқ ҳуқуқи асирони ҷангӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо истинод ба Конвенсияи сеюми Женеваи соли 1949 нишон медиҳад, ки бисёре аз қоидаҳои башардӯстона, ки имрӯз дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ мешаванд, решаҳои худро дар фарҳанг ва тамаддуни қадимаи Эрон доранд. Ин нишон медиҳад, ки ҷомеаи қадимии эронӣ на танҳо ҷанговаронро қадр мекард, балки ҳуқуқ ва каромати инсонро ҳамчун арзиши бунёдӣ эътироф менамуд.

Дар «Шоҳнома» каромати инсонӣ ва муносибати шоиста бо асирон ҳамчун як унсури муҳим баён шудааст. Подшоҳоне чун Таҳмурас, Кайхусрав ва Анӯшервон дар барҳӯрди худ бо асирон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки эҳтироми шараф, ҳуқуқи ҳаёт ва ҳуқуқҳои иҷтимоии онҳоро риоя кунанд. Ҳамин принсипҳо дар моддаҳои 13 ва 14-и Конвенсияи сеюми Женева низ таъкид шудаанд. Аммо, дар баъзе мавридҳо, бахусус дар ҷараёни интиқомҷӯӣ, усулҳои башардӯстона нодида гирифта мешуданд, ки ин фарқият аз заминаҳои фарҳангӣ ва қаҳрамононаи он давра сарчашма мегирад.

Дар «Шоҳнома» инчунин ғамхорӣ ба занон ҳамчун табақаи осебпазир дар ҷангҳо тасвир шудааст. Гарчанде мавридҳои нақзи ҳуқуқи занон баён шудаанд, монанди таҷовузи Заҳҳок ба Шаҳриноз ва Арнавоз, аммо дар умум, риояи ҳуқуқи занон ҳамчун як масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ инъикос меёбад. Ин ба принсипҳои ҳифзи ғайринизомиён, ки дар моддаи 14-и Конвенсияи Женева муқаррар шудаанд, ҳамоҳанг мебошад.

Муносибати подшоҳон ба маскан, ғизо ва нигоҳубини тиббии асирон низ дар «Шоҳнома» возеҳ баён шудааст. Масалан, Шопур бо сохтани шаҳрҳо барои асирони маҷрӯҳ ва нигоҳубини онҳо, намунаи равшани риояи ҳуқуқи башарро нишон додааст. Ин амалҳо бо моддаҳои 26, 30 ва 87-и Конвенсияи Женева мутобиқат доранд. Ҳамчунин, сохтани шаҳрҳо барои асирон, ки аз ҷониби подшоҳоне чун Ардашер ва Анӯшервон анҷом дода шудааст, аҳамияти иҷтимоии асиронро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ на танҳо як асари ҳамосӣ, балки сарчашмаи муҳими омӯзиши ҳуқуқи башардӯстона мебошад. Гарчанде баъзе амалҳо ба принсипҳои муосири ҳуқуқи инсон мухолифанд, аммо равиши умумии он аҳамияти эҳтиром ба ҳуқуқ ва каромати инсонро таъкид мекунад. Ин асар метавонад барои таҳкими арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти муосири башардӯстона ҳамчун манбаи илҳомбахш истифода шавад.

АДАБИЁТ

1. Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалил Дӯстхоҳ, ҷилдҳои 1 ва 2. Теҳрон: Нашри Марворид, 1385. – 1195 с.
2. Барзгар Холиқӣ, Муҳаммадризо. «Дев дар 'Шоҳнома'.» Нашрияи пажӯҳиши адабӣ / Холиқӣ Барзгар. – Сол 3. – Шумораи 13. –100 с.
3. Баҳормаст, Аҳмад. Фармондеҳи Худованди Ҷанг: Сипаҳбуди Фирдавсӣ / Аҳмад Баҳормаст. – Теҳрон: Беҷо, 1313. – 234 с.
4. Гзенофон. Курушнома. Тарҷумаи Ризо Машойихӣ / Гзенофон. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1383. – 354 с.
5. Кох, Ҳайдмарӣ. Аз забони Дориюш. Тарҷумаи Парвиз Раҷабӣ / Ҳайдмарӣ Кох. – Теҳрон: Карнаг, 1376. – 218 с.
6. Конвенсияи сеюми Женева оид ба муносибат бо асирони ҷангӣ. – Женева: Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх, 1949. – 75 с.
7. Кристенсен, Артур. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсумӣ / Артур Кристенсен. – Теҳрон: Садои Муосир, 1385. – 470 с.
8. Нотил Хонларӣ, Парвиз. «Сипоҳ ва Ҷанг дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.» Маҷаллаи Меҳр / Парвиз Хонларӣ Нотил. – Сол 2. – Шумораи 5 ва 6. – С. 569–578.
9. Парния, Ҳасан. Таърихи бостонии Эрон. / Ҳасан Парния, – Теҳрон: Дунёи Китоб, 1362. – 498 с.
10. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома, ба тасҳеҳи Ҷалол Холиқӣ Мутлақ, ҷилдҳои 1—8. / Абулқосим Фирдавсӣ. – Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1386. – 3672 с.
11. Холиқӣ, Мутлақ, Ҷалол. Ёддоштҳои «Шоҳнома», ҷилдҳои 1—3. / Холиқӣ Мутлақ Ҷалол. – Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1391. – 1203 с.
12. Ҳасандӯст, Муҳаммад. Фарҳанги решашиносии забони форсӣ / Муҳаммад Ҳасандӯст.– Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1393. – 895 с.
13. Ҳобил, Абдулҳамид. Зиндон, зиндониён ва шиканҷа дар «Шоҳнома» ва «Гаршоспнома». Рисолаи магистрӣ / Абдулҳамид Ҳобил. – Донишгоҳи Систону Балуҷистон, 1388. – 145 с.
14. Ҷунайдӣ, Фиридун. Ҳуқуқи Ҷаҳон дар Эрони бостон / Фиридун Ҷунайдӣ. – Теҳрон: Балх, 1384. – 412 с.
15. Шаҳзодӣ, Рустам Қонуни мадании зардуштиён дар давраи Сосониён. Ба кӯшиши Меҳрангез Шаҳзодӣ / Рустам Шаҳзодӣ. – Теҳрон: Фуруҳар, 1387. – 389 с.

ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ МАВҚЕИ АСИРОНИ ҶАНГӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ БО ИСТИНОД БА КОНВЕНСИЯИ СЕЮМИ ЖЕНЕВАИ СОЛИ 1949

Ҳуқуқи асирони ҷангӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар низоъҳои байналмилалӣ мебошад, ки қоидаҳои он дар Конвенсияи сеюми Женева (1949) ба таври мукаммал танзим шудааст. Ин санад ҳимояи ҳуқуқи асиронро таъкид намуда, бар риояи каромати инсонӣ ва муносибати башардӯстона исрор меварзад.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ масъалаи асорат дар ҷараёни ҷангҳо ба таври муфассал баён шудааст. Фирдавсӣ дар ин асар одоб ва қонунҳои ҷангро, ки реша дар фарҳанг ва тамаддуни қавмҳои эронитабор ва ғайриэронӣ доранд, инъикос мекунад. Ин асар ҳамчун як сарчашмаи муҳим, сиёсатҳо ва муносибати ҳукуматҳоро нисбат ба асирон дар даврaҳои гуногуни таърихӣ бозгӯӣ мекунад.

Таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки подшоҳони эронзамини «Шоҳнома» нисбат ба подшоҳони ғайриэронӣ ба ҳуқуқ ва каромати инсонӣ бештар таваҷҷуҳ дошта, муносибати башардӯстона доштанд. Ин равиш махсусан дар давраи Сосониён бештар эҳсос мешавад, ки додани амният ва эҳтироми ҳуқуқи асирон дар сиёсати онҳо муҳим арзёбӣ мешуд.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқи асирони ҷангӣ, Конвенсияи сеюми Женева, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, таърх, ҳуқуқ, таҳқиқот, илм, ҳуқуқшиносӣ, заминаҳои таърихӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқ, сарчашмаҳои илмӣ, низоми ҳуқуқ.

ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ПОЛОЖЕНИЯ ВОЕННОПЛЕННЫХ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ С УЧЁТОМ ТРЕТЬЕЙ ЖЕНЕВСКОЙ КОНВЕНЦИИ 1949 ГОДА

Права военнопленных являются одной из ключевых проблем международных конфликтов, детально регламентированной в Третьей Женевской конвенции (1949 г.). В этом документе особое внимание уделяется защите прав военнопленных, подчеркивается важность уважения человеческого достоинства и обеспечения гуманного обращения**.**

В «Шахнаме» Фирдоуси также подробно рассматривается проблема плена в военное время. В своём произведении Фирдоуси описывает законы и нормы ведения войны, уходящие корнями в культуру и цивилизацию как иранских, так и неиранских народов. «Шахнаме», будучи важным историческим источником, раскрывает политику и отношение правителей к военнопленным в различные исторические периоды.

Данное исследование демонстрирует, что иранские цари в «Шахнаме» уделяли больше внимания правам человека и человеческому достоинству, чем их неиранские противники, и придерживались более гуманного подхода. Это тенденция была особенно очевидно в эпоху правление Сасанидов, когда поддержание безопасности и уважение прав военнопленных расматривались как важнейшие компоненты государственной политики.

Ключевые слова: права военнопленных, Третья Женевская конвенция, «Шахнаме» Фирдоуси, история, право, исследование, юриспруденция, исторический контекст, правовой контекст, защита прав, правовая защита, научные источники, правовая система.

HISTORICAL-JUDICIAL ISSUES OF THE STATUS OF WAR PRISONERS IN «SHAHNAMEH» WITH REGARD TO THE FIRDOWSI THIRD GENEVA CONVENTION 1949

The rights of war prisoners are one of the key issues in international conflicts and are comprehensively regulated by the Third Geneva Convention (1949). This document emphasizes the protection of prisoners' rights, stressing the importance of honoring human dignity and providing humane treatment.

The issue of captivity in war time is also thoroughly examined in Ferdowsi's Shahnameh. In this price, Ferdowsi reflects the principles and standards and of war fare, which are profoundly embedded in the traditions and civilization of both Iranian and non-Iranian societies. As a significant historical source, Shahnameh provides insights into the policies and views of various governments regarding war prisoners throughout different historical periods.

This research shows that the Iranian kings in Shahnameh prioritized human rights and dignity more than their non-Iranian peers and more humane approach. This tendency was particularly apparent during the Sasanian period, when ensuring security and respecting the rights of prisoners were considered essential aspects of state policy.

Keywords: rights of prisoners of war, Third Geneva Convention, Firdawsi's *Shahnamah*, history, law, research, jurisprudence, historical context, legal context, human rights protection, legal protection, scholarly sources, legal system.

Дар бораи муаллиф
Майнусов Дониш Фазлиддинович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Сурға: ҶТ, 735719, ш. Хуҷанд, 17 мкрн., 1

Об авторе
Майнусов Дониш Фазлиддинович
кандидат филологических наук, доцент
докторант кафедры теории и истории государства и права
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
Адрес: Таджикистан, 735719, г. Худжанд, 17 мкрн., 1

About the author
Mainusov Donish Fazliddinovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor,
Doctoral Candidate of the Department of Theory and History of State and Law
Tajik State University of Law, Business and Politics
Address: Tajikistan, 735719, Khujand city, 17th microdistrict, building 1.

УДК305-055.2(575.3)

ПРАВА ЖЕНЩИН И ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Азизаи Р.
ГУУ Педагогический колледж им. Хосият Махсумовой

Права женщин и обеспечение гендерного равенства являются основополагающими принципами любого демократического и справедливого общества. Эти вопросы особенно важны для стран, стремящихся к социально-экономическому прогрессу, среди которых важное место занимает Республика Таджикистан.

С момента обретения независимости в 1991 году, Таджикистан активно работает над укреплением правовой государственности, в основе которой лежит принцип равенства всех граждан, вне зависимости от их пола. Традиции, исторические особенности и социально-культурные реалии страны оказали значительное влияние на положение женщин в обществе. Однако, в последние два десятилетия в Таджикистане наблюдаются положительные изменения в расширении прав женщин, увеличении их участия в политической и общественной жизни, а также в доступе к образованию и здравоохранению.

Современные таджикские женщины активно участвуют не только в государственных структурах, но и создают успешные производственные и сервисные компании, зарекомендовав себя как успешные предприниматели. За годы независимости в Таджикистане значительное количество высококвалифицированных женщин стало частью государственной службы и государственного управления. Женщины играют ключевую роль в поддержании мира и стабильности в стране, защите культурных и национальных ценностей, воспитании у молодежи чувства патриотизма, гордости за свою страну, гуманизма и ответственности. Вклад женщин в предотвращение социальных рисков и проблем невозможно переоценить. Мы должны проявлять уважение и заботу к матерям, сестрам и дочерям не только в День матери и 8 марта, но и в повседневной жизни, так как их роль в семье и обществе невозможно измерить.

Президент Республики Таджикистан, Лидер нации Эмомали Рахмон, значительно способствовал улучшению положения женщин в стране. Его поддержка и инициативы предоставили женщинам реальные возможности для реализации своих прав и активного участия в процессе формирования современного общества. Одним из важных элементов этого процесса стало внедрение и поддержка государственных программ, которые направлены на повышение статуса женщин и обеспечение равенства их прав и возможностей.

В рамках реализации Конституции Республики Таджикистан были приняты важнейшие законы и постановления, направленные на улучшение положения женщин в обществе. Ключевыми документами в этом контексте являются Указ Президента от 3 декабря 1999 года, утвердивший меры по повышению статуса женщин в обществе, а также Постановления Правительства от 8 августа 2001 года «О Государственной программе подготовки и подбора управленческих кадров среди женщин и девушек» на 2007-2016 годы и «Национальная стратегия активизации роли женщин» от 29 мая 2010 года, направленная на активное участие женщин в общественно-политической жизни страны. Эти меры способствуют дальнейшему укреплению и развитию роли женщин в современном таджикском обществе.

Таджикские женщины традиционно выполняли важные роли как домохозяйки, матери и хранительницы семейных ценностей. Однако в советский период была проведена политика женской эмансипации, что позволило женщинам активно участвовать в образовании, трудовой деятельности и государственной службе. Это принесло свои результаты, и к середине XX века в Таджикистане появился слой образованных женщин, активно участвующих в экономической и социальной жизни страны. Однако с распадом Советского Союза и началом гражданской войны (1992-1997) положение женщин ухудшилось: они теряли рабочие места и возвращались к традиционным ролям, что ставило многие семьи в уязвимое положение.

Тем не менее, после окончания гражданской войны и восстановления мира в стране, начался процесс восстановления статуса женщин в обществе, который продолжается и в наши дни под руководством Президента Эмомали Рахмона. Женщины Таджикистана значительно улучшили свою жизнь, их участие в жизни общества стало гораздо более активным.

Благодаря усилиям Президента Эмомали Рахмона, Таджикистан достиг значительных успехов в обеспечении прав женщин и гендерного равенства, что оказывает значительное влияние на развитие страны и всего общества. Однако важно отметить, что ислам, являясь важной частью культурно-религиозной идентичности таджикского народа, также оказывает влияние на положение женщин в стране. Важно понимать, что ислам в своей сути не запрещает женщинам получать образование или активно участвовать в общественной жизни, а многие ограничения, с которыми сталкиваются женщины, часто обусловлены культурными и социальными, а не религиозными нормами.

С середины 2000-х годов Таджикистан стал уделять больше внимания продвижению гендерного равенства как важной части государственной политики, что, в свою очередь, было связано с международными обязательствами страны. Одним из таких обязательств стала ратификация Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин (CEDAW). Это стало важным шагом в направлении улучшения положения женщин, в том числе в политической, социальной и экономической сферах.

Правовая основа для защиты прав женщин в Таджикистане формируется как на уровне Конституции, так и через участие страны в международных правозащитных механизмах. Конституция Республики Таджикистан гарантирует равенство всех граждан перед законом, вне зависимости от их пола, что является основой для разработки и применения специализированных нормативных актов. Таджикистан активно участвует в международных документах, таких как Пекинская платформа действий и Цели устойчивого развития, а также подписал Конвенцию ООН о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин (CEDAW). На национальном уровне были приняты ключевые законы, такие как Закон «О государственной гарантии равных прав мужчин и женщин» и Закон «О предупреждении насилия в семье», а также долгосрочная Стратегия по повышению роли женщин до 2030 года.

Несмотря на наличие правовой базы, проблема разрыва между законом и реальной практикой остается актуальной. Во многом это связано с недостаточной правовой грамотностью, отсутствием эффективных механизмов контроля и социальными стереотипами, которые продолжают оказывать влияние на жизнь женщин. Гендерное равенство в Таджикистане требует устранения структурных барьеров, которые мешают полному участию женщин в общественной жизни. Для решения этой задачи государство создает необходимые институциональные структуры: действует Комитет по делам женщин и семьи, гендерные подразделения в министерствах, а также внедряются элементы гендерного бюджетирования. Однако доля женщин в политике, управлении и бизнесе остается низкой, а значительная часть программ по гендерному равенству пока находится на стадии пилотных проектов.

Образование играет ключевую роль в расширении прав и возможностей женщин. Несмотря на высокий охват девочек в начальном и основном образовании, по мере перехода к среднему и высшему образованию наблюдается снижение числа учащихся женского пола, особенно в сельских районах. Причины этого заключаются в экономических трудностях, ранних браках и традиционных социальных установках. В ответ на эти проблемы государственные квоты, образовательные программы и улучшение инфраструктуры помогают решать вопрос доступности образования для девочек. Однако важно, чтобы образование сопровождалось созданием условий для профессионального роста женщин, включая доступ к непрерывному обучению, программам повышения квалификации и развитие женского предпринимательства.

Таким образом, несмотря на значительные успехи, достигнутые Таджикистаном в области прав женщин и гендерного равенства, сохраняется ряд барьеров, которые требуют системного подхода к преодолению. К числу первоочередных задач относится дальнейшее совершенствование законодательства, повышение правовой грамотности населения, а также

создание условий, способствующих полноценному и равноправному участию женщин в общественной, политической и экономической жизни страны.

Одним из ключевых аспектов является экономическая независимость женщин, которая в значительной степени определяется их положением на рынке труда. Несмотря на формальное равенство, закреплённое в трудовом законодательстве, женщины по-прежнему чаще заняты в низкооплачиваемых секторах, таких как образование и здравоохранение, и редко представлены в высокотехнологичных и управленческих сферах. Имеется разрыв в заработной плате, ограниченный доступ к руководящим должностям, а также недостаточная поддержка женщин в совмещении профессиональной и семейной жизни. В то же время стоит отметить положительную тенденцию: всё больше женщин вовлекаются в неформальную экономику и малый бизнес, получая доступ к микрокредитам и программам поддержки женского предпринимательства. Эти инициативы дают женщинам возможность реализовать себя как в профессиональном, так и в личностном плане.

Политическое участие женщин остаётся важным индикатором зрелости демократических институтов. Женщины в Таджикистане имеют право избираться и занимать государственные должности, но на практике их представленность в парламенте и органах местного самоуправления пока невысока. Это объясняется как социальными стереотипами и нехваткой политической подготовки, так и двойной нагрузкой, с которой сталкивается большинство женщин. Однако позитивным моментом является наличие программ по развитию женского лидерства и активная поддержка государством повышения роли женщин в политической жизни. Эти меры формируют базу для дальнейшего роста политической активности женщин.

Не менее значимыми остаются культурные и социальные барьеры. Патриархальные нормы, домашнее насилие, правовая неграмотность и ограниченный доступ к цифровым ресурсам препятствуют полноценной самореализации женщин. Однако важным социальным сдвигом последних лет стало изменение роли женщин в связи с трудовой миграцией мужчин: всё больше женщин берут на себя функции главы семьи, становятся экономически активными, участвуют в общественной жизни. Это расширяет горизонты их возможностей, несмотря на сопутствующую нагрузку и ответственность. Государство и гражданское общество уже ведут работу в этом направлении, включая просветительские кампании, вовлечение религиозных и местных лидеров, а также воспитание молодёжи в духе равенства и уважения.

Положительные стороны текущей ситуации:

- Повышенное внимание государства к вопросам гендерного равенства и женской правозащиты.
- Расширение участия женщин в экономике, особенно в предпринимательской деятельности и неформальном секторе.
- Реализация программ по развитию женского лидерства и политического участия.
- Улучшение доступа женщин к образованию и государственной поддержке.
- Социальные изменения, вызванные миграцией, способствуют усилению роли женщин в семье и обществе.
- Наличие законодательной базы и международных обязательств, гарантирующих защиту прав женщин.

Таким образом, при сохранении положительной динамики и последовательной реализации гендерной политики, Таджикистан имеет все возможности для дальнейшего укрепления прав женщин и создания более справедливого и равноправного общества [1, с. 135].

Международные организации и негосударственные структуры играют важную роль в продвижении прав женщин. ООН-женщины, ПРООН, ЮНИСЕФ, а также НПО на местах реализуют проекты в области лидерства, борьбы с насилием, предпринимательства и образования. Эти инициативы помогают компенсировать слабость государственной инфраструктуры и доводят поддержку до самых уязвимых групп. Однако, для устойчивого эффекта нужна не только внешняя помощь, но и укрепление внутренних механизмов взаимодействия между государством и обществом.

Таким образом, гендерное равенство в Таджикистане - это многослойный процесс, включающий правовые, экономические, культурные и образовательные компоненты. Несмотря на достигнутый прогресс, вызовов остаётся много. Для их преодоления необходимо укрепление правоприменения, развитие просвещения, поддержка женщин в лидерстве и бизнесе, усиление партнёрства с международными структурами и гражданским обществом. Инвестиции в женщин - это инвестиции в будущее страны. Без равноправного участия женщин невозможно построить устойчивое, справедливое и процветающее общество.

Особое внимание в контексте прав женщин заслуживает проблема ранних и принудительных браков, которая до сих пор сохраняется в отдельных регионах Таджикистана. Несмотря на то что законодательно установлен минимальный брачный возраст для женщин и мужчин - 18 лет, на практике регистрируются случаи, когда девушки вступают в брак в 15–16 лет. Это происходит под влиянием давления со стороны семьи, экономической нужды или традиций. Последствия таких браков - прерывание образования, экономическая зависимость, риск насилия и ухудшение состояния здоровья. Для противодействия этому государство и гражданские структуры проводят профилактическую и разъяснительную работу, однако необходимо усиление контроля за исполнением законодательства и расширение поддержки семьям в трудной жизненной ситуации, чтобы они не прибегали к ранней выдаче дочерей замуж [2, с. 194].

Неотъемлемой частью борьбы за права женщин является обеспечение безопасности в семье. Домашнее насилие - одна из самых скрытых и болезненных тем в таджикском обществе. Закон «О предупреждении насилия в семье» принят в 2013 году, но его реализация наталкивается на множество преград: от нехватки убежищ и кризисных центров до отказа женщин обращаться за помощью из-за страха общественного осуждения. Большая часть таких случаев замалчивается, а сами жертвы остаются без реальной поддержки. Важно создать эффективную систему межведомственного реагирования, включающую правоохранительные органы, социальные службы, медицинские учреждения и НПО. Также необходимо повышать квалификацию сотрудников этих структур в вопросах гендерной чувствительности и этичного взаимодействия с жертвами насилия.

Одним из перспективных направлений является развитие женского предпринимательства. В условиях высокой безработицы и миграции мужчин женщины всё чаще берут на себя экономическую инициативу - открывают небольшие кафе, салоны красоты, занимаются агропроизводством или ремесленничеством. Государственные программы поддержки малого бизнеса, а также проекты международных организаций помогают обучать женщин финансовой грамотности, маркетингу и правовым основам ведения бизнеса. Однако доступ к стартовому капиталу, земельным ресурсам и рынкам сбыта всё ещё ограничен. Необходима системная работа над устранением этих барьеров и создание благоприятной среды для женской экономической активности, особенно в сельской местности [3, с. 196].

Значительную роль в трансформации общественного сознания играют средства массовой информации. Через телевидение, радио, социальные сети формируются образы современной женщины, модели поведения, представления о роли женщины в обществе. В последние годы в Таджикистане начали появляться телепередачи, посвящённые успешным женщинам, их вкладу в науку, культуру и бизнес. Однако до сих пор медиа нередко тиражируют стереотипы, закрепляющие традиционные роли. Для продвижения равенства важно поддерживать гендерно-чувствительную журналистику, развивать программы медиаобразования и сотрудничество с молодыми блогерами, чтобы создавать альтернативные нарративы, вдохновляющие девушек к самореализации.

Работа с молодёжью имеет стратегическое значение. Именно в школьном и студенческом возрасте формируются базовые представления о правах человека, роли мужчины и женщины, справедливости и равенстве. Включение элементов гендерного образования в школьные и вузовские программы способствует развитию критического мышления, уважения к правам других и снижению уровня насилия. Пилотные проекты в Таджикистане уже показали эффективность подобного подхода, однако необходимо его масштабирование на национальном

уровне. Это требует подготовки специалистов, разработки учебных пособий и интеграции гендерной тематики в общую образовательную стратегию страны [5, с. 172].

Нельзя не отметить важность роли мужчин в процессе достижения гендерного равенства. Без их активного участия невозможно устойчивое изменение общественных установок. Практика показывает, что программы, в которых мужчины вовлекаются как партнёры в борьбе с насилием, в воспитании детей, в продвижении равенства, дают более устойчивый эффект.

В Таджикистане развиваются инициативы, направленные на вовлечение мужчин в продвижение положительных моделей мужского поведения - уважительных, ответственных и равноправных. Подобные программы способствуют разрушению токсичных представлений о мужественности и укрепляют институт семьи на основе партнёрства. Всё это подчёркивает необходимость комплексного, многоуровневого и долгосрочного подхода к продвижению прав женщин и обеспечению гендерного равенства в Республике Таджикистан. Только при согласованном взаимодействии между государственными структурами, международными партнёрами, НПО, академическим сообществом и самими женщинами можно достичь подлинных изменений. Необходимо не только разрабатывать новые законы и стратегии, но и добиваться их исполнения, формировать культуру равенства, поддерживать инициативы снизу и активно вовлекать всё общество в процессы трансформации. Только в таком случае возможно построение справедливого и инклюзивного общества, в котором каждый человек, независимо от пола, будет иметь равные возможности для развития, реализации и достойной жизни.

Продолжая этот системный подход, особое внимание следует уделить вопросам репродуктивного здоровья женщин как неотъемлемой части гендерного равенства. В последние годы ситуация в этой области постепенно улучшалась, однако проблемы остаются. Высокий уровень материнской смертности, ограниченный доступ к современным средствам контрацепции, недостаток информированности о репродуктивных правах и здоровье, а также неравенство в доступе к качественным медицинским услугам - всё это остаётся актуальными вызовами. Несмотря на усилия государства и международных организаций, множество барьеров, таких как культурные и социальные традиции, до сих пор ограничивают женщин в праве на принятие решений относительно собственного тела и здоровья. Особенно остро эти проблемы проявляются в сельских районах, где женщины часто не имеют доступа ни к необходимой информации, ни к медицинской поддержке. Для преодоления этих ограничений необходимо усиливать просветительскую деятельность, расширять сеть консультационных служб и повышать доступность медицинских услуг. Хотя уже существуют программы, направленные на улучшение ситуации, дополнительные меры - в том числе в области профилактики, диагностики и лечения заболеваний - жизненно необходимы [4, с. 102].

Взаимосвязь вопросов здоровья и социальной роли женщины ярко проявляется и в контексте миграционных процессов. Женщины, остающиеся в стране в условиях массовой трудовой миграции мужчин, вынуждены брать на себя не только ведение домашнего хозяйства, но и функции главы семьи, что существенно меняет их статус и укрепляет экономическую самостоятельность. В то же время женщины-мигранты, работающие за границей, сталкиваются с множеством вызовов: эксплуатацией, дискриминацией, отсутствием социальных гарантий. Несмотря на это, миграция может открывать и новые возможности - женщины получают жизненный и профессиональный опыт, расширяют кругозор и приобретают навыки, способствующие их дальнейшей самостоятельности. Поддержка возвращающихся женщин-мигрантов, а также развитие программ социальной адаптации и правового просвещения становятся ключевыми мерами по укреплению их положения в обществе.

Однако любые позитивные подвижки могут быть сведены на нет, если не будет решительно преодолена проблема насилия в отношении женщин. Оно остаётся одним из самых острых и скрытых социальных явлений. Несмотря на существование правовых основ, включая Закон о предупреждении насилия в семье, на практике тысячи женщин ежедневно сталкиваются с физическим, психологическим и экономическим насилием. Причины кроются как в культурных табу, так и в институциональной слабости: страх осуждения, экономическая зависимость, недостаточная правовая грамотность мешают женщинам заявлять о насилии. А в случае, если

они решаются обратиться за помощью, они часто оказываются в ещё более уязвимом положении. Поэтому крайне важно развивать кризисную инфраструктуру - от горячих линий до приютов и консультативных центров, а также повышать компетентность правоохранительных органов и специалистов в области юриспруденции и социальной поддержки.

И, наконец, устойчивость всех этих усилий во многом зависит от того, насколько глубоко изменится общественное сознание в отношении роли женщин. Таджикистан стоит на пересечении традиционной культуры и современности, и именно здесь, на этом рубеже, происходят самые сложные и важные изменения. Стереотипы, основанные на патриархальных установках, всё ещё сохраняются - особенно в отношении образования девушек, их участия в общественной жизни и профессиональной реализации. Однако религия, в частности ислам, на которую часто ссылаются в оправдание ограничений, в действительности содержит множество положений, поддерживающих уважение к женщине, её право на знание и участие в жизни общества. Роль религиозных и культурных лидеров здесь трудно переоценить: они способны стать союзниками в продвижении идей равенства, интерпретируя традиции в духе современности и справедливости. Только в условиях партнёрства между традицией и прогрессом можно создать такие социальные и культурные условия, при которых женщины смогут в полной мере реализовать свои права и потенциал.

В этом контексте мусульманскими мыслителями были написаны книги, в исламском мире сформировались различные политические группы и партии. Эти мусульманские мыслители считают, что мусульмане должны вернуться к «саляфам», чтобы избавиться от этой ситуации. Движение за возвращение к «салафитскому салеху» впервые было начато в Египте такими мыслителями, как Сайид Джамалуддин Афгани, Мухаммад Абду, Абдуррахман Кавкаби и Рашид Реза.

Медресе Хоккани являются преемниками медресе Деобанди в Индии. Поэтому талибы принимают понимание халифата так же, как школы Деобанда в Индии. Идея возвращения к институту халифата коренится в политических взглядах школ Деобанда, фундаменталистких исламских группировок и Талибана. По мнению школ Деобанда, вопрос возвращения в халифат является важной основой выживания исламских ценностей в обществе, а способом его практической реализации считается джихад [13].

Практику джихада, в которую верят мусульмане, приравнивают к понятиям «фанатизм», «варварство» и «нетерпимость». Но первоначальный смысл понятия джихад не имеет ничего общего с войной. В арабском языке такие термины, как «харб», «кифа» и «мукатала», означают войну. Поэтому каждое усилие и самопожертвование, прилагаемое для того, чтобы быть на пути Бога и следовать по этому пути, входит в понятие Джихад. Но когда мусульманские страны оказались под оккупацией, идея джихада стала обязательной. Этот вид джихада можно назвать оборонительным джихадом [1].

Сегодня концепция джихада стала исламской фундаменталистской идеологией, которая находится в авангарде салафитского и ваххабитского движений. Такие движения, как Талибан,

которые узаконивают акты насилия, описываются как «такфиритские салафиты» или «джихадистские салафиты» [10]. С 1990-х годов самоубийства и взрывы (терроризм) были легализованы религиозным фундаментализмом.

В конце 20-го века термин джихад использовался исламскими группировками в Афганистане, сепаратистскими движениями и религиозными организациями, такими как Аль-Каида и Талибан. Можно сказать, что эти группы используют концепцию джихада, чтобы узаконить свои действия и найти своих последователей с помощью этой поддержки. Даже в последние годы некоторые мусульмане называют такие движения джихадистскими движениями. Такие организации, как Талибан и Аль-Каида, заявляют, что джихад является долгом всех мусульман. В их понимании джихад означает вооруженную борьбу [19, с. 19; 20]. Джихад в понимании талибов приравнивается к убийству. Хотя все в Афганистане являются мусульманами, борьба и уничтожение со стороны талибов считается джихадом, что не соответствует исламским канонам.

Хотя существует опасность распространения исламской фундаменталистской идеологии, а точнее «джихадизма» со стороны Талибана, в Афганистане наряду с движением «Талибан» в благоприятных условиях развиваются и другие экстремистско-религиозные организации, и террористические группировки, основная цель этих организаций является пропаганда идей создания исламского государства («халифата»), джихада против неверных, свержения конституционного строя и завоевания государственной власти.

4. Такфир (обвинение в безбожности) и самоподрывы у Талибана

По мнению салафитов, в религиозном иджтихаде нет необходимости в таких элементах, как разум и логика. Салафиты выступают против любых «рациональных теологических» течений, возникших в исламе. Они верят, что кажущийся смысл Корана и хадисов является истинным смыслом. По верованию салафитов, в любой форме исламского верования, дошедшей до нас от сподвижников и последователей, это самое правильное верование [14, с. 18]. Клевеща на своих оппонентов, они считали себя муджтахидами и следовали за Усамой бен Ладеном и шейхом Абу Мусабом Заркави. Их фетвы стали действительными для террористических организаций, таких как «Талибан», существующих в исламском мире. Талибан не называл мусульман неверными и отступниками и боролся с ними с помощью фетвы. Они убили тысячи мусульман в городах Мазари-Шариф, Бамиан, Маймана и Кундуз и приговорили немусульманские группы к смертной казни за то, что они не были мусульманами [2].

По мнению Талибана, самоподрывание террориста-смертника совершается ради исламских ценностей. Для успешного выполнения взрыва необходимо самопожертвование, то есть основная цель этого действия – стать мучеником в смертельной атаке. В этом смысле террористическая атака или преступление определяется как «Счастливый мученик» [7]. В понимании талибов взрыв или самоубийство разрешены, и именно они являются реальными исполнителями законов шариата. Выступать против Талибана означает противостоять исламу. По мнению Талибана, все, кто погиб на этом избранном пути, являются шахидами, а те, кто борется против Талибана, находятся вне сферы действия ислама.

Военные операции и беспрецедентное насилие были направлены Талибаном против гражданского населения и его противников. Основными методами, используемыми талибами для восстановления своей власти, являются казни, пытки и взрывы. В своих войнах они используют средневековые методы пыток мужчин и женщин, причем эти меры носят демонстративный характер, устрашают общественное мнение страны и противоречат классическим исламским обычаям. Тяжелая внутренняя ситуация, затянувшиеся гражданские войны и иностранная интервенция в Афганистане стали основой для радикальных исламистов, примером которых является Талибан, и сегодня этот кризис продолжается в сложной этноконфессиональной ситуации Афганистана.

Заключение. Таким образом, движение Талибан, сплотившееся внутри пуштунского трайбализма, создало и сформировало свое религиозное понимание на основе поверхностных и сухих интерпретаций Корана и хадисов. Исламское восприятие и мышление, пропагандируемое Талибаном, можно найти в социокультурных кодах пуштунских племен. В Афганистане

структура, защищающая интеллектуальные ценности Талибана, в зависимости от политической ситуации выступала либо против политической власти, либо в пользу нее. Сегодня в Афганистане есть много людей, которые защищают движение Талибан как законное образование.

Этническая принадлежность играет активную роль в понимании Талибана. Расистские мысли и действия активно продолжаются в пуштунской общине Афганистана. Поэтому идея этноцентризма в Афганистане иногда вращается вокруг религиозных движений, таких как пуштунский национализм, а иногда и Талибан. По этой причине в Афганистане уже много лет существует политическая нестабильность.

Хотя критерии религиозного понимания движения Талибан не ясны, можно сказать, что оно питается ваххабитскими идеями, учением школ Деобанди и пониманием трайбализма. Учения и идеи ваххабитов, официальная идеология Саудовской Аравии оказали влияние на афганские исламские группировки во время джихада.

Преподавание и понимание ислама в форме суфизма в школах Деобанда восходит к более ранним временам. Известно, что до создания государства Пакистан они объединялись и воевали под названием «Джамаат-и-Ислами», защищавший права индийских мусульман. Лидеры указанного движения перенесли центр своей деятельности в Афганистан, открыли медресе в крупных городах, где проживали пуштунские племена, и обучали студентов согласно своим идеям. Таким образом, понимание исламского деобандизма вокруг пуштунского трайбализма приняло другую форму, и посредством этих талибов обрело смысл в сегодняшнем движении Талибан.

Хотя на религиозное мышление движения Талибан повлияли различные религиозные течения, возникшие в исламском мире, большое влияние на него оказал кодекс пуштунвали, который является законом пуштунских племен. Для талибов законы пуштунвали старше исламских законов. Другими словами, движение Талибан пытается регулировать исламский шариат на основе пуштунвали. Потому что для талибов важен внешний вид, ношение бороды и лунги (тюрбан) для мужчин, никаб и чодар (паранджа) для женщин и то, как они одеваются, и относятся к людям согласно этим стандартам, и согласно Талибан, эти знаки являются признаком мусульман.

Таким образом, религиозные воззрения талибов имеют две особенности: одна - это сплетение сложных религиозных ценностей, которые в большинстве случаев противоречат мнению Ахль ас-Сунны и Джамаата, которым следуют мусульмане Афганистана, а с другой стороны, характеристикой пуштунского этноцентризма, который ставится выше исламских ценностей. Однако структура афганского общества основана на различных этнических группах, и эти этнические группы являются важным фактором, определяющим стабильность в Афганистане, и принадлежат к суннитам и джамаатам и не принимают религиозные взгляды Талибана. Именно поэтому спустя более двух лет в Афганистане не наблюдается улучшения политической и социальной ситуации, а Талибан, по словам упомянутого выше шейха Рашида аль-Ганнуши, стал еще более ненавистным для большинства афганского народа после обретения власти.

ЛИТЕРАТУРА

1. Abdulhakim Allahdad. Perception and Interpretation Problems of Contemporary Approaches of the Concept of Jihad // JOURNAL OF EDUCATION IN MUSLIM SOCIETIES AND COMMUNITIES. 2019. P. 7-30.
2. Afganistan: The massacre in Mazar-i Sharif, 2015. https://www.hrw.org /legacy/reports98/afghan/Afrepor0.htm (санаи муроҷиат 08.08.2024)
3. Bernard Lewis, Buntzie Ellis Churchill. Islam: the religion and the people. https://ru.scribd.com /document/523686160/Bernard-Lewis-Buntzie-Ellis-Churchill-Islam-The-Religion-and-the-People-2009-Pearson-Education# (санаи муроҷиат 08.08.2024)
4. Dr. Hassan. Unity of Muslim Ummah, It's Need, Importance and Suggestions (June 30, 2015). International Multilingual Journal of Contemporary Research, American Research Institute for Policy Development USA. June 2015, Vol. 3, No. 1, pp. 26-32

5. George Malek Politico-religious issues relating to the survival of Christianity in the middle east https://www.tandfonline.com /doi/abs/10.1080/02666958808716077?journalCode=cjmm19 (санаи мурочиат 08.08.2023)
6. Graham Fuller. The Future of Political Islam. https://link.springer.com /chapter/10.1057/9781403978608_10 (санаи мурочиат 08.08.2024)
7. Murat Yahşi, "Suicide Bomber Personality and Efficiency in Terrorist Organizations", Turkish Military Academy Defense Sciences Institute, Department of Security Sciences, (Unpublished master's thesis) Ankara 2015, p. 41.
8. Ron McGivern. INTRODUCTION TO SOCIOLOGY – 1ST CANADIAN EDITION https://opentextbc.ca/introductiontosociology/chapter/chapter-15-religion/ (санаи мурочиат 08.08.2024)
9. Ron Synovitz. Taliban 'Tribal Version': Shari'a Is Not The Same Everywhere https://www.rferl.org /a/taliban-sharia-law-afghanistan/31488108.html (санаи мурочиат 08.08.2024)
10. Salafism in Afghanistan and the Emergence of ISKP: A Brief History // US Institute of Peace is collaborating with JSTOR to digitize, preserve and extend access to this content. https://www.jstor.org /stable/pdf/resrep24928.5.pdf (санаи мурочиат 08.08.2024)
11. Samuel Huntington. The Clash of Civilizations? // Foreign Affairs Vol. 72, No. 3 (Summer, 1993), pp. 22-49.
12. Tom Gjelten. Why Religion Is More Durable Than Commonly Thought In Modern Society https://www.npr.org /2017/04/28/525895389/why-religion-is-more-durable-than-we-thought-in-modern-society (санаи мурочиат 08.08.2024)
13. Ахмед Рашид. Талибан. Ислам, нефть и новая Большая игра в Центральной Азии. 2003.-175 с.
14. Довуд О., Муҳаммад Р.Д. Баррасии нақши бунёдгарои исломӣ дар Осиёи марказӣ // Фаслномаи таҳқиқоти сиёсӣ. Эрон 1393. №6, С. 18.
15. Додихудоев Х.А. Теоретический анализ проблемы экстремизма // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 1 (1). – С.96-102;
16. Дурандеш М. Толибон ва ахлоқи сиёсӣ / О. Довуд, Р.Д. Муҳаммад-Кобул, 2017.
17. Князев, А. Афганская политика стран Центральной Азии: ретроспектива и современные парадигмы / А. Князев // Аналитический центр МГУ. 09.11.2022. https://ia-centr.ru /experts/aleksandr-knyazev/afganskaya-politika-stran-tsentralnoy-azii-retrospektiva-i-sovremennye-paradigmy/ (санаи мурочиат 08.08.2023)
18. Кудратов К.А. Влияние афганского конфликта на национальную безопасность Республики Таджикистан:1991–2014 гг.: дис. канд. ист. наук: / К.А. Кудратов. - Душанбе, 2015.-216 с.
19. Маҳди, Аббосзода Бунёдгарои исломӣ ва хушунад аз нигоҳи Ал-Қоида // Фаслномаи сиёсат / Аббосзода Маҳди.-Теҳрон, 1388.-С. 19-25.
20. Мужда, В. Афғонистон ва панҷ соли султаи толибон / В. Мужда. Кобул, 2014.
21. Муҳаммад, Акрам Орифӣ Мабнои мазҳабӣ ва қавмии толибон // Улуми сиёсӣ/ Акрам Орифӣ Муҳаммад - Эрон, Қум 1397. - С.192-195.
22. Муҳаммад, Алӣ Паём. Нақши истеъмории Ғарб ва Шарқ дар Афғонистон. Машҳад. 1364.
23. Питер, Марсден Толибон, ҷанг, мазҳаб ва назми навин дар Афғонистон. Аз забони англисӣ тарҷумаи Қозим Фирӯзманд / Марсден Питер. - Теҳрон 1379.-С. 73.

АҚИДАҲОИ ДИНИИ ҲАРАКАТИ ТОЛИБОН

Ҷунбиши Толибон як ҷунбиши мазҳабӣ ва сиёсӣ буда, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҳамчун гурӯҳи террористӣ эътироф шудааст. Соли 2021, пас аз хуруҷи Амрико аз Афғонистон, Толибон дубора қудратро ба даст оварданд ва Афғонистонро аморати исломӣ эълон карданд.

Толибон як ҳаракати мазҳабии суннист ва ба далели мухталиф будани мазҳабҳо ва қавмиятҳо дар Афғонистон аз замони ба қудрат расиданашон дар солҳои 1996 ва 2021 аз идеологияи Деобандӣ ҳидоят мекунанд. Он бар зидди истисмор ва поксозии меъёрҳои исломӣ аз урфу одатҳои кӯҳнашудаи маҳаллӣ ва таъсири хориҷӣ нигаронида шудааст.

Ҳарчанд меъёрҳои дарки мазҳабии ҷунбиши Толибон рӯшан нест, аммо метавон гуфт, ки он аз ақидаҳои ваҳҳобӣ, таълимоти мазҳаби Деобандӣ ва фаҳмиши қабилагӣ сарчашма мегирад ва низоми Толибон дар Афғонистон динро ба унвони василаи тарс ва ситам барои мардум истифода мебаранд.

Муаллиф дар ин мақола кӯшиш кардааст, ки ба тасаввуроти мазҳабии ҷунбиши Толибон равшанӣ бахшад, нишон диҳад, ки он шовинистӣ, радикалӣ, шӯришӣ, даҳшатнок, зишт, мутаассиб ва ҷиҳодӣ аст ва муаллиф дар ин мақола тавонистааст инро ошкор кунад.

Калидвожаҳо: Афғонистон, ҷунбиши Толибон, дин, мазҳаб, шариат, фаҳмиши мазҳабӣ, Деобандӣ, Ваҳҳобия, Салафия, қавмгароӣ, хилофат, ҷиҳод, такфир.

РЕЛИГИОЗНЫЕ ВОЗЗРЕНИЯ ДВИЖЕНИЯ ТАЛИБАН

Движение Талибан — религиозно-политическое движение, признанное террористическим в большинстве стран мира. В 2021 году, после вывода американской армии из Афганистана, Талибан вернул себе власть военным путем и объявил Афганистан исламским эмиратом.

Талибан является суннитской сектой, и из-за разнообразия сект и национальностей в Афганистане после прихода к власти в 1996 и 2021 годах талибы ориентируются на идеологию Деобанди. Он направлен против эксплуатации и очищения исламских стандартов от устаревших местных обычаев и иностранного влияния.

Хотя критерии религиозного восприятия движения Талибан не ясны, можно сказать, что оно питается ваххабитскими идеями, учениями школ Деобанди и пониманием трайбализма, а режим Талибана в Афганистане использует религию как средство запугивания и угнетение народа.

В этой статье автор пытается пролить свет на религиозное восприятие движения Талибан, показать, что оно шовинистическое, радикальное, повстанческое, устрашающее, уродливое, фанатичное и джихадистское, и автор смог раскрыть это в данной статье.

Ключевые слова: Афганистан, движение Талибан, религия, религиозное направление (мазхаб), шариат, религиозно-сектантское понимание, деобанди, ваххабизм, салафизм, этничность, халифат, джихад, такфир.

RELIGIOUS UNDERSTANDING OF THE TALIBAN MOVEMENT

The Taliban is a right-wing Islamic religious and political movement recognized as a terrorist movement in most countries of the world. In 2021, following the withdrawal of the US military from the country, the Taliban regained military power and assumed responsibility for Afghanistan as the official government.

The Taliban are Sunni and due to the diversity of religions and ethnic groups in Afghanistan, after coming to power in 1996 and 2021, the Taliban are guided by Deobandi ideology. It is directed against the exploitation and purification of Islamic norms from outdated local customs and foreign influence.

Although the criteria for the religious perception of the Taliban movement are not clear, it can be said that it is fueled by Wahhabi ideas, the teachings of the Deobandi schools and the understanding of tribalism, and the Taliban regime in Afghanistan uses religion as a means of intimidation and oppression of the people.

In this article, the author tries to shed light on the religious perception of the Taliban, to show that they are chauvinistic, radical, insurgent, terrifying, ugly, fanatical and jihadist, and the author was able to prove this in this article.

Keywords: Afghanistan, Taliban movement, religion, religious school (madhhab), Sharia, religious-sectarian understanding, Deobandism, Wahhabism, Salafism, ethnicity, caliphate, jihad, takfir.

Дар бораи муаллиф
Қудратов Комрон Абдунабиевич
Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шӯъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии
Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5.
Тел.: (+992) 935 282 862.
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

Об автор
Кудратов Комрон Абдунабиевич
Кандидат исторических наук, доцент, заведующий отделом внедрения научных результатов в производство
Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства
Международный университет туризм и предпринимательства Таджикистана
734055, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Тел.: (+992) 935 282 862.
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

About the author
Kudratov Komron Abdunabievich
PhD in History, Associate Professor
Head of the Department for the Implementation of Scientific
Results in Production of the Research
Institute of Tourism and Entrepreneurship of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734055, Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street 48/5.
Ph.: (+992) 935 28 28 62.
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

ТДУ 327(575):321.01(597.36)

ОСИЁИ МАРКАЗӢ: МАНФИАТҲОИ ҲАЁТӢ ВА СТРАТЕГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МИНТАҚА

Ахиева С. У.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Аз соли 1992 Осиёи Марказӣ ҳамчун яке аз самтҳои стратегии муайянкунандаи сиёсатҳои хориҷии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст. Ҳамин тавр, дар моҳи декабри соли 1993 [1, с. 13–14] минтақа ҳамчун самти дуюми муҳимтарини сиёсати хориҷӣ (баъд аз Россия) муайян карда шуд. Консепсияи ҷорӣ вазифаро чунин муайян мекунад: «тавассути густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо кишварҳои ҳамсоя ҳамчун механизми ташкили камарбанди амният ва ҳифзи сарҳади давлатӣ» [2], ки маънои амиқтар шудани робита бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла бо Чин ва Афғонистонро дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар иҷлосияи дуюми Мулоқоти машваратӣ дар шаҳри Тошкент таъкид кард, ки «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият пуштибони таҳкими муносибатҳо ва рушди ҳамкориҳои ҳамаҷониба миёни кишварҳои минтақа мебошад». Аз ин лиҳоз, тамоюлҳои устувор дар Осиёи Марказӣ бешубҳа ба манфиатҳои устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёнамуҳлат ва дарозмуддат таъсири муассир мерасонанд.

Ба омӯзиши раванди сиёсӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби олимони тоҷик ва душвории ташаккули сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зерин таъсир расониданд:

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990-ум шакл гирифт, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, робитаҳои дипломатиро барқарор намуданд. Соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Шариповро ба ҳайси нахустин сафири фавқулода ва мухтори худ дар Ҷумҳурии Қазоқистон таъин намуд. Аввалин роҳбари ҳукумати кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо сафари расмӣ ба Душанбе ташриф оварда, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон А. Акаев буд (соли 1996). Дар рафти ин сафар Созишномаи «Дар бораи муносибатҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон» ба имзо расид [4, с. 126].

Кишварҳои Осиёи Марказӣ иқдомоти фаъоли сиёсиро ҷиҳати танзими низои Тоҷикистон анҷом доданд, ки дар он Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Туркманистон ба сифати кафилони созишномаи сулҳ дар Тоҷикистон баромад намуданд. Фаъолшавии сиёсати давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ баъди ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 ба ташаккули сиёсати бисёрсамтаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, анъанавӣ сиёсати хориҷии худро ба Федератсияи Русия равона карда буданд, дар ҳоле ки дигар бозигарони ҷаҳонӣ минтақаи мазкурро ҳамчун соҳаи манфиатҳои геополитикии Русия арзёбӣ менамоянд.

Ҷалби кишварҳои Осиёи Марказӣ ба доираи манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ дар раванди амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон боиси афзоиши шумораи субъектҳои фаъоли сиёсӣ дар минтақа гардид. Агар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳанӯз дар солҳои 1990-ум бо кишварҳои ғарбӣ ҳамкорӣ мекарданд, ин раванд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 оғоз ёфт. Дар давраи солҳои 2001 то 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо давлатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барқарор намуд.

Соли 2004 сиёсати минтақавии Федератсияи Русия тағйир ёфт. Қасди Федератсияи Русия ҷиҳати сармоягузории 2 миллиард доллар ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 миллиард доллар ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Қирғизистон тавассути ширкатҳои «РусАл» ва «РАО ЕЭС» ба таври ҷиддӣ самти сиёсатҳои минтақавии Тоҷикистонро муайян намуд.

Ҳамзамон бо рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳамкории ҳарбию сиёсӣ низ тавсеа ёфт, ки ба таъсиси пойгоҳи ҳарбии 201-уми Русия дар Тоҷикистон рабт дошт. [6, с. 66]. Бояд зикр кард, ки дар ин давра Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳайси бозигари фаъоли минтақа ворид гардид. Ташкили Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), инчунин ҷалби сармоягузориҳои ҶМЧ ба

иқтисодиёти кишварҳои минтақа мавқеи ин кишварро дар Осиёи Марказӣ тадриҷан таҳким бахшид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор лоиҳаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ татбиқ карда шуданд, ки муҳимтарини онҳо оғоз гардидани сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе — Чаноқ мебошад, ки пойтахтро бо вилояти Суғд то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон мепайвандад.

Ҳамчунин шоҳроҳи Душанбе — Қарамӣк (ки пойтахтро бо қисми шарқии кишвар то сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон мепайвандад), шоҳроҳи Душанбе — Турсунзода (таҷдиди роҳи мошингард дар самти ғарб, ба самти сарҳад бо Ӯзбекистон) ва хати интиқоли нерӯи барқи шимол — ҷануб сохта шуданд, ки имкон медиҳад Тоҷикистон ҳамаи минтақаҳои кишварро ба як шабакаи ягонаи энергетикӣ муттаҳид намояд. Дар натиҷа, нақши Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати минтақавӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайваста мустаҳкам гардида истодааст.

Омили геополитикӣ дар минтақа бо рушди лоиҳаҳои зерин боз ҳам пурзӯртар мегардад: Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) бо ташаббуси Федератсияи Русия; лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ», Ҳалқаи иқтисодии Роҳи Абрешим (ҶМЧ); платформаи С5+1 (Иёлоти Муттаҳидаи Амрико); Иттиҳоди Аврупо — Осиёи Марказӣ; муколамаи «Осиёи Марказӣ + Япония» (Япония); ҳамкории «Ҷумҳурии Корея — Осиёи Марказӣ» (Кореяи Ҷанубӣ); «Осиёи Марказӣ — Ҳинд — Афғонистон» ва дигар форматҳои муколама. Омили амният: мушкилоти Афғонистон; масъалаҳои марбут ба демаркатсия ва марзҳои давлатӣ; муқовимат ба экстремизм, терроризм ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир. Экстремизм ва терроризм, ки дар натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, пеш аз ҳама аз Шарқи Наздик ва Афғонистон, сарчашма мегиранд, то ҳол ҳамчун мушкили муҳими амниятӣ боқӣ мондаанд.

Бояд таъкид кард, ки сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбати Афғонистон, аз ҷумла сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфтааст. Ба андешаи таҳлилгари тоҷик А. Рахнамо, кишварҳо тадриҷан аз “сиёсати муқовимат” ба “сиёсати ҳамзистии муштарак” мегузаранд [7].

Дар робита ба масъалаи Афғонистон, Тоҷикистон ин кишварро наздик ба худ мешуморад — аз рӯи таърих, фарҳанги муштарак ва муҳимтар аз ҳама — забон. Забони форсӣ (дарӣ), дар баробари пашту, яке аз забонҳои расмии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба шумор меравад, ва тоҷикон дар ҳаёти сиёсии ин кишвар фаъолона иштирок мекунанд.

Омили ҳамкорӣ ё ихтилоф дар соҳаи захираҳои об ва энергетик. Пеш аз ҳама равиши тақсимшавии кишварҳои минтақа ба болооб ва поёнобро таҷассум мекунад. Равандҳои муосир нишон медиҳанд, ки масъалаи мазкур бояд аз дидгоҳи манфиатҳои умумии кишварҳо баррасӣ гардад, зеро таҷрибаи ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки иқтидори минтақа дар самти рушди муштарак ба таври кофӣ истифода намешавад. Масалан, дар соли 2019 ҳиссаи Ӯзбекистон дар содироти нерӯи барқи Тоҷикистон 56%-ро ташкил дод ва нархи он 2 сент барои як киловатт-соат буд, ки нисбат ба нархи содирот ба Афғонистон ду маротиба камтар аст. Дар ҳамин ҳол, Ӯзбекистон ба Тоҷикистон газро бо нархи 120 доллар барои ҳар 1000 метри мукааб пешниҳод мекунад, ки он низ ду маротиба арзонтар аз тарифҳои содиротӣ мебошад [8]. Аз ин рӯ, зарурати таҳлили амиқтари ҳамкории кишварҳои минтақа дар соҳаи обу энергетика ва таҳияи сиёсати умумии миёнамуҳлат дар ин самт ба миён омадааст.

Аз оғози соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи ҳамгироии минтақавӣ доимо дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Вале таҷрибаи таъсис ва барҳам додани созмонҳои монанди САСО (1994–1998), САЕС (1998–2002) ва дубора САСО (2002–2005) нишон дод, ки ин раванд суръат гирифта бошад ҳам, самарабахш набуд. Дар Тоҷикистон бисёр коршиносон тарафдори ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳастанд, зеро он ба манфиатҳои миллӣ мувофиқат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия ба Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои минтақа вобаста аст. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои зич бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ барои тақвияти иқтидори миллӣ шароити мусоид фароҳам меовард.

Дар зарфи 30 соли охир дар фазои сиёсӣ ва касбии Осиёи Марказӣ лоиҳаҳои гуногуни ҳамгироӣ мавриди баррасӣ ва амал қарор гирифтаанд, ки онҳо метавонанд шакли минтақавӣ дошта бошанд ё аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ пешбарӣ шаванд. Ин гуна лоиҳаҳо бар

манфиатҳои муштараки иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ асос ёфта, ё аз пуштибонии хориҷӣ бархӯрдор ҳастанд:

Барқарор ва тақвият бахшидани робитаҳо байни кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ яке аз моделҳои муътадили ҳамкории сиёсӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Шаклҳои мавҷудаи ҳамгироӣ, ба монанди ИДМ, СААД ва ЕАЭС нишон медиҳанд, ки Федератсияи Русия нақши асосиро мебозад. Узвияти Қазоқистону Қирғизистон дар ЕАЭС ва эҳтимоли пайвастани Ӯзбекистон метавонад шомилшавии Тоҷикистонро низ суръат бахшад. Ин созмон бештар мавқеи иқтисодӣ дорад, вале, тавре маълум аст, ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи ЕАЭС то кунун ба равобити устувору мутақобилан судманд нарасидаанд. Илова бар ин, равшан мегардад, ки ЕАЭС бештар як сохтори геополитикӣ мебошад, ки ҳадафи он тақвияти робитаҳои зичтар байни кишварҳои собиқи шуравӣ ва маҳдуд кардани соҳибихтиёрии онҳо ба нафъи сохтори фавқи миллӣ аст.

Барои кишварҳои минтақа ин модел воқеан қобили қабул аст, зеро ҳамкорӣ дар ин шакл бидуни иштироки қудратҳои хориҷӣ сурат мегирад. Ин навъи ҳамгироӣ ба суботи минтақа ҳамчун як субъекти мустақил мусоидат менамояд. Дар заминаи тағйири сиёсати хориҷии Ӯзбекистон сатҳи боварӣ дар минтақа афзоиш ёфтааст ва фазои муносиб барои институционализатсияи сохтори минтақавӣ ба вуҷуд омадааст. Бояд гуфт, ки вазъ ва иқтидори Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки чунин ташкилот дар самти ҳалли мушкилоти дохилиминтақавӣ, муқобила бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла ҷиноятқории фаромиллӣ, экстремизми динӣ ва радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва терроризми байналмилалӣ, ҳамчунин дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона таъсис дода шавад, ки ба рушди устувори ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат кунад.

Тадқиқоти бахшида ба Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон то ҳол кофӣ рушд наёфтаанд. Ин мактаби таҳқиқотӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Сабабҳои асосии чунин вазъият иборатанд аз:

— Норасоии захираҳои инсонӣ: муҳаққиқону таҳлилгароне, ки забонҳои миллии кишварҳои минтақа — русӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва ӯзбекиро медонанд ва метавонанд мақолаҳои илмиро дар ин забонҳо нашр намоянд, каманд. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қисми зиёди мақолаҳо ва тадқиқотҳои марбут ба хосиятҳои минтақавӣ ба забони тоҷикӣ навишта мешаванд, ки барои мутахассисони кишварҳои дигар дастнорасанд. Барои беҳтар шудани вазъ зарур аст, ки корҳои илмӣ бештар ба забонҳои русӣ ва англисӣ навишта шаванд, ки ин талаботи омода кардани мутахассисони касбии минтақашиносро ба миён меорад.

— Дар Душанбе ҳанӯз ҳам иштироки камдарсадонаи муҳаққиқон ва таҳлилгарон мушоҳида мешавад. Тамоси бештар бо ҳамкорони минтақа танҳо тавассути кормандони феълӣ ва собиқи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ, коршиносон ва муҳаққиқони мустақил сурат мегирад, ки беш аз 20 сол аст равандҳои сиёсиро дар Тоҷикистон омӯхта истодаанд. Ташкили чорабиниҳои илмии гуногун оид ба масоили минтақавӣ бо иштироки намояндагони сохторҳои таҳлилӣ, донишгоҳҳо ва ташкилотҳои мустақили таҳқиқотии кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад ба дарки амиқтари сиёсати Тоҷикистон ва тавсеаи ҳамкориҳои муҳаққиқони ватанӣ бо ҳамтоёни минтақавии худ мусоидат намояд.

— Маводи таҳқиқотии муассисаҳои илмии Тоҷикистон ба таври дастаҷамъона нашр намешаванд. Аксари корҳои илмӣ дар шакли монографияҳои муаллифӣ дастрас нестанд. Баъзе тадқиқотҳо ба равандҳои таърихии минтақа бахшида шудаанд ва бо назардошти тағйиротҳои ҷорӣ аҳамияти худро гум мекунанд ё бо унвонҳои дигар такрор мешаванд. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки дар асоси равандҳои муосир тадқиқотҳои ба талаботи рӯз ҷавобгӯ анҷом дода шаванд: омодасозии мақолаҳои илмӣ ва ёддоштҳои таҳлилӣ бо вокуниши саривақтӣ ба воқеиятҳои минтақа.

Дар соҳаи таҳқиқоти Осиёи Марказӣ кори пайвастаи омӯзишӣ барои мутахассисон ва таҳлилгарони ҷавон вуҷуд надорад. Бо мақсади тавсеаи иқтидори миллӣ ва ташаккули як гурӯҳи мутахассисони ҷавон, зарур аст, ки мактабҳои тобистона, курсҳои инфиродӣ ва озмунҳо дар

доираи корҳои таҳқиқотии ҷорӣ дар низоми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва коллеҷҳои ихтисосии донишгоҳӣ баргузор гарданд.

Аввалин вохӯрии машваратии сарони давлатҳои минтақа моҳи марти соли 2018 дар шаҳри Остона баргузор гардид, вохӯрии дуюм моҳи ноябри соли 2019 дар шаҳри Тошканд ва сеюмин вохӯрӣ соли 2020 дар шаҳри Бишкек доир шуд. Аҳамияти ин формати ҳамкорӣ барои ояндаи минтақа дар он зоҳир мегардад, ки гарчанде миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои ҳанӯз ҳалнашуда боқӣ мондаанд, ҳамзамон заминаи зарурии ҳамкории мутақобилан судманд ба вуҷуд омадааст.

Бо дарназардошти таҷрибаи ҳамкорӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қолаби ташкилотҳое чун МҲОМ (САС), МЭОМ (САЕС), ва дубора МҲОМ дар солҳои 1990–2000, метавон хулоса кард, ки наздикшавии тадриҷии мавқеъ ва манфиатҳо имкони ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ ва ҳалли мушкилоти мавҷударо фароҳам месозад. Ин раванд инчунин ба таҳкими муносибатҳои дуҷониба мусоидат менамояд. Ҳамзамон таҷрибаи иттиҳодияҳои пешини ҳамгироӣ, ҷанбаҳои замонӣ ва сохтори тадриҷии ҳамгироии минтақа ба назар гирифта мешаванд.

Аз тарафи дигар, фарқият аз солҳои 1990–2000 дар он аст, ки минтақа тағйир ёфтааст ва сиёсати қудратҳои ҷаҳонӣ нисбат ба Осиёи Марказӣ низ дигар шудааст. Аз панҷ кишвари минтақа ду кишвар — Қазоқистон ва Қирғизистон — узви ИАЭС мебошанд, Ӯзбекистон мақоми нозирро қабул кардааст ва Тоҷикистон таҷрибаи кишварҳои ҳамсояро меомӯзад. Сиёсати Федератсияи Русия дар нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ тағйир ёфта, дар заминаи муқобилият бо кишварҳои Ғарб мазмуни нав касб намудааст.

Чин мавқеи худро дар Осиёи Марказӣ тақвият мебахшад, зеро татбиқи лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ” иштироки фаъолонаи кишварҳои минтақаиро тақозо мекунад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупо низ стратегияи худро барои минтақаи Осиёи Марказӣ таҳия ва қабул намудаанд, ки ҳамкориҳоро дар як қатор самтҳо дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ҳамкории мутақобилаи кишварҳои минтақа ва ташаккули Ассотсиатсияи ҳамгироии Осиёи Марказӣ дар кӯтоҳмуддат ба сиёсатҳои қудратҳои бузург мухолифат намекунад, аммо дар миёнамуҳлат метавонад аз ҷониби онҳо ҳамчун “таҳдид” ё монеа дар татбиқи стратегияҳояшон қабул гардад.

Дар давоми чор соли охир, ҳаҷми савдои мутақобила миёни Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Тибқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гардиши савдои хориҷӣ асосан бо Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон афзуда, дар Туркманистон кам гардидааст.

Дар се соли ахир сатҳ ва муҳтавои ҳамкории обиву энергетикӣ тағйироти ҷиддӣ дидааст. Имрӯз кишварҳои минтақа эҳтиёҷи ҷиддӣ ба тавсеаи ин ҳамкорӣ доранд, зеро талаботи аҳолӣ ва саноат ба барқ сол то сол меафзояд. Ба кор андохтани ду блоки аввалини НБО-и Роғун (шашум ва панҷум), фаъолсозии ҳалқаи энергетикии минтақа ва эҳтимоли иштирок доштани Ӯзбекистон дар сохтмони иншооти нави гидротехникӣ дар ҳавзаи рӯди Зарафшон дар Тоҷикистон, намунаи ин ҳамкориҳоянд.

Дар ду соли охир Ӯзбекистон ба харидори асосии барқи Тоҷикистон табдил ёфтааст, ки он бо нархи дохилӣ — 2 сент барои 1 кВт/соат — ба кишварҳои ҳамсоя фурӯхта мешавад. Чунон ки қаблан зикр шуд, 56% содироти барқи Тоҷикистон ба Ӯзбекистон рост меояд. Ӯзбекистон инчунин гази табииро бо нархи арзон ба Тоҷикистон содир мекунад. Дар маҷмуъ, кишварҳои минтақа, махсусан Ӯзбекистон, ҳамчун бозори муҳими фурӯши барқи истеҳсолшуда дар Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Бо афзоиши солонаи талабот ба нерӯи барқ дар Ӯзбекистон, иқтидорҳои энергетикии Тоҷикистон бешак ҷолиб боқӣ мемонанд.

Аз ин рӯ, дар сиёсати минтақавии Тоҷикистон ҳамкории обиву энергетикӣ аҳамияти ҳаётӣ дошта, татбиқи иқтидорҳои мавҷудаи кишварро дар ин самт тақозо мекунад.

Имрӯз барои Тоҷикистон муҳим аст, ки мактаби миллӣ оид ба таҳқиқоти Осиёи Марказӣ таъсис дода шавад, ки ҳамаи соҳаҳо ва мушкилоти рӯзмарраро дар минтақа фаро гирад. Ба сифати самтҳои афзалиятнок бояд омӯзиши равандҳои дорои аҳамияти минтақавӣ интихоб гардад, аз ҷумла масоили амният, мубориза бо экстремизм, терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир.

Омӯзиши равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои минтақа низ бояд афзалият дошта бошад, зеро маҳз бо дарназардошти хусусиятҳои ин равандҳо метавон сиёсати минтақавии муассир ва амалиро ташаккул дод.

Нигоҳи нави геополитикӣ ба Осиёи Марказӣ тақозо менамояд, ки муносибатҳо боз ҳам амиқтар гарданд, тиҷорати байнидавлатӣ густариш ёбад, мавқеъҳо дар масъалаҳои фишор ба минтақа ва масъалаҳои глобалӣ ҳамоҳанг гарданд ва дар баробари ин мавқеи умумӣ дар мавриди лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавии пешниҳоднамудаи бозигарони хориҷӣ ташаккул дода шавад.

Дар ин замина, ҳамкории коршиносону таҳлилгарони минтақа метавонад нақши муҳимеро дар баррасии мушкилоти мавҷуда ва таҳияи роҳҳои нави рушди ҳамкории байниминтақавӣ иҷро намояд.

Ташаккули манфиати умумиминтақавӣ, ки ба манфиатҳои миллӣ мухолиф набошад, як шарти зарурӣ ба шумор меравад. Барои ин ҳама заминаҳо вуҷуд доранд: минтақа дорои захираҳои фаровони инсонӣ ва табиӣ мебошад. Дар равобити байналмилалӣ, шабоҳат ва наздикии вазъ метавонад таъсири манфии бозигарони ғайриминтақавиро коҳиш диҳад.

Бе чунин фаҳмиш, минтақа дар роҳи иҷрои сиёсатҳои қудратҳои хориҷӣ қарор мегирад. Тадбирҳои пайваста бояд барои таҳкими тафаккури минтақавӣ андешида шаванд. Барои ташаккули чунин тафаккур зарур аст, ки муҳтавои дохилӣ ва хориҷии манфиати минтақавӣ муайян карда шавад, робитаи он бо манфиатҳои миллӣ фаҳмида шавад.

Бо наздиксозии манфиатҳои миллӣ метавон матритсаи манфиатҳои дарозмуддати минтақаи Осиёи Марказиро таҳия кард. Дар ин самт, пеш аз ҳама, муҳим аст, ки сиёсатмадорон ва коршиносон омодаи ҳамдигарфаҳмӣ ва манфиати муштарак бошанд.

Раҳбарияти сиёсӣ ва коршиносони тоҷик ҷонибдори густариши ҳамкории ҳамаҷониба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, ки ба манфиатҳои муштарак такя менамояд.

Бо дарназардошти имкониятҳои кишвари мо, самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ инҳоянд:

– таъминоти об ва энергетика;

– нақлиёт ва алоқа;

– масъалаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона;

– сайёҳии кӯҳӣ ва тандурустӣ;

– чораҳои муштарак оид ба таъмини амният;

– диверсификатсияи долонҳои нақлиётӣ (аз ҷумла лоиҳаи долони Вахон);

– ҳалли мушкилоти норасоии нерӯи барқ, дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ва обёрӣ.

Дар давраи муосир, минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун муҳити геополитикӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дорои аҳамияти стратегӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба устуворӣ, амният ва рушди ҳамгироии минтақа сахт вобастаанд. Сиёсати хориҷии кишвар дар тӯли се даҳсолаи охир тавассути равандҳои музокиротӣ, иқдомҳои дипломатӣ ва барномаҳои иқтисодӣ тавонистааст мавқеи худро дар минтақа таҳким бахшад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари мушкилоте чун муноқишаҳои сарҳадӣ, тақсими обу энергетика, таҳдидҳои амниятӣ ва рақобатҳои геополитикӣ, инчунин бо имкониятҳои муҳими ҳамкории иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва стратегӣ рӯ ба рӯ аст. Самтҳои афзалиятнок, аз қабили ҳамкории обу энергетика, истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ, таъмини амнияти минтақа, мубориза бо терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин тавсеаи муносибатҳои гуманитарӣ ва фарҳангӣ, метавонанд асоси рушди устувори ҳамгироии минтақа гарданд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, Тоҷикистон бояд ташаккули мактаби миллии таҳқиқоти Осиёи Марказиро ҳадафи худ қарор диҳад, ки ин боиси таҳкими иқтидори таҳлилӣ, тарбияи мутахассисони ҷавон ва густариши ҳамкориҳои байниминтақавӣ мегардад.

Дар шароити тағйироти ҷиддии геополитикӣ ва баланд шудани рақобати байналмилалӣ дар минтақа, танҳо тавассути рушди низоми ҳамоҳанг ва таҳкими манфиатҳои муштараки миллӣ метавон ба як модели устувори амният ва ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ ноил гашт. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои дарозмуддати худ, бояд дар ин раванд мавқеи фаъол

дошта бошад ва сиёсати минтақавии худро бар асоси воқеиятҳои нав ва таҳдидҳои эҳтимолӣ роҳандозӣ намояд.

Литература

1. Саидов, З.Ш. Основные интересы внешней политики Таджикистана в конце века / З.Ш. Саидов. - Понедельник: Контраст, 2011. -С.13-14.
2. Концепция внешней политики Республики Таджикистан. Принят Президентом Республики Таджикистан 27 января 2015 г. № 332. URL: http://mfa.tj/ru/pravovaya-osnova-vp/kontceptciya-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan. html
3. Выступление на второй консультативной встрече лидеров стран Центральной Азии. [29.11.2019 16:44, Ӯзбекистан]. URL: http://www.president.tj /ru/node/21887
4. Назаров Т., Сатторзода А. Современная дипломатия Таджикистана. - Двуязычный: наушники, 2006. –С.126. (На таджикском языке)
5. Присяга Усмонов И. Миротворец. –Дозбанбех: Бебок, 2017. –С.64. (На таджикском языке)
6. Муллоджанов П. Мировые центры силы в Центральной Азии и Таджикистане: динамика и перспективы влияния // Центральная Азия и Кавказ. -2006. -No 3 (45) –С.63-72.
7. Рахнамо А. Афганистан и Центральная Азия: особенности и перспективы взаимодействия. - Двуязычный: наушники, 2015. -380-е гг. (На таджикском языке)
8. Верхотуров Д. Не сто миллионов: что дает экспорт электроэнергии Таджикистану [27.01.2020]. Адрес в Интернете: https://tj.sputniknews.ru /country/20200127/1030612560/ Tajikistan-export-electronics.html
9. «Что такое рынок? Такова аналитическая школа». [29.08.2014]. URL: http://ipp.ivisa.com /ru/news/2894/
10. Хуррамов Х. «Ты туда не ходи ...». Становится ли граница инструментом политического давления в Центральной Азии? [04.03.2019]. URL: https://rus.ozodi.org /a/29859257.html

ОСИЁИ МАРКАЗӢ: МАНФИАТҲОИ ҲАЁТӢ ВА СТРАТЕГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МИНТАҚА

Муаллиф дар мақола фаъолияти тӯли 30 соли охир дар фазои сиёсӣ ва касбии Осиёи Марказӣ чанд лоиҳаи ҳамгироӣ ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ мавриди баррасӣ ва ташаббус қарор гирифтаанд нишон додааст. Ин лоиҳаҳо ба манфиатҳои умумии иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ асос ёфтаанд ё аз берун пуштибонӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар ин давра Чин ҳамчун як бозигари муассир вориди минтақа шуд. Таъсиси СҲШ, инчунин сармоягузории Чин ба иқтисоди кишварҳои минтақа, мавқеи кишварро дар Осиёи Марказӣ тадриҷан мустаҳкамтар кард. Дар Тоҷикистон лоиҳаҳои нақлиёту коммуникатсия амалӣ карда шуданд, ки яке аз муҳимтаринашон оғози сохтмони шоҳроҳи Душанбе-Чанак (пайванди пойтахт бо вилояти Суғд ба сарҳади Ӯзбекистон), Душанбе-Карамик (пайванди пойтахт бо қисмати шарқии кишвар ба сарҳади Қирғизистон), Душанбе-Турсунзода (тағдиди роҳи Ғарб, инчунин хатти барқи шимолӣ бо Тоҷикистонро ба ҳам мепайвандад), хамаи районхои мамлакат. Имрӯз нақши Чин дар сиёсати минтақавӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, тадриҷан афзоиш меёбад.

Калидвожаҳо: сиёсат, давлат, ҳамкорӣ, мустақилият, вилоят, истиқлолият, манфиат, фарҳанг, тамаддун, дурнамо, пешравиҳо, комёбиҳо.

ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ ЖИЗНЕННО ВАЖНЫЕ ИНТЕРЕСЫ С РЕГИОНОМ В ТАДЖИКИСТАНА

Автор в статье показывает, что за последние 30 лет в политическом и профессиональном пространстве Центральной Азии обсуждалось и инициировалось несколько интеграционных проектов, как на региональном уровне, так и негосударственными акторами. Эти проекты основаны на общих экономических, культурных и цивилизационных интересах или поддерживаются извне.

Следует отметить, что в этот период Китай вошел в регион как эффективный игрок. Создание ШОС, а также китайские инвестиции в экономики стран региона постепенно усилили позиции страны в Центральной Азии. В Таджикистане реализованы транспортно-коммуникационные проекты, одним из важнейших из которых является начало строительства автодороги Душанбе-Чанак (соединяющей столицу с Согдийской областью до границы с Ӯзбекистаном), Душанбе-Карамик (соединяющей столицу с восточной частью страны до границы с Киргизией), Душанбе-Турсунзаде (реконструкция Западной автодороги, а также северной линии электропередачи, соединяющей Таджикистан), все регионы страны. Сегодня роль Китая в региональной политике, в том числе и в Таджикистане, постепенно возрастает.

Ключевые слова: политика, государство, сотрудничество, независимость, регион, суверенитет, интересы, культура, цивилизация, перспективы, прогресс, достижения.

CENTRAL ASIA: VITAL AND STRATEGIC INTERESTS OF TAJIKISTAN IN THE REGION

The author shows in the article that over the past 30 years, several integration projects have been discussed and initiated in the political and professional space of Central Asia, both at the regional level and by non-state actors. These projects are based on common economic, cultural and civilizational interests or are supported from outside.

It should be noted that during this period, China entered the region as an effective player. The establishment of the SCO, as well as Chinese investments in the economies of the countries of the region, gradually strengthened the country's position in Central Asia. Transport and communication projects have been implemented in Tajikistan, one of the most important of which is the start of construction of the Dushanbe-Chanak highway (connecting the capital with the Sughd region to the border with Uzbekistan), Dushanbe-Karamik (connecting the capital with the eastern part of the country to the border with Kyrgyzstan), Dushanbe-Tursunzoda (reconstruction of the Western highway, as well as the northern power line connecting Tajikistan), all regions of the country. Today, China's role in regional politics, including Tajikistan, is gradually increasing.

Keywords: politics, state, cooperation, independence, region, sovereignty, interests, culture, civilization, prospects, progress, achievements.

Дар бораи муаллиф

Ахиева Саодат Умарбековна
Номзади илмҳои сиёси, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 918 440 149.
E – mail: milledi2000@mail.ru

Об авторе

Ахиева Саодат Умарбековна
Кандидат политических наук, преподаватель общеуниверситетской кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел: (+992) 918 44 01 49.
E – mail: milledi2000@mail.ru

About the author

Akhieva Saodat Umarbekovna
Candidate of Political Sciences, Lecturer at the University of Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 440 149
E-mail: milledi2000@mail.ru

ТДУ 316.77:004.738.5

НАҚШИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Қаландаров Ф.Ш.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар шароити бархурди фарҳангҳо ва ташаккули равандҳои мухталиф дар фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир шабакаҳои иҷтимоӣ нақши ногусастанӣ дошта, воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба ҳисоб мераванд. Нахуст бо пайдоиши шабакаҳои радиошунавоию иттилоърасон, шабакаи умумиҷаҳонии интернет, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва минбаъд шабакаҳои иҷтимоӣ дар мубодилаи афкор дар фазои иттилоотӣ ба одамон имконияти беҳтарсозии фаъолият ва пешбурди зиндагии сифатан хубтарро фароҳам сохт.

Бо рӯи кор омадани шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди Facebook дар соли 2004, Youtube дар соли 2005, Instagram дар соли 2010, «ВКонтакте» дар соли 2006 ва барномаҳои гуногуни ба шабакаи интернет алоқаманд, тиҷорати рақамӣ ва муомилоту мубодилаи афкори мустақим байни одамон ташаккул ёфта, василаи қавӣ гардидани муносибатҳои иқтисодию бозоргонӣ ва зина ба зина заминаи болоравии донишу малакаҳои техникию технологии одамон гардид [9].

Таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба вазъи рушди соҳаи тиҷорати рақамӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ хеле муфид мебошанд ва далели ин гуфтаҳо фаъолнокии шумораи хеле зиёди интернет-мағозаҳо ва фурӯшҳои мустақим дар фазои иттилоотӣ буда метавонад. Мутобиқи як таҳқиқоти байналмилалии гузаронидашуда 73% маркетологҳо шабакаҳои иҷтимоиро омили ташаккулёбии ширкатҳои тиҷоратӣ номидаанд. Инчунин, мутобиқи маълумотҳои ширкати Google дар 90% ҳолатҳо мизоҷон бевосита тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бо фурӯшандагон муошират намудаанд [15].

Дар шароити рақамисозии фаъолияти ҳаётии одамон истифодаи имкониятҳои васеи шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти калон доранд. Бо дарназардошти талаботи имрӯзаи бозор ва афзоиши шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба манфиати иқтисоди миллӣ ва мутобиқшавӣ ба навгониҳои имрӯзаи техникию технологӣ ва барномавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Нақши имрӯзаи шабакаҳои иҷтимоӣ чун Facebook, Instagram ва YouTube дар азхудкунии донишу малака ва илмҳои замони муосир назаррас мебошанд. Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳад, дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ китобҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, сарчашмаҳои гуногуни илмӣ дар шакли электронӣ, дарсҳои аудио-видеоӣ, курсҳои омӯзишии онлайнӣ, машғулиятҳои таълимӣ ва дигар имкониятҳои бемаҳдуд дастраси корбарон мебошанд, ки истифодаи мақсаднок ва самараноки онҳо ба раванди илмомӯзӣ ва таълиму тарбия метавонад, таъсири мусбат расонида, барои омодасозии мутахассисони касбу кори гуногун имкониятҳои васеъ фароҳам созад.

Аз таҳқиқи масъала маълум гардид, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун василаи муҳимми ҳаёти одамон эътироф гардидаанд ва тавассути онҳо табодули ахбороти хислати гуногун, роҳандозии ҳамкорӣ, гузаронидани гуфтушунидҳои онлайнӣ, шиносоӣ, муҳокимаи масъалаҳо, баёни озод ва бемаҳдуди фикру андешаҳои корбарон низ истифода мегарданд [3]. Дар асоси таҳқиқоти соҳа ба ҳисоби миёна ҳамарӯза одамон 2 соату 30 дақиқа вақти худро дар истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар кишварҳои пешрафта муносибат ба вақт дар шабакаҳои иҷтимоӣ гуногун аст. Масалан, сокинони Фаронса 1 соату 28 дақиқа, Олмон 1 соату 15 дақиқа, Ҷопон 45 дақиқа, ИМА ва Британияи Кабир қариб 2 соат вақти холигии худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарф мекунанд, ки назар ба дигар кишварҳои боқимондаи ҷаҳон камтар мебошад [11]. Тавре мушоҳида мегардад, дар кишварҳои пешрафта таваҷҷуҳ ба шабакаҳои иҷтимоӣ фарқкунанда мебошад ва корбарон дар ин шабакаҳо вақти камтари худро сарф мекунанд, ки аз вижагиҳои фарҳанги истифодаи самараноки вақт ва сатҳи

таъсиррасонии нисбатан камтари шабакаҳои иҷтимоӣ ба руҳияи сокинони ин кишварҳо шаҳодат медиҳад.

Омили ҷорӣ намудани шабакаҳои иҷтимоӣ дар пешбурди фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз он сарчашма мегирад, ки шаҳрвандони мамлакат чӣ дар дохил ва чӣ берун аз он аз фаъолияти ҳаётии давлат бохабар бошанд ва дар равандҳои ташаккули ҷомеаи имрӯза иштироки фаъолона дошта бошанд. Солҳои охир вазорату идораҳо ва ниҳодҳои давлатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз қабили Facebook, Instagram ва YouTube саҳифаҳои расмӣ боз карда, аз хабарҳои рӯз, қабули қонуну қарорҳо, дастовард ва навгониҳои фаъолияти худ пайваста нашрҳо мегузоранд ва бо ин роҳ ба шаҳрвандони мамлакат иттилооти расмӣ пешниҳод мегардад ва ин як навъ воситаи самараноки таъмини амнияти иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ ба шумор меравад, ки ба шарофати он эътимод ва боварии шаҳрвандон ба сарчашмаҳои расмии иттилоотӣ меафзояд.

Дар маҷмуъ, ба сифати омилҳои мусбати шабакаҳои иҷтимоӣ метавон рушди тиҷорати рақамӣ, таҳсилоти мустақим (онлайнӣ), васоити ахбори оммаи мустақим, воситаи тарғиботӣ ва ташвиқотии соҳаҳои мухталифи фаъолияти ҷамъиятию давлатиро ном бурд, лек аз ҷониби дигар ғасби иттилоот, фишори фарҳанги бегона болои шаҳрвандони мамлакат, таҳдидҳои бевосита ва бавосита ба амният ва бадтар аз ҳама ба бесаводмонии қишри зиёди ҷавонон низ оварда расонида истодааст, ки дар шароити имрӯза ба амнияти давлатҳо таҳдид менамояд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти илмии то ин ҷониб анҷомдодашуда дар самти таъсиррасонии манфии шабакаҳои иҷтимоӣ ба руҳия ва саломатии инсон борҳо собит намудааст, ки сарфи назар аз маъруфияти худ шабакаҳои мазкур ба баланшавии сатҳи депрессия, хатари бештари зиёнрасонӣ ба солимии руҳӣ ва худбаҳодиҳии ғайриқаноатбахш оварда мерасонад [14]. Дар баробари ин, раванди ҳоло аз ҳама манфӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ идомадошта ин худқиёснамоӣ бо дигар иштирокчиёни шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба туфони осебпазири ташаккули солимии руҳии одамон табдил ёфтааст. Ба ин маънӣ, ҳоло метавон тасдиқ кард, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ имконияти бемамоният паҳн намудани идеологияи ғайр, амалӣнамудани амалиёти таъсиррасонанда ба афкори ҷамъиятӣ, тарзи зиндагӣ, стандартҳои ғайривоқеии зебоӣ ва таъсиррасонӣ ба саломатии руҳии иштирокчиёни ин равандҳо, махсусан ҷавонон мавҷуд мебошад.

Мутаассифона, солҳои охир дар пайи таъсиррасонии бештари шабакаҳои иҷтимоӣ ба руҳияи одамон, тағйири афкори ҷомеа, муносибат, бегонапарастӣ, гаравидан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, таҳдидҳо ба амнияти шахсию ҷамъиятӣ ва арзишҳои миллӣ аз масъалаҳои ташвишовare мебошанд, ки омӯзиши васеъ ва таҳлили ҳамаҷонибаи илмиро тақозо менамоянд. Воқеан, солҳои охир таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳадде расидааст, ки миқёси таъсиррасонии қавии бамаротибро ба аҳолӣ касб карда, дар баробари омилҳои мусбат дар ибтидои истифодабарӣ касби омилҳои манфӣ дар замони муосир бештар ба назар мерасад. Бешубҳа, дар шароити рушди босуръати бозори хизматрасониҳои электронӣ ва маҳсулоти хислати иттилоотидошта шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаҳои асосии пешбурди фаъолияти инсон табдил ёфта, дар ин радиф чун дигар восита ва арзишҳои моддию маънавӣ аз ҳарвақта дида бештар ба нигоҳдорӣ ва ҳимояи эътимоднок эҳтиёҷ пайдо менамояд.

Мутобиқи омори байналмилалӣ ба ҳолати моҳи марти соли 2024 дар саросари ҷаҳон 5.17 млрд корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 63.82% аҳолии сайёраро ташкил менамояд ва пешсафтарин шабакаи иҷтимоӣ Facebook бо шумораи 3.05 млрд корбарон эътироф гардидааст. Аз рӯи шумораи корбарон Ҷумҳурии Мардумии Чин бо шумораи 1.02 млрд дар мақоми аввал, Ҳиндустон 755.47 млн дар мақоми дуюм ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка 302.25 млн дар мақоми сеюм қарор доранд [19].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рушди техникию технологии замони муосир дар канор буда наметавонад ва бо мақсади ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани хизматрасониҳои электронии давлатӣ, рушди тиҷорати рақамӣ, ҳамзамон таъмини амнияти иттилоотии мамлакат ҳанӯз пас аз касби Истиқлоли давлатӣ як қатор қонунҳои соҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро ҷиҳати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар мамлакат, ташаккули ҳукумати

электронӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар сатҳи дахлдор қабул намудааст, ки бевосита аз рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакат ва воридоти босуръати технологияҳои рақамӣ шаҳодат медиҳад. Бояд гуфт, ки новобаста аз рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва воридоти босуръати технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир чолишҳои нав, аз қабили таҳдиди истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо ҳадафҳои нопок ва тахрибкорона зиёд ба чашм мерасад.

Донишмандони ватанӣ.Муҳаммад А.Н ва Абдуҷалилов А. ба ин назаранд, ки қисми зиёди нафароне, ки ба сафи гурӯҳҳои экстрамистию террористӣ мегараванд, маҳз дар шабакаи иҷтимоӣ мағзшӯӣ мешаванд [6]. Мутаассифона, хеле зиёд мушоҳида мегардад, ки аксарияти шабакаҳои иҷтимоӣ чун Youtube, Facebook, Instagram, Tik Tok, Telegram, LinkedIn, Twitter ва ғайраҳо аз ҷониби қувваҳои беруна бо мақсади таъсиррасонии манфӣ ба руҳияи одамон, тағйири афкори ҷомеа, таъсири идеологияи ифротӣ ва радикалӣ, гаравидан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва ташвику тарғиби бегонапарастӣ истифода мешаванд.

Вобаста ба ин масъала профессор П.А.Муҳаммадзода ибрози андеша карда, чунин қайд намудааст: «Гурӯҳҳои ифротиву террористӣ бо назардошти иштирок ё ҳузури бештари шаҳрвандон дар фазои иттилоотӣ ва имконоти таъсиррасонӣ ба доираи васеи афкори ҷамъиятӣ ҷиҳати бо мақсади халалдор кардани амнияти иттилоотии кишварҳо бештар интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро василаи фаъолияти худ қарор медиҳанд. Зеро, ин василаи хеле осон, имконияти нав ва қуллай инчунин, аз нуқтаи назари вақт хеле тез барои расидан ба ҳадафҳои нопоки онҳо мебошад» [7]. Ба андешаи муҳаққиқон «Тамаддуни итилоотӣ дар асри XXI дар баробари пешравии шадиди илму технологияи нав боз зуҳуротҳои номатлубро, ки гурӯҳҳои ифротӣ аз он суистифода менамоянд, рӯи кор овардааст» [1, с. 32]. Онҳо ба ин назаранд, ки идеологияи гурӯҳҳои ифротгаро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда мешаванд ва вобаста ба пешгирии чунин зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа таҳкими маърифатнокӣ, худшиносии миллӣ ва зиракӣ омилҳои муҳимми пешгирикунанда муайян гардидаанд. Муҳаққиқони дигар Б.Ҷ.Самиев ва Ш.П. Бердиев ба ин андешаанд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва мубодилаи иттилоот ҳарчанд аз як тараф ба рушди зеҳният ва ташаккули тафаккури аҳли ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон ба таври мусбат мусоидат намоянд, аз тарафи дигар маншаи пайвастани ҷавонони ноогоҳу гумроҳ ба созмонҳои ифротӣ мебошанд [8]. Воқеан, омили асосии чун воситаи афзалиятноки таъсиррасонӣ ва тағйири афкори ҷомеа истифода гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ ба он асоснок мегардад, ки тавассути он сарфаи вақт, хароҷоти нисбатан камтари воситаҳои пулӣ, таъсиррасонии бештар бо назардошти мавзуи мушаххас ва гурӯҳҳои осебпазир барои таъсиррасонӣ, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ ва муҳимтар аз ҳама ба осонӣ расонидани таъсир ба афкори ҷомеа буда метавонад.

Бешубҳа нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн намудани ахбор ва маводҳои алоҳида, ки ташаккули афкори ҷомеаро фаро мегирад, назаррас мебошанд [18]. Ҳарчанд имрӯзҳо аз як тараф шабакаҳои иҷтимоӣ одамонро дар атрофи амалисозии ҳадафҳои умумӣ, ҳифзи ғоя ва арзишҳои миллӣ муттаҳид созанд, аммо аз тарафи дигар зиёд ба назар мерасад, ки онҳо баръакс ба майдони муборизаҳои иттилоотӣ ва таъсиррасонии манфӣ болои афкори ҷомеа табдил меёбанд. Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, бисёре аз истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули манфии афкори ҷомеа, ки пур аз маълумотҳои бардуруғ, наворҳои таҳқиромез, зӯроварӣ ва бор кардани фарҳанги бегона болои мардум аст, иштирокчии бевосита мебошанд. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи ватанӣ Х.К.Сафарализода шабакаҳои иҷтимоиро сарчашмаи асосии паҳн шудани фарҳанги бегона ва хабарҳои носаҳеҳ медонад. Ба андешаи ӯ, чунин ҳолат ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад ва аксари одамон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ гардида, ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ ва экстремистӣ мепайванданд [10]. Ба андешаи мо, дар чунин шароит зарур аст, ки истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ пеш аз дарки пурраи ин ё он масъала аз тафаккури интиқодӣ бо роҳи таҳлили ҳамаҷонибаи масъала пардозанд ва аз зарари гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатдори ҷинояткор эмин бошанд. Чунин вазъият истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоиро водор менамояд, ки дар корзори муборизаҳои иттилоотӣ дар қабул ва паҳн намудани иттилоот ва ғояҳо бо эҳтиёт ва масъулияти баланд муносибат намоянд, зеро айни

замон шабакаҳои иҷтимоӣ бо ҳадафҳои нопок, таҳмили идеологияи таҳрибкорона ва умуман таъсиррасонии манфӣ истифода мегарданд.

Масъалаи дигари ташвишоваранда таъсири идеологияи ифротӣ ва радикалӣ мебошад, ки баъд аз касби Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 аз ҷониби қувваҳои дохилию хориҷӣ роҳандозӣ гардид ва натиҷаи он ҳам бо ҷанги таҳмилӣ дар мамлакат анҷом ёфта буд. Омили асосии таъсиррасонии бошиддати идеологияи ифротӣ ва радикалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар фазои иттилоотии Ватани азизамон бо таҳкими мавқеи созмонҳои террористию экстремистӣ дар қаламрави ҳамсоякишвари Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, муҳорибаҳои хунин дар баъзе малакатҳои ҷаҳони араб бо номи «Баҳори араб» мебошад, ки ҳазорон ҷавонони ноогоҳи мамлакатро ба ҷабҳаҳои хунини ҷангӣ бо роҳу воситаҳои гуногун тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ зери шиори ҷиҳод даъват намуда, қурбонӣ намуданд. Далели бебаҳс аст, ки дар ин набардҳо воситаи асосии таъсиррасонии идеологӣ, ҷалби ҷангиёни ифротӣ, маблағгузории амалиётҳои террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет роҳандозӣ гардида буд. Истифодаи фаъолонаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар таҳрики ноороміҳои «Баҳори араб» дар солҳои 2010-2011 ва ташкили тазоҳуроти густурдаи чандинмоҳа дар маркази Киев ва дигар шаҳрҳои Украина дар солҳои 2013-2014 шаҳодати гуфтаҳои боло мебошад.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ шаклҳои нави ҷанги иттилоотӣ ва фазои муносиби таблиғотӣ, ҷалби тарафдорон ва паҳн намудани таҳдиди амалиёти террористиро фароҳам сохт. Чунончӣ, Директори идораи алоқаи ҳукумати Британияи Кабир П.Х.Роберт дар мақолаи худ «Террористон интернетро ҳамчун шабакаи идораи фаврӣ истифода менамоянд», ки рӯзномаи «The Financial Times» онро ба чоп расонид, омадааст [17]: террористони ДИИШ аз имкониятҳои интернет барои сохтани шабакаи ҷаҳонии террористии байналмилалӣ ва ифротгароён паёмрасонҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди Twitter, Facebook ва WhatsApp - ро барои таблиғи ғояҳои худ ва ҷалби аъзои нав истифода менамоянд. Вобаста ба ин, коршиносон ба ин назаранд, ки қишри аз ҳама осебпазир ҷавонони синну соли 14-22 сола ба доми фиреби созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ меафтанд [4]. Ин ҳам бо сабаби паст будани маърифати ҳуқуқӣ, ба камолоти ақл нарасидани ҷавонон, донишҳои нокифояи динӣ, ҷаҳонбинии маҳдуд, надоштани малакаҳои худбаҳодиҳию худтанзимкунӣ ва таълиму тарбияи нодуруст дар хонавода ва ҷомеа мебошад, ки ба осонӣ зери таъсири идеологияи ифротӣ ба сафи ин гуна гурӯҳҳо ва созмонҳо шомил мегарданд.

Набояд фаромуш кард, ки таъсири идеологияи ифротӣ ва радикалӣ таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти давлат мебошад. Аз ин хотир, вобаста ба ошкор, пешгирӣ, бартараф сохтани тарғиботи терроризм, фаъолияти террористӣ, маблағгузории терроризм ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, барномаҳо ва нақша-чорабиниҳои дахлдор амалӣ мегарданд. Мисоли мушаххаси ин гуфтаҳо, самаранок роҳандозӣ гардидани «Барномаи давлатӣ оид ба муборизаи бар зидди терроризм ва зуҳуроти дигари экстремизм барои солҳои 2006-2010» ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» мебошанд. Аллакай, аз нимаи дуюми соли 2021 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мавриди амал қарор дорад. Дар стратегияи мазкур дарҷ гардидааст, ки «созмонҳои экстремистию террористӣ ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи аъзои нав бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботӣ мебаранд» [12]. Бояд гуфт, ки санади мазкур фарогири самтҳои ҳамаҷонибаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм буда, ба ҳамоҳансозии кӯшишҳо ва андешидани тадбирҳо дар самти пешгирии хатар ва таҳдидҳои экстремизм ва терроризм нигаронида шудааст, ки ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзии давлат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ мақсадҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, дар шароити рушди технологӣ ва афзоиши ҷиноятҳо бо истифода аз ТИК зарурати пешгирии ҷиноятҳои хислати террористию

экстремистидошта ва вусъат бахшидани ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои ҷиноятҳо дар фазои иттилоотии мамлакат ба миён омад. Бо ин мақсад, соли 2023 дар назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шуд [13]. Қайд кардан ба маврид аст, ки таъсиси чунин марказ дар самти пешгирии ҷиноятҳои терроризм, экстремизм ва киберҷиноятҳо иқдоми саривақтӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Тибқи омори байналмилалии «Data reportal» ба ҳолати моҳи январи соли 2024 дар қаламрави мамлакат 4.25 млн истифодабарандагони интернет ба қайд гирифта шудаанд, ки 41.6% аҳолиро ташкил менамояд. Шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ба 1.60 млн нафар баробар будааст, ки 15.6% аҳолии мамлакатро дар бар мегирад [16]. Бо назардошти афзоиши пайвастаи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои иттилоотии мамлакат, таъмини амнияти иттилоотӣ аҳамияти бештар пайдо менамояд. Зеро мавҷуд будани шабакаҳои иҷтимоӣ ва осебпазир будани сатҳи ҳимояи фазои иттилоотӣ аз хавфу таҳдидҳои мавҷуда метавонад барои шахс, ҷомеа ва давлат оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Бо афзоиши мунтазами шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва назарфиребии сиёсӣ густариш меёбад, ки таҳлили васетари психологию иҷтимоии истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро дар шароити муосир тақозо менамояд.

Масъалаи дигаре, ки бояд ба он таваҷҷуҳ намуд муносибат ва пешгирии бегонапарастӣ дар фазои иттилоотӣ миёни истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ба ин масъала мешавад тамошо ва тарғиби пайвастаи филмҳои туркиро шомил намуд, ки ба ҷомеа ва тарзи зиндагонии мардум таъсири амиқ расонида, ба арзишҳои миллию фарҳангии чандинҳазорсолаи мардуми мамлакат зиён расонида истодааст. Таассуфовар аст, ки дар баробари ин баъзе фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ ба густариши шаклҳои гуногуни муносибат ва пайравӣ аз фарҳанг ва маданияти мардумони дигар тамаддунҳо ихтиёр пеша намуда, ба тавсеаи арзишҳо ва муносибатҳои тамоман бегона афкори ҷомеаро то андозае тағйир медиҳанд. Ҳамин тариқ, таблиғи арзиш ва меъёрҳои фарҳанги бегона метавонанд, ба афкори ҷамъиятӣ ба таври назаррас таъсир расонида, ба ташаккули муносибатҳои нав ва харобиовари иҷтимоӣ оварда расонанд.

Муҳаққиқон исбот намудаанд, ки истифодаи бошиддати шабакаҳои иҷтимоӣ дар оилаҳо афсурдаҳолиро ташаккул дода, муносибатҳои байниҳамдигариро заиф менамоянд [4]. Гузашта аз ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки одамон дар шабакаҳои иҷтимоӣ бештар ҳаёти дигаронро пайгирӣ намуда, чизҳои нав меомӯзанд ва пайи ҳамдигар шаклҳои нави муносибатро рӯнамоӣ менамоянд. Аз ин рӯ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳифзи муносибат ва пешгирии бегонапарастӣ кори пурмасъулияте мебошад, ки аз истифодабарандагони онҳо донишу малакаи зарурии истифодаи самаранокро тақозо менамоянд.

Гузашта аз ин, бо афзоиши шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ чолишҳои зерин ба амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ чун кибертаҳдидҳо, махфияти маълумотҳои фардӣ, маълумотҳои бардурӯғ, сиҳатии равонӣ ва таҳқир дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд ба назар мерасад. Бо ин мақсад ҷиҳати таъмини амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷорӣ намудан муқаррароти қонунгузорӣ ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ба воситаи афзалиятноки батанзимдарории низоми амнияти иттилоотӣ табдил меёбад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ таҳдиду чолишҳои нав дар шаклҳои гуногун зуҳур менамоянд ва аксари онҳо ба арзишҳои миллӣ ва солимии афкори ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонанд. Ба сифати ингуна таҳдиду чолишҳо метавон коста гардидани мавқеи забони давлатӣ, бегонапарастӣ, беэҳтиромӣ ба гузаштагон, майл надоштан ба омӯзиши таърихи ватанӣ, бетафовутӣ дар риояи расму оин ва анъанаҳои миллиро мисол овард. Ғайр аз ин, дар фазои иттилоотӣ ҳолатҳое кам нест, ки гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои алоҳида миёни қавму миллатҳо тафриқа ва ҷудоӣ андохта, арзишҳои миллиро коста ва сулҳу суботи мамлакатҳоро бо роҳу воситаҳои гуногуни ғаразнок халалдор намудаанд. Набояд фаромӯш сохт, ки арзишҳои миллӣ ҳамчун шиносномаи миллат ифодагари гузашта ва фардои миллат эътироф гардидааст. Бинобар ин, ҳар як миллату давлатро зарур аст, ки барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва мавқеи худ дар сатҳи байналмилалӣ дар ҷанбаҳои психологию технологӣ таваҷҷуҳи

махсус зоҳир намояд. Зеро дар шароити зудтағйирёбандаи равандҳои ҷаҳонишавӣ чолиш ва хатарҳои амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат, ки бевосита ба косташавии арзишҳои миллӣ оварда мерасонад, аз ҳарвақта дида бештар зуҳур менамоянд.

Мавриди ба зикр аст, ки рӯи кор омадани интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти одамон, фаъолияти давлатӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ афкори ҷомеа тағйироти куллӣ ворид намуд. Бешубҳа, давоми даҳсолаи охир интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ омили таъсиррасон на танҳо ба равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятии як давлати алоҳида, балки масъалаи фарогири сатҳи байналмилалӣ низ ба ҳисоб меравад. Зеро интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба равандҳои дохилии ҳам кишварҳо ва ҳам муносибатҳои байналмилалӣ таъсири амиқ расонида, омили муҳимми ташаккули афкори умум ва равандҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ гардидааст.

Аз омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бармеояд, ки дар шароити муосир масъалаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба афкори ҷомеа таваҷҷуҳи зиёди донишмандони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Олимону донишмандон ба баррасии ҷанбаҳои мусбат ва манфии шабакаҳои иҷтимоӣ дар самтҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ машғул гардида, нақш ва таъсири онҳоро дар ҷомеа муайян намуда, андешаҳои мухталифи илмиро пешниҳод намудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба афкори ҷамъиятӣ мавзуи муҳимми таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, равандҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки бо назардошти шароити муосир барои ҷомеаи Тоҷикистон рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муҳим дониста мешавад, зеро он яке аз омилҳои асосии болоравии саноат, ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, тавсеаи тиҷорати рақамӣ ва роҳандозии васеи хизматрасониҳои электронӣ мебошад. Набояд фаромӯш сохт, ки дар баробари рушди соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тавсеаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ташаккули муҳити иттилоотӣ дар мамлакат масъалаи ҳифзи фарҳанги миллӣ, афкори солими ҷомеа ва таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамчун вазифаҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд. Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои таъсиррасонии манфӣ, ки бо мақсадҳои сиёсию идеологӣ дар муҳити иттилоотӣ анҷом дода мешавад, зарурати ҳифзи фазои иттилоотии мамлакат ва манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот, баланд бардоштани донишҳо ва маданияти иттилоотии шаҳрвандон, самаранок ба роҳ мондани истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва технологияҳои иттилоотӣ ва дигар масъалаҳои ба инҳо монанд ба миён меояд. Зеро ба ин восита ташкили механизмҳои самарабахши мубориза бо зуҳуроти манфӣ, ташаккули муҳити боэътимоди рақамӣ, фазои маънавии ҷомеа, омодасозии мутахассисони босалоҳияти сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, роҳандозии истеҳсолоти технология ва барномаҳои иттилоотии ватанӣ, назорати пайвастаи фазои иттилоотии мамлакат, тафаккури интиқодӣ дар одамон ва умуман таъмини амният ва суботи устувор имконпазир мебошад.

Адабиёт

1. Бердиев Ш.П., Алимардонзода З. Ифротгароии динӣ ва идеологияи хатарноки он // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. 2021. № 2–3 (14–15). С. 31–35.
2. Дидаева Т.А. Потенциал социальных сетей в формировании общественного мнения [Электронный ресурс]. Режим доступа: \Downloads\potentsial-sotsialnyh-setey-v-formirovanii-obschestvennogo-mneniya (1).pdf (дата обращения: 30.10.2024).
3. Исследование использования социальных сетей современной молодежью: развлечение или инструмент образовательного процесса? [Электронный ресурс]. Режим доступа: ..\Downloads\issledovanie-ispolzovaniya-sotsialnyh-setey-sovremennoy-molodezhyu-razvlechenie-ili-instrument-obrazovatelnogo-protsessa.pdf (дата обращения: 20.10.2024).
4. Кашина А.Е. Интернет и его роль в развитии современного общества // Сборники конференций НИЦ «Социосфера». 2013. № 23. С. 39–40.
5. Олег Ю.А., Анна А.Б. Вербовка молодежи в террористические организации посредством социальных сетей: проблемы профилактики [Электронный ресурс].

Режим доступа: ..\Downloads\verbovka-molodezhi-v-terroristicheskie-organizatsii-posredstvom-sotsialnyh-setey-problemy-profilaktiki.pdf (дата обращения: 27.10.2024).
6. Муҳаммад А.Н., Абдуҷалилов А. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон). Душанбе: Дониш, 2021. 75 с.
7. Муҳаммадзода П.А., Қаландаров Ф.Ш. Таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: пайомадҳои сиёсию идеологӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022. № 2 (78). С. 12–21.
8. Самиев Б.Ҷ., Бердиев Ш.П. Вусъатёбии ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои асосии пешгирӣ аз он // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. 2020. № 1–2 (9–10). С. 6–16.
9. Социальные сети: история появления, виды, самые крупные платформы, тенденции развития [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://prime-ltd.su/blog/sotsialnyie-seti-istoriya-poyavleniya-vidyi-samyie-krupnyie-platformyi-tendentsii-razvitiya/?ysclid=m2x2d0weat389072258 (дата обращения: 14.10.2024).
10. Сафарализода Х.К. Вызовы и угрозы социальных сетей // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2023. № 5.
11. Суркова И.Ю. Потенциал использования интернет-технологий в региональных социальных сервисах для молодежи // Информационная безопасность регионов. 2017. № 1. С. 74–79.
12. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025: Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2021, № 187 тасдиқ гардидааст.
13. Таъсиси Маркази ягонаи иттилоотӣ тадбири муассир ҷиҳати пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо мебошад [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://khovar.tj/2023/12/tasisi-markazi-yagonai-ittiloot-tadbiri-muassir-i-ati-peshgirii-ekstremizm-terrorizm-va-kiber-inoyat-o-meboshad/ (дата обращения: 20.02.2025).
14. Appel H., Gerlach A.L., Crusius J. The interplay between Facebook use, social comparison, envy, and depression // Current Opinion in Psychology. 2016. Vol. 9. P. 44–49.
15. Debbie M. Why Social Media is Important for Business [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://recurpost.com/blog/social-media-is-important-for-business/ (дата обращения: 30.10.2024).
16. Digital 2024: Tajikistan [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://datareportal.com/reports/digital-2024-tajikistan (дата обращения: 30.10.2024).
17. Hannigan R. The web is a terrorist's command-and-control network of choice // The Financial Times [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ft.com/cms/s/2/c89b6c58-6342-11e4-8a63-00144feabdc0.html#axzz3I2F0l6FM (дата обращения: 24.06.2019).
18. Roman S. Социальные сети в контексте мировой политики: актор или инструмент? [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://researchgate.net/publication/329910804_Socialnye_seti_v_kontekste_mirovoj_politiki_aktor_ili_instrument (дата обращения: 25.10.2024).
19. Social media users 2024 [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://demandssage.com/social-media-users/index.html (дата обращения: 19.10.2024).

НАҚШИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақола масъалаи истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар ташаккули афкори ҷомеа мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки дар шароити рушди босуръати бозори хизматрасониҳои электронӣ ва маҳсулоти хислати иттилоотидошта шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи асосӣ ва самараноки пешбурди фаъолияти инсон табдил ёфта, дар ин радиф чун дигар восита ва арзишҳои моддию маънавӣ аз ҳарвақта дида, бештар ба нигоҳдорӣ ва ҳимояи эътимоднок эҳтиёҷ доранд.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки раванди таъсиррасонии шабакаҳои иҷтимоӣ ба руҳияи одамон, тағйири афкори ҷомеа, муносибат, бегонапарастӣ, гаравидан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, амнияти шахсию ҷамъиятӣ ва ҳифзи арзишҳои миллиро ба таври мушаххас нишон диҳад.

Муаллиф дар мақола бо мисолҳои мушаххас сабаб ва омилҳоеро, ки ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, нишон додааст.

Калидвожаҳо: шабакаҳои иҷтимоӣ, афкори ҷомеа, интернет, иттилоот, фазои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ғ.

РОЛЬ СОЦИАЛЬНЫХ СЕТЕЙ В ФОРМИРОВАНИИ МНЕНИЯ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В статье анализируется использование социальных сетей и их роль в формировании общественного мнения. Отмечается, что в условиях бурного развития рынка электронных услуг и информационных продуктов социальные сети стали основным и эффективным средством стимулирования человеческой деятельности и в этом отношении, как и другие средства и материальные и духовные ценности, они больше, чем когда-либо нуждаются в надежном обслуживании и защите.

Автор постарался конкретно показать процесс влияния социальных сетей на психику людей, изменение общественного мнения, отношение, ксенофобию, приверженность террористическим и экстремистским группировкам, личную и общественную безопасность и защиту национальных ценностей.

В статье автор на конкретных примерах показывает причины и факторы, оказывающие негативное влияние на формирование общественного мнения.

Ключевые слова: социальные сети, общественное мнение, интернет, информация, информационное пространство, информационная безопасность, информационные и коммуникационные технологии и т.д.

THE ROLE OF SOCIAL NETWORKS IN SHAPING THE OPINION OF MODERN SOCIETY

The article analyzes the use of social networks and their role in shaping public opinion. It is noted that in the context of the rapid development of the market of electronic services and information products, social networks have become the main and effective means of stimulating human activity and in this regard, like other means and material and spiritual values, they need reliable maintenance and protection more than ever.

The author tried to specifically show the process of influence of social networks on the psyche of people, changes in public opinion, attitudes, xenophobia, commitment to terrorist and extremist groups, personal and public safety and protection of national values.

In the article, the author shows specific examples of the reasons and factors that have a negative impact on the formation of public opinion.

Keywords: social networks, public opinion, Internet, information, information space, information security, information and communication technologies, etc.

Дар бораи муаллиф
Қаландаров Фирдавсҷон Шоназарович
Номзади илмҳои сиёсӣ, омӯзгори кафедраи бизнеси сайёҳӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
E-mail: kfirdavsdzhon@mail.ru

Об авторе
Каландаров Фирдавсджон Шоназарович
Кандидат политических наук, преподаватель кафедры туристического бизнеса
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад 48/5.
E-mail: kfirdavsdzhon@mail.ru

About the author
Qalandarov Firdavsjon Shonazarovich
Candidate of Political Sciences, Lecturer at the Department of Tourism Business
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad Avenue 48/5.
E-mail: kfirdavsdzhon@mail.ru

ТДУ 004.738.5:323.28

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН СУБЪЕКТҲОИ ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЗОИ МУОСИРИ РАҚАМӢ

Ҳусайнзода А. Б.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Фазои иттилоотӣ маҷмеи захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои интиқол ва коркарди маълумот, инчунин равандҳои муоширати иҷтимоиест, ки дар доираи он ташаккули афкори ҷамъиятӣ, қабули қарорҳо ва таъсиррасонии сиёсиву иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди бесобиқаи технологияҳои рақамӣ, фазои иттилоотӣ ба майдони асосии рақобати геополитикӣ ва идеологӣ табдил ёфтааст, ки дар он қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои ноил шудан ба нуфуз ва таъсиргузорӣ мубориза мебаранд. Имрӯз субъектҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо истифода аз воситаҳои муосири иттилоотӣ аз ҷумла васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва абзорҳои рақамӣ имконияти таъсир ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсии кишварҳо ва ташаккули муҳити иттилоотиро ба таври назаррас тақвият мебахшанд. Дар натиҷа, амнияти иттилоотӣ ва ҳувияти миллӣ дар зери таъсири мустақими ин равандҳо қарор мегиранд. Ҷараёнҳои иттилоотӣ метавонанд ҳам таъсири мусбат аз қабили ташаккули шуури муназзами ҷамъиятӣ, афзоиши дастрасӣ ба дониш ва иттилооти муътамад ва ҳам таъсири манфӣ аз ҷумла паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, таҳрифи воқеият ва ташаккули афкори ҷомеа ба манфиати гурӯҳҳои муайян дошта бошанд.

Дар чунин шароит, масъалаи танзими фазои иттилоотӣ ва таҳкими амнияти иттилоотӣ барои давлатҳои миллӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти стратегии афзоянда касб мекунад.

Пайдоиши мафҳуми «фазои иттилоотӣ» ба эҳтиёҷи рӯзафзуни ҷомеа ба дастрасӣ ба иттилооти фаврӣ ва доимӣ вобаста аст. Ғайр аз ин, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба рушди технологияи инноватсионӣ иртиботи мустақим дорад, ки вақти интиқол ва мубодилаи иттилоотро то ҳадди ақал коҳиш дода, муҳити мутаҳаррики иттилоотиро фароҳам сохтааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», мафҳуми «иттилоот» ба таври расмӣ чунин таъриф шудааст: «иттилоот маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо» [9]. Ин таъриф бар он ишора мекунад, ки иттилоот на танҳо ҳамчун маълумоти хаттӣ ё шифоҳӣ, балки дар ҳама гуна шакли ифодаи он метавонад ҷой дошта бошад. Аз ин рӯ, иттилоот категорияи фарогир ва муҳими ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ буда, тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатиро фаро мегирад.

Муҳаққиқон В.Г. Трубников, А.А. Стрельцов, В.А. Статура, А.С. Басеев ва А.В. Беляев таъкид мекунанд, ки дар шароити ҷомеаи муосир маълумот ба як захираи стратегии калидӣ табдил ёфтааст ва нақши он дар рушди илм, иқтисод ва дигар бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайянкунанда мебошад [21, с. 63–65]. Ба андешаи онҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои иттилоотӣ воситаҳои асосии коркард ва истифодаи самараноки ин захира ба шумор мераванд. Ғайр аз ин, муҳаққиқон ба таври хос таъкид менамоянд, ки таъсири маълумот доираи васеи соҳаҳоро дар бар мегирад ва ҳамин тавр зарурати таҳқиқоти байни соҳавиро барои ошкор намудани қонунмандиҳои умумии равандҳои иттилоотӣ муҳаққиқон махсус муҳим мешуморанд.

Мафҳуми «фазо» дар «Луғати фалсафӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Фазо мафҳуме мебошад, ки ҷойгиршавии мутақобилаи объектҳои ҳамзамон мавҷудбударо муайян мекунад».

Бо ҳамҷоя кардани ин мафҳум бо истилоҳи «иттилоот», фазои иттилоотиро метавон ҳамчун низоми ҳамкории мутақобилаи субъектҳо ва объектҳо дар муҳити иттилоотӣ шарҳ дод, ки тавассути раванди истеҳсол, интиқол ва истеъмоли маълумот ба ҳам пайваст мебошанд [6].

Ба иборае дигар, фазои иттилоотӣ маҷмуи муҳити иттилоотӣ, захираҳо, воситаҳои интиқол (расонаҳо, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ) ва механизмҳои таъсир ба шуури ҷамъиятӣ мебошад. Ин муҳитест, ки дар он иттилоот эҷод, таҳлил ва ба субъектҳои гуногун пешниҳод ва паҳн карда мешавад.

Олими рус В.В. Скробогатов қайд менамояд, ки «Фазои иттилоотӣ унсури муҳими сохтори ҷомеа мебошад, ки тавассути маҷмуи захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори ҳуд ба танзим ва низомдиҳии соҳаи иҷтимоии паҳнсозӣ ва истифодаи иттилооти иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Яке

аз вазифаҳои асосие, ки дар доираи фазои иттилоотӣ ҳаллу фасл мегардад, таъмини робитаи функсионалӣ миёни сатҳҳои асосии ташкили фаъолияти ҳаётии ҷомеа мебошад. Ба таври васеъ, зери фазои иттилоотӣ маҷмуи ҷараёнҳои иттилоотӣ дар назар дошта мешавад, ки ҳам дар дохил ва ҳам берун аз ҷомеа фаъолият дошта, ба рушди он таъсир мерасонанд [19, с. 122–125]. Дар шароити ҷаҳони муосир, фазои иттилоотӣ ба як муҳити ҳамаҷониба табдил ёфтааст, ки дар он на танҳо интиқоли иттилоот, балки таъсиргузорӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва раванди ташаккули афкори сиёсиву иҷтимоӣ сурат мегирад. «Муҳимтарин омили тағйирёбӣ ва дигаргуншавии афкори ҷомеа дар асри муосир, маҳз ташаккул ва рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва барандагони он, яъне воситаҳои ахбори умум мебошанд» [12, с. 175–179], ки бо истифода аз нерӯи интиқол ва паҳнсозии иттилоот, имкони шаклдиҳии арзишҳо ва рафтори оммаро фароҳам месозанд.

Дар ҳамин замина, фазои иттилоотӣ имрӯз на танҳо воситаи паҳнсозии иттилоот ва ғояҳо мебошад, балки замина ва муҳити асосии пешбурди амалиёти ҷангҳои иттилоотӣ низ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он ҳадафҳои сиёсӣ, идеологӣ ва стратегӣ амалӣ мегарданд.

Агар дар гузашта низоъҳо бештар шакли анъанавӣ ва низомӣ доштанд, имрӯз иттилоот ва технологияи рақамӣ ба унсури марказии мубориза табдил ёфтааст, ки бо истифода аз он субъектҳои ҷангҳои иттилоотӣ таъсири фаврӣ ва пинҳонӣ мерасонанд. Дар шароити дастрасии фарогир ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои гуногун имкониятҳои васеъ барои татбиқи стратегияҳои иттилоотии худ пайдо кардаанд. Ин падида мубориза бо онҳо ва пешгирии ҷангҳои иттилоотиро душвортар гардонидааст.

Хусусиятҳои муҳими фазои иттилоотӣ ҳамчун майдони муқовимат:

1. Хусусияти глобалӣ: Яке аз вижагиҳои калидии фазои иттилоотӣ ин ҷаҳонӣ будани он аст. Бар хилофи шаклҳои анъанавии таъсиррасонӣ, ки бо сарҳадҳои ҳудудии давлатҳо маҳдуд буданд, иттилооте, ки тавассути интернет паҳн мешавад, метавонад дар муддати кӯтоҳ ба ҳар гӯшаи ҷаҳон интиқол ёбад. Ин хосият ба иштирокчиёни ҷангҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки на танҳо ба муҳити дохилии кишварҳо, балки ба равандҳои байналмилалӣ низ таъсир расонанд.

2. Махфият ва пинҳонкорӣ: Технологияҳои иттилоотӣ ба субъектҳои ҷангҳои иттилоотӣ шароит фароҳам меоранд, ки шахсияти худ ва макони воқеии фаъолиятро пинҳон кунанд. Ин душвории муайян кардани манбаъ ва роҳҳои паҳн кардани иттилооти бардурӯғро бештар мекунад ва гурӯҳҳои ифротӣ ё террористиро ба амалиётҳои пинҳонии иттилоотӣ ташвиқ менамояд.

3. Суръати паҳншавӣ: Яке аз ҷанбаҳои муҳими фазои рақамӣ суръати баланди паҳншавии иттилоот мебошад. Дар фазои рақамӣ иттилоот метавонад дар чанд сония дар сатҳи васеъ паҳн гардад, ки вокуниши фаврии мақомоти давлатӣ ё ҷомеаро мушкил месозад. Ин хосият ба гурӯҳҳои ифротгаро ва субъектҳои ҷангҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки иттилооти иғвогарона ё даъватҳои радикалиро ба суръати баланд паҳн намоянд.

4. Интерактивӣ ва алоқаи бевосита: Бар хилофи расонаҳои анъанавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои мессенҷерӣ, ба монанди Telegram ва WhatsApp, имкон медиҳанд, ки мутақобила бо аудитория дар вақти воқеӣ амалӣ шавад. Ин ба гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ шароит медиҳад, ки маводро паҳн карда, амалиётҳои таблиғотӣ, ҷалби пайравон ва ҳатто ташкили чорабиниҳои оммавӣ, аз ҷумла эътирозҳоро ба роҳ монанд.

Дар маҷмуъ, фазои иттилоотӣ ба унсури калидии рақобати сиёсию идеологӣ ва ҷанбаи муҳими амнияти миллӣ табдил ёфтааст, ки назорат ва танзими он вазифаи стратегӣ ба шумор меравад.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои иттилоотӣ ҷангҳои иттилоотиро ба яке аз абзорҳои калидӣ барои пешбурди низоъҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологӣ табдил додааст. Гурӯҳҳои гуногун, аз ҷумла созмонҳо ва гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, аз имкониятҳои муҳити рақамӣ истифода мебаранд, то бо роҳандозии маъракаҳои муташаккили иттилоотӣ ба шуури омма ва раванди қабули қарорҳо таъсир расонанд, ки натиҷаи он ба вуҷуд омадани бесуботии дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад. «Дар замони муосир иттилоот ва воситаҳои дастрасиву паҳннамоии он ба як воситаи ҳаракат, муҳаррик ва детектори фаъолияти ҷомеаи инсонӣ табдил ёфтаанд» [12, с. 175–179], ки аҳамияти стратегии онҳо дар сохтори сиёсӣ ва амнияти миллӣ рӯз ба рӯз афзоиш меёбад.

Дар ҳамин замина, муҳаққиқони рус Я.С. Шатило ва В.Н. Черкасов бар он назаранд, ки таъсири иттилоотӣ ба рақиб як падидаи нав нест, балки аз замонҳои қадим вуҷуд дошта, бо рушди ҷомеа ва афзоиши имкониятҳои низомӣ ва сиёсӣ шаклҳои гуногун ва мураккабтарро касб намудааст. Имрӯз ин таъсир бештар тавассути воситаҳои муосири ахбор, шабакаҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои психологӣ амалӣ мегардад, ки ба ташаккули афкори умум ва ҳатто ба раванди қабули қарорҳо дар сатҳи давлатӣ таъсири мустақим мерасонанд. Ба андешаи онҳо, аввалин намунаҳои «ҳамлаҳои иттилоотӣ» дар шакли паҳн кардани афсонаҳо ва ривоятҳо зоҳир шудаанд. Я.С. Шатило ва В.Н. Черкасов зикр менамоянд, ки лашкари фатҳкунандагони қадим на танҳо ба қувваи низомӣ такя мекарданд, балки тавассути таблиғ ва паҳн кардани ривоятҳо дар бораи бераҳмӣ ва шикастнопазирии худ, ба шикастани рӯҳияи душман кӯшиш менамуданд. Ин гуна амалҳо, ба гуфтаи онҳо, пеш аз оғози амалиёти ҳарбӣ муқовимати рақибро заиф карда, ба ғалабаи осонтар мусоидат менамуданд [22, с. 45]. Мисолҳои таърихӣ низ ин нуктаро тасдиқ мекунанд, ба монанди паҳн кардани афсонаҳо дар бораи шикастнопазирии Чингизхон ё истифодаи усулҳои тарсофаринии лашкари Темур, ки боиси заъфи равонии душман мегардиданд. Ҳамин тариқ, таъсири иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияи низомӣ ва сиёсӣ ҳамеша ҷойгоҳи махсус доштааст ва дар шароити муосир, бо рушди технологияҳои рақамӣ, шакли боз ҳам муассир ва мураккаб касб намудааст.

Дар замони муосир мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» бори аввал аз ҷониби коршиноси амрикоӣ Т. Рон дар гузориши худ «Системаҳои силоҳ ва ҷанги иттилоотӣ» (1976) истифода шудааст [5]. Ӯ қайд менамуд, ки инфрасохтори иттилоотӣ ба яке аз унсурҳои муҳими иқтисодиёти ИМА табдил ёфтааст ва дар баробари ин, ҳам дар шароити ҷанг ва ҳам дар вақти сулҳ, ҳамчун ҳадафи осебпазир ба ҳисоб меравад.

Ҷангҳои иттилоотӣ дар шароити муосир на танҳо воситаи таблиғотӣ, балки механизми стратегӣ барои идора, назорат ва манипулятсияи ҷомеа ва низоми сиёсӣ амал мекунанд. Мутахассис Г. Вирен ҷангҳои иттилоотиро чунин шарҳ медиҳад: «Ҷангҳои иттилоотӣ ин маҷмуи чорабиниҳоест, ки бо ҳадафи таъсиррасонӣ ба шуури омма барои тағйир додани рафтори мардум ва таҳмили ҳадафҳое, ки ба манфиатҳои онҳо мухолифанд, амалӣ мегардад. Ҳамзамон, ҷангҳои иттилоотӣ инчунин барои ҳимояи субъектҳо аз чунин таъсирҳо равона мешаванд» [4, саҳ. 126].Ҷанбаи муҳими ҷангҳои иттилоотӣ дар он аст, ки ҳадафҳо ва усулҳои онҳо на танҳо ба фазои дохилии кишварҳо, балки ба муҳити байналмилалӣ низ паҳн мегарданд ва ба амнияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлатҳо таъсири мустақим мерасонанд. Ба ҳамин далел, ҷангҳои иттилоотӣ дар фазои муосири рақамӣ ба яке аз абзорҳои тавонотарини таъсир ба сиёсат ва суботи дохиливу хориҷии давлатҳо табдил ёфтаанд.

Имрӯз, мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар адабиёти илмӣ бо тафсирҳои гуногун истифода мешавад. Ин ихтилофи таърифӣ пеш аз ҳама ба тарҷума ва маънои мухталифи истилоҳи англисии «information warfare» вобаста аст, ки вобаста ба манбаъ ва мактаби илмӣ метавонад ба шаклҳои гуногун таъбир шавад. Дар шароити мактаби илмии кишварҳои пасошуравӣ, «information warfare» ба таври маъмул ба маънои «ҷанги иттилоотӣ», «муборизаи иттилоотӣ» ва ё «ҷанги иттилоотию равонӣ» баргардонида мешавад. Ин гуногуншаклии таъриф ба фаҳмиши мазмуни ин мафҳум таъсири назаррас мерасонад.

Дар таҳқиқотҳо қайд карда мешавад, ки ҷанги иттилоотӣ метавонад якчанд хусусиятҳои хоси худро дошта бошад:

- ҳамчун фаъолияти махсуси иттилоотӣ, ки аз ҷониби як субъекти сиёсӣ (масалан, давлат ё гурӯҳҳои гуногун) ба мақсади заиф ва ё пурра аз байн бурдани қобилияти рақиби сиёсӣ анҷом дода мешавад;
- ҳамчун муборизаи иттилоотӣ байни рақибони идеологӣ ё геополитикӣ, ки бо истифодаи воситаҳои иттилоотӣ барои таъсир ба шуури ҷамъиятӣ ва қабули қарорҳо сурат мегирад;
- ҳамчун низои иттилоотии низомӣ байни ду душмани муайян, масалан, байни неруҳои ҳарбӣ ё субъектҳои низомӣ-сиёсӣ, ки ба самти паст кардани қобилияти мудофиавии якдигар равона шудааст [14, с. 76].

Ҳамин тариқ, истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» дар шароити муосир барҳақ ҳамчун категорияи мураккаб ва бисёрсатҳавӣ арзёбӣ мегардад, ки вобаста ба муҳити амалӣ ва ҳадафҳо дорои мазмун ва усулҳои гуногуни татбиқ мебошад.

Ба гуфтаи А.В. Манойло, ҷангҳои иттилоотӣ на танҳо дар заминаи истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои анъанавии мубориза амалӣ мегарданд, балки бо василаи татбиқи стратегияи мураккаби психологӣ ва иттилоотӣ низ роҳандозӣ мешаванд. Манойло таъкид мекунад: «Ҷангҳои иттилоотӣ дорои шеваҳои гуногун мебошанд, ки тавассути паёмҳои иттилоотӣ ва амалҳои фиребгарона, ба ҷомеа ва низоми сиёсии рақиб таъсири амиқ мерасонанд» [13, саҳ. 280].

А.Н. Муҳаммад ва Х.Қ. Сафарлизода ҷангҳои иттилоотиро яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи онҳо, воситаҳои ахбори омма ва интернет дар ҷаҳони муосир ба абзори таъсиррасонӣ ва идоракунии афкори умум табдил ёфтаанд, ки метавонанд ба бенизомӣ ва заиф шудани суботи дохилӣ ва сиёсати миллӣ сабаб гарданд [16, с. 84].

Г.Н. Зокиров дар «Донишномаи сиёсӣ»-и худ зикр менамояд, ки «мафҳуми «ҷангҳои иттилоотӣ» асосан дар ду маъно истифода мешавад:

1. таъсиррасонӣ ба аҳолӣ ё хизматчиёни ҳарбии давлатҳои дигар тавассути паҳн намудани иттилооти муайян, ки ҳадафи он тағйир додани ақида, рӯҳия ё рафтори онҳо мебошад;
2. амали мақсадноке, ки ба нобудсозӣ ва вайрон кардани равандҳои иттилоотӣ ва низоми иттилоотии рақиб равона шудааст, дар ҳоле ки инфрасохтори иттилоотии худ ҳифз карда мешавад.

Ин таърифҳо нишон медиҳанд, ки ҷангҳои иттилоотӣ танҳо бо мақсади таъсиррасонӣ маҳдуд намешаванд, балки унсури муҳими онҳо дифоъ ва ҳифзи самараноки низоми иттилоотии худ низ мебошад» [8, с. 415].

Субъектҳои ҷангҳои иттилоотӣ қишри васеи бозигарони байналмилалӣ ва дохилиро дар бар мегиранд. Ба онҳо давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, ширкатҳои хусусӣ, шахсони воқеӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, инчунин гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дохил мешаванд, ки тавассути иттилоот ба манфиатҳои худ хидмат мекунанд ва ба муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбӣ таъсир мерасонанд.

Дар шароити муосир, махсусан ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ яке аз субъектҳои калидии ҷангҳои иттилоотӣ баррасӣ мегарданд. Онҳо таҳдидҳои ҷиддӣ ва системавии иттилоотиро ба вуҷуд оварда, аз имкониятҳои васеи расонаҳо ва технологияҳои рақамӣ барои амалӣ намудани стратегияи худ истифода мебаранд. Стратегияи иттилоотии чунин гурӯҳҳо на танҳо ба амалҳои зӯроварии физикӣ, балки бештар ба таъсири равонӣ ва идеологӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи аслии онҳо ташаккули фазои ноустуворӣ, заифсозии суботи иҷтимоӣ ва эҷоди шиддат дар муносибатҳои сиёсӣ мебошад. Бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои рақамӣ, онҳо ҷараёнҳои иттилоотиро барои шакл додани афкори омма ва ҷалби ҷонибдорони нав идора мекунанд.

Дар шароити имрӯза гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ аз технологияҳои иттилоотӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Онҳо аз воситаҳои муосири рақамӣ ва шабакаҳои интернетӣ барои паҳн кардани ақидаҳои радикалӣ ва ғояҳои хатарнок истифода мекунанд. Бо истифода аз ин воситаҳо, онҳо ба аудиторияи васеи ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд ва шароитро барои анҷом додани амалҳои ғайриқонунӣ ва тахрибкорона фароҳам меоранд. Ин гурӯҳҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ кӯшиш мекунанд, ки фикру андешаи мардумро тағйир диҳанд, дар байни аҳолӣ тарсу ваҳм паҳн намоянд ва ба суботи сиёсиву иҷтимоии давлатҳо зарар расонанд. Ҳамзамон онҳо иттилооти муҳим ва ҳассос, аз ҷумла иттилооти давлатӣ, тиҷоратӣ ва молиявиро ҳамчун силоҳи худ истифода мебаранд ва дар сатҳи байналмилалӣ ба фаъолиятҳои тахрибкорона ва таҳдидомез даст мезананд. Бо ин роҳ, онҳо на танҳо фаъолияти худро берун аз кишварҳо тавсеа медиҳанд, балки инчунин амнияти ҷаҳониро зери хатар қарор медиҳанд. Бо рушди рақамисозии ҷаҳонӣ, имкониятҳои истифодаи технологияи рақамӣ ва киберӣ барои ин гурӯҳҳо зиёд шуда, онҳо метавонанд ба амнияти иттилоотӣ ва устувории давлатҳо зарари ҷиддӣ расонанд [2, с. 198].

Ин гурӯҳҳо аз гурӯҳҳои касбии мутахассисон, аз ҷумла идеологҳо, илоҳиётшиносони радикалӣ, сиёсатмадорони ифротӣ ва ташкилкунандагони марказҳои таблиғотӣ истифода менамоянд, ки тавассути платформаҳои рақамӣ иттилооти таҳрифшуда ва пропагандаи ифротиро дар фазои иттилоотӣ паҳн месозанд.

Ҷангҳои иттилоотие, ки аз ҷониби ин гурӯҳҳо роҳандозӣ мешаванд, ба заиф гардидани институтҳои давлатӣ, шиддат гирифтани ихтилофоти иҷтимоӣ ва радикализатсияи афкори

ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Истифодаи васеи усулҳои равонии таъсиррасонӣ, технологияи таҳрифсозии воқеият ва паҳн кардани тарсу ваҳм ба ташаккули фазои ноамнӣ ва нобоварӣ мусоидат менамояд, ки оқибат метавонад ба ноустувории сиёсӣ ва амниятӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ оварда расонад [17, с. 114].

Тибқи таҳлили Т.В. Жаворонкова интернет дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии муҳити иттилоотӣ, ба абзори муҳими стратегӣ барои фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ табдил ёфтааст. Ӯ муайян мекунад, ки интернет дар панҷ самти асосӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ истифода мешавад: аввалан, таблиғ ва паҳн намудани идеологияи радикалӣ ва ташвиқи амалҳои террористӣ тавассути сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ; дувум, таъсири равонӣ ба ҷомеа тавассути паҳн кардани маводи таҳрикдиҳанда ва ташкили фазои нооромӣ ва тарс; саввум, ташкили шабакаҳои пинҳонӣ ва иртиботи махфӣ миёни аъзои гурӯҳҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои паёмрасон; чорум, ҷалби ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористӣ тавассути вербовка дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва форумҳо; ниҳоят, паҳн кардани мавод ва дастурамалҳои амалӣ оид ба тарҳрезӣ ва иҷрои амалҳои террористӣ. Ба гуфтаи Т.В. Жаворонкова, интернет имрӯз ба муҳите табдил ёфтааст, ки дар он террористон на танҳо фаъолияти идеологӣ ва таблиғотӣ мебаранд, балки тавассути он амалиёти худро ташкил намуда, шабакаҳои автономӣ ва «ячейка»-ҳои мустақилро дар фазои маҷозӣ ба вуҷуд меоранд. Муҳаққиқ таъкид менамояд: «Интернет на танҳо воситаи таъсири идеологӣ, балки як платформаи стратегии фаъолияти тахрибкоронаи гурӯҳҳои террористӣ гардидааст, ки ҳамаи марҳилаҳои амалиётӣ аз таблиғ то омодасозии амалиётҳои зӯровариро фаро мегирад» [7, с. 26-36].

Ҷангҳои иттилоотӣ, ки бо иштироки ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ анҷом дода мешаванд, ба тавсеаи шиддати иҷтимоӣ, радикализатсияи гурӯҳҳои муайян ва заифсозии институтҳои давлативу байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Дар ин раванд, муҳити рақамӣ ба майдони марказии муқовимати иттилоотӣ табдил ёфтааст, ки фазои мусоидро барои паҳн намудани ғояҳои ифротгароёна ва ташаннуҷи ихтилофоти дохилӣ фароҳам меорад. Яке аз унсурҳои муҳими стратегияи чунин гурӯҳҳо истифодаи омили динӣ, бахусус ислом, ҳамчун василаи таъсир ба шуури ҷамъиятӣ мебошад. Тӯли солҳои охир, муҳаққиқон мафҳуми «омили исломӣ»-ро мавриди таҳлили амиқ қарор додаанд. Бархе олимон онро ҳамчун таҳдид ва омили ноустувории сиёсиву амниятӣ арзёбӣ мекунанд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар онро ҳамчун равобити табиӣ ва органикӣ миёни дини ислом ва ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаҳои мусулмонӣ мебинанд [18, с. 12]. Дар ин замина, «омили исломӣ» ҳамчун фаъолияти субъектҳои мухталифи исломӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ баррасӣ мешавад, ки зери шиорҳои динӣ амал карда, ба амнияти миллӣ ва муҳити сиёсии кишварҳо таъсир мерасонад [15, с. 67]. Ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ ин равандро ҳадафмандона истифода бурда, бо такя ба тафсирҳои радикалӣ ва таблиғоти ғаразнок, мағзшӯии омма ва ташаккули фазои зиддидавлатиро ба роҳ мемонанд ва ба фаъолияти худ асосноксозии идеологӣ медиҳанд.

Сабаби асосии пайдоиши гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро дар доираи дини ислом дар он аст, ки дини ислом ҳоло ҳам дар оғози марҳилаи мутобиқ шудан ба шароити ҷаҳони муосир қарор дорад. То ҳол ислом бо мушкилот ва душвориҳои мутобиқшавӣ ба арзишҳо ва воқеиятҳои ҷаҳонии имрӯз дучор аст. Ин раванд дар баъзе кишварҳои мусулмонӣ бо буҳронҳои дохилӣ ҳамроҳ аст, ки шароити муносиб барои гурӯҳҳои ифротгаро фароҳам меорад. Онҳо аз номи дин истифода бурда, кӯшиш мекунанд афродро ба худ ҷалб кунанд ва амалҳои худро бо номи дин асоснок нишон диҳанд. Дар гузашта дар таърихи дини масеҳият низ зӯроварӣ, таъқиб ва радикализми динӣ вуҷуд дошт, аммо ин падидаҳо бештар ба даврaҳои кӯҳна тааллуқ доранд. Масеҳият дар тӯли таърих ба арзишҳои ҷаҳони муосир мутобиқ шудааст ва бо тамаддуни Ғарб ҳамоҳанг гардидааст [3, с. 8].

Гурӯҳҳои террористӣ фазои иттилоотиро барои ҳадафҳои зерин истифода мебаранд:

Таблиғи идеология ва ақидаҳои ифротӣ. Гурӯҳҳои террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва дигар воситаҳои иттилоотӣ маводи таблиғотӣ паҳн намуда, ба радикализатсия ва таъсир ба шуури ҷомеа машғул мешаванд.

Ҷалби аъзоёни нав. Интернет ҳамчун муҳити васеъ барои ҷалби ҷавонон ва афроди осебпазир истифода мешавад. Гурӯҳҳои террористӣ тариқи паёмҳо, видеороликҳо ва таблиғоти пинҳонӣ шахсони навро ба сафи худ ҷалб мекунанд.

Ҳамоҳангсозии амалиётҳо. Террористон фазои маҷозиро барои банақшагирӣ ва ҳамоҳангии ҳамлаҳо истифода бурда, тавассути шабакаҳои заҳрнок ё абзорҳои рамзгузорӣ (шифргузорӣ) дастурҳои махфӣ интиқол медиҳанд.

Фишори иттилоотӣ-психологӣ ба ҷомеа ва сохторҳои давлатӣ. Яке аз усулҳои асосии ҷанги иттилоотии гурӯҳҳои террористӣ таъсир расонидан ба рӯҳияи аҳолӣ, паҳн кардани тарс ва ноумедӣ ва заиф сохтани боварии мардум ба ниҳодҳои давлатӣ мебошад.

Бенизомсозии режими сиёсӣ тавассути таблиғоти оммавӣ. Бо роҳандозии маъракаҳои густурдаи иттилоотӣ, аз ҷумла паҳн кардани ахбори бардурӯғ, овозаҳо ва таблиғоти бадхоҳона, террористон кӯшиш мекунанд суботи сиёсиро халалдор созанд ва муҳити бесуботиро дар ҷомеа ба вуҷуд оваранд.

Дар доираи ин стратегияи иттилоотӣ, гурӯҳҳои террористӣ дар киберфазо ба ҳайси иштирокчиёни фаъоли низоъҳои иттилоотӣ амал мекунанд. Онҳо аз усулҳои зерини ҷангҳои иттилоотӣ истифода мебаранд:

Киберҳамлаҳо ба зерсохторҳои муҳими давлатӣ ва иқтисодӣ. Террористон ба шабакаҳо ва объектҳои ҳаётан муҳими давлатӣ, аз қабили неругоҳҳои барқӣ, низоми нақлиётӣ, бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ ҳамла мекунанд, ки метавонад ба фалаҷ шудани бахшҳои калидии инфрасохтори миллӣ оварда расонад.

Эҷод ва паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ва хабарҳои қалбакӣ. Яке аз усулҳои асосии гурӯҳҳои террористӣ сохтани маводи дурӯғин, таҳрифшуда ва ихтилофангез мебошад, ки бо мақсади гумроҳ кардани аҳолӣ ва таъсир ба тасмимгириҳои сиёсӣ паҳн мегарданд.

Амалиётҳои иттилоотӣ-психологӣ барои тарсонидани аҳолӣ. Ташкилотҳои террористӣ бо истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ ба аҳолӣ фишори равонӣ меоранд. Онҳо бо паҳн кардани маводи таҳдидомез, овозаҳо ва ахбори пураҳанг, талош мекунанд ҳисси тарс ва ноамниро дар байни сокинон ба вуҷуд оранд.

Амалиёти манипулятивӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Террористон ботҳо, ҳисобҳои сохта ва маъракаҳои вирусиро истифода бурда, муҳитро дар шабакаҳои иҷтимоӣ идора мекунанд. Онҳо тавассути чунин абзорҳо афкори ҷамъиятиро таҳриф ва назорат мекунанд ва фазои сиёсию иҷтимоиро ноором месозанд.

Масалан, ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ба монанди «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» ва «Паймони миллии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси доираҳои ифротӣ ва тундгаро таъсис ёфтаанд, дар фазои иттилоотии муосир фаъолона амал намуда, технологияи иттилоотиро ба манфиати худ истифода мебаранд. Ин ташкилотҳо, ки аз ҷониби марказҳои ифротӣ дастгирӣ меёбанд, тавассути шабакаҳои рақамӣ ва платформаҳои иҷтимоӣ стратегияи тахрибкоронаи худро пеш мебаранд. Фаъолони ин гурӯҳҳо бо истифода аз платформаҳои интернетӣ, ба монанди YouTube, Facebook, Telegram ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ, ба таври мунтазам паҳн намудани иттилооти таҳрифшуда ва ғаразнокро ба роҳ мондаанд. Аз ҷумла, ҳар ҳафта дар шабакаи YouTube наворҳои дорои хусусияти ифротгароӣ ва тундгароӣ нашр мегарданд [1]. Онҳо бо таҳриф кардани воқеият ва паҳн намудани иттилооти бардурӯғ мекӯшанд, ки фазои ноустуворӣ ва бесуботиро дар муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил кунанд. Дар баробари ин, пайравони ин ташкилотҳо бо истифода аз «номҳои мустаор» дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳои интернетӣ боз намуда, ғояҳои ифротгароӣ ва зиддидавлатиро ба таври оммавӣ паҳн мекунанд. Тавассути сомонаҳои иттилоотии сохташуда, онҳо иттилооти таҳқиромез ва дурӯғинро дар фазои иттилоотӣ интишор намуда, мекӯшанд фазои нобоварӣ, тарс ва ноороми дар ҷомеа ба вуҷуд оранд.

Ҷангҳои иттилоотии роҳандозишудаи ин гурӯҳҳо, ки бо истифода аз технологияҳои муосири рақамӣ сурат мегиранд, на танҳо ба муассисаҳои давлатӣ, балки ба афкори ҷамъиятӣ, амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд. Мутахассисон ва таҳлилгарони соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста бо анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ва таҳлили касбии ҷараёнҳои иттилоотии мазкур барои бартараф кардани ин таҳдидҳо ва фош сохтани ғаразнокии иттилооти паҳншаванда чораҳои зарурӣ меандешанд [17, с. 114].

Бо рушди технологияҳои муосир, фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ мураккабтар шуда, таҳдидҳои нави ҷиддиро ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ ба вуҷуд меорад. Ин таҳдидҳо дар заминаи равандҳои зерин шиддат мегиранд:

1. **Таҳдидҳои киберӣ**: Бо пешрафти рақамисозӣ, гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ ҳамлаҳои кибернетикиро ба инфрасохтори ҳаётан муҳими кишварҳо афзоиш медиҳанд. Низомҳои энергетикӣ, нақлиётӣ, молиявӣ ва тандурустӣ ба чунин ҳамлаҳо осебпазир мебошанд.

Ин ҳамлаҳо на танҳо боиси зарари ҷиддии иқтисодӣ мешаванд, балки метавонанд фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва амнияти шаҳрвандонро низ халалдор созанд.

2. **Ҷангҳои гибридӣ**: Гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ торафт бештар ҳамчун абзори ҷангҳои ғайримустақими байнидавлатӣ истифода мешаванд. Чунин амалҳо тавассути ҳамлаҳои иттилоотӣ ва маъракаҳои дезинформатсионӣ, ки ба ташаннуҷи ихтилофоти дохилӣ ва ноустувории сиёсӣ нигаронида шудаанд, амалӣ мегарданд. Стратегияи гибридӣ махсусан дар минтақаҳои даргир, ба монанди Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ, васеъ истифода мешавад.

3. **Истифодаи васеи платформаҳои рақамӣ**: Гурӯҳҳои ифротгаро бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо (мисли Telegram, WhatsApp, YouTube) маводи таблиғотӣ ва иттилооти ифротгароёнаро паҳн мекунанд. Ин абзорҳо барои ҷалби ҷонибдорони нав, ташаккули муҳити зиддиҳукуматӣ ва ҳамоҳангсозии амалиётҳои тахрибкорона истифода мешаванд.

4. **Таъсир ба афкори ҷамъиятӣ ва радикализатсия**: Гурӯҳҳои экстремистӣ аз усулҳои равонии таъсиррасонӣ, истеҳсоли муҳтавои аудиовизуалӣ ва методҳои мураккаби таблиғотӣ истифода мебаранд. Ҳадафи асосии онҳо ҷалби ҷавонон ва шахсони осебпазир ба ҳаракатҳои радикалӣ ва ноустуворсозии муҳити дохилии кишвар мебошад.

Заифсозии суботи давлатҳо: Бо истифода аз ҳамлаҳои иттилоотӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, гурӯҳҳои ифротгаро мекӯшанд ба эътибори мақомоти давлатӣ зарба зананд, ихтилоф миёни гурӯҳҳои иҷтимоиро шиддат бахшанд ва иқтидори сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳоро заиф созанд.

Дар маҷмуъ, гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ тавассути истифодаи фазои рақамӣ ва технологияҳои муосир стратегияи худро таҳким бахшида, ба амнияти миллии кишварҳо таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод менамоянд. Ҷангҳои иттилоотӣ барои ин гурӯҳҳо ба абзори калидӣ табдил ёфтааст, ки бо кӯмаки он онҳо идеологияи худро таблиғ мекунанд, эътимоди ҷомеаро ба сохторҳои давлатӣ заиф месозанд ва фазои беэътимодӣ ва бесуботиро дар дохили кишварҳо ва берун аз онҳо тақвият медиҳанд. Маъракаҳои киберӣ, паҳн кардани дезинформатсия ва таблиғоти ифротӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз аз муҳимтарин механизмҳои таъсир ба шуури ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои муборизаи самаранок бо ин таҳдидҳо, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ барои ошкор ва безарар гардонидани маъракаҳои иттилоотии террористӣ аҳамияти хосса дорад. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи саводи расонаӣ дар ҷомеа метавонад ҳамчун як механизми муҳими муқовимат ба таъсири иттилоотии гурӯҳҳои ифротгаро хидмат кунад. Тақвияти сиёсати иттилоотӣ, таҳкими амнияти киберӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ҳифзи фазои рақамӣ ва коҳиши таъсири манфии ин гурӯҳҳо нақши муҳим мебозанд.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм дар замони рақамӣ ба муносибати ҳамаҷониба ниёз дорад, ки қонунгузорӣ, технология, таҳсилот ва ҳамкории байналмилалиро дар бар мегирад. Танҳо бо истифода аз стратегияи ягона ва ҳамаҷониба метавон устувории ҷомеаро дар баробари ҳамлаҳои иттилоотӣ таъмин карда, амнияти миллиро ҳифз намуд. Барои муқовимат ба ин таҳдидҳо як қатор усулҳоро истифода бурдан лозим аст, ки онҳоро ба якчанд самтҳои асосӣ тақсим кардан мумкин аст: чораҳои ҳуқуқӣ, қарорҳои технологӣ, ташаббусҳои таълимӣ ва ҳамкории байналмилалӣ.

1. Тадбирҳои ҳуқуқӣ барои пешгирии паҳншавии маводи экстремистӣ ва террористӣ ва ташкили низоми устувори ҳимояи ҳуқуқӣ аҳамияти калидӣ доранд. Мубориза бо терроризм ва экстремизм тавассути қонунгузории миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ амалӣ мешавад.

а) Манъи фаъолияти экстремистӣ ва паҳнкунии мавод: Қонунгузории миллӣ дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, мубориза бо терроризм ва экстремизмро танзим мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» [11] ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [20] ба мақомоти давлатӣ имконият медиҳанд, ки вебсайтҳои таблиғкунандаи ғояҳои радикалиро маҳдуд созанд ва паҳнкунии маводи хатарнокро пешгирӣ кунанд.

б) Механизмҳои ҳуқуқии байналмилалӣ: Созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, бар асоси қатъномаҳои худ (масалан, қатъномаи 1624-и Шӯрои Амният) кишварҳоро ба ҳамкорӣ дар самти мубориза бо тарғиботи террористӣ ва ифротгароӣ ҳидоят мекунанд. Инчунин, созишномаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба давлатҳо имкон медиҳанд, ки мубодилаи иттилоотро тақвият дода, ҷиноятқоронро пайгирӣ ва фаъолиятҳои ғайриқонуниро маҳдуд созанд.

Дар маҷмуъ, татбиқи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ метавонад самаранокии мубориза бо терроризм ва экстремизмро тақвият дода, амнияти иттилоотиро ҳифз намояд.

2. Қарорҳои технологӣ дар шароити ҷаҳонишавии рақамӣ, қарорҳои технологӣ ба мониторинг ва бастани мундариҷаи экстремистӣ ва террористӣ равона карда мешаванд. Инчунин, ин навъи тадбирҳо на танҳо дар сатҳи маҳаллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ амалӣ мешаванд.

а) Системаҳои мониторинг ва филтркунии автоматӣ: Технологияҳои муосир, ки асосан ба зеҳни сунъӣ ва таҳлили мошинӣ такя мекунанд, барои мониторинги фазои интернет истифода мешаванд. Системаҳои автоматикӣ имкон медиҳанд, ки мундариҷаи экстремистӣ ва террористиро зуд шиносо ва манъ кунанд.

б) Филтри мундариҷаи расонаҳои иҷтимоӣ: Платформаҳои иҷтимоӣ, монанди «Facebook, Instagram, WhatsApp, ВКонтакте, Одноклассники, Telegram, Twitter ва YouTube», каналҳои асосии паҳнкунии ғояҳои радикалӣ шудаанд. Барои муқовимат ба ин таҳдидҳо, давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ бо ширкатҳои интернетӣ ҳамкорӣ мекунанд, то мундариҷаи таҳдидкунанда шеносо ва нест карда шавад.

в) Истифодаи криптография ва беном: Гурӯҳҳои террористӣ барои муҳофизат кардани муоширатҳои худ аз технологияҳои рамзгузорӣ ва беном истифода мебаранд. Барои мубориза бо ин гуна фаъолияти иттилоотӣ, таҳияи усулҳои муосир барои ошкор кардани каналҳои бехатар ва мониторинг лозим аст.

3. Рушди саводнокии ВАО ва пешгирии радикализатсия яке аз усулҳои асосии муқовимат ба паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ рушди саводнокии ВАО дар байни аҳолӣ мебошад. Барномаҳои таълимӣ, ки ба баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи таҳдидҳои эҳтимолӣ ва найрангҳои иттилоотӣ тавассути технологияи муосир равона шудаанд, дар пешгирии радикализатсия нақши муҳим мебозанд.

а) Ташаббусҳои таълимӣ: Таҳияи барномаҳои таълимии саводнокии ВАО барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ имкон медиҳад, ки онҳо ба таҳдидҳои радикалии иттилоотӣ ҳамчун хатар назар кунанд.

б) Пешгирии радикализатсия дар байни ҷавонон: Пешгирии радикализатсия дар байни ҷавонон бояд як ҷузъи муҳимтари сиёсати иҷтимоӣ бошад. Эҷоди имкониятҳои алтернативӣ барои ифодаи худ ва ташаккули ҳуввият, ки ба идеологияҳои радикалӣ муқобилат мекунад, муҳим аст. Барномаҳои фарҳангӣ, таълимӣ ва варзишӣ метавонанд ҷавононро ба фаъолиятҳои мусбӣ ва эҳсоси ҳамбастагии иҷтимоӣ ҷалб кунанд.

4. Таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки хусусияти фаромиллӣ доранд, ҳамкории фаъол ва ҳамоҳангсозии амалҳоро байни давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои технологӣ талаб мекунанд. Барои муқовимат ба терроризми иттилоотӣ зарур аст, ки ҳамаи ҷонибҳо дар мубориза бо ин таҳдидҳо якҷоя амал кунанд.

а) Ташаббусҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо: Мухобилат дар байни давлатҳо ва мубодилаи иттилоот барои мубориза бо терроризми иттилоотӣ воситаи муҳими ҳамкории байналмилалӣ аст. Ин ташкили марказҳои байнидавлатии мубодилаи маълумот ва амалиёти муштарак барои муқовимат ба экстремизмро дар бар мегирад. Масалан, ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, дар мубориза бо экстремизм тавассути технологияҳои иттилоотӣ як намунаи самараноки чунин ҳамкорӣ мебошад.

б) Нақши ширкатҳои хусусӣ дар мубориза бо терроризми иттилоотӣ: Ширкатҳои бузурги технологӣ, ба монанди Google, Facebook Twitter ва ғайра, дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳо барои назорат ва ҳифзи иттилоот нақши муҳиме мебозанд. Онҳо бо эҷод ва татбиқи абзорҳо барои филтр ва нест кардани маводи экстремистӣ, инчунин дар мубориза бо идеологияи радикалӣ, кӯмак мекунанд.

Ин ҳамкорӣ дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ ба ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо радикализатсия мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти таҳлили масъалаи мазкур метавон ба хулосаҳои зерин расид:

1. **Фазои иттилоотӣ ҳамчун муҳити стратегӣ:** Фазои иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ ба муҳити калидии таъсиргузорӣ, мубориза ва танзими равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ табдил ёфтааст. Он на танҳо воситаи паҳнсозии

иттилоот, балки майдони амалии ҷангҳои иттилоотӣ мебошад, ки дар он субъектҳои гуногун, аз ҷумла гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ фаъолона иштирок менамоянд.

2. **Таҳдид ба амнияти миллӣ тавассути иттилоот:** Тавассути паҳнсозии маълумоти бардурӯғ, таблиғоти ғаразнок ва таъсири равонӣ, ҷараёнҳои иттилоотӣ ба шуури омма, суботи иҷтимоӣ ва эътимоди шаҳрвандон ба сохторҳои давлатӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар натиҷа, амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ зери хатар қарор мегиранд.

3. **Гурӯҳҳои террористӣ ва истифодаи фазои рақамӣ:** Гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ фазои рақамиро барои таблиғи идеологияи худ, ҷалби ҷонибдорони нав, омодасозии амалиётҳои тахрибкорона ва таъсир ба шуури ҷомеа васеъ истифода мебаранд. Онҳо бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои шифргузорӣ имкониятҳои худро дар самти таъсири иттилоотӣ афзун мегардонанд.

4. **Нақши омилҳои идеологӣ ва динӣ:** Гурӯҳҳои мазкур бо истифодаи «омили исломӣ» ва тафсирҳои радикалӣ, фазои иттилоотиро барои мақсадҳои таблиғотӣ ва идеологӣ истифода бурда, раванди радикализатсияро таҳрик медиҳанд. Истифодаи дин ҳамчун абзори таъсир ба шуури ҷамъиятӣ як таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ арзёбӣ мегардад.

5. **Ҷанги иттилоотӣ ҳамчун механизми бисёрсатҳавӣ:** Ҷангҳои иттилоотӣ дорои шаклҳои мухталиф буда, метавонанд ҳамчун амалиёти стратегӣ, низомӣ, сиёсӣ ва равонӣ амалӣ гарданд. Онҳо дорои хусусиятҳои фаромиллӣ, махфият, суръати баланди паҳншавӣ ва таъсири фаврӣ мебошанд.

6. **Зарурати чораҳои мақмуӣ:** Барои муқовимати муассир ба ин таҳдидҳо, татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ (дар заминаи қонунгузории миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ), истифодаи технологияҳои муосир (мониторинг, филтркунии мундариҷа, муайянсозии ҳамлаҳои киберӣ), баланд бардоштани саводи расонаӣ ва таблиғоти зиддиифротгароӣ, инчунин ҳамоҳангсозии амалҳои байналмилалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

7. **Масъулияти институтҳои давлатӣ ва ҷомеа:** Назорат ва танзими фазои иттилоотӣ бояд як қисми ҷудонашавандаи сиёсати амнияти миллӣ бошад. Ин талаб мекунад, ки сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва муассисаҳои таълимӣ дар самти муқовимат ба ҷангҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои радикалӣ фаъол бошанд.

Адабиёт

1. Абдулҳаев, К. Дурӯғу буҳтонҳои навбатии М.Кабирӣ [манбаи электронӣ] / К. Абдулҳаев. – URL: www.http://mit.tj/article/дурӯғу-буҳтонҳои-навбатии-м-кабирӣ (санаи истифодабарӣ: 12.01.2025)
2. Алоева, А.А. Информационный терроризм – угроза национальной безопасности в условиях цифровизации / А.А. Алоева, И.А. Алоев, А.З. Жуков // Пробелы в российском законодательстве. – 2020. – Т. 13. № 6. – С. 197–201.
3. Вершинина, В.Ю. Религиозный фактор международных отношений в XXI веке / В.Ю. Вершинина // Актуальные проблемы современных международных отношений. – 2016.–№6.– С.8.
4. Вирен, Г. Современные медиа: Приемы информационных войн / Г. Вирен. – М.: Аспект Пресс, 2013.–126 с.
5. Гриняев С. Концепция ведения информационной войны в некоторых странах мира [манбаи электронӣ] — URL: http://www.soldiering.ru/psychology/conception_psywar.php (санаи мурочиат: 02.02.2025)
6. Добровольская И.А. Понятие «информационное пространство»: различные подходы к его изучению и особенности [манбаи электронӣ] — URL: file:///C:/Users/admin/Downloads/ponyatie-informatsionnoe-prostranstvo-razlichnye-podhody-k-ego-izucheniyu-i-osobennosti.pdf (санаи мурочиат: 01.02.2025)
7. Жаворонкова, Т.В. Использование сети Интернет террористическими и экстремистскими организациями / Т.В. Жаворонкова // Вестник Оренбургского государственного университета. – 2015. – № 3 (178).–С. 29–36.
8. Закиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ: Ҷилди 1. // Закиров Г.Н. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015.–520 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» [Манбаи электронӣ]. Дастрас аз: — URL: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 03.02.2025)
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муборизa бар зидди терроризм» // аз 27.11.2014 сол, №1146, http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 03.02.2025)
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм » // аз 02.01.2020 сол, № 1655, http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 03.02.2025)

12. Мавлонов, Х.Д. Таъсири иттилоот ба арзишҳои маънавии ҷомеа [Матн] / Х.Д. Мавлонов // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №6 (107). – С. 175–179.
13. Манойло, А.В. Ҷангҳои гибридӣ: Таҳлил ва амалҳо / А.В. Манойло. – Душанбе: Академия, 2021.– 280 с.
14. Манойло, А.В. Государственная информационная политика в особых условиях / А.В. Манойло. – М., 2003. – 76 с.
15. Мохаммад, Т.А. Исламский фактор в мировом политическом процессе / Т.А. Мохаммад // Вестник Московского государственного лингвистического университета. Общественные науки. – 2017. –№1. – С. 67.
16. Муҳаммад, А.Н.Амнияти миллӣ / А.Н. Муҳаммад, Х.К. Сафарлизода.–Душанбе:2019 – 226 с.
17. Ҳусайнзода, А.Б. Таъсири омилҳои динӣ ба равандҳои сиёсӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / А.Б. Ҳусайнзода. – Душанбе, 2023.–114 с.
18. Саидов, Ш.Ш. Исламский фактор и его влияние на политические процессы центральноазиатского региона (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. полит. наук / Ш.Ш. Саидов. – Душанбе, 2014. – С.12.
19. Скробогатов, В.В. Политико-информационное пространство: институциональный аспект оформления / В.В. Скробогатов // Евразийский Союз Ученых (ЕСУ). – Краснодар: КубГУ, 2014. – № VIII. – С. 122–125.
20. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Манбаи электронӣ] www.https:prokuratura.tj /news-tj/1229-piramidai-moliyav-19.html (санаи мурочиат: 04.02.2025).
21. Трубников, В.Г. Философские аспекты информации / В.Г. Трубников, А.А. Стрельцов, В.А. Статура, А.С. Басеев, А.В. Беляев // Sciences of Europe. – 2018. – № 31. – С. 63–65.
22. Шатило, Я.С. Информационные войны / Я.С. Шатило, В.Н. Черкасов // Информационная безопасность регионов. – 2009. – №2 (5). С44-51

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН СУБЪЕКТҲОИ ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЗОИ МУОСИРИ РАҚАМӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили сиёсии таҳдидҳои иттилоотӣ ва нақши ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ ҳамчун субъектҳои ҷангҳои иттилоотӣ бахшида шудааст. Муаллиф, бо такя ба таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, равандҳои истифодаи фазои рақамӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ифротиро таҳлил менамояд. Дар мақола нишон дода мешавад, ки ташкилотҳои террористӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва абзорҳои рақамӣ ғояҳои хатарнокро паҳн намуда, ба амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва шуури ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Муаллиф истифодаи ҷанги иттилоотӣ ҳамчун стратегияи асосии ин гурӯҳҳоро шарҳ дода, зарурати татбиқи тадбирҳои ҳуқуқӣ, технологӣ, таълимӣ ва байналмилалиро дар мубориза бо ин таҳдидҳо таъкид менамояд. Хулосаҳои мақола барои таҳияи сиёсати иттилоотӣ ва амнияти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд доранд.

Калидвожаҳо: терроризм, экстремизм, ҷанги иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, фазои рақамӣ, кибертаҳдид, радикализатсия, идеологияи ифротӣ, амнияти миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ КАК СУБЪЕКТЫ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН В СОВРЕМЕННОМ ЦИФРОВОМ ПРОСТРАНСТВЕ

Настоящая статья посвящена политико-правовому и стратегическому анализу угроз, исходящих от террористических и экстремистских организаций в условиях современного цифрового пространства. Автор рассматривает информационное пространство как ключевую арену геополитического и идеологического противостояния, где террористические группы активно используют цифровые платформы, социальные сети и интернет-технологии для распространения радикальных идей, манипуляции общественным сознанием и дестабилизации политической обстановки. Опираясь на международный опыт и законодательство Республики Таджикистан, в статье подчеркивается необходимость укрепления кибербезопасности, развития медиаграмотности населения и расширения международного сотрудничества в борьбе с информационным терроризмом. Выводы автора имеют как теоретическое, так и прикладное

значение для формирования устойчивой государственной информационной политики и обеспечения национальной безопасности.

Ключевые слова: терроризм, экстремизм, информационная война, информационная безопасность, цифровое пространство, киберугрозы, радикализация, идеология, национальная безопасность, Республика Таджикистан.

TERRORISM AND EXTREMISM AS ACTORS OF INFORMATION WARS IN THE MODERN DIGITAL SPACE

This article presents a political and legal analysis of information threats posed by terrorist and extremist organizations within the context of modern digital space. The author examines the information environment as a key domain of geopolitical and ideological confrontation, emphasizing how terrorist groups exploit social networks, digital platforms, and internet technologies to disseminate radical ideologies, manipulate public opinion, and destabilize political systems. Based on international experience and the legal framework of the Republic of Tajikistan, the article highlights the urgent need to strengthen cyber security, enhance media literacy, and expand international cooperation to counter information terrorism. The findings offer both theoretical insights and practical recommendations for shaping a resilient national information security policy.

Keywords: terrorism, extremism, information warfare, information security, digital space, cyber threats, radicalization, ideology, national security, Republic of Tajikistan.

Дар бораи муаллиф
Ҳусайнзода Аминҷон Бурихон
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16.

Об авторе
Хусайнзода Аминджон Бурихон
Кандидат политических наук, доцент заведующий кафедрой юриспруденции
Кулябский государственный университет
имени Абуабдуллоха Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.

About the author
Husainzoda Aminjon Burikhon
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of Head of the Department of Law
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov Street, 16.

ТДУ 339.924:327(510+5–15)

СТРАТЕГИЯИ ГЕОИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Бедилзода Ҳ.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Минтақаи Осиёи Марказӣ аз лиҳози ҷойгиршавии геополитики, геоиқтисодӣ ва геостратегӣ нисбати дигар минтақаҳо фарқияти зиёд дошта, ин минтақа дорои захираҳои фаровони таббӣ ва қувваи кори арзон мебошад. Аз ин хотир минтақа таваҷҷуҳ ва рақобати давлатҳои абарқудрат ва пурқудратро ба мисли Чин, Россия, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҳиндустон, Туркия ва Эронро ба миён овардааст. Воқеаҳои охири даҳсолаҳои дуюм ва сеюми асри XXI ва махсусан зиёда аз сӣ соли истиқлолияти сиёсии ин давлатҳо, ба бӯҳрон дучор гардидани системаи амнияти дар Осиёи Ҷанубӣ, фаъол гардидани рақобат ва муборизаи актӯрҳои асосӣ дар ин минтақа, таҳлилгарон ва тадқиқотчиёнро водор месозад, ки ба омӯзиши раванду воқеаҳо диққати махсус намоянд.

Дар давоми зиёда аз 30 соли гузашта дар харитаи геополитикӣ ва геостартегии ҷаҳон як қатор дигаргуниҳо ба чашм мерасад. Низоми дуқутбии пешини ҷаҳон майл ба бисёрқутбӣ намуда ва боз гардиш ба дуқутбии навро дорад. Ҷумҳурии мардумии Чин ба қудрати бузурги иқтсодиёти ҷаҳонӣ мубадал гашта, сиёсати хориҷии худро бо ҳамсояҳои наздикаш фаъол намудааст. Дар қатори ҶМЧ Россия низ намехоҳад, ки мавқеи сиёсии худро дар ин минтақа аз даст диҳад. ИМА бошад бо маблағгузориҳои зиёд талош дорад, ки нуфузи сиёсӣ ва иқтисодии ин ду давлатро дар минтақа коҳиш диҳад.

Дар ҳудудҳои ҳозираи худ минтақаи Осиёи Марказӣ баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ созмон ёфт. Расман созмонёбии он дар вохурии тошкандӣ миёни сарварони сиёсии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркменистон ва Ӯзбекистон, ки моҳи январи соли 1993 баргузор шуда буд, амалӣ гардид. Дар таърихи нави ҷаҳони баъдидуқутбӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ ин панҷ давлат дохил мегардад.[1, с. 82-99]

Дар охирҳои асри XX дар архитектураи геостратегии минтақаи Осиёи Марказӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Дар доираи мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ақидаҳое баён шуданд, ки гӯё ин оғози “Бозии бузурги нав” буда дар он давлатҳо ба мисли ИМА, Россия, Чин, ИА, Туркия, Эрон ва ғ. ҷалб гардидаанд [2].

Баланд будани мавқеи давлатҳои ҳамсояи Чин ва раванди ташаккулёбии бисёрқутбӣ аз солҳо 90-уми асри XX дар ҷаҳон ва моил гаштани он ба дуқутбии рақобатнок (ин ҷо Чин ва ИМА дар назар дошта шудааст) барои аз сари нав барои “тақсим” намудани таъсиррасони фазои минтақаи Осиёи Марказӣ оварда расонид.

Дар давлати Чин барқарор намудани хатсайрҳои дохилии трансавроосиёгӣ бисёр ҳам муҳим аст. Зеро интиқоли молу маҳсулот тариқи роҳҳои баҳрӣ аз давлати Чин як қатор мушкилоти амниятиро ба бор овардааст. Дар ин хатсайрҳо, ки контейнеркашон аз ду “гузаргоҳи танг”-и дарёи Малакка ва канали Суетс мегузарад ва ҳар дуи ин гузаргоҳҳо аз тарафи қудратҳои ғарбӣ назорат мешаванд. Ба хотири рақобати Пекин бо давлатҳои ғарбӣ метавонад ба бехатарии нақлиёти баҳрии чиниҳо таҳдидҳо эҷод намояд. Аз ин рӯ Пекин аз роҳҳои хушкигарди даврони пешини “Шарқ-Ғарб” ёдовар шудаст, ки ин хатсайр аз минтақаи Осиёи Марказӣ мегузарад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ нисбатан сатҳи баланди аҳолиро доро мебошад. Дар охири соли 2020 дар ин минтақа 74,5 млн нафар зиндагонӣ мекарданд [3].

Аз соли 1990 то соли 2019 аҳолиии минтақа 46,1% афзудааст. Мувофиқи пешбиниҳои Созмони Милалӣ Муттаҳид сатҳи баланди афзоиши аҳоли дар минтақа то соли 2050 метавонад ба 100 млн нафар расад. Дар ин қатор сатҳи афзоиши аҳолӣ ба сатҳи афзоиши иқтисодии минтақа алоқаманд карда намешавад. Аз ҷумла, давлати аз ҳама сераҳолии минтақа Ӯзбекистон ба ҳисоб рафта, аҳолии он метавонад ба 42,9млн, баъди ин Қазоқистон аҳолиаш ба 24млн, Тоҷикистон аҳолиаш ба 16,2млн, Қирғизистон аҳолиаш ба 9,1 млн ва охирин Туркменистон аҳолиш ба 7,9 млн баробар шавад [4]. Дар ҳолати рушди бомароми иқтисодии ин минтақа дар солҳои 2020-2050 метавонад ба бозори дохилии фурӯши маҳслоте, ки дар ин давлатҳои ҳамсоя истеҳсол мешавад, табдил ёбад.

Минтақаи Осиёи Марказиро инкишофи нобаробар вобаста ба як қатор мушкилоти мавҷудбуда, дар роҳи рушди иқтисодӣ домангир аст. Баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамаи давлатҳои минтақа ба мушкилоти модернизатсиякунонии иқтисодиёти миллии худ бархурд намуданд. Дар ин давра паст рафтани ММД дар ҳамаи давлатҳо ба чашм мерасид, ки ба азнавсозии соҳаи иқтисодию савдоӣ ва ҳамкорию маблағгузориҳои хориҷӣ вобастагӣ дошт. Аммо аз аввали асри XXI сатҳи рушди бемайлони иқтисодӣ бо пайдо гардидани инвеститсияҳои хориҷӣ, баланд гардидани ҳамгироҳои иқтисодӣ ва иқтисодию савдоӣ ва ҳамкориҳои инвеститсионӣ бо давлати Чин ин минтақаро ба фазои рушдкунанди ҷаҳонӣ мубаддал гардонид.

Таҳлили гардиши савдои хориҷии панҷ давлати Осиёи Марказӣ тамоюли ягонаро нишон медиҳад, ки аз солҳои 90-уми асри XX ҳаҷми савдои хориҷии ин давлатҳо кам гардида ва аввалҳои соли 2000-ум ин ҳаҷмҳо ба таври назаррас боло рафтанд, ки омили асосии он интегратсияи иқтисодӣ ва маблағгузориҳои давлати Чин дар ин минтақа мебошад.

Ба ғайр аз иқтидори нақлиётии ин минтақа, инчунин боз захираҳои зиёди таббиӣ, ба мисли нафт, газ, ангишт, уран ва дигар канданиҳои фоиданоки ҷалбкунанда аст. Аз ҳама пеш метавон иқтидори гидроэнергетики онро қайд намуд. Дар ҳудуди ин минтқа ду дарёи бузурги Сирдарё ва Амударё ҷорӣ мешавад, ки заминаи асосии иқтидори гидроэнергетикӣ ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти биёбонҳо ва нимбиёбонҳои камаҳолӣ, кӯҳҳо, ҳамвориҳо ва иқлими хушки контиенталӣ, инчунин рӯзҳои зиёди офтобӣ барои истифодаи энергияи “сабзӣ” бодӣ ва офтобӣ ниҳоят мувофиқ аст. Захираҳои зиёди маъдани уран имконияти сохтани стансияҳои атомиро дар ин минтақа муҳайё месозад. Дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон оиди ин масъала муҳокимрониҳо рафта истодааст [5].

Таҳлилу омӯзиши ин давлатҳо дар алоҳидаги нишон медиҳад, ки ҳар як давлати ин минтақа аз захираҳо бой буда, пурра метавонанд талаботҳои дохилии худро таъмин намуда ва ҳатто барои содирот ба хориҷ молу колои худро пешниҳод намоянд.

Барои мисол, дар Қазоқистон зиёда 50% захираи ҷаҳонии волфрам, 25% уран, 23% хром, 19% сурб, 13% рух, 10% мис ва 10% оҳан мавҷуд аст. Ин кишвар бо нишододи захираи кашфшудаи уран дар ҷаҳон дар ҷой дуюм, бо нишондоди захираҳои мавачудаи нафт дар ҷой ҳафтум ва гази таббиӣ бошад дар ҷой 22-юм қарор дорад.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз лиҳози нафту газ, урани таббии ва тилло бой мебошад.

Туркманистон низ захираҳои зиёди нафту газ, металлҳои ранга ва дигар канданиҳои фоиданок доро аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба захираҳои об дар ҷаҳон, дар ҷой ҳаштум қарор дошта аз лиҳози истифода ба сари аҳолӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Захираҳои оби он зиёда аз 60% захираҳои минтақаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, вале то ҳол ин захираҳо дуруст коркард нашудааст. Чунин ваъзият дар соҳаи нафту газ низ ба чашм мерасад, аз ин хотир давлатро лозим аст, ки воридоти зиёди захираҳои энергетикиро ба роҳ монад.

Қирғизистон миёни давлатҳои ИДМ вобаста ба захираҳои тилло ва об дар ҷой сеюм, инчунин дар ҷаҳон вобаста ба истеҳсоли симоб дар ҷойи сеюм қарор дорад. (ҳамон ҷо)

Захираҳои зиёди табиии минтақа ва иқтидори он ба сифати алтернативаи мултимодалии коридори нақлиёти дигар марказҳои қудратро ба худ ҷалб менамояд, ки дар навбати аввал ин давлати ҳамсоя Ҷумҳурии мардумии Чин ба ҳисоб мераванд.

Дар соли 1992 давлати Чин яке аз аввалинҳо шуда муносибатҳои дипломатии худро бо давлатҳои ин минтақа барқарор намуд.

Аввлин масъалае, ки барои давлати Чин дар ҳамкориҳои дутарафаи давлатҳои минтақа муҳим ба ҳисоб мерафт ин демаркатсияи сарҳади давлатӣ буд. Давлати Чин сарҳади хеле тулонӣ (қариб 3,7 ҳазор км) бо се давлати минтақа Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистонро дорад.

Дуюмин масъале, ки барои давлати Чин муҳимият дорад, ин таҳдидҳои сепаратистони уйғурӣ дониста мешавад. Барҳам хурдани сохти сотсиалистӣ ва авҷ гирифтани қуввахои демократӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои фаъолияти ташкилотҳои эктсремистии уйғурҳо шароит фароҳам овард. [6.251] Дар солҳои аввали ҳамкориҳо вазифаи асосии давлати Чин ин нигоҳдошти ваъзияти устувори сиёсӣ дар минтақаи Синтзян ба ҳисоб мерафт. [7.49] Аҳолии уйғури ин минтақаи Чин аз лиҳози фарҳангӣ, динӣ ва таърихи қаробатҳои зиёд ба мардуми

минтақаи Осиёи Марказӣ дошта ва ин ҳамрангиҳо метавонад хавфҳоро вобаста ба фаъолияти ҳаракатҳои сепаратистӣ дар Синтзян афзояд. Ин минтақа аз 1/6 ҳиссаи ҳудуди давлатро ташкил намуда, захираҳои зиёди углеводородҳо ва 80% пахтаи давлат дар ин минтақа истеҳсол мешавад.

Дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ фосилаи миёни минтақаи ғарбӣ қафомонда ва минтақаи тараққикардаи наздибаҳрии Чин, ки дар он минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бо корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ барои содирот ба хориҷи кишвар ҷойгир шудааст, афзун гардид. Дар соли 1999 стратегияи инкишофи минтақаҳои ғарбии давлат қабул гардид, ки мақсади асосиаш азхудкунии комплексии қаламрави қафомонда буда, иҷроиши он то соли 2049 дар бар мегирад. Муҳлати иҷроиши ин стратегия дар доираи ташаббусҳои “як камарбанд, як роҳ” мувофиқат намуда, нақши муҳими ин минтақаро дар сиёсати иқтисоди хориҷии давлати Чин муайян менамояд.

Ба ғайр аз ин стратегияи икишофи ноҳияҳои ғарбӣ, дар Чин лоиҳаи бо номи “баромад ба хориҷ” амалӣ шуда истодааст, ки мақсади асосии он баланд бурдани ҳаҷми содиротӣ ба хориҷи кишвар аст.

Барномаи инкишоф додани вилоятҳои ғарбӣ “баромад ба хориҷ” ва ҳамроҳ гардидани давлати Чин ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат дар соли 2001шароит муҳаё сохт, ки ҳузури иқтисодии худро дар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мустаҳкам созад. Тарққиёти саноатии давлати Чин талаб мекард, ки таъминоти углеводородҳо бетахир гузашта аз назорати роҳҳои давлатҳои ғарбӣ таъмин гардад.

Ҳаҷми гардиши мол миёни давлати Чин бо давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз соли 2000 то соли 2020 бисту панҷ маротиба боло рафта аз 1,5 млрд доллари соли 2000-ум ба 38,6 млрд доллар дар соли 2020-ум расид. Маблағгузориҳои сармояи хусусии хориҷӣ бошад ба 14 млрд доллар баробар шуд [8].

Шарики асосии давлати Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Давлати Чин асосан ба соҳаҳои нафту газ, истеҳсоли уран ва металлҳои ранга (мис, волфрам, алюминӣ) таваҷҷуҳ дорад. Дар асри XXI давлати Чин як қатор лоиҳаҳоро вобаста ба сохтумони инфраструктураи интиқол додани нафти қазоқӣ, аз ҷумла ; соли 2001 сохтумони хатти интиқлои нафти “Кенкияк - Атырау”, дар соли 2006 хати интиқоли нафти “Атасу-Алшанкоу”, дар соли 2009 хатти интиқоли нафти “Кенкияк-Кумкол” ба истифода дода шуд. Бо дастгирии давлати Чин инфраструктураи интиқоли нафти соҳили каспийи Қазоқистон ба минтақаи Синтзяни Чин сохта ба истифода дода шуд. Ба воситаи хатти интиқоли нафти “Қазоқистон-Чин” аз соли 2009 то соли 2021 зиёда аз 150 млн тонна нафт, ба давлати Чин интиқол шудааст. Ба ғайр аз ин дар соли 2017 мувофиқи шарномаи ба имзорасидаи миёни ин давлатҳо барномаи ҳамкориҳои дутарафа дар ҳаҷми 21 млрд доллар амалӣ мегардад [9].

Ҳаҷми савдо бо Ҷумҳурии Туркменистон баъди ба истифода додани хатти лулаи гази “Қазоқистон- Чин” дар соли 2015 хело боло рафт. Мегапроекти шохаи қазоқистонии хатти лулаи гази аз ҳама дарозтарин дар ҷаҳон “Чин-Осиёи Марказӣ”-ро ба истифода доданд, ки таъминоти газро ба воситаи Туркменистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ба Чин амалӣ мегардонад. Дар солҳои 2015-2021 ба воситаи ин лула зиёда аз 380 млрд м^3 гази табби ба давлати Чин интиқол дода шуд [10].

Солҳо охир дар умум боло рафтани савдо бо ҳама давлатҳои минтақа ба чашм мерасад. Дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон давлати Чинро имконоти коркарди тилло, металлҳои сиёҳ ва ранга мутаваҷҷеҳ сохтааст. Давлати Чинро дар Тоҷикистон коркарди конҳои тилло ва захираҳои бузурги обӣ ҷалб намудааст.

Дар соли 2013 аввалин маротиба дар Осиёи Марказӣ мегастратегияи давлати Чин “Як камарбанд-як роҳ” садо дод. Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аввалин шуда аъзои “Минтақаи иқтисодии роҳи абрешим” (МИРА) гардиданд.

Бо ёрии молиявии давлати Чин инфраструктураи нақлиётии минтақа навсозӣ гардид. Дар соли 2019 лоиҳаи қазоқиву чинии роҳи автомобилгарди трансконтиненалии “Аврупои Ғарбӣ – Чини Ғарбӣ” ба итмом расид. Роҳи автомобилгарди “Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон” ва “Чин-Тоҷикистон” сохта ба истифода дода шуд. Аз соли 2015 оғоз намуда давлати Чин дар сохтумони роҳи оҳани хатти “Чин- Аврупо”, ки берун аз ҳудуди Россия мегузарад сармоягузорӣ намуда, то соли 2022 дар ин хатсайр зиёда аз 25 ҳазор маротиба қатораҳо аз ду тараф рафтуо намуданд [11].

Нақши боризро дар баланд бурдани ҳаҷми савдои миёни давлати Чин ва Қазоқистон кушода шудани нуқтаи назорати сарҳадӣ (ННС) “Хоргос-Алтынкол” дар соли 2012, бо ташкил намудани минтақаи савдои озод мебозад.

Дар соли 2019 дар Ҷумҳури Мухтори Синтзян Уйғур (ҶМСУ) роҳи оҳани “Карамай-Тачэн” ба истифода дода шуд, ки ин роҳи оҳан дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон “Тачэн (ҶМСУ) –Аяғоз (Қазоқистон)” идома меёбад. Ин шохаи сеюми роҳи оҳани миёни ин давлатҳо буда, он метавонад боз як минтақаи савдои озодро дар ННС-и Бакту таҳрезӣ намояд.

Пекин муколамаи сиёсии худро бо давлатҳои минтақа на танҳо дар доираи СҲШ мусатҳкам менамояд, инчунин дар формати “Чин+Осиёи Марказӣ”-и низ роҳандозӣ намудааст. Дар соли 2020 формати нави “5+1” (“Осиёи Марказӣ+Чин)” дар сатҳи вазоратҳои корҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуд. Дар моҳи январи соли 2022 аввалин маротиба ба таври пахши мусақим саммити сарони давлатҳо гузаронида шуд. Масъалаи асосии ин вохурӣ ҷашни 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни ин кишварҳо буда, аммо дар ҳошияи он давлати Чин хоҳиши на танҳо боло бурдани муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин иштироки фаъол доштан дар муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар минтақаро баён намуда бо ин мехоҳад таъсири дигар акторҳоро дар минтақа коҳиш диҳад. Аслан давлати Чин рақиби асосии худ дар минтақа Федератсияи Россия ва Ҳиндустонро медонад.

Дар ин саммит тарафҳо изҳор намуданд, ки муносибатҳо ба “давраи сифатан нав” бароварда мешавад. Тарафи давлати Чин изҳор дошт, ки муносибатҳоро бо ин давлатҳо боз ҳам жарфтар месозад. Роҳбари давлати Чин Си Сзинпин оиди барномаи рушди гардиши моли миёни давлатҳо қайд намуд, ки ин нишондод бояд ду баробар боло бурда то соли 2030-ум ҳаҷми он то 70 млрд доллар расонида шавад [12].

Дар давраи муосир муносибатҳои чинӣ-тоҷикӣ дар асоси маҷмуи ҳамаҷониба ба роҳ монда шудааст. Масалан, дар моҳи июли соли 2024 дар доираи сафари Раиси давлати Чин Си Сизипин ба шаҳри Душанбе, дар вохури бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарафҳо “Изҳороти муштарак оиди икишофи муносибатҳои шарикии бисёрҷанба ва ҳамкориҳои стратегӣ дар даврони муосир”-ро расонай намуданд, ки дар он сарварони ду давлат ба мувофиқа омаданд то, ки дар ҳамкориҳои наздик дар минбаъд “Стратегияи инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”-ро бо афзалиятҳои калидии ташаббуси чинӣ “Як камарбанд ва як роҳ” амалӣ намоянд [13]. Дар натиҷаи ин вохӯри миёни давлатҳо 29 созишномаҳои наве, ки соҳаҳои саноат, энергетика, сармоягузориҳои дутарафа, сохтумонҳои инфарструктуравӣ, эътирофи дараҷаҳои илмӣ, инчунин фарҳанг, илм, сайёҳӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад, ба имзо расонида шуд [14].

Ҳамкориҳои миёни ин давлатҳо дар самти амниятӣ дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, дар асоси консепсияи муобриза бо “се қувваи бадӣ” – терроризм, экстремизм ва сепаратизм ба роҳ монда шудааст. Барои Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тулонӣ (1397 км) дорад, нигоҳдошти вазъияти устувор дар мавзеҳои наздисарҳадӣ метавонад самти рӯзмарраи муколама бо Пекин бошад. Давлати Чин ташаббуси Тоҷикистонро оид ба созмон додани Маркази Антинаркотикии СҲШ дар ш.Душанбе, аз тарафи Пешвои миллат Э. Раҳмон дар соли 2019 пешниҳодгардида дастгирӣ менамояд, ба ғайр аз ин тарафҳо оид ба ҳамкориҳо дар самти пешгирӣ намудани таъсиррасони сиёсии беруна ва ташкил намудани инқилобҳои ранга бо мақсади аз байн бурдани ҳокимиятҳои қонунӣ, гуфтугузорҳо доранд.[15]

Давлати Чин дар доираи ҳамкориҳои СҲШ кӯшиш менамояд, ки диди нави худро оиди муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар асоси иззату эҳтироми ҳамдигарии ҳамаи давлатҳо, инчунин бо манфиатҳои баробар ҳамкориҳои мутақобиларо ба роҳ монад. Аз чунин нигоҳ, таваҷҷуҳи Тоҷикистон бо фаъол гардонидани ҳамкориҳо бо давлати Чин дар доираи СҲШ ва дастгири намудани ташаббусҳои чинӣ ба чашм мерасад, ки дар ин доира ба Тоҷикистон шароит фароҳам мегардад то дар равандҳои назорати глобалӣ иштироки фаъол дошта бошад [16].

Маҷмуи савдои миёни ин давлатҳо оғоз аз соли 2020 бо боварӣ мефзояд, ҳоло он, ки дар давраи пандемияи COVID -19 гардиши моли миёни ин давлатҳо 36,5% коҳиш ёфта буд. Ҳамагӣ дар давраи солҳои 2020-2023 маҷмуи умумии савдо қариб 4 баробар афзоиш ёфта, аз 1,06 млрд доллари соли 2020 то ба 3,93млрд доллар дар соли 2023 расид. Дар ин қатор бояд ёдовар шуд, ки

раванди оҳистаоҳиста боло рафтани саҳми воридот дар савдо меафзояд, агар дар соли 2016 қимати воридот каме зиёд аз 31 млн доллар бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба сатҳи баландтарини худ расида 382 млн долларро ташкил намуд, ки ин болоравии 10 каратаро дар ин давра нишон медиҳад.

Ба номгӯи асосии воридоти чинӣ маҳсулоти мошинсозӣ, либос, маҳсулоти электрикӣ, мошинҳо ва ғайраҳо дохил мегардад. Давлати Чин бошад аз Тоҷикистон маъданҳо, сангҳои қиматбаҳо, пахта, металлҳои ранга, маҳсулоти чармӣ ва ғайраҳоро ворид менамояд [17].

Давлати Чин барои ворид намудани сифати баланди маҳсулоти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон аҳмияти махсус зоҳир менамояд, зеро ин барои расидан ба мақсади таъмини амнияти озуқавории Чин ниҳоят муҳим аст.

Дар умум барномаи давлати Чин ниҳоят ҳам бузург аст, зеро тарафи чинӣ мақсад дорад шарики асосии савдои Тоҷикистон дар ҷаҳон бошад.

Самти муҳимтарини ҳамкориҳои ду давлат ин сармоягузориҳои дутарафа дар саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла вобаста ба барномаҳои амалигардонии ташаббуси “як камарбанд ва як роҳ” ба роҳ монда шудааст. Дар давраи солҳои 2007 то соли 2023 ҳаҷми умумии сармоягузории давлати Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,3 млрд долларро ташкил дод, ки ин сармоягузории калидии дар иқтисодиёти кишвар фаҳмида мешавад.

Самтҳои асосии сармоядорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон инҳо; ҷусутҷӯ ва истихроҷи захираҳои энергетикӣ, бахши сохтумон, аз ҷумла сохтумони неругоҳҳои оби барқӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, саноати химяавӣ, бофандагӣ, агрокоплексӣ ва ғ. Гузашта аз ин давлати Чин асоситарин сарчашмаи ёрирасони гуманитарӣ ба мисли орд, доруворӣ, воситаҳои нақлиётӣ ба ҳисоб меравад. [18] Дар шароити гузариши зина ба зинаи иқтисодиёти Тоҷикистон аз рушди бахши аввалия ба суръат бахшидани истеҳсолоти саноатӣ сармоягузории давлати Чин метавонад воситаи калидии амалишавии чунин гузариш бошад. [19, с. 106-108]

Дастовардҳо дар инкишофи ҳамкориҳои сармоядории миёни ин ду давлат кушода шудани як қатор паркҳои саноатӣ, ки муҳимтаринашон инҳо парки индустриалии чинӣ-тоҷикӣ, боғи индустриалии хоҷагии қишлоқ ва бофандагии Роҳи абрешими нав, боғи намоишии ҳамкориҳои хоҷагидории Чин-Тоҷикистон мебошад.

Дар моҳи ноябри соли 2024 дар шаҳри Левакант парки инноватсионии саноатӣ-технологӣ дар ҳудуди 1,8 га, ки дар худ корхонаҳои шишабарорӣ, хурокворӣ, химиявӣ, мебелӣ ва дигар бахшҳои саноатиро дар бар мегирад ба истифода дода шуд. Лоиҳаи парк бо ёрии мутахассисони чинӣ амалӣ гардид. [20]

Имрӯзҳо амалинамоии барномаҳои муштарак бо иштироки Фонди Роҳи абрешим модернкуноии заводи алюминийи Тоҷикистон, такмили роҳои автомобилгардӣ “Гулистон-Кулоб” ва “Рӯшон-Варшез”, сохтумони маркази логистикӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара, ба кор даровардани электростансияи офтобӣ дар ноҳияи Аштро метавон номбар намуд [21].

Дар қатори барномаҳои ояндадори логистикӣ метавон инкишоф додани коридори нақлиётии “Чин-Тоҷикистон-Афғонистон”, такмил додани шоҳроҳи “Чин-Тоҷикистон-Ӯзбекистон-Туркменистон-Эрон-Туркия”, инчунин созмон додани коридори мултимодалии нақлиётии “Чин-Тоҷикистон-Туркменистон-Ӯзбекистон”-ро ном бурд.

Дар ин қатор муҳокимаи ҳамкориҳо дар самти интиқоли молу коло ба воситаи роҳи оҳани “Чин-Аврупо” идома дорад. Тарафҳо инчунин мақсад доранд сатҳи вуруд ва интиқолро аз тариқи гузаргоҳи сарҳадии Кулма –Қарасу боло баранд. Дар нақша ҳаст, ки як қатор барномаҳои дар доираи ҳамкориҳои гуногунсамта ба дастомадаро, ки миёни давлатҳои СҲШ солҳои 2014 - 2022 баста шудаанд, амалӣ намоянд [22].

Таввҷҷуҳи истеҳсолкунандагони чиниро захираҳои зиёди минералии давлати Тоҷикистон ҷалб намудааст. Давлати Тоҷикистон захираҳои зиёди тилло, нуқра, сурб, руҳ, сурмаро доро буда, аз рӯи захираи сурма дар ҷаҳон баъд аз Чин дар ҷой дуюм қарор дошта, вобаста ба ҳаҷми захираи сурб ва руҳ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҷой аввал қарор дорад. Дар коркарди ин маъданҳо корхонаҳо бо сармоядории чинӣ иштироки фаъол доранд [23, с. 113].

Мақоми махсусро дар воридоти чинӣ тилло ва нуқраи дар Тоҷикистон истеҳсолшуда ишғол мекунад. Чиниҳо ба корхонаҳои бузурге ба мисли СП "Зарафшон" ва "ТАЛКО Голд" сармоядорӣ намуда, инчунин дар коркарди захираи нуқраи Якҷилва низ таваҷҷуҳ доранд. [24, с. 438]

Давлати Тоҷикистон яке аз қисматҳои муҳими самти паҳн кардани "қувваи нарм"-и давлати Чин дар фазои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Дар навбати аввал қадамҳои устувори ҳамкориҳо дар доираи барномаҳои таълимӣ ба чашм мерасад. Дар замони ҳозира ду Институти Конфутсия дар ин кишвар барои маъруфсозии забон ва фарҳанги чинӣ миёни мардум фаъолият дорад.

Таваҷҷуҳи ҷавонони тоҷик низ ба давлати Чин зиёд гардида, айни ҳол 5000 донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои давлати Чин ба таҳсил машғуланд. Як қатор мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дар кишвар аз тарафи ширкатҳои TBEA ва Power China сохта ва азнавсозӣ шудааст [25, с. 155].

Дар соҳаи амниятӣ бошад давлати Чин бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ ҳамчун майдони муколамаи гуногунсамта имкон фароҳам месозд, ки масъалаҳои хусусияти ҳарбӣ-сиёсӣ дошта ҳаллу фасл гарданд аз он лиҳоз, ки ҳарду давлат бо Афғонистон сарҳад дошта ва мушкилоти зиёд дар ин минтақа мавҷуд аст.

Давлати Чин муносибатҳои худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси биниши тақдири ягона ва муносибатҳои байналмилалии навъи муосир, ки дар он афзалияти аввалия ба робитаҳои дуҷонибаи эҳтиромӣ ҳамдигаридошта, баробарӣ ва ҳамкориҳои манфиатҳои мутақобиладошта, дода мешавад, ба роҳ мондааст.

Вобаста ба масъалаи геоиқтисодиёти минтақа дар хулоса ҳаминро метавон қайд намуд, ки даҳсолаҳои аввали асри XXI нақши давлати Чин хело ҳам боло рафтааст. Дар марҳилаи имрӯза ҳаҷми ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Россия ва Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ қариб, ки баробар аст, аммо давлати Чин мақсад дорад, ки ин нишондиҳадаҳоро то соли 2030-ум ду баробар афзоиш диҳад, аз ин нигоҳ Пекин метавонад дар солҳои наздик мавқеи пешсафиро дар минтақа аз худ намуда, шарики асосӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ гардад, дар ин гуна ҳолат Москва метавонад нақши худро дар минтақа аз даст диҳад.

Давлати Чин мақсад дорад, ки мавқеи худро дар минтақа боз ҳам мустаҳкамтар намуда, барномаҳои бузурги нақлиётӣ-логистикӣ ва энергетикиро амалӣ намояд [26].

Манфиатҳои геоиқтисодии давлати Чин дар Осиёи Марказӣ аз ҷойгиршавии стратегии минтақа вобаста буда, пайвасткунандаи Ғарб ва Шарқ ба ҳисоб рафта, дорои захираҳои зиёди табиист, ки барои саноати рушдкунандаи давлати Чин муҳимият дорад. Иқтидори иқтисодии давлати Чин ва таваҷҷуҳи махсусаш ба минтақа бо мақсади коҳиш додан ва "берун кардан"-и Россия аз мавқеи анъанавиаш дар минтақа фаҳмида мешавад. Дар оянда Пекин ва Москва дар якҷоягӣ кӯшиш менамояд, ки мавқегириашонро мустаҳкам намуда, дахолати тарафи сеюм, ИМА-ро дар ин минтақа пешгирӣ намоянд.

Адабиёт

1. Малышева Д.Б. Постсоветская Центральная Азия в фокусе интересов крупных азиатских государств (2019–2020 гг.) / Д.Б.Малышева // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. 2021. Т. 14. №2. С. 82–99.
2. Kleveman, L. The New Great Game: Blood and Oil in Central Asia / L. Kleveman. - New York: Grove Press, 2004. 185 p.
3. Naselenie Central`noj Azii vy`rastet bolee chem na million v 2020 godu [The population of Central Asia will grow by more than a million in2020] // Internet-portal SNG [Internet-portal SNG]. 2020. 17 Mar. URL: https://e-cis.info/news/567/86015/ (санаи мурочиат: 25.12.2024).
4. UN Population Prospects: Case of Central Asia // Eurasian Research Institute. URL: https://www.eurasian-research.org/publication/un-population-prospects-case-of-central-asia/ (санаи мурочиат: 26.12.2024)
5. Торебаева М. Искра разума: зачем Центральной Азии атомная энергетика// Известия. 2022. 21 фев. URL: https://iz.ru/1293503/madiia-torebaeva/iskra-razuma-zachem-tcentralnoi-aziiatomnaia-energetika (дата обращения: 26.12.2024).

6. Игитян М.Ю. Китайская внешняя политика в Центральной Азии и интересы России// Власть. 2019. Т. 27. №3. С. 250–259.
7. Гельбрас, В.Г. Китай. Чем недовольны уйгуры / В.Г. Гельбрас // Азия и Африка сегодня. 2010. №6 (635). С. 9–54.
8. Обзор: Китай и страны Центральной Азии прилагают совместные усилия к высококачественному строительству «Пояса и пути» // Синьхуа Новости. Russian. News. CN. 2022. 11 мар. URL: https://russian.news.cn/2022-03/11/c_1310509324.htm (дата обращения: 20.12.2024).
9. Полный текст речи председателя КНР Си Цзиньпина на онлайн-саммите глав государств Центральной Азии и Китая// Синьхуа Новости. Russian. News. CN. 2022. 25 янв. URL: http://russian.news.cn/2022-01/25/c_1310440535.htm (дата обращения: 19.12.2024).
10. China remains biggest importer of Turkmen gas // Trend News Agency. 2019. 22 Oct. URL: https://en.trend.az/business/energy/3137277.html (дата обращения: 10.12.2024).
11. Обзор: Китай и страны Центральной Азии прилагают совместные усилия к высококачественному строительству «Пояса и пути» // Синьхуа Новости. Russian. News. CN. 2022. 11 мар. URL: https://russian.news.cn/2022-03/11/c_1310509324.htm (дата обращения: 20.12.2024).
12. Обзор: взаимоотношения Китая и стран Центральной Азии вступили в новую эпоху// Синьхуа Новости. Russian. News. CN. 2022. 27 янв. URL: http://russian.news.cn/2022-01/27/c_ 1310443680.htm (дата обращения: 22.12.2024).
13. 中华人民共和国和塔吉克斯坦共和国关于发展新时 代全面战略合作伙伴关系的联合声明 [Совместная декларация Китайской Народной Республики и Республики Таджикистан о развитии отношений всеобъемлющего партнерства и стратегического сотрудничества в новую эпоху] // 中华人民共和国 外交部[Министерство иностранных дел Китайской Народной Республики]. 05.07.2024. URL: https://www.mfa.gov. cn/zyxw/202407/t20240705_11449082.shtml (дата обращения: 31.11.2024).
14. Таджикистан и Китай заключили29 новых соглашений о сотрудничестве// ТАСС. 05.07.2024. URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/21289 245 (дата обращения: 31.11.2024).
15. Китай поддержал создание в Таджикистане Антинаркотического центра ШОС// ТАСС. 19.05. 2024. URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/ 20842447 (дата обращения: 02.12.2024).
16. Хайдарзода Р., Дмитриева М. Таджикистан и Китай в ШОС: от двустороннего взаимодействия до общего глобального видения// Российский совет помеждународным делам. 08.11.2024. URL: https://rus siancouncil.ru/analytics-and-comments/columns/postsovi et/tadzhikistan-i-kitay-v-shos-ot-dvustoronnego-vzaimo deystviya do-obshchego-globalnogo-videniya (дата обращения: 08.12.2024).
17. 4塔吉克斯坦: 2023 年版[Таджикистан: доклад 2023 г.] // 中国驻塔吉克斯坦大使馆经济商务处 [Торгово-экономический отдел посольства КНР в Республике Таджикистан]. URL: http://www.mofcom.gov. cn/dl/gbdqzn/upload/tajikesitan.pdf (дата обращения: 01.12.2024).
18. 塔吉克斯坦: 2023 年版[Таджикистан: доклад 2023 г.] // 中国驻塔吉克斯坦大使馆经济商务处 [Торгово-экономический отдел посольства КНР в Республике Таджикистан]. URL: http://www.mofcom.gov. cn/dl/gbdqzn/upload/tajikesitan.pdf (дата обращения: 01.12.2024).
19. Yiliminur Nurmaiti, Li Quansheng. A Study of Complementarities and Competitiveness in Merchandise Trade between China and Tajikistan // Business & Economy (in Chinese). 2024. №2. P. 106–108.
20. Сдача в эксплуатацию Промышленно-технологического инновационного парка в городе Левакант// Президент Республики Таджикистан. 07.11. 2024. URL: https://president.tj/event/photoreport/photo report/48703 (дата обращения: 07.21.2024).
21. Встреча Министра экономического развитияи торговли с Директором Фонда Шелкового пути Китайской Народной Республики// Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан. 29.05.2024. URL: https://www.medt.tj/ ru/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/3003-vokh-riivaziri-rushdi-i-tisod-va-savdo-bo-direktori-fondi-ro-i-ab reshimi-um-urii-mardumii-chin (дата обращения: 07.12.2024)
22. 中华人民共和国和塔吉克斯坦共和国关于发展新时代全面战略合作伙伴关系的联合声明 [Совместная дек-ларация Китайской Народной Республики и Республики Таджикистан о развитии отношений всеобъемлющего партнерства и стратегического сотрудничества в новую

эпоху] // 中华人民共和国 外交部[Министерство иностранных дел Китайской Народной Республики]. 05.07.2024. URL: https://www.mfa.gov. cn/zyxw/202407/t20240705_11449082.shtml (дата обращения: 31.11.2024).
23. Luo Yanjun, Wang Bin, Meng Guanglu. Analysis of Current Situation of Advantageous Mineral Resources Development and Mining Investment Environment in Tajikistan // Xinjiang Geology (in Chinese). 2023. №1. P. 113–115.
24. Каландаршоев Г.А. Внешнеторговое сотрудничество Таджикистана и Китая: оценка современного состояния и перспективы// Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Экономика. 2023. Т. 31. №3. С. 431–447.
25. Кожокин Е.М. Борьба за влияние на Крыше мира// Вестник МГИМО-Университета. 2022. №15 (2). С. 141–163.
26. Байдаров Е. Индия и Китай подбирают ключ к Центральной Азии, но разными способами казахстанский эксперт// Евразия Эксперт. 2018. 21 мар. URL: https://eurasia.expert /indiya-i-kitaypodbirayut-klyuch-k-tsentralnoy-azii-no-raznymi-sposobami-kazakhstanskiy-ekspert/ (дата обращения: 09.12.2024).

СТРАТЕГИЯИ ГЕОИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Минтақаи Осиёи Марказиро инкишофи нобаробар вобаста ба як қатор мушкилоти мавҷудбуда, дар роҳи рушди иқтисодӣ домангир аст. Баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамаи давлатҳои минтақа ба мушкилоти модернизатсиякунонии иқтисодиёти миллии худ бархурд намуданд. Дар ин давра паст рафтани ММД дар ҳамаи давлатҳо ба чашм мерасид, ки ба азнавсозии соҳаи иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳамкорию маблағгузориҳои хориҷӣ вобастагӣ дошт. Аммо аз аввали асри XXI сатҳи рушди бемайлони иқтисодӣ бо пайдо гардидани сармоягузориҳои хориҷӣ, баланд гардидани ҳамгироҳои иқтисодӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои инвеститсионӣ бо давлати Чин ин минтақаро ба фазои рушдкунанди ҷаҳонӣ мубадал гардонид.

Дар давлати Чин барқарор намудани хатсайрҳои дохилии трансавроосиёгӣ бисёр ҳам муҳим аст. Зеро интиқоли молу маҳсулот тариқи роҳҳои баҳрӣ аз давлати Чин як қатор мушкилоти амниятиро ба бор овардааст. Дар ин хатсайрҳо, ки контейнеркашон аз ду “гузаргоҳи танг”-и дарёи Малакка ва канали Суетс мегузарад ва ҳар дуи ин гузаргоҳҳо аз тарафи қудратҳои ғарбӣ назорат мешаванд. Ба хотири рақобати Пекин бо давлатҳои ғарбӣ метавонад ба бехатарии нақлиёти баҳрии чиниҳо таҳдидҳо эҷод намояд. Аз ин рӯ Пекин аз роҳҳои хушкигарди даврони пешини “Шарқ-Ғарб” ёдовар шудаст, ки ин хатсайр аз минтақаи Осиёи Марказӣ мегузарад.

Калидвожаҳо: Давлати Чин, Осиёи Марказӣ, геоиқтисодиёт, захираҳо, манфиатҳо, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, “Як камарбанд-як роҳ”.

ГЕОЭКОНОМИЧЕСКАЯ СТРАТЕГИЯ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

На пути к экономическому росту Центральноазиатский регион переживает неравномерное развитие из-за ряда существующих проблем. После распада Советского Союза все государства региона столкнулись с проблемой модернизации своих национальных экономик. В этот период снижение ВВП наблюдалось во всех странах, что было обусловлено реструктуризацией торгово-экономической сферы, сотрудничеством и иностранным финансированием. Однако с начала XXI века устойчивый уровень экономического развития, с появлением иностранных инвестиций, усилением экономической и торгово-экономической интеграции и инвестиционного сотрудничества с Китаем, превратил этот регион в развивающееся мировое пространство.

В Китае восстановление внутренних трансевразийских маршрутов также очень важно, так как перевозка грузов и товаров морскими путями из Китая вызвала ряд проблем с безопасностью. На этих маршрутах контейнеровозы проходят через два "узких перехода" — реку Малакка и Суэцкий канал, оба из которых контролируются западными державами. Из-за соперничества Пекина с западными державами могут возникнуть угрозы безопасности китайского морского

транспорта. В связи с этим Пекин напомнил о сухопутных маршрутах предшествующей эпохи "Восток-Запад", которые проходят через Центральноазиатский регион.

Ключевые слова: Китай, Центральная Азия, геоэкономика, ресурсы, интересы, Шанхайская организация сотрудничества, «Один пояс — один путь».

GEO-ECONOMIC STRATEGY OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA IN CENTRAL ASIA

On the path to economic growth, the Central Asian region is experiencing uneven development due to a number of existing problems. After the collapse of the Soviet Union, all countries in the region faced the challenge of modernizing their national economies. During this period, a decline in GDP was observed across all countries, which was caused by the restructuring of the trade and economic sphere, cooperation, and foreign financing. However, since the beginning of the 21st century, a stable level of economic development, with the appearance of foreign investments, the strengthening of economic and trade-economic integration, and investment cooperation with China, has transformed the region into a developing global space.

In China, the restoration of internal trans-Eurasian routes is also very important, as the transportation of goods and commodities by sea from China has caused a number of security issues. On these routes, container ships pass through two "choke points" — the Strait of Malacca and the Suez Canal, both of which are controlled by Western powers. Due to Beijing's rivalry with Western powers, threats to the security of Chinese maritime transport may arise. In this regard, Beijing has reminded about the overland "East-West" routes from the previous era, which pass through the Central Asian region.

Keywords: China, Central Asia, geo-economics, resources, interests, Shanghai Cooperation Organization, "Belt and Road Initiative".

Дар бораи муаллиф
Бедилзода Ҳусайн Кабут
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмиллалии сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Tell: +992907424422.

Об авторе
Бедилзода Хусайн Кабут
Кандидат политических наук, доцент, заведующий отделом политических аспектов международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
Национальная академии наук Таджикистана.
Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: +992 907 424 422.

About the author
Bedilzoda Husayn Kabut
PhD in Political Science, Associate Professor, Head of the Department of Political Issues of International Relations at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov, National Academy of Sciences of Tajikistan.
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
Tel: +992 907 424 422.

ТДУ-32 (73)

СИЁСАТИ ШАБАКАВӢ ВА ҚУДРАТИ ИТТИЛООТӢ: ҶАНБАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мирзоев У.И., Мусоев И. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Имрӯз бе технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои ахбори омма (матбуот, радио, телевизион, интернет, телефон, видео мусоҳибаҳо, суҳбат, гуфтугӯ ва ғайраҳо) ҳаёти сиёсӣ, равандҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва дигар самтҳои фаъолияти одамонро тасаввур кардан ғайриимкон шудааст. Зеро дар шароити рушди раванди ҷаҳоншумулӣ воситаҳои ахбори омма рӯз то рӯз муҳимтару аҳамиятноктар гардида, робитаи қавӣ бо ҷомеаи инсонӣ барқарор кардааст. Аммо дар муқобили ин асри ҷадид таъсири манфии воситаҳои ахбори омма бештар эҳсос гардида истодааст. Яъне бо васеъ гардидани фазои иттилоотӣ ва афзудани нақши он дар сиёсат, пайдо гардидани воситаҳои навъи иттилоотии ахбори омма на танҳо ҳамчун манбаъи иттилоотӣ, балки воситаи муҳимтарини муборизаҳои гурӯҳӣ ва давлатӣ гардидааст. Хусусан, пойгоҳҳои хабарии хориҷӣ, ки дар давлатҳои гуногун аз манофеи "саҳомон"-и худ дифо мекунанд, барои расидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои олии хеш қодиранд, фазои номусоидеро барои давлате, ки дар он будубош доранд, тарҳрезӣ намоянд. Давлатҳои абарқудрат ва пешрафта дарк намудаанд, ки Васоити Ахбори Омма дорои қувваи бузурге мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, таъмини амнияти кишвар, давлатҳои абарқудрат аз нерӯи Васоити Ахбори Омма артиши бузургеро ташкил намуданд. Чунин равобити қавӣ ва ниҳодӣ боис шудааст, ки истилоҳи "зериҳукуматӣ" ё "секунҷаи оҳанин" нисбат ба онҳо пайдо шавад. Тамоми сиёсати дохилӣ ва хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба динамикаи фаъолонаи ин "секунҷаи оҳанин" (бо роҳи ҷалбкунӣ, боварикунонӣ) асос ёфтааст.

Ф. Шапф, сиёсатшиносӣ немис ва профессори Донишгоҳи Берлин, ин мавзуъро таҳқиқ карда, сиёсати шабакаҳоро ҳамчун амалҳо дар "сояи иерархия" тавсиф мекунад. Чунин Васоити Ахбори Омма ва шабакаҳо дар раванди гуфтушунид ва қабули қарорҳо ҷалб мешаванд, аммо танҳо дар доираи қонун. Агар муқаррарот ба чунин амалҳо иҷозат надиҳад, пас эҳтимол дорад, ки инфрасохтори сояи дорои хусусияти ҷиноятӣ ва коррупсионӣ пайдо шавад.[6]

Бо доштани таҷрибаи густурда, таъсис ва идоракунии чунин системаи шабакавии иттилоотӣ, аз солҳои 90-ум, яъне пас аз аз байн рафтани низоми дуқутбии ҷаҳон ва оғози раванди ҷаҳонишавӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба бунёди шабакаҳои худ дар саросари дунё шуруъ кард. Албатта, ба ин раванд пайдо шудани воситаҳои нави алоқа мусоидат кардааст.

Pew Research Center (Маркази таҳқиқотии Пю) қайд кардааст, ки "Иштирокчиёне, ки ҷаҳонишавиро на як имконият, на таҳдид арзёбӣ карданд, инчунин дар бораи шаклҳои шахсии ҷомеаи байналмилалӣ, ки тавассути пешрафти технологияҳои коммуникатсионӣ имконпазир шудаанд, сухан ронданд". [1] Лекин ҷаҳонишавӣ хатарҳои манфӣ ва мусбати худро дорад.

Барои баъзеҳо, ин ҳамчун алтернатива ба ҳисси ҳамбастагии маҳаллӣ ё миллӣ, ки аз ҷониби қувваҳои ҷаҳонӣ заиф шудааст, дида мешуд. Суръат ва дастрасии васоити ахбори омма ҳамчун имкон додани муошират фаврӣ "дар саросари ҷаҳон" тавсиф шудааст ва имкони ҷомеаи ҷаҳониро фароҳам меорад, ки метавонад "ҳангоми рух додани чизе дар саросари ҷаҳон" дастгирӣ кунад. [1]

Бояд қайд кард, ки шабакаҳо метавонанд системаҳои гуногун дошта бошанд, ба монанди омниканал (omnichannel истилоҳест, ки ба ҳамгироии мутақобилаи каналҳои иртиботӣ дар як системаи ягона бо мақсади таъмини иртиботи пайваста бо муштарӣ ишора мекунад), ки дар он ҳар як гиреҳи шабака бо дигарон пайваст аст. Ё дар шакли ситора, вақте ки тамоми иттилоот ва захираҳо аз як нуқта мегузарад.[5] Маҳз ҳамин шакли корбурди Иёлоти Муттаҳидаи Америка истифода мекунад, ки ҳама маълумотро тавассути филтрҳои он назорат кунад.

Бо истифода аз мисоли кории Департаменти давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка, мо мебинем, ки чӣ гуна лоиҳаҳои гуногун барои эҷоди шабакаҳои таъсири ҷаҳонидошта амалӣ карда истодаанд. Вашингтон аз маблағҳои калон истифода бурда, аз як тараф кӯшиш мекард, ки таъсири сиёсии стратегии дарозмуддат барқарор намояд. Аз тарафи дигар, аз болои ҳарчи бештари соҳаҳо назорати молиявию иқтисодӣ дошта бошад.

Имрӯз Иёлоти Муттаҳидаи Америка яке аз тавлидкунандагони бузурги иттилоот маҳсуб меёбад ва дар меҳвари иттилооти ҷаҳонӣ қарор дорад, ки зиёда аз 90% - и иттилооти ҷаҳониро идора мекунад. Пойгоҳҳои хабарии зиёде, ки таҳти сарпарастӣ ва сармоягузории мустақими Иёлоти Муттаҳидаи Америка ташкил шудаанд, дар кишварҳои зиёди сайёра фаъолият доранд, ки аз манофеи Иёлоти Муттаҳидаи Америка дифоъ мекунад. Бояд гуфт, ки қариб тамоми фазои иттилоотии олам аз ҷониби системаи пурқуввати расонаҳои Иёлоти Муттаҳидаи Америка тасарруф шудаанд. Беш аз 200 намояндагии он дар 130 давлат фаъолият доранд. Ҳудуди 20 ҳазор рӯзнома ва қариб 5 ҳазор радиостансияро, ки ҳафтае беш аз 15 ҳазор соат барнома пахш мекунанд, бо иттилоотии мақсаднок таъмин менамоянд. Агентиҳои иттилоотии Иёлоти Муттаҳидаи Америка бошанд, 90 % маҳсулоти хабарии оламро таҳти назорати худ доранд. [1]

Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба Васоити Ахбори Омма – и ҷаҳонӣ (United States Agency for Global Medias, USAGM**)** яке аз пойгоҳҳои хабарии бузурги Амрико буда, барои ҳимояи манфиатҳои ояндадори Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар тамоми ҷаҳон ташкил шудааст. Ҳадафи USAGM ин маълумот додан, ҷалб кардан ва пайваст кардани одамон дар саросари ҷаҳон барои дастгирии озодӣ ва демократия мебошад. Вазифаи Агентӣ аз ҷониби шахсони алоҳида, ки аз тарафи USAGM назорат карда мешавад, тақвият дода мешавад.

USAGM яке аз шабакаҳои хабарӣ ва иттиллоърасон бо паҳнкунии пахши мултимедиавӣ, дастгирии техникӣ (он муассисаҳоеро дасгирии техникӣ мекунад, ки сарпарастӣ онҳо мебошад), инчунин системаи интиқоли босуръати интернетро, ки ба ҳама пахшкунандагони USAGM хизмат мерасонад, идора мекунад**.**

USAGM дар навбати худ шаш муассисаро яъне, ду ташкилоти давлатӣ – Садои Амрико ва Дафтари бахши Куба, ки радио ва ТВ Марти дар бар мегирад, инчунин чаҳор созмони ғайритиҷоратии Радиои Аврупоии Озод/ Радиои Озодӣ, Радиоҳои Осиёи Марказӣ, Радиоҳои Шарқи Наздик, Шабакаҳо ва Фонди технологияи кушод, ки аз USAGM грант мегиранд, назорат мекунад. Ҳамаи онҳо вазифаҳои ба ҳам алоқаманди дезинформатсионӣ, пропаганда, барангехтани исён ба муқобили ҳукуматҳо ва ҷорӣ кардани тарзи ҳаёти Америкоиро иҷро мекунанд.[7]

Дар амалиёти байналмилалӣ USAGM бо 6 шабака, 4300 филиал ва зиёда аз 95 сомонаҳои интиқолдиҳанда ҳар ҳафта 4100 соат иттилоотро дар саросари ҷаҳон пахш мекунад. Шабакаҳои USAGM ахбор ва иттилоотро ба одамони саросари ҷаҳон бо 62 забон пешкаш мекунанд. Ҳар ҳафта беш аз 394 миллион шунаванда, тамошобин ва корбарони интернет дар сар то сари ҷаҳон барномаҳои пахши байналмилалии Иёлоти Муттаҳидаи Америка – ро фаъол ва истифода мекунанд. Шабакаҳои USAGM ҳар ҳафта зиёда аз 3000 соат барномаҳои аслӣ истеҳсол мекунад. Фаъолияти пахши ҳамарӯза аз ҷониби пахшкунандагони инфиродии байнамилалии USAGM амалӣ карда мешавад. Даромади солонаи USAGM ва шабакаҳои он дар умум аз рӯйи маълумотҳои вебсайти худи Агентӣ дар соли 2019 – 661.1 млн доллар, соли 2020 – 628.1 млн доллар, соли 2021 – 637.3 млн доллар ва дурнамои даромад дар соли 2022 бештар аз 810.4 млн доллар нишон дода шудааст. USAGM ба шаш Департаменти давлатӣ ва Сенат ҳисобот медиҳад. Ҳамчунин як агентии федоралӣ дорад, ки аз ҳисоби буҷаи Президент ва Конгресс маблағ мегирад. Инчунин, ҳамчун як қисми Шуъбаи иҷроия, USAGM таҳти назорати Конгресс қарор дорад, ки барномаҳо, фаъолиятҳо ва татбиқи сиёсатро баррасӣ, мониторинг ва назоратро дар бар мегирад. Идоракунии ҳамарӯзаи амалиёти USAGM, аз ҷумла назорати дастгирии техникӣ, касбӣ ва маъмурӣ, роҳнамоии стратегӣ ва идоракунии барномаҳои дигарро таъмин менамояд. Чунонки дар боло қайд намудем, USAGM шаш муассисаро сарпараст ва назорат менамояд.[7] Муассисае, ки доираи фаъолияти хеле бузург аст, ин шабакаи “Садои Америка” (Voice of Amerika) мебошад. Роҳбарони дастгоҳи тарғиботӣ Иёлоти Муттаҳидаи

Америка аз ибтидои “ҷанги сард” идеяи созмондиҳии чунин як ташкилотҳоеро ба миён гузоштанд, ки манфиатҳои Амрикоро дар ин давра ҳимоя намояд. Ҳамон вақт, яке аз фармондеҳи қушунҳои Амрико дар Германия, генерал Люсиус Клей, чунин изҳор намудааст: “Ба мо овози дигар лозим аст – овозе, ки шояд худи давлатдорӣ камтар танзим карда тавонад ва агар хоҳед, овози бераҳмона, бемамоният, ки ба ҳадафи возеҳ эътирофшуда – сарнагун кардани режими коммунистӣ нигаронида шуда бошад”. [7]

Агар дар давраи “ҷанги сард”, ҳадафи аслии пойгоҳҳои хабарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка “сарнагун кардани режими коммунистӣ” бошад, пас баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва шикасти режими коммунистӣ, ҳадафи ин пойгоҳҳои хабарии Амрико дар чист? Ва сарфи миллионҳо доллар барои ин расонаву шабакаҳо ба манфиати кист? Амрико ё ҳукумати худкомаи ҷаҳон. Чунин саволҳо хеле зиёданд, аммо ҳадаф ягона, эътирофи арзишҳои амрикоӣ, ҳимояи манофеи Иёлоти Муттаҳидаи Америка, дастёбӣ ба демокртияи “афсонавӣ”, қоим шудан ба фарҳанги либералӣ, ғарбикунонии босуръати олам ва сохтани “Империяи худкома” бо марказаш Амрико ва ғайра...

Барои ба ин рисолат расидан Амрико аз пойгоҳҳои хабарӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари иттилоърасон истифода мебарад. Зеро амрикоиҳо дарк кардаанд, ки пеши роҳи Васоити Ахбори Омма – ро на сангар, на девор ва на артиши боқувват гирифта метавонад. Аз ин рӯ, маблағгузории онҳоро дучанд карда, доираи фаъолияти онҳо бештар ва дар ниқоби “ҳомии демократия”, “ҳомии ҳуқуқу озодиҳои фардӣ” дар тамоми олам ҳукмронӣ карда истодааст. Ҳатто бо қонунҳои кишвар фаъолияти онҳоро ҳифз ва қонунӣ мегардонад. Қонуни ҷамъиятии 94-350, ки лоиҳаи қонун 12 июли соли 1976 дар Конгресси 94 – уми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ҷониби Президент Ҷ. Форд имзо гардид, истиқлолият ва якпорчагии барномасозии Садои Амрикоро ҳифз мекунад. Бо вуҷуди ин, Санади ИМА дар бораи инноватсия ва рақобат миллиардҳо субсидияро пешбинӣ мекунад.[2] Аз ҷумла, ин шабака ба манфиатҳои ояндадори Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо роҳи алоқаи бевосита бо халқҳои ҷаҳон ба воситаи радио хизмат мекунад. Барои таъсирбахш будан “Садои Амрико” мебоист таваҷҷуҳ ва эҳтироми шунавандагонро ба даст орад. Ҳамин тариқ, ин усулҳо пахши барномаҳои Садои Амрикоро идора мекунад:

- “Садои Амрико” ҳамчун манбаи боэътимод ва бонуфузи хабари пайваста хизмат хоҳад кард. Хабарҳои Садои Амрико дақиқ, воқеъбинона ва ҳамаҷониба аст;
- “Садои Амрико” Амрикоро намояндагӣ мекунад ва тамоми қишрҳои ҷомеаи Амрико ва ниҳодҳои муҳимми амрикоиро дастгирӣ мекунад;
- “Садои Амрико” сиёсатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Америка – ро возеҳ ва муассир муаррифӣ мекунад. Инчунин баҳсу андешаҳои масъулиятнокро дар бораи сиёсатҳо баён хоҳад кард.[8]

Оинномаи Садои Амрико соли 1960 тарҳрезӣ шуда, танҳо соли 1976 ба хотири ҳифзи ягонагии барномарезӣ ва муайян кардани рисолати созмон ба имзо расидааст. Имрӯз Садои Амрико бо 47 забон барномаҳои худро пахш мекунад, ки ҳар ҳафтаина зиёда аз 311.8 миллион нафар аз он истифода мебаранд. Дар тӯли беш аз 75 сол рӯзноманигорони Садои Амрико ҳикояҳои Амрикоро нақл карданд, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷаҳониён гардид ва Амрикоро дар сиёсат, иҷтимоиёт, иқтисод пешсаф намуд. Садои Амрико аз дастгоҳҳо ва платформаҳое, ки минтақаҳои мавриди ҳадаф истифода мебаранд, барои пайваст кардани аудиторияҳои панҷ қитъа бо мардум, андешаҳо ва муассисаҳое, ки Амрикоро беназир мегардонанд, истифода мебурд. Садои Амрико барои ҷалби тамошобинон, шунавандагон ва корбарон аз расонаҳои рақамӣ, интернетӣ ва мобилӣ истифода мекунад. Буҷаи солонаи Садои Амрико бештар аз 252 миллион доллар аст ва бештар аз 961 корманд дар 100 кишвари ҷаҳон фаъолият дорад. Пахши радио ва телевизион тақрибан бо 3000 филиал ва интиқоли маҳворай ба кишварҳое мерасад, ки озодии баён “мамнӯъ” аст ё ҷомеаи шаҳрвандӣ зери хатар аст.[9]

Ин аст, ки Амрико бо қишри носолими ҷомеаҳои гуногуни олам забон як карда, барои таҳмил додани инқилобҳои ранга, ҷангҳои иттилооӣ ва қиёмҳои мардумӣ машғул мегардад. Дар ин тазоҳуротҳо “демократия”, “озодии баён” ва “озодии фардӣ” танҳо сабаб мешаванду халос. Кишварҳои абарқудрат беҳуда барои «дастгирии демократия» созмонҳои

ғайридавлатиро маблағгузорӣ намекунанд. Онҳо ин созмонҳоро барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии давлатиашон истифода менамоянд. Худи демократия чун олоти ба сари қудрат омадани мухолифини ҳукуматҳо мавриди истифода қарор мегирад.[1]

Дар айни замон, манфиатҳо хеле васеъ мебошанд - барои Иёлоти Муттаҳидаи Америка аз истифодаи маводи мухаддир ва намунаҳои таълими иҷтимоӣ то таблиғи ифротгароӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, кӯшиши коҳиш додани таъсири расонаҳои Россия ва сохтани харитаҳои муфассали сохторҳои тиҷоратӣ дар ҷануби Осиё ба хотири муқовимат ба афзоиши нуфузи Хитой дар минтақа мешавад.

Дар замони сарвории Д. Трамп, Иёлоти Муттаҳидаи Америка барномаи “Шабакаи тоза” - ро оғоз кард, ки тавре, ки дар муаррифии расмии он гуфта мешавад, “равиши ҳамаҷонибаи маъмуриятро барои ҳифзи дороиҳои миллӣ, аз ҷумла махфияти шаҳрвандон ва махфитарин маълумоти ширкатҳо аз ҳамлаҳои хашмгинона ва дахолати ашхоси бадқасд, ба монанди Ҳизби Коммунистии Хитой муаррифӣ мекунад”. [2]

Шабакаи тоза таҳдиди дарозмуддатро ба махфияти маълумот, амният, ҳуқуқи инсон ва ҳамкории принсипиалӣ, ки ба ҷаҳони озод аз ҷониби фаъолони бадхоҳи худкома эҷод мекунанд, аз байн мебарад. Шабакаи тоза ба стандартҳои эътимоди рақамии дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда асос ёфтааст. Он татбиқи стратегияи бисёрсола, умумимиллӣ ва дарозмуддатро ифода мекунад, ки ба эътилофи шарикони боэътимод асос ёфтааст ва ба технологияҳои зудтағйирёбанда ва иқтисодиёти бозорҳои ҷаҳонӣ асос ёфтааст”. [4]

Афзалияти аввалиндараҷаи сиёсати хориҷии Ҷ. Байден низ чунин буд: “мустаҳкам кардани шабакаи иттифоқҳои худ бо мақсади нигоҳ доштани бартарияти Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Ғарб ба муқобили Хитой”. Масалан, барои шореҳони расонаҳои давлатии Хитой, баёнияи нишасти G7 “мунтазамтарин маҳкумияти Хитой ва мудохилаи қудратҳои бузурги ғарбӣ ба умури ин кишвар” буд.

Ташаббуси Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба “баргардонидани ҷаҳони беҳтар”, ки “ба арзишҳо, стандартҳои баланд ва шарикии шаффофи инфрасохторӣ, ки бо роҳбарии давлатҳои бузургтарини демократӣ асос ёфтааст”, яке аз нияти Иёлоти Муттаҳидаи Америка барои нигоҳ доштани гегемонияи худ дар ҷаҳон пас аз буҳрони COVID мебошад. Вашингтон “бо роҳи сиёсӣ истисмор мекунад”, яъне бо истифода аз иттифоқчиёни заифтари НАТО, ки дар он ҷо “Иёлоти Муттаҳидаи Америка мехоҳад рисолатеро эҷод кунад, ки гегемонияи худро бо бартарии дастаҷамъии стратегии Ғарб баробар кунад”.[3]

Хулоса, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бунёди шабакаҳои гуногуни сиёсӣ таҷрибаи хеле зиёд дорад. Ва ҳамаи онҳо воситаҳои таъсир ва манипулятсияро ифода мекунанд. Барои аз онҳо халос шудан, на танҳо гиреҳҳои ин шабакаҳоро нест кардан ва аз онҳо ҷудо кардани ҷамоатҳои гуногун (тиҷорат, ВАО, гурӯҳҳои этникӣ, созмонҳои сиёсӣ ва ғ.), балки ҳамчунин шабакаҳои худро таъсис додан лозим аст, ки онҳо метавонанд ҳамчун алтернативаи ҷолибтар хидмат кунанд. Хусусан вақте ки сухан дар бораи манфиатҳои миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи арзишҳои диниву фарҳангӣ ва устувор нигоҳ доштани пояҳои давлатдорӣ равад.

Адабиёт

1. Сильвер Л., Мордехай М., Гринвуд Ш., Киган М. В США и Великобритании глобализация оставляет некоторое ощущение «Оставленности позади» или «заметенности» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.pewresearch.org/global/2020/10/05/in-u-s-and-uk-globalization-leaves-some-feeling-left-behind-or-swept-up/, свободный. – Дата обращения: 23.05.2023.
2. Lee-Makiyama H. National Insecurity: Transatlantic Distress over Market Concentration. – November 2021.
3. Byun S.-W. Chinese Views of Hegemony and Multilateralism in the Biden Era [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://theasanforum.org/chinese-views-of-hegemony-and-multilateralism-in-the-biden-era/#113, свободный. – Дата обращения: 25.06.2023.
4. Special Briefing via Telephone with Keith Krach, Under Secretary of State for Economic Growth, Energy and the Environment [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://2017-

2021.state.gov/special-briefing-via-telephone-with-keith-krach-under-secretary-of-state-for-economic-growth-energy-and-the-environment/, свободный. – Дата обращения: 22.05.2023.
5. Савин Л. В. Сетецентричная и сетевая война: Введение в концепцию. – М.: Евразийское движение, 2011. – 130 с. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.geopolitika.ru/books/setecentrichnaya-i-setevaya-voyna-vvedenie-v-koncepciyu, свободный. – Дата обращения: 22.05.2023.
6. Савин Л. В., Федорченко С. Н., Шварц О. К. Сетецентрические методы в государственном управлении. – М.: Сам полиграфист, 2015. – 146 с. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.geopolitika.ru/book/setecentricheskie-metody-v-gosudarstvennom-upravleni, свободный. – Дата обращения: 28.05.2023.
7. U.S. Agency for Global Media (USAGM) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.usagm.gov, свободный. – Дата обращения: 28.05.2023.
8. U.S. Agency for Global Media – VOA Networks [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.usagm.gov/networks/voa, свободный. – Дата обращения: 30.05.2023.

СИЁСАТИ ШАБАКАВӢ ВА ҚУДРАТИ ИТТИЛООТӢ: ҶАНБАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Инқилобҳои ранга, ҷангҳои иттилоотӣ, оқибатҳо, инқилобҳо дар минтақаҳои мухталифи олам бо сабабҳои объективӣ ва субективӣ ба вуҷуд омада истодааст, ки ҳеҷ як давлатро бетараф наемонад. Чунин шаклгирии сиёсати ҷаҳонӣ давлатҳоро намегузорад дар муайян кардани сиёсати дохиливу хориҷии хеш мустақил бошанд. Аз ин рӯ, барои устувории низоми давлатдорӣ, боқӣ мондан дар харитаи сиёсии ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд овардани фазои мусоиди ҳаётӣ, давлатҳоро зарур аст ба хатарҳо ва танишҳои нави сиёсати ҷаҳонӣ омода бошанд, аз ҷумла хатарҳое, ки аз навоҳии воситаҳои ахбори умум сарчашма мегиранданд.

Калидвожаҳо: Амрико, сиёсати шабакавӣ, қудрати иттилоотӣ, воситаҳои ахбори омма, инқилобҳои ранга, ҷангҳои иттилоотӣ, Интернет

СЕТЕВАЯ ПОЛИТИКА И ИНФОРМАЦИОННАЯ МОЩНОСТЬ: МЕЖДУНАРОДНЫЕ АСПЕКТЫ

Цветные революции, информационные войны, народные восстания возникают в разных уголках мира по разным объективным и субъективным причинам, которые не оставляют равнодушной ни одну страну. Такое формирование мировой политики не позволяет государствам быть самостоятельными в направлении своей внутренней и внешней политики. Поэтому для устойчивости государственной системы, сохранения на карте мира и создания благоприятной жизненной среды государствам необходимо быть готовыми к новым рискам и напряжениям мировой политики, в том числе к рискам, исходящим от массовых средства массовой информации.

Ключевые слова: Америка, сетевая политика, информационная мощность, СМИ, цветные революции, информационные войны, Интернет.

NETWORK POLICY AND INFORMATION POWER: INTERNATIONAL ASPECTS

Color revolutions, information wars, popular uprisings arise in different parts of the world for various objective and subjective reasons that do not leave any country indifferent. Such a formation of world politics does not allow states to be independent in the direction of their domestic and foreign policies. Therefore, for the stability of the state system, the preservation of the world map and the creation of a favorable living environment, states need to be prepared for new risks and tensions in world politics, including the risks posed by the mass media.

Keywords: America, network politics, information power, media, color revolutions, information wars, Internet

Дар бораи муаллифон
Мирзоев Убайдулло Ибодуллоевич, Ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 56 56 74.
E-mail: ubaydulloh.mirzozoda.85@bk.ru

Мусоев Исмоилҷон Мансурович
Ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 918 53 38 54.
E-mail: musozoda_007@mail.ru

Об авторе

Мирзоев Убайдулло Ибодуллоевич
Ассистент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 565 674
E-mail: ubaydulloh.mirzozoda.85@bk.ru

Мусоев Исмоилҷон Мансурович
Ассистент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 53 38 54
Электронная почта: musozoda_007@mail.ru

About the author

Mirzoev Ubaidullo Ibodulloevich
Assistant of the Department of Political Science of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: **ubaydulloh.mirzozoda.85@bk.ru**

Musoev Ismoiljon Mansurovich
Assistant of the Department of Political Science of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 53 38 54
E-mail: musozoda_007@mail.ru

ТДУ 327.1:001.8

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАВЛАТ

Хидиров Н.Н.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар замони муосир - дар давраи босуръат пеш рафтани ҷаҳиши илмию техникӣ мавҷуд набудани ҳамкориҳо байни давлатҳои алоҳида ғайриимкон аст. Муносибати давлатҳо ҳам тавассути равобити сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ сурат мегирад. Дар замони муосир маҳз ба роҳ мондани сиёсати хориҷӣ ҳамкориҳои байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалро амалӣ менамояд. Созмонҳои байналмилалӣ на танҳо муносибатҳои байнидавлатиро танзим мекунанд, балки оид ба масъалаҳои гуногуни глобалии замони имрӯза низ қарор қабул менамоянд. Чуноне ки муҳақиқи амрикоӣ Г. Киссинҷер қайд менамояд: “Дар замони гузашта тартиботи муайяне дар ҷаҳон вуҷуд надошт, ки муносибатҳои байни актorҳои байналмилалиро мисли ҳозира ба танзим дарорад. Сиёсати муосири ҷаҳонӣ, ки ҳоло мо шоҳиди он ҳастем, қариб чорсад сол пеш дар минтақаи Вестфалияи Олмон бо иштироки чанд давлатҳои ғарб амалӣ гардидааст[10, с.117]. Дар воқеъ бояд пазируфт намуд, ки Сулҳи Вестфалия дар таърихи ҷаҳон гардиши кулиеро ба миён овард, зеро он одди ва ҳамарофарогиранда буд. Масъалаи муҳиме, ки дар он дарҷ гардида буд, ин дахолат накардани давлатҳои мустақил ба корҳои якдигар мебошад. То ин замон чунин масъалагузорӣ дар таърих мушоҳида намешуд. Имрӯзҳо сиёсати ҷаҳонӣ дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дошта, бояд тарзи муносибати хос дар ин самт равона гардад.

Раванди ташаккулёфтаи тартиботи нави ҷаҳонӣ хеле таҳкимбахш мебошад, ки давлатҳои муосирро ба равандҳои глобалӣ ҷалб мекунад. Дар натиҷа, яке аз хусусиятҳои замони муосир албатта, афзоиши назарраси пайдо шудани таъсири сохторҳои ҳамгироӣ ба муносибатҳои кунунии байналмилалӣ мебошад. Давлатҳо шакли бисёрҷонибаи ҳамкориро ҳамчун механизми самарабахши ҳимояи манфиатҳои миллии худ истифода мебаранд, ки дар натиҷаи он самаранокии чунин механизмҳо хеле зиёд мегарданд. Аввалан, тараққиёти афзояндаи раванди ҷаҳонишавӣ, ки натиҷаи ниҳоии он вобастагии зиёдтари иқтисодӣ мебошад. Баъдан, зиёд шудани миқёси мушкилоти мавҷуда дар ҷаҳони муосир ба шумор меравад. Дар айни замон, ҳеҷ як давлат новобаста аз он ки чӣ гуна манбаъҳои бузург дорад, дар танҳоӣ наметавонад проблемаҳои терроризми байналмилалӣ ё қочоқи маводи мухаддирро ҳал намояд. Сеюм, дарки ин сохторҳо ҳамчун як механизми қавӣ, ки ҳалли мураккаби мушкилоти мавҷуда ҷанбаҳои гуногунро қодир мебошанд. Чаҳорум, муҳимтарин хоҳиши давлатҳо барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар сатҳи баландтар тавассути татбиқи амалии лоиҳаҳои муштараки калони сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ мебошад. Дар ин вазъ ёфтани заминаи дурусти мутобиқ шудан дар иқтисоди ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Дар айни замон, мо шоҳиди таҳкими қолаби бисёрҷонибаи ҳамкорӣ ҳастем, сохторҳои ҳамгироӣ ва низоми ҳамкориҳои байнидавлатӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтанд, илова бар ин онҳо дар асл, тамоюлҳо ва самтҳои асосии муносибатҳои муосири байналмилалиро муайян мекунанд.

Талаботи иқтисодии давлатҳои гуногун талаб мекард, ки барои рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии байни давлатҳо ҳам дар заминаи ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Чунин шароит бе дастгирӣ ва ҳамкориҳои пайваста байни кишварҳои хурду бузург ғайриимкон буд. Дар натиҷа, давлатҳо ба мувофиқа омаданд, ки қоидаҳои умумии рафтор ва шароитеро, ки робитаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодиро осон менамоянд, пеш аз ҳама дар соҳаҳои мушаххасе, ки монеаи ҷиддӣ барои ҳамкорӣ дар рушди онҳо буд, қабул намоянд. Барои мустаҳкам намудани ақидаҳои ҳосилшуда қарор қабул карда шуд, ки ташкилотҳои байналмилалӣ таъсис дода шаванд ва онҳо тавонанд аз номи давлатҳо дар доираи ваколатҳои худ иҷрои беғаразонаи муносибатҳои худи онҳоро таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки мафҳуми ҳамкорӣ дар луғату фарҳангномаҳо ва назариёти илмӣ мавриди омӯзиш ва шарҳу тафсири ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Ин тафсирот вобаста ба соҳаи таҳқиқшавандаи илмӣ ва мавзӯоти илмӣ, яъне навъҳои гуногуни ҳамкорӣ ба таври гуногун

баррасӣ гардида, аз махсусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи донишҳои илмӣ, навъи ҳамкорӣ (минтақавӣ, байнидавлатӣ, байналмиллалӣ) ва субъектони ҳамкорӣ вобаста мебошад.

Мафҳуми ҳамкорӣ дар адабиёти илмӣ аксаран дар ҳолатҳое, ки ашхоси алоҳида, гурӯҳҳо, иттиҳодияҳо, халқҳо, давлатҳо ва ё ташкилотҳо дар кӯшиши ҳимояи манфиатҳои худ аз саҳмгирӣ ва кӯмаки субъектони дигар сарфи назар мекунанд, ба мафҳумҳои рақобату зиддият муқобил гузошта мешавад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон дар фарқият аз рақобат, ҳамкорӣ ба мафҳумҳои каллобаратсия, шарикӣ ва координатсия наздиктар мебошад. Ҳамкорӣ метавонад ихтиёрӣ ё маҷбурӣ, бевосита ва ё бавосита, расмӣ ва ё ғайрирасмӣ, воқеӣ ва ё тахайюлӣ бошад, вале дар ҳама ҳолат дар ҳамкорӣ мутаҳидии кӯшишҳо барои ноилшавӣ ба мақсади мушаххасе, ки аз он ҳамаи иштирокчиён манфиатдоранд, мушоҳида мешавад. Яъне, новобаста ба навъҳо ва гуногуншаклии худ, унсури муҳимму зарурии ҳамкорӣ ин расидан ба мақсадест, ки аз он тамоми иштирокдорони он манфиатдорад. Аз ин хотир доираи мавҷудияти ҳамкорӣ номаҳдуд буда, онро метавон ҳам миёни чанд гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ва ҳам миёни давлат ва ташкилоти ҷаҳонӣ мушоҳида намуд.

Мувофиқи Энсиклопедияи байналмиллалии илмҳои иҷтимоӣ “ҳамкорӣ ин рафтори якҷоя ва ё коллективона барои расидан ба мақсадест, ки дар он манфиати умумӣ ва ё умед барои мукофот вуҷуд дорад”[1].

Дар луғати тафсирии С.И. Ожегов мафҳуми “ҳамкорӣ кардан” ба маънои якҷоя амал кардан, иштирок кардан дар кори умумӣ шарҳ дода шудааст[21]. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи “ҳамкорӣ” ба маънии “кор ва фаъолияти якҷоя, дастгирии кори якдигар” омадааст[22].

Ҳамкории байналмиллалии давлат яке шаклҳои асосии ҳамкорӣ дар замони мазкур маҳсуб ёфта, дар адабиёти илмии вобаста ба муносибатҳои байналмиллалӣ зиёд истифода бурда мешавад. Мувофиқи адабиёти илмӣ, одатан ҳамкорӣ ҳангоме ба вуҷуд меояд, ки “акторон рафтори худро ба афзалияти воқеӣ ва ё эҳтимолии дигарон мувофиқ намоянд”[2]. Ҳамин тариқ ҳамкории байналмиллалӣ алоқаеро дар назар дорад, ки дар он афзалияти акторон на мавзун ва на оштинопазир аст, зеро агар робитаҳо мавзуну муътадил бошанд ҳамкории тарафайн зарурати камтарро дошта, дар ҳолати оштинопазир будани муносибати тарафҳо заминаи ҳамкорӣ вуҷуд надорад, аз ин хотир ҳамкорӣ аслан ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ барои ба вуҷуд омадани ҳамкории ду ва ё зиёда акторон дар муносибатҳои байналмиллалӣ низ заминаҳо ва ҳолатҳои муайяне заруранд.

М.А. Мунтян бар ин назар аст, ки “ҳамкории байналмилалӣ” раванди ҳамкории ду ва ё зиёда акторонро фаро мегирад, ки дар он истифодаи қудрати аслиҳавӣ сарфи назар гардида, кӯшиши мутақобилаи тарафҳо барои ҷустуҷӯи роҳу имкониятҳои амалисозии манфиатҳои умумӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ӯ чунин меҳисобад, ки ҳамкорӣ ин ҳолате нест, ки низоъ комилан сарфи назар мешавад, балки “халосӣ” аз шаклу намудҳои канора ва буҳронии низоъ мебошад[14, с.176]. Яъне, ба андешаи муҳаққиқи мазкур ҳамкорӣ наметавонад ба таври пурра низои мавҷударо миёни акторони байналмиллалӣ аз байн барад, балки он барои пешгирии ҳолатҳои иртиҷоӣ ва канораи низоъ хизмат мекунад. Дар заминаи гуфтаҳои муҳаққиқ бояд зикр намуд, ки дилхоҳ низоъ дар заминаи ихтилоф ва зиддиятҳои муайян ба миён омада, низоъ ҳолати шиддатнокии ҳамин зиддиятҳо мебошад ва ҳалли низоъ ҳанӯз маънии аз миён рафтани зиддияти тарафҳоро надорад, ҳарчанд ки аз байн рафтани зиддият ва ихтилофи низоъангезе, ки сабаби бавуҷудоии ҳамин низоъ гардидаааст, ба таври худкор низоъро низ аз байн мебарад. Ҳамин тариқ, ҳамкории тарафҳо ё барои паст кардани дараҷаи шиддати низоъ ва бо ин дарёфт намудани роҳу василаҳои беҳтари ҳимояи манфиати тарафҳо хизмат мекунад. Ҳамзамон бояд гуфт, ки заминаи асосии бавуҷудорандаи ҳамкорӣ миёни субъектони мазкур чун ҳамешагӣ манфиати тарафҳо мебошад, яъне ҳар ду тараф аз ин “ҳамкорӣ” нисбат ба ҳолати низои тарафҳо, ки дилхоҳ ҳамкориро истисно мекунад, бештар манфиатдоранд.

Муҳаққиқ И. Адизес доир ба хатарҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин қайд мекунад, ки: «моҷаро ҳама вақт ва ҳамеша қувваи вайронкорӣ дорад, ки имрӯзҳо моҷароҳои сиёсӣ то андозае зиёд гардида истодааст, ки ҳатто аз байн бурдани тамоми инсоният ва ҷомеаи ҷаҳониро таҳдид менамояд»[5, с. 9]. Дар воқеъ имрӯзҳо низоъҳои сиёсии байналмилалӣ бештар дар доираи андозанамоии манфиатҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат ба назар мерасад, ки ҷомеаи

ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Масалан тараққиёти технологияи муосир яроқнокгардонии бошитоб қодир аст, ки тамоми насли инсоният ва ҷомеаи ҷаҳониро аз байн барад. Чунки захираҳои ядрои дар миёни давлатҳои абарқудрат то андозае зиёд гардидааст, ки он таҳдид ба насли инсоният аст.

Таҳдидҳои дигари олам, ки бо номи ҷангҳои иттилоотӣ (кибер ҷангҳо) маълум аст, бештари кишварҳои ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Ҷангҳои иттилоотӣ ин намуди моҷароҳое мебошад, ки ҳатто шахсони дар моҷаро дахолатнадоштаро низ фаро мегирад[19]. Масъалаи мазкур имрӯзҳо доғи рӯз гашта, ояндаи инсонро дар хатар гузошта истодааст.

Асосҳои методологии сиёсати ҷаҳонӣ ҳанӯз баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ шакли дигар гирифта буд. Доктринаҳои сиёсии зиёде ба мисли «Манфиатҳои миллӣ ҳамчун неруи сиёсат», «Амрико давлати бузурги олам аст», доктринаи «Рейган», «Атлантизм», «Инкишофи якқутбаи олам» ва ғайраҳо ба вуҷуд омадаанд. Тамоми таълимоти мазкур ҳадафи ҳимояи манфиату талаботҳои давлати худро дар мадди аввал мегузоштанд[8, с. 51].

Айни замон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мақоми муайянро гурӯҳи давлатҳо, иттифоқи давлатҳо, иттиҳодияҳо ва созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ соҳиб гаштаанд. СММ, САҲА, Иттиҳоди Аврупо, Созмони конфронси исломӣ, СҲШ, САД ва ғ. аз ҳамин қабиланд.

Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон давлатҳо мехостанд аз нофаҳмиҳо ва низоъҳои минбаъда пешгирӣ намоянд. Аз ҳамин хотир соли 1945 (26 июн) намояндагони 50 миллат дар шаҳри Сан-Франсискои ИМА Оинномаи Созмони Милали Муттаҳидро ба имзо расониданд. Созмони Милали Муттаҳид (СММ) бузургтарин ва фаъолтарин созмони байналмиллалӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи асосии СММ ҳифзи сулҳ дар тамоми ҷаҳон аст. Аз ин лиҳоз СММ Миссияи посдори сулҳро ташкил намуда, намояндагони худро ба кишварҳо ё минтақаҳои даргир мефиристад. Ҳоло СММ дар саросари ҷаҳон миссияҳои посдори сулҳ фиристодааст. Дар давлатҳои Судон, Чад ва Ҷумҳурии Африқои Марказӣ нируҳои сулҳофари СММ дар минтақаи маъруф ба Дарфур вазъиятро назорат мекунанд. Дар ҷазираи Баҳри Миёназамин, Кипр, посбонони сулҳи СММ баҳсу даъвоҳои Юнону Туркияро дар ҷазира назорат мекунанд. Миссияи посдорони сулҳи СММ соли 1956 барои бартараф намудани низоъҳои байни давлату миллатҳо дар асоси оинномаи СММ ташкил карда шудааст. Ин сохтор барои фаъолиятҳои беназираш соли 1988 бо мукофоти “Нобел” сарфароз гардонида шудааст[15].

Дар СММ якчанд зерсохторҳои махсус ташкил карда шудаанд: ба мисли Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) ва Бонки умумиҷаҳонӣ. СУТ масъул аст, ки ба масъалаҳои байналмилалии тандурустӣ роҳнамоӣ кунад, стандартҳо гузорад ва ба ҳукуматҳо барои қабули қарорҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ пешниҳодҳо намояд. Масалан, ҳангоми сар задани бемории ҳамагир – Ковид 19 дар соли 2020 роҳбариро дар паҳн нагаштан ва пешгирии ин вирус ба ӯҳда гирифт. Он паҳншавии бемориро пайгирӣ карда, тавсияҳоеро дар бораи пешгирӣ намудан ва муолиҷаи он, инчунин гирифтани ваксинаҳо пешниҳод намуд.

СММ инчунин дигар сохторҳо дорад, ки ба соҳаҳои фарҳанг (ЮНЕСКО – сохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг), адлия ва ҳуқуқ (Суди байналмилалии адлия) ва муҳоҷират (Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо) машғули кор мебошанд. Ин зерсохторҳо дар саросари ҷаҳон қароргоҳ доранд. Идораҳои асосии СММ дар шаҳри Ню-Йорк ҷойгир мебошад. Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ қароргоҳи худро дар шаҳри Женеваи Швейтсария ҷойгир намудааст. Бонки умумиҷаҳонӣ дар Вашингтон ҷойгир аст, Суди байналмилалии адолат дар Гаагаи Нидерланд қарор гирифтааст. Дар СММ ва зерсохторҳои он аксари кишварҳои ҷаҳон шомиланд ва аз хизматрасонии онҳо истифода мебаранд.

Дар ҷаҳони муосир созмонҳои байналмилалӣ созмондиҳандагони асосии муошрати байни давлатҳо ва ҳукуматҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошанд. Вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзои ташкилотҳои байналмиллалӣ дар асоси оинномаи худи ҳамон созмонҳо, ки аъзоёнаш дар он имзо гузоштаанд, муайян карда мешавад. Созмонҳои байналмилалии муосирро ба се намуди асосӣ тақсим намудан мумкин аст: созмонҳои байниҳукуматӣ (байнидавлатӣ); созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва инчунин ташкилотҳои фаромиллӣ. Нақши ҳар яки ин ташкилотҳо

дар амалӣ ва муайян намудани сиёсати ҷаҳонӣ назаррас аст ва ҳамаи онҳо дар иртиботи давлатҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт саҳм мегузоранд. Ҳар яке аз ин созмонҳо намудҳо, хусусиятҳо ва аломатҳои хоси худро доранд.

Созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ (СББҲ) иттиҳодияи давлатҳоест, ки дар асоси шартнома барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ таъсис ёфта, мақомоти доимӣ доранд, ба манфиатҳои умумии кишварҳои узв амал мекунанд ва дар баробари эҳтироми соҳибихтиёрии якдигар фаъолият мебаранд. Созмонҳои байналмилалии байниҳукуматиро аз рӯйи фаъолият, мавзуъ, принсип ва шумораи аъзоён ба чунин зергурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст:

- аз рӯйи тарзи фаъолият - сиёсӣ, иқтисодӣ, пулӣ ва молиявӣ, беҳдоштӣ ва ғайра;
- аз рӯи миқёси иштирокчиён - универсалӣ (яъне, барои ҳама давлатҳо - СММ) ва минтақавӣ (Иттиҳоди Аврупо, ИДМ, СҲШ ва ғайра);
- тибқи тартиби қабули аъзоёни нав - кушода ё пӯшида;
- аз рӯи соҳаи фаъолият - бо салоҳияти умумӣ (СММ) ё махсус (НАТО, САД);
- аз рӯи мақсад ва принсипҳои фаъолият - қонунӣ ё ғайриқонунӣ.

Ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ дар асоси шартномаи байналмилалӣ ба таври доимӣ таъсис ёфта, дорои оиннома, мақомоти доимии роҳбарикунанда ва иҷроия, қоидаҳои расмиёт, буҷет, штаб, суд ва котибот мебошанд. Кори кормандони созмонҳои байналмилалии байнидавлатӣ тибқи муқаррароти махсус сурат мегирад, ки дар оинномаи онҳо оварда шудааст. Давлатҳои хурду миёна ба таъсиси СББҲ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, дар иштироки онҳо воситаи муассири ҳифзи соҳибихтиёрии давлатии худ ва таъмини манфиатҳои миллиро мебинанд. Коршинос ва дипломати рус В.Н. Федоров таъкид менамояд, ки “Созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ба давлатҳои узв имкониятҳои иловагӣ барои амалӣ сохтани соҳибихтиёрии худ, ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо дар арсаи байналмилалӣ бо дигар давлатҳо, барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар санадҳои таъсисии созмон гузошташуда дода мешавад”[23, с. 56].

Ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ бояд меъёрҳои зеринро доро бошанд:

- шартномаи байналмилалии навъи махсус, ки созмони байналмилалиро таъсис медиҳад ва табиати ҳуқуқии онро муайян мекунад;

- дорои эътирофи ҳуқуқии байналмилалӣ, яъне ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои байналмилалиро дошта бошанд;

- дорои сохтори хуби ташкилӣ, яъне системаи мақомоте, ки дар байни онҳо, чун қоида, фарқ мекунанд: мақомоти болоӣ, мақомоти иҷроия, мақомоти маъмурӣ, ки ба онҳо мансабдори олии маъмурии ташкилот (Котиби Генералӣ) роҳбарӣ мекунад ва маҷмуи кумитаҳо ва комиссияҳои махсус дорад;

- ҳадафҳои муайяни фаъолият дошта бошанд;

- фаъолияти онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат надошта бошанд.

Ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ, ки дар худ тамоми давлатҳои аъзоро муттаҳид намудаанд, дар олами муосир ба ҳайси танзимгари муносибати ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд. Дар оинномаи ҳамаи ин ташкилотҳо таъмини сулҳи ҷаҳонӣ ва амнияти кишварҳо мақсади ташкилоти мазкур муаррифӣ мегардад.

Ташкилотҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ (ғайридавлатӣ) гуфта, ҳама гуна созмони байналмилалиеро дар назар доранд, ки дар асоси созишномаи байниҳукуматӣ таъсис дода нашудааст ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқиро муттаҳид мекунанд. Ин созмонҳо бояд аз ҷониби ҳадди ақал як давлат эътироф карда шаванд, аммо фаъолияташонро дар ҳадди ақал дар ду вилоят ё иёлот анҷом диҳанд. Чунин созмонҳо дар асоси оиннома таъсис дода мешаванд ва дар ҳама ҷабҳаҳои муносибатҳои байналмилалии муосир нақши фаъол доранд[20]. Дар як қатор соҳаҳо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳатто пешсаф низ ҳастанд. Масалан, Кумитаи Салиби Сурх, ки принсипҳои фаъолияти он инсонпарварӣ, беғаразӣ, мустақилият ва ихтиёрӣ буда, дар ҳамкории давлатҳо дар соҳаҳои мухталиф саҳми калон гузоштааст.

Собиқ роҳбари кумитаи марказии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Тео ван Бовен, мақоми иттиҳодияҳои ғайриҳукуматиро қадр карда, пайдоишу ташаккули онҳоро яке аз ҳодисаҳои муҳимтарини давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ номида буд. Номбурда қайд менамояд, ки

пайдоиши ҳамаи ин созмонҳо дар арсаи байналмилалӣ ва фаъолияти онҳо, ки бисёр халқиятҳои Африқо, Осиё, Амрико, Австралия ва Аврупоро фаро гирифтааст, рамзи волоияти ҳуқуқи инсон мебошанд. Бе кӯшиш ва фаъолияти ин созмону ҳаракатҳо вазъияти ҳуқуқи инсон хеле мушкил мешуд[6, с. 265].

Собиқ Котиби генералии СММ Кофи Аннан, дар муносибатҳои байналмилалӣ ба неруи бузург табдил ёфтани иттиҳодияҳои ғайриҳукуматиро эътироф карда, қайд намудааст: «…дар тӯли даҳсолаи гузашта созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқу амалисозии барномаҳои СММ нақши бузурге гузоштанд. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ қодиранд, ки дар замони муосир барои ҳалли масоили мушаххас сафарбарнамоиро дар сатҳи глобалӣ ташкил намоянд»[10, с. 94].

Имрӯзҳо садҳо ҳазор иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ арзи ҳастӣ доранд. Онҳо бо ташаббуси шахсони алоҳида, ки кӯшиш менамоянд бо роҳи муттаҳидшавӣ манфиатҳои худро ҳимоя кунанд, таъсис дода мешаванд. Маҳз ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ки фаъолияти онҳо хароҷоти на он қадар зиёдро талаб менамояд ва аз амалҳои бюрократӣ то ҷое озоданд, ба воситаи алоқа байни шаҳрванд ва давлат табдил меёбанд. Агар давлат кӯшиш намояд, ки фаъолияти иттиҳодияҳои ғайриҳукуматиро маҳдуд намояд ё онҳоро ба зери итоати худ дарорад, пас давлат алоқаро бо шаҳрвандони худ суст намуданаш мумкин аст ва роҳҳои муносиби ҳалли масоили рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа халалдор мегардад.

Дар замони муосир навъҳои мухталифи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ арзи ҳастӣ доранд, ки дар сатҳҳои мухталиф аз ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дифоъ менамоянд. Пайдоиши чунин созмонҳо ва аз фишори давлатҳои алоҳида берун фаъолият кардани онҳо боиси рушди демократияи воқеӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад. Мувофиқи сарчашмаҳо аввалин созмони ғайридавлатӣ, ин созмони британиёӣ ва байналмилалии муборизабаранда муқобили кори вазнин мебошад, ки дар соли 1823 эътироф шудааст. Баъд аз он шумораи чунин ташкилотҳо дар як муддати кутоҳ чанд маротиба афзуд. Масалан, дар соли 1905 шумораи чунин созмонҳо 134, дар соли 1958 бошад ба 1000, дар соли 1972 бошад 2190, инчунин дар соли 1980 шумораи чунин созмонҳо аз 4000 ҳазор зиёд шуд[12]. Дар замони муосир бошад, ҳазорҳо ташкилотҳои ғайридавлатӣ арзи ҳастӣ доранд ва дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҳуқуқи инсон, ҳимояи манфиатҳои истеъмолгарон, ҳифзи муҳити зист, некуаҳволии шаҳрвандон ва ғайра фаъолият менамоянд. Дар соли 2008 дар Россия 277000 ташкилотҳои ғайридавлатӣ фаъолият доштанд[4]. Дар Ҳиндустон бошад, соли 2009, наздик ба 2 миллион чунин ташкилотҳо фаъолият менамуданд (ба сари ҳар 600 шаҳрванди ин мамлакат як ташкилоти ғайридавлатӣ рост меомад), ки нисбат ба мактабҳои ибтидоӣ ё марказҳои тиббии дар мамлакат вуҷуддошта зиёданд[3]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият шумораи ташкилотҳои ғайридавлати рӯ ба афзоиш ниҳод ва барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба давлат кумакҳо менамуданд. Масалан, соли 1997 дар ҷумҳурӣ 300 ташкилоти ғайриҳукуматӣ ба қайд гирифта шуда буд ва шумораи онҳо дар замони имрӯза то ба ҳазор мерасад[9]. Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 2007 Қонун “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”-ро қабул намуд. Қонуни мазкур тамоми фаъолияти ин созмонҳоро ба танзим медарорад ва барои ҳуқуқи шаҳрвандон дар бораи муттаҳидшавӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоварад. Мутобиқи моддаи 5 қонуни мазкур иттиҳодияи ҷамъиятӣ чунин таъриф ёфтааст: – Иттиҳодияи ҷамъиятӣ - иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи худашон нишон дода шудааст. Мутобиқи қонуни мазкур иттиҳоди ҷамъиятиро на кам аз се шахс таъсис медиҳад ва ҳуҷҷатҳои лозимаро баъди на кам аз як моҳи таъсисёбӣ ба мақомот барои бақайдгирӣ пешниҳод менамоянд. Мақомоти давлатӣ онҳоро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд мегирад ва аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ ҳақи ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият намуданро доранд.

Адабиёт

1. Encyclopedia.com. International Encyclopedia of the Social Sciences [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.encyclopedia.com, (дата обращения: 10.05.2025).

2. Axelrod, R. On six advances in cooperation theory // Analyse & Kritik. – 2000. – № 22. – С. 130–151; Keohane, R. O. Achieving cooperation under anarchy: strategies and institutions // World Politics. – 1985. – Т. 38, № 1. – С. 226–254.
3. First official estimate: An NGO for every 400 people in India // The Indian Express. – 2010. – 7 July.
4. Hobbled NGOs wary of Medvedov // Chicago Tribune. – 2008. – 7 May.
5. Адизес, И. Размышления о политике [Текст] / И. Адизес. – М.: 2016. – С. 9.
6. Азаров, А. Защита прав человека. Международные и российские механизмы [Текст] / А. Азаров, В. Ройтер, К. Хюфнер. – М.: Московская школа прав человека, 2003. – 265 с.
7. Зокиров, Г. Н. Геополитика [Текст] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Эчод, 2009. – 75 с.
8. Зокиров, Г. Н. Истиқлолити сиёсӣ [Текст] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 51 с.
9. Каримов, Ш. Т. Роль НПО в формировании гражданского общества в Таджикистане [Текст] / Ш. Т. Каримов. – Душанбе, 2008. – 94 с.
10. Каримов, Ш. Т. Роль НПО в формировании гражданского общества в Таджикистане [Текст] / Ш. Т. Каримов. – Душанбе, 2008. – 126 с.
11. Киссинджер, Г. Мировой порядок [Текст] / Г. Киссинджер. – М.: 2014. – С. 117.
12. Международные организации в глобальном управлении [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mgimo.ru/about/news/inno/268034/ (дата обращения: 25.04.2019).
13. Миротворческие силы ООН [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.m.wikipedia.org/wiki/Миротворческие_силы_ООН (дата обращения: 21.05.2025).
14. Мунтян, М. А. Основы теории международных отношений: учебное пособие / М. А. Мунтян. – М., 2007. – 270 с. – С. 176.
15. Резолюции ЭКОСОС [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://csonet.org/content/documents/ecosoc_2018_russian.pdf (дата обращения: 20.05.2025).
16. Резолюции ЭКОСОС [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://csonet.org/content/documents/ecosoc_2018_russian.pdf (дата обращения: 28.10.2021).
17. Савил, Л. В. Стрелы кентавра. Кибервойна по-американски [Текст] / Л. В. Савил. – М.: 2020. – С. 10.
18. Соболева, Ю. В. Негосударственные организации как вид субъектов административного права: основные черты [Текст] / Ю. В. Соболева // Вестник ВГУ. Серия: Право. – 2015. – № 4. – С. 138–145.
19. Толковый словарь С. И. Ожегова [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://slovarozhegova.ru/word.php?wordid=29978 (дата обращения: 21.05.2025).
20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. [Текст]. – Душанбе, 2008. – 447 с.
21. Федоров, В. Н. Организация Объединенных Наций, другие международные организации и их роль в XXI веке [Текст] / В. Н. Федоров. – М.: Логос, 2005. – 56 с.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАВЛАТ

Дар мақола сухан атрофи асосоҳои назариявию методологии таҳқиқи илмии ҳамкории байналмилалии давлат меравад. Муаллиф дар заминаи таҳлили таърифоти донишномаҳову луғатномаҳои машҳур ва назарияҳои олимони забардасти муосир мафҳумҳои “ҳамкорӣ”, “ҳамкории байналмилалии давлат” ва “сиёсати ҷаҳонӣ”, ҳамчунини хусусияти ташаккул ва инкишофи ҳамкории байналмилалии давлат ва нақши онро дар инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи назариявию методологӣ таҳлил намудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар замони муосир маҳз ба роҳ мондани сиёсати хориҷӣ ҳамкориҳои байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалро амалӣ менамояд. Созмонҳои байналмилалӣ на танҳо муносибатҳои байнидавлатиро танзим мекунанд, балки оид ба масъалаҳои гуногуни глобалии замони имрӯза низ қарор қабул менамоянд. Дар замони муосир навъҳои мухталифи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ арзи ҳастӣ доранд, ки дар сатҳҳои мухталиф аз ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дифоъ менамоянд. Пайдоиши чунин созмонҳо ва аз фишори давлатҳои алоҳида берун фаъолият кардани онҳо боиси рушди демократияи воқеӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад.

Калидвожаҳо: ҳамкорӣ, ҳамкории байналмилалӣ, созмонҳои ҷаҳонӣ, низомҳои ҷаҳонӣ, тартиботи нави ҷаҳонӣ, ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ГОСУДАРСТВА

В статье речь идет о теоретические и методологические основы международного сотрудничества государства. Автор на основе анализа определений знаний, популярных словарей и теорий современных ученых определил понятия “сотрудничество”, “международное сотрудничество государства” и “мировая политика”, а также проанализировал характер формирования и развития международного сотрудничества государства и его роль в развитии международных отношений с теоретической и методологической точек зрения. Автор подчеркивает, что в современную эпоху именно внешнеполитическое руководство осуществляет сотрудничество между государствами и международными организациями. Международные организации не только регулируют межгосударственные отношения, но и принимают решения по различным глобальным вопросам сегодняшнего дня. В наше время существуют различные типы НПО, как на национальном, так и на международном уровне, которые на разных уровнях защищают права и свободы граждан. Появление таких организаций и их деятельность вне давления отдельных государств ведет к развитию подлинной демократии и гражданского общества.

Ключевые слова: сотрудничество, международное сотрудничество, мировые организации, мировые системы, новый мировой порядок, политико-экономическое сотрудничество.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE STUDY OF INTERNATIONAL COOPERATION BETWEEN STATES

The article deals with the theoretical and methodological scientific foundations of cooperation between states. Based on the analysis of definitions of knowledge, popular dictionaries and theories of modern scientists, the author defined the concepts of “cooperation”, “international cooperation of the state” and “world politics”, and also analyzed the nature of the formation and development of international cooperation of the state and its role in the development of international relations from a theoretical and methodological point of view. The author emphasizes that in the modern era, it is the foreign policy leadership that carries out cooperation between states and international organizations. International organizations not only regulate interstate relations, but also make decisions on various global issues of today. Nowadays, there are various types of NGOs, both at the national and international levels, that protect the rights and freedoms of citizens at different levels. The emergence of such organizations and their activities outside the pressure of individual States leads to the development of genuine democracy and civil society.

Keywords: cooperation, international cooperation, world organizations, world systems, new world order, political and economic cooperation.

Дар бораи муаллиф
Хидиров Нозимҷон Наимҷонович
Ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе куч. Саид Носир, 33 ·
Тел: +992 985 04 39 00
Email: khidirovnozim@gmail.com

Об авторе
Хидиров Нозимджон Наимджонович
Ассистент кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33 ·
Тел.: +992 985 04 39 00
E-mail: khidirovnozim@gmail.com

About the author
Khidirov Nozimjon Naimjonovich
Assistant Lecturer, Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
Phone: +992 985 04 39 00
Email: khidirovnozim@gmail.com

ТДУ 327(560:575.3)(091)

ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ СТРАТЕГИЯИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ

Разоқов Ҷ.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар муносибатҳои байналмилалӣ охири асри XX – ибтидои асри XXI мафхуми «стратегияи геополитикӣ» васеъ пахн шудааст. Ин консепсияест, ки алоқаи дарозмуддат ва ҳаматарафаи давлатҳои ҷаҳонро ифода мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Туркия ҳарчанд равобит бо Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба сатҳи шарикии стратегӣ нарасидааст, вале Тоҷикистон дар стратегияи геополитикии Туркия мақоми хосаеро ишғол мекунад.

Стратегияи геополитикии Туркия нисбат ба Тоҷикистон бар асоси вазъе, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва «кушодани» Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадааст, асос ёфтааст. Туркия ба равобити сиёсӣ бо он давлатҳое, ки бо онҳо робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва мазҳабӣ дорад, аҳаммияти хосса медиҳад. Он бо рақобат ва мубориза барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ рӯ ба рӯ мешуд, ки робитаи берунии ҷумҳуриҳои мустақилро мушкил ва муносибатҳои дохилии онҳоро душвор мегардонд. Истифодаи истилоҳи «Осиёи Марказӣ» ба қисмати пасошуравии минтақа, аз ҷумла Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон дахл дорад. Ин ном моҳи январи соли 1993 дар нишасти сарони давлату ҳукуматҳо дар Тошканд расман пазируфта шуд ва дар натиҷа пешниҳод шуд, ки ин қисмати Осиёи Марказӣ «Осиёи Марказӣ» номида шавад. Тоҷикистонро дар як низоми дигари ҳамоҳангсозии сиёсӣ - ҳарбӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ, геополитикӣ ва маънавӣ – фарҳангӣ қарор дода, ба мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба фарқ аз дигар минтақаҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, сахт дар ҳайрат буд, ки минбаъд чӣ бояд кард ва чӣ гуна ба сӯи ҷаҳони беруна ҳаракат кунад. То ин вақт ҷанг дар Афғонистони ҳамсоя ҳанӯз дар авҷ буд. Тамоми роҳҳои хушкӣ ба олами беруна танҳо аз давлатҳои собик Иттиходи Шуравӣ, аз ҷумла Россия мегузаштанд. Ҳамин тавр, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти умумии рушди минбаъдаи вазъият мавҷуд буд ва он омилҳои дохилӣ ва берунии онро пешакӣ муайян намуд. Маълум гардид, ки сиёсати хориҷии давлат ба манфиатҳои давлатӣ ва миллии он асос ёфта, ба он нигаронида шудааст, ки ҳадаф, вазифа ва самтҳои ин сиёсат ба талаботи вазъи кунунии геополитикӣ ва геоиқтисодӣ мувофиқ бошад. Бар асоси ин воқеият равобити Тоҷикистону Туркия ташаккул ёфт.

Пеш аз Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муносиби сиёсиву ҳуқуқӣ доштан лозим буд, ки стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷиро бо дарназардошти тамоюли замон ва тағйироти арсаи байналмилалӣ муайян намояд, ки тағйироту такмилро тақозо мекунад ё зарурати таҳия ва қабули ҳуҷҷати навро тақозо мекунад. Ҳамин тариқ, Эъломияи Истиқлолияти давлатӣ аз 9 сентябри соли 1991 барои ташаккули роҳи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошт. Эъломия аввалин санади қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва нуқтаи ибтидоӣ дар роҳи таҳкими давлати миллӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ буд. Ин ба Тоҷикистон имкон дод, ки муносибатҳои фаъоли байнидавлатиро дар асоси принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ инкишоф диҳад.

Дар ин замина рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Туркия ба яке аз авлавиятҳои анъанавии сиёсати хориҷии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Раҳбарияти сиёсии Тоҷикистон новобаста аз тағйирёбии вазъи геополитикӣ ҳамеша сиёсати густариши ҳамкориҳо бо Туркияро пеш гирифта, онро муҳимтарин ва боэътимодтарин омили таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи суботи сиёсиву иқтисодӣ медонад.

Тавре дар яке аз Паёмҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, миёни Тоҷикистону Туркия дар бисёр самтҳои ҳамкорӣ муносибатҳои хубе вуҷуд доранд, ки пур аз кору амали мушаххасе мебошанд, ки аз муносибатҳо, тавофуқҳо ва робитаҳо дар сатҳҳои гуногун бармеоянд [1].

Қобили зикр аст, ки фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия бештар ба манфиатҳои миллии мо мувофиқ буда, бо таваҷҷуҳ ва майл ба рушду тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва баробарҳуқуқ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст. Зимнан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфта, эълом дошт, ки дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ ба даст овардани сулҳи устувор, маҳви силоҳи ҳастаӣ ва дигар воситаҳои қатли ом, ҷилавгирӣ аз истифодаи неру дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоти байни давлатҳои соҳибистиқлол пойбанд хоҳад буд. Дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷорӣ ва дигар муносибатҳо барқарор мекунад, бо онҳо намояндагони ваколатдор мубодила мекунад ва шартномаҳои байналмилалӣ мебандад» [3].

Дар раванди ташаккули самтҳои асосӣ бо Туркия корҳо оид ба нигоҳдорӣ ва амиқсозии ҳамгироӣ дар доираи ИДМ ва минтақаи Осиёи Марказӣ анҷом дода шуданд. Ҳамин тариқ, 30 апрели соли 1994 кишварҳои узви Ҷомеаи Иқтисодии Осиёи Марказӣ (Созмони Ҳамкории Осиёи Марказӣ - СҲОМ) Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон шартнома дар бораи таъсиси фазои ягонаи иқтисодӣ ба имзо расониданд, ки Тоҷикистон соли 1998 ба он ҳамроҳ шуд. Туркия ба ин созмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо ҳар як давлат роҳҳои махсуси рушди муносибатҳои ин созмонро ҷустуҷӯ мекард. Барои Ҷумҳурии Туркия аз нигоҳи стратегӣ самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ бо давлатҳои ин созмон инҳо дониста шуданд: ҳамкориҳои тиҷоратӣ; истифодаи оқилонаи захираҳои об ва таъмини амнияти экологии минтақа; ташкили бозори ягонаи махсулоти соҳаи кишоварзӣ; сарфакорона истифода бурдани захираҳои маъданӣ ва сӯзишворию энергетикӣ; кооператсияи истеҳсолӣ ба мақсади истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири дараҷаи баланди омодагӣ; ташкили низоми ягонаи нақлиёт ва коммуникатсия бо дастрасӣ ба бозорҳои беруна; рушди низоми бонкӣ; рушди инфрасохтори бозор; фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ; ҳамкории илмӣ-техникӣ ва таълимӣ.

Ҳамаи ин барои Тоҷикистоне, ки ба роҳи тараққиёти мустақил дохил шудааст, хеле ҷолиби диққат гардид. Дар он замон Туркия як амсилаи хосси рушди иҷтимоию иқтисодиро муаррифӣ карда, бо ин васила ҷолибияти он дар назди ҷомеаи минтақа, аз ҷумла Тоҷикистонро афзун намуд. Дар ҳамин ҳол, пуштибонии Ғарб аз Туркияро дар риторикаи «модели туркӣ» бо ҳадафи ҳамгироӣ кардани кишварҳои собиқ коммунистии Осиёи Марказӣ ба низоми иқтисодии бозори ҷаҳонӣ пинҳон кардан мумкин нест. Дар навбати худ, пас аз ба сари қудрат омадани Эрдуғон, сиёсати нави хориҷии Туркия тобишҳои неоусмонӣ, исломгароӣ ва неопантуркистӣ пайдо кард, ки аз муносибати эҳтиёткорона нисбат ба ин давлат шаҳодат медиҳад. Ин лаҳза барои Тоҷикистон дар равобиташ бо Туркия аҳаммияти бунёдӣ дошт.

Баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба ин нигоҳ накарда, шитобкорона бо Туркия муносибатҳои хаматарафа барқарор карданд. Аз ҷумла, дар соли 1991 раҳбарони Қазоқистон ва Ӯзбекистон нахустин сафарҳои худро ба Туркия анҷом дода, нияти худро эълом карданд, ки кишварҳои минтақа мунтазири кумакҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ аз Туркия ҳастанд. Соли оянда раисиҷумҳури Туркия Сулаймон Демирел нахустин сафари расмии худро ба минтақа анҷом дод ва ваъда дод, ки 1 миллиард доллар қарз медиҳад. То охири соли 1993 миёни Туркия ва кишварҳои минтақа аллакай тақрибан 200 созишнома ба имзо расида буд [2].

Дар Тоҷикистон бо вуҷуди идомаи низоъҳои дохилӣ рушди равобити Ҷумҳурии Туркия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирифт ва баъдан, раҳбарияти сиёсии Тоҷикистон пеш аз ҳама аз он бармеояд, ки Туркия аз нигоҳи стратегияи геополитикӣ дар минтақа бомуваффақият амал мекунад ва доктринаи геополитикии Туркия хеле минтақавӣ аст. Аввалин мушовири Эрдуғон ва вазири умури хориҷа Довудоғлу дар дидгоҳи худ дар бораи «умқи стратегӣ»-и Туркия изҳор дошт, ки давлат тасмим гирифтааст ба як гегемони минтақавӣ табдил ёбад ва детерминизми ҷуғрофӣ бо нуфузи фарҳангӣ ва таҷрибаи таърихиро муттаҳид кунад. Лоиҳаи геополитикии туркӣ аз гузаштаи таърихии Туркия, ки замоне яке аз бузургтарин империяҳои ҷаҳон буд, реша дорад ва ҷалби давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро дар майдони тамаддун ва идеологияи сиёсии худ яке аз ҳадафҳои худ медонад.

Туркия қаламрави таърихии Империяи Усмонӣ, пайдоиши умумӣ ва дини муштаракро ҳамчун асоснокии идеологӣ медонад. Аслан стратегияи геополитикии Туркия ва доктринаи сиёсати хориҷии Туркия ба ҳамин омилҳо асос ёфтааст. Дар миёни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистон ягона кишвари эронизабон аст. Аммо Туркия бо Душанбе равобити тиҷориву иқтисодӣ ва ҳамкориҳои низомию фаннӣ дорад ва таваҷҷуҳ дорад, бахусус дар шароите, ки Анқара талош дорад, пас аз хуруҷи неруҳои Амрико аз Афғонистон ба унвони кафили амнияти фурудгоҳи Кобул боқӣ бимонад. Ин дар шароите сурат мегирад, ки аз байн бурдани хатари беруна дар Афғонистон таваҷҷуҳи худро аз берун ба ҷанбаи дохилӣ табдил додааст. Дар ин маврид Ҷанбаи дохилии амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ аз амнияти берунӣ беҳтар набуд. Мушкилоти дохилии давлатҳои минтақа дар маҷмуъ мушкилоти минтақавиро ташкил медиҳанд ва имрӯз онҳо хеле зиёданд. Ин ба Тоҷикистон низ дахл дорад, зеро кишвар дар миёни таҳдидҳо, чолишҳо ва хатарҳои зиёд қарор дорад. Муҳаққиқони рус В. Наумкин ва И. Звягелская таҳдидҳо, мушкилиҳо ва хатарҳои ғайрианъанавиро ба низом дароварда, сарчашмаҳои пайдоиши онҳоро дар мисоли Осиёи Марказӣ ва Қавқоз – «Ҳалқаи Ҷанубӣ» (southern tier) муайян мекунанд.

Онҳо маводи мухаддир(drugs), ҷиноятҳои муташаккил (organized crime) ва терроризм (terrorism)-ро таҳдидҳои ғайрианъанавӣ барои Россия аз «Ҳалқаи Ҷанубӣ», мушкилиҳо – муҳоҷирати оммавӣ ва гурезаҳо(mass migrations and refugees) ва хатарҳо – таназзули муҳити зист(degradation of the environment) медонанд [3].

Ташаббуси муҳим дар ин самт тадбирҳо барои суст кардани густариши маводи мухаддир аз Афғонистон тавассути эҷоди як камарбанди амниятӣ дар атрофи он мебошад. Минтақа, чунон ки таҳлилгарон якдилона бар ин назаранд, аз таъсири шадидтарини фаъолияти синдикатҳои байналмилалии маводи мухаддир азоб мекашад. Паҳлуи дигари коҳиш додани таъсири манфии бисёр мушкилот ин рушди тадриҷии дар кишварҳои минтақа мебошад.

Аз нигоҳи барҳӯрд ба умури минтақа, зуҳури «омили эронӣ» бо стратегияи геополитикии Туркия созгор набуд. Бозингари ҷадиди минтақавӣ дар симои Эрон метавонад дар оянда мавқеи Туркияро дар Осиёи Марказӣ, бахусус дар равобиташ бо Тоҷикистон заъиф созад. Дар ин росто зикр кардан ба мавриди аст: чаро ду маркази таърихии нуфуз ба Осиёи Марказӣ, ки аз Туркия ва Эрон намояндагӣ мекунанд, имкони эҷоди фазои васеи ҳамкорӣ байни мардумони аз лиҳози этникӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ наздики минтақаро амалӣ карда натавонистанд? Саволе, ки таҳлили алоҳидаро талаб мекунад. Аммо ин далели гуфтани он аст, ки худи кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳақ доранд, ки бар асоси наздикии тамаддуни худ ба раванди наздикшавии фарҳангӣ ва сиёсии давлатҳое, ки ҳам ба ҷамоаҳои туркзабон ва ҳам эронитабори мардум шомил ҳастанд, оғоз кунанд. Воқеан, ду кудрати таърихии нуфуз дар минтақа – Туркия ва Эрон – натавонистаанд зарфиятҳои худро дар эҷоди ҳамкориҳо ва ҳамкориҳои густурда миёни мардумони аз ҷиҳати этникӣ наздики Осиёи Марказӣ амалӣ созанд, ки худи кишварҳои минтақа низ бар пояи ҳамдигарфаҳмӣ ва наздикии худ дар самти наздикшавии фарҳангӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла ҳам кишварҳои туркӣ ва ҳам эронӣ иқдом кунанд.

Ин маънои онро дорад, ки Тоҷикистон ва Туркия метавонанд ихтиёран ба раванди эҷоди фазои ҳамкорӣ ва ҳамкорӣ бар пояи арзишҳои муштарак, равобити таълимӣ ва фарҳангӣ ва табодули таҷриба дар заминаи рушд ва танзими сиёсӣ иқдом кунанд. Ин имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ва Туркия равобити устувортар ва амиқтар ба роҳ монда, ба рушду шукуфоии муштарак саҳм гузоранд. Аз ҷумла, мардуми Туркия ва Тоҷикистон ҳаққи таърихии ташаббускори анҷуманҳои гуногунро доранд, ки дар рушди ҳамкориҳо ба хотири шукуфоии мутақобилаи кишварҳое, ки ҷузъи як ҷомеаи тамаддуни дунявӣ мебошанд, саҳм гузоранд. Ҳамчунин, ҳоло зарурати воқеии таъсиси як механизми машваратӣ, коршиносӣ-машваратӣ барои ҳамкорӣ ва ҳамкориҳои мутақобила миёни Туркия ва Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фаъолияти дин дар шароити давлати дунявӣ ба хотири суботу шукуфоӣ ба миён омадааст. Дар ин бобат таҷрибаи Ҷумҳурии Туркия ибратбахш аст. Ва самтҳои асосии ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби чунин ҳамкорӣ метавонанд муколамаи байнифарҳангӣ, ҷомеаи динӣ, таҷрибаи сохтмони давлат дар Туркия ҳамчун кишвари босуръат рушдёбанда, иқтисоду тиҷорат, гидроэнергетика, сармоягузорӣ, нақлиёт ва ғайра бошанд.

Гузашта аз ин, бунёд ва рушди муносибатҳо дар соҳаҳои энергетикаи обӣ, нақлиёту коммуникатсионӣ ва агросаноатӣ метавонад дастоварди асосии стратегии ҳарду кишвар дар заминаи ташаккули симои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

Моҳи сентябри соли 1995 нахустин сафари расмии президенти собиқи Туркия Сулаймон Демирел ба Тоҷикистон ва моҳи майи соли 1996 сафари ҷавобии раисиҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Туркия сурат гирифт. Аммо ба тавсеаи равобити дуҷониба, бешубҳа, тағйироти ҷиддие, ки дар сиёсати хориҷии Туркия аз соли 2003 ба ин сӯ ба вуқуъ пайваст: татбиқи курси бисёрвектории сиёсати хориҷӣ, диверсификатсияи муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкорӣ дар сохтмони дастгоҳҳои давлатӣ дар Афғонистон мусоидат кард.

Соли 2009 президент Гул нахустин сафари расмии худро ба Тоҷикистон анҷом дод ва ин сана як нуқтаи гардиш дар равобити ду кишвар гардид. Дар пайи ин мулоқот дар низоми раводид миёни кишварҳо як қатор тағйирот ба амал омад, ки боиси суръат бахшидан ба ҳамкориҳои ду кишвар гардид [4].

Соли 2012 раиси ҷумҳури Тоҷикистон як сафари ҷавобӣ ба Туркия анҷом дод, ки дар натиҷаи он раҳбарони ду кишвар Эъломия дар бораи таъсиси телевизионӣ миёни Ҷумҳурии Туркия ва Тоҷикистонро ба имзо расониданд [5, 234]. Ва ҳамин тавр муносибатҳо ба сатҳи нав баромад.

Ба андешаи мо, аллакай дар даҳаи сеюми асри XXI барои ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия иқтидори фаровон вуҷуд дорад. Аз он бармеояд, ки давлати мо дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти муҳимми геополитикӣ дорад. Захираҳои бузурги табиӣ ва имкониятҳои коммуникатсионии он онро ба як объекти манфиатҳои стратегии қудратҳои бузург табдил додаанд, ки мехоҳанд нақш ва мавқеи худро дар майдони геополитикии минтақа ишғол кунанд. Ва дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳамкории самарабахши ду давлат дар ин марҳилаи муносибатҳо пеш аз ҳама бо майли риояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ва ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Туркия муносибатҳои сиёсати хориҷии худро бо Тоҷикистон барои ба даст овардани натиҷаҳои судманди ҳамкорӣ ва пеш аз ҳама ба ҳамкориҳои иқтисодӣ такя мекунад. Аммо вазъи муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодӣ ба вазъи сиёсии дохилӣ ва суботи ҳам дар дохили кишварҳо ва ҳам дар маҷмуъ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бевосита алоқаманд аст. Илова бар ин, бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Туркия бунёди корхонаҳои муштарак бо истифода аз технологияҳои туркӣ бо дар назардошти иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика, истифодаи шаклҳои алтернативии маблағгузории лоиҳаҳо, тавассути ҷалби сармояи мустақими туркӣ, инчунин созмонҳои гуногуни молиявии байналмилалӣ муҳимтарин мебошад. Ҳамкорӣ ҷиҳати ҷалби сармояи туркӣ дар соҳаи истифодаи манбаъҳои энергияи ғайрианъанавӣ (масалан, офтобӣ) дар минтақаҳои душворгузар.

Дар стратегияи геополитикии Ҷумҳурии Туркия ба Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва рушд (ТИКА) ҷойи махсус дода шудааст. Дар шароите, ки сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон ҳамасола рушд мекунад, бо истифода аз имкониятҳои ин созмон барои омӯзиши таҷрибаи Туркия дар соҳаи сайёҳӣ тавассути ҳавасмандгардонии фирмаву ташкилотҳои дахлдор дар ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили сохтмони меҳмонхонаҳо, сайёҳӣ, кӯҳнавардӣ ва лижаронӣ, расонидани кумаки ҳамаҷониба дар тарбия ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ. Ҷалби сармоягузорони туркӣ барои рушди соҳаи тандурустӣ ва некуаҳволӣ дар минтақаҳое, ки дар он ҷо чашмаҳои гарми ҷумҳурӣ ҷойгиранд ва дар оянда онҳоро ба марказҳои саломатии байналмилалӣ табдил медиҳанд.

Дар ин замина ба яке аз Эъломияҳои муҳими байнидавлатӣ аз 19 январи соли 2006 муроҷиат кардан лозим аст, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардааст [6]. Ва нуктаҳои асосии ин Эъломия бояд такмил дода шаванд. Ин ба минбаъд инкишоф додан ва вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ дахл дорад. Аз ҷумла, ташкили семинару конфронсҳо, курсҳои омӯзишӣ, намоишгоҳи таҷҳизоти тиббӣ ва доруҳои нав аз ҷониби Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Туркия дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, инчунин табодули таҷрибаи кормандони соҳаи тиб; ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология ва аккредитатсия. Фаъолсозии фаъолияти Шурои соҳибкорони Тоҷикистону Туркия ва суръат бахшидан ба табодули иттилоот байни корхонаҳои хурду миёнаи ҳарду кишвар аҳаммияти камтаре надорад; ҳамкорӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои паймонкорӣ ва машваратӣ; инкишофи чунин шаклҳои ҳамкорӣ, монанди дар ҳар ду мамлакат бунёди корхонаҳои муштарак ё корхонаҳои пурра моликияти фирмаҳои туркию тоҷикӣ, мубодилаи технология, лизинг ва ғайра; мусоидат ба ҷониби Тоҷикистон дар аз худ намудани таҷрибаи Туркия дар бунёд ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Такмили механизми ҳамкорӣ дар ин соҳаҳо ба ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоиюю иқтисодӣ ва таъмини пешрафти динамикии онҳо дар ҳазорсолаи нав ёрӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки сарфи назар аз тағйирёбии давравӣ, робитаҳои иқтисодӣ байни ду кишвар аз замони барқарории муносибатҳои дипломатӣ то имрӯз пайваста инкишоф ёфтаанд. Иштироки фаъолонаи Туркия дар тамоми созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳама масъалаҳои глобалӣ ва байналмилалӣ ба дипломатияи ритмикӣ асос ёфтааст, ки кӯшиш мекунад нақши фаъолтари Туркияро дар муносибатҳои байналмилалӣҳамчун иштирокчии тартиботи ҷаҳонӣ аз ҷиҳати фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъмин намояд. Ин аллакай як воқеият аст, ки Ҷумҳурии Туркия дар даҳаи сеюми асри XXI давраи рушди босуръати иқтисодӣ, падидаи ба истилоҳ «мӯъҷизаи туркӣ»-ро аз сар мегузаронад, ки бо афзоиши нуфузи он дар минтақа ва афзоиши аҳаммияти куллии кишвар дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва сиёсӣҳамроҳ мешавад. Аммо рушди махсусан босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар ба сари қудрат омадани раисиҷумҳури феълӣ Раҷаб Тайиб Эрдуғон марбут аст.

Адабиёт

1. Ramazan Özdamar, ‘ Türkiye’nin Orta Asya Politikası Eksiklikler ve Öneriler’, CaspianWeekly. 2010. P. 89.
2. TürkanBudakSöylemlerveEylemlerBağlamında:Türkiye’nin Orta Asya Politikas \BİLGESAM [Электронный режим].-Режим доступа: http://www.bilgesam.org/Images/Dokumanlar/0-69-20160929501345.pdf. (Дата обращ. 21. 08. 2021)
3. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, «Внешний сектор» [Электронный ресурс]. Режим доступа:http://www.stat.tj/ru/analytical-tables/external-sector/.
4. Внешняя политика Турции на современном этапе http://www.stat.tj/ru/analytical-tables/external-sector/
5. Концепция внешней политики Турции https://cont.ws/@mssadygzade/262112.
6. Новые государства Центральной Азии в условиях формирования полицентричного мира (Душанбе, 16 марта 2017 г.). – Душанбе: РТСУ, 2017. – 265с.
7. Официальный визит Президента Турции в Таджикистан. Национальное информационное агентство Таджикистана «Ховар»., 2008 г.
8. Официальный сайт Министерства иностранных дел.РТ- Режим доступа: www.URL:http://www.mid.tj
9. Официальный сайт Министерства образования РТ,- Режим доступа: www.URL: htlp://www.education.tj.
10. Официальный сайт Президента Республики Таджикистан,-Режим доступа: www.URL.http://www.presidcnt.tj.
11. Официальный сайт Президента Республики Таджикистан,-Режим доступа: www.URL.http://www.presidcnt.tj.
12. Официальный сайт торгово-промышленной палаты Республики Таджикистан.- Режим доступа: www.URL:www.http://tpp.tj /dditem/home
13. Послание Президента РТ Эмомали Рахмона Маджлиси Оли// Народная газета.-2016.-20 января.
14. Президент РеджепТайипЭрдоган - новый поворот нового президента. // Тезисы президента Турции. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.akorda.kz/ru/page/page_prezident-respubliki-kazakhstan-nursultan-nazarbaev-i-premer-ministr-turetskoi-respubliki-redzhep_____-ta_1350104092.

15. Совместная Декларация Республики Таджикистан и Турецкой Республики о дальнейшем развитии двусторонних отношений. Анкара. 19 января 2006. http://www.mid.tj. (Дата обращ. 18. 04. 2020).
16. Султанов, Ш.М. Республика Таджикистан: политическое и экономическое взаимодействие с Турцией и центральноазиатскими странами, (на стыке XX и XXI веков) / Ш.М. Султанов. - М.: Изд-во РАГС, 2006.-255с.

ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ СТРАТЕГИЯИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ

Дар мақола ҷойгоҳ ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар стратегияи геополитикии Ҷумҳурии Туркия баррасӣ шудааст. Муаллиф дар ин замина самтҳои асосии шарикии ду кишварро дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои минтақавӣ таъкид намуда, ҷузъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии равобити дуҷонибаи Туркия ва Тоҷикистонро ошкор кардааст. Дар стратегияи геополитикии Туркия бо вуҷуди он, ки Тоҷикистон дар миёни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ягона кишвари форсизабон аст, мақоми вижаеро ишғол мекунад ва Анқара ба равобити тиҷоративу иқтисодӣ ва ҳамкориҳои низомию фаннӣ ва соҳаи маориф бо Душанбе таваҷҷуҳ дорад. Дар чаҳорчӯби стратегияи геополитикӣ Туркия ва Тоҷикистон метавонанд ба раванди эҷоди фазои муассир барои ҳамкорӣ ва ҳамкориҳо бар пояи арзишҳои муштарак ва равобити фарҳангӣ-маърифатӣ ва табодули таҷриба дар заминаи рушд ва танзими сиёсии равандҳои иҷтимоӣ шуруъ кунанд. Ин ба пойдортар ва амиқтар шудани муносибатҳои байни кишварҳо ва мусоидат ба некуаҳволии муштараки онҳо мусоидат мекунад, ки аз сафарҳои баландпояи роҳбарияти сиёсии ду кишвар дар солҳои 2008, 2012 ва 2017 шаҳодат медиҳад.

Дар охир хулоса мешавад, ки мардуми Туркия ва Тоҷикистон ҳаққи таърихии ташаббускори анҷуманҳои гуногунро доранд, ки дар рушди ҳамкориҳо барои шукуфоии мутақобилаи ду кишвар саҳм гузоранд. Ва дар робита ба Тоҷикистону Туркия зарурати таъсиси як механизми машваратӣ, коршиносӣ-машваратӣ барои ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ ба миён омад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Туркия, Осиёи Марказӣ, равандҳои сиёсӣ, ҳадафҳо ва дастурҳои стратегӣ, сафарҳо, ҳамгироӣ, самтҳои асосии ҳамкорӣ, эъломияи истиқлолият, координатҳои геополитикӣ, неоттоманизм, механизми коршиносӣ-машваратӣ, рушди низоми бонкӣ, инфрасохтори бозорӣ, соҳибкорӣ, муносибати илмӣ ва таълимӣ.

ТАДЖИКИСТАН В КОНТЕКСТЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЙ СТРАТЕГИИ ТУРЕЦКОЙ РЕСПУБЛИКИ

В статье рассматриваются место и роль Республика Таджикистан в геополитической стратегии Турецкой Республики. В этой связи автор освещает основные сферы партнерства двух стран в рамках регионального сотрудничества и раскрывает политико-экономическую и социально-культурную составляющие двусторонних отношений Турцией и Таджикистана. В геополитическая стратегия Турция несмотря на то, что среди стран центральноазиатского региона Таджикистан – единственная персоязычная страна занимает особое место и Анкара заинтересована в торгово-экономических связях и военно-техническом сотрудничестве и образовательной сфере с Душанбе. В рамках геополитическая стратегия Турция и Таджикистан могут инициировать процесс создания эффективного пространства сотрудничества и взаимодействия, основанного на общих ценностях и культурно – образовательных связях, а также обмене опытом в области развития и политического урегулирования общественных процессах. Это позволит сформировать более устойчивые и глубокие отношения между странами способствовать их общему благополучию, о чём свидетельствует визитов политическое руководства двух стран на высшем уровне в 2008, 2012 и 2017 гг.

В заключение делается вывод, что народы Турции и Таджикистан имеют историческое право инициировать различные форумы, внося вклад в развитие сотрудничества на имя взаимного процветания двух стран. А в отношение Таджикистан и Турция возникла

необходимость в создании совещательного, экспертно-консультативного механизма по сотрудничеству и взаимодействию.

Ключевые слова: Таджикистан, Турция, Центральная Азия, политические процессы, стратегические целы и ориентиры, визиты, интеграция, основные направление сотрудничества, декларация независимости, геополитические координаты, неоосманизм, экспертно-консультативный механизм, развитие банковская система, рыночная инфраструктура, предпринимательства, научно-образовательное отношение.

TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF THE GEOPOLITICALSTRATEGY OF THE REPUBLIC OF TURKEY

The article examines the place and role of the Republic of Tajikistan in the geopolitical strategy of the Republic of Turkey. In this regard, the author highlights the main areas of partnership between the two countries in the framework of regional cooperation and reveals the political, economic and socio-cultural components of bilateral relations between Turkey and Tajikistan. In the geopolitical strategy of Turkey, despite the fact that among the countries of the Central Asian region, Tajikistan is the only Persian-speaking country, occupies a special place and Ankara is interested in trade and economic relations and military-technical cooperation and the educational sphere with Dushanbe. Within the framework of the geopolitical strategy, Turkey and Tajikistan can initiate the process of creating an effective space for cooperation and interaction based on common values and cultural and educational ties, as well as the exchange of experience in the field of development and political settlement of social processes. This will allow the formation of more sustainable and deep relations between the countries to contribute to their common well-being, as evidenced by the visits of the political leadership of the two countries at the highest level in 2008, 2012 and 2017. In conclusion, it is concluded that the people of Turkey and Tajikistan have a historical right to initiate various forums, contributing to the development of cooperation in the name of mutual prosperity of the two countries. And in relation to Tajikistan and Turkey, there was a need to create an advisory, expert-consultative mechanism for cooperation and interaction.

Keywords: Tajikistan, Turkey, Central Asia, political processes, strategic goals and guidelines, visits, integration, main areas of cooperation, declaration of independence, geopolitical coordinates, neo-Ottomanism, expert-consultative mechanism, development of the banking system, market infrastructure, entrepreneurship, scientific and educational attitude.

Дар бораи муаллиф
Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович
Омӯзгори кафедараи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар номи Носири Хусрав.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 559 00 60 40

Об авторе
Разоков Джовидон Хусайнович
Преподаватель кафедры политологии и международных отношений
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.
Тел.: (+992) 559 00 60 40

About the author
Razokov Jovidon Husainovich
teacher of the Department of Political Science and International Relations of the State Educational Institution
Bokhtar State Universitynamed after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67.
Ph.: (+992) 559 00 60 40

ТДУ 327(581)(73)"1919/1929"

СТРАТЕГИЯИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР АФҒОНИСТОН ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ АМОНУЛЛОХОН: СОЛҲОИ 1919–1929

Кабутов М. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳқиқи стратегияи Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон дар давраи ҳукмронии шоҳ Амонуллохон яке аз мавзуъҳои кам омӯхташуда дар илмҳои таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Танҳо дар солҳои охир баъзе маводҳои пароканда дар мавзуи мазкур дар Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва баъзе кишварҳои дигар ба нашр расиданд.

Дар соли 1919, соли ҷанги сеюми Афғонистон бар зидди Шоҳигарии Британияи Кабир ва ҳамчунон соли ба даст овардани истиқлоли Афғонистон, амир Амонуллохон ҳайати расмии ҳукумати худро ба роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ (бадахшонӣ) ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз тариқи Россияи болшевикӣ ва Аврупо фиристода буд. Мақсади асосии амир Амонуллохон аз фиристодани ҳайати расмии ҳукумати худ ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка чунин буд:

–расонидани хабари истиқлоли Афғонистон ба самъи ҳукумат ва мардуми Штатҳои Муттаҳидаи Америка;

–огоҳ намудани ҳукумати Россияи болшевикӣ, Шоҳигарии Британияи Кабир ва дигар бозингарони фаъоли муносибатҳои байналмилалии ибтидои асри XX аз дигаргуниҳои сиёсии Афғонистон;

–ба даст овардани розигии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Россияи болшевикӣ, Шоҳигарии Британияи Кабир ва дигар давлатҳои алоқаманд дар бораи барқарор намудани муносибатҳои расмӣ ва дипломатӣ бо Афғонистон;

–таъмин намудани равобити онҳоро бо Афғонистон дар тамоми арсаҳо ҷалб намояд.

Амир Амонуллохон шахсиятҳои зеринро ба ҳайати расмии ҳукумати худ, ки ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка фиристода буд, ворид намуд: Муҳаммад Валихони дарвозӣ (роҳбари ҳайат)[1], Мирзо Муҳаммадхон Яфталӣ, Абдулраҳмон Лудӣ, Сардор Файз Муҳаммад Закариё, Муҳаммад Гул Маҳманд ва чанд тани дигар.

Қобили зикр аст, ки Шоҳигарии Британияи Кабир истиқлоли Афғонистонро мутобиқи «Муоҳидаи Гандамак»[2], ки дар соли 1789 бо амир Муҳаммад Яқубхон ба имзо расонида буд, эътироф накарда буд. «Муоҳидаи Гандамак» чунин санаде буд, ки бар асоси он сиёсати хориҷии Афғонистон то соли 1919 дар ихтиёри Шоҳигарии Британияи Кабир қарор гирифта буд.

Л. Адамик менависад, ки «Муҳаммад Валихони дарвозӣ дар сафар ба сӯйи Аврупо ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки дар охири моҳи сентябри соли 1919 ба шаҳри Тошканд расид ва бо намояндагони Иттифоқи Советӣ ба роҳбарии Бровин ба сурати расмӣ музокира намуд. Муҳаммад Валихони дарвозӣ аз шаҳри Тошканд паёмеро ба номи Президенти ҳамонвақтаи Штатҳои Муттаҳидаи Америка Уоррен Гамалиел Гардин равон кард. Дар паём гуфта шуда буд, ки ӯ Афғонистонро дар конференсияи «Сулҳи ҷаҳонӣ» муаррифӣ мекунад ва дар ин росто

[1] Бояд таъкид намуд, ки Муҳаммад Валихони дарвозӣ баъд аз ҳама кӯшишҳо ва талошҳо бо мақсади муаррифӣ намудани истиқлоли кишвар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Россияи болшевикӣ, Шоҳигарии Британия ва дигар давлатҳои алоқаманд аз ҷониби Муҳаммад Нодиршоҳ дар моҳи апрели соли 1930 ба ҷиноят суйиқасд барои бозгардонидани амир Амонуллохон ба тахти подшоҳӣ гунаҳгор дониста шуда, ба воситаи ташкили маҳкамаи намоишӣ ба қатл расонида шуд.

[2] *Гандамак* – қарияе дар Афғонистон буда дар километри 56-уми роҳи кӯҳнаи Кобул Ҷалолобод ҷойгир аст. Ҳангоми ақибнишинии қушунҳои генерал Элфинстоун аз Кобул дар соли 1842 дар яке аз баландиҳои назди қарияи Гандамак ҷанг рух дод, ки дар он охирин зиндамондагони британӣ – бист афсарон ва чилу панҷ сарбоз аз полки 44-уми Англия кушта шуданд ва танҳо як нафари онҳоро зинда монданд.

хостори ҳамкорӣ бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар масъалаи шинохти истиқлоли Афғонистон мебошад»[22, с. 74].

Аз маълумоти зикргардида, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки амир Амонуллохон мисли дигар роҳбарони Афғонистон ба барқарор намудани муносибатҳои наздик бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка алоқамандии зиёд дошт. Аммо бо дарназардошти мавқеи сиёсӣ ва ҷуғрофии Россия, имконияти иқтисодию геополитикии Аврупо, инчунин мусоид ва арзон будани хатти сафар ба воситаи хушкӣ нисбат ба роҳҳои баҳрӣ ба Вашингтон, амир Амонуллохон ҳайати расмии ҳукумати худро вазифадор намуда буд, ки мавқеи кишварҳои зикргардидаро низ омӯзанд.

Вақте ҳайати Афғонистон ният дошт, ки аз шаҳри Москва ба самти кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва аз он ҷо ба Иёлоти Муттаҳидаи Америка сафар намояд, ин қасд бо монеа рӯ ба рӯ гардид. Зери таъсири фишорҳои Шоҳигарии Британияи Кабир, ҳайат маҷбур шуд аз идомаи ҳаракат тариқи ҷумҳуриҳои Балкан, ки дар ҳайати Россияи Советӣ қарор доштанд, даст кашад. Ин ҳолат натиҷаи равшан ва возеҳи мураккабиҳои сиёсии байнулмилалӣ ва рақобатҳои шадиди геополитикӣ байни ду абарқудрати давр — Россияи Советӣ ва Британияи Кабир — маҳсуб меёфт. Дар ҳамин замина, соли 1919 ҳайати расмии Афғонистон таҳти роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ натавонист ба Амрико сафар намояд ва бо ин васила вокуниши расмии Вашингтонро дар мавриди эҳтимоли барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Кобул дарёбад.

Ғайр аз ин, телеграммае, ки ҳайати расмии Афғонистон аз Тошканд ба унвони Президенти Иёлоти Муттаҳида ирсол карда буд, бечавоб монд. Номусулукии Вашингтон ба ин муроҷиат худ шаҳодати возеҳ аз он буд, ки Иёлоти Муттаҳида дар он давра ба талошҳои Афғонистон ҷиҳати ба даст овардани истиқлол аз зери нуфуз ва ҳукмронии Британияи Кабир таваҷҷуҳи лозимаро нишон надод ва барои ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатии дуҷониба иқдоми мушаххасе накард.

Бо вуҷуди ин, таъкид кардан зарур аст, ки вазъи душвор ва мураккаби сиёсию низомии дохилӣ ва минтақавии Россияи Советӣ дар он замон низ дар ташкили сафари ҳайати Афғонистон ба самти Аврупо тавассути қаламрави ҷумҳуриҳои Балкан нақши маҳдудкунанда бозӣ кард. Дар асл, аз ҷониби Россияи Советӣ барои ба роҳ мондани шароити мусоид ҷиҳати идомаи сафари ҳайати расмии Афғонистон талошҳои ҷиддӣ ва самимона сурат нагирифт. Бо вуҷуди ин, роҳбарияти ин давлат, бо сарварии В. И. Ленин, кӯшиш намуд, ки аз вазъияти пешомада ба манфиати геополитикии худ истифода кунад.

Дар ин замина, В. И. Ленин ҳайати расмии Афғонистонро, ки таҳти роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ ба Москва омада буд, бо истиқболи гарму самимӣ пазируфт ва давлати Афғонистонро ҳамчун аввалин кишвари хориҷӣ ба таври расмӣ ба расмият шинохт. Ҳамзамон, Афғонистон низ ба сифати аввалин кишваре баромад, ки дар соли 1919 давлати ҷавони болшевикии Россияи Советиро расман эътироф кард.

Мулоқоти шахсии В. И. Ленин бо ҳайати Афғонистон 14 октябри соли 1919 дар Москва сурат гирифт. Тавре ки муҳаққиқ Муҳаммад Акрам Андешманд зикр мекунад, Ленин дар суҳбат бо аъзои ҳайат изҳор доштааст: «Бисёр хушҳолам, ки намояндагони мардуми дӯсти мо — Афғонистонро, ки аз зулм ранҷ мекашанд ва бар зидди истибдоди империалистӣ мубориза мебаранд, дар пойтахти сурхи ҳукумати коргарон ва деҳқонон истиқбол менамоям» [19, с. 18].

Тавре ки Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор менависад дар қатори дигар омилҳо, яке аз сабабҳои аслии оғози нокоми барқарор намудани муносибатҳои мутақобила миёни Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Афғонистон аз он иборат аст, ки «сафари ҳайати Афғонистон ба сӯйи Аврупо ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка мухолифи майл ва хоҳиши Шоҳигарии Британияи Кабир буд»[21].

Муаллифи мазкур идома медиҳад, ки «Россияи Советӣ ҳама гуна муносибатҳоро бо ҳайати Афғонистон бар асоси манфиатҳои худ арзёбӣ мекард. Ҳамкории Россияи Советӣ бо ҳайати Афғонистон дар сафар ба сӯйи Аврупо ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка норизоиятӣ ва асабонияти Англияро ба вуҷуд меовард. Истиқлоли гарм аз ҳайати Афғонистон барои давлати навташкили болшевикии русҳо ба номи Россияи Советӣ, ки ҳанӯз аз сғйи мамлакатҳои аврупоӣ ба расмият шинохта нашуда буд, як имтиёз ва қадами муҳим дар ҳимояи манфиатҳои он ба ҳисоб мерафт. Аз ҷониби дигар ҳадафи давлати ҷавони Россияи Советӣ густариши нуфуз ва ҳокимият

дар минтақаи мусулмонишини Осиёи Марказӣ ва Кавказ ба шумор мерафт. Дахолати ангезаҳои ҳамкорӣ, ҳимояти муборизаи мардуми Афғонистон бар зидди зулм ва асорати империалистӣ ва шинохти истиқлоли Афғонистон дар ҷиҳати ин ҳимоят аз сӯйи Россияи Советӣ тавре, ки дар изҳороти В. И. Ленин инъикос ёфт, аз зоҳирпарастӣ беш набуд. Россияи Советӣ на танҳо истиқлоли Афғонистонро ба расмият шинохт, балки дар раванди музокироти расмӣ бо ҳайати Кобул, истиқлоли ояндаи Бухоро ва Хиваро эътироф кард. В. И. Ленин дар Москва хостори кумаки ҳамаҷониба ба мусулмонони Шарқ, ба қавли ӯ, дар «ҷанги озодибахши кабири» Россияи Советӣ гардид, вале баъдан Бухоро ва Хиваро ба ҳайати Россияи Советӣ дароварда. Муовинони ӯ (роҳбарони Иттиҳоди Шуравӣ) шаш даҳа баъд Афғонистонро мавриди ҳамла ва ишғоли низомӣ қарор доданд»[21].

Тавре ки мушоҳида мешавад муаллифони Афғонистон ҳангоми таҳлили раванди барқарор гардидани робитаҳои нахустин миёни Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Афғонистон дар доираи равияи реализми сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ ва минтақавии давлати худро дар мадди аввал гузоштаанд. Таҳқиқи фаъолияти хориҷии Россияи Советӣ дар самти Осиёи Миёна дар ибтидои асри XX мавзуи таҳлили мақолаи мазкур ба шумор намеравад. Ба ҳар ҳол, мо таъкид менамоем, ки Россияи Советӣ бо дарназардошти ҳаракати Шоҳигарии Британияи Кабир дар он солҳо ба тарафи шимоли Ҳиндустони британӣ, ки ҳудуди Покистонро фаро мегирифт ва нияти мустаҳкам намудани мавқеи геополитикии худро дар Афғонистон низ дошт, Осиёи Миёнаро ба ҳайати худ ворид намуд.

Ҳамин тариқ, баъд аз талоши аввалини номуваффақи ҳайати расмии Афғонистон таҳти роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ ба сӯйи Аврупо ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ҳайати мазкур дар соли 1921 барои анҷом додани сафари нав ба омодагӣ шуруъ намуд. Ҳайати расмии ҳукумати шоҳ Амонуллохон бо роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ баъд аз ворид гардидан ба Москва «Муоҳидаи дӯстӣ миёни Россияи Советӣ ва Афғонистон»-ро 28 феврали соли 1921 бо давлати ҳукумати болшевикӣ ба имзо расонид.

Ҳайати расмии Афғонистон таҳти роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ баъд аз нокомии роҳпаймоӣ ба воситаи ҷумҳуриҳои Прибалтика, ин маротиба аз тариқи ҳудуди давлати Полша ба Берлин расид. Ҳайати мазкур дар Берлин бо роҳбарияти ин кишвар мулоқот анҷом дода, ба он муваффақ шуд, ки розигии роҳбарияти Германияро барои қабули намояндаи расмӣ ва дипломатии Афғонистон ба даст оранд. Аммо ҷониби Германия фиристодани намояндаи расмӣ ва дипломатии худро ба Кобул ба оянда вогузор намуд. Ҳайати расмии Афғонистон таҳти роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ баъд аз мулоқот бо роҳбарияти олии сиёсии Германия ба Италиё сафар анҷом дода, дар шаҳри Рим ризояти ҷониби итолиёвиро дар робита ба масъалаи табодули сафирон миёни ду кишвар ба даст овард. Чунонки муҳаққиқон Л. Пуллада ва Л. Ҷ. Пуллада зикр менамоянд, пас аз ин ҳайати Афғонистон аз Рим ба Париж омад, бо нияти идомаи сафарашон ба самти Иёлоти Муттаҳидаи Америка. Дар шаҳри Париж, ҳайат бо Вэллс Ҳай Кембелл — сафири Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Франсия — мулоқот анҷом дод. Дар ҷараёни воҳӯрӣ, онҳо нияти худ роҷеъ ба сафар ба Америка, инчунин мазмуни номаи расмии подшоҳ ва вазири корҳои хориҷии Афғонистонро ба самъи ӯ расониданд.

Мӯҳтавои нома ва ҳадафи ҳайат дар баробари эълони истиқлоли давлати Афғонистон, дархости шинохти расмии ин истиқлол ва ташкили робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои фарогир дар тамоми самтҳо бо Америкаро дар бар мегирифт. Ҳайат дар ин замина бо сафири Америка суҳбати муфассал анҷом дод. Аммо қабл аз ҳар гуна тасмимгирӣ, сафири Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо Лорд Ҳордин, ки дар он вақт вазифаи сафири Шоҳигарии Британияи Кабирро дар Франсия иҷро мекард, тавассути телефон суҳбат намуд ва назари шахсии ӯро, ҳамчунин мавқеи расмии ҳукумати Британияро нисбат ба ҳайати расмии Афғонистон пурсон шуд.

Дар ҷавоб ба ин пурсиш, сафири Британияи Кабир ба сафири Америка посухи хаттӣ ирсол намуд ва дар он мавқеи давлати худро муфассал баён кард «чун ҳайат аз тарафи президент ва сарвазири Ҷумҳури Франсия М. Брианд пазироӣ шуда аст, сафири Америка наметавонад тавре, ки қобили таваҷҷуҳ бошад аз пазируфтани он даст кашад. Аммо ҳукумати Британия фаъолиятҳои ин ҳайат ё кӯшишҳои онро дар имзои муваффиқатномаҳо бо дигар ҳукуматҳо қабул намекунад»[20, с. 55].

Аз назари мо, бояд ба омили зикргардида – баҳонаҷӯйии намояндагони расмӣ, дипломатӣ ва давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, рӯ тофтани Вашингтон аз оғози муносибатҳои наздик бо Кобул, пойбанди манфиатҳо ва сиёсати хориҷии Шоҳигарии Британияи Кабир будани Қасри сафед дар он давра, таваҷҷуҳи махсус намуд. Чунки тамоми сиёсати баъдии хориҷии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар самти Афғонистон дар доираи чунин бархурд таҳия ва татбиқ мегардад.

Вобаста ба ин, дар воқеъ назархоҳии сафири Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Франсия аз сафири Англия дар ин кишвар дар бораи ниятҳои ҳайати расмии ҳукумати Афғонистон на танҳо маслиҳати ҳамкасбон буд, балки оғози шаклгирии сиёсати Вашингтонро дар самти Кобул инъикос менамуд. Аз назари этика ва ахлоқи дипломатӣ сафири Штатҳои Муттаҳидаи Америка бояд мавзуи мулоқот бо намояндаи расмии Афғонистонро барои ҳеҷ кас ифшо намесохт. Аммо, бо дарназардошти он, ки сиёсати Штатҳои Муттаҳидаи Америка он замон бар асоси тамоилот ва хоҳишҳои Шоҳигарии Британияи Кабир пайрезӣ шуда буд, сафири Вашингтон талаботи дипломатиро поймол намуд.

Ба ҳар ҳол, «Ҳайати расмии ҳукумати Афғонистон таҳти роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ 21 июли соли 1921 вориди Америка шуд ва рӯзи дигар – 22 июл бо котиби давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка Чарлз Еванс Хюз мулоқот кард. Қабл аз мулоқот бо ҳайати расмии ҳукумати Афғонистон котиби давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка номаи расмии сафири Шоҳигарии Британияи Кабир дар Франсияро, ки онро ба сафири Америка дар он кишвар дар бораи муносибати Лондон нисбат ба ниятҳои ҳайати Афғонистон навишта буд, шинос гардида буд. Илова бар он дар нома аз робитаҳои наздик ва дӯстона миёни Афғонистон ва Россияи Советӣ, ки он замон ҳанӯз низоми болшевикии ин кишвар аз ҷониби Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Шоҳигарии Британияи Кабир ба таври расмӣ шинохта нашуда буд, таъкид гардида буд. Ҳайати расмии ҳукумати Афғонистон ҳангоми мулоқот бо котиби давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар ҳоле, ки номаи Маҳмуди Тарзӣ – вазири корҳои хориҷии кишварро тақдими котиби давлатии давлати мизбон кард, дар бораи истиқлоли Афғонистон ва барқарор намудани муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни ду кишвар суҳбат намуд. Аммо майлу хоҳиш ва тақозои ҳайати Афғонистон ба ҷавоби манфии ҷониби Америка рӯ ба рӯ гашт. Ҳайати Штатҳои Муттаҳидаи Америка баъд аз як мулоқоти кутоҳ ва бархурди сард бо ҳайати Афғонистон, изҳор намуд, ки барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ ба доираи салоҳияти Конгресси Америка вобаста аст»[22, с. 86].

Баъд аз мулоқоти расмӣ ва гуфтугӯи начандон гарму самимӣ бо котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка, ҳайати расмии ҳукумати Афғонистон муваффақ гардид, ки вохӯрие низ бо Президенти онвақтаи Америка — Уоррен Гардин — анҷом диҳад. Тавре ки муҳаққиқ Л. Адамек зикр менамояд, дар ҷараёни ин дидор, ҳайат номаи расмии подшоҳи Афғонистон — Амонуллохонро супурда, хоҳишмандии кишварашро нисбат ба барқарорсозии равобити наздик бо Америка баён намуд. Бо вуҷуди ин, Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар посухи худ мавқеи шабеҳ ба изҳороти қаблии котиби давлатиро иброз дошт. Баъд аз анҷоми ин вохӯрӣ, Муҳаммад Валихони дарвозӣ ва дигар аъзои ҳайат 2 августи соли 1921, баъд аз дарёфти визаи вуруд ба Британия аз сафорати он кишвар дар Вашингтон, озими Лондон гардиданд [22, с. 86].

Зикр кардан зарур аст, ки ҳайати расмии ҳукумати Афғонистон сафари худ ба Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро ба таври гуногун арзёбӣ намуданд. Аз ҷумла, Муҳаммад Валихони дарвозӣ — раҳбари ҳайат — ин сафарро, новобаста аз он ки дар ба даст овардани натиҷаҳои мушаххаси дипломатӣ ва расмӣ муваффақ нагардиданд, як комёбии муҳими сиёсӣ мешуморид.

Аксари аъзои дигари ҳайати расмии Афғонистон низ ба таври умум анҷоми сафар ва супурдани номаҳои амир Амонуллохон ва вазири корҳои хориҷии кишварро ба президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва котиби давлатии он давлат, ки дар асл истиқлоли сиёсии Афғонистонро инъикос менамуд, як қадами арзишманд дар роҳи пешбурди дипломатияи миллии худ ҳисоб мекарданд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, муносибати сард ва эҳтиёткоронаи сохторҳои расмии ҳукумати Америка нисбат ба ҳайати Афғонистон, худдорӣ аз шинохти расмии истиқлолият ва барқарорсозии равобити сиёсӣ бо Кобул — ки таҳти таъсири омилҳое, ба монанди нуфузи

Британияи Кабир ба сиёсатгузориҳои Вашингтон қарор дошт — то имрӯз як масъалаи пурраи таҳқиқнашуда боқӣ мондааст. Ин мавзуъ, бешак, ниёз ба таҳлили амиқ ва баррасии илмии мустақилона дар заминаи сиёсатҳои хориҷии Иёлоти Муттаҳида дар аввали асри XX дорад.

Муқоисаи муносибати роҳбари Россияи Советӣ – В. И. Ленин ва президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка – Уоррен Гардин бо ҳайати Афғонистон беш аз як аср қабл исбот менамояд, ки Вашингтон аз ҳамон давра сиёсати нодуруст, ғайрисозанда ва мутакаббиронаи хориҷӣ нисбат ба ҳукуматҳои гуногуни Кобул дошт. Тавре ки намудем, Россияи Советӣ бо дарназардошти мушкилоти мавҷудае, ки дар робитаҳои хориҷии ҳукумати болшевикон баъд аз ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 ҷой дошт, манфиатдор буд, ки ҳукумати Афғонистонро ба расмият шиносад ва бо ин роҳ аз муҳосираи дипломатӣ, ки кишварҳои Ғарб бар муқобили он эълон карда буданд, берун барояд.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка минбаъд низ чунин сиёсатро новобаста аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Афғонистон ва дар сари қудрати Кобул будани дастнишондаҳои Вашингтон амалӣ намуд. Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар тӯли қарни бистум ва ибтидои қарни XXI ба тамоми талошҳо ва кӯшишҳои Афғонистон ҷавоби манфӣ медод.

Бояд таъкид намуд, ки агар дар ибтидои асри XX Штатҳои Муттаҳидаи Америка сиёсати хориҷии хешро дар самти Афғонистондар доираи манфиатҳои геополитикии Шоҳигарии Британия амалӣ менамуд, дар тули тақрибан 80 соли охир, баъд аз ташкили Ҷумҳурии Исломии Покистон дар соли 1947, салоҳияти танзими раванду ҳодисаҳои Кобулро ба дасти Исломобод дод.

Ҳанӯз дар шароите ки Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳанӯз дар саҳифаи таърих ва ҷуғрофиёи сиёсӣ мавҷуд набуд, Афғонистон аллакай талошҳои худро барои барқарорсозии робитаҳои расмии дипломатӣ ва дӯстона бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка оғоз карда буд. Ҳадафи ин талошҳо, аз ҷумла, ҷалби кумаки сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомии Вашингтон ба Кобул буд.

Аммо, чунонки таҷрибаи таърихӣ нишон дод, сиёсати худдорӣ аз шинохти расмии Афғонистон ва сарпечии Иёлоти Муттаҳида аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳукумати Кобул, ки баъд аз сафари бенатиҷаи Муҳаммад Валихони дарвозӣ оғоз ёфт, дар тӯли якчанд соли дигар низ идома ёфт.

Кӯшишҳои Афғонистон барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка тавассути шаҳрвандони он кишвар, ки ба таъсиси робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо Кобул манфиатдор буданд, низ самари дилхоҳ набахшид. Ҳамчунин, иқдомоти дипломатҳои афғон дар дигар кишварҳои хориҷӣ барои расидан ба ин ҳадаф — яъне, барқарор кардани муносибатҳои расмӣ бо Вашингтон — дар соли 1932 низ бе натиҷа анҷом ёфтанд.

Шояд натиҷаи ҳамин талошҳои пайгиронаи амир Амонуллохон буд, ки танҳо як маротиба — дар соли 1930 — мавзуи эҳтимолии барқарорсозии муносибатҳои расмии сиёсӣ байни Афғонистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар сатҳи Конгресс матраҳ гардид. Дар он сол, баъзе аз аъзои парламенти Иёлоти Муттаҳида ин масъалаи ҳамкориро мавриди муҳокима қарор доданд, гарчанде он ба ягон тасмими мушаххас нарасид.Тавре ки муаллифони китоби «Кишвари шоҳии Афғонистон ва Штатҳои Муттаҳида» менависанд «аммо раиси шуъбаи шарқи Департаменти давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка Валлас Мурау дар ҷаласаи Конгресс ба масъалаи барқарор намудани муносибатҳои сиёсӣ зид баромад ва далелҳои мухолифати худро чунин баён намуд: Афғонистон бе ягон шакку шубҳа мутаассибтарин ва хусуматтарин кишвар дар ҷаҳони имрӯз аст. Дар он ҷо имтиёзоти риояи ҳуқуқи берунмарзӣ (ҳуқуқи байналмилалӣ) вуҷуд надорад, то хориҷиёнро ҳимоят кунад. Дар он ҷо ҳеҷ гуна асос барои баробарҳуқуқии насроният ва мусулмонон нест. Дар он ҷо ҳеҷ банке вуҷуд надорад ва корвонҳо ғорат мешаванд. Британиҳо солҳо аст, ки ҳар таъбаи Британияи сафедпӯстро аз вуруд ба Афғонистон манъ кардаанд»[20].

Яъне, дар миёни намояндагони қишрҳои гуногуни Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар бораи барқарор намудани муносибатҳои расмии сиёсӣ ва дипломатӣ, расонидани кумакҳои ҳамаҷониба ба ҳукумати марказии Афғонистон бо роҳбарии шоҳ Амонуллохон якфикрӣ вуҷуд надошт.

Подшоҳи вақти Афғонистон Амонуллохон низ шахсан кӯшиш карда буд, ки ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка сафари расмӣ намуда, муносибатҳои дӯстонаро бо он кишвар барқарор кунад. Аммо, мутаассифона бар хилофи усулҳои амалияи дипломатӣ ва назарияи муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин мутобиқи сиёсати интихобнамудаи Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар самти Афғонистон, ба подшоҳи Афғонистон Амонуллохон муяссар нагардид, ки сафари расмии банақшагирифтаи худро ба Вашингтон амалӣ намояд.

Тибқи маълумоти мавҷуда, «сафири мухтори Афғонистон дар Рим 1 январи соли 1928 ҳангоми боздиди расмии шоҳ Амонуллохон аз Италия дар раванди мулоқот бо сафири Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар ин кишвар тасмими подшоҳи Афғонистонро барои анҷом додани сафари расмӣ ва дӯстона ба Вашингтон изҳор кард. Аммо ин хоҳиши подшоҳи Афғонистон аз ҷониби Департаменти давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар номае, ки ба сафорати он кишвар ба Рим ба воситаи телеграмма фиристода шуда буд, рад гардид. Дар ҳоле ки дар шурӯи нома далелҳои анҷоми сафари подшоҳ ба набудани маблағ ва суратҳисоби ҳукуматии ин сафар иртибот дода шуда, аз адами рафтори ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар даъват аз подшоҳони бегона сухане рафт ва аз шоҳ ва мушовиронаш хоста шуд, то ин мулоҳизотро мавриди таваҷҷуҳ қарор бидиҳанд. Аммо дар поёни нома хотирнишон гардида буд, ки бар хилофи ин мулоҳизот агар шоҳ ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка биёяд дар Вашингтон аз ӯ истиқбол мекунанд»[20].

Хулоса, стратегияи Штатҳои Муттаҳидаи Америкаро дар самти Афғонистон дар давраи ҳукмронии Амонуллохон баррасӣ намуда, метавон ба чунин натиҷагириҳо расид:

–таҳлил намудани мавзуи стратегияи Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар самти Афғонистон дар давраи ҳукмронии Амонуллохон яке аз мавзуъҳои мубрам, вале кам омӯхташуда дар илмҳои таърих ва афғонистоншиносӣ ба шумор меравад. Аммо, дар солҳои охир баъзе намояндагони мактабҳои илмии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва баъзе кишварҳои дигар ба ин масъала таваҷҷуҳ намуданд;

–амир Амонуллохон дар соли 1919 баъд аз ба даст овардани истиқлоли Афғонистон, ҳайати расмии ҳукумати худро ба роҳбарии Муҳаммад Валихони дарвозӣ (бадахшонӣ) таъсис дода, онро ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз тариқи Россияи болшевикӣ ва Аврупо фиристод;

–мақсади асосии амир Амонуллохон аз фиристодани ҳайати расмии ҳукумати худ ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз расонидани хабари истиқлоли Афғонистон ба ҳукумат ва мардуми Штатҳои Муттаҳидаи Америка, огоҳ намудани ҳукумати Россияи болшевикӣ, Шоҳигарии Британияи Кабир ва дигар бозингарони фаъоли муносибатҳои байналмилалии ибтидои асри XX аз дигаргуниҳои сиёсии Афғонистон, ба даст овардани розигии Вашингтон, Москва, Лондон ва дигар давлатҳои алоқаманд дар бораи барқарор намудани муносибатҳои расмӣ ва дипломатӣ бо Кобул, таъмин намудани равобити онҳо бо кишвари худ дар тамоми арсаҳо ба шумор мерафт;

–Амонуллохон мисли аксари роҳбарони Афғонистон ба барқарор намудани муносибатҳои наздик бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва дигар давлатҳои Ғарб алоқамандии зиёд дошт. Аммо бо дарназардошти мавқеи сиёсӣ ва ҷуғрофии Россия, имконоти иқтисодию геополитикии Аврупо, инчунин мусоид ва бо амн будани сафар ба Вашингтон ба воситаи хушкӣ нисбат ба роҳҳои баҳрӣ, шоҳ Амонуллохон ҳайати расмии ҳукумати худро вазифадор намуда буд, ки мавқеи кишварҳои зикргардидаро низ дар бораи истиқлоли Афғонистон омӯзанд.

Адабиёт

1. Adamec Ludwig W. Afganistan. 1900-1923: A Diplomatic History. University of California Press, Berkeley. 1967.
2. Ghays Abdul Samad. The fall of Afghanistan. New York, 1988.
3. Gukmen, Semra Rana. Geopolitics and the study of International relations, Ankara: Middle East Tikal University, 2010.
4. Matthew A. Baum. Soft News and Foreign Policy: How Expanding the Audience Changes the Policies, First addition, Los Angeles: Publisher, Cambridge University press, 2008.

5. Nasir A. Andisha. Neutrality in Afghanistan's Foreign Policy, First Edition, Washington: publisher, 2003.
6. Белграми, Асгар Хасан. Афғонистон ва Ҳинди британӣ / Асгар Хасан Белграми. – Кобул, 1982. – С. 270-272.
7. Караганов, С.А. Американский вызов / С.А. Караганов // Российская газета. – 2009. – 13 октября.
8. Коргун В. Г. История Афганистана. XX век/ С.А. Караганов. – М.: ИВ РАН: Крафт+, 2004.
9. Нуриддинов, Р. Ш. Афганская повестка в системе региональной безопасности Средней Азии / Ш. Р. Нуриддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. –№ 10-1. – С. 293-299.
10. Нуриддинов, Р. Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ / Ш. Р. Нуриддинов . – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 352 с.
11. Нуриддинов, Р. Ш. Геополитика / Ш. Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 352 с.
12. Нуриддинов, Р. Ш. Дипломатия / Ш. Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 576 с.
13. Нуриддинов, Р. Ш. Дипломатияи иқтисодӣ / Ш. Р. Нуриддинов. – Душанбе, 2020. – 258 с.
14. Нуриддинов, Р. Ш. Назарияи муносибатҳои байналмилалӣ / Ш. Р. Нуриддинов. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 340 с.
15. Нуриддинов, Р. Ш. Некоторые особенности современного этапа развития ситуации в Афганистане / Ш. Р. Нуриддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 5. – С. 326-335.
16. Панин, С. Б. Советская Россия и Афганистан. 1919-1929 / С. Б. Панин. Москав-Иркутск, 1998. – С. 37-38.
17. Пуллада, Леон Б. Афганистан и Соединённые Штаты: решающие годы / Б. Леон Пуллада // Журнал Ближнего Востока. – 1981. – № 35 (2). – С. 178-190.
18. Пуллада, Леон Б. Повал американской дипломатии в Афганистане / Б. Леон Пуллада // События в мире. – 1982. – № 145 (3). – С. 230-252.
19. اندیشمند، محمد اکرام، امریکا در افغانستان، کابل: میوند، 1384، ص.
20. پولاده و. لیون، پولاده لیلا د. ج. کشور شاهی افغانستان و ایالات متحده، مترجم به فارسی دری، غلام صفدر پنجشیری، کابل: 1999، ص.
21. پغبار، میر غلام محمد، افغانستان در مسیر تاریخ، جلد دوم، تهران: 1373، ص 782.
22. لودویک آدمک، روابط خارجی افغانستان در نیمه اول قرن بیست، مترجم محمد فاضل صاحب زاده، چاپ پشاور، 1377، ص.

СТРАТЕГИЯИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР АФҒОНИСТОН ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИАМОНУЛЛОХОН: СОЛҲОИ 1919–1929

Тавре ки таҷриба исбот намуд сиёсати ба расмият нашинохтани Афғонистон аз ҷониби Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва худдорӣ намудани Вашингтон аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Кобул баъд аз сафари нокоми Муҳаммад Валихони дарвозӣ ба ин кишвар чанд соли дигар низ идома ёфт. Талошҳои Афғонистон барои бовар кунонидани ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба воситаи шаҳрвандони ин кишвар, ки барои барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ба Кобул меомаданд, бе натиҷа монданд. Инчунин кӯшишҳои ҳукумати шоҳ Амонуллохон барои барқарор намудани муносибатҳои расмӣ бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба воситаи дипломатҳои Афғонистон дар кишварҳои дигари хориҷӣ низ дар соли 1932 натиҷа надоданд.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка минбаъд низ чунин сиёсатро новобаста аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Афғонистон ва дар сари қудрати Кобул будани дастнишондаҳои Вашингтон амалӣ намуд. Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар тӯли қарни бистум ва ибтидои қарни XXI ба тамоми талошҳо ва кӯшишҳои Афғонистон ҷавоби манфӣ медод.

Бояд таъкид намуд, ки агар дар ибтидои асри XX Штатҳои Муттаҳидаи Америка сиёсати хориҷии хешро дар самти Афғонистондар доираи манфиатҳои геополитикии Шоҳигарии Британия амалӣ менамуд, дар тӯли тақрибан 80 соли охир, баъд аз ташкили Ҷумҳурии Исломии Покистон дар соли 1947, салоҳияти танзими раванду ҳодисаҳои Кобулро ба дасти Исломобод дод.

Калидвожаҳо: сиёсати хориҷӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Афғонистон, Россия, Шоҳигарии Британия, муносибатҳо, дипломатия, сиёсат, шоҳ Амонуллохон.

СТРАТЕГИЯ СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В АФГАНИСТАНЕ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯАМАНУЛЛА-ХАНА: 1919–1929 ГОДОВ

Как показала практика, политика непризнания Афганистана со стороны Соединенных Штатов Америки и отказ Вашингтона от восстановления дипломатических отношений с Кабулом продолжалась еще несколько лет после неудавшегося визита Мухаммад Вали Хана дарвози в эту страну. Попытки Афганистана убедить правительство Соединенных Штатов Америки, в том числе через своих граждан,

которые приезжали в Кабул с целью налаживание торговых и экономических отношений, также оказались безуспешными. Аналогичным образом, попытки правительства Амануллы-хана восстановить официальные отношения с Соединенными Штатами Америки через афганских дипломатов в других зарубежных странах в 1932 году не увенчались успехом.

Соединенные Штаты продолжали проводить эту политику и негативно реагировали на все усилия и начинания Афганистана, несмотря на восстановление дипломатических отношений с этой страной и нахождение у власти в Кабуле ставленников Вашингтона на протяжении XX и начале XXI веков.

Следует отметить, что если в начале XX века Соединённые Штаты Америки осуществили свою внешнюю политику в отношении Афганистана в рамках геополитических интересов Британской империи, то за последние почти 80 лет, после создания исламской Республики Пакистан в 1947 году, Вашингтон передал инициативу урегулирования процессов и явлений в Кабуле, Исламабаду.

Ключевые слова: внешняя политика, Соединенные Штаты Америки, Афганистан, Россия, Соединенное Королевство, международные отношения, дипломатия, политика, король Аманулла-хан.

UNITED STATES STRATEGY IN AFGHANISTAN DURING THE REIGN OF AMANULLAH KHAN: 1919–1929

As practice has shown, the policy of non-recognition of Afghanistan by the United States of America and Washington's refusal to restore diplomatic relations with Kabul continued for several more years after the failed visit of Mohammad Wali Khan Darwazi to that country. Afghan attempts to persuade the Government of the United States of America, including through its citizens who traveled to Kabul to establish trade and economic relations, were also unsuccessful. Similarly, attempts by the government of King Amanullah Khan to re-establish official relations with the United States through Afghan diplomats in other foreign countries in 1932 were unsuccessful.

The United States continued to pursue this policy and reacted negatively to all Afghan efforts and endeavors despite the restoration of diplomatic relations with that country and the presence of Washington's proxies in power in Kabul throughout the twentieth and early twenty-first centuries.

It should be noted that if at the beginning of the twentieth century the United States of America implemented its foreign policy towards Afghanistan within the framework of the geopolitical interests of the British Empire, then for the last almost 80 years, after the establishment of the Islamic Republic of Pakistan in 1947, Washington transferred the initiative to settle processes and phenomena in Kabul to Islamabad.

Keywords: foreign policy, United States of America, Afghanistan, Russia, United Kingdom, international relations, diplomacy, politics, King Amanullah Khan.

Дар бораи муаллиф
Кабутов Муҳаммад Шодибекович
Унвончӯи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
Тел.: (+992) 93 125 25 38.

Об авторе
Кабутов Мухаммад Шодибекович
Соискатель кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни,
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 93 125 25 38.

About the author
Kabutov Muhammad Shodibekovich
Applicant of the department of general history and international relations
Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
Ph.: (+992) 93 125 25 38.

ТДУ 35.077.3(575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Самиев Б.Ҷ.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
Расулзод Л.Х.
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишонаҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар охири асри XX оғоз гардида, раванди рушди фаъол ва институтсионаликунонии он ба аввали асри XXI рост омад. Такони муҳиме барои ин раванд ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ буд, ки Тоҷикистонро ба узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ табдил дод. Ин имкониятҳои навро барои модернизатсияи инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ҳамгироӣ ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, ки аз Иттиҳоди Шуравӣ ба мерос монда буд, дар ҳолати қариб пурра фарсуда ва ғайри қобили истифода қарор дошт. Барои барқарорсозӣ ва навсозии он талошҳои ҷиддӣ зарур буданд. Аз соли 1998 дар кишвар рушди фаъоли бозори телекоммуникатсия оғоз гардид, ки ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ, аз қабили Интернет, IP-телефония ва алоқаи мобилии стандарти GSM-ро дар бар мегирифт[9, с. 72]. Ин қадамҳо асоси гузариш ба ҳукумати электронӣ, ҳамчун унсури муҳимми ҷомеаи иттилоотиро гузоштанд.

Таҷрибаи пешқадами кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ на танҳо ба наздикшавии шаҳрвандон ва давлат, балки ба баланд шудани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат мекунад. Дар ин кишварҳо ҳукумати электронӣ ба воситаи ҷудонашавандаи беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ, коҳиши хароҷоти вақт ва молиявии шаҳрвандон ва бахши тиҷорат, инчунин баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ табдил ёфтааст. Ин мисолҳо барои Тоҷикистон судманд буда, аҳамияти рушди ин система дар кишварро таъкид мекунанд.

«Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ», ки дар кишвар қабул шудааст, ташкили низоми муомилоти электронии ҳуҷҷатҳоро пешбинӣ мекунад, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст. Гарчанде дар марҳилаҳои ибтидоӣ татбиқи он ба ҳалли ин вазифаҳо маҳдуд буд, консепсия дорои потенсиали назаррасе барои тавсеа мебошад. Он метавонад замина барои ташкили ҷомеаи пурраи иттилоотӣ гардад, ки дар он ҳамкориҳои шаҳрвандон, тиҷорат ва давлат ба воситаи технологияҳои рақамии муосир амалӣ мешаванд.

Афзалиятҳои асосии ҳукумати электронӣ равшананд. Он механизмҳои замонавӣ ва самараноки муомилоти ҳуҷҷатиро фароҳам меорад, дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатиро осон мекунад, расмиёти бюрократиро коҳиш медиҳад ва сатҳи қаноатмандии шаҳрвандонро аз сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд мебардорад. Самти интихобкардаи роҳбарияти Тоҷикистон дар ҷиҳати ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ хоҳиши кишварро барои пайравӣ аз тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ ҳамчун унсури муҳимтарини рушди миллӣ таъкид менамояд.

Ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ на танҳо низоми идоракунии давлатиро навсозӣ мекунад, балки барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ шароит фароҳам меорад, ки ин ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI мебошад.

Президенти мамлакат вобаста ба зарурияти татбиқи ҳукумати электронӣ, махсусан дар низоми идоракунии давлатӣ ҳанӯз дар соли 2013 чунин таъкид намуда буд: «... дар марҳалаи имрӯза бо истифода аз усулҳои «Ҳукумати электронӣ» ҳарчи васеътар ҷорӣ намудани коргузорӣ ва ба сатҳи сифатан нав бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад»[6].

Ногуфта намонад, ки ҳукумати электронӣ ҷойгузин ва такмилсозандаи давлат нест, балки тарзи нави ҳамкории давлат ва ҷомеаро бо истифода аз ТИК муайян мекунад, то ин ки самарабахшии хидматрасониҳои давлатиро афзоиш диҳад.

Татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якчанд ҷиҳат муҳим ва зарур аст. Сарфи назар аз масоҳати хурди мамлакат аз марказ дар масофаи дур қарор гирифтани аҳолӣ, яъне зиёда аз 70%–и аҳолӣ дар деҳот ва дур аз марказҳои маъмурӣ зиндагӣ намуда, барои ибрози арзу ниёзҳои худ ба мақомот ва идораҳои кишвар табиист, ки ба мушкилоти вақтӣ, пулӣ ва ҷисмонӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, пеш аз ҳама татбиқи ҳукумати элеткронӣ дар Тоҷикистон чунин тафовут ва мушкилиҳои географиро аз байн хоҳад бурд. Мутаасифона, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шохиси сатҳи муқовимат бо коррупсия дар байни кишварҳои олам чандон назаррас нест. Ин аз зиёд будани амалҳои коррупсионӣ дар ҳама зинаҳои муассиса ва сохторҳои давлатӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин лиҳоз, ҳукумати электронӣ ҳузури шаҳрвандро ба идораҳои дахлдор нолозим мегардонад, ки гирифтан ва додани ришваро байни тарафҳо коҳиш медиҳад. Ҳамзамон, сарфи вақти зиёдро барои иҷрои мушкилӣ ва баровардани ниёзҳо осон гардонида, гузариши воқеӣ ба ҳукумати электронӣ анъанаи дар навбат истоданро аз байн мебарад ва ғайра.

Тавре ки қаблан зикр гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои нодир ва потенсиали баланд дар ташаккул ва рушди ҳукумати электронӣ мебошад, ки ба омилҳои таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст. Аҳамияти истифодаи ТИК барои модернизатсияи идоракунии давлатӣ дар ҳуҷҷатҳои расмӣ борҳо таъкид гардидааст. Масалан, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ соли 2012 зикр шудааст: «Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва ташкили ҳукумати электронӣ аз вазифаҳои муҳими замони мост. Кишварҳое, ки дар татбиқи ТИК ва рушди ҳукумати электронӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаанд, ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, рушди системаҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишҳои хизматчиёни давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳанд»[7].

Ҷорӣ намудани унсурҳои ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали солҳои 2000-ум оғоз ёфтааст. Аммо ин раванд то ҳол дар марҳилаи ибтидоии ташаккул қарор дорад, ки ба маҳдудиятҳои объективӣ (инфрасохтори нокифояи рақамӣ, сатҳи пасти омодагии кадрҳо) ва субъективӣ (камбудии ташаббус дар миёни шахсони масъул) вобаста аст.

Унсури калидии марҳилаи ибтидоии ташкили ҳукумати электронӣ таҳия ва нигоҳдории сомонаҳои расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Сомонаҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо бояд воситаи муошират бо аҳолӣ гардида, дастрасӣ ба маълумот оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва имконияти бозгашти фикру пешниҳодҳоро таъмин кунанд. Имкониятҳои техникии интернет барои паҳн намудани маълумот бо хароҷоти кам мусоидат мекунанд, ки ин дар шароити буҷетҳои маҳдуд аҳамияти махсус дорад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар татбиқи барномаи ҳукумати электронӣ фаъолии баланди худро нишон додаанд. Сомонаи расмии шаҳр дорои иттилооти васеъ буда, мунтазам нав карда мешавад ва дастрасӣ ба маълумоти муҳимро таъмин менамояд. Илова ба ин, Душанбе як қатор лоиҳаҳои иловагиро барои муошират мустақим бо шаҳрвандон амалӣ намудааст. Яке аз намунаҳои муваффақ лоиҳаи «Мо метавонем!» буд, ки соли 2012 дар ҳамкорӣ бо Бунёди ҷамъиятии «Иқдоми шаҳрвандӣ дар сиёсати интернет» роҳандозӣ гардид. Ин лоиҳа ба сокинони шаҳр имкон медод, ки тавассути интернет пешниҳодҳо ва шикоятҳо ирсол кунанд ва вокуниши фаврӣ ба мушкилот, ба монанди садамаҳо дар шабакаҳои муҳандисӣ, таъмин карда мешуд. Бо вуҷуди ин, соли 2017 лоиҳа қатъ гардид, ки ин қадами ақибнишинӣ дар рушди ҳамкориҳои рақамӣ бо шаҳрвандон буд[2, с. 334].

Ба ҷои он шабакаҳои алоқа тавассути мессенҷерҳо (Viber, WhatsApp) ва почтаи электронӣ пешниҳод шуданд, ки бо вуҷуди муфид будан, камбудиҳои ҷиддӣ доранд. Аз ҷумла, набудани назорати пурра, ҳисобу китоб ва таснифи муроҷиатҳо самаранокии ин системаҳоро дар муқоиса бо «Мо метавонем!» коҳиш дод.

Сомонаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияҳои Душанбе аз лиҳози сифат ва ҳаҷми иттилоот ба сомонаи шаҳри Душанбе намерасанд. Масалан, дар сомонаи ноҳияи Фирдавсӣ маълумоти калидӣ дар бахши «Иқтисодиёт» мавҷуд нест. Ин мушкилот барои ноҳияҳои дигар минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Суғд низ хос аст, ки аз 18 воҳиди маъмурӣ танҳо 16-тои онҳо сомона доранд[7, с. 334].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки бисёр шаҳру ноҳияҳо бо вуҷуди доштани захираҳо, натавонистанд фаъолияти пурраи сомонаҳои худро таъмин кунанд. Ин нишон медиҳад, ки монеаи асосӣ на танҳо норасоии молиявӣ, балки набудани назари инноватсионӣ ва тафаккури стратегӣ дар миёни шахсони масъул аст.

Ҳарчанд дар солҳои охир беҳбудиҳо дар ҳолати сомонаҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо, аз ҷиҳати сифат ва миқдор, мушоҳида мешаванд, Тоҷикистон дар Индекси тайёрии ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index) дар соли 2022 дар ҷойи 129-ум қарор дошт. Ин нишондиҳанда аз вуҷуди потенсиали бузург барои такмили минбаъда шаҳодат медиҳад[1].

Барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баландтар, бояд ба самтҳои зерин диққати махсус дода шавад:

- **Баланд бардоштани ихтисоси кадрҳо:** Омодасозии мутахассисоне, ки метавонанд системаҳои рақамиро самаранок идора кунанд.
- **Маблағгузорӣ:** Афзоиши сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори рақамӣ ва навсозии системаҳои мавҷуда.
- **Баланд бардоштани шаффофият ва назорат:** Ҷорӣ намудани воситаҳои мониторинг барои арзёбии самаранокии сомонаҳо ва мутобиқати онҳо ба стандартҳо.
- **Инноватсия:** Таҳияи равишҳои эҷодӣ дар идоракунии лоиҳаҳои рақамӣ, аз ҷумла татбиқи ташаббусҳои нав барои беҳтар намудани ҳамкорӣ бо аҳолӣ.

Яке аз мушкилоти асосӣ ҳаҷми нокифояи мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад. Набудани қоидаҳои возеҳ ва сохтории пешниҳоди хизматрасониҳои электронии давлатӣ дастрасӣ ва самаранокии онҳоро ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунад. Илова бар ин, сатҳи баланди бюрократия дар мақомоти давлатӣ татбиқи равандҳои автоматикунондашударо суст намуда, рушди низоми шаффоф ва фаврии идораи электрониро мушкил мекунад[5, с.80].

Таҳлилгарон зикр мекунанд, ки суст будани суръати татбиқи ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон на танҳо бо мушкилоти технологӣ ва ташкилии мавҷуда, балки бо хусусиятҳои фарҳангӣ ва институтсионалӣ низ алоқаманд аст. Сатҳи баланди бюрократия ва унсурҳои боқимондаи коррупсия ба самаранокии сохторҳои давлатӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бо вуҷуди ин, татбиқи пурраи ҳукумати электронӣ ҳамчун воситаи самарабахш баррасӣ мегардад, ки на танҳо хароҷоти бюрократиро коҳиш медиҳад, балки тавассути баланд бардоштани шаффофият ва ҷавобгарӣ хавфҳои коррупсиониро ба таври назаррас кам мекунад[5, с.80].

Ба андешаи муҳаққиқон ва коршиносони соҳа Т.В. Ершова ва Ю.Е. Хохлов дар марҳилаҳои аввали гузариш ба ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифтани омилҳои зерин муҳим дониста мешуд:

– дар сатҳи зарурӣ ташаккул додани асосҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ;

– дар клавиатураи компютер гузоштани алифбои забони тоҷикӣ;

– гузариш ба инфрасохтори телекоммуникатсионии рақамӣ;

– дар мақомотҳои давлатӣ таъсис додани шабакаи ягонаи локалӣ;

– пардохтҳои электронӣ ва интиқоли пулҳо тариқи электронӣ[3, с. 23].

Тавре дида мешавад, дар шароити имрӯза аксарияти омилҳое, ки ҳамчун шарти асосӣ ҷиҳати татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон зарурӣ дониста мешуд, дар амалияи ҷамъиятӣ татбиқи бевоситаи худро пайдо намудаанд.

Интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як қисми сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ се марҳилаи калидии ташаккул ва рушди худро гузаштааст. Ҳар як марҳила тағйири муносибат ба интернетро ҳамчун як воситаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ инъикос мекунад.

Аввалин марҳила: охири солҳои 1990 - аввали солҳои 2000. Дар ин марҳила интернет ҳамчун унсури муҳим барои идоракунии давлатӣ баррасӣ намешуд. Дастрасӣ ба он хеле маҳдуд буд ва асосан ширкатҳои мобилӣ, ки доираи маҳдуди хизматрасониҳоро тавассути интернет пешниҳод мекарданд, аз он истифода мебурданд. Аҳолӣ қариб ба шабакаи ҷаҳонӣ дастрасӣ надошт, ва интернет дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва сиёсати давлатӣ истифода намешуд. Ин

даврaро метавон ҳамчун марҳилаи шиносоӣ бо имкониятҳои интернет тавсиф кард, ки асосан дар доираи зарурати техникию тиҷоратӣ маҳдуд буд.

Дуввумин марҳила: аз соли 2011. Ин марҳила бо тағйироти назаррас дар муносибати давлат ба интернет фарқ мекунад. Интернет ҳамчун воситаи самаранок барои татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва таъмин намудани коммуникатсия дар низоми идоракунии давлатӣ шинохта шуд. Мақомоти давлатӣ ба таври фаъол ба таъсиси захираҳои интернетӣ, аз ҷумла сомонаҳои расмӣ ва платформаҳои онлайнӣ барои ҳамкорӣ бо аҳолӣ, шуруъ карданд. Ин ташаббусҳо шаффофият ва фаврияти мубодилаи иттилоотро беҳтар намуда, имкониятҳои нави идоракунӣ ва ҷорӣ кардани консепсияи ҳукумати электрониро фароҳам оварданд.

Сеюмин марҳила: панҷ соли охир. Дар солҳои охир сиёсати иттилоотии давлатӣ дар робита ба интернет тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронд. Дар ин марҳила диққати махсус ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ равона карда шуд. Дар баробари эътирофи потенсиали интернет ҳамчун воситаи коммуникатсияи сиёсӣ, таҳдидҳои эҳтимолии марбут ба амнияти иттилоотӣ низ дарк гардиданд. Дар натиҷа, ба қонунгузории соҳавӣ тағйирот ва иловаҳо ворид карда шуданд, ки ба кам кардани ин хавфҳо нигаронида шудаанд. Протсесси амнияти кибериӣ ва пешгирии таҳдидҳои марбут ба истифодаи интернет афзалияти сиёсати давлатии интернет гардид.

Равандҳои компютеркунонии аҳолӣ ва рақамикунонӣ ба рушди захираҳои интернетӣ дар бахшҳои гуногун мусоидат карданд: аз мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ то созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ. Интернет ба як воситаи муҳим на танҳо барои идоракунии давлатӣ, балки барои иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфт. Имконияти изҳори ақида ва ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ аз ҳар гӯшаи ҷаҳон як ҷанбаи муҳими демократикунонии ҷомеа гардид.

Яке аз омилҳои калидии мусоидат ба ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон сатҳи рушди алоқаи мобилӣ мебошад. Технологияҳои мобилӣ интернетро барои қисми зиёди аҳолӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст, дастрас гардонданд. Стандарти GSM, ки дар охири солҳои 1990 ҷорӣ шуд, нуқтаи ибтидоии рушди интернети мобилӣ гардид ва имконияти фарогирии бештари аҳолиро фароҳам овард. Ин ташаббусҳо дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва беҳбуди сифати онҳо мусоидат намуданд. Масалан, дар соли 2017 танҳо 14, 25 % шаҳрвандон бо компютерҳои фардӣ дар хона таъмин буданд. Аз онҳо 10,3% дар хона ба Интернет дастрас буданд. Гурӯҳи асосии аҳолие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Интернет таъмин мебошанд, ин ҷавонон ва аҳолии синнусоли миёна ба шумор меравад, ки хизматрасониҳои электронӣ истифода мебаранд[11, с. 92].

Қариб ҳамаи қишрҳои аҳолӣ ба алоқаҳои мобилӣ дастрасӣ доранд. Чуноне ки дар боло ишора рафт, агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2021 шумораи танҳо муштариёни алоқаи телефонии мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расидааст. Дар соли 2021 бошад, истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳанд[8].

Дар таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2019 аз тарафи ташкилоти ҷамъиятии «Медиа консалтинг» дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг ва Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» сурат гирифт, омадааст, ки 47,6 фисад баён намудаанд, ки корбари интернет мебошанд, 52,4 фоиз ахборро аз дигар манбаъҳои дастрас менамуданд. Аз миёни пурсидашудаҳои корбарони интернет 55,9 фоизро мардон ва 39,3 дарсадро занон ташкил медодааст. Дар шаҳрҳо 58,6 ва дар деҳот 43,4 фоиз худро истифодабарандаи шабака номиданд. Аз назари синну сол бошад, бештарин шумораро ҷавонони синни 18–24 (69,3%) ташкил додааст. Аз миёна пусидашудагони корбари интернет 33,6% гуфтаанд, ки моҳона 500 сомонӣ даромад доранд. Аз пурсидашудаҳое, ки бештар аз 3001 сомонӣ даромади моҳона доранд, 70,8% фоиз аз интернет истифода мекарданд[4, с. 51].

Дар асоси таҳлили анҷомшуда метавон гуфт, ки дар ҷаҳони муосир рушди ҳукумати электронӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар бисёр кишварҳо табдил ёфтааст. Давлатҳои саноатии пешрафта чораҳои фаъолона меандешанд, то татбиқи идоракунии электрониро суръат бахшанд ва шаффофият, самаранокӣ ва дастрасии хизматрасониҳои пешниҳодшударо баланд бардоранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин раванд ҳамроҳ шуда, як

қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба рушди ҳукумати электронӣ нигаронида шудаанд, қабул намудааст. Аммо татбиқи ин консепсия бо душвориҳои муайян рӯ ба рӯ шуда, бо суръати нисбатан суст пеш меравад.

Бо мақсади фаъол намудани ин раванд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳо оид ба вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023 №586 қабул гардид[10]. Ин санад ба ҳавасмандгардонии гузариш ба воситаҳои рақамӣ дар идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ нигаронида шудааст ва ҷорӣ намудани пардохтҳои ғайринақдиро дар соҳаҳои гуногун пешбинӣ мекунад. Ба ин ҷумла дохил мешаванд: пардохти андозҳо, боҷи давлатӣ барои додани иҷозатнома ва литсензияҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, пардохти хизматрасониҳои тиббӣ ва коммуналӣ, инчунин воридоти маблағҳо ба буҷет аз фаъолияти вазоратҳо, идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ. Ҳамаи ин амалиётҳо, мувофиқи фармон, бояд танҳо дар шакли ғайринақдӣ анҷом дода шаванд.

Қабули ин фармонро метавон як марҳилаи муҳим дар роҳи татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ кард. Ин қадам хоҳиши давлатро барои ҳамгиро намудани технологияҳои рақамӣ ба идоракунӣ ва иқтисодиёт нишон медиҳад, ки ин ба баланд шудани шаффофият ва кам кардани хавфҳои марбут ба коррупсия ва ғайрисамаранокии расмиёти маъмурӣ мусоидат менамояд.

Ғайр аз ин, фармон вазоратҳо, идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин ҷомеаи шаҳрвандиро вазифадор мекунад, ки аз хизматрасониҳои электронӣ фаъолтар истифода баранд, ки ин замина барои ҳамкории наздиктари давлат ва аҳолӣ мегардад. Ҷорӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ на танҳо раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро суръат мебахшад, балки бо соддагардонӣ ва автоматикунонии равандҳо эътимоди шаҳрвандонро ба низоми идоракунӣ таҳким мебахшад.

Ҳамин тариқ, фармони мазкурро метавон қадами навбатӣ дар самти рақамикунонии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард. Татбиқи бомуваффақияти он на танҳо ба ташаккули ҳукумати самараноки электронӣ, балки ба таҳкими заминаи институтсионалии идоракунии давлатӣ дар маҷмуъ мусоидат хоҳад кард.

Адабиёт

1. UN E-Goverment Knowledgebase. URL: [Electronic resource] URL: https://publicadministration.un.org (date of application: 7.03.2025.).
2. Абдуҷабборов, М.А. Интернет–коммуникатсия ҳамчун омили муҳими рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.А. Абдуҷабборов //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. №4(67).2019. – С.334.
3. Ершова, Т.В., Хохлов, Ю.Е. Тенденции и механизмы развития информационного общества в Таджикистане [Текст] / Т.В Ершова, Ю.Е. Хохлов // Информационное общество. – 2006. – №5-6. – С.23.
4. Медиапредпочтения населения Республики Таджикистан: ТВ, радио, печатные издания, сайты, социальные сети и мессенджеры. – Душанбе, 2019. – С.51.
5. Ниёзов, А.С., Шамсов, И.С. Э–правительство Республики Таджикистан как эффективная технология оказания государственных услуг: состояние и перспективы [Текст] / А.С. Ниёзов, И.С. Шамсов // Вестник Астраханского технического университета. Серия: Экономика. – 2016. – №3. – С.80.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.04.2013. [Захираи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4318 (санаи мурочиат: 17.03.2025)
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.04.2012 [Захираи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/1084 (санаи мурочиат: 10.03.2025).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 21.12.2021. URL: [Захираи электронӣ]. www.prezident.tj (санаи мурочиат: 11.03.2025).
9. Таджикистан: отчет по оценке готовности страны к экономике, основанной на знаниях [Текст] Нью–Йорк и Женева, 2003. – 72 с.

10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз 22 июни соли 2023 №586. [Захираи электронӣ]. http://www.prezident.tj/node/30900 (санаи мурочиат: 17.03.2025).
11. Ҳабибуллоев, М.Ҳ. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ [Матн] / М.Ҳ. Ҳабибуллоев // Дис … ном., илм, иқт. – Душанбе, – 2019. – С. 92.

ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФ ВА РУШДИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола хусусиятҳои инкишоф ва рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ҳукумати электронӣ ва хусусиятҳои инкишоф ва рушди онро ҳамчун омили наздикшавии шаҳрвандон ва давлат, баланд гардидани самаранокии идоракунии давлатӣ муҳим арзёбӣ мекунад. Афзалиятҳои асосии ҳукумати электрониро дар таҳкими идораи давлат ва суботи ҷомеа рӯзмарра медонад. Ҳукумати электронӣ имконият фароҳам меорад, ки самаранокии муомилоти ҳуҷҷатҳо ба вуҷуд омада, дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатиро осон гардонида, расмиёти бюрократиро коҳиш медиҳад ва сатҳи қаноатмандии шаҳрвандонро аз сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд мебардорад. Ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ на танҳо низоми идоракунии давлатиро навсозӣ мекунад, балки барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ шароит фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: ҳукумати электронӣ, идораи давлатӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, интернет, сомона, рақамикунонӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, хизматрасониҳои электронии давлатӣ.

ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ И СТАНОВЛЕНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются особенности развития и развития электронного правительства в Республике Таджикистан. Автор оценивает электронное правительство и особенности его развития и роста как важный фактор сближения граждан и государства, повышения эффективности государственного управления. Главные преимущества электронного правительства он видит в укреплении государственного управления и социальной стабильности. Электронное правительство создает возможности, повышающие эффективность документооборота, облегчающие доступ к государственным услугам, сокращающие бюрократические процедуры и повышающие уровень удовлетворенности граждан качеством предоставляемых услуг. Внедрение электронного правительства не только модернизирует систему государственного управления, но и создает условия для формирования информационного общества.

Ключевые слова: электронное правительство, государственное управление, информационно-коммуникационные технологии, информационное общество, Интернет, веб-сайт, цифровизация, органы государственной власти, электронные государственные услуги.

FEATURES OF DEVELOPMENT AND FORMATION OF ELECTRONIC GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the features of development and development of electronic government in the Republic of Tajikistan. The author assesses electronic government and the features of its development and growth as an important factor in bringing citizens and the state closer together, increasing the efficiency of public administration. He sees the main advantages of electronic government in strengthening public administration and social stability. Electronic government creates opportunities that increase the efficiency of document flow, facilitate access to public services, reduce bureaucratic procedures and increase the level of citizen satisfaction with the quality of services provided. The introduction of electronic government not only modernizes the public administration system, but also creates conditions for the formation of an information society.

Keywords: electronic government, public administration, information and communication technologies, information society, Internet, website, digitalization, government bodies, electronic government services.

Дар бораи муаллиффон

Расулзод Лоиқ Холиқ
Ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3.
E – mail: rasulzod@inbox.ru
Тел.: (+992) 935 67 10 15

Самиев Бобо Ҷураевич
доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанг
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Об авторах

Расулзод Лоик Холик
старший научный сотрудник
организационно-научного и издательского отдела
Академия МВД Республики Таджикистан
734024, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Мастонгулова 3.
E – mail: rasulzod@inbox.ru
Тел.: (+992) 935 67 10 15

Самиев Бобо Джураевич
доктор философских наук, профессор,
заведующий отделом философии культуры
Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова,
Национальная академия наук Таджикистана
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

About the authors

Rasulzod Loik Kholik
Senior researcher in the organizational,
scientific and publishing department
Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulov street 3.
E – mail: rasulzod@inbox.ru
Ph.: (+992) 935 67 10 15

Samiyev Bobo Djurayevich
Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Philosophy of Culture
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov,
National Academy of Sciences of Tajikistan
Tel.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

ТДУ 316.752:323.1(575.3)

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОРАИ РУКНҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Саидов С. М.
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба дастовардҳои муҳим дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангии ҷавонон нақши босазо гузошта, ба ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ва тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушду такомули ҷавонон дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Маҳз дар ҳамин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон қабул гардида, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027», шаш ҷоизаи бо номи Исмоили Сомонӣ, барои олимон ва муҳаққиқони ҷавон, Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омода кардани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ ва грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар соҳаи ватанпарастӣ таъсис ёфтаанд.

Наиҷаи ин санадҳои қабулгардидаро агар мавриди баррасӣ қарор диҳем, ба натиҷа мерасем, ки воқеан рӯз то рӯз боло гирифтани ҳисси ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ самараи амалӣ гардидани санадҳои зикршуда аст. Бавижа, тақвияти руҳияи ҷавонон барои бо хоҳиши худ ба сафи қуввахои мусаллаҳ пайвастану бо азми комил ва иродаи ҷавонмардӣ адо намудани хизмати Модар – Ватан ба ин мисол шуда метавонавд. Имрӯз мо аз неруи тоза гирифтани ҳисси ватандӯстии ҷавонону донишҷӯён ва ихтиёран ба сафи артиш пайвастани онҳо мамнун мегардем. Аз ҷониби дигар, бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фаъолияти рӯзмарраи хизматчиёни ҳарбӣ дар қисмҳои низомӣ шароити беҳтарини маишиву моддӣ муҳайё гардида, дар ҳамаи воҳидҳои низомӣ имрӯз афсарони касбии ботаҷриба барои баланд бардоштани малакаи ҳарбию ҷисмонии сарбозон ва тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстию садоқат ба Ватан фаъолияти босамар менамоянд. Зеро “Дар қалби ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлату Ҳукумат мебошад.Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба душ хоҳанд гирифт”[5, с. 8].

Дар рушди давлат ва ҷомеа татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон зарурияти таърихӣ ба ҳисоб меояд, аз ин рӯ, ҳидоятҳои раҳнамунсози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои сиёсиву иҷтимоии сиёсати давлатии ҷавонон мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Ба ин минвол, зимни пажӯҳиши масъалаи мазкур, ки дар асоси сарчашмаҳои дақиқ ва адабиёту ҳуҷҷатҳои муҳим, ки дар мамлакатҳои муштаракулманофеъ ба тасвиб расидаанд, тарзу усулҳои роҳандозии сиёсати давлатии ҷавононро дар мисоли Тоҷикистон баён менамоем. Зеро омӯзиши сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳаддалимкон таҳлили ҳамаҷониба ва солимро тақозо дошта, ҷараёни мураккабу душвори рушду густариш ёфтани сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши қонуният ва махсусиятҳои он марбут аст. Бавижа баъди пош хӯрдани собиқ давлати Шуравӣ дар сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба тарзу усулҳои ташкилӣ ва татбиқи ҳадафҳои он дидгоҳи нав рӯй и кор омад. Ин сиёсат, ки дар даврони Шуравӣ ба ҳисси ватандӯстии умумишуравӣ нигаронида шуда буд, дар замони истиқлол комилан тағйир ёфта, ҷавҳари аслии онро эътимоди ҷавонон ба рушди ҷанбаҳои гуногуни Ватан, азми онҳо барои ободии ин сарзамини аҷдодӣ шакл мебахшад. Тавре дар Паёми Президенти мамлакат тазаккур гардида, “Мо ифтихор дорем, ки ҷавононамон нисбат ба Ватан меҳру

муҳаббати самимӣ доранд, Ватанро сидқан дӯст медоранд, ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд иродаи мустаҳкам доранд ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакатро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дастгирӣ мекунанд.Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем. Ҳоло 61 фоизи шумораи умумии кормандонро дар кишвар ҷавонон ташкил медиҳанд. [5, с. 9].

Эътимод намудан ба ин қишри ҷомеа, аз як тараф, тақозои давру замон ба ҳисоб омада, аз ҷониби дигар, заминаҳои асосии рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ба тамоюли мушаххаси таърихӣ ва қонуниятҳои инкишофи раванди сиёсии умумибашарӣ ҳамбастагии зич дорад. Аз ин бармеояд, ки дар сиёсати давлатии ҷавонон бояд ҳам манфиатҳои миллӣ ва ҳам манфиатҳои умумибашарӣ мавриди назар қарор дода шаванд, чаро ки кор гирифтан аз тамоюлоти миллатгароӣ ва ҳама гуна зуҳуроти номатлуб ба оқибатҳои нохуш ва фоҷиаи башарӣ сабабгор хоҳад шуд.

Пажуҳиши мавзуъ бозгӯйи он аст, ки маҳз дар даврони истиқлол дар робита ба сиёсати давлатии ҷавонон як идда мушкилот мавҷуд буд, ки онҳо давра ба давра рафъ гардиданд. Давлатдорони кишвар бар зидди ҳама гуна амалҳои реаксионии фундаментализм, экстремизми сиёсӣ, ваҳҳобия, салафия, терроризми байналхалқӣ ва дигар ҷараёнҳои хавфнок пайкор намуда, ҳадаф ва моҳияти хатарноки онҳоро ба ҷавонон фаҳмониданд. Ба ин маънӣ, дар тафаккури ҷавонони насли нав таҳаввули фикрӣ ба вуҷуд омад.

Чи тавре ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ифтихори 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, бо истифода аз чунин вазъият дар Тоҷикистон баъзе аз доираҳои муайяни хориҷӣ, сиёсатмадорон ва гурӯҳҳои сиёсии дохилӣ барои пароканда намудани миллати тоҷик нахустин қадамҳои худро гузошта буданд. Вале ба мақсадҳои нопоки худ нарасиданд ва мо тавонистем Ватану миллати азизи худро дар зери парчами ваҳдату якдилӣ, ҳамбастагӣ ва созандагӣ барои ояндаи неку дурахшони сарзамини аҷдодӣ гирд орем.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи некӯаҳволии мамлакат рӯз то рӯз беҳтар гашта, ҳифзи ин дастоварди бузурги истиқлолият ва ваҳдати миллӣ аз ҳамаи мову шумо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, боварии комил дорем, ки дар натиҷаи якдиливу ҳамбастагии миллӣ мо метавонем Тоҷикистони азизамонро ба як давлати рушдёфта ва миллати тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллати бофарҳангу пешрафта муаррифӣ намоем.

Ҳар як миллату давлат дар давраи мавҷудияти худ ба ҷавонон такя намуда, қувваи тоза, андешаи амиқ, неруи пуркуввати онҳоро барои пешрафту ободии худ истифода мебарад. Зеро ҷавони соҳибхираду дорои худшиносии баланди миллӣ такягоҳи устувору сипари боэътимоди Ватану миллат ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони имрӯза, ҳамагуна гурӯҳҳову созмонҳои ифротиву террористӣ, бо дарки ин нукта ҳамеша баҳри ба худ ҷалб намудани ҷавонон тамоми неруву воситаҳоро роҳандозӣ намуда, аз қувваи зеҳниву ақлонии онҳо истифода мебаранд. Ҳатто баъзе аз ҳизбу ҳаракатҳои бо ном «ватандӯст» кӯдаконро аз хурдӣ тарбия намуда, тамоми мақсаду мароми ифротиву хурофотии худро дар қолаби «тарбияи динӣ» ба майнаи онҳо ҷой мекунанд.

Бояд гуфт, ки тарбияи ватандӯстию байналмилалии ҷавонон, ки маҳз онҳо давомдиҳандагони анъанаҳои неки падаронанд, аҳаммияти муҳим дорад. Неруи бузург ва ояндаи кишвар будани ҷавононро ҳанӯз В.И. Ленин дар Анҷумани III умумирусиягии Иттифоқи коммунистии ҷавонони Русия аз 2 октябри соли 1920 таъкид намуда вазифаҳои иттифоқҳои ҷавононро дақиқ ва равшан нишон дода, аз ҷумла, дар хусуси дифои давлати ҷавони коргару деҳқон, дӯстиву якдилӣ ва иттифоқи онҳоро шарту зарурӣ шуморида, чунин гуфта буд, ки «…шумо хеле нағз медонед, ки то он даме, ки Россия ягона республикаи коргарӣ мебошад ва дар тамоми ҷаҳони боқимонда тартиботи куҳнаи буржуазӣ мавҷуд аст, мо аз онҳо камқувваттар ҳастем, ҳар дафъа ба мо ҳуҷуми нав таҳдид мекунад ва танҳо агар мо муттафиқ ва якдил шуданро ёд гирем, мо дар муборизаи минбаъда ғолиб мешавем ва мустаҳкам шуда, дар ҳақиқат мағлубнашаванда мегардем» [1, с.10-11].

Ҳисси ватандӯстию башардӯстиро дар ҷавонон аз синни хурдсолию наврасӣ парваридан зарур аст, зеро ки ба ақидаи педагоги машҳури шуравӣ В.А. Сухомлинский «ҷавҳари инсон – муҳаббати Ватан дар овони бачагӣ пайрезӣ мешавад». Бесабаб нест, ки душман дар муборизаи идеологӣ аз насли наврас ҳамчун манбаи асосии фаъолияти вайронкоронаи худ истифода мебарад.

Таърихи халқи тоҷик пур аз корнамоиву ҷонфидоиҳо мебошад, ки ҳар яки он барои ҷавонони имрӯза дарси садоқату муҳаббати ватанпарастӣ мебошад. Ҷонфидоию корнамоиҳои Спитамену Деваштич, Борбаду Восеъ, Сафар Амиршоеву Ойгул Муҳаммадҷонова, Ҳодӣ Кенҷаеву Набӣ Акрамов ва садҳои дигар намунаи олии ватанпарастию инсондӯстӣ мебошанд.

Адабиёти ҳазорсолаи тоҷик саршори ғояҳои дӯстию хайрандешии инсонҳо мебошад. Ин мавзуъ дар адабиёти мо умри ҷовид ва таърихи қадима дорад. Суханварони пешин дар ҳама ҳолат башариятро ба сулҳу салоҳ, дӯстию рафоқат даъват менамуданд. Масалан, Саъдии бузург ба одамон чунин панди ҳакимонае додааст, ки ҳеҷ гоҳ аҳамияту арзиши умумибашариашро кам намекунад ва бесабаб ин панди пири хирад дар пештоқи Созмони Милали Муттаҳид бо хати заррин сабт шудааст:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Ё худ, шоири шаҳири миллати тоҷик устод Мирзо Турсунзода роҷеъ ба дӯстӣ ва ваҳдату ягонагии халқҳои олам чунин мефармояд:

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

Дар ҷумҳурии мо низ ҳар гуна гурӯҳҳою иттиҳодияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ҳарчи бештар шахсони ноогоҳу худношиносро дар атрофи худ ҷамъ намуда, барои таблиғи мақсадҳои нопоки худ истифода мебаранд. Бо ҷавонон мулоқоту вохӯриҳо доир намуда, ба тафаккури онҳо таълимоти бегонаро ҷой менамоянд. Бо баргузор намудани чорабиниҳои тарғиботии хайриявӣ зери қолаби «кӯмаку дастгирӣ» дили ҷавонону наврасон ва ашхоси ниёзмандро ба худ моил намуда, мақсадҳои ғаразноки худро амалӣ менамоянд. Бо ному унвонҳои қалбакӣ ҳар гуна ахбори бардурӯғро паҳн намудан, беҳурматӣ нисбат ба таъриху фарҳанг, тарғиби расму оин ва тарзи либоспӯшии бегона, мавҷуд набудани худшиносии миллии ин гуна ашхосу гурӯҳҳо боиси коста гардидани ахлоқи ҷавонон ва наврасон мегардад. Зеро барои ин гурӯҳҳо ба қавле «хоҳ сих сӯзад, хоҳ кабоб» тафовуте надорад, танҳо дурӯғпароканиву фитнабарангезӣ вазифаи онҳо мебошад. Вале ҷавонону насли навраси ҳозираи мо аз қабили онҳое нестанд, ки ба ҳар гуна ҳизбу гурӯҳҳо шомил гардида, обрӯю эътибори миллати худро коҳиш диҳанд. Онҳо аз ғамхориҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумат рӯҳу илҳоми тоза гирифта, ҳарчи бештар илмҳои замонавӣ ва технологияи муосирро аз худ мекунанд. Ҷавонони имрӯзаи мо насли ҷавони бузургоне ба мисли Исмоили Сомонию Фирдавсӣ ва Синою Ҷомӣ ҳастанд, ки Ватан ва миллатро аз ҳама боло дониста, аз кулли бадбиниву ҳасад ва ҷаҳлу ҷаҳолат сарбаландона берун ҷаста, ба ояндагон мероси гаронарзиш ба мерос гузоштаанд. Ҷавонони имрӯза дигар он насли ҷавони солҳои 90-уми асри гузашта нестанд, ки ба ҳар касу нокас бовар карда, Ватану миллати хешро ба гирдоби ҷангу ҷаҳолат равона созанд.

Чуноне Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, вақти он расидааст, ки ҳамаи мо бо азму иродаи комил мақсаду мароми чунин гурӯҳҳои тахрибкору номатлубро ба мардуми мамлакат, бахусус ҷавонон фаҳмонем. Зеро барои таъсиси давлати воқеан демократӣ ва падид овардани фазои солими маънавию равонӣ иқдомоти зиёд сурат гирифт. Пояи асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар давлати Тоҷикистони мустақил ба ҳамин омилҳо марбутанд. Аз ҷониби дигар, арзиш ва амали меъёрҳои демократия ва мақоми устувор касб намудани онҳо рушди сиёсати давлатии ҷавононро тақвияти тоза бахшида, ба рушди ояндаи ин сиёсати ҳадафнок боис гардид.

Бояд қайд кард, ки яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноке, ки дар даврони истиқлолияти кишвар ҷоннок гардидааст, ин сиёсати давлати тоҷикон дар мавриди тарбияи насли наврас, инсони комил, ватанпарвар, содиқу бофарҳанг, худшиносу худогоҳ ва бонангу номус мебошад. Дар замони муосир дастгирии фаъолияти ҷавонон ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил ёфтааст. Роҷеъ ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки «мақсади сиёсати давлатии мо дар соҳаи кор бо ҷавонон аз тарбияи кадрҳои маданию маълумотдор ва мутахассисону наслҳои дараҷаи дониши васеъдошта ва ватандӯст иборат аст» [12, с. 6].

Имрӯз дар Тоҷикистон қарор, амру фармон ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии қабулнамудаи Ҳукумат, Президент ва дигар мақомоти роҳарикунандаи мамлакат асосҳои иҷтимоиву сиёсии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатии ҷавононро ташкил менамоянд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол асосҳои иҷтимоӣ – сиёсии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатии ҷавонон аз қарор, амру фармон ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии қабулнамудаи Ҳукумат, Президент ва дигар мақомоти роҳбарикунандаи мамлакат, ки дар онҳо нақши ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунан асоснок карда шудаанд, вобастагӣ дорад. Ба ин хотир, агар моҳияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ-сиёсии як қатор санадҳои ҳуқуқии батасвибрасидаро дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мавриди баррасӣ ва таҳлил намоем, чунин ба назар меояд, ки ибтидои сиёсати давлатии ҷавонон ва таъмини асосҳои ҳуқуқии он дар Тоҷикистон аз моҳи марти соли 1992, яъне баъди аз тарафи Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 марти соли 1992 қабул гардидани Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» оғоз гардид. Новобаста ба он ки кӯшишҳо оид ба роҳандозии сиёсати давлати ҷавонон ба съезди XXVIII ҲКИШ (июли соли 1990) ва съезди XXV Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (сентябри соли 1990) рост меояд. Ҳаминро ҳам бояд тазаккур сохт, ки ин қонун яке аз аввалин санадҳои еъёрӣ-ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли ҷавон дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон аст, ки дар он ҷавонон яке аз қисмати афзалиятноки аҳолии ҷумҳурӣ ҳисобида мешуданд. Бар замми ин, Қонуни мазкур яке аз аввалин қонунҳои батасвибрасидаи ин соҳа дар кишвари соҳибистиқлоли собиқ ИҶШС буд. Дар ин замина давлати навбунёд ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон тавонист сиёсати ҷавононро ҳамчун самти муҳим ва стратегии фаъолият арзёбӣ намояд [8, с. 45].

Ба ин маънӣ таъкид намудан мумкин аст, ки заминаҳои ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарори Ҳукумати ИҶШС «Оид ба ҳолатҳои умумии сиёсати давлатии ҷавонон дар ИҶШС» (аз 16 апрели соли 1991), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (аз 13 марти соли 1992), қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1997 таҳти рақами 414 «Масъалаҳои Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999-2000» (аз 5 октябри соли 1998, № 400), ҳамчунин санадҳои меъёрии вазорату муассисаҳои ҷумҳурӣ, Низомнома «Дар бораи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1997 таҳти № 569 тасдиқ шудааст, сарманша мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои устувор гардонидани сиёсати давлатии ҷавонон диққати ҷиддӣ дода мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки аз соли 1991 то соли 2011 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 қонуну қарорҳо, фармонҳо ва дигар санадҳо қабул гардиданд, ки онҳо барои беҳтар ба роҳ мондан, таъмини устувор ва ҷоннок кардани фаъолияти Комиссия оид ба масъалаҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Кумитаи кор бо ҷавонон ба он муваффақ гардид, ки ба ташкили базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таъмину роҳандозии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон даст ёбад. Ин кор аз лиҳози арзиш аҳаммияти таърихиро молик аст, аммо ҳанӯз қаноаткунанда нест то ҳол кӯшишҳои зиёдеро тақозо дорад.

Бояд зикр кард, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҷрибаи амалии кишвари мо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» сиёсати давлатии ҷавонон қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ буда, аз низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ таркиб ёфта, чунин сиёсат аз ҷониби мақомоти давлатӣ мавриди амал қарор мегирад. Воқеан, ин мушкилот мутлақо имконпазир аст ва тавре дар маҷмуаи «Сиёсати давлатии ҷавонон

дар Федератсияи Россия» таъкид шудааст, чи дар наврасӣ – сағирхона ва чи ворисӣ аз ҷиҳати моддӣ таъмин будани «тоҷикони нав» рух додани чунин ҳолат имконпазир аст. Ба ибораи дигар, «мушкилиҳои саршавии ҳаёт ва масъалаҳои ба он алоқаманди мақоми воқеӣ ва ҳуқуқӣ – хусусияти системавии синну соли ҷавонон дар ҷамъият ба ҳисоб меравад» [3, с.106]. Ҷой доштани чунин вазъиятро дар солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол мушоҳида намудан мумкин буд.

Аз баррасии фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки аз замони истиқлол то соли 1997, вақте ки мамлакат дар фазои мухолифати дохилимиллӣ, ҷангӣ шаҳрвандӣ ва низои сиёсӣ қарор дошт, ҷавонони ҷумҳурӣ ширкатдори чунин мухолифатҳо буданд. «Дар ин ҳолат зарурат ба механизми шаклдигаркунии рафтори ҷавонон, худташаккулӣ ва сулҳдӯстии онҳоро ба назар гирифта, андешидани тадбирҳои муфид муҳим буд. Бо ин мақсад моҳи марти соли 1992 таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ва дар заминаи он қабули барномаи давлатӣ дар соҳаи ватандӯстӣ ва тарбияи шаҳрвандии ҷавонон, ки дар ин санадҳо мустақилияти иқтисодӣ ва ба кор таъминкунии ҷавонон масъалагузорӣ шуда буд, тақозои замон аст [6, с. 55]. Бо мурури замон бо назардошти талаботи кунунии ҷомеа, ниёзи ҷавонон соли 2004 қонуни мазкур бо таҳрир ва номи нав, яъне «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ба тасвиб расид [4, с. 62].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки соли 1997 бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи кор бо ҷавонон ва воҳидҳои зерсохтории он дар ҳамаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуданд. Агар мо ба таҷрибаи амалии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон аз наздик шинос шавем, пас маълум мегардад, ки ба роҳ мондани сиёсати мазкур бевосита ба ҳадафҳои ташкилёбии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ алоқаи зич дорад. Имрӯз сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми институтсионалӣ дар марҳалаи такмилёбӣ қарор дорад [14 с. 33].

Ба назари мо, ҳадафи сиёсати давлатии ҷавонон аз мусоидат намудан ба инкишофи маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию ҷисмонии ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, муҳайё сохтани шароит барои ҳаёти мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат кардани ҷавонон дар корҳои ҷамъиятӣ, дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии ҷавонон, инчунин ташаббусҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи онҳо иборат мебошанд.

Мутобиқи назари пажуҳишгарони соҳа А.А.Шамолов ва С.Б.Ашӯров мақсади асосии системаи мазкур аз ташкил намудан ва устувор гардонидани шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташаккули шаҳрвандӣ ва худамалигардонии иҷтимоии ҷавонон иборат аст [7, с. 96]. Дар иртибот ба ин асосҳои сиёсати давлатии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва идеологии батасвибрасонидаи Ҳукумат ва Парламент ташкил медиҳанд [14, с. 103].

Ба ин хотир, зимни арзиш дода ба сиёсати давлатии ҷавонон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки «ҳаёт бо ҳама равшанӣ нишон дод, ки ҳалли масъалаҳои аҳамияти ҷамъиятидоштаи ҷавонон ва ба «пагоҳ» гузошта шудани он вазъи бисёр ҳам мубоҳисанокро ба миён оварданаш мумкин аст». Ба ҳамин муносибат Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон 16 майи соли 1998, дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус қайд карда буданд, ки «мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро ба сатҳи масъалаҳои давлатӣ, стратегӣ, масъалаҳои бехатарии миллии мамлакат боло намуда, паҳлуҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавононро бояд ҳаматарафа омӯзем» [3, с. 81-82].

Барои рӯшан намудани моҳияти масъалаи мавриди назар бояд, пеш аз ҳама, асосҳои ташаккули иҷтимоӣ-сиёсии онро муайян ва баҳрабардорӣ намоем асосҳои ташаккули иҷтимоӣ-сиёсии онро муайян ва баҳрабардорӣ намоем.Дар робита ба таҳлили адабиёти ба мавзуъ алақаманд асоси ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ба омилҳои зер марбут аст:

– роҳ надодан ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодии шаҳрванди ҷавон вобаста ба синну сол, ҳамчунин ба тартиби муқарраркардаи қонун вогузор намудани масъулият ва риояи вазифаҳои иловагӣ;

–пурра ё қисман эътироф накардани санадҳои зерқонунӣ, ки аз лаҳзаи қабул ба андозаи муйян ҳуқуқҳои ҷавононро маҳдуд намудаанд ва ба манфиати шаҳрванди ҷавони зарардида, рӯёнидани товони зарари моддӣ ва маънавӣ аз гунаҳкор.

Таъмини кафолат дар соҳаи меҳнат ва шуғли ҷавонон яке аз самтҳои дигари асоси ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб мегардад.

Вазифаҳои асосӣ дар ин самт аз инҳо иборатанд:

–ба даст овардани мустақилияти иқтисодӣ дар меҳнат ва бо кор таъмин кардани ҷавонон;

–васеъ кардани ҳуқуқи шаҳрванди ҷавон ба меҳнат, азнавсозии сохтори иқтисодӣ, роҳ надодан ба бекории ҷавонон, ҷойивазкунии қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкил кардани ҷойи кор;

– муқаррар намудани квота ба корхона, идора ва ташкилот новобаста аз шакли моликият;

– ба корфармо бо роҳи қонунӣ муайян кардани ҷавобгарӣ барои иҷро накардани масъулият оид ба ҷудо накардани ҷойи кор аз рӯйи меъёри муқарраргардидаи квота.

Дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ ва асосҳои муҳими иҷтимоӣ-сиёсии сиёсати давлатии ҷавонон дониста мешавад. Аз он ҷумла:

– давлат ба оилаҳои ҷавон ғамхорӣ зоҳир карда, ба онҳо имтиёзҳо медиҳад, ба манзили истиқоматӣ ва участкаҳои наздиҳавлигӣ таъмин менамояд;

– давлат барномаҳои давлатии дастгирии оилаҳои ҷавонро таҳия ва мавриди амал қарор медиҳад, ки дар онҳо чораҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зиндагӣ ва маишати ҷавонон ба назар гирифта шудаанд;

– бо роҳи қонун таъмин намудани қисман ё пурра пардохтани маблағи уҳдадориҳои кредитии оилаҳои ҷавон.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон, зарурати чунин омилҳоро тақозо менамояд:

– тарбияи меҳнатии ҷавонон;

– ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон;

– ташаккули шуури сиёсӣ;

– ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии ҷавонон;

– тарбияи ҳуқуқии ҷавонон.

Дар сурати ташаккул ёфтани ин омилҳо дар шуури ҷавонон амали матлуби сиёсати давлатии ҷавонон имконпазир мегардад.

Ниҳоятан, зимни мавридим пажӯҳиш қарор додани сиёсати давлатии ҷавонон ҷомеашиносон ба ин назаранд, ки «сиёсати давлатии ҷавонон ин сиёсати давлат барои ба низом даровардани муносибати тарафайн, яъне ҷавонон ва давлат аст. Ба амал баровардани шароитҳои зарурӣ ба рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон боис мегарданд, ки он яке аз ҷанбаҳои асосии ин самт номида шавад» [1, с. 2-3].

Ҳамин тавр, ба назари мо, дар замони муосир сиёсати давлатии ҷавонон бар мабнои манфиатҳои миллӣ шакл гирифта, бояд барои тарбияи насли нави дорои хислатҳои ҳамида дар руҳияи ҳифзи атрибутҳои давлати миллӣ ҳадафноку нишонрас бошад.

Адабиёт

1. Арнольд, В. И. Теория катастроф / В. И. Арнольд. – М.: Наука, 1990. – 128 с.
2. Гаджиев, К. С. О природе конфликтов и войн в современном мире // Вопросы философии. – 1997. – № 3. – С. 17–25.
3. Загрудинский, Ю. Г. Социальный конфликт / Ю. Г. Загрудинский. – Ростов н/Д: Изд-во РГУ, 1992. – 112 с.
4. Плеханов, М. С. Конфликт и консенсус в российской политике // Общественные науки и современность. – 1996. – № 1. – С. 27.
5. Ашӯров, С. Б. Сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон: ҳолат ва пешомадҳо / С. Б. Ашӯров. – Душанбе, 2002. – 236 с.
6. Мирлиев, Қ. А. Амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар мустаҳкам шудани иқтидори ҳаракатҳои ҷавонони Тоҷикистон дар шароити тараққии ҷамъияти муосир / Қ. А. Мирлиев. – Душанбе, 2006. – 54 с.

7. Набиев, В. Ниҳолҳои гулбоғи Тоҷикистон / В. Набиев. – Душанбе, 2001. – 26 с.
8. Паёми Президенти Тоҷикистон оид ба самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат. – Душанбе, 2025. – 15 с.
9. Раҳмон, Эмомалӣ. Ҷавонон – ояндаи миллат / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 1998. – 96 с.
10. Раҳмон, Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Ҷ. 10 / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2010. – 434 с.
11. Сиёсати давлатии ҷавонон дар ФР. – М.: Госкомитет РФ по делам молодежи, 1997. – 45 с.
12. Хоҷаев, Д. Тарбияи ватандӯстию интернатсионалии ҷавонон / Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 11 с.
13. Ҳакимов, М. С. Хусусиятҳои тараққиёти соҳибистиқлолии халқи тоҷик / М. С. Ҳакимов. – Душанбе: Ватанпарвар, 2005. – 103 с.
14. Ҳакимов, Ш. Н. Тарбияи сиёсии ҷавонон / Ш. Н. Ҳакимов. – Душанбе, 1994. – 62 с.
15. Ҳасанов, Ш. Қ., Бӯриев, Н. С. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Қ. Ҳасанов, Н. С. Бӯриев. – Душанбе, 2012. – 6 с.
16. Ҳодибоев, Ф. А. Нақши ҷавонон дар тараққии ҷамъият / Ф. А. Ҳодибоев. – Душанбе, 2010. – 55 с.
17. Шамолов, А. А., Ашӯров, Б. С. Масъалаҳои сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. А. Шамолов, Б. С. Ашӯров. – Душанбе, 1998. – 33 с.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОРАИ РУКНҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Раванди ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар марҳилаи оғози давлатдории навини миллӣ рост омад. Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои асосии ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон, заминаҳои ҳуқуқӣ ва афзалиятҳо он дар шароити рушди устувори ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар асоси таҳқиқоти мазкур муаллиф ба чунин хулоса омаданаст, ки ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон, зарурати чунин омилҳоро тақозо менамояд, - тарбияи меҳнатии ҷавонон, ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон, ташаккули шуури сиёсӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии ҷавонон, тарбияи ҳуқуқии ҷавонон.

Калидвожаҳо: сиёсат, давлат, ҷавонон, қонун, стратегия, консепсия, барнома, ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ ва ғайра.

ЭМОМАЛИ РАҲМОН О ГЛАВНЫХ ОПОРАХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ И ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ

С государственной независимостью Таджикистана молодежная политика с первых дней заняла центральное место в системе социальной политики Правительства Республики Таджикистан. Процесс формирования государственной молодежной политики совпал с этапом становления новой национальной государственности. В настоящей статье рассматриваются основные этапы развития молодежной государственной политики, её правовые основания и приоритетные направления в условиях устойчивого развития республики.

На основе проведённого исследования автор сделает вывод, что становление государственной молодежной политики требует учета следующих факторов: трудовое воспитание молодежи, формирование её политической культуры, развитие политического сознания, мировоззрения и правового воспитания молодого поколения.

Ключевые слова: политика, государство, молодежь, право, стратегия, концепция, программа, патриотизм, национальное самосознание и др.

EMOMALI RAHMON ON THE CORE FOUNDATIONS OF THE STATE YOUTH POLICY AND THE DEVELOPMENT OF NATIONAL SELF-AWARENESS

From the very first days of Tajikistan's independence, youth policy has been a central focus of the social policy of the Government of the Republic of Tajikistan. The development of state youth policy coincided with the beginning of a new phase in the formation of national statehood. This article examines the main stages in the development of state youth policy, its legal foundations, and priorities in the context of the country's sustainable development.

Based on the conducted research, the author will conclude that the development of state youth policy requires consideration of the following factors: labor education of youth, the formation of their political culture, the development of political consciousness, worldview, and legal education of the younger generation.

Keywords: politics, state, youth, law, strategy, concept, program, patriotism, national identity, etc.

Дар бораи муаллиф
Саидов Саид Мирзоевич
Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .
Тел.: (+992) 931 71 74 79.
Email: said-saidov-1971@.mail.ru

About author
Saidov Said Mirzoevich
Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan.
Ph.: (+992) 931 71 74 79.
Email: said-saidov-1971@.mail.ru

Об авторе
Саидов Саид Мирзоевич
Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан.
Тел. (+992) 931 71 74 79.
Email: said-saidov-1971@.mail.ru

ТДУ 327.7 (575.3) + (575.1)

ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКОНУ ЎЗБЕКОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Мустаҷобова Т.М.
Донишгоҳи давлатии ш. Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуд, балки реша дар маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективӣ дошт. Ин нуктаро муҳаққиқон низ таъкид карда, далелҳои раднопазир дар тасдиқи он пешниҳод намудаанд, аз ҷумла:

– ноком мондан дар ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ;

– ба вуҷуд омадани вазъияти муташанниҷи сиёсӣ ва тарбиявӣ;

– иҷро нашудани ислоҳоти фарҳангӣ дар як кишвари бисёрмиллат.

Ҳанӯз моҳи ноябри соли 1990 Президенти ИҶШС М. С. Горбачёв дар ҷаласае бо роҳбарони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барномаи мукаммале аз ҳашт қисм барои раҳоии кишвар аз буҳрон пешниҳод намуд. Аммо ин барномаи фаврӣ натавонист низоми давлатдориро мустаҳкам намуда, вазъи иқтисодиро ба эътидол оварад. Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС В. С. Павлов моҳи апрели соли 1991 дар баромад назди вакилони мардумӣ изҳор намуд, ки кишвар ба як вазъияти фалокатбори иқтисодӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ба ақидаи ӯ, заиф гардидани робитаҳои иқтисодӣ миёни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ таъсири мустақим расонд.

Яке аз дигар сабабҳои муҳими ин фурӯпошӣ ба номуваффақ будани ҳалли масъалаҳои муносибатҳои миллӣ дар солҳои 1980–1990 алоқаманд буд. Нокомии ислоҳот дар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, нодида гирифтани масъалаҳои экологӣ ва, дар ҷараёни сиёсати ошкорбаёнӣ, боз шудани як қатор мушкилоти дигар, ба шиддат ёфтани низоъҳои байниқавмӣ ва афзоиши беэътимодӣ дар дохили ҷомеа оварда расонид.

Дар ҳамин марҳала Иттиҳоди Шуравӣ аз 15 ҷумҳурии иттифоқӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат буд ва дар маҷмуъ зиёда аз 270 миллион нафар аҳолӣ дошт. Дар доираи ин иттиҳод беш аз сад миллату халқиятҳо умр ба сар мебурданд [3].

Моҳи ноябри соли 1988 Шӯрои Олии ҶШС Эстония аввалин шуда Эъломияро дар бораи соҳибихтиёрии давлатии худ қабул намуд. Ба дунболи он, ҳуҷҷатҳои шабеҳ дар Литва, Латвия, Озарбойҷон (соли 1989) ва Молдова (соли 1990) низ қабул шуданд. 19 январи соли 1990 Ҷумҳурии Мухтори Нахичеван истиқлолияти худро эълон кард. Ниҳоят, 25 декабри соли 1991 Президенти ИҶШС М. С. Горбачёв тавассути телевизиони марказӣ изҳор дошт, ки бо таъсис ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз вазифаи Президенти ИҶШС истеъфо медиҳад.

Ба ин тартиб, Иттиҳоди Шуравӣ расман барҳам хӯрд ва ҷумҳуриҳои тобеи он соҳибистиқлол гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи истиқлолият бо як зерхона ва пояи нисбатан мустаҳками иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ вориди марҳалаи нав шуд. Дар кишвар заминаҳои қавии моддиву фарҳангӣ, олимони соҳибном, духтурон ва муҳандисони баландихтисос мавҷуд буданд. Захираҳои ғании табиӣ, рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ — аз ҷумла пахтакорӣ ва бахшҳои муҳими саноат — имкониятҳои фаровон барои беҳтар кардани шароити зиндагии мардум фароҳам оварда буданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷумлаи он кишварҳое буданд, ки пас аз фурӯпошии ИҶШС истиқлолияти давлатии худро ба даст оварданд. 1 сентябри соли 1991 Ӯзбекистон ва 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон истиқлолияти худро расман эълон намуданд. Ин рӯзҳои таърихӣ дар саҳифаи таърихи навини ду кишвар ба унвони рӯйдодҳои бузург сабт гардида, ҳамасола дар сатҳи давлатӣ ва бошукуҳ таҷлил карда мешаванд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи байналмилалӣ Конститутсияи миллии худро қабул намуда, дар асоси он дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқиро таҳия ва тасдиқ намуд. Дар заминаи ислоҳот дар бахшҳои гуногун ва амалисозии муқаррароти конститутсионӣ, махсусан дар татбиқи арзишҳои

давлатдории ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона, низоми тақсимоти ҳокимият ба се шоха — қонунбарор, иҷроия ва судӣ — таҳким ёфт ва Тоҷикистон тавонист мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян намояд.

Бо эълони сиёсати «Дарҳои кушода», ки аз соли 2003 роҳандозӣ гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҳамкориҳои мустақим ва судмандро ба роҳ монад. Дар ин раванд, муносибатҳои дипломатӣ бо шарикони стратегӣ густариш ёфта, Тоҷикистон бо пешниҳоди ташаббусҳои созандаву башардӯстона дар ҳалли масоили глобалии аҳамияти сайёравӣ, аз ҷумла дар масъалаи об, ҳамчун як кишвари пешсафу ташаббускор дар сатҳи байналмилалӣ шинохта шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштаанд: «Орзӯи ба даст овардани истиқлолияти миллӣ амалӣ гардид. Ва дар асл, ба осонӣ ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро ҳеҷ кас наметавонист тасаввур кунад. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих аст ва ҳифз ва устувор нигоҳ доштани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза маҳсуб меёбад».

Таъсиси ҷумҳуриҳои мустақили Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соли 1991 оғози марҳалаи навро дар равобити ин ду кишвари ҳамҷавор ба вуҷуд овард. Нахустин созишномаҳо байни Тоҷикистони соҳибистиқлол ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзи 4 январи соли 1993 ба имзо расиданд, ки ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки тарафайн бахшида шуда буданд. Минбаъд шартномаҳои муҳим, аз ҷумла “Оид ба дӯстии абадӣ”, “Эъломия оид ба танзими сарҳади давлатии байниҳам” ва дигар санадҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ низ ба тасвиб расиданд.

Дар тӯли солҳои истиқлолият миёни ин ду кишвар беш аз 70 созишнома ва шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидаанд [1, с. 264]. Муносибатҳои расмии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзи 22 октябри соли 1992 барқарор шуданд.

Нуқтаи авҷи ин равобит аз баҳори соли 2018 оғоз гардид, замоне ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омаданд. Дар ҷараёни ин сафар, бештар аз 20 созишномаи муҳими байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расиданд. Ба ҷумлаи онҳо шартномаҳо дар бораи алоқаи нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ, ҳамкорӣ дар фаъолияти сарбанди Фарҳод, рафтуомади шаҳрвандон, ҳамкориҳои молиявӣ, ҳамкории байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ, сармоягузорӣ, мудофиа, ҳолатҳои фавқулода, соҳаҳои фарҳанг, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, туризм ва дигар соҳаҳо дохил буданд.

Дар моҳи апрели соли 2018 иртиботи ҳавоӣ миёни пойтахтҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дубора ба роҳ монда шуд. Аз 17 то 21 апрел, бо ҳадафи густариш ва таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ, дар пойтахти Тоҷикистон — шаҳри Душанбе — форуми соҳибкорони ду кишвар ва намоиши маҳсулоти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар намоишгоҳ 160 ширкати ӯзбекӣ ҳудуди 1500 навъи маҳсулотро, аз ҷумла тракторҳо, мошинҳои пахтачин, воситаҳои нақлиётӣ, автобусҳо ва маҳсулоти ширкатҳои саноати сабук, дорусозӣ, ғизо ва бофандагиро ба маъраз гузоштанд. Дар доираи форуми мазкур, соҳибкорони Тоҷикистону Ӯзбекистон созишномаҳоеро ба маблағи 50 миллион доллари ИМА дар мавриди воридоти молҳои саноатӣ ба имзо расониданд.

Дар доираи сафари расмии Президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон, гузаргоҳҳои сарҳадии ду кишвар дубора боз шуданд. Тавре ки Шавкат Мирзиёев зимни боздид аз роҳи оҳани Ғалаба — Амузанг бо ширкати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Мо дар сарҳад шонздаҳ гузаргоҳро кушодем. Дастоварди муҳимтарини мо — амалиёти воқеии мост, ки ба беҳбудии ҳаёти миллионҳо нафар мусоидат намуда, дар дили онҳо умед эҷод кардааст. Мақсади аслии мо — расонидани шодмонӣ ба мардум мебошад».

Баъди кушодашавии сарҳад, шаҳрвандони ҳар ду кишвар бо раводиди мутақобила метавонанд ба таври озод то 30 рӯз дар қалamрави ҳамдигар иқомат кунанд. Ғайр аз ин, интиқоли бор то ба 50 кг тавассути гузаргоҳҳои сарҳадӣ бе пардохти боҷи гумрукӣ иҷозат дода шудааст.

Ба ин тартиб, равобити миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба марҳалаи нав — ҳамкории фарогир ва дӯстии судманд — ворид гардид. Тоҷикистон аз Ӯзбекистон гази табиӣ, либос, нуриҳои минералӣ ва дигар маводи ниёзи аввалро ворид менамояд, дар навбати худ ба он кишвар алюминий ва маҳсулоти аз он истеҳсолшаванда, нерӯи барқ, семент, сабзавот ва картошка содирот мекунад.

Тибқи маълумоти Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гардиши мол миёни ду кишвар дар шаш моҳи аввали соли 2018 ба 128 миллион доллари ИМА расидааст, дар ҳоле ки дар ҳамин давраи соли гузашта он ба 126,4 миллион доллар баробар буд. Дар маҷмуъ шумораи созишномаҳои тиҷоратӣ миёни субъектҳои иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон ба 200 адад расид ва арзиши умумии онҳо ба 845 миллион доллари ИМА баробар шуд. Ин нишондодҳо ҳавасмандии ҳарду ҷонибро ба густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ тасдиқ мекунанд. Роҳбарияти ҳарду кишвар ба чунин натиҷа омаданд, ки дар фосилаи наздик ҳаҷми савдои дуҷониба ба 500 миллион доллар ва дар марҳилаи баъдӣ — ба 1 миллиард доллар расонда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни музокирот бо Президенти Ӯзбекистон Шавкат Миромонович дар Тошканд таъкид доштанд: «Қарори мо дар бораи расондани ҳамкориҳои байнидавлатӣ ба сатҳи шарикии стратегӣ натиҷаи мантиқӣ ва табиии он ҳама тағйироти мусбати бузургест, ки дар муносибатҳои ду кишвар ба вуҷуд омадаанд».

Дар баробари масоили иқтисодию тиҷоратӣ, масъалаи истифодаи об, хусусан оби кӯли Сарез — ки аҳамияти минтақавӣ дорад — ва сохтмони ду нерӯгоҳи барқи обӣ дар рӯди Зарафшон бо иштироки ширкатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, мавзӯъҳои ҷолиби диққат буданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни мулоқотҳо таъкид доштанд: «Итминони комил дорам, ки сафари таърихии Шавкат Миромонович ба Тоҷикистон такони ҷиддие ба рушду густариши тамоми маҷмуи муносибатҳои дарозмуддат ва боэътимоди ду кишвар хоҳад бахшид». Ҳангоми сафари расмӣ ба Ӯзбекистон, Президенти Тоҷикистон ин суханони худро такрор намуда, зикр карданд, ки натиҷаҳои бадастомада омили муҳими таҳкими ҳамкориҳои навини Тоҷикистон ва Ӯзбекистон гардидаанд.

Бешубҳа, дигаргуниҳои мусбате, ки дар муҳлати кӯтоҳ дар равобити дуҷониба ба амал омаданд, натиҷаи хиради сиёсӣ ва дурандешии сарони ҳар ду кишвар — муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев — мебошанд. Ин марҳаларо метавон оғози эҳёи равобит, ташаккули шакли нав ва такя ба ҳамкории ҳамаҷониба унвон кард [4].

Моҳи августи соли 2018 тамоми мардуми Ӯзбекистон бо хурсандии зиёд сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба кишварашон пазируфтанд.

Субҳи рӯзи 27 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев боғи “Низомиддин Алишер Навоӣ”-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Боғи мазкур бар асоси Амри Президенти мамлакат аз 5 марти соли 2018 бо номи “Низомиддин Алишер Навоӣ” номгузорӣ гардида, дар он, ҳамчун рамзи дӯстии байни халқҳои тоҷик ва ӯзбек, муҷассамаҳои мутафаккирони бузурги ин ду миллат — Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ — гузошта шудаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 16 апрели соли 2019 дар шаҳри Москва, дар ҷараёни суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва намояндагони ҷомеаи тоҷикон, соҳибкорон, зиёиён ва донишҷӯёни тоҷик дар Федератсияи Россия, иброз доштанд, ки бо кӯшишу иродаи муштараки ду миллату ду кишвари дӯст 16 гузаргоҳи сарҳадӣ боз карда шуданд — дастоварде, ки дар беш аз ду даҳсолаи охир назир надошт.

Сокинони Тоҷикистону Ӯзбекистон солҳои зиёд чунин ҳамкории самимии байнидавлатиро интизор буданд. Имрӯз зарур аст, ки ҷаҳониён дарк намоянд — барои мардуми ду кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев воқеан симоҳои қаҳрамонии асри XXI мебошанд [5].

Ин воқеаҳо бозгӯи онанд, ки дар равобити дуҷониба ва муошрати байни мардумони тоҷик ва ӯзбек шароити мусоиду созанда фароҳам омадааст, ки ба татбиқи нақшаҳо ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ду кишвар мусоидат хоҳад кард. Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ, вақти он расидааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои умумии рушд, бо такя ба решаҳои таърихию фарҳангии муштарак ва робитаҳои бародаронаи дерина, иқдом намоем.

Дар замони ҳукмронии идеологияи коммунистӣ, хусусан дар даврони шуравӣ, мардум ва ба вижа насли ҷавон, аз омӯзиши дақиқ ва амиқи таърихи худ маҳрум буданд, ва он аксар вақт ҳамчун давраи торики феодалӣ арзёбӣ мешуд.

Аз ин рӯ, дар ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ, равобити наздики тоҷикону ӯзбекон ба шаклҳои гуногун пинҳон медошта шуд ё ҳар тараф кӯшиш мекард, таърихи минтақаи қадимаи Мовароуннаҳрро (замини байни дарёҳои Сир ва Аму) ба манфиати худ маънидод намояд. Дар сохтори давлатҳои нави мустақил таърих бештар ба унвони воситаи муҳимми идеологӣ истифода мешавад. Пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон чунин муносибат дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, ҳатто дар кишварҳои демократие мисли Чехословакия, мушоҳида мешуд, ки зери таъсири гурӯҳҳои фишоровар ва сиёсати ҳукуматдорони фашистӣ қарор доштанд [7].

Табиист, ки консепсияҳои таърихие, ки дар як кишвар шакл мегиранд, метавонанд ба муносибати он бо кишварҳои ҳамсоя таъсир расонанд. Тафсирҳои мухталиф дар бораи таърих сабаби баҳсу мунозираҳо не танҳо дар миёни муҳаққиқон, балки дар муносибатҳои расмии байнидавлатӣ низ мешаванд.

Дар ташаккули худшиносии миллии тоҷикону ӯзбекон, нақши насри реалистӣ, бахусус публитсистикаи иҷтимоӣ-маърифатӣ, бузург аст. Ин навъи адабиёт сахт вобаста ба фаъолияти нахустин нашрияҳо ва расонаҳои мустақил мебошад, ки муносибатҳои фарҳангии халқҳоро таҳким бахшиданд. Осори адабии аввалини муосири тоҷикону ӯзбекон дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ — «Бухорои Шариф», «Шӯълаи инқилоб», «Овози тоҷик», ва ӯзбекӣ — «Меҳнаткашлар товуши», «Инқилоб», «Қутулиш», инчунин дар расонаҳои дузабонаи «Ойина», «Ҳуррият» интишор ёфтаанд. Аз ин рӯ, ташаккули адабиёти муосири реалистӣ бо ташкили матбуоти миллӣ сахт иртибот дорад.

Шоири шинохта Мирзо Турсунзода дар шеърҳои лирикии худ симои зани зебо, доно ва ҳунармандро ба тасвир мекашад, ки бо “нури дониш” қалбҳоро фатҳ мекунад. Ҳусни зоҳириву ботинии занон дар шеъри ӯ бо фаъолияти иҷтимоии онҳо омехта шуда, як тасвири пурзӯр ва ҷаҳонӣ аз зани муосирро ба вуҷуд меорад. Дар шеъри «Марҳабо» ҳусну маънавиёти духтари ӯзбек сабаби ангезиши эҳсоси дӯстӣ миёни ду халқ мегардад.

Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, новобаста аз душвориҳои таърихиву фарҳангӣ, дар тӯли таърих ҳамеша дӯстона ва некбинона буданд ва чунин боқӣ мемонанд. Сафари нахустини расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон, умеду орзуҳои зиёдеро барои мардуми оддӣ эҳё намуд. Беҳуда нест, ки мегӯянд: «Ҳамсоя аз бародар наздиктар аст... зеро бародарон метавонанд дар саросари ҷаҳон бошанд, вале ҳамсоя ҳамеша дар паҳлӯи туст». Нависандаи шинохтаи тоҷик Темур Зулфиқоров низ беш аз даҳ сол қабл гуфта буд, ки тоҷикону ӯзбекон мисли решаҳо ва шохаҳои як дарахтанд ва бояд ҳамеша бо дӯстиву бародарӣ зист кунанд. Ин суханҳо имрӯз низ аҳамияти худро гум накардаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев пас аз 27 сол созишномаҳои нави ҳамкориро миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ба имзо расониданд (Душанбе, 9 марти соли 2018). Тавре Президенти Ӯзбекистон изҳор намуданд, рӯйдодҳои 8–9 марти соли 2018 оғози марҳилаи тоза дар равобити ду миллати наздик ба ҳам шуданд.

Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев сафари давлатии худро ба Тоҷикистон «таърихӣ» унвон намуда, зикр кард, ки равобити байни Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ояндаи наздик ба сатҳи шарикии стратегӣ хоҳад расид. Ӯ гуфт: «Тошканд дар ҳама самтҳо муносибатҳояшро бо Душанбе инкишоф медиҳад ва мо дар ҳақиқат инро мехоҳем».

Бояд таъкид намуд, ки барои ҳар ду ҷумҳурӣ – Тоҷикистон ва Ӯзбекистон – рушди минбаъдаи Иттиҳодияи иқтисодии Осиёи Марказӣ ва ташкили бозори ягона дар минтақа аз аҳамияти баланди стратегӣ бархӯрдор аст. Зеро дар ин минтақа заминаҳои таърихан ташаккулёфтаи объективӣ, умумияти фарҳангиву иҷтимоӣ, урфу одатҳо, тарзи зиндагӣ ва ҳамсоягиву хешовандӣ вуҷуд доранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххасеро дар мавриди ташкили бозори ягона дар Осиёи Марказӣ матраҳ намуданд, ки моҳият ва зарурати он дар раванди ҳамгироии минтақавӣ равшан барҷаста мешавад. Ҳадафи чунин бозор на сиёсат, балки манфиатҳои поки иқтисодӣ мебошад [6].

Иқтидори иқтисодии кишварҳои минтақа хеле бузург буда, ҳиссаи содироти онҳо дар чорчӯби ИДМ беш аз 35 фоизро ташкил медиҳад. Саноати коркард дар ММД кишварҳои Осиёи Марказӣ то ба 20 фоиз мерасад. Омилҳои табииву ҷуғрофӣ, аз ҷумла масофаҳо, мавқеи кӯҳистонӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба баҳр, зарурати таъсиси фазои иқтисодии ягона ва бозори минтақавиро тақозо мекунанд.

Бояд қайд кард, ки зарурати ташкили чунин бозори ягона дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби кумитаҳои Созмони Милали Муттаҳид низ таъкид шудааст. Дар Гузориши Барномаи рушди СММ оид ба рушди инсон дар Осиёи Марказӣ омадааст: «Агар ин иқдомот пурра амалӣ гарданд, суръати рушди иқтисодӣ метавонад ду баробар зиёд шавад ва минтақа дар муддати кӯтоҳ ба як минтақаи босуръат рушдёбандаи ҷаҳон табдил хоҳад ёфт» [6].

Дар ҳақиқат, ташкили бозори ягона дар минтақа имкон медиҳад, ки сарватҳои табииву энергетикӣ, канданиҳои фоиданок ва ашёи саноатии мавҷуд барои ҳамаи кишварҳо дастрас гарданд ва иқтисоди миллии онҳо аз вобастагии шадид ба иқтисоди ҷаҳонӣ раҳо шавад [2, с. 23–32].

Ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони муосир ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид шудаанд. Пас аз имзои санадҳои таърихии ҳамкорӣ миёни сарони ду кишвар – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев – равобит дар ҳама самтҳо, аз ҷумла иқтисод, нақлиёт, фарҳанг, маориф, амният ва дипломатия тавсеа ёфтааст. Ин раванд аз хиради сиёсии роҳбарони ду кишвар, иродаи мардумони наздикбаҳам ва зарурати таърихии бозсозии муносибатҳои дӯстона сарчашма мегирад.

Азсаргирии алоқаҳои нақлиётӣ, барқароршавии иртиботи ҳавоӣ, озодии рафтуомад барои шаҳрвандон ва рушди тиҷорати мутақобила шаҳодати равшани он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон на танҳо бар манфиатҳои миллӣ асос ёфтаанд, балки ҳамчун намунаи ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ хизмат мекунанд.

Таҳлили равандҳои таърихӣ ва сиёсӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду кишвар дорои умумиятҳои амиқи таърихӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки метавонанд ҳамчун заминаи устувори рушди ҳамкориҳои стратегӣ дар оянда истифода шаванд. Дар ин раванд, нақши равшанфикрон, зиёиён, аҳли адаб ва матбуоти ду кишвар низ қобили зикр аст, ки аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии давлатдории миллӣ барои таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Дар маҷмуъ, робитаҳои муосири Тоҷикистону Ӯзбекистон бо такя ба арзишҳои умумимиллӣ ва принсипҳои эҳтирому эътимоди мутақобила ба марҳилаи нави ҳамкории стратегӣ ворид шуда, омили муҳими субот ва пешрафти умумиминтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор мераванд.

Ададбиёт

1. Бобохонов, М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М. Бобохонов. – Душанбе, 2011. – 264 с.
2. Мирсаидов, А. Б. Центрально-азиатский рынок: сущность и необходимость / А. Б. Мирсаидов // Вестник ТГУПБП. – 2008. – № 3–4. – С. 23–32.
3. Набиева, Р. А. Таърихи халқи тоҷик / Р. А. Набиева, Ф. Б. Зикриёев. – Душанбе, 2011.
4. Минбари халқ. – 2018. – 26 сент.
5. Ҷумҳурият. – 2019. – 25 апр.

6. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2007 // Паёмҳои Президенти ҶТ. – Душанбе, 2007.
7. Placák, P. Svatováclavské milénium: Češi, Němci a Slováci v roce 1929 / P. Placák. – Praha: Babylon, 2002. – Jinončany: H&H, 1994.

ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ, ВА ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКОНУ ЎЗБЕКОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф марҳилаи кунунии муносибатҳои байни ду ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, дар натиҷа чунин масъалаҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст: натиҷаҳои музокироти дуҷониба дар сатҳи олӣ ҳангоми сафари президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон, имрӯз ҷонибҳо робитаҳоро дар бисёр соҳаҳо босуръат инкишоф медиҳанд, густариши чунин муносибатҳои ду кишвар бо чӣ алоқаманд аст ва кадом натиҷаҳоро ба бор хоҳад овард. Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон аз нигоҳи сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мусбат арзёби гардида, таҷассумгари рушди устовор ва ҳамоҳангии дуҷонибаи ин ду мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар маҷмуъ, динамикаи рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ба таҳкими робитаҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодиву гуманитарӣ ва таҳкими робитаҳои сиесии худ манфиатдоранд. Аз ин лиҳоз аз нигоҳи мо муносибатҳои дуҷониба бо Ӯзбекистон дар руҳияи эътимоди тарафайн, бародарӣ ва шарикии стратегӣ боз ҳам амиқтар мегардад.

Калидвожаҳо: сиёсӣ, сиёсат, фарҳанг, ҳамкорӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, байналмилалӣ, муносибат, пойдорӣ, таҳким.

РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ, СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ТАДЖИКАМИ И ЎЗБЕКАМИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье автор проанализировал текущий этап отношений между двумя республиками, в результате чего были затронуты следующие вопросы: результаты двусторонних переговоров на высшем уровне во время визита президента Ӯзбекистана в Таджикистан. Сегодня стороны быстро развивают связи во многих областях, с чем связано расширение таких отношений между двумя странами и какие результаты он принесет. Отношения между Таджикистаном и Ӯзбекистаном оцениваются в политическом, культурном и социально-экономическом плане и являются гарантом развития и двусторонней гармонии этих двух стран на мировой арене. В целом динамика развития двусторонних отношений Таджикистана и Ӯзбекистана показывает, что стороны заинтересованы в укреплении взаимовыгодных торгово-экономических и гуманитарных связей и укреплении своих политических связей. В связи с этим, с нашей точки зрения, двусторонние отношения с Ӯзбекистаном становятся еще глубже в духе взаимного доверия, братства и стратегического партнерства.

Ключевые слова: политический, политика, культура, сотрудничество, экономический, энергетический, международный, отношение, устойчивость, укрепление.

DEVELOPMENT OF POLITICAL, SOCIO-ECONOMIC RELATIONS BETWEEN TAJIKS AND UZBEKS DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

In this article, the author analyzed the current stage of relations between the two republics, as a result of which the following issues were raised: the results of bilateral negotiations at the highest level during the visit of the President of Uzbekistan to Tajikistan. Today, the parties are rapidly developing ties in many areas, what is the reason for the expansion of such relations between the two countries and what results it will bring. Relations between Tajikistan and Uzbekistan are evaluated in political, cultural and socio-economic terms and are a guarantor of the development and bilateral harmony of these two countries on the world stage. In general, the dynamics of the development of bilateral relations between Tajikistan and Uzbekistan shows that the parties are interested in

strengthening mutually beneficial trade, economic and humanitarian ties and strengthening their political ties. In this regard, from our point of view, bilateral relations with Uzbekistan are becoming even deeper in the spirit of mutual trust, brotherhood and strategic partnership.

Keywords: political, politics, culture, cooperation, economic, energy, international, attitude, sustainability, strengthening.

Дар бораи муаллиф:
Мустаҷобова Тахмина Мукаррамшоевна
унҷончӯи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М. Назаршоев.
Суроға: Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ.
Тел.: (+992) 907 44 29 99

Об авторе
Мустаджобова Тахмина Мукарамшоевна
Соискатель кафедры философия и политологии
Хоругский государственный университет имени М. Назаршоев
Адрес: Горно-Бадахшанская автономная область, город Хорог
Тел.: (+992) 907 44 29 99

About the author
Mustajobova Takhmina Mukaramshoevna
Applicant for the Department of Philosophy and Political Science
Khorug State University named after M. Nazarshoev
Address: Gorno-Badakhshan Autonomous Region, Khorog city
Ph.: (+992) 907 44 29 99

ТДУ 008:327.726 (575.3)

ҲАМКОРИИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ЮНЕСКО ДАР БАХШИ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ОЯНДА

Абдусаломов М. М.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Яке аз дастовардҳои муҳим ва рамзии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон узвияти кишвар дар Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад.

Соҳибистиқлолии кишвар барои шинохту гиромидошти мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик ва ҳифзу ба манфиати ҷомеаи имрӯза истифода намудани он шароитҳои мусоидро фароҳам овард. Қабл аз ҳама, ҳаллу фасли ин масъала дар паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии кишвар мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта аст. Ба шарофати ғамхориҳои доимии Пешвои миллат дар як муддати кӯтоҳ дар самти омӯзишу таҳқиқи мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, маблағгузории таҳқиқотҳои бостоншиносӣ, эҳё ва тармиму таҷдиди силсилаи ёдгориҳои беназири таърихиву меъморӣ, ободсозии мақбараву қалъаҳои қадима, барқарор намудани номҳои таърихӣ ва ғайраҳо, корҳои назаррасу шоёни таҳсин иҷро шудаанд.

Оид ба мубрамияти ин масъала Президенти мамлакат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ (аз 25 апрели соли 2008) чунин иброз намуданд: «Дар сиёсати фарҳангии кишвар муҳофизат ва барқарорсозии ёдгориҳои меъморӣ ва таърихиву фарҳангӣ, ки аз аҷдодони гузаштаамон мерос мондаанд ва моро ҳамеша ба худшиносиву худогоҳии миллӣ раҳнамоӣ мекунанд, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад» [3]. Ҳаллу фасли ин масъалаи муҳим дар Паёми навбатии Сарвари давлат ба Парлумони кишвар (аз 24 апрели соли 2010) низ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва қайд гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат – ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Дар Паёми соли 2015 (23 январ) зикр шуд, ки Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушду нумӯи соҳаҳои фарҳангу санъат пайваста таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, «дар муддати даҳ соли охир танҳо барои таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ қариб 3 миллиард сомонӣ равона карда, аксари осорхонаҳо, қасру марказҳои фарҳангӣ, қалъаву шаҳрҳои бостонӣ, мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва дигар мероси моддиву маънавии халқамонро азнавсозӣ намуд» [7].

Имрӯз ЮНЕСКО дар 196 кишвари дунё тавассути комиссияҳо ва муассисаҳои минтақавии худ фаъолият мебарад [4].

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ҳанӯз дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар доираи Комиссияи миллии Иттиҳоди Шуравӣ оид ба ЮНЕСКО оғоз шуда буд ва аз охири солҳои 70-ум ба баъд ба туфайли талошҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва Муҳаммад Осимӣ густариш ёфтааст. Маҳз бо ташаббуси онҳо бо иштироки муаллифони кишварҳои мухталиф таълифи «Таърихи тамаддуни исломӣ» ба забони англисӣ дар шаш ҷилд оғоз шуда, баъди вафоти онҳо ҷилдҳои охири он ба табъ расид ва ба баъзе забонҳои дигар тарҷума шуд. Бо дастгирии ЮНЕСКО дар соли 1968 Симпозиуми илмии байналмилалӣ оид ба омӯхтани тамаддуни кӯшонӣ дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, ки дар таҳқиқи маданияти қадими Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозид [1].

Истиқлолияти давлатии мо барои амалӣ шудани сиёсати мустақили хориҷӣ роҳи васеъ кушод ва имкониятҳои васеъро баҳри густариши фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик, аз ҷумла дар ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО дар самтҳои мероси фарҳанги моддӣ ва ғайримоддӣ ба вуҷуд овард. Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, ки аъзои он иборат аз намояндагон ва масъулони вазорату идораҳои соҳавии ҷумҳурӣ ҳастанд ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатӣ ба воситаи ин созмон ва таҳаққуқи мақсаду мароми ЮНЕСКО

ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани таъриху фарҳанги халқи тоҷик то ҳадди имкон фаъолияти муассирро анҷом дод.

Ҳанӯз аз соли 1993, замони ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати ЮНЕСКО, корҳои муассир ва мушаххас дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор оғоз гардида буданд.

Сипас мутахассисони ватанӣ дар чорабиниҳои гуногуни ЮНЕСКО бахшида ба мероси фарҳангӣ дар конфронсу симпозиумҳо, мизҳои мудаввар, ки дар кишварҳои Аврупо ва Осиё баргузор шуданд, ширкат варзиданд. Дар фаъолияти Комиссияи миллӣ раисони собиқи он дар солҳои гуногун Г. Додхудоева, Б. Маҳмадов, К. Олимов, Ш. Орумбекзода ва котибони масъули собиқи Комиссия Г. Бобосодиқова, М. Бобоҷонова С. Ғаниева, М. Комилов саҳми муносиб гузошта буданд [2].

Барои пешбурди ҳамкориҳо бо ЮНЕСКО Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия, ки моҳи декабри соли 2001 ба фаъолият шуруъ карда буд, нақши муҳим бозид ва сафирони собиқи Тоҷикистон дар он кишвар Шариф Раҳимзода ва Саймумин Ятимов, ҳамзамон ҳамчун намояндаи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО дар таҳкими робитаҳо мусоидат кардаанд. Вазорати фарҳанг ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бахусус сарварони ин соҳаҳо Мирзошоҳрух Асрорӣ, Мамадшо Илолов барои пешбурди кори Комиссияи миллӣ ва амалисозии лоиҳаҳо саҳми назаррас доштанд. Ҳамкории кишвар бо ЮНЕСКО имконият дод, ки Тоҷикистон ба воситаи ин созмон фарҳанги бойи худро пешкаши ҷаҳониён намояд [8].

Гурӯҳҳои фарҳангию илмии Тоҷикистон борҳо дар фестивалҳо ва конференсияҳою семинарҳои байналмилалӣ дар кишварҳои гуногун бо мусоидати ЮНЕСКО иштирок кардаанд ва дар кишвари мо низ чунин чорабиниҳои муштарак баргузор шудаанд. Далели густариши робитаҳоро метавон дар сафарҳои роҳбарони ЮНЕСКО ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сафарҳои роҳбарияти олии мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дафтари марказии ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса, инчунин чорабиниҳои баргузорнамудаи ЮНЕСКО арзёбӣ кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои фарҳангиро бо ЮНЕСКО дар самтҳои “Мероси фарҳангии ғайримоддӣ” ва “Мероси фарҳангии моддӣ” ба роҳ мондааст. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ ва мероси фарҳанги моддӣ дар навбати худ ба 4 (чор) бахш: 1. Унсурҳои фарҳангии ғайримоддӣ; 2. Ёдгориҳои таърихию фарҳангии моддии манқул ва ғайриманқул; 3. Ҷашнвораҳо ва солгардҳо; 4. Мероси хотираи ҷаҳон, тақсимбандӣ шуда, дар феҳристҳои чаҳоргонаи мероси фарҳанги ҷаҳонии ЮНЕСКО сабтином мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои фаъол ва пешқадам дар бахши ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО то имрӯз ба дастовардҳои муҳим ноил гашта, дар чаҳор феҳристи мазкур унсурҳои фарҳангии худро сабтином кардааст.

Яке аз талаботҳои асосии ЮНЕСКО ҳамин аст, ки унсури фарҳангӣ ё мероси моддие, ки барои сабтином ба Феҳристи мероси фарҳанги ҷаҳонӣ пешниҳод мешавад, зарур аст аввал дар феҳристҳои миллии кишвари пешниҳодкунанда сабт бошад.

Албатта, Шашмақому Фалак, Чакан, Атласу Адрас, Таҷлили Наврӯзу Сада, Меҳргону Тиргон, ёдгориҳои сершумор аз ҷумлаи ёдгориҳои таърихӣ мебошанд, ки арзишмандтарин мероси моддиву маънавии Тоҷикистон буда, эътирофи ҷаҳониёнро дарёфт кардаанд. Дар ин замина саҳм ва дастгирии муҳими ЮНЕСКО дар ҳифзи фарҳангу анъанаҳои ниёгон ва ба наслҳои оянда интиқол додани онҳо қайд карда шуд. Кишвари мо ба ҳамкории минбаъда бо ЮНЕСКО дар самти ҳифз ва пешгирии харобшавии ёдгориҳои таърихӣ ва арзишҳои фарҳангии миллӣ манфиатдор аст. Дар ин самт дар доираи барномаи «Тақвияти иқтидори идоракунии мероси таърихӣ» аз имконоти технологӣ ва техникии созмон истифода бурдан зарур мебошад.

Пеш аз ҳама, ҷаҳони муосир ҳарчӣ бештар ба таҳкими ҳамкориҳои муштараки мутақобилан судманд ниёз дорад, ки дар меҳвари муносибатҳои байнидавлатии кишварҳо фарҳанг, забон, таърих ҳамчун унсурҳои калидӣ маҳсуб меёбанд. Бо ин назардошт, дар робита ба оянданигирии ҳамкориҳои боз ҳам муассиру мондагори Тоҷикистон ва ЮНЕСКО дар ҳифзи мероси фарҳангӣ метавон чанд нуктаҳои асосиро қайд намуд:

1. Муаррифии бештари мероси ғании ниёгонамон ва дар ин замина бархурдор будан аз фарҳангу таърихи оламшумули тоҷикон ва ҳамчунин муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ.

